ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ИБРОҲИМ УСМОНОВ
ДАВЛАТ ДАВРОНОВ

ТАЪРИХИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК

Шӯрои илмию методии ДМТ барои донишҷӯёни факултети журналистика ҳамчун китоби дарсӣ тавсия намудааст

ДУШАНБЕ – 2008

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 76.1+76.12+73 У-73

Муҳаррири масъул:
номзади илми таърих, дотсент **А. Азимов**

Муқарризон:
доктори илми филология, профессор А.Саъдуллоев
доктори илми филология, профессор А. Нуралиев

И. Усмонов; Д. Давронов. Таърихи журналистикаи тоҷик.
Душанбе, 2008. 280 сах.

Дар китоб таърихи бештар аз садсолаи матбуот ва рӯзноманигории тоҷик, лаҳзаҳои асосии харакати демократӣ дар Осиёи Миёна, ташаккул ва инкишофи матбуоти ҳизбию шӯроӣ, пайдоиш ва ташаккули матбуот, радио ва телевизиони мустақил таҳлил шудааст. Инчунин, оид ба муҳимтарин нашрияхои ба забони тоҷикӣ ва соири забонҳои кишвар нашршуда маълумоти фаровон дода шуда, дар он масъалаҳои муҳими матбуот таҳлилу икъикоси худро ёфтааст.

Ин китоб бо номи «Таърихи матбуоти тоҷик» бори аввал тавассути нашриёти «Маориф» соли 1997 чоп шудааст. Дар нашри нав муаллифон онро ба куллӣ такмил карданд.

© И. Усмонов; **Д. Дазронов,** 2008.
© 0SI Tajikistan

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

МУҚАДДИМА

Таърихи журналистикаи тоҷик дар системаи таълими фанҳои касбии факултет ва шӯъбаҳои журналистика як қисми муҳим ба ҳисоб меравад. Вай бо омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, забону адабиёти тоҷик ва таърихи он, назария ва амалияи матбуот, телевизион, радиошунавонӣ, киноматография, таърихи халқи тоҷик зич алоқаманд аст.

Омӯзиши таърихи журналистикаи тоҷик имконият медиҳад, ки журналистон на танҳо гузаштаи матбуоти кишвари хешро донанд, донишу малака, маҳорат ва таҷрибаи касбии худро мукаммал созанд, балки дар шароитҳои гуногун роҳҳои ҷамъ овардан ва офаридани асарҳои публитсистиро аз бар намоянд. Беҳуда набуд, устод С.Айнӣ дар мақолаи хеш «Қавми тоҷик ва рӯзнома» навиштаанд: «... Ҳар қавме, ки ба дунё зиндааст, дардҳо дорад, муҳтоҷиҳо дорад ва мусибатҳо дорад. Ба ҳамаи ин чизҳо ин қавмро забон лозим аст, ки дарди дили худро изҳор кунад.

Забони қавм, мисли забони ашхос, муқаррарӣ нахоҳад буд, балки забоне, ки тарҷумони як қавм метавонад шавад, рӯзномаи он қавм аст». Ва ҳамин гуфтаҳои устод водор месозад, ки бояд мо таърихи гузаштаи худ ва аз ҷумла, таърихи журналистикаи халқамонро омӯзем ва аз он сабақ бардорем.

Номи фан таърихи журналистикаи точик номида шуд. Дар гузашта вай таърихи матбуот ном дошт. Имрӯз истилоҳ кӯҳна шуда, моҳияти умумии масъаларо фаро намегирад. Зеро акнун ба ғайр аз вараҡа, рӯзнома ва маҷалла (дар маҷмӯъ - матбуот) воситаҳои дигар -радио, телевизион, кино, интернет низ ҳамчун воситаҳои ахбор хизмат мекунанд. Ин курс таърихи нашриёт, агентиҳои хабарӣ ва иттиҳодияҳои касбиро низ меомӯзонад. Ҳарчи ба таърихи журналистика оид аст, ба ин курс дохил мешавад.

Журналистика институти иҷтимоию сиёсие мебошад, ки вазифааш пайдо кардан, ба чоп омода намудан ва паҳн кардани маводе мебошад, ки аҳамияти иҷтимоӣ дорад. Ба чоп омода кардан, яъне қолаби жанр публитсистика ё жанрҳои публитсистика номида мешавад. Паҳн кардани маводи журналистӣ вазифаи воситаҳои ахбор аст.

Вале таърихи журналистика яке аз соҳаҳои камтар таҳқиқшудаи тамаддуни Тоҷикистон мебошад. Албатта, чунин андеша ҷоиз нест, ки дар ин соҳа то ҳол асаре таълиф нашудааст. Дар китобу мақолаҳои Б.Ғафуров, С.Айнӣ, З.Ш.Рачабов, Р.Ҳошим, А.Маниёзов, М.Эркаев, О.Исматӣ, М.Р.Шукуров, В.Асрорӣ, Т.Зеҳнӣ, Б.Искандаров, И.Келдиев. М.Бобохонов, М.Аслонов, Ҷ.Усмонов. И.Усмонов, У.Ғаффоров, А.Нуралиев, А.Қодиров, Ш.Ҷалилов ва иддае дигарон то андозае сохаҳои ин мавзӯъ таҳқиқ мешаванд ё дар иртибот бо ин ё он масъала, бахшида ба ин ё он ҷашни таърихӣ матбуоти тоҷикро хам ёд мекунанд ва ҳам матолиби матбуот иқтибос гардидааст. Аммо ин корҳо чун мақсади маҳз таҳқиқи матбуотро камтар доштанд, ҷараёни пайдоиш ва инкишофи журналистикаи тоҷикро бо тарзи муназзам инъикос накарда, балки чун лавҳае дар дохили асарҳои мавзӯъҳои гуногуни таърих ба чашм мерасанд. Аз муаллифони зикршуда танҳо Ҷӯра Усмонов, Иброҳим Усмонов ваУсмонҷон Ғаффоров таҳқиқи таърихи матбуотро

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳадафи худ қарор доданд. И.Ус.монов дар бораи таърихи пайдоиш ва ташаккули воситаҳои ахбор бештар аз 50 мақола, панҷ китоб ва монография, яке дар ҳамкорӣ бо Д.Давронов чоп кардааст.

Маврид ба ёдоварисг, ки солҳои охир бахшида ба таърихи матбуоти тоҷик олимон П.Гулмуродзода, Валӣ Самад, А.Набиев, А.Азимов, Ҷ.Муқимов ва чанде дигарон корҳои зиёди илмӣ - таҳқиқотӣ бурда, ба баъзе саҳифаҳои таърихи матбуоти кишвар равшанӣ андохтанд. Вале барои пурра омӯхтани таьрихи матбуоти тоҷик, махсусан фаъолияти матбуот, телевизион ва радиошуиавонӣ дар солҳои соҳибисгиқлолии кишвар ба ҷо овардани корҳои зиёд дар пеш аст.

Бояд гуфт, ки таърихи матбуоти форсизабон аз ибтидои асри XIX шурӯъ мешавад. Азбаски мақсади ин китоб танҳо баррасии матбуоги тоҷикони Осиёи Миёна аст, аз ин рӯ, нашрияҳои форсии то асри XX, ки ѓолибан дар Ҳиндустон, Миср, Эрон, Афгонистон, Туркия ва Озарбойҷон ба чоп расидаанд, тадқиқ нашуда ба иддае аз онҳо танҳо ишораҳо ба амал омадаанд.

Пӯшида нест, ки пайдоиши матбуот дар Осиёи Миёна ба таъсиси матбааҳои аввалин дар ин кишвар вобаста аст.

Ҳангоми ба нашр омода кардани ин асар душвориҳои дигаре пеш омаданд. Аз ҷумла, нашрияҳое, ки дар чоряки аввали қарни гузашта баромадаанд, мутаассифона дастрас нестанд. Намунаҳои онҳо дар китобхонаҳои Тоҷикистон хело камчинанд ва бисёрии онҳо тамоман нестанд. Аммо дастрасӣ ба онҳо натанҳо ифтихори миллӣ, балки зарурати таьрихӣ ҳам мебошад. Ба хусус, имрӯз, ки Тоҷикистон дар давраи мустақилият рӯ ба тараққӣ овардааст бояд гузаштаашро нагз омӯзем, ба он дуруст баҳо диҳем, то камбудиҳои собиқ аз нав такрор нашаванд. Инро бе омӯхтани матбуоти пешин анҷом наметавон дод. Биноан зарурати ба Тоҷикистон ҷамъ овардани ҳадди ақали нусхаҳои он нашрияҳо пеш меояд, ки ин кори таъхирнопазирест.

Қаблан, дар таърихи даҳсолҳои мо бештар рӯи матбуоти коммунистӣ мулоҳиза мерондем. Ин табиӣ буд, зеро мо системаи шӯравии ахборро меомӯхтем, он хислати ҳизбӣ дошт ва ҳамаи ВАО ба сн тааллуқ мегирифт ва нашрияи дигаре ҳам набуд. Илми кунунӣ системаи воситаи ахбори гуногунравияи Тоҷикистонро меомӯзад.

Бинобар ин, дар таҳқиқи имрӯза ҳаддалимкон кӯшиш шуд, ки нашрияҳои «фаромӯшшуда» низ ба хати таҳрир кашида шаванд. Ҳамчунон, меъёри носибати айнӣ ба ҳар падидаи иҷтимоӣ хати таҳкиқро ташкил дод.

Севвум, дар арзёбии матбуоти давраи шӯроҳо таъкиди фаьолияти ҳизби коммунист дар ин маврид борҳо сурат гирифт ва ин аҷаб не, дар назари иддае аз хонандагон номувофиқ таҷаллӣ кунад. Аммо он ки маҳз, ҳизби коммунист бо ҳамин шакл, ҳамон матбуотро ба амал овард, ба он роҳбари карду барояш роҳ нишон дод, ин ҳақиқати таьрихӣ аст ва наметавон аз он чашм пӯшид. Кишвари мо бештар аз 70 сол системаи матбуоти ҳизбию шӯроӣ дошт, яъне аз ҷаридаи атфол то рӯзномаи сиёсӣ, аз маҷаллаи адабӣ то моҳномаи илмӣ ҳама бо иҷозаи ҳизб интишор мешуданд ва инро имрӯз бо шеваи дигар гуфтаю фаҳмондан низ мумкин нест.

Чаҳорум дар китоб матолиберо ҳам перомуни матбуоти давраи навин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шомил аст. ки то ин вақт баҳси илмӣ наёфтааст. Зеро ин матбуот дар саҳифаҳои худ баҳои ду тарафи ба ҳам муқобили сиёсиро ҷой додааст ҳанӯз олимон неромуни онҳо мубоҳисаи назарӣ накардаанд. Бкнобар ин, андешаронӣ зимни падидаҳои солҳои навадуми қарни XX ва аввали қарни XXI матбуоти миллии мо ҳанӯз ҳукми мулоҳизаҳои ибтидоиро доранд.

Ниҳоят, ин аввалин кӯшиш дар мавриди таҳрири китоби дарсии «Таърихи журналистикаи тоҷик» баҳо додан ба рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, радио ва телевизиони тоҷик аст.

Асоси методологии таҳқиқи таърихи журналистикаи тоҷик ба асли таърихӣ, системавии таҳқиқ гакя карда, дар зимни озодии баён ва назарияи вокеият сурат мегирад.

I. ТАШАККУЛИ АФКОРИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР МИЛЛАТИ ТОҶИК

1. Журналистикаи кабл аз журналистӣ

Ҳангоми омӯхтани таърихи журналистикаи тоҷик ва умуман масъалаҳои марбут ба эҷоди иҷтимоӣ дар сарзамини тоҷик, як силсила мавзӯъҳое тарҳ мешаванд, ки бе таҳқиқи онҳо дар хусуси раванди такомули афкори журналистӣ ва эҷоди журналистӣ андеша рондан душвор аст. Пеш аз ҳама муайян кардани он муҳим аст, ки ба сифати хати инкишофи журналистикаи тоҷик кадом меъёр мувофиқтар мебошад: матбуоти форсизабон, матбуоти Мовароуннаҳр ё матбуоти сирфи тоҷикии Осиёи Миёна. Ин мавзӯъ аз он сабаб пеш меояд, ки аз нигоҳи ҷомеашиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ ҳарсеи ин омил ҳам метавонад ҳамчун асоси решагии омӯзиши илм хизмат кунад. Чи матбуоти умумифорсӣ бозгӯяндаи умумияти забонии халқи тоҷик, чи матбуоти Туркистону Бухоро бозгӯяндаи умумияти иҷтимоии қавми тоҷик ва чи нашрияҳои тоҷикӣ мушахассаи мадании тоҷик ҳамчун воҳиди миллӣ мебошад. Аз ҳамин нигоҳ ҳангоми таҳқиқ ҳар кадом омили сегонаро эътироф намудану дар мадди назар доштан зарур аст. Аммо иеш аз таҳқиқи ин самтхои инкишофи журналистикаи тоҷик донистан зарур аст, ки оё он такомули таърихиеро, ки журналистикаи дунё ба номи журналистикаи қабл аз журналистӣ ба сар бурдааст, журналистикаи тоҷик ҳам тай кардааст ё не ва агар тай карда бошад, вай чӣ сифатеро дар худ доштааст?

Муаллифи «**Тазкират-уш-шуаро**» овардааст, ки дар Араб ҳар касе, ки дар илми шеър моҳир мебуда, амири қабила ва қавме мешуда. Ин иораи Давлатшоҳ моро мӯътақид месозад, ки ҳамон ҳунари нутқ, ки яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани давлатдории Рими қадим гардид, дар давлатдории мардуми Шарқ, аз ҷумла тоҷикон ҳам роиҷ будааст,5 яъне таъсиррасонӣ бо сухан, ки вазифаи публисистика аст, дар сарчашмаи давлатдоррии тоҷикӣ ҳам қарор доштааст ва ин яке аз нишонаҳои журналистакаи тожурналистӣ дар умури иҷтимоии мо мебошад. Аз нигоҳи дигар дар умури давлатдорӣ ду шеваи дигари фаъолияти эҷодӣ, ки моҳиятан ба фаьолияти журналистӣ алоқамандӣ доранд, ба мушоҳида мерасанд, яке таърихнависии фаъолияти шоҳаншоҳон ва диагре ҷорчигӣ.

Пайдошавии коғаз ва инкишофи он ба ҳама гуна ҳунаре, ки асосаш матн аст,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

замина ба вуҷуд овард. Муҳаққиқон ба ин фикранд, ки нхтироъкори коғаз Чай Лун дар соли 105 ба имиератори Чин арз намуд, ки аз зағирпоя, канаб, пӯсти лифдори дарахт, найи ҳиндӣ (бамбук), най, латтапора коғаз тавлид кардан мумкин ва ӯ хулосаи худро зимни таҳқиқаш дар Туркистони шарқӣ асоснок намудааст. Зимомдорони давлати Чин санъати истеҳсоли коғазро сирри давлатӣ медонистанд ва онро даҳсолаҳо аз дигар халқу кишварҳо ниҳон доштанд.

Моваруннаҳриён аз ҳамон айём коғазро, ки бештар аз латтапора ҳосил мекарданд, истифода менамуданд. Дар соли 650 дар Самарқанд муассисаи тавлиди коғаз ба вуҷуд омад, халифа Ҳорун-ар Рашид (786- 809) коғазро масолеҳи расмии сабт эълон дошт. Ин буд, ки заминаи таърихнигорӣ ҳам фароҳам омад.

Дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Чорҷӯ, Балх, Хуҷанд, Хева баъдтар дар Хӯқанд, Тошкент ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна то истилои араб коғаз истеҳсол карда мешуд. Коғазҳои Осиёи Миёнаро аз номи ҷои истеҳсоли он, масалан, коғази самарқандӣ меномиданд. Аз қадимулайём то асриXVII се хели коғази самарқандӣ маълум буд. Навъи беҳтарини он коғази абрешимӣ ном дошт, ки аз лоси шоҳӣ тайёр мекарданд ва рангаш зардча буд. Навъи дуюмашро коғази нимкатонӣ мегуфтанд, ки ҳангоми тайёр кардан ба лоси шоҳӣ нахи катонӣ илова менамуданд. Навъи сеюмаш аз хамираи латтакӯҳнаи пахтагин истеҳсол харда мешуд.

Таърихнависӣ ба нишон додани санад ва худи воқеа тазаккур додани хашамати давлатдории шоҳӣ ё таназзули сулолае мебошад.

Агар инро ба вазифаи журналистика қиёс кунем, шабоҳати томро мебинем, зеро публитсистика ин таърихи замон аст ва чунон таърихнигорие мебошад, ки ба иштирокчиёни воқеа шароит фароҳам меорад, то онҳо дар воқеаҳо чои худро пайдо кунанд.

Ҳамин гуна мақсад дар гузашта дар назди нигорандагони таърихи шоҳаншоҳон ҳам гузошта мешуд ва ба эътирофи Байҳақӣ таърихнигорӣ ду шакл дошг: яке зикри оддӣ ва боинсофонаи ҳама гуна воқеаҳо ва дигаре нигориши пурвалвалаи пур аз дурӯғ, ки аз ҳақиқат дида, ба афсонаҳо бештар шабоҳат дорад. Таърихи адабиёти точик барои сабти ин ҳақиқат маводи зиёде медиҳад ва мо равшан мушоҳида менамоем, ки сатҳу сабк ва мақсади эҷоди масалан «Самаки айёр», «Ҳотами той», «Синбоди дарёгард» ва дигарон мутлақо ба «Таърихи Табарӣ», «Зафарнома»-и Шарофиддини Яздӣ ва асарҳои дигар шабоҳат надоранд.

Таърихнавис бо равияи худ ба публитсистикаи мо асос гузоштааст. Шояд аз ҳамин сабаб, истилоҳи ҷаридаву рӯзнома, ки имрӯз барои ифодаи мафҳуми газета кор мебарем, дар он вақт ҳам тақрибан ба ҳамин маъно истифода шудаанд. Аз ҷумла, Низомии Ганҷавӣ навиштааст.

Аз қиссаву қитъаву қасида,
Як-як навишт бар ҷарида.

Ё аз Хоҷа Ҳофиз мехонем:
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин мафҳумҳо ишора ба он мекунанд, ки дар девонхонаҳо нигорандагони таърих осореро тайёр мекарданд, ки дар он воқеият анъикос меёфт. Шояд ин мафҳум аз нигоҳи имрўза чандон боварибахш набошад, вале ишораҳо ва таъкидҳои бисёр адибон моро ба ин андеша мебаранд. Аз ҷумла, сухани Абдулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурӣ (968-1040) то андозае ҳақиқат будани ин маъноро қатъӣ таъкид менамояд:

Ба рўзномаи итём дар ҳама пайдост,

Агар бихоҳӣ донист, рўзнома бихон.

Инҳо, теъдоди зиёди абёте, ки дар адабиёти классикӣ ба ҳамин маъно омадаанд, моро муътақид месозанд, ки таърихнигории дарборӣ ба вазифаи журналистикаи пеш аз журналистӣ хизмат мекардааст. Ва ишорат ба ҷарида ва рўзнома, зикри василаҳои таъсиррасонӣ ва воқеанигориянд, ки ба журналистикаи имрўза умумияти том ҳам нагиранд, вале шабоҳати маъноие доштанд. Дар ҳақиқат, агар барои мисол ба «Зафарнома»-и Шарофиддини Яздӣ аз нигоҳи имрўз бингарем, ҷузъҳои онро ба репортажҳо ё қайдҳои сафарие монанд кардан мумкин аст, ки аз ҷараёни юриши темуриҳо навишта шудааст ва дар диди имрўза муаллифи ин қайдҳо ба нигорандаи сареҳи воқеаҳои ҳамон вақт шабоҳат пайдо мекунад.

«Зафарнома»-и Шарофиддин Алии Яздӣ асари таърихӣ буда, соли 1425 бо супориши писари Темур Шоҳрух навишта шудааст.

«Зафарнома» аз муқаддима, ду фасл ва хотима иборат аст. Яздӣ дар асари худ ғайр аз лашкаркашиҳои Темур, аз таърихи сарбардорон, ободонии шаҳри Самарқанд ва харобиҳои дигар шаҳру деҳот, бенавоии аҳолии меҳнаткаш, оид ба воқеаҳои асри XIV ва XV маълумот додааст.

Дар ин радиф «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарномаи Хусравӣ» ва дигарҳоро асари адабӣ-публитсистӣ метавон ном бурд.

Маврид ба ёдоварист, ки нигоришҳои мазкур чун тамоми матнҳои адабии мансурри тоҷикӣ дар он замон, ҳатто то нимаи аввали қарни XX аз баҳамрезии матни ривоятӣ ва назме. ки онро пур мекарда бошад, орӣ набуд.

Дар марҳилаҳои таҳқиқшаванда ба ҳайси як шакли фаъолияти журналистӣ, фаъолияти ҷорчиён ҳам ёдовар шуда метавонад. Онҳо ашхосе буданд, ки тозатарин ахбори мансуб ба дарборро ба шаҳр ва қарияҳо паҳн мекарданд. Маъмулан ин хабарҳои чанг ё пирўзӣ, тантана, хабарҳои мақоми олӣ ва монанди ин буд. Илова бар ин, ду самти журналистӣ, ду шеваи шадиди таблиғи динӣ ҳам метавонад ба сифати заминаи ба вуҷуд омадани таблиғот - яке аз равияҳои асосии журналистика дониста шавад. Яке аз онҳо санъати ваъз гуфтан аст. Амри маъруф, ки пас аз намоз ё маъракаи дигари мазҳабӣ сурат мегирад, хусусияти амиқи таблиғотӣ дошт ва дорад. Барои ҳамин ҳам, яке аз фанҳои муҳимтарине, ки дар мадорис ҳангоми тарбияи аҳли тақво таълим дода мешавад, ҳунари сухан гуфтан, яъне ваъз гуфтан аст. Воизон ашхосе буданд, ки бо сухани худ сомеонро афсун карда метавонистанд. Сухани воиз бояд дурустии ин ё он ақидаро таъкид, исбот ва ғалат буданашро аниқ кунад. Аз ин сабаб на фақат сухани воиз чизи бисёр муҳим ба ҳисоб мерафт, балки шахсияти воиз ҳам бисёр барозанда аз ҳама гуна

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

шубҳаҳо орӣ маҳсуб мешуд. Ҳамин хусусияти ваъз гуфтан дар системаи таблиғоти имрӯза дар қолаби жанрҳои таблиғотӣ васеъ истифода мешавад, зеро муътакид сохтан ба дурустии ин ё он чиз, бовар кунондан ба ғалат будани ин ё он воқеа аз вазифаҳои иҷтимоии дастгоҳи публитсистӣ ба ҳисоб меравад. Ва агар публитсистика ин корро анҷом дода натавонад, зарурияти сарфи маблағ низ барои он боқӣ намемонад.

Фаъолияти дигаре, ки дар таблиғи андешаҳои мазҳабӣ дар қуруни вусто мушоҳида мешуд, ин таблиғоти дарвешон, махсусан қаландарони равияи нақшбандия буд. Онҳо аслан шакли оддишуда, вале хеле баланд рафта ва дастҷамъишудаи воизӣ мебошанд. Агар сомеъ воизро ҳамчун мубалиғи қонунии каломи Худованд қабул кунад, зеро вай аз минбари масҷид истифода мекунад, сухани қаландар ҳамчун лафзи холисанлиллоҳ пазируфта мешавад, зеро онҳо тарки дунё кардаанд ва ин чиз ба шунавандагон хеле муассиртар аз сухани воиз мебошад, чӣ аз забони одамоне садо медиҳад, ки хизматгузори масоҷид нестанд. Барои дуруст дарк кардани ин чунин қиёс ҷоиз аст, ки таъсири таблиғи як иашрияи бетараф аз таблиғи нашрияе, ки мақоми расмӣ мебошад, яъне ноширн андешаи ин ё он ҳукумат ё ҳизб мебошад, бештар аст, чунки он гӯё бетарафона сухан мегӯяд.

Қаландарон мубаллиғони сайёҳ буданд. яъне онҳо дар як шаҳр ё қария зиндагӣ накарда, балки манзил ба манзил мегаштанд ва чун ҷои хобу зисташон кунҷи масчид, саройҳо, чойхона ва меҳмонхонаҳо буд, имконияти зиёдтари таблиғ кардан ва таъсир расондан ба ақшори мухталифи ҷомеаро доштанд.

Дар таърихи тамаддуни хаттии тоҷик унсурҳои журналистика ва публитсистикаро зиёд суроғ кардан мумкин аст. Масалан, дар тазкираҳо ҳам, ки моҳиятан асарҳои адабиётшиносӣ ба ҳисоб мераванд, ҷузъҳое мавҷуданд, ки онҳо ба зҷоди журналистӣ наздикӣ доранд, портретҳои эҷодии шоирон, ки дар тазкираҳо оварда мешаванд, асосан дар қолаби жанрҳое таълиф шудаанд, ки мо онҳоро имрӯз ба номи лавҳа ё очерк ва албатта, дар шеваи мувофиқ ба имрӯз ёдоварӣ мекунем, зеро он мақсаде, ки дар тазкираҳо аз муаррифии адиб мавҷуд аст, имрӯз дар навиштаҳои матбуотӣ ҳам пеш гузошта мешаванд.

На танҳо ёдгориҳои таьрихнависӣ, тазкираҳо ба сифати пешгузаштаи журналистикаи имрӯза дар Шарқ метавонанд зикр шаванд, балки дар он замон асарҳои соф публитсистие ба вуҷуд омаданд, ки аз сабаби набудани василаи журналистӣ- рӯзномаю маҷалла дар қолаби китобҳо ва рисолаҳо навишта шудаанд. Намунаи инҳо дар адабиёти мо хеле зиёданд ва «Сафарнома»-и Н.Хусрав, «Ахлоқ-ул- ашроф»-и У.Зоконӣ аз намунаи олии ин асарҳо мебошад. Ҳамаи ин,албатта, журналистикаи қабл аз журналистӣ, яъне намунаҳои публитсистие мебошад, ки пеш аз ба вуҷуд омадани дастгоҳи чопи журналистӣ пайдо шудаанд.

Дарпадидаҳои қабл аз журналистии тоҷик ду шаклро дидан мумкин аст: шакли шифоҳӣ ва шакли китобӣ. Журналистикаи шифоҳӣ, қабл аз ҳама, дар фаъолияти ҷорчиён ва қосидон дида мешавад, яъне онҳое, ки дар бозорҳо, маъракаҳо, кӯчаҳо хабарҳои навро эълон мекарданд ва ё ин гуна хабарҳоро аз ҷое ба ҷое мерасонанд. Аз навъҳои дигари фаъолияти журналистикаи кабл аз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

журналистии шифоҳӣ, воизӣ ва таблиғи ғоявии ақида (қаландарҳо) аст, ки фаъолият бештар ба дин робита мегирад. Воқеан, ҳеҷ вақт, на дар гузашта ва на имрӯз, чӣ дар кишвари мо ва чӣ дар хориҷи он журналистика аз идеологияи расмӣ канда нашудааст. Мавҷудияти он ҳамеша ба муносибаташ бо идеология вобаста аст. Журналистикаи пешқадам ҳамеша бо идеологияи иртиҷоӣ мухолиф буд. Иртиботи журналистикаи шифоҳии тоҷик бо аркони давлат ва шуғл доштани он ба таблиғи ақоиди мазҳаби ислом ҷиҳати фавқулоддагӣ ё бегонагии он набуда, балки қонунияти инкишофи вай аст.

Дар маарҳалаи журналистикаи қабл аз журналистӣ публитсистикаи китобии мо ба вуҷудд омад ва дар байни соири халқҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ тоҷикон шояд аз кумоиши он миллатҳои камшуморе бошанд, ки ҳанӯз дар асри Х публитсистикаашон аз адабиёт ҷудо шуд ва мустақилона инкишоф ёфт.

Ҳангоми дарки ин маъно ба ду нукта бояд таваҷҷӯҳ кард: аввалан оҳанги публитсистии осорн адабии классики тоҷик, ки аз «Авесто» то ба «Шоҳнома» ва аз «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ то ашъори Ҳайрат мавҷуд буд, ҳамеша хамчун қисми таркибии адабиёти бадеӣ боқӣ монд ва дар эътибори иҷтимоӣ ва байналхалқии адабиёт ва тамаддунамон низ муассир аст.

Дуввум, дар паҳлӯи асарҳои адабии оханги публитсистӣ дошта, як зумра асарҳое дар назму наср эҷод шудаанд, ки мундариҷаи онҳо аз хусусиятҳои публитсистии онҳо далолат медиҳанд, гарчи воқеан то ҳол мо онҳоро ё бо номи осори таърихӣ ё адабии жанраш норавшан ном мебарем. Ба ин гуна асарҳо «Таърихи Байҳақӣ» ва таърихҳои дигар, «Зафарнома»-и Яздӣ ва асарҳои шабеҳи он, «Сафарнома»-и Н.Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Сад панд» ва чанде аз навиштаҳои Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и З.Восифӣ ва «Наводир-ул- вақоеъ»-и А. Дониш, баъзе қисматҳои тазкираҳо мисол шуда метавонанд. Асоси чунин асарҳоро ҳамчун осори публитсистӣ номбар кардан он аст, ки онҳо бевосита ба воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ бахшида шудаанд ва ҳаёти ҷамъиятиро на дар образҳои бофташуда, на дар типхои ҷамъбастшудаи одамон, балки дар он шакле, ки ҳаст, ба он шакле, ки худи адиби мазкур дида ва мулоҳиза кардааст (албатта, на бо каломи омиёнаи кӯчагӣ, балки дар сабки салису хоси ҳар кадоме аз ин муаллифон) тасвир намудаанд.

«Ахлоқ-ул-ашроф» (1340) аз рисолаҳои ахлоқии Убайди Зоконӣ буда. дар қолаби памфлет навишта шудааст. Дар ин асар Убайд бо ахлоқи пӯсидаи ашрофони замонаш тамасхур мекунад ва нафрати худро дар мавриди онҳо пинҳон намедорад. Вай ахлоқи замонаро ба ду – куҳна ва нав, мансухшуда ва мухбор ҷудо мекунад. Соҳибони ахлоқи нав, ки онҳоро бо тамасхур «Акобирон» меномад, ахлоқи кӯҳнаро намеписандад ва бадахлоқии худро одоб медонанд. Ба ақидаи олими Фаронса - Фарта чун дар он замон туркон дар Эрон ба ғайр аз қабоҳат чизе намонданд ва аҳволи Эрон табоҳ шуд ва фасод ривоҷ ёфт. Мавлоно Убайд аз дидани ин ҳол хастахотир шуду онро тасвир кард. Ба назари олими англис Браун Убайд «ахлоқи аҳли замони хешро ҳачви талх кардааст». Хислати воқеӣ доштани ҳодисаҳои тасвиршавандаро таъкид карда, Убайд дар шурӯъ ин байти Низомиро овардааст:

Он кас, ки зи шаҳри ошноист,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Донад, ки матои мо куҷоист.

Ин асар хислати сиёсӣ дорад.

«Номаҳо аз иншои Шайх Шаҳобиддини Қаландар» памфлети пародисест ба шакли номанависии ашхосе, ки худ намедонанд, чи менависанд. Онҳо дониста реша мекунанд, ҳар калимаи маънодор ё бемаънои дар зоҳир мутатантанро менависанд ва ҳатто хонда мефаҳманд. Ҳачви ин номаҳо хислати адабӣ ва иҷтимоӣ дорад.

«Сафарнома». Ин асари Носири Хисрав намунаи очерки сафарии асримиёнагии тоҷик аст. Дар вай қиссаи воқеии сафари адиб аз Балх ба Арабистон ва баръакс, воқеаҳои муҳимтарини ин сафар бо зикри номи ҳақиқии шахсҳо ва шаҳрҳо омадааст. Ин сайёҳатномаи ҷуғрофӣ нест, балки сафари марди сиёсист, ки ба ҳар чӣ дидааст, баҳо дода ва андешаи худро гуфтааст. Ҳақиқат ва таҳлил асоси асарро ташкил медиҳад.

«Рисола». Аҳмади Дониш дар ии асараш масъалаи давлату давлатдорӣ, вазъи Бухоро ва аркони Бухороро дар охири қарни XIX дар замони наздикшавии Бухоро бо дунёи Ғарб мулоҳиза кардааст. Ин асар ҳамчун публитсистикаи сиёсӣ навишта шудааст, бинобар ин баъзеҳо онро чун асари ҳуқуқӣ, дигарҳо чун низомномаи давлатдорӣ шарҳ додаанд. Арзиши сиёсӣ публитсистии асар ба ғайр аз шакл ва мавзӯъ дар он аст, ки вай барои хонандагон муассир буд, онҳоро вомедошт то дар ин мавзӯъ фикр ва барои татбиқи он саъй кунанд.

2. ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК

Тавсифи публитсистика умуман, осори публитсистӣ, аз ҷумла, далолат медиҳад, ки дар марҳалаи журналистикаи кабл аз журналистӣ сатҳи инкишофи тафаккури иҷтимоӣ-сиёсии кишварҳои тоҷикнишин ва урупои эҳёӣ ба ҳам камтар тафовут дошт ва агар чизе буд, танҳо дар он зоҳир мешуд, ки кадом васила дар кадом минтақа бештар истифода намудаасту кадомаш камтар.

Аммо дар соли 1445 аз тарафи Гутенберг ихтироъ шудани дастгоҳи чоп аз сурат гирифтани фаъолияти нашаротӣ дар Европа дар ҳақиқат сабаби ақиб мондани тамаддуни эҷодии мо аз аврупоиҳо гардид. Ва то нимаҳои қарни XX хусусан рӯзнома василаи муҳими таъсир ба умури иҷтимоии ҷомеа буд ва ба рушди ҷамъиятию илмӣ ҳам кӯмак кард. Воситаи ахбор ддр Европа яке аз омили ба вуҷуд омадани ифтихори миллӣ ва давлатдории миллӣ гардид, зеро он василаи эҷодкунандаи ҳам шодӣ ва ҳам хашм мебошад. Аз мамлакатҳои мусулмони аввалин кишварҳое, ки ба чунин василаи ахбор рӯ овард, Туркия буд.

Журналистикае, ки барои тоҷикон бояд ба вуҷуд меомад, бо дар назардошти воқеанигории фазқуззикр ва татбиқи он рӯи техникаи нави бавуҷудомада бояд сурат мегирифт. Вақте марҳалаи журналистикаи чопӣ ба вуҷуд омад, дар мамлакатҳои мусулмонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Афғонисгон, Эрон, Покистон, Ҳиндустони имрӯза мафҳумҳои рӯзноманигорӣ ба он вобаста шуд, ки англисҳо ё фаронсавиҳо ё русҳо кадом истилоҳро истифода мебаранд, зеро ин минтақаҳо зери тасарруфи онҳо буданд ё пайванди иҷтимоие доштанд. Аз ин сабаб, агар дар Туркия ба мафҳуми матбуот истилоҳи воқеъ ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар мамлакатҳои Араб нимӣазираи Форс истилоҳи рисола пазируфта шуда бошад, дар Араби Мағриб калимаи саҳифа ба маънои матбуот омада бошад, дар минтақаи Шарқи тоҷикзабон калимаи ахбор маънои журналистикаро гирифт. Истилоҳи рӯзнома ва ҷарида ба маънои журналистӣ дар Мовароуннаҳр пайдо шуд.

Қаблан, се манбаъро тазаккур додем, ки дар диди аввал ҳар кадоми онҳо метавонанд асоси муайянкунандаи таърихи матбуоти тоҷик бошанд.

Мавзӯи он, ки кадом чиз асоси журналистикаи тоҷик шуда мставонад, яъне матбуоти умумифорсӣ, матбуоти кишварӣ ё матбуоти иҷтимоӣ-миллӣ, аз ҳамин вобаста аст, ки матбуоти маҳз миллӣ ё ҳамзабон метавонад манфиати миллати хосро ифода накунад, пас аз се шохаи ба вуҷуд омадани матбуоти тоҷикӣ, яъне а) матбуоти умумифорсӣ, б) матбуоти Туркистон, в) матбуоти тоҷикии Бухоро кадомаш воқеан ифодакунандаи мафҳуми таърихи журналистикаи тоҷик шуда метавонад? Барои ин фаҳмиши илмии мафҳуми миллатро донистан даркор аст. Мо ба таърих аз ҳамин мавқеъ назар кунем, хоҳем дарёфт, ки танҳо матбуоти дар худи нишемангоҳи тоҷикон ба вуҷуд омада сарфи назар аз забони нашраш метавонад шурӯи матбуот маҳсуб шавад. Зеро вай мафкураи миллиро (ватаниро) ифода менамояд.

Аммо, матбуоти умумифорсӣ мафҳумест барои ифода кардани нашрияҳое, ки ба забони тоҷикӣ таъсис ёфтаанд, ё дар нашри худ аз матни тоҷикӣ истифода бурдаанд. Аз ин нигоҳ, пайдоиш ва ташаккули матбуоти форсизабон марҳалаҳои мухталифро дар бар мегирад.

Марҳалаи аввалро шартан давраи матбуоти то форсӣ номидан мумкин аст. Хусусияти ин давра иборат аз он аст. ки матбуоти форсӣ ба вуҷуд наомада, балки нашрияҳое пайдо шуданд, ки огоҳона ё ғайриогоҳона онҳо матнҳо ва порчаҳои тоҷикӣ шомил буданд. Ба ин матбуоти қарни XVII Туркия ба шакли кулл тааллуқ мегирад. Дар матбуоти Туркия ду шеваи истифода аз матни тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад. Аввал, порчаҳои адабӣ, ба хусус шеър, ки мустақиман дар матбуот истифода мешуд. Дуввум, порчаҳои матн, ҷумлаҳои пурра, ҷумла ва порчаҳои иқтибосӣ, ки дар матни матбуоти турк ба касрат ба мушоҳида мерасид. Сабаби ба ин шева дар матбуоти турк - аввалин матбуоти мусулмонӣ роҳ ёфтани забони тоҷикӣ таъсири амиқи ин забони тоҷикӣ дар сиёсат ва илму фарҳанги Шарқи мусулмонӣ буд. Вале аз авохири асри XVIII ҳукумати миллии турк ба муқобили истифодаи аносири форсӣ лар матни туркӣ шадидан мубориза бурда, дар воқеъ журналистикаи туркро аз матни тоҷикӣ халос кард. Воқеан, баъдтар ҳамнн асл яке аз заиинаҳои сиёсӣ барои инкишофи ақоиди пантуркизм гардид.

Давраи дуввум ва аслии пайдоиши матбуоти форсизабон ба рубъи аввали қарни XIX тааллуқ мегирад. Дар ҳамин замон дар Қалкӯта (1823) ҷаридаи «Миръати аҳвол» ва дертар (1836) дарТеҳрон рӯзномаи Мирзо Солеҳ «Қоғази хабарӣ» пайдо мешавад, ки хитобномаҳои феълиро шабеҳ аст. Дар онҳо ахбори навини кишвар интишор меёфт.

Нашри ҷароиди воқеии форсӣ ба нимаи карни XIX мувофиқ меояд яке аз сабабҳои инкишофи он тавсияи андешаҳои панисломизм мебошад. Намунаҳои чунин нашарот ҷаридаи «Ҳабулматин» (1893), ки дар Ҳиндустон ба табъ расидааст

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва «Чехранамо»-и чопи Миср (1896) мебошанд. Ба вуҷуд омадани чунин нашрияҳо сарфи назар аз аҳдофи сиёсӣ ва тиҷоратии онҳо, аз он нигоҳ низ муҳим буд, ки ҷароиди мазкур дар замони чашмдӯзии империализми Урупо ба мамолики Шарқ тавонистаанд то андозае ба ҳисси миллӣ ва динии мардум таъсир расонад ва ба ин васила аксуламали ҳудкоми рӯшанфикр ва ҳам зиёиёни пешбинро ба вуҷуд оварданд. Мусаллам аст, ки дар давраи парокандагии миллӣ омили умдаи иттиҳод дин буда метавонад. Аз ин сабаб, таблиғи афкори динӣ асоси матни матбуоти он давр, минҷумла ҷароиди фавқуззикрро ташкил медиҳад.

Хусусияти дигари ин нашарот иборат дар он буд, ки онҳо ҳам аз нигоҳи муҳтаво ва ҳам аз нигоҳи доираи нашр то андозае хусусияти умумимиллии форсиро доштанд, яъне «Чехранамо» на танҳо аз рӯзгори форсизабонони кишварҳои арабӣ нақл мекард ва ё «Ҳаблулматин» на танҳо лар байни форсигӯёни Ҳинд нашр мешуд, балки ҳарду аз ҳаёти тамоми манотиқи форсинишин ахбор дошганд ва дар давлатҳои Ҳинд, Чин, Афғонистон, Бухоро, Туркистон, Хива, Эрон, Озорбойҷон, Туркия, Ироқ, Миср ва Алҷазоир озод тавзеҳ мешуданд. Устод Айнӣ ёдмеорад, ки маъмултарин ва хонандатарин нашрияҳо дар байни муллобачаҳои Бухоро дар аввали қарни бист «Чехранамо» ва «Ҳаблулматин» буд. Ин нашрияҳо барои таъсиси матбуоти форсӣ дар ин ё он минтақа низ асос гузоштанд, аз ҷумла, бо таъсири онҳо дар Афғонистон, дар солҳои 70- уми қарни нӯздаҳ рӯзнома бо номи «Шамс-ул-наҳор» таъсис ёфт.

Давраи сеюм замони ба вуҷуд омадани шароити нашр дар Туркистон, яъне давари матбуоти форсии Мовароуннаҳр аст. Дар ин давр матбуоти соф форсӣ ба вуҷуд наомад, балки дар нашрияҳои туркизабони кишвар саҳифа ва гушаҳо ё ашъори форсӣ чоп мешуданд. Сабабн нн инкишофи пантуркизм дар кишвар, дар худи Россия мавҷуд будани минтақахои анъанавии туркнишин ва такяи императории ба буржуазияи навзоди туркзабон буд.

Давраи чорум, замонн ба вуҷуд омадани матбуоти форсии тоҷикӣ дар аморати Бухоро буд. Дар он солҳо низ забони мо форсӣ гуфта мешуд. Аввалин бор ибораи забони тоҷикиро ҳамчун муродифи дубораи забони форсӣ дар шароити Осиёи Миёна рӯзномаҳои «Овози точик» ва «Рӯшноӣ» истифода кардаанд.

Пас метавон гуфт, ки тавлиди матбуоти умумифорсӣ мояи ифтихори миллии тоҷикон мебошад, на таърихи бевоситаи журналистикаашон. Зеро сарфи назар аз ҳамзабон будан ҳеҷ вақт матбуоти Тоҷикистону Афғонистон ба ҳайси матбуоти Эрон шинохта нашудааст ё баръакс. Ҳамчунон, барои Афғонистон матбуоти тоҷикӣ, паштуӣ, туркманӣ, балуҷии кишвар миллӣ аст, нисбат ба тоҷикии Мовароуннаҳр, ё барои Ӯзбекистон матбуоти тоҷикӣ ва кореягии мунташираи Тошканд шомили таърихи журналистикааш аст, аммо «Халқ овози»-и чопи Душанбе не. Хулоса карда мешавад, ки таърихи матбуоти ҳар халқ аз таърихи ватани он вобаста аст. Чун дар давраи журналистикаи то журналистӣ мо мардуми форсзабон давлати ягона доштем, афкори публитсистиамон ҳам пайванд буд, чун дар қарни XVIII (1745-1750) давлатҳои мо аз ҳам рехт, матбуоти мо низ бо роҳи худ инкишоф ёфт. Таърихи матбуоти тоҷик мусалламан ҷузъе аз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таърихи мардуми Мовароуннаҳр гардид ва ин ҷузъи фаъолтарин буд. Аз ҳамин сабаб ҳар он чи дар Осиёи Миёна то таъсисёбии давлатдории миллӣ ба вуҷуд омад, сарфи назар аз забони зӯодаш, ба халқи тоҷик низ алоқаманд аст.

3. Матбуоти умумифорсӣ

Дар нимаи дуюми асри XVIII рӯйдодҳои хурду калони таърихӣ диққати аҳли илму адаби Шарқ ва Ғарбро қариб дар як поя ба худ кашид. Ва беҳуда набуд, ки масъалаи таъсиси рӯзнома дар мамлакатҳои Шарқ ва ба ин васила кушодани чашми мулку миллат аз дарднокторин

масъалаҳои замон ба ҳисоб мерафт. Беҳтарин ва наҷибтарин фарзандони кишварҳои Шарқи мусулмонӣ болои ин масъала андеша ронда, роҳҳои бедор намудани халқу мамлакатро дар саводнок намудану таъсис додани рӯзномаю маҷаллаҳо медиданд. Ва баҳри амалӣ гардидани ин мақсад қувва ба харҷ медоданд.

Чун рӯзноманигорӣ ва матбуот ба маънии аврупоиаш дар мамолики форсизабонон ва Шарқи мусулмонӣ роиҷ гардид, дар ибтидо касе дар ҷустуҷӯи вожаҳои худӣ нашуд ва ҳамон калимаҳои «газет» ва «журнал»

аз истилоҳоти асосӣ буданд. Аммо ҷустани ному истилоҳоти мувофиқ рӯзноманигории ҳар кишвар (масалан дар Ҳиндустон, Туркия, Эрон ва Осиёи Марказӣ) ба сурати гуногун реша гирифт.

Масалан, дар Ҳиндустон, ки табъу нашри матбуот, аз ҷумла интишори маҷаллаю рӯзнома пештар аз дигар кишварҳо ба амал баромад, ба тарҷума ва баёни мафҳуми истилоҳоти мазкури аврупоӣ саъй намуданд.

Тибқи иттилооти мавҷуда дар Ҳиндустон онро «Ахбор» (аз англисии Нюс) тарҷума карда, ҳам тавсифҳои наве афзуданд, мисли «Мирот-ул- ахбор», «Шамс-ул-ахбор», «Сайид-ал-ахбор». Туркҳо бошанд вожаи вақоеъ»-ро ба кор гирифтаанд ва ба ҷои ахбор рӯйдодро пазируфтанд. Нахустин рӯзнома дар Туркияи усмонӣ («Тақвими вақоеъ» 1730) ном доштааст. Арабҳо бошанд, як бахшашон, мисли ҳиндуҳо вожаҳои «варақа (авроқ)», «ҳаводис ва хабар», бахши дигар бошад калимаи «ҷарида», «маҷалла» ва «саҳифа» - ро мавриди истифода қарор доданд.

Дар Эрон бошад, барои ифодаи ин мафҳум аз калимаҳои «Ахбор» "Коғази ахбор», ки ин ҳам таъсири ҳиндуҳо будааст, истифода бурдаанд. Вожаи «воқеъа» низ истифода шудааст ва тадриҷан вожаи рӯзнома» ба маънии «журнал» (журнализм) истифода ва мафҳуми тозаеро чун ҳунари рӯзноманигорӣ дар фарҳанги ҷадиди Эрон мавриди истифода қарор ёфтааст.

Дар Осиёи Марказӣ бошад мафҳуми мазкур аз ду ҷониб, тавассути матбуоти туркии Русия (Қазон, Озарбойҷон. Туркистон) ва туркиву русии Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ба таври расмӣ нашр мешуданд, аз ҷониби дигар, тавассути матбуоти Шарқ, бахусус шарқи исломӣ, ки аз Ҳиндустон, Миср, Эрон ва Туркия ба кишвар мерасид, роиҷ гардидааст.

Чуноне ки мебинем, аз охири асри XIX сар карда аз Ҳиндустон, Миср ва Аврупою Русия ба сарзамини Мовароуннаҳр рӯзномаҳо ворид мешуданд, ки аз вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва мадании мамолики олам ва гох-гоҳе Осиёи Марказӣ,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хоса аморати Бухоро низ хабарҳо интишор мекарданд.

Матбуот чи дар Эрон ва чи дар дигар мамолики Шарқ, аз ҷумла дар Туркияи усмонӣ, Миср ва Ҳиндустон дар таъсири матбуоти Ғарбӣ аз миёнаҳои садаи асри XIX оа тазри густурда иштишор ёфт ва асосан хусусияти тақлидӣ доштааст. Бисёр мутахассисони соҳаи матбуот чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз дар ҳамин ақида устуворанд.

Дар гузашта матбуот умуман ва матбуоти форсӣ низ, пеш аз ҳама, дар кишварҳое арзи вуҷуд кардааст, ки дар таҳти тасарруфи ѓарбиён (масалан, англисҳо) будаанд ва ё ба Ғарб иртиботи бештар доштаанд. Аз ҷумла тадқиқотчиён тавлиди матбуоти даврии Эронро ба марҳилаи маърифатпарварӣ, замони подшоҳони Қочория алоқаманд медонанд. Бунёдгузори аввалин рӯзнома дар Эрон, ки «Коѓазбор» ном дошт (соли 1837) марди маорифпарвар, дастпарвари мактаби Лондон Мирзо Соллеҳбеки Шерозӣ будааст. Рӯзномаи асосие, ки то охири асри XIX дар Эрон ба табъ расидаанд, «Рӯзномаи миллӣ» (1866) ҷаридаи «Ирон» (1871), «Иттилоъ» (азсоли 1878 то соли 1908), «Рӯзномаи миллӣ» (1876) маҳсуб мешаванд ва ҳама ҷароиди давлатӣ буданд.

Дар охири садаи XIX ва аввали садаи XX аввалин рӯзномаҳои шахсӣ ба табъ мерасад. Аз соли 1896 нависандаи маорифпарвар Муҳаммад Ҳусейни Фуруѓӣ рӯзномаи «Тарбият»-ро нашр мекунад. Маърифатпарвари дигар Қойимақом бошад, ҷаридаи «Адаб» - ро аввал дар Табриз (аз соли 1898) баъд дар Машҳад (1900-1908) ба табъ расонидааст.

Матбуоти ба маънии томаш касбии миллӣ дар Эрон аз замони Машрутият (1905-1911) ба рушд оғоз менамояд. Дар ин давра маҷаллаҳои ҳаҷвӣ «Сури Исрофил» (соли 1907) ва «Баҳлул» дар Техрон (соли 1911) нашр мешаванд, ки муҳтавояшон таъзиру танқиди даврони ҳукмравоии истибдодӣ будааст. Ба қавле нахустин рӯзномаи шабеҳи рӯзномаи аврупоӣ дар Эрон «Ирони нав» (аз соли 1909) ба шумор меояд. Ба ҳамин монанд дар нукоти гуногуни кишвар, дар Озарбойҷону Рашт, Исфаҳон ва Хуросон рӯзномаи сершуморе ба нашр шудан оѓоз намудаанд.

Мавриди ба ёдоварист, ки доираи матбуоти форсӣ аз ҷиҳати ҷуѓрофияи нашру табъ ва ҳам таърихи интишор жарфо ва паҳноии ба худ хосеро доро будааст. Як нуктаи аҷиби қазияи мазкур он аст, ки матбуоти форсӣ аввал на дар кишварҳои мардумашон сирф форсизабон (ё ориёитабор), масалан Эрон, Афгокистон ва Осиёи Марказӣ, балки дар нимҷазираи Ҳинд, ки мардуми форсизабони он бештар аз сарзаминҳои бумӣ омада буданд, ба **табъу** нашр оғоз кардааст. Ин ҳолат, шояд се сабаб дошта бошад: Аввалан, аз нуктаи назари он ки забону фарҳанги форсӣ дар арзи чандин қарн (аз асри XI - XII) сар карда дар Ҳиндустон нуфузи калон дошт ва ҳатто забони форсӣ забонн ҳокимият ва табақаи ашроф буд. Сониян, забони форсӣ забони қавму фарҳанг буд ва дар кишварҳои зиёде Эрон, Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Чин, Афѓонистон ва Ҳинд роиҷ ва ҳатто дар байни мардуми туркзабону урду ва пушту забони шеъру адаб ва тарғиби мазҳаб низ ба шумор мерафт. Ва ниҳоят, ишғолгарони инглис, дар кишварҳои форсизабон тасаллут надоштанд, ё камтар доштанд, пас аз он имконоте, ки дар Ҳиндустон пайдо карданд, ба манфиати таблиѓотии худ васеъ истифода

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мебурданд.

Дар Ҳиндустон нахустин рӯзномаи форсӣ ба номи **«Ахбор»** соли 1798 дар Деҳлӣ ба нашр расид. Сипас, соли 1810 рӯзномаи форсии дигаре бо номи «Ҳиндустон» мунташир гардид. Ва баъд ҳафтаномаи «Мирот-ул-ахбор» аз 20 апрели соли 1822 рӯзҳои ҷумъа ҳар ҳафта ба таври мураттаб мунташир мегардид. Пас аз он **«Ҷоми ҷаҳоннамо»** дуввумин ҳафтаномаи форсӣ (омехга ба забони урду) аввалин бор моҳи майи соли 1822 нашр гардидааст. Пасон, рӯзномаи ҳафтагии (дастнавишта) **«Сироҷ-ул-ахбор»** дар соли 1841 аз ҷониби охирин подшоҳи темурӣ Баҳромшоҳ интишор ёфтааст. Ҳамаи ин нашрияҳо асосан ҳафтавор буданд. Аз ин ҷо якбора аз ҳафтавор оғоз шудани матбуоти даврӣ дар Ҳиндустон шояд ба анъанаҳои ғарбӣ (англисӣ)-и рӯзноманигорӣ алоқаманд бошад.

Аз байни ин ҳама нашрияҳо рӯзномаи **«Ҳаблулматин»** аз нашрияҳои машҳуртарин ба шумор меояд, ки соли 1893 дар Калкутта ба нашр оғоз намуд ва ноширу муҳаррири он Сайид Ҷалолиддин Муаййидалислом (зодаи Кошони Эрон) буд. Нашри рӯзномаи мазкур то оғози солҳои 30 асри XX, яъне қариб 37 сол идома дошт. Таҳрири онро дар зарфи даҳ сол Сайид Ҷалолиддии ба ӯҳда дошт. Вақте ки ӯ нобино шуда буд, ин корро духтараш Фаррухсултон анҷом додааст. «Ҳаблулматин» «бо мақолаҳои оташини худ ба форсизабонони дунё хизматҳои бисёр кард, чашми онҳоро ку шода ба ҳуқуқҳояшон огоҳ сохт, дар пирӯзии ҷунбиши машрутияти Эрон нақши босазое дошт, дар қатори дигар рӯзномаҳои форсию туркӣ ба танвири афкори мардуми Осиёи Марказӣ саҳми чашмрасе гирифтааст».

Қайд кардан зарур аст, ки пас аз Ҳиндусгон дувумин кӯшиши нашри матбуоти форсӣ дар Гурҷистони Қафқоз ба чашм мерасад. Соли 1830 бахше аз рӯзномаи «Тифлисские ведомости» ба забони форсӣ чоп мешуд, ки мудири он П. С. Сонковский будааст. Дигар аз рӯзномаҳои форсии хориҷ, ки дар Осиёи Марказӣ нуфузи рӯшане дошт, ҳафтаномаи «Парвариш» (муассис ва муҳаррираш Мирзо Муҳаммадалихони Кошонӣ мутахаллис ба Сурё (Қоҳира, аз соли 1899) ва «Чеҳранамо» ба ҳисоб меравад, ки аввал дар Искандария (муассис ва муҳаррираш Абдулмухаммад, солҳои 1904-1905), баъд дар Қоҳира чоп мешуд. Матбуоти форсӣ дар Афғонистон аввали карни XX низ рӯ ба ривоҷ намуда буд ва аз ин байн «Сироҷ-ул-ахбори афғония» (аз соли 1911) дар Осиён Марказӣ шӯҳрати чашмрасе доштааст. Аз рӯи истинодҳои маҷаллаи «Ойина» ба рӯзномаи мазкур маълум мешавад, ки «Сироҷ- ул-ахбор» беш аз ҳама ба рӯҳи рӯшангароёнааш ба ноширон ва нашрияҳои Осиёи Марказӣ робитаи зиче доштааст.

Оғози матбуоти Афғонистонро аз рӯзномаи «Кобул» ҳисоб мекунанд, ки онро Сайид Ҷалолиддини Афғонӣ[1] қабл аз соли 1870 чоп кардааст. Рӯзномаи дигар бо номи «Шамс-ул-наҳор» соли 1290 ҳичрӣ мутобиқ ба 1873 чоп шудааст. Мудири ин рӯзнома Абдулқодирхон буд. Рӯзномаи дигар-«Сироҷ-ул-ахбори Афғонистон» 11 январи 1906 ҳамагӣ як шумора баромад ва мудираш Абдулрауфхон буд. Сипас 16 мизони соли 1290 Маҳмуди Тарзӣ ба таври нав ва системанок бо нашри «Сироҷ- ул-ахбори афғония» оғоз кард. Маҳмуди Тарзӣ шахси сиёсӣ ва адиб буд ва ҳамин рӯҳия дар навиштаҳояш ифода мешуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Қонун». 20 январи соли 1890 бо ҷонбозиҳои ходими машҳури озодихоҳ, дипломат ва нависандаи навпардоз, маорифпарвари эронӣ Мирзо Малкумхон, ки дар асл арманист ва як даста муҳоҷирони эронӣ дар Лондон рӯзномаи «Қонун» ба нашр расид. Роли ин рӯзнома дар бедорӣ ва худшиносии мардуми эроннажод хеле калон аст.

Шарқшиноси рус К. Чайкин навишта буд: «Дар Лондон соли 1890 рӯзномаи «Қонун» ба нашр расид, ки онро Мирзо Малкумхон ва як гурӯҳ ҳаммаслакони ӯ ба чоп расониданд. «Қонун» аз ҷумлаи нахустрӯзномаҳоест, ки минбаъд дар ташаккулёбӣ ва равнақи журналистикаи умумифорсӣ роли баѓоят калон бозид».

«Ҳабулматин». Ин рӯзномаи сиёсию иҷтимоӣ буда, аз тарафи яке аз равшанфикрони эронӣ Ҷалолуддини Кошонӣ (1803-1930) соли 1893 дар шаҳри Калкуттаи Ҳиндусгон ба нашр расидааст. Рӯзнома дар саҳифаҳои хеш сохти давлатдории Эрон, сиёсати кишварҳои капиталистии Ғарбро танқид карда, хонандагонро ба вазъи Туркия, Афѓонисгон, Миср, Ироқ шинос менамуд.

Солҳои 1916 -1924 рӯзнома баста шуд ва давоми ин солҳо аз фаъолият бозмонд. Маврид ба ёдоварист, «Ҳабулматин» дар бедории шуури мардум ва омода намудани инқилоби машҳури Эрон (солҳои 1905-1911) саҳм гирифтааст.

Зиёиёни тоҷик низ ба ин рӯзнома шинос буда, аз он баҳра бардоштаанд. Устод Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» навиштаанд, ки охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX зиёиёни тоҷик «Ҳабулматин»-ро бо шавқи зиёд мутолиа менамуданд. Нашри рӯзнома то моҳи ноябри 1930 идома ёфта, баъди вафоти Ҷалолуддини Кошонӣ қатъ гардидааст.

«Тарҷумон». Асосгузори пантуркизм дар Русия Исмоил Гаспаринский барои таблиѓи ақидаи худ 10 апрели соли 1883 рӯзномаи «Тарҷумон»-ро ба вуҷуд овард. «Тарҷумон», ки аслан ба забони тотории наздик ба туркии усмонӣ нашр мешуд, дар саҳфаҳои худ порчаҳои мансур ва манзуми форсӣ, ахбори русӣ, франсавӣ ва олмониро ҳам нашр мекард ва дар ҳама ҳолат ақидаи вай ба як чиз асос мекард, ки аз дарёи Мадитарона то саҳрои кабири Чин ҳама қаламрави давлати турк буд ва мебошад ва дар ин минтақа танҳо мардуми турк зиндагӣ мекунанд. Агар қабилаҳои ѓайри турк буданд, онҳо мардуми турк мебошанд, ки бо таъсири мадорис забони модариашонро гум кардаанд.

«Тарҷумон» 1000 нусха чоп ва 200 тои он дар Оеиёи Миёна то дар 1914 баста шуданаш паҳн мешуд. Рӯзнома дар соли аввали нашраш ҳамагӣ 320 нафар хонанда дошт, ки баъди як сол -дар соли 1884 миқдори муштариёнаш ба ҳазор нафар расид. То соли 1907 рӯзнома ба ду забон тоторию русӣ ба табъ мерасид. Ба туфайли инқилоби якуми рус фикри марудм бедор гардида, то андозае озодии афкору баён дар гӯшаву канори Русия ба вуҷуд омад ва сензура муваққатан манъ гардид, ки боиси афзудани хонандагони рӯзномаи «Тарҷумон» шуд.

Дар саҳифаҳои «Тарҷумон» ба таври доимӣ дар хусуси мавқеву манзалати муаллим дар ҷомеа мақолаҳо нашр мегардид, таваҷҷӯҳи соҳибони ин пешаро ба худ ҷалб месохт ва онҳо ба рӯзномаи навтаъсис бештар мутаваҷҷеҳ мешуданд. Дар шумораи чордаҳуми рӯзнома Исмоилбек навишта буд, ки «аз меҳнати муаллимони турку тотор меҳнати вазнинтар нест, вале мисли вай касеро пайдо намекунем, ки ба ҳукми фиромӯшӣ афтода, қадру қимати хешро аз даст дода

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бошад.

Дар воқеъ, чи дар он айём ва чи дар даврањои минбаъда мактабу мадрасаи мусулмонон рў ба касодї оварда буд, ки дар ин хусус на танњо «Тарҷумон», балки дар саҳифаҳои рўзномаи навтаъсиси тоҷик «Бухорои шариф» ва нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудї - «Самарқанд» ва «Ойина» ва ҳам асарҳои равшанфикрони тоҷик дар зери таъсири афкори Аҳмади Донишу пайравонаш, аз як тараф, равшанфикрони дигар аз ҷумла Исмоилбек ва рўзномаву маҷаллаҳои гуногуни форсиву туркї аз тарафи дигар, баҳси доманадоре сурат мегирифт.

«Тарҷумон» гояҳои туркпарастиро тарѓиб менамуд. Ба ин маъно нашрияи марказии пантуркистони Русия буд. Вай даъво дошт, ки мо туркон халқи ягонаанд, як воҳиди бузурги таърихї ва этникї мебошанд, ва онҳо бояд аз нигоҳи сиёсї, иқтисодї ва фарҳангї муттаҳид бошанд. (01марти соли 1907). «Тарҷумон» нашрияи Исмоил Гаспаринский буд ва зери таҳрири худаш чоп мешуд.

Маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин». Шумораи аввалини маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» дар Тифлис 7 (20) апрели соли 1906 аз чоп баромад. Муҳаррир ва асосгузори он маҷалла адиби шинохтаи Озорбойчон Ҷалил Маҳмадқулизода (1866-1932) буд, ки вай на танҳо забони форсї, балки забони тоҷикиро хуб медонист. Ва аслан аз хоки Эрон буду ба тақдири миллати Эрон дилаш месўхт ва аз ин рў, мехост ба ҳар роҳ ба мардуми ин сарзамин кўмаку ёрї расонад.

Маҷаллаи «Мулло Насриддин»- ро муфассал аз ҳар муҳаққиқи дигар Валї Самад омўхтааст ва ба андешаи ў на танҳо дар Эронзамину Кавказ, балки дар Осиёи Марказї, аз ҷумла, дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан муштариҳо дошт ва аҳолии ин диёр ҳар як шумораи онро бо шавқи зиёд мутолиа менамуданд.

«Мулло Насриддин» аз ҳаёти иҷтимоию сиёсї ва маданию маърифатии на танҳо халқҳои Қафқоз, балки Эрон, Осиёи Миёна, мусулмонони соҳили Волга ва тоторҳои Қрим маводи ҷолиб чоп мекард, ба дарду дармони он ҷафопешагон дармон мешуд, яъне дардҳои онхоро хуб ифода мекард. Ба ин восита адабиёти инқилобию демократии Озарбойҷон, Эрон ва Туркияву ҳатто Аврупо ба Осиёи Миёна: пеш аз ҳама Бухоро мерасид ва маҷалла дар ҳаракату ҷунбишҳои миллию озодихоҳии халқҳои Осиёи Миёна роли муайян бозида, дар як вақт ба ташаккули адабиёти навини тоҷик, махсусан инкишофи ҳаҷви реалистї ҳиссагузорї мекард.

Ба қавли муҳаррири маҷаллаи «Мулло Насриддин», Ҷалил Маҳмадқулизода, «ин маҷалларо худи табиат, худи замона ба вуҷуд овардааст». Аз сурате, ки аз саҳифаи якуми (муқоваи) шумораи аввал чоп шудааст, сабаби пайдоиш ва мақсаду мароми вай равшан мегардад. Дар ин муқова тасвир шудааст, ки гурўҳе дар хоби ѓафлатанд ва танҳо як нафар нимхобу нимбедор иимхез шуда, хамёза мекашад ва мўйсафеди нуронию хирадманде, яъне Мулло Насриддин асо ба даст вориди ин саҳна гардида, бо захрхандае ба ин манзараи ҳузнангез менигарад, ин хобзадагонро бедор кардану бедор дидан мехоҳад. Зимни ба сурат бодиққат дида дўхтан беихтиёр кас гумон мебарад, ки аз дили пурдарди ин мўйсафеди хирадманд мисраъҳои зер чун хитоба ба сари

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардуми Шарқ меборад:

Эй шарқи куҳантантана аз хоби гарон хез!
Эй дода зи каф манзалату шавқату шон, хез!
Эй бурда гулу барги туро сарсари иғфол,
Эй ҷӯши баҳорат шуда тоҷори хазон, хез!.

Қувваи асосии идораи маҷалларо адибони демократи инқилобӣ, дар баробари Ҷалил Муҳаммадқулизода, инчунин Мирзо Алиакбари Собир (1862-1911), Алиқулии Ғамгусор (1880-1919), Салмони Мумтоз (1884-1934), Собити Манофзода (1888-1940), Самади Мансур (1897- 1927), Алиаббоси Музниб (1882-1938), Алии Маҳзун(1886-1934) рассом Наҷафқулӣ ва Роттер ташкил медоданд.

Мавриди қайд аст, ки аксарияти акидаҳои маҷалла доир ба руйдодҳои Бухоро ба ақидаи маорифпарварони тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX, хусусан Мирзо Сироҷ, Аҷзӣ ва Айнӣ бисёр наздик аст.

Дар хусуси эътибори ин маҷалла З.Раҷабов навиштааст, ки тарҷумони генерал-губернатор ба Петербург хабар медиҳад, ки ба Туркистон расидани ҳар шумораи нави «Мулло Насриддин» ғазаби амир ва дарбориёнро меорад, амир ин маҷалларо бинад, девона шудагӣ барин мешавад. Устод С.Айнӣ дар бораи таъсири ин маҷалла, махсусан суратҳо ва матолиби ҳаҷвии он оид ба уламо сухан ронда, меафзояд, ки олимони дин ин ҳамаро кори Мунзим меҳисобиданд ва дар қасди доштани ӯ низ шуданд.

Аз ин рӯ, маорифпарварони тоҷик бо фидокории тамом «Мулло Насриддин»-ро дар байни хонандагони маҳаллӣ паҳн менамуданд.

Дар ин маврид устод Садриддин Айнӣ дар асари хеш «Таърихи Инқилоби Бухоро» бамаврид ёдовар мешаванд, ки дар он давру замон газетаҳои «Тарҷумон», «Вақт» ва маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» барои инкишофи ғояҳои прогрессивӣ дар байни мардуми Осиёи Миёна роли калон бозиданд. Шиносоии ҷадидони демократи тоҷик ба маводи пурмазмун ва ғояҳои мутараққии муллонасриддинчиён доираи дониш, дарки ҷаҳоншиносӣ ва амалиёти онҳоро хеле васеъ намуд ва пеш бурд. Ин таъсири ғоявӣ аввало ба бедории фикру ҳис, сипас, инқилобшавии шуури мардуми Осиёи Миёна боис гардид ва боз баҳри дарки ғояҳои навини замон, пеш аз ҳама сотсиал-демократҳои рус ва Аврупо заминаи мусоид фароҳам овард. Аз ин ҷост, ки ҷадидони демократи тоҷик арзиши адабӣ, иҷтимоӣ ва ғоявии маҷаллаи «Мулло Насриддинро дурусттар фаҳмида, ба он боз ҳам наздиктар шуда, аз саҳифаҳои он дарду армонҳои худро ифшо намуда ва дар як вақт барои эътибори бештар ёфтани маҷалла кӯшиш ба харҷ доданд.

Аз ин рӯ, маводи марбут ба халқи тоҷик чоп намудаи маҷалларо аз ҷиҳати моҳият ва характерашон ба ду ҳисса метавон чудо кард.

1. Маводе, ки бевосита ба таърих, рӯйдод ва фоҷиаҳои Бухоро дахл дорад. Азбаски тоҷикон он вақт ҷароид надоштанд, пасту баланди мулку миллаташон дар саҳифаҳои ҷароиди кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, Эрон ва Кафқоз сабт меёфт. Аз ин рӯ, аҳамияти гаърихӣ, илмӣ ва адабии онҳо бебаҳост.

2. Маводе, ки аз адабиёти тоҷик ва барои адабиёти тоҷик чоп шудаанд. Адабиёти классикии тоҷику форс ба хизмати давраи нави таърих ва муҳити

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тамоман дигари асри XX омада, дар ҷараёни нави таърих бударо амалӣ кард.

Хулоса, маҷаллаи «Мулло Насриддин» дардҳои иҷтимоии халқро дар ибтидои асри XX хеле нишонрас, пурмазмун ифода намуда, дар муборизаи наҷибтарин фарзандони миллат муқобили истисмори дохиливу хориҷӣ, бар зидди ҷаҳолату хурофот дасти ёрӣ дароз кард. Маорифпарварони тоҷик дар роҳи мақсади наҷиби худ аз маводҳои чоп намудаи маҷалла бархӯрдор гардида, минбаъд дар оянда баҳри бедории шуури ҳаммиллатони хеш аз онҳо истифода карданд. «Мулло Насриддин» дар инкишофу пешрафти ҳаҷвнигорӣ ва барои арзи ҳастӣ намудани маҷаллаҳои тоза ба тозаи ҳаҷвӣ замина гузошт.

Албатта, донистани ҳар он чи ба таърихи матбуоти ҳамзабон дахл дорад, хуб аст. Аммо ин нашарот таърихи матбуоти тоҷик нест, зеро дар аксари онҳо ҳаёти мардуми Осиёи Миёна инъикос нашудаанд, онҳо ба кишвари мо нарасидаанд, ба мардуми мо таъсир нагузоштаанд. Аз маҷмӯи ахбори номбаршуда, танҳо «Ҳабулматин», «Чехранамо», «Сироҷ-ул-ахбор», «Мулло Насриддин» ва «Тарҷумон» ба Осиёи Миёна мерасиданд, ахбори Бухоровору Туркистонро аҳёнан чоп мекарданд, рӯшанфикрон аз онҳо истифода мебурданд ва матолиби онҳо дар матбуоти маҳаллӣ иқтибос мешуданд.

II. МАТБУОТИ ТОҶИК ГО ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР

3. Ташаккули асосҳои техникаи матбуот дар Осиёи Миёна

То даврае ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна дар ин сарзамин на танҳо матбаа, балки литографияе мавҷуд набуд, ки дар он китобе, рисолае ба дасти чоп расад. Дар мамлакатҳои Шарқ нисбати мамлакатҳои Европаи Ғарб чопи китоб дертар огоз ёфт. Дар кишварҳои мусулмонӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна дастгоҳҳои китобчопкунӣ танҳо дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX ба фаъолият пардохтанд.

Дар Русия нашри китоб ба забони мамлакатҳои мусулмонӣ, аз рӯи маълумоти В. Пятниский ҳанӯз ибтидои солҳои 70 уми асри XVIII оғоз ёфтааст. Нахустин матбаае, ки дорои ҳуруфоти арабӣ буд соли 1723 дар Астрахан арзи ҳастӣ намудааст. Баъдтар чунин матбааҳо дар Петербург, Москва, Қазон, Қрим ба вуҷуд омаданд. Дар кишвари Туркистон нашри китоб солхои 70-уми асри XIX оғоз гардид.

Сабаби асосии хеле дертар арзи ҳастӣ намудани матбаа ва чопи китоб дар Осиёи Миёна дар он буд. ки ин сарзамин аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техникӣ кишвари ақибмонда ба шумор мерафт. Баробари инкишофи муносибатҳои капиталистӣ дар ин ҷо нашри китоб ба роҳ монда мешавад. Масалан, соли 1880 дар Осиёи Миёна 4 матбаа ва як литография ба фаъолият оғоз менамояд. Дар натиҷаи муттахид карда шудани Осиёи Миёна ба Русия базаи техникии китобчопкунӣ ташкил дода шуд. Бояд ёдовар шуд, чопи китоб дар Осиёи Миёна нисбати мамлакатҳои Европа хусусиятҳои хоси худро дошт. Қисми зиёди китоб дар ин ҷо дар литографияҳо чоп гардид.

Дар матбааҳо чоп намудани китоб бунёди базаи калони типографӣ, аз ҷумла

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шрифтҳои ҳархела, мошинаҳои чопкунӣ ва пеш аз ҳама мутахассисони соҳибтаҷрибаро талаб менамуд. Ҳол он ки дарёфти ҳамаи ин вақт ва маблағ талаб менамуд. Аз ин рӯ, дар кишвар аз усули чопи литографӣ, ки ҳам арзон ва ҳам осон буд, истифода карда мешуд.

Нахустин литография дар Осиёи Миёна дар Хева соли 1874 баъдтар дар Бухоро, Самарқанд, Андиҷон ва дигар шаҳрҳо ба кор андохта шуд. аз аввалин литография дар Осиёи Миёна аз тарафи Отаҷон Абдолов (1856-1927) ташкил дода шуда буд. Вай маълумоти ибтидоиро дар мактаби руссии маҳаллӣ гирифта, аз ҷавонӣ ба техника майлу рағбати калон дошт. Соли 1874 бо ташаббуси ӯ дар Хева нахустин литография ба кор даромад ва он то соли 1910 фаъолият кард.

Соли 1868 дар гарнизони ҳарбии Тошканд аввалин матбааи кишвар таъсис ёфт ва дертар дар пайравӣ ба он матбаа ва литографияҳои давлатию шахсӣ ба вуҷуд омаданд. Бори дигар дар ин маврид ёдовар бояд шуд, ки аввалин литографияи шахсиро соли 1874 Хива Отаҷон Абдолов таъсис додааст. Дар соли 1883 литографияи Эсанбой Ҳусейнбоев, соли 1888 матбааи Порцев (ҳар ду дар Тошканд), соли 1887 матбааи Азимхоҷа дар Хуқанд, 1882 матбааи бародарон Исҳоқхон ва Ҳусейнхон Мақаевҳо дар Намангон, соли 1897 матбааи Жотамтоев дар Когон таъсис ёфтанд. Дар ҳамин давра дар Самарқанду Хуқанд низ матбаа ва литографияҳо кушода шуданд, ки онҳо ҳуруфи руӣ ва арабӣ доштанд. Воқеан, аввалин матбааи арабиасл дар Аштархон таъсис ёфта буд.

Соли 1883 тоҷир Эсанбой Ҳусейнбоев, ки ба хариду фурӯши маъдани оҳан машғул буд, дар шаҳри Тошкент литографияи шахсии худро таъсис дод. Ҳусейнбоев, ки марди фозиле буд, дар литографияи худ ҳам ба забони сокинони кишвар ва ҳам ба забони русӣ китоб чоп мекард. Аз ҷумла, дар литографияи ӯ «Хамса»-и Алишер Навоӣ, «Девони Мунис», «Девони Рочӣ», осори мунтахаби Мирзо Асдулқодири Бедил, ашъори Машраб ва инчунин «Ҳафтуяк», «Чоркитоб» ва ғайраҳо чоп шуданд.

Матбааи дигаре дар Осиёи Миёна соли 1888 дар шаҳри Тошкент аз тарафи С. А. Порсев таъсис дода шуд. Дар зарфи сӣ соли мавҷудияти худ, яъне то соли 1918 давраи миллӣ гардонида шуданаш матбааи мазкур ба чопи китобу рнсолаҳо сару кор дошт. Дар матбааи мазкур асару рисолаҳои олимони рус, ки дар кишвар ба корҳои омӯзишу тадқиқотӣ машғул буданд, чоп карда мешуданд. Дар баробари чопи китобу рисолаҳо дар ин ҷо ба забони мардуми маҳаллӣ асарҳои шоирону сайёҳон чоп мегардид. Нахустин чунин китоб «Тақвим» -и Шоҳимардон Иброҳимов буд, соли 1872 аз чоп баромад. Ин китоб 500 адад бо андозаи 17х13,5 сантиметр чоп гардидааст.

«Тақвим»-и Ш. Иброҳимов асосан барои мардуми тоҷир пешбинӣ гардида, дар он маълумот дар бораи ярмарка- намоишгоҳҳо, хатҳои сайру сафар, масофаи байни шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Русия, маълумот дар бораи ҷойгиршавми шӯъбаи бонкҳои давлатӣ, шӯъбаҳои алоқа ва қоидаю қонунҳои истифодабарӣ аз онҳо дарҷ гардидааст.

Дар матбааи Бухоро соли 1899 аввалин луғати тоҷикӣ ба русӣ чоп шудааст, ки онро Шоҳҳайдар Ҳотамтоев ба чоп омода намудааст ва хислати муҳоварарро дорад. Дар он ҷумлаҳои соддаи гуфтугӯ, асосан барои сайёҳон ва тоҷирон,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муҳимтарин калимаву ифодаҳо истифода шудаанд. Аз номи русии луғат бармеояд, ки дар Русия ҳамон вақт нисбати Осиёи Миёна калимаи «тоҷик»-ро ҳам ба халқ ва ҳам ба забон истифода мебурданд.

Аз ҷиҳати сифати чоп китобҳое, ки дар литографияҳои шарқӣ ба нашр мерасиданд, аз чопи китобхо дар кишварҳои Европой бо сифат ва ҳам арзиши худ беҳтару хубтар буданд. Ин ҷиҳати масъаларо рӯзномаи «Окраина» дар вақташ қайд карда, навиштааст: «Китобҳое, ки дар литографияи Тошкент чоп мегардад, нисбати чопи ҳамингуна китобҳо дар матбааю литографияҳои хориҷи кишвар хушсифату арзон мебошанд».

Вале қайд бояд намуд, ки литографияҳо талаботи ҳамарӯзаи мардумро бо маводи чопӣ қонеъ гардонида наметавонистанд. Барои ҳалли масъалаҳои ҳамарӯзаи сиёсии давру замон, пеш аз ҳама чопи рӯзномаю маҷаллаҳо дар кишвар, ташкили матбааҳо ва бо мошинхои чопӣ таҷхизонидани онҳо, тайёр намудани мутахассисони соҳа зарур буд.

Дар солҳои 80-90-у ми асри Х1Х дар Осиёи Миёна чандин рӯзномаю маҷаллахо ба фаъолият оғоз менамоянд, ки ин равия ба таъсиси матбааҳои нав ба нав оварда мерасонад. Баъди аз чоп баромадани «Туркестанские ведомости» (1870), рӯзномаҳои «Закаспийское обозрение» (1895-1913), «Русский Туркестан» (сентябри 1898-1907), «Асхабод» (1899-1918), «Окраина» (1890-1907), «Средняя Азия» (1895- 1896) дар матбааҳо аз чоп баромада, дастраси хонандагон мегардид. Ҳамаи ин рӯзномаҳо аз номи ташкилоту идораҳои расмӣ ва буржуазияи Россия ва бо дастгирии молиявии онҳо ба дасти чоп мерасид.

Дар ин давра баробари инкишофи матбуоти расмӣ журналистикаи буржуазӣ ба миён меояд. Дар бисёр шаҳрҳои мамлакатҳои мусулмонӣ аз ҷумла, дар Тошкент, Самарқанд, Қуқанд, Намангон матбааҳои шахсӣ ба фаъолият оғоз менамоянд. Масалан, дар Қуқанд матбааи Аъзамхӯҷа, дар Намангон матбааи бародарон Исҳоқхон ва Ҳусейнхон Макаевҳо арзи ҳастӣ менамоянд.

Дар ин матбааҳо рӯзномаҳои шахсӣ, рӯзномаи намояндагони буржуазияи Россия чоп карда мешуданд, ки «Асхабад», «Закаспийское обозрение», «Окраина» аз ҷумлаи онхо ба шумор меравад.

2. Таъсиси матбуот дар Туркистон

Матбаа ва матбуот дар Осиёи Миёна тавассути русҳо-баъди аз тарафи империяи рус забт шудани ин сарзамин ва таъсиси давлатдории русӣ дар Туркистон таъсис ёфт. Туркистон ба мафҳуми таърихӣ баъди тобеъ шудани хонигарии Хуқанд ба Русия, ҷудо шудани Самарқанд аз Бухоро ва асосан анҷом ёфтани муҳорибаи зиддиинглисии мардуми Афғонистон пайдо шуд ва нишонаи ташкили он барҳампошии давлатдории миллӣ ва шурӯи ҳукмронии русҳо буд. Туркистон дигар на шаҳаншоҳи тоҷик ва на султони турк, балки генерал-губернатори рус дошт.

Албатта, давлати навбунёд барои татбиқи сиёсати худ тамоми васила ва имконоти мавҷударо истифода менамуд ва тасарруфи афкори омма аз заруртарин шароити таъмини ҳукмравоии муассир маҳсуб мешуд. Бинобар ин,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳукумат барои нашарот заминаи техникӣ ва иҷтимоиро фароҳам меовард.

Ба туфайли инкишофи матбуоти даврӣ дар кишвар масъалаи дар Осиёи Миёна таъсис додани Кумитаи сензура (нигоҳдории сири давлатӣ дар матбуот) ва агентии телеграфӣ ба миён меояд. Соли 1881 Н.П. Остроумов таклиф ба миён гузошт, ки Кумитаи сензура дар назди генерал-губернатори Туркистон ташкил дода шавад. Вале идораи генерал-губернатор ин таклифро рад намуд ва барои чопи мавод дар рӯзнома ва маҷаллаҳои маҳаллӣ танҳо аз Петербург иҷозат гирифта мешуд.

Голи 1881 ҳукумати подшоҳии рус Маркази агентии телеграфӣ ташкил дод ва моҳи октябри ҳамон сол дар шаҳри Тошкент шӯъбаи он ба кор шурӯъ намуд. Сардори шӯъбаи мазкурро муҳаррири рӯзномаи «Туркестанских ведомостеи» полковник Н.Маев ба ӯҳда дошт. Моҳи майи соли 1882 бошад, Агентии телеграфии шимол (СТА) таъсис ёфт, ки тамоми телеграммаҳои он дар саҳифаҳои матбуоти Осиёи Миёна чоп мегардид.

Дар солҳои 1870-1880 ҳукумати подшоҳии Русия барои танзими тарафҳои сиёсат ва иттилооти нашри ахбор замина фарохам месохт. Соли 1882 Туркистон баробари таъсисёбии Агентии иттилооти Шимол (СТА) (23 майи 1882) узви он ва Н. Маев намояндааш дар кишвар таъин гардид. Аз соли 1881 кӯшиш ба амал омад, ки дар дафтархонаи ҳукумати Туркистон сензураи кишвар ташкил ёбад, аммо ба ин ҳукумати марказӣ иҷозат надод ва ҳар нашрия сензори алоҳида дошту ба саридораи корҳои матбуот дар Санкт-Петербург тобеъ буд ва барои нашрияҳои нав ҳам танҳо он рухсат медод.

«Туркестанские ведомости». Нахустин нашрияи даврагии Осиёи Миёна буда, вай ҳамчун нашири андешаи генерал-губернатори рус дар Туркистон аз 28 апрели (10 майи) соли 1870 то 15 декабри соли 1917 нашр шудааст. То соли 1892 таҳрири рӯзномаро Н.А.Маев ба дӯш дошт. Баъдтар А.П.Романович, С.А.Геппенер, Н.Г.Малицский онро таҳрир намудаанд. Олимони номдори рус, ки соҳаҳои мухталифи Шарқро таҳқиқ намудаанд, аз ҷумла, В.В.Бартольд, Л.С.Берг, А.П.Федченко, И.В.Мушкетов, В.Ф.Ошанин бо рӯзнома ҳамкорӣ намудаанд ё ҳадди аққал аз эҷоди онҳо истифода намудааст. Дар нашри «Туркестанские ведомости» аз нигорандагони таҳҷоӣ Сатторхон Абдулғафоров (аз Хуқанд) иштирок намудааст. Соли аввал рӯзнома ҳамагӣ 17 шумора баромад, аз соли 1871 ҳафтавор буд, аз соли 1903 моҳе се шумора, аз соли 1907 боз моҳвора ва аз июли 1907 ҳафтае 5 шумораги ба табъ расидааст. Рубрикаҳои асосиаш инҳо буданд: «Ахбори дохилӣ», «Воқеа ва хабарҳо», «Ахбори хориҷ», «Аҳволи маҳал», «Фелетон», «Дар кишвар» ва «С-Петербург». «Турестанские ведомости» ба масъалаи омӯхтани мавзӯи иқтисодӣ, қаламрави ҷуғрофӣ, анъанаи миллӣ, маданӣ, расму ойин, адабиёту фарҳанг низ зиёд таваҷҷӯҳ мекард. Сабаб дар он зоҳир мегардид, ки донистани ин ҳама соҳот барои дуруст ба роҳ мондани муносибати ҳукумати марказии Русия бо мардуми ин сарзамин, пурсамар истифода бурдани имконияту захираҳои он зарур буд. Хамчунон матолиби илмие, ки перомуни ин масъалаҳо дар «Туркестанские ведомости» ба нашр мерасиданд, аслан ба рапортҳое табдил меёфтанд, ки он рапортҳо коршиносони русро ба авзои иҷтимоии ин кишвар ошно мекарданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мақсади матбуоти расмии ҳукуматӣ иборат аз он буд, ки сиёсати мустамликахоҳонаи ҳукумати русро таблиғ кунад ва ба тоҷирону коршиносони рус итминон бахшад, ки Осиёи Миёна манбаъи муҳими захоири табиӣ барои саноати Русия мебошад. Ҳадафи таблиғи сохтмони заводҳои аввалин дар Осиёи Миёна, роҳи оҳани Оренбург-Тошканд, таъсиси макотиби русӣ барои мардуми таҳҷоӣ он буд, ки рӯшанфикрони миллиро, бахусус, тоҷирон ва сохибкорхонаҳоро ба тарафи ҳукумати рус баргардонад.

Дар пахлӯи матбуоти расмии русӣ барои синфи коргари русзабон, хоҷагиҳои яккадасти деҳқонии русзабон, ки дар масири ду қарни охир сокини Туркистон гардида будаанд, афкори шовинистиро таблиғ менамуд. Ҳамзамон, ба ин дар матбуоти расмӣ як идда шарқшиносони рус ҳамкорӣ мекарданд, ки дар таҳқиқот ва навиштаҳои онҳо ду самтро бояд суроғ кард:

1. Мақсади аслии навиштаҳои онҳо шиносонидани тариқи зиндагии мардуми он кишвар барои ҳокимон буд, то бад-ин васила ҳукумат битавонад муносибати худро нисбат ба ин минтақа ба таври амиқ ба роҳ монад. Яъне, ҳар гуна матолиби мазӯъи кишваршиносӣ, сарфи назар аз он ки вай мутааллиқи кадом соҳа аст, хоҳ зироату саноат, хоҳ этнографӣ, ҳунар ва ё фарҳанг ғарази сиёсӣ дошт.

2. Матолиби мазкур, марҳилаи нави илми шарқшиносии рус барои омӯхтани мардуми Туркистон гардид. Дар ин матлаб, аксаран матолиби дуруст ва дорои ҷанбаи илмӣ пиромуни таърих ва фарҳанги Осиёи Миёна ба табъ мерасид. Минҷумла, «Туркестанские ведомости» дар охири қарни нуздаҳ қисматеро аз китоби Майендорф «Путешествие из Оренбурга в Бухару» чоп кард, ки дар он баҳои дурусти демографӣ ба Осиёи Миёна дода шудааст.

Матбуоти русии Туркистон махсусан дар солҳои 80-90-и қарни нуздаҳ афзоиш ёфт. Он вақт рӯзномаҳои «Закаспийское обозрение» (1895-1913), «Окраина» (1890-1898), маҷаллаҳои «Среднеазиатский вестник» (1896-1907), «Средняя Азия» (1895-1896) таъсис ёфтанд.

«Окраина» Ин рӯзномаи хусусие буд, ки дар Самарқанд ба вуҷуд омада, солҳои 1890-1894 дар ҳамон ҷо ва сипас бо номи «Самарқанд» дар Тошканд чоп шудааст. Он дар ибтидо ҳаррӯза ва дертар ҳафтае 2-3 шумора чоп мешуд. «Окраина» на танҳо ахборро ба интишор мерасонд, балки порчаҳои насри адабиро ҳам чоп мекард ва ҳамчун замимаи он бештар аз бист рисолаи илмию оммавие, ки хонандагонро бо водии Фарғона, Искандаркӯл, роҳи оҳани Осиёи Миёна шиносонидааст, пешкаши хонандагон гардонид. Аҳамияти ин нашрия пеш аз ҳама дар замимаҳояш мебошад, дар очеркҳои илмӣ-кишваршиносиаш мебошад, ки диди сайёҳон ва муҳаққиқони русро нисбат ба Осиёи Миёна ошкор менамояд.

2

«Туркестанская туземная газета» («Газетаи аҳолии маҳаллии Туркистон»), Газета, органи ҳукумати подшоҳии рус; июли 1870 ҳамчун иловаи «Туркестаниские ведомости» таъсис ёфт. Аз соли 1883 мустақил ва то феврали 1917 чоп шуд. Ҳафтае чор бор (ду шумора ба русӣ ва ду шумора ба забони ӯзбекӣ) бо тиражи 500-600 нусха мебаромад.

Дар хабару мақолаҳое, ки дар газета чоп мегардид, сиёсати

мустамликадории ҳукуматдорони рус дар Осиёи Миёна дастгирӣ карда мешуд. Газета дар бисёр маводҳояш афкори шовинистиро тарғиб менамуд ва дар ин самт як қатор кишваршиносон, тадқиқотчиён, олимони забоншиносу таърихшиносон бо ҳар роҳу восита ин ақидаҳоро тарғиб мекарданд. Рӯзномаи расмии ҳукуматдорони рус буд ва сиёсати давлатро татбиқ менамуд, махсусан ба масъалаи заминдорӣ таваҷҷӯҳ мекард.

«Туркистон вилоятининг газети». Таъсиси матбуоти русзабон барои ба вуҷуд омадани нашрияҳои расмии кишвар ба забонҳои миллӣ низ замина ба вуҷуд овард. Зеро барои татбиқи акидаи худ дар байни як халқ ва муътақид кардани ин халқ ба он чи ки дар сиёсати ҷорӣ ифода ёфтанист, матбуоте зарур буд, ки барои халқ бо забони вай ин мафҳумро мегуфта бошад. Мавзӯе, ки дар ин маврид ба миён омад, иборат аз он буд, ки кадоме аз забонҳои маҳаллии Туркистон метавонистанд ба сифати забони матбуоти расмии кишвар хизмат кунад. Тавре академик Бартолд ёдоварӣ кардааст, дар ибтидо ба сифати забоне, ки барои нашри матбуот интихоб шуд, занбонҳои тоҷикӣ ва қирғизӣ буданд, вале соли 1870 аввалин рӯзномаи Осиёи Миёна ба забони туркии чағатой-ӯзбекӣ ба ҳайси замимаи «Туркестанские ведомости» чоп шуд, ки муҳаррири он дар айни вақт муҳаррири «Туркестанские ведомости» Маев буд. «Туркистон вилоятининг газети» муддате тарҷумаи тахтулафзии рӯзномаи русиро мемонд. Аз соли 1891 вай бо чоряки қатъи маъмулӣ ҳафтае ду бор ба забони ӯзбекӣ ва ҳафтае ду бор ба забони қирғизӣ мебаромад. Аз соли 1883 нашри ӯзбекии он мустақил шуд ва доир ба масъалаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмии кишвар, робитаҳои Туркистону Россия мақолаҳо чоп мекард. Дар атрофи нашрия иддае аз журналистон ва адибони туркзабон, аз ҷумла, Фурқат, Шоҳимардон Иброҳимов, Муҳаммадҳасан Чанишев, Сатторхон Абдулғаффоров ҷамъ омаданд. Ш.Иброҳимов муҳаррири дуюм, Н.Остроумов муҳаррири сеюми (1883) он буданд. Онҳо ҳатто ба сафарҳои мамлакатҳои Шарқи исломӣ баромада, аз ҳаёти ин сарзамин барои нашрия сафарномаҳо менавиштанд. «Туркистон вилоятининг газети» ба сифати аввалин нашрияи миллии Осиёи Миёна эътибори хос дорад, вале он ақидае, ки Акбаров ва Эрназаров изҳор кардаанд «ин нашрия шурӯи матбуоти демократӣ дар Осиёи Миёна аст», ғалат мебошад, зеро «Туркистон вилоятининг газети» на хусусияти демократӣ, ва на хислати миллатхоҳона, балки хислати расмии оддӣ дошт.

Дар солҳои 80-уми қарни XIX матбаа ва литографияҳои давлативу хусусии Осиёи Миёна бо ҳуруфчинҳои таҳҷоӣ низ таъмин мешуданд. Масалан, дар матбааи «Туркистон вилоятининг газети» Ш.Бекулов, А.Явушев. А.Бектемиров, С.Хоҷаев, Х.Хоҷаев, А.Хоҷаев, М.Каримов кор мекарданд. Абдулло Авлонӣ тавонист дар шаҳрҳои Хуқанд ва Тошкент дастгоҳҳои чопи ҳуруфӣ ва сангиро ба вуҷуд биёрад. Ба вуҷуд омадани матбааи миллӣ, пайваст шудани Мовароуннаҳрро ба ҷараёни умумии матбуоти дунё, аз ҷумла, матбуоти форсизабон ифода мекунад. Як душворие, ки дар ин миён омад, тавлид ва инкишофи наҳзати пантуркизм дар империяи Россия буд. Асосгузори ин назҳат олим ва тарҷумони тоторҳои Қрим Исмоил Гаспаринский (1851-1914) мебошад. Вай аз пайравони содиқи монархст Катков - муҳаррири «Московские новости» буд.

Ба Туркистону Бухоро ақоиди дигар, аз ҷумла, андешаҳои муттаҳидии

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

исломпарастии Ҷамолиддини Афғон ҳам ба андозае роҳ меёфт. Аммо таъсири он чандон зиёд набуд.

Дар ин миён Ахмади Дониш ва пайравони вай бо таблиғи наҳзати маорифпарварӣ ва тарзи давлатдории асрии уру пой пардохтанд. Дуруст то ба имрўз мо маводе надорем, тавассути он собит созем, ки Аҳмади Дониш ба матбуоти кишвар ва ё форсизабони хориҷ ҳамкорӣ дошта бошад. Аммо яқин аст, ки шогирдону пайравони вай рўҳияеро, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола» ифода ёфтааст, дертар ба саҳифаи матбуот кашидаанд ва аз тарафи дигар наздик будан ба ин ақида ва чунин шакли тафаккур равшанфикрони моро ба муқоисаи сохти аморат бо давлатдории аврупоӣ во медошт ва беҳтарини онҳо ба ин васила дурустро интихоб менамуданд.

Олим ва нависандаи маорифпарвар Аҳмади Дониш ду маротиба - солҳои 1850-1860 ва 1870-1880 ба Петербург сафар намуда, ба фикру ақидаҳои инқилобчиёну демократҳои рус аз иаздик шинос гардид. Ва аз он ки давлатҳои Аврупо бо дастовардҳои илмиву фании хеш оламро ба ҳақиқат оварда буданд, мардуми Шарқ дар хоби ғафлат буданд, ўро ин сахт дар шигифт меовард. Амирону шоҳон саргарми айшу нўш будануд уламои худхоҳу чоҳталаб аз паси нафси бетаги хеш гардида, ҳама чизро ба ҳукми фаромўшӣ дода, ба қавли Аҳмади Дониш на амри маъруфу наҳии мункарро дуруст ба анҷом мерасониданд ва на андешаи аз даст рафтани обу хоки бобоиро мекарданд.

Дар ҳамон замони басо тақдирсоз Аҳмади Дониш ва як гурўҳ равшанфикрону маорифпарварони кишвар дар боби ислоҳоти мактабу маориф фикру андеша доштанд ва ба ҷароҳатҳои миллат малҳамро аз илму маърифат меҷўстанд. Аз ҷумла, Аҳмад махдуми Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва памфлети сиёсии «Рисолаи таърихӣ» камбудию норасогиҳои ҷомеаро бо далелу бурҳони қотеъ собит намуда, корношоямӣ ва ноўҳдабароии амирони манғитиро рўи рост, нотарсона зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Андешаю фикрҳои ўро пайравону шогирдонаш дар охири садаи XIX ва оғози қарни XX идома доданд.

Ҳамзамон, ба ақидаҳои фавқулзикр ба Осиёи Миёна мафкураи сиёсии аҳзоби инқилобии Россия ҳам таъсир карданд ва дар байни онҳое, ки бо таблиғи ин ақидаҳо машғул буданд, ҳам социал-демократҳо ҳам гурўҳи озодии меҳнат буданд. Дар охири карни XIX онҳо ба Осиёи Миёна асосан варақаҳо, хитобномаҳо, плакатҳо ва брошюраҳоро меоварданд ва бештар онҳоро дар байни коргарону аскарони рус паҳн мекарданд. Вале он ақида ғалат аст, ки гўё танҳо мардуми русзабон аз ин матолиб истифода мебурда бошанд, балки варақаҳо ва матолиби дертар пайдо шудаи русӣ дар байни мардуми таҳҷоӣ низ гиранда доштанд ва ин таъсири онҳоро дар сарзамии муайян месохт. Вале ҳатман масъалае пеш меояд, ки чӣ гуна мардуми таҳҷоӣ, аз ҷумла, тоҷикон метавонистанд аз ин нашрияҳо истифода намоянд. Ин имконро эҳтимолан се вазъияти он вақта метавонист фароҳам созад:

1. Аз рўи маълумоти идораи омори Русия дар ибтидои қарни бист дар макотиби русӣ-маҳаллии Туркистон тақрибан ду фоизи аҳли зиё саводи русӣ гирифтанд. Ин мардум, ё ҳадди ақал, иддае аз онҳо метавонист ҳавсалаи хондан ва шарҳи матбуотро ба дўш дошта бошад;

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

2. Ҳам намояндагони ҳукуматдории рус ва ҳам табъидшудагони ҷунбишҳои сиёсӣ супориши расмӣ доштанд, ки забони аҳолии маҳаллеро, ки он ҷо кор мекунанд, биёмӯзанд, то бад-ин васила тавонанд таъсири амиқтаре дар он ҷой дошта бошад. Бегумон ин дониши забони як василаи нашри муҳтавои матбуоти номбурда дар байни аҳолии таҳҷоӣ мешуд.

3. Дар байни коргарони муассисоти саноатӣ ва корфармоёни хурдрутбаи ин муассисот, ки аксар мардуми таҳҷоӣ буданд ва ҳамчунон дар байни тоҷирон, ки бозаргониашои ба роҳи Урупо ҳидоят мекард, ашхоси донандаи забони русӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо низ мустақиман метавонистанд аз ин матбуот истифода кунанд. Ба ин тартиб, матбуоти русизабони Осиёи Миёна сарфи назар аз он, ки ошкор нашр шуда буданд, ё пинҳонӣ на танҳо ба мардуми Урупоӣ, балки ба мардуми таҳҷоӣ низ таъсир дошт. Аз нигоҳи дигар ин матбуот ба мардуми русидони Урупо ва Русия як василаи шиносоӣ ба ҳаёти мардуми ин сарзамин гардид.

3. Матбуоти сиёсӣ дар Осиёи Миёна

Матбуоти сиёсии Мовароуннаҳр дар масири қуруни Х1Х-ХХ матбуоти русӣ буд. Аслан, чунин нашрияҳо аввали қарни ХХ оварда шуданд ё нашр гардиданд. Интишори онҳоро ҳамчун саҳми як ҳизб донистан саҳеҳ нест. Ҳамаи аҳзоби сиёсии Русия дар Туркистон хам намояндагони худро доштанд ва онҳо матбуоти худро таъсис медоданд ва ё адабиёти сиёсиеро, ки аз марказ меоварданд, паҳн мекарданд. Матбуот ва адабиёти марксистӣ-ленинӣ дар Осиёи Миёна асосан солҳои инқилоби якуми рус, дар натиҷаи таъсири ин ҳаракаги бузург ба халқҳои Шарқ ва мадади матбуоти болшевикон пайдо шуд. Ва бесабаб нест, ки тарғиботчиёни аввалини марксизм дар Осиёи Миёна русҳо буданд.

Дар Туркистон ҳарсе навъи адабиёти сиёсии шӯришгарон варақа ва хитобномаҳо, матбуоти пинҳонӣ ва нашрияҳои ошкор ба вуҷуд омадааст. Аввалин намунаи чунин нашрияҳо дар Осиёи Миёна варақаву хитобаҳое буданд, ки онҳо ҳанӯз аз ибтидои аср аз шаҳрҳои марказӣ - Петербург, Москва ба ин ҷо фиристода мешуданд. Варақаҳои инқилобӣ ба забони русӣ навишта шуда бошанд ҳам, ба аҳолии маҳаллӣ дастрас буданд. Зеро сотсиал-демократҳои пинҳонкори рус ин варақаҳоро гирифта, мазмуни онҳоро ба таври оддӣ ба мардум нақл мекарданд ва ба ҳамин васила аҳли Осиёи Миёна низ бо воқеияти Русия ва чаҳон шинос шуда метавонистанд. Варақаҳои коргарӣ ҳамчун шакли аввали адабиёти сотсиал-демократӣ дар муборизаи синфии меҳнаткашон, дар бедории шуури онҳо роли муайяне бозидааст. Яке аз аввалин варақаҳо «Мактуб аз Петербург» ном дошт, ки 7 майи соли 1901 дар Хуҷанд пайдо шуд. Дар ин мактуб дар хусуси намоиши меҳнаткашони Петербург, ки 4 март дар назди Собори Қазон воқеъ гардидааст, нақл карда мешуд. Муаллифи мактуб золимӣ ва ҷабрпешагии хукуматдоронро дар шахси сардори шаҳр генерал Клейилс тасвир **намуд**аааст. Мақсади ин варақа бовар кунондан аст, ки зулм ба ҳадди тоқатшикан расидааст ва ин занҷир бояд пора карда шавад.

Дар байни деҳаҳо хитобномаву варақаҳое, ки ба Осиёи Миёна фиристода мешуданд, «Ахбор дар бораи съезди II РСДРП», брошюраҳои К.Маркс, Ф.Энгелс,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

В.И.Ленин, Г.В.Плеханов ва дигар адабиёти сотсиал-демократӣ буд.

Аввали соли 1903 дар шаҳрҳои Туркистон, аз ҷумла дар Тошканду Хуҷанд расм-памфлети дар матбаа чоп шудаи гурӯҳи хориҷии Иттифоқи сотсиал-демократҳои рус паҳн карда шуд. Маънии асосии ин расм- даъват ба муборизаи зидди ҳокимои буд, лиҳозо он шиори зерин дошт:

«Ё озодона зиндагӣ мекунем, ё дар муборизаҳо қурбон мешавем!».

Охирҳои соли 1904 ва ибтидои соли 1905 ташкилотҳои маҳаллии сотсиал-демократҳои Туркистои худашон имконияти нашр кардани варақаву хитобномаҳоро пайдо карданд. Шабномаҳои аввал ба тариқи чопи сангӣ зиёд карда мешуданд. Охирҳои январи соли 1905 як варақае нашр шуд, ки ба якшанбегии хунин вақф гардида, дар он шарҳи воқеаи Петербург ва оғози шӯриш ифода меёфт. Варақаи дигаре, ки моҳи феврал нашр шуд, ба шуриши роҳиоҳанчиёни Осиёи Миёна дар моҳи феврал бахшида шудааст. Дар яке аз ин варақаҳо аз шӯриши коргарони кони ангишти Заврону Киштути саргаҳи Зарафшон соли 1895 ба амал омада буд, ёдоварӣ карда мешуд.

Фақат дар давоми моҳҳои март-октябри соли 1905 гурӯҳи тошкандии ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия 16 варақаи чопи сангиро нашр намуд, ки дар онҳо аз хусуси корпартоии роҳиоҳанчиён, шӯриши солдатҳо, ҷанги русу япон нақл карда мешуд.

Моҳи марти 1905 дар Ашқобод ва моҳи октябр дар Тошканд аввалин варақаву хитобномаҳои чопӣ ба вуҷуд омаданд. Худи ҳамон сол дар Тошканд 70 номгӯй варақаву хитобномаҳо бо теъдоди 7600 нусха чоп шуданд. Охирҳои соли 1905 аввали соли 1906 гурӯҳҳои дар Самарқанд, Чорҷӯ, Хуҷанд, Қизил-арвот будаи инқилобчиён ҳам имконияти нашри варақаҳоро пайдо кардаанд. Доираи мавзӯи варақаҳои мазкур хело васеъ буда, дар онҳо ба аскарҳои нав аҳамияти савганди ҳарбӣ маънидод, сабабҳо ва рафти ҷанги русу япон ошкор, дар хусуси якуми май нақл карда, дар баъзе варақаҳо шеърҳои инқилобӣ интишор мешуданд. Як силсилаи варақаҳо ба ҳаёти рӯзмарраи аскарҳо, коргарон бахшида шуда, онҳо ғояи соф синфӣ доштанд ва хонандагони худро ба инқилоб даъват мекарданд. Масалан, соли 1905 дар Хуҷанд бо номи «Ба ҳамаи коргарони роҳи оҳани Осиёи Миёна» варақае паҳн карда шудааст, ки вай роҳиоҳаичиёнро ба дастгирӣ намудани корпартоии коргарони стансияи Черняево, ки аз 9 апрел давом дошт, даъват мекунад.

Охири соли 1905 гурӯҳи тошкандии РСДРП як силсила «варақаҳо аз ҳаёт»-ро чоп кард. Онҳо суратдор буда, дар хусуси ҳаёти ҳарбӣ ҳикоя мекарданд. Қисми зиёди варақаҳое, ки дар Тошканд нашр мешуданд, ё аз ҳаёти аскарҳо хикоя мекарданд, ё ба онҳо нигаронида шуда буданд. Моҳи октябри соли 1905 ҳукуматдорони маҳаллӣ як гурӯҳ аскарҳо, иштирокчиёни шӯришро тирборон карданд. Ба ин муносибат ташкилоти тошкандии сотсиал-демократҳо варақае интишор намуд, ки дар он аз ҷумла зикр мешавад:

«Мо, коргарон, аз фавти рафиқони бовафои худ сахт андӯҳгин буда, ба гунаҳкорони ин разолат нафрат мехонем. Ба рафиқони аскарамон изҳори ҳамдардӣ мекунем.

Шӯҳрати абадӣ бод, ба рафиқони қурбоншуда! Бигузор ҳокимони хунхор

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

донанд, ки мо аскарҳоро дар муборизаашон ба ҳар роҳу васила дастгирӣ мекунем. Зеро роҳи пешгирифтаи онҳо роҳи инқилобии мо низ мебошад!.. Чун нишони ҳамраъйӣ ба аскарҳо мо корпартоӣ зълон мекунем».

Варақаи мазкур ҳамраъйии меҳнаткашонро ба амал овард. Масалан, коргарон ва аскарҳои Ӯротеппа ин даъватномаро муҳокима карданд, дар яке аз ҷамъомадҳо (октябри 1905) духтур Палме аскарҳоро даъват намуд, ки ба сӯи меҳнаткашони ба шӯриш баромада тир накушоянд.

Дар навбати худ, бо ташаббуси сотсиал-демократҳои Ӯротеппа, ки сардорашон духтур Падме буд, низ варақаҳо интишор карда мсшуд. Яке аз онҳо «Ба мардуми ЎЎротеппа» ном дошта, дар арафаи соди нави 1906 баромадааст:

«Мардуми Ӯротеппа! -гуфта шудааст дар он варақа. -Наход то ҳол мо аҳамияти он мавҷи бузурги ҳаракати инқилобиеро, ки тамоми Русияро фаро гирифтааст, ҳис накарда бошем? Наход онро, ки бародарони мактабхон, фарзандон, додару хохаронамонро мепарронанд дида, хомӯш ва бетараф истем?

.. .Хуни ноҳақ рехтан бас аст. Бас аст он разолате, ки ба туфайлаш беҳтарин намояндагони мо — муборизони роҳи озодиву баробарӣ қурбон мешаванд».

Дар шароити Осиёи Миёна, дар ҷое, ки аксари аҳолиаш деҳқон аст, пайдо шудани варақаҳое, ки дар онҳо дар хусуси муносибати сотсиал- демократҳо бо деҳқонон, дар бораи ба муборизаи инқилобӣ даъват намудани деҳқонон сухан меравад, кори муҳиме буд. Аз ин рӯ, инқилобчиён ба ин кор аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Яке аз чунин варақаҳо бахшида ба 44-солагии бекор карда шудани ҳуқуқи крепостноӣ дар Хуҷанд паҳн карда шудааст.

«Ба халқ замин ва озодӣ лозим аст ва онро худи меҳнаткашон бояд ба даст оранд, -зикр мешавад дар ин варақа. -Аз шоҳу амирон, аз ҳокимон онро пурсидан лозим не, балки бо зӯрӣ соҳиб шудан даркор. Мо аз шоҳ садақа намепурсем, зеро дар ҳаёт дидем, ки шоҳ ба пурсандагон чӣ гуна ҷавоб медиҳад. Хуне, ки 9 январ рехт, моро ба ҳушёрӣ даъват мекунад, ин қасос мехоҳад».

Соли 1906 кори таблиғу ташвиқ дар Туркистон хеле пеш рафт. Дар ин сол дар Тошканд, Самарқанд, Ашқобод, Хуҷанд, Хӯқанд ва Қизиларвот 192 номгӯй варақа чоп шуд. Агар соли 1905 35 фоизи варақаҳо бо усули чопӣ баромада бошад, соли 1906 ин 83 фоизро ташкил дод, охирҳои сол маркази фаъолияти таблиғотӣ ба Хӯқанд кӯчид. Ҳамаи варақае, ки дар ин ҷо нашр шудааст, бо усули табоатӣ баромада, аз 1 то 2 ҳазор нусха дошт. Аксарияти онҳо мавзӯъҳои маҳаллиро дарбар мегирифтанд.

Аммо аввали соли 1907 нобарории кори сотсиал-демократҳо сар шуд. Политсия баъзе чопхонаҳоро ёфта, фаъолони ҳизбиро ба ҳабс гирифт. Дар ин сол хамагӣ 55 варақа нашр шуду халос.

Солҳои минбаъда - солҳои аввали фарорасии иртиҷо вазъият боз ҳам вазнинтар гардид. Соли 1908 ҳамагӣ 10 ва соли 1909 2 номгӯй нашри чопӣ баромаду халос.

Агар он чиро, ки дар боло зикр кардем, ба таври хулоса нигарем, чунин натиҷа баровардан мумкин: аз соли 1904 то соли 1909 дар шаҳрҳои зерини Туркистон ба ин миқдор матбуоти ғайрдаврагии пинҳонӣ ба табъ расидааст:

Тошканд -167, Хӯқанд -31, Ашқобод -31, инчунин дар Хуҷанд, Самарқанд,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Марв, Ўротеппа ба миқдори камтар аздаҳтогӣ. Онҳо асосан хитобномаву варақаҳо буданд ва номгўи умумиашон бештар аз 400 ададро ташкил дод.

Давраи босамартарини фаъолияти таблиғотии инқилобиҳои Туркистон ба соли 1906 рост омад. Маҳз хамон сол саросари Осиёи Миёнаро мавҷи эътироз аз сохти сиёсӣ фаро гирифт. Аввалин даъватномаву варақаҳо ва хитобаҳои бо забони тоҷикӣ, туркманӣ ва дигар халқҳои Осиёи Миёна таълифшуда низ дар ҳамин давра ба вуҷуд омадаанд.

Мавриди таъкид аст, ки варақаву хитобаҳои инқилобӣ дар солҳои минбаъда, махсусан дар давраи ҷанги якуми ҷахон, соли 1916 ба муносибати дар Хуҷанд сар шудани шўриши зидди мардикоргирӣ ва фосилаи байни феврал ва октябри соли 1917 аз ин воситаи ташвиқотӣ пурсамар истифода шудааст.

Шабномаҳо сарфи назар аз василаи муҳими таблиғ буданашон, чун мусалсал интишор намеёфтанд, дар кори умумӣ халал эҷод менамуданд. Бинобар ин нерўҳои сиёсӣ даст ба нашри матбуоти даврӣ зада, барои асокир ва коргарон василаҳои таблиғие ба вуҷуд оварданд, ки манфиаташонро ҳимоя мекарданд. Албатта, онҳо ба шеваи пинҳонӣ аз ҳалқаҳои ҳоким ба табъ мерасиданд.

Барои возеҳ дарк кардани хислат ва равияи шабномаҳо эҳсоияи зерин метавонад далолат диҳад. Дар замони инқилоби аввали рус сотсиал-демократҳо 91 нашрияи ғайриошкор, сотсиал-инқилобиҳо 85, ҳардуяшон дар иттифоқ -2, сотсиалистҳо-4, анархистҳо-4, роҳиоҳанчиҳо-6, ҳилоли аҳмар-4, гурўҳҳои мухталиф-11 варақаҳо чоп ва паҳн кардаанд.

«Рабочий». Аввалин нашрияи пинҳонкоронаи сотсиал-демократҳои Туркистон бо ҳамин ном 20 сентябри соли 1905 ба миқдори 400 нусха дар шаҳри Тошканд интишор ёфт. Дар сармақолаи рўзнома роҷеъ ба вазифа ва мавқеи синфи коргар дар шароити онрўза сухан ронда, менависад: «Дар шахси пролетариат революцсия қувваи асосии худро дарёфт». Ҳамин таъкид дар асл бозгўяндаи равияи сиёсии ҷарида низ мебошад. Дар чанд мақолаи дигар, ки марому мақсад ва роҳҳои дастрасӣ ба онро муайян мекунанд, ошкор мегардад, ки «Рабочий» равияи болшевикӣ дошта, хонандагонашро ба муборизаи зилди ҳокимон даъват, сарнагун кардани сохти мустабид ва мустамликадориро талқин менамуд.

Ҷиҳати хосаи аввалин ҷаридаи сотсиал-демократҳои Осиёи Миёна иборат аз он буд, вай гарчӣ ба забони русӣ барояд ҳам, манфиати меҳнаткашони гуногунмиллатро ҳимоя менамуд. Дар ин бобат мақолаи «Думаи Давлатӣ ё халқро таҳқир намудани ҳукумат» мисол шуда метавонад. Ҷарида даъват шудани Думаро ҳамчун гумроҳкунии меҳнагкашон шарҳ дода зикр мснамояд, ки «Дар ҳамин Думаи авомфиребона ҳам ҳуку.матдорони рус аз сиёсати бузургдавлатӣ даст намекашанд. Инро аз он мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳукумат барои **анолни** Лахистон, Қавказ. Туркистон ва Сибир қоидаҳои махсуси сасздихӣ ташкил кардааст, ки тибқи онҳо хукуқи овоздихандагони ин «гтзарҳо хеле махдуд аст».

Бо дарназардошти ҳамин равияи пешқадами инкилобй ■оеферексияи февралии (с. 1906) РСДРГТи Туркистон «Рабочий»-ро ргани марказии худ қарор дод. ГТас аз конференсия боз як шумораи он •қх>маду бас, зеро ба зудӣ чопхонаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Рабочий» ошкор ва нашри он дар _-:.;НЛ номумкии гардид.

■ Рабочий листок Молот». Ҷаридае, кн сотсиал-демократҳои Қизил- Арвот ба номи «Рабочий листок Молот» аз 13 мохи феврал то моҳи «ихябри соли 1906 нашр намуданд, аз нигоҳи мавзуъ ва равияи сиёсӣ хзсмаи «Рабочий» буд. Ҳатто номаш ба ин чиз то андозае ишора ж*>нал. Ҷарида дар тӯли 9 мох панҷ шумора баромадааст. «Рабочий вгток Молот» кӯшидааст хусусияти пурраи коргарӣ дошта, тамоми рик*хои иҷтимоиву иқтисодиеро, ки дар байни коргарон роиҷ буд, ■■ыикос намояд. Аз ин сабаб дар он матолибе ҳам нашр шудаанд, ки ■■■акахои аҳзоби мухталифи коргариро бозгӯй менамоянд. Мақолаҳои ■е ^рида бо забони оддию оммафаҳм таълиф мешуданд, зеро аксарияти Цкпнфон коргарони рохи оҳани Қизил-Арвот буданд. Объекти асосии всзир ииз ҳаёти коргарони маҳаллӣ буд.

«Соддатский листок «Правда». Органи ташкилоти ҳарбию инқитобии ■аде гу-рӯхи тошкандии РСДРГ1 газетаи «Солдатский листок «Правда», лс заофи чор моҳи аввали соли 1906 5 шумора баромадааст. Аз шумораи •е= ўеврали соли 1906) мувофиқи қарори конференсияи сотсиал- |Щис1сратҳои Туркистон «Соллатский листок «Правда» органи Шввкилотҳои харбию инқилобшг тамоми кишвари Туркистон эълон гардид. Шйаар хаҷми 6-8 саҳифа бо адади 2-3 ҳазор нусха нашр мешуд. Гуфтан ■ипаст. ки ин аввалин ҷаридаи инқилобиюни Осиёи Миёна буд, ки бо "^иктабоатӣ баромадааст. Дар он мақолаҳои умумӣ-сиёсӣ чоп мешуданд. РрВЕикаи маҳаллӣ, ҳаёти аскарҳо. хабару маколаҳои аз Хуқанд, Хуҷавд, ^нд, Ашқоднавишташударо қариб дар ҳамаи шумораҳояш ёфган аст. Мақолаҳои М.В.Морозов, А.В.Худаш, К.Литвишко барин нкон рӯҳияи асосии чаридаро ифода менамуданд.

Дар мақолаҳое, ки доир ба шуришу корпартоиҳо навишта ланд. «Солдатский листок «Правда» бо тасвир намудани ин ё он махдуд нашуда, кӯшиш менамуд, ки натиҷаҳоро ҷамъбаст І. ё сабабҳои нобарориро ошкор карда, барои бартараф намудани ба иштирокчиёни бевоситаи ҳаракатҳо мадад расонад. «Солдатский листок «Правда» ақоиди болшевикиро таргибу кк карда, дар бедории синфии меҳнаткашону солдатҳо, дар тайёр яани шӯриши яроқноки соли 1906 роли муайяне бозид.

Дар солхои инкилоби якуми рус аҳзоби мухталифи сиёсии Осиёи Миёна, инчунин як шумора чаридаҳои «Солдат» (Ашкобод, июли 1900), «Земля и воля» (Хӯканд-Тошканд-1У-ХП 1906) ва маҷаллаи «За народ» (баҳори 1906)-ро чоп карданд.

Албатта, матбуоти пинҳонии Осиёи Миёна дар ҳаракати инқилобии солҳои 1905-1907 хиссаи арзанда гузоштанд. Ҷароиди пинҳонӣ аксар камшумор буданд, аз ин нигоҳ теъдоди камтари мардум аз таъсири онҳо бархӯрдор буд. Аз ин рӯ, он гурӯҳҳои сиёсиву ичтимоие, ки бедор кардани афкори иҷтимоиро вазифаи худ медонистанд, аз ҳар васила бо нияти таблиғотии худ истифода менамуданд. 51ке аз ин воситаҳо матбуоти умумидемократии кишвар буд. Дар мавриди истифодаи чунин нашрияхо ба ҳайси ноширн андешаҳои худ, истифодаи алании онхо дар таблиғи инкилобчиёни Туркистон аз хамсангарони худ дар марказ ва соири манотиқи кишвар пеш гузашта, аслан дар солҳои инқилоби якуми рус

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

болшевикони Осиёи Миёна рўзномаҳои «Асхабад», «Русский Туркистан» ва «Самарканд»-ро ба органҳои ошкорнашршавандаи худ табдил доданд. Рўзномаи «Пролетарий» маҳз дар хусуси хамин ду рўзномаи охирзикри демократии Туркистон —«Русский Туркистан» ва «Самарканд» сухан ронда навишта буд, ки «ба туфайли кўшиши онҳо байни меҳнаткашон ақоиди инқилобй гаргиб мешуд».

«Самарканд». Яке аз аввалин рўзномаҳои ошкори Осиёи Миёна, ки сотсиал-демократҳо дар кори таблиғотии худ пурсамар истифода мебурданд, «Самарқанд» буд. Онро 10 апрели соли 1904 савдогари бокугй Р.И.Демуров таъсис намуд ва ҷарида бо баъзе танаффусҳо то соли 1913 нашр шудааст. Барои Демуров нашрия ҳайсияти моли тиҷоратй, василаи иҷдиёд намудани авоидро дошт. Яъне муассис алоқамандие ба мўҳтавои он надошт.

Оиди самти фаъолияти ин рўзнома аз эълоне, ки бахшида ба обуна гардидани муштариён хулоса баровардан мумкин аст. Дар эълони обуна шудан барои соли 1906 чунин омадааст: «Рўзнома ба соли сеюми фаъолияти хеш шурўъ намуда, чун солҳои пешин бар зидди чабру зулм мубориза бурда, манфиатҳои меҳнаткашонро ҳифз хоҳем кард. Рўзнома накша дорад, барои ҳокимияти халк, ки дар асоси интихоботи умумй, баробарӣ, пинҳонӣ, бе фарқияти ҷинсу миллату халқият, озодии виҷдон. озо дии сухан, матбуот, иттиҳодияю мачлису ҷамъомадҳо кору фаъолият намояд».

Дар рўзнома дар мавзўъҳои сиёсӣ, адолати иҷтимой маводхо рўи чоп меомад. «Самарқанд» дар маводхояш коргарону солдатҳоро барои сарнагун намудани хокимияти подшохй даъват менамуд. Аз ҷумла, дар сармаколаи рўзнома аз 17 ноябри соли 1905 дар хусуси зиддияти байни меҳнат ва капитал, дар бобати зарурияти муборизаи байни

■писморгарону муздурон, оиди аз байн бурдани сохти капиталистӣ меравад. Бинобарон дар саҳифаҳои рўзнома аз корпартоиҳо дар Чкзза_х. Черняево, Самарканд, Андиҷон маводҳо чоп намудааст.

Оиди фаъолияти инқилобӣ доштани рўзномаи «Самарқанд» гуттутўи вазири ҳуку.мати подшоҳй Столипин ва рўзноманигори англисй *кол шуда метавонад. Ҳангоми мусоҳиба рўзноманигори англис ба Сходипин рў оварда мегўяд:

– Дар шумо озодии сухан мавҷуд нест.

Столипин ба рўзноманигор чунин посух медихад:

- Шумо рўзномаи «Самарканд» - ро як хонед ва мебинед, ки вай шг> :-:а озодона менависад.

Рўзномаи «Самарканд» дар асл хам рўзномаи хизбӣ буд ва органи ишлоти сосиал-демократхои Самарканд ба шумор мерафт. Ин чизро ҳукуматдорони подшоҳӣ хуб медонистанд ва барои бастани рўжома кўшиш мекарданд.

Самарканд» дар давраи аввали фаъолияташ ҳамчун мубаллиги шскли маҳфили умумидемократии шахри Самарқанд таборўз намуд. Ие чарида тасмим гирифт, ки «алайҳи худхоҳӣ ва зургўӣ мубориза вмула. мунофеи аҳли мехнатро дифоъ кунад, «Лизо мо муборизи роҳи ■Ькумати халқ, интихоботи умумӣ ва озодӣ барои ҳамаи миллат ва оспрн аҳолӣ, озодии виҷдон, сухан, матбуот ва аҳзоб, рўзи 8-соатаи ■ормебошем». Дар нашри он аъзоёни маҳфили номбурда

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Р.Бекгулянс, Ж-Х_Глянов ва зиёиёни пешқадами Самарқанд фаъолона иштирок рриамуданд. Аввалҳои моҳи май ба ҳайати рӯзнома М.В.Морозов *Асллг.* мешавад. Ин болшевики фидокор бо супориши ҳизб барои роиҷи **■рпеаияти** сотсиал-демократии Осиёи Миёна аз Боку омада буд. Бо ■вжл:з.ббуси Морозов аз 10 майи соли 1904 то 7 апрели соли 1907 «Сахарқанд» ҳамчун органи тавонои мубалиги ақоиди болшевикй ■ӯхрат ёфт. Дар солҳои инкилоби якуми рус ҷарвдаи мазкур дар ҳамаи ■Всьалаҳои инкилобй нуқтаи назари болшевикиро ифода менамуд, Йрк>мати мутлақиятро маҳкум ва сохти шӯроҳоро таргиб мекард. **вггиҷаи** ҳамин буд, ки ҳукумат борҳо онро баст. андоз андохт, вале ⁞рр бор рӯзнома бо номи дигар, масалан, «Новый Самарқанд», «Зграфшон» интишор мешуд. Лекин вай ба ҳар номе, ки набарояд, ба **■ккла и** инқилобии худ содиқ буд ва онро ҳокимони кишвар хуб аиглонистанд. Дар ин хусус генерал-губернатори Туркистон ЕМ алсевский навишта буд:

«Рӯзномаи аъзоёни махфили инқилобӣ «Самарканд», ки мувофиқи ■ррори суд баста шуда буд. аз нав бо номи «Новый Самарқанд» Рвромад. Ноширон калимаи «Новый»-ро бо харфи хурд чидаанд, то ба ■рнандагонаш фахмонанд. ки ин давоми рӯзномаи собик мебошад. Ба **андешаи ман нашри дубораи ин ҷарида, нотавонии ҳокимонро дар назди ин нашрияи нохалаф нишон дода, сабаби беобрӯии давлат мегардад».**

Равияи устувор, сухани қотеи зидди сохт ва таблиги муҷази василаи мазкури таблиг ҳатто дар маркази императорй маълум будааст.

Албатта, ин гуфтахо далели он нестанд, ки ҳукуматдорон хислати инқилобй доштани онро дидаву дониста ба вақҳ омада, хурсандй мекарда бошанд. Балки баръакс, ба ҳар васила нашру кормандонашро таъзик, таъкиб ва ҳабс мекарданд. Масалан, шумораи мотамии он ба хотири воқеаи 9 январи соли 1905 мусодира гардид. Танхо дар ноябр- декабри соли 1905 нашри 12 шумораш манъ шуд. Сармуҳаррираш Павел Владимирович Поздняковро барои силсилаи мақолаҳои сиёсӣ ба маҳкама кашиданд. Вале дар солҳои инқилобӣ онҳоро маҳв карда натавонистанд. Фақат баҳори соли 1907 пас аз хабсу бадарга шудани М.В.Морозов, А.Худаш, П.Поздняков. В.Быковский ин рӯзнома баста шуд.Яке аз муҳаррирон ва публитсистони беҳтарини «Самарқанд» Михаил Владимирович Морозов буд. Дар маколаҳои вай ақоиди марксистй-ленинй тарғиб карда мешуд. Дар ин бобаг силсилаи мақолахояш таҳти унвони «Сухани гарм» сазовори диққат мебошанд. Дар онҳо Морозов дар хусуси сабаб ва оқибати ҷанги русу япон, роҷеъ ба авзои инқилобии Петербург ва дигар шаҳрҳои марказии мамлакат сухан ронда, аз мардуми гуногунмиллати Осиёи Миёна ба дӯстиву бародарӣ ва муборизаи якҷоя даъват ба амал меорад. Маколаҳои ӯ муайянкунандаи самти.асосиитаблиготии «Самарқанд» маҳсуб меёбанд.

«Русский Туркестан». Рӯзномаи дигаре, ки дар солҳои инқилоби якуми рус ба минбари сотсиал-демократҳо табдил дода шуд, «Русский Туркстан» буд. Вай дар Тошканд соли 1878 гаъсис шуд. Муассиси ик ҷарида ҳуқуқшинос А.А.Сморгунер ва мухаррираш И.И.Репнер буд. Дертар иттиҳодияи ноширон таьсис ёфту чопи ин рӯзномаро ба ӯхда Пфифт.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шумораи аввал 25 сентябри соли 1898 ва охираш феврали 190" баромад. Ҳанӯз аз нимаҳои соли 1904 дар саҳифаҳои он баъзан-баъзан маколаҳои характери умумидемократӣ дошта, ба хусус дар мавзӯи озодии сухан. нашарот, баробарии миллӣ пайдо шудан гирифганд. Ва ниҳоят охирҳои ноябри соли 1905 бо истифода аз нашри ма нифести шох дар хусуси озодии сухан болшевикон идораи «Русский Туркестан»-ро пурра ба даст гирифтанд. Ба ташаббуси М.Морозов ва А.В.Худаш! рӯзномаи мазкур ба органс табдил ёфт. ки вай сиёсати ленинии масъалаҳои инкилобиро далерона таргибу ташвик менамуд. «Кадомяк кувваи палид миллату халқҳои гуногунро ба ҳам ҷанг меандозад. Он қувваи нохалаф ҷанги бародаркушона ороста. худаш онро тамошо! карданист. Мо сотсиал-демократҳо зидди чунин хунхориҳо мубориза мебарем» навиштааст. рӯзнома.

Дар «Русский Туркестан» аз болшевикон В.В.Быховский, Г.И.Шавдия, аз либералҳо Л.Саксаганский, аз анархистҳо А.Мейер, аз халкиҳо А.Борейша, аз гурӯхи мехнат И.Плят ҳамкорӣ намудаанд. -•\-умо сарфи назар аз гуногунии диди сиёсии ҳамкорон ҷарида акоиди ьарксистиро далерона таблиғ мекард. Аз ҳамин сабаб ҳам дар зарфи ду .: л 4 бор баста шуда, бисёр шумораҳояш тороҷ гардиданд ва мухарриру коширонаш борҳо ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Масалан, моҳи январи соли 1906 муҳаррир Морозов бо муддати як л хукм гирифт ва 24 августи 1906 барои «равияи зарарноки ҷарида» мухаррир А.В.Худаш ба масъулият кашида шуд ва нашри «Русский Г>ркестан» қатъ гардид. Аз 26 августто 5 октябри соли 1906 А.Б.Борейша згшри онро бо номи «Туркестан» идома дод, вақте шумораи 32 нашр худ, муҳаррирро барои маколаи «Артиш ва ҷомеа» табъид карданд. Нашри ин рӯзнома бо номҳои «Вперед» (29. Х- 3,ХН 1906. И.О.Плёт) ва •Русский Туркестан (1-11.1907. А.В.Худаш(идома ё(}>т.

«Асхабад». Моҳи январи соли 1899 ин рӯзномаро дар шаҳри Чшкобод З.Д.Чакров ташкил намудааст. «Асхабад» бо фосилаҳои гӯтохи тафреҳӣ то моҳи майи соли 1918 нашр шудааст. Дар соли 1906- 1910 бо ташаббуси Стабровский вай хусусияти сотсиал-демократӣ пайдо Е.рла, тӯли якуним сол хамин маслакро таблиг намудааст. Вай бо номи «Закаспийское обозрение» замима низ дошт.

Ин ҷо хотирнишон бояд кард, ки баъдтар дар солҳои 1907-1910 ©слшевикони Гуркисгон бо мақсади амалӣ сохтани мақсадҳои шсилобии хеш аз газегаҳои «Асхабад», «Закаспийское обозрение». Ср>едняя Азия», «Среднеазиатский курьер» васеъ истифода хмебурданд.

«Красное солкышко». Дар замони таназзули инқилоби аввали рус *жр* Осиёи Миёна нашароги аҳзоби сиёсӣ ё пайгири онҳо кам буд. Аз бгйни чанд намунае, ки пайдо шуд, яке маҷаллаи «Красное солнышко» лст- Вай худро маҷаллаи адабии сиёсӣ, ноширн андешаҳои озод номида. ягзифалор меҳисобид, ки вазоифи хоксоронаи ошкоргӯй, пешрафт ва ?елор кардани халкро адо кунад. Ноширн маҷалла ваьда мекард махолаҳоеро ба чоп расонад, ки сензураи Петербург соли 1903 манъ жгрлааст. Барномаи зерини он зълон гардид: нашри осори адабй-бадей. **жлми,** публитсистӣ, инъикоси аҳволи ватан ва маҳал, хулосаи матбуот, "пгюрат ва саноат, номаҳо ва посуххо. расмҳо, зълонҳо. Шумораи ягонаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ое я.чвари еоли 1909 дар Хуҷанд баромад ва он ба истиснои саҳифаҳон рьлонӣ. 36 саҳифа дорад. Ношир ва муаллифони «Красное солнышко» «^мояндаи суди вилояти Самарқанд дар Хуҷанд Георгий Маркеньянович Рык-Богданик ва зани ӯ Вера Георгевна буданд. Георгий Мгркеньянович (1865) дехкони латыш буда, дар харакати инқилобӣ фаъолона иштирок кардааст. То нашри «Красное солнышко» вай дар

"Матбуоти маҳалливу марказии сотсиал-демократҳо ҳамкорӣ ва даҳҳо хабару маколаҳо чоп намудааст. Соли 1908 ӯ аз ҳукуматдорони маҳаллй барои нашри маҷаллае ба номи занаш рухсат мегирад. Азбаски дар Хуҷанд чопхонаи мувофиқ набуд, онҳо нашрияашонро дар матбааи Демурови шаҳри Самарканд чоп мекунанд.

Дар сармақолаи шумораи аввал ноширон вазифаи худро ба ин маънӣ шарҳ медиҳанд:

«Красное солнышко» дар айёми душворе нашр мегардад. Чопи он ҳангоме огоз меёбад, ки зиндагониро беҳукукй, балвою низоъ, зулму таадй идора менамоянд: каломи маҳруму маслуқ чун фарёди беимдод аз байни ҳаёҳуи бетартибона ба гӯш мерасид: беҳтарин намояндагони халқ яке оҷизона хомӯширо ихтиёр намудаасту дигаре ба хоб рафтааст».

Ана дар чунин вазъият маҷалла ба вуҷуд омад, қамчун ҳомии меҳнаткашон садодод. «Красное солнышко» таъкид менамояд: «идораи маҷалла ба таъсири ҳеҷ як гурӯҳи адабй ё ҷамъиятй надаромада. манфиати меҳнаткашони таҳҷой ва муҳоҷирро аз ҳама чиз боло мегузорад».

Вокеан ҳам ҳамин тавр буд.

Дар шеъру мақолаҳои вай вазъияти душвори меҳнати коргарон, ҳаёти вазнини деҳқонон нишон дода мешаванд.

Шумораи мазкур иборат аст аз сармақола, ҳикояе бо номи «Найранги Шлемкин», таронаи «Ангиштканҳо», маколаҳои «Аввалин моликияти хусусй» ва «Заминдории деҳқонй», фелетони «Аҷина ва дворянин Лука» ва эълонҳо. Воқеан, фелетони номбурда дар назм таълиф шуда зерсарлавҳаи «Воқеаи муқаддас»-ро дошт. Шеъри «Ангиштканҳо» зерсарлавҳаи «Суруди коргарӣ» дошт:

'Тук да тук киркой стальною Глыбу черной земли.

Узкой темною тропою В гулб далеко мы зашли.

Тук да тук в дали от света,

Не видели красных дней.

Только верим дело это,

Все для счастье людей.

Тук да тук Не даётся Счастье вдруг.

А куется Силойрук...

Тук да тук.

Тук да тук в немую стену Бей мазолистой рукой Упадешь тебе на смену Живо явиться другой.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тук да тук за это дело Уж немало гибло нас.

Но кирка все также смело Все стучит и по айчаев.

Тук да тук светильник светит И долбим мы день и ночь Стукниш ты, другой ответить Итоска сомнение прочь.

Тук да тук в борьбе упорной Силой гору мы свернем.

Тронем камень не покорный Сдвинем сталью и ог нем.

Очерки дигар «Хоҷагидории деҳқонӣ» низ дар пайравии ақидаҳои ревелюсионӣ навишта шудааст. Маънӣ ва услуби вай «Ба камбағалони **веыок**» ном маколаи В. И. Ленинро ёд меорад. Малум ки дар мақолаи 1ви*бурда В. И. Ленин барои ба хонандагони камсавод фахмондани жЕхсади худ услуби хело соддаи баёни фикр, тарзи саволу ҷавобро пеш ■яркфгааст. Дар он макола «Сосиал-демокра I ҳо чӣ мехоҳанд?». «Озодии **свёсӣ** чист?» барин саволҳо ба миён гузошта, ба онҳо ҷавоб дода ■ешавад.

Айнан ҳамин равия дар мақолаи номбурдаи «Красное солнышко» ъам мушоҳида мегардад. Нафақат суол, балки шарҳаш ҳам содда аст Журнал менависад, ки «Ягон давлат мисли Русия хоҷагии қишлоқи ыфомонда надорад, дар ҳеч ҷо деҳқонон монанди дехконони Русия ввсгр заҳ.мат намекашанд, деҳқони ҳеч ҷой мисли деҳқони Русия ^~шоқ нест.

Чаро?

Чунки: деҳқони рус камзамин аст; дехкони рус замини зиёд дорад, дехкони рус умуман замин надорад!

Муаллиф мафҳуми камзаминро бо он шарх медиҳад, ки деҳқон ҳеҷ ■2ХЛ оилаашро гаъмин карда наметавонад, замини бисёр. аммо боз аз табъи дил истифода бурдан мушкил, деҳқон безамин аст, чунки вай жч вақт соҳиби ҳақиқии замин набуд.

Чунпн маът шодкунии масъалаи дехкош!, бегумон равия! 1 пешқадам аст. Албатта вуҷудияти чунин маҷаллаи озодсухан аслан ба табъи ҳокимон намефорид ва бесабаб нест. ки 14 январи соли 1909 Рык- Богданик аз котиби суди Самарқанд ба нн маънӣ огоҳнома гирифт.

«Шумо ё зани шумо ба унвони «Красное солнышко» маҷаллае нашр намудаед ва дар он маколаҳое табъ меёфтанд, ки сензура ошкоро манъ I намудааст. Ҷаноби раиси суд нашри онро ба ному насаби шумо| номуносиб дарёфта, ба ман супориданд ба шумо бинависам, ки агар I нашри маҷалларо хоҳ бо имзои худ ва хоҳ бо имзои занатон давом доданӣ бошед, истеъфо пурсед ва дар сурати ба ҷо наовардани ин талаб ҷаноби I суд арз намуданд илтимос накунед ҳам, маҷбур мешаванд, шуморо аз I кор холӣ намоянд».

Албатта, ноширон аз ин гаъкид наҳаросида, ба нашри шуморан I дуввум тайёрӣ диданд. Моҳи феврал Вера Георгевна мақолаҳои тайёри I шумораи навбатии «Красное солнышко»-ро гирифта, ба Самарқанл I меравад. Аммо аз сабаби мусодира гардидани дастнависҳо нашрн I мачалла қатъ мегардад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Ташкентский рабочий». Ин нашрия ҳамагӣ як шумора 13 ноябрн I соли 1913 чоп шудааст. Вай пайрави рӯзномаҳои болшевикии «Правда» I буда, бо номи «Муташаккил бошед», «Матбаа ва магозаи Эделман»,! «Устохонахои роҳи оҳани Тошканд» мақолаҳо нашр намудааст. Барои I дарёфти рӯҳияи он шеъри зайл низ далолат медиҳад:

Хотят убить в нас дух могучий
Начайкой. пулей и штыком.
Но в темноте, под грозной тучей,
Крепимся мы и бури ждем...
В снегах тайги. под солнцем юга.
Нам не дают дышать и жить.
Но станем грудью друг за друга,
И мы пойдем, чтоб победить.

Дар мақолаҳои «Организуйтесь», «Типография и магазин! Эдельман», «Мастерское Ташкентский железный дорох^и» ва гайрахо! газета шароити вазнини ҳаёти коргаронро қаламдод намуда, озоди барон I корпартоӣ. рӯзи кории 8-соата, таъсис додани республикаи демократӣ I барин шиорҳои инкилобиро пайваста чоп мекунад. Газета дар пайравии I «Правда» коргаронро даъват менамуд, ки ба муқобили истисморгарон I муттаҳид шаванд.

Газетаи «Ташкентский рабочий» ба рӯзномаи сернуфуз табдил! наёфт. Зеро вай ҳамагӣ як шумора аз чоп баромаду халос. Ин нишонаиI он буд. ки дар кишвар ҳаракати коргарӣ чандон пурзӯр набуд, Дар ин| ҷо маркази ягонаи рохбарии партиявй фаъолияг надошт.

Вале чопи ҳамин як шумораи газета ва дар байни мардум паҳн гардидани он аз он хабар дод, ки дар Туркистон нашрияи коргарӣ ба мнён омадааст

Як нусхаи ин ҷарида, ки ҳамагӣ 65 адад баромада буд, ба В.И. Ленин фиристодашуд.

4. Нашрияҳои ҷадидӣ дар Туркистон

Дар охирҳои соли 1905 ибтидои соли 1906 дар Туркистон як идца нашрияҳои хусусие ба миён омаданд, ки онҳоро буржуазияи миллии навбунёди Осиёи Миёна нашр менамуданд ва ҳамаи онҳо равияи ҷадидии т> ркпарастона дошта, бо забони туркӣ мебаромаданд. Яке аз сабабҳои гслии хислати туркй доштани матбуоти кишвар дар таъсири амиқ ва мусалсали «Тарҷумон» ба афкори иҷтимоии кишвар зохир мегардид. Ин чарида аз нахустин рӯзи таъсисаш то охирин шумора устуворона барои ваҳдати миллати туркзабон ва ба ин васила пурқувват намудани давлати турк мубориза мекард ва афсӯс мехӯрд, ки «миллати сесадмиллионии мо акаллан як ширкати киштӣ надорад, ки соҳиби 30 киштӣ бошад, ё банки акаллан 5 миллион сӯм сармоядор надорад. Маблағҳои тиҷоратии Тӯрон, Эрон, Туркия. Миср, Ҳиндустон дар дасти хориҷиҳост». Албатта, аз ин равиш ҳукумати Туркия розй буд ва «Тарҷумон»-ро ба ҳар васила дасгирӣ намуда, асбоби нашри онро дар ҳама чо, аз чумла дар Моваруннаҳр фароҳам месохт.

Бо таъсири «Тарҷумон» ва муҳаррири он рӯшанфикрони Осиёи Миёна,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

минҷумла Мунаввар Қорӣ ва Маҳмудхӯча Беҳбудӣ барои муттаҳид кардани нирӯҳои иҷтимоӣ кӯшиш карданд ва амалан онҳо чорчиёни андешаҳои пантуркизм буданд. Зиёиёни бедор бо таъсири маданияти турк ва қисман маданияти рус ба кори эҷод даст заданд. Аз чумла дар ҳамин давра Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ песаи «Падаркуш»-ро навишт. Идеяи песа ба идеяи Денис Фонвизин дар «Недоросл» («Норасид») шабоҳат дорад. Фарзанде, ки ба ҷои зиёд кардани сармояи падар, ба айшу нӯш дода шуда онро нобуд мекунад, падаркуш аст.

Омили дигари ба вуҷуд омадани матбуоти туркӣ дар Осиёи Миёна таъсири рӯшанфикрони тотор аст. Тоторҳо, чи тоторҳои Қазон ва чи тоторхои Қрим як василаи дастёбии бегонаҳо дар Осиёи Миёна гардиданд. Аввалан онҳо ҳамчун намояндаи халқҳои туркнажод афкори туркиёнаро ба Осиёи Миёна оварда буданд ва аз тарафи дигар маҳз тоторхо василаи пайванди мардуми Осиёи Миёна, минҷумла тоҷикон бо русҳо буданд. Зеро дар ҳамаи муассисахои давлатии Русия, аксарияти тарҷумонҳо аз тоторҳо буданд. Бадии ин ҳолат барои мардуми тоҷик дар он буд, ки корафтодаи муассисоти давлатии рус дар сурате, ки забони русӣ намедонист, худро маҷбур месохт, ки туркӣ омӯзад, зеро

мушкилкушо туркзабон буд. Ин омил ба сарнавишти баъдинаи Осиёи Миёна ҳам таъсири амиқ гузошт. Ҳамин ду омил аз нигоҳи сиёсӣ сабаби ба вуҷудомадани матбуот ба забони туркӣ гардиданд. Аз нигоҳи иқтисодӣ бошад, сабаби туркӣ шудани матбуот дар он зоҳир шуд, ки ба вучуд овардагон ё нашркунандагони матбуот аҳли тиҷорат буданд ва дар Туркистон аксари туҷорро ӯзбекҳо ташкил медоданд. Ҳамин тавр, дар моҳи ноябри соли 1905 аввалин нашрияи миллии гайридавлатии Осиёи Миёна ба номи «Тараққӣ» зери таҳрири Габитов ном тоҷири тотор ба вуҷуд омад. Баъди он як силсила рӯзнома ва маҷаллаҳои аз қабили «Туҷҷор», «Хуршед», «Осиё», «Вақт» ва «Иршод» таъсис ёфтанд. Дар нашри ин рӯзнома ва маҷаллаҳо ба ҳайси ношир ё муҳаррир Мунаввар Қорӣ, Саид Азимбой ва Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ саҳм гирифтаанд. Нашароти Мунаввар Қорӣ аз ҷумла «Хуршед» ақидаи амиқи зиддитоҷикӣ дошт ва мавҷудияти тоҷиконро дар Осиёи Миёна инкор мекард. Ҳамзамон ба ин, дар «Шӯҳрат» ё «Осиё» барин маҷаллаҳо мақолаҳое ҳам нашр мешуданд, ки дар онҳо роҷеъ ба тоҷикон ба таҳқир сухан мерафт. Ин дар шароите сурат мегирифт, ки дар маҷаллаҳои мазкур гоҳ-гохе мақолаҳои тоҷикӣ ва порчаҳои шеърии тоҷикӣ ҳам чои мешуданд.

Дар матбуоги ҷадидӣ чизе, ки барои таърихи тамаддуни мо муҳим аст, даъвати онҳо ба маърифат мебошад. Зеро ноширон бо нияти тавсияи бозаргонӣ чунин зарурияти иҷтимоиро аз кабили т ашкили мактаби нав, омӯхтани забонҳои урупоӣ, мустаҳкам кардани робитаҳои Туркистон бо соири кишварҳои дунё, таҳсил дар мактабҳои давлатҳои хориҷӣ таблиғ менамуданд.

Изофатан матбуоти буржуазияи навбунёд ҳамчун ҳамсангари ҳукумати вақт таборуз намуд. Зеро синфи буржуазияи навташкили кишвар ҳамақидаи он гурӯҳҳои иҷтимоии Русия буд, ки дар иттико ба онҳо эҷод гардидааст. Аз ҳамин рӯ, даст ба дасти намояндагони империяи рус дода, ҳаракати инқилобии вақт овоз баровард. Муҳаррирон ва ноширони матбуоти ҷадидӣ «Хуршед», «Шӯҳрат». «Тараққӣ», «Тарҷумон», «Туҷҷор», «Осиё» мусалламан бою муллоҳо буданд. Ин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

матбуотро гояи муборизаи зидди андешаҳои инқилобӣ низ ба ҳам наздик мекард. Ва ин мақсади иҷтимоиро нашрияҳои фавқулзикр дар колаби миллӣ ифода карданӣ мешуданд.

Масалан, рӯзномаи «Хуршед» ҳамчун ҷорчии ақидаи пантуркистӣ баромад карда, мусулмонони Тӯронро ба муттаҳидӣ ва муборизаи зидди кофирон ҳидоят менамуд. Ба ақидаи «Хуршед» кофирхо он русҳое мебошанд, ки оқподшоҳро таҳқир мекунанд.

Матбуоти туркзабони ҷадидии Туркистон ибтидои нашароти хусусии миллии кишвар маҳсуб мешавад.

«Тараққӣ». Ин рӯзномаи ҳафтаӣ аз 14 июни соли 1906 ба нашр шурӯъ карда, 17 шумора баромадааст. Ношири он Габитов ва муҳаррираш Исмоил Обидӣ буд. Дабири «Тараққӣ» мутақиди акидаи эссерҳо будааст. шояд хамин чиз ин ҷаридаро ба нашриёти инқилобии русзабони вақт, аз чумла «Русский Туркестан» наздик кардааст. Андешаи инқилобии Обидӣ албатта равиши рӯзномаро муайян менамуд, бинобар бо ҳабс шудани вай «Тараққӣ» баста шуд. Муаллифони фаъоли ин ҷарида Шокир Мухторӣ, Исмоил Олтиев, Мунаввар Қорӣ буданд. Ҳамчун тарҷумон дар он Абдусафихон ҳамкорӣ менамуд.

Рӯзнома бо забони тоторӣ бо истифодаи бисёр калимаҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, арабӣ чоп мегардид. Дар давоми мавҷудияташ вай аз тарафи ҳукуматдорон барои чоп намудани маводҳои зидди ҳукуматӣ чор маротиба огоҳонида шуд.

«Тараққӣ» оиди беҳтар намудани вазъи кори мактабу маориф, дигар намудани усули таълим, ҷорӣ намудани омӯзиши фанҳои дунявӣ, тарғиби ақидаҳои ҷадидон мавод чоп намудааст. Ҳатто маводе, ки дар «Русский Туркестан» бо қалами М.В.Морозов навишта шуда буд, дар саҳифаҳои худ чоп карда, пешкаши хонандагон менамуд. Газета мақолаҳои М.Беҳбудӣ, А.Пирмуҳаммадов ва дигаронро чои карда, мардумро ба худшиносӣ даъват менамуд.

«Хуршед». Ҳафтаномаи «Хуршед», ки худро нашрияи иҷтимой ва илмӣ меномид, аз тарафи ҷамъияти хайрияи шахри Тошканд 6 сентябри соли 1906 таъсис ёфтааст. Дар ҳақиқат ношир ва муҳаррири он Мунаввар Қорӣ ибни Абдурашидхон буд, ки ӯ яке аз роҳбарони ҳаракати чадидияи туркпарастии Мовароуннаҳр маҳсуб мешавад. Яке аз муаллифони фаъолаш Худоёрхонов буд. Газета 11 шумора баромада, 16 ноябри соли 1906 тибқи фармоиши генерал-губернатори Туркистон баста шудааст. Газетаи мазкур дар навбати аввал манфиатҳои буржуазияи маҳаллиро дасттирӣ менамуд.

«Туҷҷор». Ин ҳафтанома 27 августи соли 1907 таъсис ёфтааст. Муассиси он «шаҳрванди иззатманд» Саидкарим Саидазимбой буд. Ҳадафи аслии он инкишофи бозаргонӣ ва мусоидат дар рушди кори тоҷирон мебошад. Таҳрири рӯзномаро Мулло Ҳошими тошкандӣ ба дӯш дошт. 36 шумора баромада, соли 1908 нашраш қатъ шуд. Ин газета манфиатҳои ҳукуматдоронро ҳифз карда, газетаҳои «Тараққӣ» ва «Хуршед»-ро барои даъват ба ислоҳот рӯ овардан онҳоро танқид мекард.

Аз ин ҷост, ки «Туҷҷор» хануз дар шумораи нахустини худ вобаста ба самти сиёсию гоявиаш навишта буд: «Самти сиёсию гоявии газетаи «Туҷҷор» ба сиёсати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳукумат хеҷ мухолифате надорад. Баръакс «Туҷҷор» шарик ва ёрирасони ҳукумати подшоҳӣ мебошад...». Ва минбаъд дар давоми фаъолияти худ ин газета сиёсати ҳукумату ҳукуматдорони даврро дастгирӣ намудааст.

«Шӯхрат». Ин ҳафтанома аз 1 декабри соли 1907 сар карда то моҳи марти соли 1908 10 шумора баромадааст. Муаллифони фаъолаш Собиров, М.Беҳудӣ, Мунаввар Қорӣ, Ҳомидхоҷа буданд. Таҳрирро Мулло Абдулло Алвонӣ ба ӯхда дошт. Маводи он ҳаёти мардуми доҳили кишвар ва хориҷи онро фарогир буд.

«Азия». Ҳафтаномаи мазкурҳам бо сармояи «Шӯҳрат» нашр шуда, онро Аҳмадҷон Бектемиров 9 апрели соли 1908 таъсис додааст. Ин нашрия бештар ба масъалаҳои рӯз диққат медод.

5. Матбуоти тоҷикии Мовароуннаҳр

Нашрияҳои тоҷикӣ дар Туркистону Бухоро дертар ба вуҷуд омаданд. Шояд иллаташ он бошад, ки дар Туркистон забони ӯзбекӣ ҳамчун забони ом барои аҳолии таҳҷой дониста ва нашароти расмӣ бо ҳамин забон ба роҳ монда шуда буд. Дар Бухоро ҳанӯз шароити интишори воситаҳои ахбор фароҳам нагардида ва аслан ба он ҷо низ мафкураи туркӣ таъсир мерасонд. Матбуоти шахсӣ шояд аз он нигоҳ бо равияи туркӣ пештар чоп шуд, ки ба Осиёи Миёна таъсири андешаҳои туркпарастӣ зиёд, ҳамчунон тоторхо ба ҳайси тарҷумон хело бисёр ба ин сарзамин омада ва рафтуомади туҷҷор низ ба Қафқозу Туркия аз сафарҳо ба Афгонистону Эрон бештар буд.

Ба ҳар ҳол дертар бошад ҳам хонандагони «Ҳабулматин»-у «Чеҳранамо» ва «Сироҷулахбор» дар худ иродае эҳсос намуданд, ки даст ба нашри матбуот зананд ва ҷароиди тоҷикие, ки дар сарзамин ба вуҷуд омад, дар иртибот ба ҷой ва ношираш ҳам сабк, ҳам равиш ва ҳам мақсади хосе дошт. Дар Бухоро рӯзномаи соф тоҷикӣ, дар Ашқобод нашрияҳои туркманӣ-тоҷикӣ ва эронӣ, дар Самарқанду Тошканду Фаргона маҷалла ва ҷароиди тоҷикиву ӯзбекӣ ба вуҷуд омаданд.

Журналистика ва публитсистикаи тоҷик дар Мовароуннаҳр дар панҷяки аввали асри ХХ бо се роҳ инкишоф меёфт:

1.Осори публитсистие, ки дар шакли рисолаҳо нашр мешудакд ё порчаашон дар матбуог ба табъ мерасид. Аксаран муаллифони онҳо равшанфикроне буданд, ки аз Туркистон ё Бухоро ба хориҷа барои таҳсил, тиҷорат ё саёҳат сафар мекардаанд;

2.Журналистикаи дузабона -тоҷикию ӯзбекӣ ё тоҷикию туркманӣ, ки дар Туркистон ба табъ мерасид;

3.Магбуоти сирф тоҷикӣ дар Бухоро ба амал омад. Бояд гуфт, ки матбуоти дузабонаи Осиёи Миёна зуҳуроти наве набуда дар асл пайравӣ ба матбуоти давр шабеҳ мебошад. Дар Осиён Миёна матбуоти гуногуни дузабона паҳн мешуд, ки яке аз онҳо маҷаллаи озарии «Мулло Насриддин» буд.

Шурӯъи дахаи дуюми асри ХХ аслан давраи болоравии ҷунбиши чадидизм дар Осиёи Миёна мебошад. Дар мавриди чадидизм ду назари муттазод аст, то соли 1985 ва ҳам баъди он. То соли як ҳазору нӯхсаду хаштоду панҷ аксари олимон бо саркардагии Зариф Рачабов чадидизмро хамчун чараёни иртиҷоии буржуазӣ муаррифӣ мекарданд. Гурӯхи ками олимон, аз ҷумла Холиқ Мирзозода дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дифоъи андешаҳои ҷадидӣ буданд. Баъди соли ҳаштоду панч аксарияти олимон ба чадидизм ҳамчун ба қувваи пешқадам бахо медодагӣ шуданд, вале андешаҳое ҳам ба вуҷуд омадаанд, ки дар ҷадидизм танҳо рӯҳияи туркпарастӣ сурог мешавад. Ба шакли ҷадидизм чараёни иҷтимоии буржуазияи миллӣ нисбат ба ҳаёти ичтимоии давр бештар ифода меёфт. Дар мавриди сиёсатдорӣ ҷадидизм сохти ҳукумаги машрутаро таблиг менамуд, дар мавриди мактабдорӣ барои мустақил кардани мадорис аз тадриси дин мубориза мебурд, дар мавриди иқтисод ғаюрии миллй зоҳир мекард. Рӯҳияи парастиши ин ё он миллат ба шакли умум хоси ҷадидизми Осиёи Миёна набуд, вале аъзои фаъоли он дар иртибот ба мавзеи тахсилкардаашон, дар иртибот ба он гурӯҳи иҷтимоие, ки такя мекарданд, ҷараёнҳои дохилӣ ба вуҷуд оварданд, ки ин чараёнҳо дар шароити Туркистон бештар хусусияти гуркиарастй ва дар шароити Бухоро хусусияти ғайримиллӣ касб кард. Намунаи олии публитсистикаи чадидии ин давр ду асари Фитрат «Баёноти сайёҳи Ҳинд» ва «Му нозира» мебошад. Дар он замон Фитрат ҳанӯз чун туркпараст ташаккул наёфта буд, фақат давраи аввали мухоҷирати вай дар Туркия бедории миллии ӯро ба вуҷуд оварда буд, аз ин сабаб ҳам «Мунозира» ва ҳам «Баёнот»,... пур аз шиорҳои миллатпарастона, ватанпарастона мебошад. Масалан, лахзаи шурӯъи «Баёнот»... ба даруни Бухоро рох наёфтани бухориён, вате ба он ҷо осон даромадани ачнабиён ва саги онҳо, ҳамчунон лаҳзаи мулоқот дар Насаф дар мавриди тарзи истифодаи маъодин ва корхонаҳои саноат намунаи олӣ барои исботи ин фикр мебошад.

Дар фаҳмиши ҷадидон мафхуми миллат ҳамон маъниро ифода мекунад, ки имрӯз ин маънӣ дар фаҳмиши амрикоиён, афгонистониҳо, эрониён ва Созмони Милали Муттахид ифода шудааст. Яъне миллат на мушаххасан инсонҳо аз нигохи гуфтор, балки нишонаи инсонҳо аз нигоҳи вахдати ҳудуд аст. Ба ин нигоҳ миллати Туркистон ё миллати Бухоро на халки турк ва ё на халқи тоҷик, балки ҳамаи аҳолии Туркистон ва ё ҳамаи аҳолии Бухороро ҳовй буданд. Факат аз ҳамин нигоҳ дар публитсистикаи аввали карн ба ин мафхум бояд эътибор дод.

Дар ҳамин давра ҷавонбухориҳо дарк намуданд, ки эҳтиёҷи мардуми тоҷикро бо адабиёти гайридаврӣ ва матбуоти аз хорич омада таъмин карда намешавад, аз ин рӯ ба нашри матбуоти худ пардохтанд. Хусусияти хосаи нашароти ин давра ба вуҷуд омадани нашрияҳо дар аморати Бухоро мебошад. Дарсолҳои 1912-1917 (то инкилоби феврал) ҷадидҳо рӯзномаҳои тоҷикии «Бухорои шариф», «Самарқанд», маҷаллаи «Оина» ва ҳукумат «Рӯзномаи моварои бахри Хазар»-ро нашр намуданд. Мавзӯи асосии онҳо ташкили мактабҳои нав, ислоҳи таълим дар мадрасаҳо, усули нави тиҷорат ва ғайра буданд.

«Бухорои шариф». Масъалаи гаъсис додани як рӯзномаи тоҷикӣ дар Бухоро решаҳои амиқ пурқуввате дошт, на ин ки танҳо орзуи деринаи як гурӯҳ равшанфикрону донишмандони давру замон. Усгод С.Айнӣ дар асараш «Таърихи инқилоби Бухоро» дар ин маврид чунин ёдовар мешавад: «Соли 1912 чораи ин корро (яъне таъсиси рӯзнома) Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ ёфтанд. Онҳо аввал мудири матбааи Когон Левии яҳудиро дида, ба вай аз нашри рӯзиома ваъдаи манфиати зиёде нишон дода, ӯро ба майдон андохтанд. Левй бо умеди

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фоида ба майдон баромада, дар ин бора ба элчихона муроҷиат кард».

УстодС.Айнӣ боз ёдовар хмешавад: «Ҷавонбухориён ба латоиф-ул- хияли бисёр дар соли 1330 ҳичрӣ (моҳи марти соли 1912 милодӣ) ба воситаи вакили сиёсии Русия аз амир рухсати нашр кардани як рӯзномаро гирифтанд.

Дар соли мазкур моҳи рабеъ-ул-аввал ба забони форсӣ рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар майдони интишор баромад».

Рӯзнома дар ҳаҷми нисбатан калон бо ҳарфи мехӣ дар чаҳор саҳифа чоп мешуд. Муҳаррири расмии рӯзнома тарҷумони сафоратхонаи рус дар Бухоро Ҳайдархӯҷа Мирбадалов таъин шуда буд. Аммо ин шахс тамоман ба кори рӯзнома майле надошт ва ба он кордор намешуд. Кори рӯзномаву мазмуни маводи он диққати ӯро ба худ намекашид. Ба назари мо, фидоиёни бухорӣ ин корро барои дилпурии сафоратхонаи рус намуда буданд. Ношири рӯзнома соҳиби матбааи Когон О.Левӣ буд. Ҷавонбухориёни ватанпараст, муҳарририи рӯзиомаро бар ӯҳдаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода вогузоштанд. Ва Мирзо Ҷалол Юсуфзода мақсади худро дар маромномаи рӯзнома, ки дар шумораи дуюм чоп шудааст, чунин муайян карда буд: «Ба тавфиқи худо аз имрӯз шурӯъ ба нашри мақсуд менамоем. Нашриёти мо иборат аз масоили мухталифа ва маълумоти мутафаррика хоҳад буд».

Чопи «Бухорои Шариф», чӣ хел ки дар боло ишора рафт, 11 марти соли 1912 (рӯзи якшанбе) сар шуд ва дар 4 моҳи аввал (то 3 август) ҳафтае шаш маротиба ба нашр мерасид ва баъди ин ҳафтае чор бор аз нашр мебаромад. Ҳамагӣ 153 шумора баромадааст. Ба хабархои телеграфӣ ва тиҷоратӣ ҷои бисёр дода шудааст, ки ин то дараҷае хусусияти рӯзномаро ба хубӣ нишон медиҳад. Мақолаҳои дар мавзӯи ахлок ва маишати мардум навншташуда ннз кам нестанд. Қариб дар ҳар шумораи рӯзнома сармақола ва шеърҳои равони Мирзо Ҷалол Юсуфзода ҷой дода шудааст.

Мирзо Ҷалол Юсуфзода соли 1862 дар Шӯшаи Озарбойҷон ба дунё омада, таҳсили аввалро дар оила аз падараш Мирзо Алиакбар - донишманди забону адабиёти форсу тоҷик гирифтааст.

Соли 1912 бо даъвати бунёдгузорони нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» Мирзо Муҳидцин ва Мирзо Сироҷ ба Бухоро омада, муҳарририи нашрияро ба ӯҳда мегирад ва 153 шумораи рӯзномаю зиёд аз 200 мақола ба табъ расонидааст, ки ба муаммоҳои доғи рӯз бахшида шудаанд.

«Бухорои Шариф» аз рӯзи аввали нашр диққати хонандагонро ба худ кашид. Мирзо Ҷалол дар ҳар шумора мақолаҳои муассири фасеҳу балеге навишта, дардҳои умумии мардумро кушода ба он давоҳо нишон медод.

Вай аз соҳибқаламони дараҷаи аввал буда, аз усулу фурӯъи улуми исломӣ ба хубӣ хабардор буд. Бинобар ин мақолаҳояш ба ҳар кас таъсири хуб мебахшид. Халқи зотан истеъдодноки Бухоро ин бандҳои ба забони худашон навишташудаи адабӣ ва соддаро бо муҳаббат мехонданд.

Дар нахустшумораи «Бухорои Шариф» таҳти унвони «Ғояи омол» (аз 11 марти соли 1912) навишта шудааст:

«Аз нашри хамин рӯзномаи «Бухорои шариф» мақсуди мо ғайр аз хидмати исломият набуда ва нахоҳад буд. «Бухорои Шариф», ки аз садри ислом ашраф

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ватанҳои исломия ва ҳамеша марчаъи уламо ва маншаи фузало буда ва ҳаст, бар ҳасби инкилоби азмина боистӣ дар нашри осори маориф бикӯшанд. Баръакс, ҳар чи уламои шаҳр улуму ахлоқ ва одоб ёд гирифтаанд ва авқоти шарифаро масруф доштаанд, аз сури баладар намекудурад, саҳл аст, ки тағйиру таҷдиде дар навъи таҳсилоташон нест.

Бар ҳама возеҳу ошкор аст, ки дар тараққии мадорИҷи инсоният ва маъориҷи башарият бо вуҷуди вахдати мақсад ва ният бояд мувофиқати вақту салоҳи замонро мулоҳиза намуд. Ҳамеша ва ҳама вақт ба як конуну қоида таълими инсоният ва ақоид ҳаққа наметавон кард! Фаразан, агар мақсуди мо исботи вуҷуди борӣ аст, як вакте иҷмоли исботи ҳудуси олам ба воситаи тағйироти машҳуда кофӣ аст. Вақто ки басирати мардум бинотар шуда, тағйироти зохираро иллати ҳудус надонистанд ва кофӣ напиндоштанд, он вақт бояд диққати фалсафия ба кор бурд, ҷавоби мулҳидинро ба бурҳони бадеҳӣ ва зарурӣ дод. Пас бар ҳасби авқот ваазмина пояи улуми маорифро бояд тараққӣ дод!..

... Аз арбоби масолик ва таҳрирот риҷо дорем: аввалан, дар ҳамрохӣ ва муовинати мо музоиқа нафармоянд. Сониян, ҳар чӣ аз мундариҷоти рӯзнома, дар назарашон нобачо омад. ба шарҳу тафсил ба идора бинависанд...».

Аввалин нашрияи бо ҳама маъно сирф тоҷикӣ «Бухорои Шариф» буд: вай дар мамлакате ба вуҷуд омадааст, ки ҳалқаш худ ва забони хешро точикӣ меномад, забони нашрия форсии ба фахОми ин мардум наздик буд, он манфиати ҳамин мардум ва ҳамин минтакаро ифода менамуд, дар он аслан муаллифони ҳамин чо иштирок мекарданд, муаесисонаш тоҷикҳо буданд.

Худи он воқеа, ки барои мардуми қаламрави Бухоро нахустин нашрия ба забони тоҷикӣ таъсис ёфт, гувох ба он аст, ки аҳолии Бухорои ғарбӣ пурра тоҷиканд. Муассиси нахустин ҷаридаи тоҷикӣ ҷавонбухориён ва ташаббускорони аслӣ аз онҳо роҳбарони ҳамонвақтаи чунбиши ҷавонбухорӣ -Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ буданд. Мирзо Муҳиддин аз тоҷирони сарватманди қарокӯлфурӯши Бухоро ва Мирзо Сироҷ аз табибони шинохташудаи Бухоро маҳсуб мешуданд. Ба ин маъно Мирзо Сироч дар иддае аз навиштаҳояш лақаби «Ҳаким»-ро ҳам илова мекард. Нахустин нашрияи Бухорӣ дар Когон, тақрибан 15 километр дуртар аз Бухорои кӯҳан бо сарпарастии консулгарии Русия чоп шуд. Сабаби дахолати русҳо дар нашр дар он зоҳир мешуд, ки амири Бухоро на танҳо ба нашри матбуот, балки аз машрутият ҳам ҳассосият дошт. Аз ин сабаб, ҷавонон наметавонистанд аз ӯ бевосита барои нашри худ рухсат ба даст оваранд. Аз ин рӯ, пас аз омода кардани маблағи кофӣ онҳо тоҷири яҳудӣ-Левиро бовар кунониданд, ки агар нашри рӯзномаро ба гардан гирад, аз он авоиди зиёд хоҳад ёфт. Левӣ ба нашр розӣ шуд за ба қонсули Русия муроҷиат намуда, хоҳиш кард, ки барои чопи ҷаридаи хусусии «Бухорои Шариф» рухсат диҳад, то бад-ин васила маҳсули пахтаро барои фабрикаҳои рус зиёд ва аҳолии Бухороро ба сиёсати Русия ошно созанд.

Дар ин ҷо гуфтаҳои устод Айниро дар хусуси «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» ёд овардан бамавридаст. «Газетаҳо рӯз азрӯз диққати аҳолиро ба худ ҷалб кардан гирифтанд. Онҳо на танҳо дар сарзамини Бухоро, балки дар тамоми кишвари

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Туркистон обрӯ ёфтанд. Дар гӯшаю канори Осиёи Миёна садҳо кас ба онҳо обуна шуданд. Ба туфайли матбуот дар тафаккури хонандагон фикру мулоҳизаҳои нав тавлид меёфт». Устод Айнӣ таърихи ба вуҷуд омадани ин рӯзномаро дар «Материалхо оид ба таърихи инқилоби Бухоро» чунин шарҳ додааст:

«Ҷавонбухориён солҳои сол дар дил орзуи нашри газетаро мепарвариданд. Вале имконияти ин кор хело душвор буд. Зеро хукумати Бухоро, ки муқобили оддитарин чорабиниҳои маданӣ буд, асло ба нашри матбуоте, ки мадди назараш мисли муфаттиш меистода бошад. розӣ намешуд.

Сафорати рус низ аз амир дида бештар мухолифи нашри чавонбухориён буд. Ҷавонбухориён Мирзо Мухиддин ва Мирзо Сироҷ мактабдорм яҳудии Когон Левиро ба миён андохтанд. Онҳо Левиро бовар кунонданд, ки ӯ аз нашри рӯзнома даромади калон гирифта метавонад. Левӣ ба умеди фоида ба сафорати рус муроҷиат намуда, ба нашри рӯзнома рухсат пурсид. Дар ин ҳангом Мирзо Муҳиддин ҳам бо ёрии шиносони точикаш ба сафорати рус барои чопи газета муроҷиат кард. Онхо иддао мекарданд, ки барои бо идораи рус ошно кардани халқи Бухоро аз бахри тараққии пахтакорӣ як рӯзномае лозим аст.

Мувофики хоҳиши сафорати рус амир ба Левӣ ва Ҳайдархӯҷа барои нашри рӯзнома рухсат дод ва газета мебоист зери назорати (цензураи) русҳо барояд».

Масъалаи дигари умдае. ки пеш меомад, иборат буд аз муайян кардани муҳаррири амалии «Бухорои Шариф». Қукумати рус ба Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироч иҷозат намедод, ки ноширии ин ҷарида бошанд, зеро дар он сурат ошкор мешуд, ки «Бухорои Шариф» хусусияти иҷтимой дорад, на шахсӣ. Бинобар ин ҷавонбухориҳо Мирзоҷалол Юсуфзодаро барои муҳаррирӣ аз Озорбойҷон талаб карданд. Мирзоҷалол Юсуфзода, ки дар маҷаллаи «Мулло Насриддин» масъули бахши форсӣ буд, ба журналистика иртиботи наздик дошт, аз нигоҳи сиёсӣ аз рӯҳониёни рӯшандил буд ва ин хислатҳо имконияти кори ӯро дар Бухоро таъмин мекард.

Ҷавонбухориён ва махсусан саркардаи онрӯзаашон Мирзо Муҳиддин хуб медонистанд, ки рӯҳониён ва амалдорони дмир метавоиистанд ба паҳншавии рӯзнома монеъ гарданд. Аз ин рӯ, мувофиқи супориши Мирзо Муҳиддин ноширии «Бухорои Шариф» Левй ва мудираш Ҳайдархӯҷа ба кӯшбегии Бухоро барои мадад муроҷиат намуданд. Ба зудӣ «Бухорои Шариф» ризоятномаи зерини қушбегии Бухоро Мирзо Насруллоро чоп кард: «Ҳар касе, ки ба рӯзномаи мазкур муштарӣ шуданӣ бошад, ихтиёр дорад. мо ба он монеъ намешавем».

Албатта, ин мактуби вазир яке аз сабабҳои афзудани шумораи хонандагон ва мушгариён гардид. Ҳатто қозию ҳокимон ҳам «Бухорои Шариф»-ро нашрияи амирӣ дониста, онро мехондаг й шуданд.

Аммо асли хонандагон пеш аз ҳама ҷавонбухориҳо, хонандагони мадрасаҳо, косибону деҳқонони босавод буданд. Рӯзнома мекӯшид, мақолаву шеърхое интишор намояд, ки ба табъи онҳо мувофиқ бошад.

Дар идораи «Бухорои Шариф» беҳтарин қувваи эҷодии ҳамон давра Мирзоҷалол Юсуфзода, Мирзо Муҳиддин, Мирзо Сироҷ, Мирзо Абдулвоҳид, Мирзо Исмоил, Мирзо Нарзулло. Мирзохон Порсо, Сияҳпӯш, Мирзо Ғаффор ҷа.мъ омада буданд. Навиштаҳои онҳо рӯҳияи асосии нашрияро ифода менамуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бояд гуфт, ки теъдоди зиёде аз маколаҳо бо имзои мустаор нашр шудаанд, ки имрӯз муайян кардани номҳои аслии онҳо ҳоло душвор шудааст. Аксарияти сармақолаҳо ба қалами Мирзоҷалол Юсуфзода тааллуқ доштанд. Дар сармақолаи шумораи дуввум ӯ мақсади «Бухорои Шариф»-ро ба ин маънӣ шарҳ медиҳад:

«Аҳолии Бухорои Шариф тоза-тоза ба воситаи васли роҳ ба касрати мутариддин мехоҳанд аз авзои олам бохабар бошанд. Мо, агар ибтидо ба фалсафаи чадида ва сиёсат на.моем ба ҷиҳати ағлаб мушкил мешавад. Агарчи мардумони қобил ва олиму доно бисёр дорем, илло ин ки асли рӯзнома бояд нафъаш ом ва фоидааш том бошад. Ашхоси уламо эҳтиёҷ ба таълими амсоли мо надоранд. Мо, бояд муносиби ҳоли оммаи мардум сухан гӯем, салохи амри умумиро дар назар дошта бошем. Лиҳозо рӯзномаи мо, аввалҳо ҳар чи мумкин бошад, бо забони форсии содда навишта мешавад -сониян маколаҳое, ки (гайр аз «ахбори олам») мехоҳем дарҷ намоем, иборат аз муқаддимаи инсоният хоҳад буд, яъне таҳриси мардум ба талаби илм ва ислоҳ намудани вазъи таълим».

Аммо тавре ки Раҳим Ҳошим менависад: «Забони газетаҳо забони ғализи адабиёт. Ин бисёртар ба хотири муллоҳо ва талабаҳои Бухоро бояд бошад, ки дар он давра дар Бухоро шумораашон то 10-12 хазор нафар мерасид. Бисёр мавзӯъҳо қам барои таъсиричрокунӣ ба ҳамин табака дида мешавад».

Агар ба ин гуфтахо ишораи устод С. Айнӣ: «Дар шумораҳои охирини «Бухорои Шариф» шогирдони (мадрасаҳои Бухоро) аризаҳои худро бо имзол мустаор нашр мекарданд»-ро афзоем, ҳадафи асосии нашрия - ноширн афкори ҷавонбухориён будан ошкор мегардад.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» то 14 июл ҳаррӯза мебаромад, баъди он ҳафтае чор бор нашр мешуд. Зеро бо нияти ба мардуми ӯзбекзабон расондани ғояҳои худ ҷавонбухориён аз 14 июли соли 1912 ҷаридаи «Тӯрон»-ро ҳа.м ташкил доданд, ки ҳамчун иловаи «Бухорои шариф» ҳафтае ду бор мебаромад. Дар моҳи сентябр ин нашрия мустақил шуд ва Ғиёс Ҳуснӣ муҳаррири он таъйин гардид.

Азбаски харҷи нашрияҳо ба ин васила хеле калон шуд ва фоидаи моддии вай камӣ кард, моҳи августи соли 1912 Левӣ аз ҳуқуқи нашр даст кашид. Мирзо Мухиддин бо дигар чавонбухориён маслиҳат карда, иттифоқе таъсис намуд, ки он нашри матбуоти мазкурро ба зимма гирифт. Акнун таъсири ҷавонбухорнён нисбатан бештар гардид ва шумораи мақолахои характери пешқадамдошта афзуд. Чуноне ки устод Айнӣ мегӯяд, «Аҳолии Бухоро ин маколаҳоеро, ки ба забони содтдву равони онҳо таълиф мешуданд. бо камоли майл мехонданд».

Ҳамин равияи оддӣ ва ҳамин эътибори «Бухорои Шариф» аз тарафи муллоён ва муллобачагони анъанапараст маҳкум ва таъқиб мешуд. Онҳо афкори чадидиро хамчун андешахои ба маданияти форсӣ бегона инкор мекарданд. Ба ин сабаб. Мирзоҷалол Юсуфзода дар аввалин шумораҳои «Бухорои Шариф» зикр намуд, ки «он орзую мароме, ки мо дар назди худ гузоштем, аслан ҳамон орзую мароме аст, ки дар эҷоди Шайх Саъдӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ва соири хирадмандон ифода ёфтааст, лихозо мо қадимӣ мебошем, на ҷадид».

Ҳар қадаре, ки обруи «Бухорои шариф» дар байни аҳолӣ меафзуд, ҳукуматдорони рус хамоно аз вай хавф мебурдагӣ шуданд ва аз паи бастани он

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гардиданд. Аз ин рӯ, моҳи декабр намояндаи губернатори Туркистон аз амири Бухоро хоҳиш кард, ки рӯзномаҳоро бандад. Олимхон бо хушнудӣ ин хоҳишро қабул кард. 2 январи соли 1913 ба идораи нашрияҳо бо имзои Петров мактуби зерин расид: «Мувофиқи хоҳиши аълоҳазрат амири Бухоро аз хамин рӯз эътибори нашри «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» манъ карда мешавад».

Ҳамин тавр дар муддати аз 11 марти соли 1912 то 2 январи соОли 1913 153 шумораи «Бухорои Шариф» нашр шуд.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар дили хонандагон ҷои худро ёфт. Далели меҳру муҳаббати хонандагон ба ин нашрия аз ҷумла, шеъри зерини Айнист, ки ба сабаби баста шудани он навишта шуда буд:

«Эй тарҷумаи ҳоли дил, эй саҳфаи Тӯрон,
То маҳв шудӣ. монд ба дил доғи фаровон.
Дар илму адаб роҳбари Тӯрон шуда будӣ,
Имрӯз аз фанои ту Тӯрон шуда вайрон!
Дирӯз ба дуру он зи ту ахбор хамерафт,
Акнун зи ту ҷуз хотирае нест ба даврон.
Не, не! Зи ту сад дарду алам монд ба гетӣ,
Не, не! Зи ту сад меҳнату ғам монд ба кайҳон.
Кӯр аст баср. гар кунад аз ҳусни ту аҳман,
Гунг аст забон, гар кунад аз хаққи ту китмон.
Эй маъракаи васъаи тафсони афкор,
Эй маҳкамаи одилаи даъвои азҳон!
Азҳон хама чун сари ман гашт мушавваш,
Афкор ҳама чун дили ман монд парешон.

Устод аз басташавии ҷароид гиря мекард. Воқеан, «Бухорои Шариф» дар таърихи тамадцуни мо аз он нигоҳ нақши барозанда дорад. ки он:

а) аввалин нашрия соф тоҷикӣ аст;
б) нахустин нашрия дар қаламрави Бухоро аст;
в) нашрияест, афкори ба амири Бухоро номақбулро таблиғ намудааст.

Ҳамчунон. «Бухорои Шариф» дар шиносонидани бухориҳо бо мардум ва одати мамолики дигар саъй намудааст ва номе дар эҷоди пайванди равобити сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо чунбиши кишварҳои дигар, минҷумла бо чавонони афгон бардоштааст. Далели ин нашри матолиби «Сироч-ул-ахбор», «Ҳабл-ул-матин», «Чеҳранамо» ва «Мулло Насриддин», инчунин мачаллаи туркии «Шӯро» дар «Бухорои шариф» мебошад. Ҳамчунон, «Бухорои Шариф» дар паҳлӯи порчаҳои зиёди манзуми адабиёти кадим ва муосири форсу тоҷик, ба мероси адибони рус, аз чумла Толстой ва Чехов мурочиат кардааст.

Солҳое, ки Мирзо Ҷалол муҳаррири рӯзномаро ба ӯхда дошту барои давои дардҳои бекаронаи халқи тоҷик дармон меҷуст, дар саҳифаҳои рӯзнома 23 намунаи адабиёти оламшумули рус, аз ҷумла повести «Асири кафқозӣ»-и Л.Н.Толстой даршумораҳои 95-100-уми рӯзнома (аз 1 то 12 июли соли 1912) пурра тарҷума ва чоп шуда баромада, ба сони парастуҳо аз баҳори пурфайзи адабиёти рус дарак медод.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» умри дароз надид. Вай мисли барқе дар осмони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тирагуни Бухоро дурахшида гайб зад ва 2 январи соли 1913 ин «ниҳоли тамаддуни миллат, ки акнун ба мева додан даромада буд, бо табари зулм ва истибдод аз богчаи халқ бурида партофта шуд». Устод Айнӣ гайр аз ин аз хусуси баста шудани «Бухорои Шариф» бо ҳасрати сӯзон марсияи пураламе навишта, ба мақоми таърихии рӯзнома дар бедорӣ, худшиносӣ ва ба ҳам боло рафтани сатҳи худшиносии мардуми ин кӯҳнадиёр баҳои мусбат медиҳад.

Сабаби баста шудани рӯзнома сетост. Барои равшан намудани ин сабабҳо, ки аҳамияти калони сиёсӣ ва илмӣ доранд, маводи рӯзнома, дурусттараш маромномаи мухаррир, мазмун, равия ва рӯҳи онҳоро аз назар гузаронидан лозим меояд. Устод Айнӣ инро бамаврид пай бурда, ниҳоят пухта ва нишонрас таъкид кардаанд:

а) Рӯзнома «ба танвири афкори мардум хеле хидмат кард».

б) «Ҳукумати амир, зотан, ба нашри рӯзнома розӣ набуд ва намехост, ки дар пеши назараш мисли як муфаттиш ҳамеша рӯзОномае ҷилвагар бошад».

в) «...элчихонаи рус дар аввал дар гумон доштанд. ки рӯзномаи Бухоро мисли «Туркистон вилоятининг газети» ба сиёсати иғфолифонаи ӯ хидмат хоҳад кард. Бинобар ин ба нашраш маънан ёрмандӣ карда буд. Лекин воқеъ бар хилофи маъмулаш баромад».

«Бухорои Шариф» дар фаъолияти начандон тӯлонии хеш, аз 11 маргисоли 1912то2январи соли 1913 баҳриҳамин мақсад хизмат кард, ба расондагони худ - матбуоти даврии точик оинаи ибраг буду ҳаст.

«Самарқанд». Яке аз аввалин нашрияҳои дузабонаи Туркистон «Самарқанд» аст, ки он дар мохи апрели соли 1913 ба арсаи вуҷуд омад. Ношир ва муҳаррири ин ҷарида Мах.мудхоҷа Беҳбудӣ буд. Андешае мавчуд асг. ки Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ яке аз роҳбарони харакати туркпарастӣ буд. Ин андеша ба чунин мулоҳизаҳо устувор аст, ки ҷунбиши ҷадидия дар Туркистон бештар тамоили туркпарастӣ дошт. Ҳамчунон дар соли1917 Бехбудӣ яке аз муассисони Маҷлиси миллатхохӣ дар Тошканд ва дертар воқеаҳои ҷадидӣ дар Бухоро ва ҳамзамон ба ин ҳукумати мухтория дар Хуқанд буд. Аммо дигар ҳақоиқи арком маънои хилофи инро ҳам таблиг мекунанд, минҷумла матолибе, ки дар шумораи панҷуми апрели соли 1920-и «Шӯълаи инқилоб» нашр шудааст ва саросар ба Беҳбудӣ вақф гардидааст, мехонем, мефаҳмем, ки Беҳбудӣ аз сармояи худ дар Самарқанд мактаби тоҷикӣ кушод, тақрибан 5.000 ҷилд китобро, ки аксарияташ ба забони форсӣ буд, барои мутолиаи умум пешниҳод карда, яке аз муассисони китобхонаи Самарқанд гардид, ҳамчунон, барои тарбияи маорифхоҳони Самарканд кӯмаки молӣ ва маънавӣ кард ва хоҳем дарёфт, ки андешаи Беҳбудӣ андешаи ватанхоҳонаи буржуазияи миллӣ буд, на андешаи туркпарастона. Ҳамзамон ба ин салганати таззорӣ аз паси онҳое, ки бо Туркия ва туркпарастӣ робитаи кавӣ доштанд, сахт назорат мекард, ба онҳо имконияти нашри матбуотро махдуд менамуд. Зеро ба ифодаи Бобоҷон Ғафуров, пантуркизм дар хилофи иродаи хукумати подшоҳии рус ҳам қарор дошт. Аммо дар ҳамин замон ба Маҳмудхӯча Беҳбудӣ барои нашри як рӯзнома ва як маҷалла рухсат шуд, ки ин далеле ба эътимодмандии ҳукумат нисбат ба вай мебошад. Аз нигоҳи дигар, ношири «Самарқанд» аз мубалигони Русия хам буд, зеро омӯхтани забони русӣ ва соири забонҳои фарҳангӣ, тиҷорат

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бо Русия ва дигар мамолики Урупо, наздик шудан ба тарики таълими урупоиро дар ҷаридаи худ мусалсал таблиг мекард. Рӯзномаи «Самарқанд» ҳафтае ду бор нашр мешуд. Аввал дар ду саҳифа мебаромад. Дар нашри «Самарқанд» Саидризо Ализода, Хитоии Самарқандӣ, Асъад фаъолона саҳм мегирифтанд. Намояндаи ин нашрия дар Хуҷанд Мирзоҳид Мирокилов ва дар вилояти Самарқанд Акобир Шоҳмансуров буда, онхо натанҳо мақолахо менавиштанд, балки мақолаи муаллифони дигарро ҳам ташкил карда, дар байни муштариёни нашрия таблиг менамуданд. Рӯзнома дар шумораи аввалинаш вазифаи хешро чунин шарҳ дода буд:

«Баҳс кардан аз илм, фан, адабиёт, тиҷорат, ҳунар, зироат, аҳволи Русия ва маданияти хориҷа» аст. Мақолаву шеърҳои тоҷикӣ тақрибан чаҳоряки хачми умумии ҷаридаро ташкил медоданд. «Самарқанд» дар 45 шумораи нашршудааш асосан дар масъалаҳои мактабу маориф, тиҷорат ва ифтихори соҳибватанӣ баҳс кардааст.

Масъалаи мактаб ва маориф, масъалаи таълими нави ҷадидия. омӯхтани дарсу фанни дунявӣ қариб дар 200 мақолаву хабар ифода ёфтаанд. Барои Беҳбудӣ он муҳим аст, ки мардум фаҳманд дар чорчӯби хонаи худ банд мондан. маишатро ба нобудӣ мерасонад. Омӯхтан даркор аст. то соҳиби сарнавишти худ шавем.

Дар ҷаридаи «Самарканд» чун тамоили роич ахборн дохила, хориҷа. инчунин эълону рекламахо нашр мешуданд.

Қисмати охир аз вуруди сармояи хориҷӣ ба мамлакат гувохӣ медод.

Аввали қарни XX замони бедории сиёсии Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, мардуми тоҷик - босаводтарнн миллати кишвар, замони сурогы ҳақиқат, адолат ва ростӣ, замони талоши истиқлолият аст. Аввали қарни XX давраи худшиносии миллӣ. мазҳабӣ ва дунявии мардуми Осиёи Марказӣ, махсусан, тоҷикон-соҳибони тамаддуни Самарканд, Бухоро ва Фарғона аст. Ин замоне аст, ки поккории тарзи диншиносӣ зарур шуд, то ба тамаддуни аврупой пайванде ба амал ояд, давре. ки ислоҳи динфаҳмӣ зарур шуд, то фаҳми дунявият ба миён омад. Аввали қарни XX барои Осиёи Марказӣ айёме шуд, ки муносибат ба мадраса ва тарзи таълими он муносибат ба дин, имон, давлат ва вичдон, ба як сухан, муносибат ба озодии инсон шуд. Ин замоне буд, ки С.Айнӣ, М.Бехбудӣ, С.Ализода, А.Муҳиддинов барин маорифпарварони тоҷик, ки илхом аз талошхои Аҳмади Дониш доштанд, барои иҷрои карзи фарзандӣ дар назди миллат ба по хестанд. Барои фаҳми моҳияти ин замон он мафҳум муҳим аст, ки «рӯхониёни иртиҷоъпараст ба робитаи халқи тоҷик, махсусан намояндагони пешқадами он бо маданияти пешқадами рус бо тамоми қувват халал мерасониданд». Ин аз мавзӯъҳои умдаи «Самарқанд» буд.

Яке аз чунин шахсиятҳо Махмудхоҷа Беҳбудӣ (19-уми январи соли 1875- 18-уми марти соли 1919) буд. Муфтӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба қишри уламо тааллуқ дошта, падару бобояш хатибу қорӣ буданд ва ӯ ҳам шариатро хуб медонист ва пас аз ҳаҷҷи Макка дар 25-солагӣ ба шарҳи шариат машғул шуд. Ин марди фозил ноширии рӯзномаи «Самарканд», ки ба забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ чоп шуда, инчунин дар қисмати эълону реклама аз забонҳои русӣ, олмонӣ ва форонсавӣ истифода мебурданд. Ӯ аз хориҷ бо пули худ «садҳо китоб овардааст, ки онҳо аз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

илмхои мухталиф, муаллифони гуногун буда, бо забонҳои гуногун чоп шудаанд» ва дар заминаи онҳо ва бо истифодаи адабиёти дигарӯ дар Самарқанд аввалин китобҳои тарзи нав - тариқи урупоиро таъсис дод, ки ба номи «Қироатхонаи исломия» маъруф аст. Ин марди доно ҳамчун ислоҳотталаби дин ва маориф таборуз кардааст. Ӯ рохбари чадидони Осиёи Марказй буд ва донишмандон чадидонро чун «панисломистон» муаррифй кардаанд, ки назари онхо дар «асоси ақидаҳои дини ислом таъсис ёфта»-аст ва панисломизм «дар дасти империализми Германия барои гузаронидани таъсири худдар Шарқ як яроки эътимоднок шуда хизмат мекард».

Мавриди зикр аст, ки дар тамоми таърихи башарӣ динро, аз ҷумла, дини мубораки исломро тарафҳои муқобил бо мақсадҳои худ истифода мекарданд, камбуду гуноҳи худро ҳам бо он пӯшониданй мешуданд, барои пешрафти худ ҳам аз он кор мегирифтанд. Дар ин муносибат аслан бузургии дин, оҷизии инсон дар назди таълимоти он аз як тараф ва аз ҷониби дигар сӯиистифода шудани таълимоти динй зоҳир мешавад. Албатта, исгифодаи таълимоти диниро дар кори дунявй галат набояд шумурд. Аммо ин истифода бояд ба хақиқати таълимот асос ёбад, то даъвоҳои шабеҳи «Ислом ба зоги ҳуд надорад айбе, ҳар айб, ки ҳаст, дар мусалмонии мост» зарур наояд. Максаду мароми Беҳбудӣ аз истифодаи ислом ва муроҷиат ба он асоси илмй дошт.

Дар аввали қарни XX, дар замони сӯи Аврупо чашм боз намудани Туркистон ва дар зери пардаи тира ба он сӯ хира шудани Бухоро ба масъалаи ислоҳи дин таваҷҷӯҳ намудани Беҳбудй чои тааҷҷуб надорад. Зеро аввалан, дар байни даъвогарони мусалмонй дар Осиёи Марказй касоне буданд, ки «калимаи шаҳодатро намедонанд. Ин асг аҳволи Бухоро ва олимони моён» ва дуввум, замон талаб мекард, ки аз ҳам дуршавии тамадцунҳо пешгирй ва робитаи байни онҳо барқарор карда шавад.

Ин ва проблемаҳои марбут ба он аз мавзўъҳои асосии «Самарқанд» дар мавзўи ҳақиқати он рўз буданд.

«Ойина». Маҳмудхуҷа Беҳбудӣ дар кушоиши шумораи аввали маҷаллаи мазкур навишта буд: «Ойина» ба рўи он инсон назар афканад худро мебинад ва аз чигунагию қиёфаи ваҷҳ ... воқиф ва огоҳ мешавад ва сипас ба илоҷ мекўшад...

Оинаи имрўзаи инсон ин аст,
Таҷдиди ҳузуру қалбу имон ин аст.
Боре назаре бад-ин санҷанҷил бикунед,
Миръати тамом хўрда бе ном ин аст.

Ин нашрияи Маҳмудхоҷа Беҳбудй - маҷаллаи «Ойина», ки низ бо забонҳои тоҷикиву ўзбекй мебаромад, дар байни хонандагон дастгрии бештаре пайдо кард. Устод С.Айнй бо тазаккури он «ин маҷмўа дар забонхои гуркй ва форсй дар зери масьулият ва таҳрири Маҳмудхоҷа Беҳбудии Самарқандй дар Самарқанд табъ меёфт» аз давраи нашр, намунаҳои он иқтибосҳо кардааст. Ба ин пеш аз ҳама мақолахои яке аз аввалин мардони демократ Саидризо Ализода сабаб гардиданд. Ношир ба Ализода таваҷҷўҳи калон дошт, афкори пешқадами ўро меписандид ва қобилияти публитсистиашро эътироф мекард. Ин буд, ки ҳангоми сафарҳояш нашри «Ойина»-ро ба зиммаи вай мегузошт. Дар он шумораҳое, ки зери таҳрири

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ализода баромадааст, кисми тоҷикӣ- форсиаш маводи бештар ва аз ҷиҳати ғояву мундариҷа ғанитар буданд.

«Ойина» 20 августи соли 1913 ба арсаи вуҷуд омад. Дар ин шумора сармақолаи М.Беҳбудӣ ба номи «Мулоҳиза» интишор шудааст, ки дар он шароити пайдоиш ва вазифаҳои маҷаллаи мазкур ба гаври зерин шарҳ дода мешаванд:

«Дар ин замон баъзе ашхосе, ки аз иноятиҳак филҷумла чашм кушода ва ба аҳволи олам ва авзои умум ба сабаби шавки табиат ва ё бо хондану илму таърих ва татаббуи тозӣ воқиф гаштаанд, албатта толиби ислоҳ мебошанд.

Вирди забони ингуна касон ислох ва ислоҳ аст.

Агар аз онҳо пурсида шавад, ки ислоҳ аз куҷо сар мезанад, ҷавоб хоҳанд гуфт, ки аз мактаб ва мадраса. Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактаб ва мадраса аст. Мактаб ва мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳиб ва ҳокими дигар миллат мегардад. мактаб ва мадрасаи кадом миллат, ки хароб аст, ҳоли худи он низ ху б нест. Ривоҷи дину миллат, тараққии улум ва диёнат, пешрафти касбу ҳунар, ислохи ахлоқ ва одоб, хубии маишаг ва зиндагонии хар тоифаро сабаб мактаб ва мадраса аст.

Оре, ба мо туркистониён, иморати мактаб ва мадраса кам нест, вале кайфияти таълими он хуб нест ва илме, ки ба замонаи мо лозим аст дар мактаб ва мадрасаҳои мо нест ва он илмҳое, ки то кунун ба мадрасаҳои мо ҳаст, дар таълими он низ беэътиной рӯй дода истодааст».

Беҳбудӣ сабаби ақибмонии таълиму тарбияро дар мактабу мадорис, дар муллову мударисон дониста, онро таъкид мекунад, ки ҳанӯз чандин аср муқаддам мунавварони точик бароп омӯзиши илмҳои дунёвӣ кӯшидаанд ва аз ҳамин нуқтаи назар ҷадидонро ҳимоя карда менависад:

«Пас имрӯз тараққипарварон ва ислоҳчиён ҷадид не, балки кадимӣ будаанд ва аз ҷумлаи пайравони салафи солеҳ будаанд».

Ин порча равияи асосии маҷаллаи «Ойина», ҳамчунон мақсаду мароми ҷадидони Туркистонро низ бозгӯ мекунад. На муборизаи синфӣ барои тағйир додани сохти иҷтимоӣ, балки ноил шудан ба тағйироти машрутаи ҳукумати шоҳӣ, ислоҳот дар системаи таълим, баъзе дигаргуниҳо дар ҳаёти илмӣ ва маданӣ ҳамин буданд. максади таблиғии онҳо. Ин маъно, асоси ғоявии мақола ва шеъру қиссаҳои дар мачаллаи «Ойина» чопкардаи С.Айнӣ, С.Ализода, М.Беҳбудӣ, А.Фитрат, Ҳоҷи Муин, Мирзосироҷ Бухорӣ, Асъади Бухороӣ, Зуҳуриддин Фатҳиддин ва дигаронро ташкил медиҳад.

Яке аз умдатарин масъалаҳо дар «Ойина» масъалаи мактаб ва фоидаи.он. зарурати таҳсил барои афроди Ватан буд. Мачалла дар ин мавзуъ натанҳо мақолаву шеърҳои муаллифони худро чоп карда, ба ин шева даъватҳо ба амал овардааст:

Эй дӯстон бо илму маърифат амал кунед, Дар мактабу мадориси худҳо ҷадал кунед.

(Мирсарвар)

ё

Сохта ҳар миллат ба худ гулзорҳо аз маърифат,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Миллати мо чун надорад гайри саҳро шӯразор.

(Ҳ.Ҳ.)

ва

Эй некутабъ тифли фаррухфол,

Рав ба мактаб бихон илму одоб.

(Сарвар)

балки ҳамчунон дар иктибос аз «Сироҷул-ахбор» роҷеъ ба мактаб газали М.Тарзиро чоп карда, сипас дар мавзӯъ хамчун чавобия шеърхои Асадаи Бухорой, Мирзо Бухорой, Мирзо Бурҳон ва дигаронро чоп кардааст.

Дар «Ойина» М.Беҳбудй кӯшиши ислоҳи вазъи динро дар қаламрави Бухоро карда, дар ин мавзӯъ якчанд макола худаш чоп кард ва ҳамфикронашро низ ҷалб намуд.

Дар аввали қарни ХХ дар замони сӯи Аврупо чашм боз намудани Туркистон ва дар зери пардаи тира ба он сӯ хира шудани Бухоро ба масъалаи ислоҳи дин таваҷҷӯх намудани Беҳбудй аз иқдоми муҳимми вай буд. Зеро, аввалан дар байни даъвогарони мусулмонӣ дар Осиёи Миёна касоне буданд, ки «калимаи шаҳодагро намедонанд. Ин аст аҳволи Бухоро ва олимони моён» (Ойина, 1914, *Л*[г]93) ва дуввум замон талаб мекард, ки ҳам дуршавии тамаддунҳо пешгирй ва ҳам робитаи байни онҳо барқарор карда шавад. Ба ин маънй аслан фаъолияти ӯ ва ҳамсафонаш ислохи дин не, балки пок кардани Осиёи Марказй аз расму одат ва анъанахои ба ислом бегона буд. Зеро тавре маҷаллаи «Ойина» навишта буд: «Дар миёни мо -туркистониён расму одатҳои бисёре ҳукмфармост, ки ба мусалмонони дигар ҷойҳо нест. Он маросиму одат иборат аз исрофот, тӯйхои (хатна), (бист), (чил) ва (сол) аз барои мурдагон,таҳлилот(омезиш)-и ин маросим рӯзто рӯз ончунондартаҷоид аст, ки бештарини мардум аз шарми халқ ё ки ба хаёли ман (ман аз фалон кам-мӣ?) қарз бардошта, ба иҷрои ин маросими хонахаробкунанда сарф мекунанд ва худ у.мре дар зери бори қарз аз осоиши ҳаёти дунёй маҳрум мемонанд. Ҳол он ки сабаби саодати бани башар илму хунар аст. На иҷрои маросими тӯй ва азо. Ба фикри банда маросими тӯй ва азоро ислоҳ намудан, албатта. лозим ва лобуд (ногузир) аст».

Аз ин сабаб ҳам «тараққй намудани ҳар миллат вобаста ба илм аст. Аввалин чои таҳсили илм мактаби ибтидой аст, ки аз он хондан ва навиштанро ёд мегиранд. Баъд аз он таҳсилу таълим кардани илми арабӣ, илми ҳисоб, илми ҷугрофиё ва гайра аст. Дар ин замон ва баъд аз он низ забони русиро аз ҷиҳати равнақи тиҷорат ва саноат ва беҳбудии умр, зиндагонй ва маишатамон бояд истифода барем. Баъд аз ин илмҳо забони франсавй ва немисиро бояд омӯхт, зеро ки ҳар вақт мо дорои ин забон шудаем, тиҷорати худро пеш мебарем ва медонем, ки он қавмхо чй гуна тараққӣ намудаанд ва мо барои чӣ ба дарёи гафлат фурӯ рафтаем. Оё мо аз замони пешин хамчунин будем ё дар ин аср чунин гардидем?

Мо - мусалмонон аз китобҳои уламо ва ҳукамои худ маҳрум ва аҷнабиён аз китобхои мо баҳравар ва фоидаманд гардида ва мегарданд. Магар онҳо ба сабаби мутолиа намудани китобҳои мо аз дини худ баргаштаанд? Пас мо чаро омӯхтани забон ва хондани илмҳои замонаро гуноҳ мепиндорем? Вой бар мо...

Оё онҳо аз кавми чин ё парӣ ҳасганд? Онҳо хам мисли мо инсонанд, онҳо ҳам

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ду чашму ду гӯш доранд, мо ҳам. Онон аз улуму фунуни ҳозира баҳравар ва мустафод мешаванд ва мо мисли шабпараке аз офтоб бигрезад, аз илму замона мегурезем. Агар боз ҳам ба улуму фунуни замона рағбату майл накунем, ба ифтикор (эҳтиёҷ) ва хохиши замона кор накунем, оқибат помолтар хоҳем шуд».

Барои Маҳмудхоча Бехбудй дин ойини муқаддас аст. Ӯ шахсест, ки муқаддастарин меъёри зиндагиро дин ҳисоб мекунад ва дар он ҳастиро мебинад. Ҳеч кори дунё берун аз он тасаввур намешавад, покии шахсият, одоби инсони, илму ирфон бе он вуҷуд надорад. Вай муқобили ҷабҳагарии дохилимазҳабист ва дар навиштаҳояш чунин ақидаро таргиб мекунад: «Шиъа дар фикру ақида мисли моанд. Ҳеч яке аз шиъахо ҳазрати Алиро пайғамбар нагӯянд. Пайғамбари мо Муҳаммадро пайғамбари барҳақ ва «Қуръон»-ро каломи парвардигор ва ҳазрати Алиро яке аз чаҳор ёр киром медонанд». Дар баробари ин барои Маҳмудхоҷа Беҳбудй чунин муаммое вуҷуд дорад: Оё дин хамонест. ки баъзе уламову руасо талқин кардан ба ин васила аз ҳаёти умумй, аз пешрафти ҷомеа, робита бо ҷаҳону одамони дигар мардумро дур андохтан мехоҳанд? Вай мӯътақиди чунин андеша нест. Балки ӯ якин дорад, ки мусалмонони ҳақикӣ, он ки аз асли дин хабар дорад, он ки дар дин қадимипараст аст, медонад, ки ба ислом хеҷ кадом пешрафт, ҳеҷ кадом тамаддун бегона ва мухолиф нест. Маҳз дар ҳамин замина ӯ барои таблиғи тамаддуни умумибашарй, наздик кардани маданият ва тарзи зиндагии Осиёи Марказй ба тарзи тафаккури замони нав мубориза бурдааст.

Пас ӯ барои расидан ба мақсади ниҳоии худ дар гоми аввал алайҳи он рӯҳониёне таблиғ мекард, ки динро ба василаи рӯзгузаронии худ табдил дода, одагхо ва ривоятҳоеро тарғиб мекарданд, ки камтар ба дину имон иртибот мегирифтанд. Бо ин хмаксад чанд ҷиҳат дар фаъолияти илмиву сиёсии Маҳмудхоҷа Беҳбудй ҷудо шуда меистад. Аввалан, вай мехост дар Туркистон муассисаи воҳиде оид ба дин мавҷуд бошад, ки он ҳама соҳаи марбут ба динро аз мактаб то масҷид танзим намояд. Ба назари М.Беҳбудй, ҳам бино ва ҳам шакли таълими мактабҳои Туркистону Бухоро вайрон шудааст. Муллоҳо ва қозиҳо барои таълим ва мурофиа ришват мегиранд, фатвоҳое, ки муфтиҳо медиҳанд, ба ҳам монанд нестанд ва бисёр мешавад, ки онҳо мухолифи ҳамдигаранд, ахлоки мардум фасод шудааст ва ин аз бетаъсирии ровиёни дин далолат медихад. Идаде аз муллохои нохонда хилофи он амал мекунанд, ки мардум бо муассисаҳои давлат ҳамкорй намоянд, дар мактабҳои нав хонанд. Ва фикри худро ӯ ба чунин натиҷа ҷамъбаст менамояд: «Сабаб дар ин ҷост, ки дар мо барои назорат кардан ба корҳои динияи мусалмонон як маҳкамаи воҳиди олй вуҷуд надорад»

Дуввум, чизе, ки вай талаб мекард, интанвири афкори худи уламо буд. Яъне онхо дар назди Худо ва бандагонаш бояд пок бошанд, донишманд бошанд, то тавонанд аз рӯи ақл ва адолат қазоват намоянд. Ин ниҳояг муҳим аст. зеро «уламо, аҳли қалам ва соҳибфикрони ҳар миллат барои ояндаи худ роҳ нишон медиханд, машварат медиҳанд, кслоҳи ахлоқи миллат дар масҷидҳо панду вазъ мекунанд, дар мактаб ва мадрасахо илм ва фанҳои барои дунёву охират даркориро ёд медиханд, ба воситаи китобу рӯзнома дар мавзӯи хайрияти уммат баҳсу муколамаҳо мекунанд».

Саввум, Махмудхоҷа Беҳбудӣ барои мустаҳкам кардани мавқеи назариявии

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худ дар мавзўи мавқеи ислом дар тафаккури инсонӣ, барои исбоги он ки фикри ў ва ҳамақидаҳояш дар шароити кунунӣ фикри нав (ҷадид) не фикри кӯҳна (қадимӣ) аст, ба фалсафаи ислом, ба хусус, ба зҷодиёти Мавлавӣ ва Ҷомӣ таваҷҷӯҳ мекунад, зимни навиштаҳои онҳо, панду одоби онҳо вазифаи дин ва аҳли динро дар шароити нави таърихӣ шарҳ медиҳад. Аз ҳамин нигоҳ ў уламо ва донишмандони ростинро кувваи муассири зиндагисоз медонад ва ҳатто таъсиси ҳизби сиёсиеро, ки асоси исломӣ дошта бошад, дар шароити замони худ лозим медонад.

Чахорум, Маҳмудхоча Беҳбудӣ рӯҳониёнро гаҳе чун хушомадгўй, порахўр, дурўғгўй сахг мазаммат мекунад ва гоҳе ҳам онҳоро ҳамчун чароғи зиндагӣ, бедоркунандаи ақлу фаросати мардум, пешоҳанги ҳаёти маънавӣ ситоишҳои фаровон мекунад. Чуни^ муносибат баъзеҳоро ба шубҳа меорад ва муносибати ўро ба ин тоифа духўра хисоб мекунанд. Аслан чунин нест. Вақте муфтӣ дар бораи рафтору кирдори бад ва носазои уламо сухан мегўяд, ў шахсони ҷудогона, одамони шинос ва муллоҳои хамзамонашро дар назардорад. Чун дархусуси нақши уламо дар ҷомеа сухан меронад, вай гояро дар назар мегирад, ниҳояти максади ву ҷуд доштани чунин инсти гутро дар дин дар назар дорад.

Мақмудхоҷа Беҳбудӣ ганҳо бо танқид ва шумурдани навоқис иктифо намекунад, балки рохи халли онро низ ёфтан мехоҳад ва дар маҷаллаи «Ойина» (1913, Л!>5, 23 ноябр) саволномаҳо чоп карда, дар шумораҳои баъдӣ барои онҳо ҷавоб медиҳад. Иддае аз саволҳо хеле ҷиддианд: «Агар иморати дунё хароб гардад, усто, наҷҷор, гулкор мусаллаҳи ўст, агар иморати динӣ рў ба харобӣ орад, ислоҳи ў ба зиммаи кист ва огози ў куҷост ва чӣ гуна аст?

Ҳоло дар ин замона мо ба ду исм мактаб аст. Яке қадим ва дигаре ҷадид. Аз барои шогирдон кадом пурфоида аст? Ва фарқ байни ин ду чист ва ибтидои қадим ва ҷадид аз куҷост? Дар замони собиқ ҳам таълимҳои макотиб чунин вайрон буд ё не, чаро вайрон шуд? Ва. ба вайрон шудани ў кӣ ва чӣ чиз боис шуд? Дар ин овон ба мактаб кадом илмҳоро таълим додан зарур аст? Дар болои муаллимин нозир лозим аст ё на, агар лозим бошад, чӣ гуна шахсро нозир карда мешавад?»

Барои он олим ё хатиб лозим аст, ки мардумро аз хоби гафлати садсолаҳо наҷот бахшад. «Барои мо - мусалмонон, махсусан, дар шароити имрўзаи мо, ду навъи уламо лозиманд: аввал олими дини ислом, ки шариатро фаҳмонанд ва дуввум олимони замонавӣ, ки онҳо ба ҳайси имомҳо, хатибхо, мударрисон, муаллимон, қозиҳо ва муфтиҳои ҳаёти динӣ, маънавӣ ва ахлоқии халқро роҳбарӣ кардатавонанд. Дар ибтидо атфолро ба дониши мусалмонӣ, забони модарӣ мусаллаҳ карда, сипас онҳоро ба таҳсили илми мухандисӣ, тибб, саноат ва соири ҳунар ва улум ба хориҷ фиристодан лозим аст. Ҳазрати Расули акрам (с) фармудаанд: «Илмро биталаб, агар он дар Хитой бошад ҳам»

Ҳамаи ин ислоҳи виҷдон танҳо ба тавассути мактабу маориф сурат гирифта метавонад. Биноан, Маҳмудхоҷа Беҳбудй ба такрор менависад: «Дар ин замон баъзе ашхосе, ки ба иноятн ҳақ филҷумла чашм кушода ва ба аҳволи олам ва авзои умум ба сабаби шавқи табиат ва ё ба хондани илми таърих ва ташаббуси мозӣ воқиф гаштаанд, албатта, толиби ислоҳ мебошанд. Вирди забони ин гуна

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

касон ислоҳ ва ислоҳ аст.

Агар аз онҳо пурсида шавад, ки ислоҳ аз куҷо сар мешавад, ҷавоб хоҳанд гуфт, ки аз мактабу мадраса. Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактабу мадраса аст. Мактаб ва мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳиб ва ҳокими дигар миллатҳо мегарданд. Ривоҷи дину миллат, тараққии улум ва диёнат пешрафти фазлу ҳунар, ислоҳи ахлоқу одоб, хубии маишат ва зиндагонии ҳар миюитро сабаб мактаб ва мадраса аст. Оре, ба мо туркистониён мактабу мадраса кам нест. вале кайфияти он хуб нест ва он илмҳое, ки то кунун ба мадрасаҳои мо ҳаст, дар таълими он низ беэътиной руй додааст...

Чун нек бингарем об аз сар лой ва аз панҷ-шаш аср боз таназзул дар олами ислом ҳукмфармо будааст. Боиси фасоди олами ислом назар ба кавл ва шикояти ҳазрати Мавлавӣ, ашхоси боло ва рӯҳониён будаанд. Агар ин ҳарфҳоро одамони замони ҳозир гӯянд, онро усули ҷадидӣ, мубтадеъ (аҳли бидъат), бобӣ, кофир мегӯянд. Ҳол он ки 400 сол қабл ҳазрати Мавлавӣ шиква аз уламо ва рӯҳониюн ва машоих ва руасо намудаанд ва боиси заъфи ислом ононро гуфтаанд.

Пас имрӯза тараққипарварон ва ислоҳчиён ҷадид не, балки қадимчӣ будаанд ва аз ҷумлаи пайравони салафи солеҳ будаанд»

Барои ҳамин ҳам ислоҳи мактаб дар назарияи динӣ ва дунявии М.Беҳбудӣ дар ҷоп аввал қарор дорад. Чаро ислоҳи мактаб лозим аст? Зеро дар Туркистону Бухоро «Кайфияги таҳсил ва тадрнс аз ин ҳам чонсузтар, самараи онҳо ба ҷуз зиёни умр ва дасттиҳӣ мондан чизе нест. Мардуми дунё ҳафт моҳ таҳсил мекунанд. Чаҳор моҳи бақияро низ феълан ба такмили маълумот ва гачрибаи илмй ва амалй ба сар мебаранд. Саёҳатҳои илмй мекунанд. Дарсҳои ноқиси худро икмол (комил) мекунанд. Хулоса, мардумони дунё соле дувоздаҳ моҳ ба таҳсил мекўшанд. Ва мо бошем, вақте аз мадраса берун шудем, дигар ёди кутуб не. Аксар толиби илму хат не, саводи форсиву туркй не, қироати «Қуръон» не, таҷвиди ҳисобу ахлоқ не. Акнун вақт аст, ки чашм кушода дар олами ислом бингарист. Оё ғайр аз шаҳрҳои мо дар дунё билод ҳаст ва ё гайр аз уламои мо дар олами ислом уламо ҳастанд ё не? Боре, агар дигар шаҳрҳоро намешиносем, Макка, Мадина, Миср ва Истамбулро албатта, медонем, он ҷо мебинем, ки ҳар рӯз китобҳои тозае дар ҳар фан ба таснифу табъ мерасад, пас чй кардаанд, ки эшон соҳиби таълиф шудаанд? Ва мо чаро рӯз то рӯз ақибтар меравем. Маҳмудхоҷа Беҳбудй тарафдори чунин макгабе буд, ки дар он дар баробари дарсҳои диния - ҳифзи «Қуръон», таълими шариат, омӯхтани Ҳофизу Бедил, аҳодиси Пайгамбар, инчунин илмҳои замонавй ҷугрофиё. тиҷорат, ҳандаса, тибб низ омӯхта шаванд. Ӯ мехост фарзандони мусалмонон баъди таҳсил дар мактабҳои навтаъсиси ҷадидии миллӣ, аврупой, дар мактабҳои олии Аврупо низ хонанд. Барои ҳамин ҳам ӯ сиёсати давлагҳои исломиро дар ин соҳа муқобала карда, аз оҷизии низоми кишвараш ранҷ мебурд: «Мусалмонон ва ё ҳукуматҳое, ки дар Хитой, Ҳинд, Афгонистон, Африқо, Эрон, Арабистон, Туркия ва Миср, Макка ва Мадина. Тотористон, хулоса дар атрофи олам ҳастанд, ҳамагй ба тариқи усули замонавй мактабҳо боз карда ва мадрасаҳоро низ бо интизом гирифтанд. Ва рӯ то рӯз адади мактабу мадрасаҳои тоза ба ҷомеаи мамлакатҳои исломӣ дар зиёда шудан аст.

Ҳикмат чист, ки ҳукумат ва олимони Бухоро ду-се мактабе, ки чавонони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

богайрати Бухоро ба хонаҳои худҳо боз карда буданд, баст ва ин баста шудани мактабро хеҷ як аз ҳукумат ва олимони исломии кураи замин қабул нанамуда буд, хеле амри аҷиб ва боиси гиря аст, ки ҳукумат ва олимони исломии Бухоро бо ин гуна амри манкуб (манфур) иқдом намуданд. Атфолро аз Қуръонхонӣ ва донистани таълими ҳисобу гаърихи ислом ва донистани аҳволи дигарон ва ҳолати ақво монеъ намудан оё аз мусалмон аст? Албатта, аз мусалмонон нест».

Вай мехост, ки духтарҳо низ мактабхон бошанд ва танҳо бо саводи динӣ маҳдуд намонанд. Ана дар чунин мавқеъ фикри ӯ бо акидаи аксарияти уламои Туркистону Бухоро мувофиқат намекард, дар ҳамин мавзўъҳо таблиғ менамуд, ташвиқ мекард ва дар ҳақиқати амр мақсад аз таъсиси нашрияҳои «Самарқанд» ва «Ойина», намоишномаи «Падаркуш» низ ҳамин буд. Вай дар маҷаллаи «Ойина» мақолае бо номи «Ба мо ду не, чор забон лозим» чоп карда, таъкид менамуд, ки ахли кишвар агар худро аз чамбаи маданӣ ва босавод медонад, бояд чор забонро донад: забони аввал тоҷикӣ ё туркӣ, ки забони оилавии мост, забони дуюм барои ҳама забони тоҷикӣ, ки забони шеър ва маданият аст, забони арабӣ - забони дини муқаддаси ислом, забони русӣ ё дигар забони аврупой, ки барои ривоҷи тиҷорату саноат ва муомила дар арсаи ҷаҳон лозим аст.

Муборизаи М.Беҳбудӣ гарчи дар роҳи дин ва дар асоси шариат буд, аниқтараш, барои гаҳкими виҷдони имони мусалмонӣ буд, он дар мачмўъ шароити муомилоти умумиинсониро фаро мегирифт, бинобар ин ўро ҳуккоми аср намеписандиданд. Як мусалмони комил дар шароити давлатҳое, ки ба усули динӣ устувор буданд, ба муқовиматҳои шадид гирифтор меомад. Зеро Беҳбудиро ба ифодаи Сайидризо Ализода, «на такфир (бедин хисобидан) ва маломатҳои пай дар паи сўъ (бадӣ) ва на таъқиботу муқобалаҳои гуногуни хуккоми мустабид аз маслаки ҳак ва мақсади муқаддасаш, ки тарвиҷи маориф ва тараккии мусалмонон буд, заррае мунҳариф насохт».

Аввали қарни XX ва ибтидои қарни XXI дар кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи таваҷҷўҳ ба дину диёнат ба ҳамдигар хеле шабеҳ аст. Дигаргуншавии тарзи зиндагӣ ҳам дар он вакт ва ҳам дар замони муосир иддаи бузурге аз рафшанфпкронро мувочеҳ кардааст, ки маҳз ба дин мурочиат намоянд. Ба назар чунин мерасад, ки муроҷиати ахли зиё дар аввали қарни XX ба дин аз он сабаб буд, ки тавонанд барои тамаддуни аврупоӣ дар шароити Бухоро ва Туркистони ақибмонда роҳ кушоянд. Ба ақидаиМ.Беҳбудӣ, «мо бояд мактабҳо, корхонаҳо ва ҳамаи он чиро, ки дар он чо ҳаёти кўҳна нигоҳ дошта мешавад, дар асоси маданияти ҳозиразамон ислоҳ намоем».

Муроҷиат ба дину диёнат дар қарни XXI агар аз як ҷониб барои таъмини истиқлоли кишвархо аз таъсири бегонагон хидмат намояд. аз ҷониби дигар барои тоза кардани мафкура ва тарзи зиндагии мардуми мусалмон аз маданияти аврупой истифода мешавад.

Пас метавон гуфт, «Ойина» маҷаллае будааст, ки барномаи тарбияи маърифатро дар назди худ доштааст, нияту талош намудааст, ки афкори иҷтимой-сиёсӣ ва миллии табакаи точир ва соири буржуазияи Туркист онро бедор кунад.

«Ойина» то моҳи феврали соли 1915 68 шумора чоп шудааст, ки маводҳои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нашршуда мақсаду мароми онро муайян мекунад.

«Садои Туркиетон». Моҳи апрели соли 1914 рӯзномаи «Садои Туркистон» ба сифати нашрияи адабӣ, иктисодӣ, фаннию сиёсӣ ба вуҷуд омад ва ҳафтае ду бор чоп мешуд. Муҳаррири он Убайдуллохоча Асадуллохоҷаев ва муаллифони фаъолаш Мунаввар Қорӣ, Абдурауф Музаффаров, Абдулло Авлонӣ, Т.Хуҷамиров, Ҳамза Ҳакимзода, Абдулҳамид Сулаймон буданд. Ин ҷарида ҷараёни чадидизмро таблиғ мекард ва бо он мақсад аз материалҳои маҷаллаҳои «Шӯро» ва «Вақт» фаровон истифода менамуд. Ҳамагӣ 66 шумора ба табъ расидааст.

«Садои Туркистон» як навъ инкишофдиҳандаи нашрияҳои фавқулзикри тоторӣ дар Осиёи Миёна буд, аз он маҷаллаҳо матолиб мегирифт ва тавонист теъдоди зиёди хонандагонро дар атрофаш муттаҳид намояд. «Садои Туркистон» илова ба хислати миллиаш, равияи тиҷоратӣ низ дошт.

«Садои Фарғона». 3 апрели соли 1914 шумораи аввалини ин рӯзнома ба табъ расидааст. Муҳаррир ва ноширн он Обидҷон Маҳмудов буда, рӯзнома ҳафтае се бэрӣ то соли 1916 чоп шудааст. «Садои Фаргона» дар шаҳрҳои Хуқанд ва Марғелон ба табъ расидааст. Адади нашр 500-600 нусха будааст. Ин ҷарида аз соири нашароти вақт дида камтар равияи сиёсӣ дошт ва зиёдтар ба инкишофи бозоргонӣ, ба хусус ба равобити тиҷоратии байни Туркистон ва Русия, Фаронса, Инглис аҳамият медод. Аз нигохи хислати тиҷоратӣ дошт ва бештари матолиб оҳанги реклама доштанд. Таҳлили матолиби ин рӯзнома таваҷҷӯҳи зиёди саноатчиёни русро ба водии Фарғона ошкор мекунад. Дар масъалаи санъат, рӯзнома андешаи буржуазияи навташкилро низ мефаҳмонд.

«Садои Фарғона» асосан ба забони туркӣ ва теъдоди каме аз матолиби он баточикӣ таълиф мегардид. аз соли 1915 замимаи «Тирик сӯз» дошт.

«Рӯзномаи моварои баҳри Хазар». Рӯзномаи мазкур аз 14 декабри соли 1914 то инкилоби феврали соли 1917 дар Ашқобод бо забонҳои гоҷикӣ ва туркманӣ ба табъ расидааст. Нашрияи расмӣ ва зоҳиран замимаи «Закаспийская туземная газета» будааст. Дар тамоми мавзӯи доғ -аз ҷумла ҷанги якуми чахон. аз мавқеи ҳукумат дифоъ кардааст.

Аз ин рӯ дар давраи эҳтисоби хуҷандиён дар мукобили мардикоргирӣ, ин амали мардумро куфри неъмаг дониста, дар мавриди он мақолаҳо ба табъ расонидааст. Ҷаридаи мазкур ҳам дар иртибот ба ҷанг, ҳам дар иртибот ба масоили миллӣ ва динӣ таблиғгари импературии рус будааст. Ҳадафи ин нашрия на танҳо Осиёи Миёна, балки Эрон низ будааст.

Масъули саҳифаи тоҷикӣ (форсӣ)-и чарида Свеглов шахси аз адабиёт огоҳ будааст, ки кариб дар ҳар шумора достонҳо (ҳикоя, афсонахо)-и фолклорӣ ё аз насри классикии тоҷикӣ иқтибосшударо чоп кардааст. Зикр кардан лозим аст, ки матолиби адабӣ-фолклории ҷарида ҳам аз нигоҳи шакл, ҳам аз нигоҳи забон ва ҳам аз нуқтаи назари мундариҷа ба Осиёи Мнёна тааллуқ дошт.

«Хуршеди ховар». Маҷаллаи муҳоҷирони эронӣ пайравони мазҳаби баҳоия аст, ки аз соли 1917 сар карда дар Ашқобод чоп ва дар соири шаҳру навоҳии Осиёи Миёна паҳн шудааст. Охирин нусхаи то ҳол дастрасшуда ба соли 1926 мувофиқ меояд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вай худро чунин муаррифӣ мекард: «Маҷаллаест озод, фалсафӣ, илмӣ, диёнатӣ». Маҷалла моҳвор буда, асосан бо забони форсӣ ва баъзе мақолаҳоро бо забони озарӣ чоп мекард. Масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мавкеи зан дар зиндагӣ аз нигоҳи илмӣ шарҳ дода мешуд. Аз ҷумла дар шумораи 8 соли 1925 матолиби зерин чоп кардааст: «Ҳақро бояд гуфт ва ҳақро набояд нуҳуфт», «Осори диёнат», «Назаре ба таърихи гузашта ва муқаддироти ояндаи насвоӣ»-ро чоп кардааст. Муҳаррири маҷалла С.М.Қосимов буда, аз кормандону муаллифони фаъолаш Азиз Сулаймонӣ, Алиакбар Фурӯтан, Муҳаммад Партавиро метавон зикр кард.

6. Публитисгикаи солҳои 1906-1916

Хусусияти аслии публитсистикаи ин замонро дар равишҳои зерин пайгирӣ кардан лозим аст.

1.Дар матбуоти туркизабон мақолаҳои ҷудогонаи зиёиёни Бухоро ва 'Туркистон аз ҷумла Мирзо Сироҷ, Муҳидцин Мансуров, Махмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдулқодир Муҳиддинов чоп шудаашт, ё ашъори классикони адабиёти тоҷик ба табъ расидаанд. Мавзӯи асосии публитсистикаи матбуоти ин давр муборизаи барои ташкили мактаби типпи нав, дастрасӣ ба тарзи зиндагии маънавии аврупоӣ, инкишофи тиҷорат буд.

2.Дар матбуоти тоҷикӣ ва дузабона низ тақрибан ҳамин муаллифон иштирок дошта, мавзӯи мақола ва шеърҳояшон низ ба масъалаи мактабу мадраса, илму тиҷорат ойид будааст. Дар баробари шахсиятҳои зикршуда дар ин давра Сайидризо Ализода ва Мирзоҷалол Юсуфзода низ бо мақолаҳои ҷиддин худ саҳм гирифтанд.

3.Ин давраи ташаккули публитсистикаи китобӣ низ мебошад. Дар байни онхое, ки ба ин кор даст заданд. Фитрат. Мирзо Сирочи Ҳаким буданд.

Мирзо Сироҷи Ҳаким. Аз публитсисгон ва равшанфикрони маъруфи аввали асри XX Бухоро буда, дар «Бухорои Шариф», «Ойина» ва «Самарқанд» фаьолона иштирок намудааст. Ӯ муаллифи «Тухафи ахли Бухоро» мебошад. Ин асар дар чорчӯби сафарнома навишта шуда, дар он Бухоро бо кишварҳои дигар -Кафқоз, Эрон, Афгонистон ва Фаронса муқоиса карда мешавад. Хулосаи муаллиф ин аст, ки Бухоро ақибмондатарин мамлакат дар байни номбаршудагон мебошад. Дар ин ҷо иқтисод ва истеҳсолот ба ҳадди аксар ақибмонда аст, тиб, мактаб ва маданияти замонавӣ вуҷуд надорад. Бухоро бояд ки ҳолати худро сареҳан ислоҳ намояд.

Абдурауф Фитрат. Фитрат (1886-1938) дар оилаи тоҷир таваллуд шуда, мадрасаи Мири Араби Бухоро ва донишгоҳро дар Стамбул хатм кардааст. Аз публитсистони шӯҳратдори ин давра буд. Ӯ муаллифи «Баёноти сайёҳи Ҳинд», «Сайёҳа» ва «Мунозира» барин асарҳои публитсистӣ мебошад. Асарҳои мазкур хонандаро на танҳо ба ақидаҳои шахсии Фитрат, балки ба идеологияи ҷадидии Осиёи Миёна ошно мекунанд ва мӯътақид месозанд, ки ин ҷараён бо инқилоби Октябр дар қаламрави аморат акидаҳои тараққихоҳонаи миллатпарастиро барафкандааст. 'Зеро ислоҳоте, ки перомуни онҳо дар публитсистикаи Фитрат сухан меравад, дар муқоиса ба шароити онрӯзаи Бухоро ва Туркистон маротибаҳо пешқадам буд. Моҳият дар он будааст, ки равшанфикрони Бухоро кишвари худро аз нигохи тиҷорат ва иқтисод, аз ҷумла истифодаи конҳо, аз лихози маориф ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тандурустӣ пешрафта дидан мехостанд.

Дар «Баёноти сайёҳи Ҳинд», ки дар шакли диалог, гуфтугӯи ду шахси ҷаҳонбинии гуногундошта навишта шуда, дар мӯҳтаво ва шакл унсурҳои очеркро низ дорад, муборизаи наву кӯҳна, ҳақиқат ва ҷаҳолат тасвир меёбад. Дар ин замина нависанда ҷавонони озодфикр ва навпарвари Ватанашро бо мулло ва мударрисони камсаводу кӯҳнапараст ва аз зиндагӣ дурафтода муқобил мегузорад ва ояндаи ватанашро дар ҷавонон мебинад.

Беҳбудӣ. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875 Самарқанд-1919, Қаршӣ), яке аз публитсист, журналист, ношир, адиб ва сиёсатмадорони барчастаи тоҷик буда, аз қишри уламост. Ӯ ҳаҷ карда, аз 25 солагиаш ба шархи шариат машғул гардид. Вай дар нашрияҳои ҷадидии «Туҷор», «Хуршед», «Шӯхрат» мақолаҳои зиёде чоп кардааст.

Нависанда ва журналист, яке аз роҳбарони ҷадидони Туркистон. Мадрасаро хатм кардааст, муфтӣ буд. Барои мактабҳои ҷадидӣ китобҳои дарсӣ ва дастурҳои «Алифбои мактаби исломия», «Асбоби савод», «Мунтахаби ҷуғрофияи умумӣ», «Китобулатфол», «Мухтасари таърихи ислом». «Амалиёти ислом», «Мадхали ҷуғрофияи имронӣ», «Мухтасари ҷуғрофияи Русия»-ро таълиф намуд. Мураттиб ва нашири

«Харитаи Туркистон, Бухоро ва Хива», муҳаррир ва нашири рӯзномаи «Самарканд» (1913-14) ва маҷаллаи «Ойина» (1914-15) буд». Ӯ муаллифи аввалин песаи тоҷикӣ-«Падаркуш» мебошад.

Нахустин нашрияи пасазинқилобии тоҷик, маҷаллаи хафтагии Беҳбуди «Шӯълаи инқилоб» (1919-1921) суннатҳои рӯзномаҳои «Бухорои Шариф», «Самарқанд», маҷаллаи «Ойина»-ро, ки ҳардуи охирӣ аз шаҳр нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ буд, идома дода, дар айни замон ягона минбаре буд, ки ба хонандаи точикзабони Осиёи Миёна дар бораи ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагии пас аз инқилоб маълумот медод. Ин нашрия дар мамолики ҳамзабони Шарк, бахусус дар Афгонистону Эрон низ шӯҳрат ёфта буд. Ҳар маълумоте, ки дар он дарҷ меёфт ва ё диққати кормандони онро ба худ мекашид, бешубҳа, манфиати доирахои васеи мардумро ба назар мегирифт.

Аз ҳамин гуна маводи ҷолибе, ки дар саҳифаҳои маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» дарҷ гардидааст, маълумот дар бораи зиндагӣ ва марги сахис) Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ мсбошад, ки ҳусни таваҷҷӯҳ ва эҳтиром бакард. Шахсияти ин донишманди рӯшанфикр, сарвари ҷадидони Осиёи Миёна адиби маорифпарвар ва ходими сиёсии ифодагари манфиатхои миллии кишварро ифода кардааст.

Беҳбудӣ баъд аз «воқеаи Осипуф» (январи соли 1919), ки муддаге ристан интизом ва хакконият гусаста шуда ва «хоин аз ходим имтиёз намеёфт», аз Самарқанд берун рафт ва ҳафтанома қисмати минбаъдаи ӯро пайгирӣ кардааст. Аз ҷумла, дар шумораи 34, аз 21 мартисоли 1920 маҷалла аз номи Ҳоҷӣ Сафо менависад: «Беҳбудӣ бо чанд нафар рафиқонаш ба қасди мусофирати Ҳиндустон аз Самарқанд азимат ҷадш намуда буд, дар хоки Бухоро дар шаҳри Қаршӣ нопадид гардида, то кунун аз вай ҳеҷ суроге набуд... Ҳукумати Бухоро Беҳбуди ва рафиқони ӯро дар Қаршӣ ҳабс карда, пас аз чанд рӯз ба чурми тараккипарварӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мақтул сохтааст». Ба ин муносибат, 5 апрели соли 1920 дар Самарқанд маросими таъзия ва сўгворӣ ба амал оварда шуд. Ҳолдонҳо шаҳодат медиҳанд, ки дармаросими таъзия тобути холиро гирифта ба маҳаллаву кўчахои Самарканд мегаштанд ва ба ин васила ахли шаҳр, сагиру кабир ҳама дар ин мотами бузург сўгворй доштанд. «Шўълаи инкилоб» як шумораи худро бо мақолаҳои С.Ализода «Мотами бузург», С.Айнӣ «Мусибати Махмудхоҷаи муфтӣ ва рафиконаш ё худ саодатмандии эшон». Мотамзада «Мухтасари тарҷумаи ахволи Беҳбудй» ваннам марсияхои Сиддикии Аҷзй, Ҳоҷӣ Мулло Нодир. Фахриддини Роҷй бахшида буд. Дар онҳо таваҷҷӯҳи нависандагон ба мартабаи Беҳбудй дар силсилаи си.моҳои барҷастаи дини ислом (ба хусус дар маколаи Айни), хам мақоми вай дар инкишофи маорифу мактаб, хам талоши ў дар истиклоли миллӣ ва ҳимояи ҳакикату адолат ва ҳам чӣ талафоти бузург будани фавти ин марди доно ва тавоно таъкид гардидааст.

Дар мақолаи публитсист, адиби маорифпарвар, шогирд ва ҳамкору ҳамақидаи Беҳбудӣ Саидризо Ализодаро, ки бахшида ба Маҳмудхоҷа Беҳбудй навишта буд, омадааст:

«Имрўз мотами бузург аст. Имрўз азои умумй мебошад. Имрўз шаҳри мо сиёхтарин рўзҳо ва бузургтарин мусибатҳоро мегузаронад. Имрўз ахолии Самарқандро аз шаҳодати Беҳбудй ва ёронаш дилҳо пурхун ва чашмҳо ашкафшон аст. Имрўз маорифпарварони Самарқанд пас аз як соли нигаронӣ ва умедворй аз як устоди бузург, аз як раҳбари сутурги худ самоан чудо гардида, маросими таъзия ва сўгвории ўро ба камоли тахассур ва андўҳ ба ҷо меоваранд. Имрўз рўзи шаҳодати Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аст, ки бузург ва кўчак, пир ва ҷавонро мусибатзада сохтааст...

Хидматҳои сисолаи ин мархум на бо андозаест, ки битавон дар ин сахифахои танги маҷалла гунҷоиш дод ва бо ин қалами оҷизи мо адо кард... Маҳмудхоҷа аввалин ноширй мавриф ва маданият, Маҳмудхоҷа бузургтарин ходими миллат ва ҷамоат буд. Мушоруиллаҳӣ дар як замоне, ки рондани сухани тараққӣ ва мавриф дар кишвари мо аз бузургтарин гунохон ба шумор мерафт, дар як гоҳе, ки бурдани номи мактаб ва ҷароид ба манзалаи калимаи кофир шинохта мешуд, мардона ба майдон даромада, далерона бо ҷаҳолат ва нодонӣ бинои мубориза гузошт, бо нутқҳои балеғона ва мақолаҳои муассиронааш мусулмононро бедор сохта, ба сўи илм ва ыавриф савқ дод.

Дар сояи муҷоҳадаҳои токатфарсои он бузургвор аввалин мактаби ҷадид дар шаҳри мо кушода ва аввалин рўзномаи миллй қадам ба нашр гузошт. Дар як замоне, ки дар кишвари мо -Туркистон геатр бадтар аз як фаҳшхона ба шумор мерафт, нахустин китоби театр бо номи «Падаркуш» аз тарафаш таълиф ёфт. Дар сояи заҳматҳои фавқулоддаи он марҳум аввалин дафъа дар шаҳри мо қироат ва китобхонаи ислом доир гардид.

Марҳум Беҳбудиро на такфир ва маломатҳои пайдарпайи уламои суъ (бад) ва на таъқиб ва муқобилаҳои гуногуни ҳуккоми мустабид аз маслаки ҳақ ба мақсади муқаддаси эшон, ки тарвиҷи мавриф ва тараққии мусулмонон буд, заррае мунҳариф насохта, дақиқае мутазалзил нанамуд. Балки бо камоли субот ва матонат аз паи мақсади олияи худ шитофта, дар ин рох ҳамаи талхй ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ногуворихоро нӯши ҷон намуд. Шабҳо нахобид, рӯзҳо ором нагирифт, машаққатҳои мусофират ва ғурбатро чашид, китоб ва рисолаҳо навишт, ҷаридаву маҷаллаҳо нашр намуд, мақолаҳо ва хитобахо нигошт, то ин ки мусулмононро аз хоби ғафлат бедор ва аз чаҳолат халос сохта, ба шоҳроҳи маданият ва маърифатхидоятва далолаткард.

Пас аз инқилоби Русия, ки дигар на аз тарафи уламои сӯъ ва на аз ҷониби ҳукамои мустабида барояш андешае намонда буд, Беҳбудии шаҳид чаҳордаста ба хидмати миллӣ пардохта, бар фаъолияти худ дар ин бора яке бар чанд афзуд. Дар маҷолиси сиёсӣ ва маҳофили расмӣ ҳузур дошта, ҳукуки сиёсӣ ва миллии мусулмононро мудофиа намуд, дар беҳбудии вазъият ва хубии маишати онҳо муборизаҳо кард. Чун дар Самарқанд замоне аҳволро мусоад надид, фавран ба Тошканд рафт, бо ҳукумати марказӣ кашмакашиҳо карда, қисме аз мақосиди муқаддаси худро ноил гардид, вале баъд аз ҳодисаҳои ногувори Осипуф, ки бо номи Ҳукумати Шӯрой дар ҳаққи аҳолии маҳаллӣ басо муомила.ҳои дурушт ва нохинҷор ба миён омад, муваққатан ба тарки Ватани муқаддас салоҳ дида, ба мақсаде, ки моро пинҳон мебошад, ихтиёри сафар кард ва дар байни роҳ, дар Қаршӣ (хоки Бухоро) бо рафиқони худ гирифтор гардида, шарбати шаҳодат нӯшид...

Инак, бад-ин тариқ ин мутафаккири ягона ва файласуфи фарзонаро душманони маданият ва ваҳшиёни барбарият шаҳид намуда, риши муборакашро ба хуни покаш рангин сохтанд. Ин хунхӯрони бедодгар ва сангиндилони бемурурват, ки шабпарвор аз рӯшной гурезон буда, ба сӯи торикӣ шитобон мебошанд, ба қасди хомӯш кардани ин партави дониш Беҳбудӣ ва рафиқонашро кушта, сарҳои он сарворонро ба хоку хун оғӯштаанд... Вале, ҳайҳот, ки ниятҳои баланд ва мақсадҳои олии зшонро ҳам кушта бошанд!.. Ё кушта тавонанд!... Имрӯз ҳамаи ин ният ва мақсадҳои муқаддаси зшон расман зинда шуд ва зиндагии ҷовид ёфт. Имрӯз садҳо ҳазор аҳолии Самарқанд, балки миллионҳо нуфуси Туркистон дар пеши арвоҳи муқаддаси ин шаҳидон савганд ёд менамоянд, ки модоме ки ниятҳои муқаддасашонро ба вуҷуд наёваранд, модоме ки аз қотилини гаддорашон интиқоми хуни покашонро накашанд, либоси мотам аз тан берун нахоҳанд кард. Хуни Беҳбудӣ ва ёрони вай чунин хуне нест, ки ба ройгон биравад. Биёяг рӯзе, ки ба ҳар қатраи хуни онҳо хазорон хуни он ҷаллодони олами инсоният ва маданиятро бирезанд. Ва сояъламул лазина залума ай мунқалибун ямқалибуна (ва бигзор огоҳ бошанд онҳое, ки зулм мекунанд, рӯзе зулмашон бар худашон бармегардад!»).

III. МАТБУОТИ ЗАМОНИ ИНҚИЛОБ

1. Заминахои таъсиси магбуоти Осиси Миёиа

25 октябр (7 ноябр)-и соли 1917 дар Петроград шӯриши мусаллаҳи коргарон бо галабаи қатъй анҷом ёфт. Ҳокимият ба дасти шӯроҳо гузашт. Аз паи коргарони петроградй тамоми заҳматкашони империяи Русия ба муборизаи зидди хокимон бархостанд. Инқилоб Осиёи Миёнаро хам фаро гирифта, ҳанӯз моҳи ноябр дар Тошканд, Самарқанд, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳои калони Туркистон Ҳукумати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шуроӣ барқарор гардид.

Албатта, таърих чунон сохта шудааст, ки хар сохт барои татбиқи идеологияи худ талош мекунад ва давлати навбунёди шӯрохо аз ин орӣ набуд. Аз ин нигох он дар назди халқҳои Шарқ вазифа мегузошт, ки агар ба болшевикони рус рахна кардани империализми кӯҳна, ба зиммаи худ гирифтани вазифаи ниҳоятдараҷа вазнин, вале ниҳоятдараҷа пуршарафи кушодани роҳҳои нави инқилоб муяссар шуда бошад, дар назди шумо, намояндагони оммаҳои меҳнаткашони Шарқ вазифаи боз ҳам бузургтар ва боз ҳам навтаре меистад. Мохияти ин вазифа аз фаъолияти инқилобии оммаҳои меҳнаткашро, сарфи назар аз он ки онҳо дар кадом дараҷа истодаанд, барои худфаъолӣ ва муташаккилӣ бедор кардан, таълимоти ҳақиқии коммунистиро, ки барои коммунистони мамлакатҳои пешқадам пешбинӣ карда шудааст, ба забони ҳар як халқ тарҷума кардан, вазифаҳои амалиеро, ки фавран ба ҷо овардан лозим аст, ба ҷо овардан ва дар муборизаи умумӣ бо пролетарҳои мамлакатҳои дигар як шудан иборат аст.

Аз ин сабаб ҳам, бояд асарҳои муҳимтарини марксистӣ, хуҷҷатҳои ҳизбӣ ва давлатӣ ба забони тамоми халқҳои мамлакат тарҷума карда, моҳияти онҳо фаҳмонда дода мешуданд.

Барои амалан ба миллатҳои мазлум кӯмак карда, ба тараққии босуръати ҷамъиятиву сиёсӣва мадании ҳамаи халқҳо шароити мусоид фароҳам овардан, ҳанӯз соли 1918 дар назди Комиссариати халқии оид ба кори миллатҳо нашриётҳои махсусгардонидашуда, аз ҷумла, нашристи Шарқ ташкил карда шуда будавд. Вазифаи нашриёти Шарқ иборат аз он буд, ки бо забонҳои миллӣ «рӯзнома, маҷалла, китоб, брошюраҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ чоп карда» то ташкилшавии матбуот ва нашриёти миллии ҷумҳуриҳо дар кори таргибу ташфиқот мусоидат намоянд.

Дар воқеъ, нашриёти Шарқ ин вазифаи худро сарбаландона иҷро мекард. Фақат соли аввали фаъолияташ 1918 нашриёт бо мақсади дар байни мусулмонон (ин истилоҳ халқҳои Осиёи Миёна, озар ва тоторро дар назар дошт) таргиб кардани андешаҳои нав бо нияти оммаи мехнаткашро аз таъсири ақидаҳои иртиҷоӣ раҳонида, ононро бо дӯсту душмани худ шиносонидан, бештар аз 6 миллион нусха китобу брошюраҳо, рӯзномаву варақа чоп кардааст. Ин нашриёт дарду моҳ - декабри соли 1918 ва январи 1919 бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ қариб 40 номгӯй брошюра ва варақа дарҷ намуд. Дар байни онҳо китобчаҳои «Шарки мазлум», «Ҷавонбухориён кистанд», «Барномаи болшевикҳо», «Ҳокимияти шӯроӣ чист?», «Коммуна чист?», «Меҳнат ва сармоя». «Карл Маркс ва Фридрих Энгелс», «Масъалаи миллӣ», «Миллатчигӣ ва сотсиализм» ва дигарҳо буданд.

Анҷумани аввалини мусулмонони коммунист (январи с. 1918) шӯъбаи тарғиби байналхалкии байни халқи Шарқро ташкил дод, ки вай тобеи Бюрои марказии ташкилоти коммунистии мусулмонон дар назди Ҳизби коммунистии (б) Русия буд. Яке аз вазифаҳои муҳими шӯъба тарғибу ташвиқот дар байни тамоми меҳнаткашони Шарқ ба ҳисоб мерафт. Дар дастури шӯъба омадааст, ки «вай рӯзнома, маҷалла, брошюра, варақаю китобҳо интишор мекунад». Дар вақтҳои наздиктарин, -таъкид карда буд анҷуман, - чор ҷарида: тоторӣ, озарӣ, туркӣ ва бухороӣ ташкил карда мешавад. Анҷуман мафҳуми «Забони бухорой»-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ро ба маънои забони тоҷикӣ истифода мебурд, зеро забони расмии аморат тоҷикӣ буда, аввалин варақае ҳам, ки бюро ба теъдоди 1000 нусха нашр кардааст, ба забони тоҷикӣ ба номи «хитобаи бюрои марказии ташкилоти фирқагии мусулмонон» аз чоп баромадааст.

Ҳамин тариқ, ҳанӯз дар он солҳои пурошӯб ба таъсиси матбуоти миллӣ, аз чумла матбуоти миллатҳои Туркистону Бухоро низ асос гузошта шуд. Ва дарк мегардид, ки матбуоти номунтазам ва аз омма дур талаботи ҳаррӯзаи халқро ба хабарҳои тоза қонеъ кунонда наметавонад. Халқи озодшуда мехост донад, ки дар мамлакат, дар ҷаҳон чӣ ҳодисаҳо рӯй дода истодаанд. Ба меҳнаткашон сиёсати ҳукуматро хар рӯз фахмондан, оммаро ба ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ, иқтисодиву маданӣ ҷалб кардан лозим буд. Ин корро фақат матбуоти маҳаллӣ, ки бо забони худи аҳолӣ мебаромад, ичро карда метавонисту халос. Аз ин рӯ, анҷумани VIII Ҳизби коммунист (б) Русия таъкид мекунад: «ташкилотҳои маҳаллӣ бояд барои ташкили матбуоти ҳизбию шӯрой чораҳои амалӣ андешанд».

Комиссариати халқии оид ба миллатҳои Русия низ дар мактуби таърихии худ «Ба шӯрои депутатҳо ва ташкилотҳои ҳизбии Туркистон» як бори дигар зарурияти нашри матбуот ва адабиёти миллиро таъкид карда буд. Дар воқеъ, нашри матбуоти нав дар Туркистон аз моҳҳои аввали ташкили Ҳокимияти Шӯравӣ шурӯъ мешавад. Дар солҳои 1917- 1923 дар Туркистону Бухоро бештар аз 60 номгӯй рӯзнома ва 25 номгӯй маҷалла нашр гардиданд. Аввалин намунаи матбуоти ҳизбию шӯрой дар Осиёи Миёна «Наша газета» буд, ки дар Тошканд 8 ноябри соли

1917 чоп шуда буд. Рӯзномаи мазкур ҳуҷҷатҳои хизбу ҳукуматро дарч карда, ба ин васила вазифа ва максади ҳокимиятро ба халқ мефаҳмонд.

Дар Туркистон ба ташкили магбуоти миллӣ диққаги махсус дода мешуд. 15 ноябри соли 1918 дар назди кумитаи марказии ичроияи Туркистон бюрои матбуот, нимаи соли 1919 Маркази матбуоти Туркистон ташкил меёбад. (Овдо фаъолияти воситаҳои таблигу тарвиҷро танзим менамуданд). Анчумани якуми шӯроҳои Туркистон (апрели соли 1918) ва анҷумани муассисони коммунистони кишвари Т уркистон (июни соли 1918) нашри рӯзнома ва маҷаллаҳоро бо забонҳои асосии Туркистон зарур донистанд. Аз чумла, қайд шуда буд, ки «нашри матбуоти ҳизбӣ бо забони мусулмонӣ нишондиҳандаи зарурӣ ва таъхирнопазири самаранокии фаъолияти тарғиботчигии ташкилотҳои ҳизбӣ дар байни меҳнаткашони мусулмон мебошад. Ба василаҳои ахбор гавсия мешуд, ки «тамоми кори таргиботиро ба тариқе ба роҳ мондан лозим, ки ба дили оммаи мехнаткашон роҳ ёфта, обрӯ ва таъсири ҳизб ва Ҳукумати Шӯрой дар байни коргарон ва деҳконон таъмин карда шавад». Бо ин ният «ба матбуоти нав тавлидшудаистодаи аҳолии маҳаллӣ аҳамияти аввалиндараҷа чудо кардан зарур мебошад. Вазифаи ин матбуот иборат аз он аст, ки:

а) аҳолии таҳчоиро ба сохтмони Шӯроӣ ҷалб намояд;

б) аз байни халқи маҳаллӣ кормандони ҳизбӣ ва шӯрой тайёр кунад.

Нашри матбуоти даврагӣ бе вуҷудияти журналистони касбӣ

имконнопазир буд. Бо ин мақсад КМ ҲКТ дар мактуби «Ба ҳамаи ташкилотҳои ҳизбӣ» фиристодааш таъкид мекард, ки «азбаски дар Туркистон

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

журналистони миллӣ хело каманд, он коркунони матбуот - мусулмононе, ки дар назди шӯъбаи Туркистонии РосТА ҳунари рузномачигиро меомӯзанд, набояд ба кори дигар гузаронида шаванд. Баръакс мадад кардан лозим, ки аз сохаҳои дигар коммунистони ,миллӣ бештар ба кори матбуот гузаранд».

Ҳукумати Туркистон кӯшиш мекард, ки базаи гехникии матбуот мустаҳкам бошад. Пас аз нашри декрет «Дар бораи озодии матбуот» дар Туркистон ҳам рӯзномаву маҷаллаҳои кӯҳна баста, техникаю васоити онҳо барои нашри матбуоти Шӯрой дода шуданд. М/вофиқи хоҳиши туркистониён ҳукумати Русия ба Тошканду Самарқанд ба миқдори хело зиёд ҳуруф, ранг, когаз ва машинаҳои чопӣ фиристод.

Замони Инқилоби Октябр даврае гардид, ки барои ба вуҷуд овардани системаи муназзами васоити ахбори омма заминаеро фароҳам сохт, вале ин замина барои халқи тоҷик дар вақти ниҳоят душвор, дар шароити авҷгирии муборизаи зиддитоҷикӣ, дар давраи болоравии худшиносии миллии мардуми туркзабон, ки олудаи шовинизми туркӣ буд, сурат гирифт. Ба назар чунин мерасад, ки иллати асосии бечорагии тоҷикон дар айёми инқилоб дар ҳолатҳои зерин маҳфуз буд:

1.Ягона халқи гайритурк будан дар байни мусулмонони империяи рус;

2.Дар тӯли сесад-чорсад соли охир пурра дар иқгидор будани худкомии туркнажод ва ба оҳистагӣ олуда шудани гуфтори тоҷикӣ ба туркӣ дар муҳити расмии Хӯқанд, Самарканд ва Бухоро;

3.Аз бодия ба шахр ва водӣ муҳоҷират кардани қабоили мухталифи туркӣ:

4.Истифода шудани теъдоди касири тарҷумонҳои тотор дар идораи давлатдории Туркистон;

5.Тавассути макотиби туркӣ рӯй овардани бедоршудагони Осиёи Миёна ба тамадцуни Урупо;

6.Тавассути матбуоги туркзабон наздик шудани Осиёи Миёна ба таълим ва тарбияи давр;

7.Таҳсили илм кардани чавонони бедоршуда дар донишкадахо ва ҳунаристонҳои Туркия;

8.Қавӣ будани робитаи мазҳабӣ бо Туркия дар муқоиса бо Эрон;

9.Истифода шудани асирони ҳарбии турк ба ҳайси муаллимон дар макотиби ибтидой ва соири мактабҳои нави Туркистон ва Бухоро:

10. Шӯҳрати инқилобӣ пайдо кардани Туркия ва пештози ҳаракати инқилобии Шарқ будани он.

Авомили мазкур сабаби он гардиданд, ки Осиёи Миёнаро ҳамчун як мамлакати яклухти исломӣ ва туркӣ муаррифӣ намоянд. Ҳатто ибораи «миллати мусулмонони Русия», ки он вақт роич буд, ишорае ба туркият мекард. Давлате, ки дар чунин шароит дар Туркистон ба вуҷуд омад, мусалламан давлати туркӣ мешуд ва коргузории туркиро ихтиёр мекард. Ба ин сабаб, ҳама гуна нашриёте, ки дар Туркистон ба вуҷуд омад, ба забонҳои туркӣ буд ва барои хонандагони ӯзбеку туркман ва баъдтар қирғиз (қазоқ) нашр мешуд.

Мардуми тоҷик ҳама якбора аз зулми сармоядорон озод нашуданд. Қисме аз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳудуди тоҷих<нишин дар моҳҳои ноябри соли 1917 ва феврали 1918 озодӣ ба даст оварда буд. Дигар тоҷикони 'Туркистон яроқ дар даст, барои озодии худ алайҳи душманони синфӣ мубориза мебурданд. Қисмати асосии тоҷикон бошанд, ҳанӯз дар асорати амири Бухоро гирифторӣ доштанд. Ин ҳолат бегумон ҳамзамон ба омили фавқ дар ташкили кори тарғибу ташвиқотӣ дар байни тоҷикон, дар тавлиди матбуоти ҳизбию шӯроии тоҷик душворӣ ба вуҷуд меовард. Аз ин рӯ, бо нияти беҳтар кардани кори тарғибу ташвиқотии байни аҳолии тоҷикзабон соли 1919 дар назди ҳукумаги Туркистон шӯъбаи форсӣ ташкил шуд, вай ҳамаи мардуми форсизабонро муттаҳид менамуд. Мудири шӯъбаи мазкур Саидризо Ализода буд.

Агар матбуоти коммунистии миллииТуркистон пас аз ташкилшавии Ҳукумати Шӯрой ба вуҷуд омада бошад, пас матбуоти коммунистии Бухоро ҳанӯз дар замоне тавлид ёфт, ки амир Олимхон дар тахт қарор дошт. Бегумон барои нашри чунин матбуоти Бухоро галабаи сохти нав дар Туркистон, ёриву мадади ҳукумат ва коммунистони Туркистон замина фароҳам овард.

Дар солҳои 1918-1919 ҳанӯз имконияти нашри матбуоти даврагӣ фарохам наомада буд. аз ин рӯ коммунистони Бухоро ва хизби ҷавонбухориёни инқилобчӣ бештар варакаву хитобаҳо чоп карда, оммаро ба муборизаи зидди мутлақият тайёр мекарданд. Яке аз аввалин варақахо моҳи феврали соли 1919 баромад. Дар он моҳияти инқилоби Октябр шарҳ ва ахамияти вай барои меҳнаткашони Бухоро маънидод карда мешавад. Ҳукумати Шӯроии Русия, гуфта шудааст дар варақа, аз ҳукумати подшоҳии рус ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳукумати нав озодии комили ҳамаи миллатҳоро эълон намуда, ба муборизаи одилонаи меҳнаткашон мадад медиҳад.

Тавре ки анҷумани сеюми коммунистони Бухоро зикр карда буд, «мақсад аз нашри чунин варақахо паҳн кардани идеалҳои сотсиализм дар байни оммаи меҳнаткашон ва ташкил додани муборизаи мусаллаҳона алайҳи аморат мебошад».

Бояд гуфт, ки ба таблиготи инкилобӣ натанҳо коммунистон, балки ҳамчунон ҳизбҳои ҷавонбухориён ва ҷавонбухориёни инқилобӣ низ машғул буданд.

2. Аввалин намунаҳои матбуоти Шӯравӣ

«Красный Восток» - «Шарки Сурх». Шӯрои комиссарони халқии Русия ва Комиссариати халқии оид ба миллатҳо барои инкишофи матбуоти даврагии меҳнаткашон гамхории муҳиме зоҳир мекарданд. Дар ин бобат мавқеи поезди таргибиву ташвиқотии кумитаи марказии ичроия «Шарки сурх» калон аст.

Поезди ташвиқотии «Шарқи сурх» ду бор ба Осиёи Миёна сафар кардааст. Бори аввал 20 январи соли 1920 ба роҳ баромада, 16 июли 1920 ба Маскав баргашт. Сафари дуюмаш аз 13 августи соли 1920 то 17 феврали соли 1921 давом кардааст.

Вай кори тарғибу гашвиқотиашро дар 'Туркистон моҳи марти соли 1920 сар кард. Бо ин ният кормандонаш дар ду вагон 8-10 номгӯй брошюраҳоро оварда буданд, ки онҳо бо забонҳои миллии Туркистон навишта шудаанд. Зиёда аз он дар назди шӯъбаи сиёсӣ гуруҳи махсуси шӯъбаи хабарнигорони агентии хабарии Русия (РосТА) кор мебурд. Ҳайати он иборат аз 20 кас ва роҳбарашон Аборин буд. Ин гурӯҳ ҷаридаи бисёртиражаи поездро нашр менамуданд, ки вай ҳам «Шарқи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сурх» ном дошта, бо забони русӣ мебаромад. Шўъбаи сиёсии поезд дар маҷлиси худ аз 5 январи соли 1920 дар назди журналистони дар поезд буда. чунин вазифа гузошт: «Ба матбуоти махаллй ёрй расондан зарур аст. Бояд мухбирони мо бо Бухоро, Самарқанд, Хуқанд, Марв ва дигарон алоқаи қатъй дошта бошанд. Зарур аст, ки ҳар ҳафта як шумора рўзномаи мусулмонӣ низ барорем».

Дар вокеъ, шўъбаи РосТА ханўз аз рўзҳои аввалини ба Туркистон омаданаш мунтазам чаридаи «Шарқи сурх»-ро чоп мекунад.

Шумораҳои алохидааш бо забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ низ баро.мадаанд. Шумораи аввалини «Шарқи сурх» моҳи марти соли 1920 дар Тошканд ва шумораи охиринаш (№23) 10 июли хамон сол дар Самара чоп шудааст. Рўзномаи мазкур дар кк тарафи варақи калонҳаҷм бо ҳарфҳои калон-калон (корпус) навишта мешуд.

Хабару мақолаҳои рўзномаи «Шарки сурх» асосан ба се мавзўъ бахшида мешуданд- вазъияти Ҳокимияти Шўроӣ, ҳаёти байналхалқӣ ва ҳаракати инқилобии ҷаҳон ва шароити Туркистон.

Сафари поезд ба Осиёи Миёна ба замоне рост омад, ки дар ин ҷо ҷанги ватанӣ давом мекард. Зиёда аз он бисёр душманони синфй ба органҳои ҳукумати роҳ ёфта, бо фаъолияти аксулинқилобии худ халқи меҳнаткашро аз сиёсати ҳокимият норозй карданй мешуданд. Ҷои шубҳа нест, ки махсусан ҳамин вазъият мавзўи муборизаи зидди душманони Ҳокимияти Шуроӣ қисми асосии мақолаи рўзномаро оид ба ҳаёти маҳаллӣ ташкил менамуд. Дар яке аз шумораҳояш дар ин хусус «Шарқи сурх» навишта буд:

«Тамоми Фаргонаро нола фаро гирифтааст. Ин андўҳест, аз касофати босмачиён. Онхо горатгарй, одамкушӣ ва тачовузкорй мекунанд. Онҳо хуни ноҳақ мерезанд, мусулмонони камбагалро бугй мекунанд.

Сар то сари Фарғона босмачиён, сафедгвардиячиёни рус ва ҷосусони англисро дастгиранд. Ҳамаи онҳо ҳукумати мутлакияти сармоя/даронро аз нав зинда кардан мехоҳанд...

.. .Онҳо зўранд. Аммо халқи меҳнатй, соҳиби ҳақиқии обу замин аз онҳо садҳо бор зўртаранд. Агар меҳнаткашон дар атрофи ҳукумати худ муттаҳид шаванд, метавонанд, бо мадади тамоми заҳматкашони Ҳукумати Шўро душманони синфии худро шикаст дода, маҳву нобуд кунанд».

Дар бисёр шумораҳои «Шарқи сурх» хабару мақолахо зери лавҳаҳои «Иди меҳнаткашонро ба меҳнати идона табдил медиҳем!», «Шарафи инсон дар меҳнат аст», «Ҳама ба шанбегии 1-май» чоп шудаанд, ки онхо василаи ташкили шакли нави ҳашар - шанбегиҳо буданд. 1 майи соли 1920 ноширони мазкур дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Қўқанд садҳо нусха варақаҳои тоҷикй, русӣ ва ўзбекй интишор карда, халқро даъват намудааст, ки «Рўзи умумичҳонии якдилии меҳнаткашонро ба рўзи меҳнати коммунистй» табдил диҳанд.

Дар давоми 110 рўзи корй нашриёти поезд 37 ҳазор нусха рўзномаро бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва ўзбекӣ, 76 ҳазор нусха варақаҳоро бо забони русӣ ва 111 хазор нусха варақахоро бо забонхои «мусулмонӣ» нашр кардааст.

Варакаҳои точикии поезд мавзўъҳои гуногунро дар бар мегирифтанд. Масалан, варақаи рақами 6, ки дар арафаи инқилоби Бухоро моҳи августи соли

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1920 баромадааст, меҳнаткашони аморатро ба муборизаи яроқнок даъват менамояд. Вай бо шиори «Ба ҳам пайвандед, ҳамаи ранҷбарони ҷаҳон» шурӯъ мешавад:

«Эй бародарон! -гуфта шудааст дар варақа, -мо мехоҳем шумоёнро ба иттифоқ таҳриқ созем ва шумоён иттифоқӣ намуда, даст ба даст гирифта, бародарона ба таҳти алами сурх ва озодӣ ҷамъ шавед. Вақтро ғанимат шуморида, чашмро аз хоби гафлаг кушоед. Саъй намоед, ки ҳамаи бародарони мо роҳи саодат ва наҷоти худро ёфта, дар ҳар боб мусобиқат намоем. Алалхусус мо, бухориён, ки ҳануз дар хоби гафлат фурӯ рафтаем ва ҳанӯз фирқабозиро намедонем, аз атрофи олам ибрат намегирем.

Дар собиқ ҳамин Бухоро буд, ки овозаи илму ирфонии худро дар атрофи олам интишор дода буд... чунончӣ, Абӯалӣ Сино аз Бухоро буд, имом Абдуҳофизи Кабири Бухорой аз Бухоро буд, Мирзо Улуғбек аз Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони Бухороро шӯҳрат дода будаанд.

Аҳволи ҳозираи моро назар кунед, ки дар ҳар мамлакати Ғарбу Шарқ дар ҷаҳолат, мусаводи илм ва саодат бебаҳра мондаем.

Ин нодонӣ ва ҷаҳолат аз куҷо омад? Ҳама аз касофати амирони мустабид ва золимони шаҳватпараст ва олимнамоёну динфурӯшон. Одами аз дунё бохабар, чашмаш кушода, чизе гӯяд ҷадид гуфта. бурда мекушандаш. Аз тарси ин золимони хунхӯр мӯҳри хомӯширо андохта, интизори тулӯи офтоби озодӣ, ки бояд дар сӯи мо мазлумон тулӯъ кашад, набояд шуд. Барои интиқом ва озодӣ мубориза бояд кард.

Маҳкум бод, золимони рӯи дунё, зиндаву поянда бод, ҳукумати шӯроӣ!».

Ин рӯзномаву варақаҳо дар байни аҳолии шаҳрҳои Тошканд, Когон, Самарқанд, Хуҷанд, Кӯқанд, Фаргона паҳн карда шуда буданд. Аз ин маълум мегардад, ки аз нашриёти поезд қариб ҳамаи миллатҳои Осиёи Миёна истифода бурдаанд.

«Ситораи Шарк» - «Звезда Востока». Моҳи ноябри соли 1921 бо 11 забон, аз ҷумла бо забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ ҳамагӣ як шумора маҷаллаи «Ситораи Шарқ» («Звезда Востока») чоп шудааст. Маҷаллаи мазкурро аъзоёни маҳфили адабиёт ва матбуоти дорулфунуни коммунистии меҳнаткашони Шарқ ба истиқболи ҷашни 4-солагии инқилоби Октябр нашр кардаанд.

Маҳфили мазкур моҳи сентябри соли 1921 ташкил ёфта, аъзоёни он ният доштанд, ки хунари матбуотчигиро ба тариқе омӯзанд, ки «дертар ба коргоҳи худ рафта, дар матбуот хизмат карда тавонанд. Онҳо чунон қобил бояд бошанд, ки ҳатто рӯзномаи сусту каммаъниро ба яроқи тавонои маърифат ва тарбиятгар мубаддал созанд».

Шеъру маколаҳо. ҳикояву сурӯд ва дигар ахбори маҷалла бо 11 забони зертаълиф шудаанд: форсӣ (тоҷикӣ, эронӣ), тоторӣ-озарӣ, туркӣ, ҳиндӣ, хитоӣ гурҷӣ, арманӣ, осетинӣ, киргизӣ ва русӣ.

Маҷаллаи мазкур ба чор қисмат: ҷамъиятиву сиёсӣ, адабӣ-бадеӣ, ҳаҷвӣ ва мусиқӣ чудо мешавад.

Шӯъбаи асосии маҷалла кисмати аввал аст, ки дар он рӯҳияи асосиаш муайян мешавад. Дар ин қисмат 9 мақола роҷеъ ба инқилоби Октябр ва таъсири

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

он ба ҳаракати байналхалқии коргарӣ ҷой дода шудааст.

Сармақолаи «Ситораи Шарқ» бо забони тоҷикӣ таълиф гардида, дар он дар хусуси ногузирии Инқилоби октябри соли 1917 ва аҳамияти вай барои пролетариати чахон, аз ҷумла мехнаткашони Шарқ сухан меравад. Дар ин сармақола ба таъсири инкилоби Октябр ба сарнавии1ти мамолики Шарқ, махсусан халкхои тоҷикзабон-Туркистону Бухоро, Афғонистону Эрон, Ҳинду Чин диккати сазовор дода мешавад.

Дар қисмати хаҷвии маҷалла ду хаҷвияи мансур ва як шеъри ҳаҷвӣ, дар қисмати мусиқиаш бошад, сурудҳои халқие, ки донишҷӯён сабт кардаанд, ҷой дода шуда буданд.

«Наша газета». Аввалин нашрияи шӯрой дар Осиёи Миёна аст, ки дар шахри Тошканд аз 8 ноябри соли 1917 то 11 апрели соли 1919 баромадааст. Дар шумораи нахустинаш Декретҳоро дар хусуси замин ва сулҳ чоп кардааст. Дар он муроҷиатномаи «Ба ҳамаи меҳнаткашони мусулмони Русия ва Шарқ» ба табъ расидааст.

«Иштирокиюн». Ин аввалин органи миллии ҳизби коммунист ва комиссариати халқии оид ба кори миллатҳо мебошад, ки бо забони ӯзбекӣ21 июнисоли 1918 дарТошкандтаъсисёфтааст. Як қисми тиражи он бо забони казоқӣ мебаромад. Муҳарриронаш Аҳмад Донской ва Ориф Клевлев буданд. Дар ибтидо ҳафтае 3 шумора аз 1 марти соли 1919 ҳаррӯза бо адади 3000 нусха мебаромад. Аз 1 декабри соли 1919 ношираш бюрои кишварии мусулмонии ҲК (б) Р мебошад. То охири соли 1920 беш аз 500 шумора баромад. Аз 12 декабри соли 1920 бо номи «Қизил байрақ», аз 13 октябри соли 1922 бо номи «Туркистон» ва баъди тақсимоти миллии Осиёи Миёна бо номи «Қизил Ӯзбекистон» баромад.

Дар ин давра бағайр аз газетаи «Иштирокиюн» ба забони мардуми маҳаллӣ боз чандин рӯзномаҳо чоп мегардид. Дар Самарқанд шӯъбаи кори байни миллатҳо рӯзномаи «Мехнаткашлар товуши» (Садои меҳнаткашон), дар Кӯканд шӯъбаи кори байни миллатҳои Фаргона «Фаргона ахбор». дар Намангон бошад, газета таҳти у нвони «Ишчилар калкони» (Сипари коргар) чои мегардид. Ин рӯзномаҳо аввалин рӯзномаҳои Давлати Шӯравӣ буданд, ки ба забони сокинони маҳал нашр мегардиданд.

«Коммунист». Органи марказии бюрои Туркистонии КМ ҲКР ва КМ ҲКТ аз моҳи феврали соли 1921 чоп мешавад. Баррасии мухимтарин масъалаҳои сохтмони ҳизбӣ ва шӯрой, мубориза алайҳи анъанаҳои миллатгарой дар ҳизб, тарбияи хисси худшиносии омма, мустаҳкам кардани сафҳои ҳизб, ислоҳоти замин ва сиёсати озуқа. татбиқи ҳама гуна ахдофи интернатсионали сеюм вазифаҳои барномавии ин маҷалла буданд. Маҷалла ба забони русӣ дар шаҳри Тошканд чоп мешуд. Ба вай ҳайати таҳририяи зерин роҳбарӣ мекард: Турақулов, Диманштейн, Познер, Муравейский, Гудович.

Дар соли 1921 ҳамагӣ 4 шумора баромад, зеро кормандони он моҳи июн ба вазифаҳои дигар сафарбар шуда буданд. Аз январи соли 1922 аз нав эҳё шуд. То тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна чои шудааст.

«Ҳуррият». «Ҳуррият» (Озодӣ) газетаи адабию илмиест, ки солҳои 1917-1918 дар Самарқанд чоп мешуд. Газета ҳафтае ду маротиба дар ҳачми чор саҳифа

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба забони ўзбекӣ мебаромад. Баъзе материалҳои расмӣ ва эълону шеърҳоро ба забони тоҷикӣ нашр мекард. Ҳамагӣ 86 шумора чоп шудааст. Муҳаррири газета то шумораи 27-ўхМ Акобиршох Мансурзода ва баъд Абдурауф Фитрат буд. Газета дар Самарқанд, Бухоро, Марв, Хуқанд, Тошканд, Ӯротеппа, Чимкент ва дигар шаҳрҳои Туркистону Бухоро паҳнкунандагони худро дошт.

Материалҳои «Ҳуррият» асосан мазмуни аксулинқилобӣ ва миллатчигӣ доштанд. Г азета дар байни мусулмонон гояи созиши синфиро таргиб мекард. Дар саҳифаҳои он материалҳои либералӣ низ хеле зиёд дарч мешуданд. «Ҳуррият» то инқилоби Октябр ва баъди он ақидаҳои пантуркистиро таблиг намуда, ҳамчун аслиҳаи гоявии буржуазияи миллии ҷадидон амал мекард. Соли 1918 нашри он қатъ шуд.

«Байналмилал». Маҷаллаи мазкур солҳои 1923-1924 тавассути комиссариати маорифи Туркистон барои донишҷӯён нашршудааст. Вай инқилоби мардуми шарқро таблиг мекард. Муаллифони фаъолаш М.Ғоибназаров, Х.Сӯҳбат, А.Саъдӣ, Ш.Олимӣ буданд. 4 шумораш маълум аст. Забони нашр туркӣ.

«Женщины Туркестана». Дар бораи он. ки соли 1921 бо ҳамин ном маҷаллае дар Тошканд интишор ёфтааст, ки мебоисг нашрияи марказии занҳои озод мешуд, хабаре чоп шудааст. Аз он бармеояд, ки матолиби ин маҷалла бо забонҳои русӣ, точикӣ ва ўзбекӣ таълиф шудаанд.

«Зарафшон». Ҳамчун нашрияи кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд бо забони ўзбекӣ аз 2 октябри соли 1922 чоп мешавад. Аз шумораи ҳаштодум як саҳифааш русӣ нашр мегардад. Дар ибтидо ҳафтавор буд. Муддате муҳаррираш Алӣ Исмоилзода буд. Дар ин рӯзнома С.Айнӣ, С. Ализода, Ҳоҷӣ Муин, Расулӣ, Бектош ҳамкорӣ кардаанд.

«Изҳорулҳақ». Маҷаллаи динӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ буд, ки шумораи аввалаш 20 феврали соли 1918 дар Тошканд баромад. Ҳамагӣ 18 шумора чоп шуд. Муҳаррири маҷалла Мулло Садриддинхоҷа ибни Муфтӣ Шарифхоҷа эшон буд. Дар таъсис ва нашри он як гурӯх уламои ислоҳотпараст, аз ҷумла, Шокирҷон, Абдуялобек, М.Ғанизода, Ш.Раҳимӣ ва Баҳриддин Азизӣ иштирок доштанд. Шиорҳои доимиаш инҳо буданд: «Ба чизи кас бо нияти бад манигар», «Ҳақки бечора ҳаром». «Изҳорулҳақ» баъзе макола ва шеърҳои тоҷикӣ дошта бошад ҳам, аслан андешахои панисломизми туркпарастонаро таблиг менамуд.

«Инқилоб». Органи марказии ҳизби коммунисти Туркистон аст, ки аз моҳи феврали соли 1922 чоп мешавад. Вай хиссияти моҳвораи назариявиро дошт. Сармуҳаррири ин маҷалла -Н.Турақулов яке аз мубаллиғони афкори туркпарастӣ буд. Дар «Инкилоб» Х.Файзӣ (ў низ сармуҳаррир шуда буд), А.Саъдӣ, Ойбек, Ҳоҷӣ Муин, Ф.Роҷӣ, Ҷулқунбой ҳамкорӣ кардаанд. Устод Айнӣ низ дар он як силсила шеъру мақолаҳо чоп кардааст. Ҷои нашр шаҳри Тошканд. Шумораи аввалаш 4 ҳазор нусха, шумораҳои минбаъда 5-7 ҳазорӣ чоп шудаанд.

3. «Шўълаи инкилоб»

Таъсиси нашрияи тоҷикӣ дар Туркистон ба таъсиси шўъбаи форсии Ҳукумати Туркистон марбут аст. Тавре зикр шуд, дар марҳалаи аввали ҳукуматдорӣ халқи тоҷик дар Туркистон ҳатто ба ҳисоби миллатҳои майда ҳам дохил карда нашуд. Вале баъди кўшишҳои Ҳоҷӣ Мўин Шукруллоев, Маҳмудхўҷа

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бехбудӣ, Саидризо Ализода дар авоҳири соли 1918 шӯъбаи форсии Ҳукумати Туркистон таъсисёфт, ки он миллатҳои тоҷик, афгон ва эрониро дарбар мегирифт. Роҳбари ин шӯъба Саидризо Ализода таъин шуд.

Якуми марти соли 1919 бо ташаббуси Саидризо Ализода аз номи як идда коммунистони ноҳияи Боғишамоли вилояти Самарканд ба шӯъбаи маориф ва кумитаи ҳизбии виитоят бо максади таъсиси ҷаридаи мустақиле ё маҷаллае барои мардуми форсизабон, ки нуфуси онҳо дар Богишамол аксарият аст, ариза омад. Бо ташаббуси худи ҳамон Саидризо Ализода ин ариза дастгирӣ пайдо кард ва сеюми марти соли 1919 Ҳукумати Туркистон дар бораи таъсиси ҳафтаномаи «Шӯълаи инқилоб» ва муҳаррири он таъин кардани Саидризо Атизода қарор қабул намуд. Ин нашрия барои мардуми форсизабони Туркистон пешбинӣ шуда буд.

Дар бораи он, ки «Шӯълап инқилоб» чӣ гуна нашрия аст, андешаҳои ба хам зид вомехӯранд. Гурӯхе аз олимон дар идомаи андешаи Зариф Раҷабов «Шӯълаи инкилоб»-ро маҷалла меҳисобанд. Асос барои ин даъво он аст, ки ҳам худи «Шӯълаи инкилоб» ва хам муаллифони ҷудогонаи он аксар вакт «Шӯълаи инкилоб»-ро ба сифати маҷалла ёдоварӣ кардаанд. Аммо ороишн «Шӯълаи инқилоб» ва мӯхтавояш далел ба он буд. ки вай ҷаридаи хафтавор будааст, аз ҷумла, «Шӯълаи инқилоб» нашрияи бсмуқова ва ҳамчунон ҷаридае буд, ки асосан матолиби хабарӣ чоп мекард.

Воқеаи солҳои таъсиси «Шӯълаи инқилоб»-ро ёд оварда, Ҳасан Ирфон навишта аст:

«Баҳори соли 1919 дар Самарқанд намояндагони пешқадами меҳнаткашон, коркунони партиявию советӣ, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ, ки нав аз Тошканд баргашта буд, ҷамъ омаданд.

... Домулло Айнӣ изҳори таассуф намуд, ки аҳолии шаҳр тоҷиканду шаҳр ва тамоми вилояти Самарқанд фақат аз газетаи ўзбекӣ беш надорад.

Комитети вилояти фирқа хоҳиши болшевикони райони Боғишамолро ба инобат гирифта, ба нашри як маҷаллаи ҳафтагии тоҷикӣ -бо номи «Шӯълаи инқилоб» иҷозат дод, -гуфт Ализода, -дар тараддуди ҷои муносибе мебошем ва ба ёрии қалами шумо барин азизон интизор!

Аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан, -гуфта, домулло Айнӣ ба камоли рагбат иштироки худро дар маҷаллаи тоҷикӣ изҳор дошт».

3 марти соли 1919 комитети вилоятии ҳизб Саидризо Ализодаро муҳаррири органи тоҷикии худ зълон мекунад. Ин бесабаб набуд. Зеро Ализода ҳамчун публитсисти номдор ҳанӯз то инқилоби Октябр шӯҳрат дошт. Маколаҳояш дар рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» ғояҳои пешқадам доштанд. Ализода инқилоби Октябрро бо рӯҳбаландии бузург пешвоз гирифт ва соли 1918 ба сафи ҳизби Коммунистии Туркистон дохил шуд. Гарчи вай дар муассисаҳои ҳизбию Шӯравӣ хизмат мекард, аммо аз матбуот даст намекашид. Ин буд, ки то ташкилшавии «Шӯълаи инқилоб» вай дар рӯзномаҳои «Иштирокиюн» ва «Меҳнаткашлар товуши» ҳамкорӣ кардааст.

Шумораи аввалини **«Шӯълаи инқилоб»** дар Самарқанд 10 апрели соли 1919 чун оргаш-1 комитети вилоятии ҲК Туркисгон чоп шуд. Рӯзнома ҳафтае як

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маротиба то 8 декабри соли 1921 давом кард ва ҷа мъ 91 шумора интишор шуд. Вай дар ҳаҷми 8 саҳифаи миёна бо ҳуруфи арабй, ба тариқи чопи сангй мебаромад. Дар гӯшаи тарафи росташ шиори «Ранҷбарони тамоми ҷаҳон, муттаҳид!» меистод. Дар клишеи номаш алангаи оташе инъикос ёфта буд, ки роҳи камбағалонро мунаввар мекард.

Ҳар як саҳифа ба ду сутун тақсим шуда, мақолахо аз рӯи тартиби муайян ҷой дода мешуданд. Чун анъана дар саҳифаи аввал сармақола ва мақолаи тарғиботй, дар саҳифаҳои 1-3 мақолаҳои сиёсй ва назариявй, қарору ҳуҷҷатҳои давлатй чой дода, ҳаёти маданӣ дар саҳифаҳои 4-6 инъикос меёфт. Дар ин саҳифаҳо инчунин шеъру ҳикоятҳои адибони тоҷик ба табъ мерасиданд. Дар ду саҳифаи охир ахбори махаллӣ ва эълон чой мегирифт.

Барои он ки тариқати чобаҷогузории мақолоти ин рӯзномаро дурусттар дарк кунем, як шумораи онро дӣда мебароем. Масалан, шумораи якуми рӯзнома бо сармақолаи «Аз тарафи идора» кушода мешавад. Дар ин мақола шароити ба вуҷуд омадан ва мақсаду маромаш маънидод карда мешавад. Дар саҳифаи аввал инчунин мақолаи «Ба ҳам пайвандед, зй ранҷбарони ҳамаи ҷаҳон» чоп шудааст, ки дар он моҳияти муборизаи пролетариат барои озодӣ ва саодати инсоният маънидод карда, «Шӯълаи инқилоб» аз хонандагони худ даъват ба амал меорад, ки бо бародарони ҳамсинфи худ, қатъи назар аз дину миллат иттифоқ банданд. Як қисми ин мақола дар сахифаи дуюм чоп шудааст. Қисми дигари саҳифаи ду ва ними саҳифаи се бо мақолаи «Ба мусулмонони Умумиосиё», ки аз ҷаридаи «Иштирокиюн»-и Тошканд гирифта шудааст, пур мебошад. Дар саҳифаҳои 3-7 газета бо номи «Фоидаи инқилоб» мақола чоп карда, хонандагони худро аз мароми инқилоби Октябр аз он озодие, ки вай ба меҳнаткашони ранчбар овардааст, хабардор мекунад ва онҳоро даъват менамояд, ки барои мустаҳкам кардани музаффарияти инқилоби Октябр кӯшиш кунанд.

Дар саҳифаҳои 6-7 мактуби машхури «Ба ранҷбарон ва коргарони мусулмони Шарк ва Русия» дарҷ шудааст. Дар «Хулосаи хабарҳои ҳафтагӣ» (саҳифаи 7-8). «Дар Самарқанд» (сах. 8) барин рубрикахо ахборе чоп шудааст, ки дар хусуси дигаргуниҳои аввалини кишвар, тараққии маорифу маданият ва гайраҳо ҳикоят мекунанд.

Дар ахбори саҳифаҳои охир, ки зери лавҳаи «Хулосаи хабарҳои ҳафтагӣ», «Дар Самарқанд» чоп шудаанд, аз дигаргуниҳои маргуби ичтимоӣ ва иқтисодии кишвар нақл карда мешавад.

«Шӯълаи инкилоб» дар сармақолааш мақсаду мароми худро изҳор карда навишта буд:

«Инак, мо бо қаламҳои шикастаи худ ба майдони нигориш дохил мешавем. Дар сурате, ки ягона мақсад ва маслаки мо хидмат кардан аст, дар роҳи истеҳкоми инқилоб ва ҳукумати шӯроӣ, мубориза намудан аст. Дар роҳи пойдори салтанати одилонаи иштирок, мо қалам .меронем, барои озодӣ ва осоиши ранҷбарон, мо сухан мегӯем, барои беҳбудӣ ва хайрияти ҳоли ситамкашон. Мо ҳарф мезанем ба ҷиҳати ба даст омадани ҳуқуқи поймолшудаи мазлумон. Барои расидан ба максади мукаддаси худ, мо қалами худро тир карда, бо душманон то охирин нафасамон мубориза ва ҷахд менамоем. Дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна монеа ва таҳдид

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

заррае намеандешем. Маслаки мо ҳақ ва мо фидои ҳақ ҳастем».

«Шӯълаи инқилоб» дар тамоми давраи вуҷудияташ ба ин аҳд устувор буд.

Чуноне киаз худи навъи нашрия бармеояд, «Щӯълаи инқилоб» хар ҳафта як маротиба нашр мешуд. Вай дар шаш моҳи аввал. ҷуноне ки худи мухаррираш менависад, аз 1000 нусха зиёд набаромадааст. Аммо дарсоли 1921 адади нашр ба 2,5 хазор расид. Рӯзномаро дараксарияги шаҳрхои калони Туркистон ва Бухоро, Самарканд, Тошканд, Хучанд, Ашқобод, Марв, Бухоро мехонданд. Ба қавли муҳаррири вай С.Ализода «Шӯълаи инқилоб» 400 нафар дар Афгонистон ва миқдори зиёд дар Эрон хонанда дошт.

Ҳайати таҳририяи «Шӯълаи инқилоб» бо хонандагони худалокаи мустаҳкам барқарор намуда буд. Дар ҳангоми маъракаҳои обуна вай фаъолони худро барои обунаҷамъкунӣ сафарбар менамуд. Обунашавии хушку холӣ ҳеҷ зарурият надорад. Онҳое, ки ҷаридаро мегиранд, бояд онро хонда, аз он манфиате бардоранд. Аз иншондодҳои вай дар кору зиндагиашон исгифода баранд. Ин аст, ки «Шӯълаи инқилоб» ба обуначиёни худ, ба хонандагони худ муроҷиат мекунад:

«Бародарон!.. Ба кадри иқтидоратон аз ҷаридае, ки ба забони худатон нашр мешавад, истифода намоед... Ҳар фоидае, ки аз рӯзнома мегиред, бо бародаропи бесаводатон бо ҳам бинед. То ки худатон ва ҳамзабонони худатонро танвири афкор ҳосил ояд, то ки ба худ як хати ҳаракат муайян карда, ба дарди худатон ва хамватанонатон ва қавматон ва бани навъатон бархўред... Ҳеҷ гоҳ аз ховдан зарар намебинед, балки ҳамеша фоида мебинед. Бародарон! Якдил ва якзабон шуда бихонед».

Ҷарида дар баробари кўшиши ба афзудани шумораи хонандагон ба он аҳамияги калон медод, ки шумораи мухбиронаш афзояд.

Дар воқеъ, забон ва услуби худи «Шӯълаи инқилоб» ҳам нисбатан содда, самимӣ ва ба хонандагон наздиктар буд. Дар вай ибораҳои мутантани печ дар печ ва таркибҳои арабӣ, ки «Бухорои Шариф», «Рӯзномаи моварои баҳри Ҳазар», «Самарқанд», «Ойина» истифода мебурданд, фалсафаи печ дар печ ва ҷумлаҳои дурудароз, ки равияи маҷаллаи тоҷикии форсии) «Хуршеди ховар» буд, хело ва хело кам мушоҳида мешавад. Аз ҳамин сабаб хам «Шӯълаи инқилоб» ба зудй байни хонандагони худ обрў пайдо кардааст.

Бароварда шудани ин рӯзнома ба як замоне рост омад, ки дар тамоми Туркистон ҳаракати пантуркистӣ дар авҷ буд. Аксарияти нависандагони ҷадид-нависандагони буржуазӣ, ки то инқилоби Октябр худро чун ҳомии мехнаткашон ба қалам дода, ҳамчун «ҳомиёни халқ» манманӣ мекарданд, ҳанӯз аз аввали рӯзҳои озодии меҳнаткашон душмани ҷонии халқ будани худро исбот карда, бо номи «чиғатоӣ гурунги» маҳфили адабии аксулинқилобӣ баркарор намуда, машғули таълифи асарҳои миллагчиёна ва таргиби ақидаи зарарноки туркпарастӣ шуданд. Онҳо ба муқобили хамрайъии синфӣ ягонагии динӣ ва миллиро гарғиб мекарданд. Аксарияти онҳо амалан бо аксулинқилобчиён ҳамроҳ ва хайрхохи босмачиён буданд. Онхо аз намояндагони худ, ки ба сабабп хеле кам будан ва номуташаккил будани синфи коргари миллӣ дар Осиёи Миёна, нарасвдани одамони саводнок ба идораҳои маъмурӣ дохил шуда буданд, бо максади нопоки худ истифода бурданӣ мешуданд. Онхо, масалан, бо мақсади

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

халалдор кардани дӯстии халкхои тоҷик ва ӯзбек, ки таърихи чандинасра дорад, якеро ба дигаре зид намуда, дар байни ин ду халқи бародар нисбат ба якдигар дилсардӣ пайдо карданӣ мешуданд. Ба равнақи маданият ва адабиёти тоҷику ӯзбек мамониат мекарданд.

Дар хусуси мақсади вайрони ноиоки ин «адибон»-и бадхоҳ устод Айнӣ бо номи «Самарқанду Бухоро» шеъре навиштааст, ки вай дар «Шӯълаи инқилоб» чоп шуда буд. Дар он Айнӣ сиёсати пантуркистони миллатчиро фош карда мегӯяд:

Мил бар дида гузоранду бигӯянд «Хомӯш!», Тир бар сина халонанду бигӯянд «Манол!».

Ана ҳамин гурӯҳи бадкешу бадандешон ҳанӯз аз гввалин рӯзи пайдоишаш душмании худро нисбат ба «Шӯълаи инқилоб» пинҳон надоштанд. Онҳо ба ташкилотхои гуногун фаҳмондан мехостанд, ки ин рӯзномаро чоп кардан лозим нест. Зеро забони тоҷикӣ кайҳо аз байн рафтааст.

Саидризо Ализода ба зудӣ мақсади асосии ин миллатчиёнро пай бурд. Вай донист, ки онҳо бо бахонаи «камнуфузӣ» ва бегонагии забони тоҷикӣ дар асл ба муқобили нашрияи ҷанговари болшевикӣ мубориза мебаранд, зеро аз пайдо шудани боз як тарғиботчии идеяи инқилобӣ ба ташвиш омадаанд. Онҳо аз он ба тарс омадаанд, ки ин ҷарида барои бедории шуури синфии муздурони аморати Бухоро кӯмак мекунад.

Ин буд, ки муҳаррир ҳанӯз дар шумораи дуввум бо номи «Як сӯиқасди гараздорона ба муқобили маҷаллаи мо» мақолае чоп карда, мақсади асосии ин душманони пардапӯшро ошкор намуд. Муаллиф дар мақолааш, аз ҷумла, менависад, ки «Ҳанӯз шумораи аввали маҷаллаи мо қадам ба майдони матбуот нагузошта, ҳанӯз «Шӯълаи инқилоб» шӯълаи дурахшони худро ба ҷое нафишонда буд, ки дастаи шаппаракон аз гарси он ки чашмони ғаразбини эшонро хира ва тор кунад, даври ҳам гирд омада, аз паи хомӯш кардани ин шӯъла камар бастанд ва барои қатли ин бачаи зоиданашуда омода гардиданд. Инҳо барои буридани забони якҷамоаи Туркистон, ки тақрибан 2 миллион нуфуз дорад, шамшерҳои худро тез кардаанд. Ин ҷанобон ба баҳонаи ин, ки забони расмии Туркистон туркист, розӣ нашуданд, ки дар хамаи Туркистон акаллан як ҷаридаи форсӣ вуҷуд дошта бошад. Дар сурате, ки дар ин мамлакат як ҷамоаи форсизабон ҳам ҳаст, ки ҳама ба матбуоти форсӣ ташна мебошанд ва аз матбуоти туркӣ истифода карда наметавонанд.

Як ҷамоае, ки туркӣ намедонанд, ё намехоҳанд бидонанд, бо кадом қонуни ҳозира онҳоро метавон маҷбур ба ин амр кард? Дар он сурат озодии забон ба куҷо меравад? Ҳуррияти матбуот чӣ мешавад?

Агар шумо яқин донед, ки, -мурочиат мекунад рӯзнома ба харифони худ, - хамаи ин форсҳо ва тоҷикҳое, ки дар шаҳри мо ва шаҳрҳои дигари Туркистон зиндагонӣ мекунанд, аз забони модариашон даст кашида ва безор шудаанд, биёед, собит бикунед, то ки ҳукумат ҳам барои онҳо сад ҳазорон сӯм харҷ карда, 25 ҳазор зиёд китоби форсӣ чоп накунад.

...Пас ман маҷбур мешавам, ки бигӯям: Шумо душмани забони форсӣ (тоҷикӣ) несед, шумо хуб медонед, ки аз ин забон шуморо зарараре намерасад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Матлаби шумо ҷои дигар аст: -Чун маҷалла нашри афкори фирқаи иштирокиюн аст ва маслаки ин фирқаро тарвиҷ мекунад, лихозо шумо ба ин гуна бахонаҳо мехоҳед онро нобуд кунед. Пас, шумо дар ҳақиқат дар зидди фирқаи иштирокиюн ҳастед». Комитети вилоятии ҳизб нашрияи худро дастгирӣ намуд. Душманон ноумед шуданд. «Шӯълаи инқӣлоб» бо қувваи бузург кори худро пеш бурда, барои ба омма фаҳмонда додани мақсаду маром ва орзуву амоли ҳукумат мубориза мебурд. Ин буд, ки рӯзнома дар саҳифаҳои худ муроҷиати Ҳукумати Советӣ «Ба ҳамаи меҳнаткашони мусулмони Русия ва Шарқ», «Ба рафиқон-коммунистони Туркистон» ва гайраро дарҷ намудааст.

Дар таърихи «Шӯъяаи инқӣлоб» ду давраи бо хам мухолифро мушоҳида кардан мумкин аст. Давраи аввал то 16 октябри соли 1919 давом карда, дар ин муддат 22 шумораи рӯзнома интишор ёфт. Ин давраи нокомихо, душворӣ ва бемуваффақиятҳо мебошад. Аввало, дар ин вақт заминаи хуби техникӣ вуҷуд надошт. Сониян, қувваи эҷодӣ намерасид. Саидризо Ализода ходим ва муаллифи ягона буд. Вай худ менавишт, тарҷума ва таҳрир мекард. Душвории дигаре ҳам буд: миқдори нашр намеафзуд. Аз ин рӯ, дар шаш мох редаксия 30 ҳазор сӯм зарар дид.

Натиҷаи ҳамин буд, ки вай дар шумораи 22 бозистод. Дар мақолаи «Хонандагон, худо ҳофиз», сабаби баста шудани рӯзнома чунин шарҳ дода мешуд: «Ҳангоме ки мо ба майдони матбуот даромада, қалами шикастаи худро ба даст гирифта, яқин доштем, ки миллати мо, форсҳо, ба матбуот ташна ҳастанд, қадри матбуоти форсиро дониста, аз ҳар ҷихат барои пойдории маҷалла ёрӣ ва ҳамроҳӣ хоҳанд намуд... Вале афсӯс, ки дар муддати ин шаш моҳ ҳар чи фарёд задем, касе ба фарёди мо нарасид. На аз ҷиҳати моддӣ ва на маънавӣ касе моро ёри накард».

Дар арзи шаш моҳ шумораи муштариёни мо ба ҳазор расид. Хулоса аз ҳар ҷиҳат аҳволи мусоид нест, ки мо нашри маҷалларо давом диҳем. Аз ин рӯ, ночор ба хобондани маҷалла маҷбур шуда, хонандагони худро худоҳофизӣ менамоем».

Ҳамин тавр. рӯзнома муддате нашр нашуд. Дар ин айём сафири Афғонистон ба муҳаррир таклиф менамояд, ки «Шӯълаи инкилоб»-ро бо маблағи давлати вай нашр кунад. Чунин ақидаро консули Эрон низ изхор менамояд. Аммо Саидризо Ализода «газетаи мо факат зери рохбарии ҳизби иштирокиюн нашр шуда метавонад» гуфта, ин таклифҳоро рад мекунад.

Ҳукумати Туркистон барои давоми нашри рӯзнома имкониятҳои моддӣ ва маънавӣ фарохам сохт ва 7 декабри соли 1919, пас аз 52 рӯз шумораи навбатӣ -23-юми «Шӯълаи инкӣлоб» боз чоп шуд.

Аз ин вақт ибтидо, давраи нави «Шӯълаи инкилоб» сар мешавад. Хусусияти тафовутноки давраи дуюм иборат аз он буд, ки акнун рӯзнома бо қувваи зҷодии нисбатан беҳтар таъмин гардид. 7Мақола, шеърҳои публитсистии С.Айнӣ, Ҳ.Ирфон, Б.Азизӣ, Ф.Роҷӣ барин гурӯҳи нави эҷодкорон зуд-зуд дар он дарҷ мегардиданд. Алоқаи рузнома бо хонандагонаш ҳам хело мустаҳкам шуда, адади нашраш хам афзуд. Ҳамаи ин бегумон ба беҳтар шудани сифати материалҳои чопшаванда, ғоя ва мундариҷаи онҳо сабаб нашуда наметавонист.

Рӯхияи асосии «Шӯълаи инқилоб»-ро сармақола ва мақолаҳои сиёсиаш ифода мекарданд, ки аксарияти онҳоро Саидризо Ализода ва Садриддин Айнӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

навиштаанд.

«Мақолаҳои ман дар мачаллаи «Шӯълаи инқилоб» аз шумораи 23 (7 декабри соли 1919) сар мешавад, -ёд меорад ҳамкории худро дар идораи ин рӯзнома С.Айнӣ. Бештарин бо имзоҳои «Син Мим» ва гоҳо бо имзои мустаори «Коф Син», гоҳо бо имзои мустаори «Син Хо», «Син», «Хо», «Син Коф», «Сод Айн» ва ҳам бо имзои «Сод Айнӣ» то баста шудани маҷалла чоп шудаанд».

Чӣ тавре ки аз нақли худаш аён мешавад, Айнӣ бевосита дар кори рӯзнома дар давраи дуюми фаъолияти он иштирок кардааст. Аз шумораи 23 «Шӯълаи инқилоб» сар карда, мақолахои пуробуранги устод Айнӣ дар муҳимтарин мавзӯъҳои рӯз чоп мешаванд.

Дар як зумра мақолаҳо Садриддин Айнӣ кӯшиш мекунад, ки сиёсати мустамликахоҳонаи империалистони англисро, ки Осиёи Миёнаро аз Русияи Шӯрой ҷудо карданӣ ва боз ба гардани халқ бори ранҷу азоб андохтанӣ буданд, нишон диҳад. Муаллифро муяссар шудааст, ки алоқаи бою амалдорони собиқ ва намояндагони онҳо -босмачиёни хунхорро бо чосусони англис нишон диҳад. Дар ин бобат силсилаи мақолаҳои доир ба босмачигарии Фаргона навиштаи ӯ шоёни ибрат аст. Вай дар ин мақолаи худ дар бораи гузашта ва амалиёти имрӯзаи босмачиёну қурбошиён далелҳои ибратбахш оварда, хулосаи хеле дурусте мебарорад, ки «Ба ин ҳама босмачиён на дин ва на мухториятхохон, на меншевик, балки аз хама чиз пештар дузди гаддор ва ягмогари хунхоранд. Ҳамин аст. кп эшон аз аҳди Эргаш ва

Муҳаммадаминбек ба хамдигар тангчашмӣ ва рақобат карда, миёни худ муҳориба ва пайкор доранд. Инчунин эшон ягон амри шариатро, зоҳиран ҳам бошад, риоя накарда, хамеша чавонони амрад ва занони душизаи мардумро ба зӯру таадӣ бар атроф ҷамъ карда, ирзу номуси фуқароро поймол ва сомонашонро бераҳмона тороҷ менамоянд. Пас маълум шуд, ки эшон дуздони оддӣ будаанд».

Садриддин Айнӣ дар газетаи «Шӯълаи инқилоб» ба истиснои шеърхояш 93 мақола, очерк ва тарҷумаҳояшро чоп кардааст. Дар 27 шумора очерки таърихии вай «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» чоп шудааст. Дар ин очерк муаллиф шарҳи ҳоли амирони Бухороро, ки ҳар яке аз якдигар золиму хунхортар буд, бо мисолҳои возеху равшан нишон додааст. Айнӣ аҳволи вазнини мардуми меҳнаткашро, ки дар замони аморат ранҷу азоби чандинтарафа мекашид, тасвир мекунад. Ӯ хеле иуртаъсир нишон медиҳад, ки дехқони ғаллакор гурусна буду ҳоким додаи айшу нӯш, фарзанди меҳнаткаш маҳрум аз савод буду бо душворӣ умр ба сар мебурд. Хулосаи мантикии очерк он буд, ки пояи чушш давлати нопойдор «дер ё зуд фано меравад». Дар воқеъ, очерк ҳам бо ҳамон ба итмом мерасад, ки меҳнаткашони Бухоро амир Олимхонро аз тахт дур карда, бо ҳамин ба сулолаи амирони манғитӣ умуман ба решаи мустабдид теша зада, давлати халқии худро ба вуҷуд оварданд.

Мақолаву очеркхои С. Айнӣ бо соддагӣ ва равонии худ бо тариқати зебобаёнии худ фарқ карда меистад. Онҳо аз ҷумлаҳои нофаҳмо ва аз идрок дур тамоман холианд. Мазмуни ҳамаи онҳо низ ба халқ хеле наздик буданд. Зеро Айнӣ, ки худ дар оилаи деҳқон таваллуд ёфта ба воя расидааст, афкори онҳоро

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хуб медонист.

Саидризо Ализода дар мақолахои худ бештар ба масъалаҳои сиёсӣ муроҷиат намуда, дар хусуси аҳволи байналхалқӣ ва дохилӣ, дар бораи мақсаду мароми ҳизб ва ҳукумат нақл мекард. Дар тамоми давраи вучудияташ тахрири ҷаридаи «Шўълаи инқилоб»-ро Саидризо Ализода ба ўҳда доштааст. Бо вуҷуди масруфият ба кори таҳрир ва дигар корҳои давлатӣ, ў дар «Щўълаи инқилоб» бештар аз 200 хабару мақолаи гуногунҳаҷм навишта, тарҷума ва чоп намудааст. Чуноне ки аз изҳороти редаксионии «Хонанда, худо ҳофиз» аён мешавад, аксарияти куллии мақолаи 22 шумораи аввалро худи ў навиштааст.

Дар маколаҳои пуртаъсири Ализода муборизаи халқи меҳнаткаши тоҷик барои бахту саодати худ, барои ҷорӣ гардидани ҳаёти нав, барои мактабу маориф тасвир мешавад. Муаллиф ҳамаи инро самараи ғамхорӣ ва ёриву мадади ҳизби коммунист медонад. А,тизода дар хусуси озодиву ҳуррияти Туркистон сухан ронда, нисбат ба захматкашони Бухоро бетараф шуда наметавонад. Вай дар мақолаҳои худ мардуми меҳнаткаши Бухороро ба инқилоб даъват мекунад.

«Ранҷбарони Бухоро! Бандагӣ то кай, асирӣ то чанд? Ранҷбарони ҳамаи ҷахон занҷири бандагиро пора кардаанд, ҳалқаи ғуломиро даршикастанд, аз шарри ҳукуматҳои мустабдид ва буржуазӣ халос ёфтаанд, ҳукуматҳои шўроӣ барқарор намуда, муқаррароти худашонро ба дасти худ гирифтаанд... Чаро шумо ҳанӯз ба монанди ҷамодот бе ҳаракат мондаед? Ҳанӯз хокимони мустабдидро саҷда мекунед». Баъд муаллиф менависад. ки аз душманони хунхори худ қасос бояд гирифт. Ализода бо мисолхои анику равшан фикри худро изҳор мекунад, бо

бурҳонҳои раднопазир ба муқобили душманон мубориза бурда, онҳоро маҳву нобуд мекунад. Далели барҷастаи ин аз ҷумла, мақолаи «Як сӯиқасди ғаразкорона ба мукобили маҷаллаи мо» аст, ки мазмунаш дар боло зикр шуда буд.

Чуноне ки адабиётшинос Рахим Ҳоши.м менависад, «Саидризо Ализода яке аз матбуотчиён ва маорифпарварони хизматнишондодаитоҷик мебошад. Ӯ яке аз бехтарин тарчумонхои осори адибони классикиирус дар забони точикӣ буд». Дар «Шуълаи инқилоб» фаъолиятитарҷумонии вай хеле авч гирифт. У дар баробари асарҳои адабӣ бисёр карору ҳуҷҷатҳои муҳими хизбӣ ва давлатиро ба тоҷикӣ гардондааст.

«Шўълаи инқилоб» барои адабиёти нави тоҷик. ки дар миёни оташи инқилоб бунёд мегардид. минбари нахустин ба шумор мерафт. Адибони точикзабони Туркистону Бухоро аввалин ашъори инқилобии худро махз дар он чоп кардаанд. Аксариятн шеърхои дар он чоп шуда рўҳияи инкилобӣ дошта. халкро ба сохтмони зиндагии нав ва ватанпарварӣ даъват мекарданд.

Ин маъно дар шеърҳои Ф. Роҷӣ, аз чумла «Эй ранҷбарон», «Манзумаи инкилобия» ва «Ватанпарвар» низ ифода шудаанд.

Хезед ҷавонони ватан навбати мо шуд.

Дарди дили мо миллати бечора даво шуд.

озодии мо шуд.

Имрўз халос аз кадами бедодгаронем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар амну амонем.
Зулму ситаму ҷавр ҳама боди фано шуд.
адлия ба по шуд.
Шоир Аккос бошад, ҷавононро даъват мекунад, ки акнун хонда савод омӯзанд. зеро хангомн саводомӯзӣ фаро расидааст:
Дар «Шӯълаи инқилоб» «Асари дарди шаби танхой», «Инқилоб», «Марши ҳуррият», «Марши роҳовард», «Самарқанду Бухоро» барин шеърҳои инқилобии Садриддин Айнӣ низ чоп шудааст.

Аз шумораи 21 сар карда «Шӯълаи инқилоб» гӯшаи «Тозиёна» ташкил медиҳад. Дар мақолаи редаксионӣ максаду мароми ин гӯшаи нав чунин шарҳ меёбад: «Тозиёнаи «Шӯълаи инқилоб» маҳз барои он касонест, ки хиёнате, бадкирдорие ё ягон ҳаракати ношоистае дар ҳаққи халқу давлату фирқа зоҳир мекунанд, барои ҳушёр кардани ононест, ки «дохили фирка ва хидмати миллат» шуда, «хонаи миллатро «обод» кардаанд».

Чуноне ки мебинем. мақсад аз ташкил намудани ин гӯшаи ҳаҷвӣ мубориза бурдан ба муқобили душманони ниқобпӯш, ошкор намудан ва ба чавобгарӣ кашидани онҳо будааст. Ана, бо ҳамин ният то охирин шумораи рӯзнома 14 шумораи «Тозиёна» чоп шудааст, ки дар он даҳҳо фелетону памфлет ва маколаҳои ҳаҷвию танқидии Б.Азизӣ (имзои мустаораш -Тиқон), С.Ализода (имзои мустаораш -Коргар, Ситамдида, Ранҷбар) ва дигарҳо дарч гардидаанд. Шаклу услуби мақолаҳои танқидӣ гуногун буд. Яке ба тариқи суолу ҷавоб навишта мешуду дигаре ба таври монолог, сеюмӣ бо услуби тамоман дигар. «Шӯълаи инқилоб» аз жанри ҳачвии классикии «лугат» моҳирона истифода мебурд. Дар лугатҳо ҳам бештар мавзӯъҳои сиёсӣ инъикос мешуд. Бо ёрии ин услуби мӯъҷазбаёнӣ халкро воқиф мекард, ки аз душманони маккор огох шаванд. Онҳо бояд фаҳманд, ки дӯсту душман кист.

«Буржуи пинҳонӣ касест, ки худро ранҷбар номида, дар як идораи ҳукуматӣ ба 800 сӯм мохона хидмат кунад ва барои тӯи писараш 100 ҳазор сӯм харҷ намояд. Ба шарти он ки худаш ба фирқаи иштирокиюн дохил ҳам бошад. Вагарна буржуӣ ошкорост».

«Тозиёна»-и «Шӯълаи инқилоб» модари матбуоти ҳачвии точик гардид. Матбуоти ҳаҷвие. ки дар солҳои минбаъда бо забони тоҷикӣ интишор мешуданд, албатта, аз таҷрибаи «Тозиёна» истифода мебурданд.

Худи «Шӯълаи инқилоб» бонлад, ба матбуоти навини тоҷик асос гузошт. «Шӯълаи инқилоб» аввалин нашрияест, ки бо забони тоҷикӣ мақеаду маром ва орзуву амоли ҳизби болшевикӣ ва ҳукумати шӯроиро маънидод кардааст.

«Шӯълаи инқилоб» нафақат дар сарзамини Туркисгон гояҳои навро пахн кардааст, балки вай дар хоки Бухоро, Афгонистон ва Эрон ҳам ақидаҳои хешро таблиғ намудааст.

«Қутулиш». Шумораи аввалини рӯзномаи «Қутулиш» 28 июни соли 1920 бо адади 3 ҳазор нусха дар Тошканд баромад. Дертар нашри онро дар шаҳри Когон идома доданд. Рӯзнома асосан ба забони тоҷикӣ чоп мешуд ва баъзе мақолаҳои ӯзбекӣ низ дошт. ҶариДа дар байни аҳолии аморат пинҳонӣ ва бепул паҳн карда мешуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҳайати таҳририяи рӯзнома А.Муҳиддинов, А.Ҳамдӣ, А.Мунзим, А.Фитрат, М.Бурхонзода дохил, муҳаррир Мирзо Абдулкодир Муҳиддинов буд.

Абдулкодир Муҳиддинов яке аз ҷавонбухориёни фаъоли тоҷикпараст буд, ки соли 1919 ташаббускори таъсиси ҳизби комму нисти Бухоро гардид. Ва баъд дар Ҳукумати Халкии Бухоро вазифаи нозири иқтисодро адо кард. Дар хамон айём дар хуку.мат ягона одаме буд, ки барои таъсиси ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон мубориза мебурд ва нисбат ба Файзулло Хоҷаев дар оппозитсия қарор дошт. Баъди таъсиси Тоҷикистони мухторраиси хукумати Автономии Тоҷикистон шуд. Барои сидсилаи мақолаҳое, ки дар маҷаллаи «Коммунист», «Рохбари дониш» ва рӯзномаи «Овози тоҷик» дар химояи тоҷикони Бухоро навишт, ӯро миллатчии тангназар эълон карданд ва соли 1929 аз вазифааш холӣ кардаанд. Дар «Қутулиш» Абдулқодир Муҳиддинов бехтарин нирӯи эҷодии Бухороро ҷамъ овард.

Рӯзномаи «Қутулиш» то 13 августисоли 1920 11 шумора чопшуда, вазифаи асосии худ: «ба оммаи меҳнаткашон фаҳмондани сабабҳои вазнинии зиндагониашон ва рӯз аз рӯз бадтар шудани ҳолашон»-ро бо сарбаландӣ иҷро намуд. Дар саҳифаҳои он шеъру мақолаҳое ба табъ расиданд, ки рӯҳияи инқилобӣ дошта, халкро ба шӯриши зидди ҳокимон талқин менамуданд. Шеъри Мунзим «Хитоб ба фуқарои Бухоро», ки ҳанӯз дар шумораи якум чоп шудааст, далели равшани ин шуда метавонад:

Хезед, дӯстони киромӣ, ғазо кунед!
Бо душманони миллати худ моҷаро кунед!
Аз як қиём шӯру қиёмат ба по кунед,
Офокро намунаи рӯзаи ҷазо кунед.
Хуни бародарони шуморо, ки рехтанд Дар интиқоми хупи
шахидон вафо кунед.
... Аз ҷавру зулм мулки Бухоро хароб шуд,
Ин мулкро аз дасти таадӣ раҳо кунед.
Якҷо шавед, ҷамъ намоед иттиход,
Дар роҳи ҳақ вазифаи худро адо кунед!
Овони саъйу гоҳи талаб, вақти ғайрат аст,
Ҷони азиз сарфаи роҳи муддао кунед!

Амир ва амалдорони ӯ аз ғояҳои таблиғшаванда дар ин рӯзнома ба ҳарос афтида, паи нобуд кардани вай мешуданд. Бо нияти тарсонидани хонандагон муштариён ва. паҳнкунандагони фаъоли рӯзномаро ба зиндон меандохтанд, мекуштанд. Аммо ин ҳама баръаксм чашмдошт алоқамандонашро зиёд мекард. Як гурӯх хонандагони «Қутулиш» дар мактуби худ изҳор кардаанд, ки амир ва амалдорон хар кадар девонавор ба мукобили рӯзнома мубориза баранд хам, онро нобуд карда наметавонанд. Зеро меҳнаткашон дар «Қутулиш» ҳимоятгари худро дарёфта, онро дӯст доштанд ва ҳамеша дастгирӣ менамуданд.

Ҷаридаи «Қутулиш» дар байни муллобачаҳо, тоҷирон ва иддае аз аскарони аморати Бухоро паҳн карда мешуд ва зимомдороии давр бо тамоми қувва мекӯшиданд, ки паҳншавии ин ҷаридаро боздораид ва ҳатто дар шумораи ҳаштуми «Қутулиш» омадааст, ки чор нафар иаҳнкунандагони «Қутулиш» дар Қаршӣ дар даруни реги равон гӯр карда шуданд. То кадом рӯз баромадани

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Қутулиш» маълум нест, вале фақат он маълум аст, ки чоруми сентябри соли 1920 ҳанӯз ҳайати таҳририяи «Қутулиш» пароканда нашуда буд.

Дар байни хабару мақола ва шеъру памфлетҳои «Қутулиш» шеъри публитсистӣ мавқеи босазое дошт. Ҳақ ба ҷониби устод Айнист, ки гуфта буд:

«Маҳз ба шеърҳои инқилобии тоҷикиаш «Қутулиш» дар Бухоро шарорахои инқилобиро паҳн кардааст».

Дар воқеъ, шеърҳои соддаву равон ва самимии Ҳамдиву Мунзим далели барҷастаи адабиёти инқилобии тоҷик шуда метавонанд. Масалан, Мунзим дар «Бинам туро» ном шеъраш харобиҳои Бухорои амириро тасвир карда, ҳамаи инро аз касофати ҳукумати амир медонад:

Эй Ватан, то кай ба дасти душманон бинам туро,
Кай шавад, рӯзе, ки ҷои дӯстон бинамтуро.
Бӯстон будиву хористон шудӣ, аз нокасон,
Боз кай бошад, ки боғу бӯстон бинам туро.

Рӯзномаи «Қутулиш» мардуми азиетдидаи аморати Бухорор ба исён омода мекард, бо ин ният сиёсати ғоратгаронаи амирро, алоқаи вайро бо мустамликадорони англис фош менамуд:

«Ҷамъи мардуми Бухоро, -навишта буд «Қутулиш», -мурданро аз ин зиндагӣ беҳтар медонанд ва на аз амир метарсанд ва на аз хунрезиҳои англис».

Публитсистони «Қутулиш» кисми зиёди мақолаҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро ба таври муқоисавӣ менавиштанд. Яъне онҳо аҳволи вазнини муздурони Бухороро бо ҳаёти меҳнаткашони Туркистони нав муқоиса кардаанд. Рӯзнома хонандагони худро аз чорабинихои Ҳукумати Шӯрой ба нафъи халқи Туркистон хабардор карда, аҳли Бухороро низ даъват менамуд, ки амирро сарнагун кунанд. Ин навъи хабаррасонӣ ба табъи хонандагони камсавод наздик буд.

«Учкун». Инқилоби Бухороро танҳо коммунистон тайёр накардаанд. Зиёда аз он. ҳоло аслан андешае мавҷуд аст, ки дар Бухоро аслан инкилоб набуд ва онро танҳо русҳо ишғол намуданду халос. Албатта ин навъ мулохизахо танхо аз эхсос бармеоянд ва умумияте ба илм надоранд, худи он зуҳурот, ки дар Бухоро тағйироти катъии иҷтимой ба амал омад, бозгӯяндаи инқилоб аст. Зиёда аз он ин инқилоб аз замири қалби онҳое буд, ки бандагиву бечорагӣ рӯзашонро ба шаби тор табдил намуда ва андешаҳои онҳоро натанҳо коммунистон, балки намояндагони аҳзоби дигар, аз ҷумла ҷавонбухориёни инқилобӣ низ дифоъ мекарданд. Дар солҳои 1918-1919 роҳбарияти ҳизби мазкур бо сарварии Файзулло Хоҷаев дар Русия буд.

Моҳи январи соли 1919 онҳо ба раиси кумитаи иҷроияи марказии Русия Я.М.Свердлов мурочиат намуда, барои ташкили кори таргибу ташвиқотӣ ва махсусан, нашриёти даврагӣ ёрии моддӣ пурсиданд. Ҳукумати Шӯрой мадади худро аз онҳо дареғ надошт.

Файзу.тло Хоҷаев ва ҳаммаслакони ӯ замони дар Маскав буданаш бо таърихи «Искра»-и Ленин шинос шуда, равгтяи вайро асоси фаъолияти худ қарор дода, ба рӯзномаи худ номи онро доданд.

Шумораи аввали «Учқун» 15 апрели соли 1920 баромад. Ҷаридаи мазкур ҳамагӣ 8 шумора бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ нашр шудааст. Вай зарурияти аз

байи бардоштани ҳукумати мутлақияти Бухоро ва ба ҷои он ташкил кардани давлати халқӣ-демократиро таргиб мекард. Чун барномаи ҷавонбухориёни инқилобӣ шиорПҳои онҳо низ, ки дар «Учқун» ба табъ расидаанд, рӯҳияи умумидемократӣ доштанд. Ин маънӣ, аз ҷумла, дар мақолаҳои «Золимонро сарнагун кунем» ва «Ҳақиқат тантана хоҳад кард» ҳам ифода ёфтааст.

Ҳадафи таблиготии «Учқун» пеш аз ҳама ба деҳқонони миёнаҳол ва сарбозони урдуи амир нигаронида шуда буданд. Зеро онҳо махз дар ҳамин табақаи аҳолӣ такягоҳ пайдо кардан мехостанд.

Фаъолтарин муаллифони ин ҷарида Ф.Хоҷаев ва А.Фитрат буданд. Файзулло Хоҷаев дар ин ҷарида мақолаҳои «Вазифахои рӯз», «Ҳақиқат имрӯз хоҳад шуд», «Иттиҳоди муқаддас»-ро чоп кардааст.

«Тонг». Маҷаллаи сиёсии «Тонг», ки матолибаш бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ навишта шуда буд, аввали соли 1920 баромадааст ва то ба мо 4 шумора расидааст. йн нашрия зътибори зиёде пайдо карда натавонист.

Ҳарчанд дар назди худ мақсад гузошта буд, ки оммаи васеи мардумро соҳиби маърифату дониш намояд. Дар нашри маҷалла Абдулло Қодирӣ, Туйгун, Лутфӣ ва дигарон фаъолият доштанд.

«Бухоро ахбори». Аввалин органи ҳукумати муваққатии инқилобии Бухоро рӯзномаи «Бухоро ахбори» асосан ба забони ӯзбекӣ барояд ҳам, дар шумораҳои аввал бисёр хабару мақолаҳо ва шеърҳои тоҷикӣ чоп кардааст. Муҳаррири он дар давраи аввал Муҳаммадсаид Аҳрорзода буд. Аз публитсистони тоҷик дар он Садриддин АйнйАббос Алнев, Абдулқодир Муҳиддинов иштирок мекарданд.

Дар шумораи аввал Абдулқодир Муҳиддинов дар «Баъд аз хун ва оташ» ном мақолааш озодиеро, ки мушарафи халқи Бухоро шуд, таъкид карда, аз ҷумла мегӯяд: «Баъд аз ҷудоиҳо ва парешониҳои умумии Ватан ва дар натиҷаи оташу хун, ки як намунаи вопасини истибдоди амир ва ҳукумати ӯст, имкони гуфтор ва баровардани овози ҳақро аҳолии Бухоро ба даст оварданд».

Баъд Муҳиддинов таъкид мекунад, ки ин овози ҳақ вақте бурро ва таъсирбахш мешавад, ки вай садои кулли меҳнаткашон, нидои қалби онҳо бошад.

Мавриди кайд аст, ки А.Муҳиддинов яке аз публитсистони сермаҳсул буд. Вай дар 8 шумораи аввали ин рӯзнома 10 мақолаи тоҷикӣ чоп карда, гузашта ва ҳозираи Бухороро бо мисолҳои зиёде муқоиса ва умед ба ояндаи накӯй халқ кардааст. Мақолаҳои «Роҳи мо» ва «Чӣ бигзоштанд?» аз кабили ононанд. Муаллиф мақолаи аввалашро ба анҷумани якуми меҳнаткашони Бухоро, ки 11 октябри 1920 кушода шудааст, мебахшад. Дар он аз бартариятҳои давлати халқ сухан меравад.

Дар шумораи дуввуми «Бухоро ахбори», «Е ҳаёти ҷадид» ном мақолае бо имзои С. А. дарҷ шудааст. Сабку забони вай ба услуби устод Айнӣ хело наздик аст. Тахмин кардан мумкин аст, ки вай маҳсухш қалами ӯст. Дар мақолаи мазкур аз ҷумла гуфта мешавад:

«Солҳои дароз буд, ки ҷамъе аз ашроф ва дастае аз авбоши бенавоёни ҳукуматдорӣ худро малики ҷону номуси як миллати бузург дониста... ғоратгарӣ ва бедодӣ доштанд

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бародарони мазлум, фақирони бечора! Охир, шумо ба чй умедвор ҳастед?

Магар онҳо набуданд, ки мо ва шуморо хонавайрон карданд?

Магар онҳо набуданд, ки орзу ва номуси моро барбод доданд?

Магар онҳо набуданд, ки мамлакати ободи моро хароб карданд?

Магар онҳо набуданд, ки рехтани хуни бародаронро раво донистанд?

Он золимони гаддор ҳамчунон гумон мекарданд, ки ин рафтор ва кирдорашон то абад боқӣ хоҳад монд.

Ҳамватанони азиз, бародарони ситамдида, факирони хорикашида! Бидонед ва огох бошед, ки амири золими хунхўр ва ҳукуматдорони гадцор несту нобуд шуда, аксари онҳо асири адолат гардида, баъзеи онҳо дар ҳар гўша паноҳ бурдаанд».

Муаллиф хонандагонро даъват мекунад, ки хушёриро аз даст надода, барои ошкор ва несту нобуд кардани боқимондаҳои давлати золимон саъй намоянд.

Дар саҳифахои дуюми шумораи се як макола «Эй Бухоро, шод бош. шод зй!» чоп шудааст. Дар он муборизаи меҳнаткашон бахри озодй ва фаро омадани рўзи фирўз баён мешавад:

«Мархабо, эй фидокорони Бухоро, марҳабо! Офарин эй ҷонбозони Бухоро, офарин. Коре кардед, баҳрае бурдед, саъйи шумо машкур ва мехнати шумо маъзур шуд. Се миллион миллати мазлуми Бухороро раҳой бахшидаед, байраки зулм ва истибдодро помол ва олами ҳуррият ва адолатро барпо намудаед».

Чунон ки аз маънии иқтибос аён мешавад, мақолаи мазкур ба сарҳангони муборизаи роҳи озодӣ бахшида шудааст.

Дар шумораи 21 ноябри соли 1920 рўзнома Мирзо Абдулқодир Мухиддинов «Чй бигузоштанд» ном мақолае дарҷ на.мудааст. Муаллиф дар сарсухан мақсади худро ба ин тарз баён кардааст:

«Бо ин мақола мехохам, ки якчанд аз аморат, ки асрхои дароз идораи мамлакатро дар панҷаи худ нигоҳ дошта, баҳс ронам, он чй арз мекунам, барои мо хабари нави нашунида нест, аммо барои аҳолй, барои басе аз ҳамватанони мо шунида нест». Аз пешгуфтор бармеояд, ки муаллиф ба гузаштаи халқу миллат ва ватани худ назари публигсистй кардан ва аз нуқтаи назари нав ба таърихи кишвари худ баҳо додан мехоҳад. Муҳиддинов мехохад, илму тамаддун, иқтисоду сиёсати Бухорои тоинқилобиро тадқиқ карда, силсилаи мақолаҳои илмиву публитсистӣ нависад. Дар мақолаи аввал роҷеъ ба системаи таълиму тарбия дар Бухорои кўҳна сухан меравад:

«Талабаи улум 18 то 20 сол дар мадрасаҳои амир мегузарониданд, на аз дин ва на аз дунё хабардор намешуданд. Балки иқтидори такаллуми забони арабиро низ пайдо намекарданд», -мегўяд муаллиф.

Чу ноне ки мебинем, ин силсила мебоист ҳукмномаи айбдорку нандае ба системаи давлати мутлақа мебуд. Муаллиф дар охири мақолаи аввал ваъда медиҳад, ки давоми вай ба масъалаи иқтисод оид хохад шуд. Ин мақола шояд аз аввала хубтар ва аз факту рақам ганитар бошад. Зеро муаллифи он -нозири корҳои иқтисоди Бухоро ба хубй вазъи кишварро медонист. Аммо ин мақола дарҷ нашуд. Зеро аз шумораи9 (26-1Х-1920) гўшаи тоҷикии «Бухоро ахбори» баста мешавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳафтаномаи «Шўълаи инқилоб» 22 феврали соли 1921 хабар дод, ки дар шаҳри Бухоро рўзномаи «Ёшлар товуши» ҳамчун иловаи «Бухоро ахбори» ба чоп сар кард ва «ин рўзнома форсизабон будани ними миллати Бухороро ба назари зътибор гирифта, қисми мақолаҳои худро бо забони тоҷикӣ менависад» Гўшаи тоҷикии ип ҷарида 4-5 шумора баромад ва баста шуд.

«Фикри чавон» нашрияи сертираже буд, ки ба ҳукми ҷаридаи деворӣ дар шаҳри Ӯротеппа аз моҳи майи соли 1925 ҳафтае ду бор нашр мешуд. Ҳамагӣ 12 шумора чоп шудааст. Ҷарида органи комитети вилоятии ҳизби коммунист ва комсомол будва мавзўъҳои мақолаҳояш низ ҳамин соҳаро дарбар мегирад. Дар он матолиби зиёди танқидӣ чоп шудааст. Мухаррири ин чарида Қосим Дайламӣ буд. Дар он инчунин А.Қосимов, Р Бобоҷонов, Сухайлӣ, Ноил Шерзода, Неъматуллоев, Каримҷон Абдуллоев ҳамкорӣ кардаанд.

Нашриёти тоҷикӣ барои яхудиён. Дар хусуси матбуот ва соири нашрияҳо барои яҳудиёни Осиёи Миёна дар асноди бойгонӣ омадааст, ки то моҳи декабри соли 1921 барои онҳо як рўзномаи кишварӣ нашр мешуд, гарчи ҷои нашраш Тошканд буд, аммо таблиғоти вай бештар дар Бухоро ва Самарқанд сурат мегирифт. Рўзномаи мазкур **«Рушноӣ»** ном дошт, бо забони тоҷикии лаҳни яҳудидошта ва бо хати арабӣ чоп мешуд. Ин рўзнома то нимаҳои соли 1922 чоп шудааст. Ҳамзамон дар ҳайати шўрои аққалиятҳои миллии назди Назорати маориф коллегияи нашриёти яҳудиҳои маҳаллӣ таъсис ёфта буд, ки он ҳам рисолаҳо, песаҳо ва ки гобҳо чоп мекард.

12 июни соли 1925 яҳудиҳои маҳаллии вилояти Зарафшон митинг карда, қарор доданд, ки бо забони тоҷикӣ, вале бо хати яҳуди рўзномае таъсис диҳанд. Ин рўзнома бояд ҳафтае се бор чоп шавад ва шумораи нахустини он то 5 моҳи июл барояд. Иборат аз ҳафт нафар, аз ҷумла Гурҷиев, Олимов, Аминов, Мастов, Токилов ҳайати гахририя таъсис дода шуд.

Ин рўзнома ба номи **«Байрақи сурх»** ба миқдори 400 нусха аз 7 июли соли 1925 ба нашр огоз кард. 3. Мастов муҳаррири аввалини он буд.

Нашрияи дигар ба номи **«Адабиёти еоветӣ»** ҳамчун маҷаллаи Иттифоқи нависандагон дар Тошканд дар солҳои 1938- 1941 чоп шудааст.

4. Матбуоти Бухорои Шаркӣ

Охири соли 1922 ҳаракати босмачигарӣ дар Фаргонаю Самарқанд ба анҷом расид ва маркази он ба Душанбе кўчид. Чун қўшунҳои Аскари Сурх ба ин ҷо омад, кори таргибу ташвиқот андаке душвор шуд. Зеро рўзномаи округии «Красная звезда» ва матбуоти дигар ба ин ҷо ба таъхир мерасид. Аз ин рў, идораи сиёсии фронти Туркистон барои нашри матбуот чораҳои фавқулодда андешид.

Намунаи аввалини матбуоти ҳарбӣ бюллетенҳои ҳармоҳа буданд. Дар ин бобат дар мактуби дастурии идораи сиёсии фронти Туркистон аз 20 январи соли 1923, аз ҷумла, гуфта мешавад: «Бо нияти хабаррасонии тарафайн, бо мақсади якдигарро аз ҳоли қисмҳои ҳарбй вокиф кардан ва паҳну тарғиб намудани муваффакиятҳои ҷабхаи фаъолияти сиёсиву маърифат дар қисмҳо инчунин бо нияти таъмин кардани фаъолияти мўътадили робитаи бо ҳамаи шўъбаҳои сиёсӣ идораи сиёсии 'Гуркистон ба ҳамаи шўъбаҳои сиёси таклиф мекунад, ки ҳар моҳ роҷеъ ба кори ҳизбй, сиёсӣ ва маориф бюллетен бароранд».

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар асоси ин нишондод идораи корпуси 13 тирандоз ҳанӯз аз моҳи феврали соли 1923 «Бюллетенҳои ахборӣ»-ро нашр мекунад. Онҳо бо забони русӣ дар ҳаҷми 30-34 саҳифа мебаромаданд, ба доираи васеи коркунони ҷабхаи сиёсату маорифи кисмҳо равона карда мешуданд. Диққати асосӣ дар бюллетенҳо ба тарбияи сиёсии аскарони сурх равона шудааст.

Т ирамоҳи соли 1923 дар ҳамаи қисмҳои ҳарбии фронти Туркистон ҷаридаҳои деворӣ мебаромаданд. Дар Бухорои шарқӣ, аз ҷумла, «Полковой набат» ва «Красный Каратегин» паҳн шуданд.

«Красный Каратегин». Ҷаридаи «Красный Каратегин» аз моҳи декабри соли 1923 ба таври мошиннавис дар ҳаҷми 4 саҳифаи калонҳаҷм моҳе як бор 4-6 нусха мебаромад. Вай нафақат дар байни аскарони сурх, балки дар байни аҳолии Қаротегин низ нашр мешуд. Аз байни аскарони тоҷикидон гурӯҳи таргиботчиён ташкил шуда буданд, ки дар чойхонаҳои сурх онро хонда, маъниашро ба халқ фахмонда медоданд. Дар ҷарида роҷеъ ба ҳаёти аскарони сурх ва барқароршавии Ҳокимияти Шӯроӣ дар кӯҳистони тоҷик, дар хусуси муборизаи зидди босмачиён мақолаҳо, доир ба ҳаёги дохилии мамлакат ва вазъи байналхалқӣ ахбор чоп мешуд. Дар саҳифахои он шеърҳои аскарони сурх дарҷ гардидаанд. Масалан, тамоми саҳифаи сеюми шумораи 3-ро шеър ишгол кардааст. Дар он, аз ҷумла шеърҳои Т.Славодяник «Камин» ва «Юриш ба Бухорои Шарқӣ», Лысенко «Дӯстон фурсат расид!» ва дигарҳо чоп шудаанд. Рубрикаҳои асосии «Красный Каратегин» инҳо буданд: «Дар Иттиҳоди Шӯрой», «Дар хорича», «Ҳаёти фронти мо», «Аз маълумотнома», «Корҳои шурой дар Қаротегин», «Дар Осиёи Миёна», «Аз ҳаёти гарнизони мо», «Назм», «Қуттии почга».

Ҷарида ба тарбияи интернатсионалй диққати калон медод. Вай медонисг, ки танҳо дар сурати аскарони су рхро дастгирӣ намудани аҳолии таҳҷой галаба муяссар мегардад ва давлати нав пойдор шуда метавонад.

«По босмачу»!. 5 апрели соли 1922 бо нияги дуруст ташкил намудани муборизаи зидди дастаи босмачиёни Анварпошо Шӯрои инқилобй ва штаби фронти зидди босмачиён ташкил ёфт. Сарфармондеҳи фронт В.М.Ионов таъин шуд.

12 октябри ҳамонсол идораи ҳарбии гурӯҳи Бухоро ба корпуси 13- уми тирандоз табдил дода шуд. То нимахои соли 1926 штаби он дар Душанбе чойгир буд. Маҳз дар ҳамин давра корпус ба нашри ҷаридаи «По басмачу»! иқдом кардааст.

22 ноябри соли 1923 сардори шӯъбаи таблигу ташвиқотии дивизияи сеюми тирандози Туркистон З.Машков аз Душанбе ба Тошкандтелефон карда хабар дод:

«Аз моҳи лекабрба нашрп рӯзномаи чопии дивизия шурӯъ мекунем.

Вай ҳар хафта як бор дар ҳаҷми 4 саҳифа 150 нусха хоҳад баромад. Мо аз ҷиҳати техникӣ нашрро 3-4 моҳтаъмин карда метавонем».

1 декабри соли 1923 слёти мухбирони ҳарбии шахри Душанбе бори дигар зарурияти нашри ин рӯзнома ва барномаи кории онро мавриди баррасӣ ка рор дод.

Ҳамин тавр, панҷшанбеи 13 декабри соли 1923 дар 4 саҳифаи хурдҳаҷм шумораи аввалини рӯзномаи «По босмачу»! ба табъ расид. Шиори он

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!», нашриёт - шўъбаи сиёсии дивизияи сеюхми тирандози Туркистон, миқдори нашр 400 нусха ва ҷои нашр шаҳри Душанбе буд.

Аз моҳи апрели соли 1924 ҷаридаи «По босмачу»! ҳамчун нашрияи афкори идораи сиёсии корпуси 13-уми тирандоз дар шаҳри Душанбе чоп мешавад.

Идораи сиёсии корпус тамоми диққаташро ба беҳтар кардани сифату мундариҷаи ҷарида равона карда буд. «По босмачу»! аз рўи барнома ва нақшаи муайян нашр мешуд, ки онро шўъбаи сиёсии корпус тасдиқ мекард. Масалан, дар нақшаи соли 1925 воқеаҳои зерин пешбинӣ шуда буданд:

1) Моҳи январ мухбирони полкҳоро санҷида, ноқобилҳоро иваз кардан лозим аст.

2) Мухбирони ҳарбӣ вазифадор карда шаванд, ки моҳе ақаллан 2 мақола ба «По босмачу»! фиристанд.

3) Тариқи хабарнависии дастҷамъиро санҷидан лозим. Бояд дар ин кор роҳбари сиёсӣ мададгори аскарони сурх бошад.

Кормандони ҳарбию сиёсии корпус худашон ҳам дар кори ин ҷарида фаъолона сахм доштанд. Дар мақолаҳои И.Ф.Федко, В.Путовский, А.Круглов, А.П.Павлов, Г.Д.Антонов вазифахои асосии корпус ва роҳҳои иҷрои он мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

Роҳбарии рўзафзун имконият дод, ки «По босмачу»! ба яке аз нашрияхои беҳтарини Осиёи Миёна табдил ёбад. Дар ин хусус 5 майи соли 1926 «Правда Востока» навиштааст:

«По босмачу!» бо маколаҳои хурд-хурди диққатҷалбкунанда аскарони сурхро бо ҳаёти маҳал ошно мекунад. Дар мақолаву очеркҳои ганӣ ба аскари Сурх бо забони оддӣ мефаҳмонад, ки алайҳи кӣ бояд мубориза бурд ва киро бояд дифоъ намуд».

Қариб дар ҳамаи шумораи ҷарида мақолаву очеркҳои таъриху маданияти халқи тоҷик чоп мешуданд, хонандагонашро бо рафти сохтмони сотсиализмӣ дар Тоҷикистон шинос мекард, онхоро ба ин кор ҷалб менамуд, бо аскарони сурх алоқаи қавӣ дошт ва ҳаёти онхоро ба хубӣ тасвир мекард. Пас_аз ба Душанбе кўчидани пойтахти ҷумҳурӣ бюрои ташкилии ҲК (б) Узбекистон ва Ҷумхурии Мухтори ШўравииСотсиалистии (ҶМШС) Тоҷикистон ва кумитаи инқилобӣ ба воситаи шўъбаи сиёсии корпуси 13-уми тирандоз ба фаъолияти «По босмачу»! роҳбарӣ мекунад. Аз аъзоёни бюро Медведев ба алоқан редаксия ва ташкилоти вилоятии ҳизб мутасадаӣ таъин мегардад. Кумитаи инқилобӣ зарур медонад, ки «По босмачу»! ба нашри мақолаҳо аз ҳаёти маҳаллӣ боз ҳам бештар диққат диҳад. Ҳамин тавр, роҳбарияти Тоҷикистон дар назди ин ҷарида вазифаи нав -тарғиби ҳаёти халқи меҳнаткаш, ба вуҷуд омадани зиндагии навро гузошт. Дар ин бобат, дар воқеъ корҳои зиёдеро анҷом дод. Аз ҷумла, мактуби табрикии раёсати ташкилии созмони ҷавонони Ҳисор, муроҷиати кумитаи инқилобӣ ба деҳқонони Тоҷикистон ва бисёр хабару мақолаҳо чоп шудааст. Хизматҳои зиёди ин рўзномаро қайд карда, охири декабри соли 1925 кумитаи инқилобии Тоҷикистон ба идораи «По босмачу»! мактуби табрикӣ фиристод. Баҳори соли 1926 пас аз анҷоми ҳаракати босмачигарӣ корпуси XIII тирандоз вазифаи худро дар Душанбе

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

анҷом дод ва «По босмачу»! низ бо нашри шумораи 104 фаъолияташро қатъ кард.

«Овози шарк». Нимаҳои соли 1924, пас аз он ки дастаҳои калонтарини босмачиёни Бухороп Шарқӣ асосан торумор ва дар Душанбеву атрофи он хаёти нисбатан ором муҳайё гардид, ҳукумати Бухоро ба нашри рӯзномаи тоҷикӣ дар Бухорои Шарқӣ қарор дод. Бо ин ниятяк гурӯҳ ноширон аз Бухоро ба Душанбе равона шуданд. Яке аз онҳо Ғайфулло Нурмухаммадов ёдоварӣ мекунад: «Аз хизмати аскарӣ баргашта, ба сифати коргари оддӣ ба матбааи Бухоро ба кор даромадам. Ба зудӣ маро ба шогирдии ҳуруфчин қабул карданд. Дар ҳамин айём дар Душанбе матбаа ташкил кардан шуданд ва гурӯҳе аз ноширонро ба он ҷо фиристоданд. Дар ин гурӯҳ ман ҳам будам. Дар моҳи июли соли 1924 мо дар як вагон ҳуруфи арабӣ ва машинаи «Американка»-ро бор карда, ба Тирмиз омадем. Лавозимоти худро ба

20 уштур бор карда, бо роҳи хатарноке дар зарфи 31 рӯз ба Душанбе расидем. Чанд бор ба мо босмачиён ҳамла карданд. Дар задухӯрди байни аскарони сурху босмачиён, баъзе аз ҳомиёни мо низ ҳалок шуданд. Вале тамоми борро бе шикаст ба Душанбе овардем».Дар як гӯшаи бозори Душанбе, барои матбаа дӯкони фарсуда ва нимвайронаеро ҷудо карданд, ки дар ибтидо дар ин матбаа вараҡа ва хитобномаҳои тоҷикӣ интишор меёфтанд. 12 августи соли 1924 бошад, шумораи аввалини рӯзномаи «Овози шарқ» чоп шуд. Вай ҳаҷми майдае дошт, вале ҳамонро ҳам мохе базӯр як шумора мебаровардан д. Мухаррири ин ҷарида Юсуф Фаттох буд. «Овози шарқ» дар муборизаи зидди босмачиён ва ба омма фахмондани аҳдофи давлати навбунёди Тоҷикистон роли калоне бозидааст. Аввалин рӯзномаи миллии Бухорои Шарқй барои точиконе нашр мешуд, ки дар сафи урдуи сурх хизмат мекарданд. Ба ин маънӣ вай аввалин намунаи матбуоти ҳарбии тоҷикӣ ҳам буд. Ин ҷарида барои дар аскарҳо бедор кардани ҳиссиёти ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва интернатсионализм мубориза мебурд. Вазифаи аввалинаш бошад. иборат буд аз саҳм гирифтан дар пурра торумор кардани босмачиён ва ҳомиёни онҳо. Ақидаи Қосим Дайламӣ дар бораи таърихи нашр, муассис ва равияи ин нашрия дигартар аст. Ба фикри вай «Овози шарқ» 25 декабри соли 1924 таъсис дода шудааст ва он ноширификрҳои Ҳизби коммунист ва кумитаи Инкилобии Тоҷикистон буд. Ин ҷаридато моҳи марти соли 1925 ҳафтаеяк бор дар ҳаҷми як сахифаи майда бо машинкаи тамоман кӯҳнашудаи чопи дастӣ нашр мегардид.

Ин ақида бо матолиби ҷарида асоснок нашудааст ва дар бойгониҳо низ ҳуҷҷати тасвибкунандае пайдо нашуд. Азбаски хукумати навташкили РАСС Тоҷикистон дар бораи ин рӯзнома чизе нагуфтааст ва «Иди Тоҷик»- ро чун нахустнашрия ёдоварӣ кардааст, пас ҳар чӣ қаблан зикр шуд, ба ҳақиқат наздиктар аст.

5. «Овози тоҷик»

Пас аз ним моҳи нашри «Овози Шарқ» дар Самарқанд органи ташкилоти вилояти ҲК Туркистон рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр оғоз намуд, ки ин ҳодисаи муҳиме дарҳаёти сиёсии халқи тоҷик мебошад. Адабиётшинос Раҳим Ҳошим. ки солҳои бист яке аз мухбирони ҷавони «Овози тоҷик» буд, ёдоварӣ мекунад, ки аввалхои соли 1924 дар идораи ҷаридаи ўзбекии Самарқанд -

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Зарафшон» як гурӯҳ ходимони ҳизбии тоҷик, муаллимон ва зиёиёни Самарқанд, муаллифони тоҷикдони «Зарафшон» ҷамъ омада, машварат карданд. Аз он рӯзе, ки рӯзномаи ҳафтагии «Шӯълаи инқилоб» кори худро қатъ кард, дигар нашрияе набуд, ки бевосита ба забони тоҷикӣ сиёсати ҷориро ба меҳнаткашон фаҳмонад, ҳама ба он ақида буданд, ки чунин нашрияро ташкил кардан лозим аст.

Зиёиёни тоҷик бо ин ният ба Ҳукумати Туркистон, ба ҳукуОмати чумҳурии халқии Шӯроии Бухоро мурочиат намуданд. Ҳукумати Туркистон ин пешниҳодро пазируфт, ташкилоти ҳизбии вилояти Самарқанд тасмим гирифт, ки ин нашрияи нав органи вай бошад. Ниҳоят ҲК Туркистон бо ин ният 3 ҳазор сӯм ва ҳукумати Ҷумҳурии халқии Шӯроии Бухоро 2 ҳазор сӯм пул ҷудо кард.

Шоир Т.Зеҳнӣ менависад, ки «25 августи соли 1924 дар сарои Аҳмадҷонбои Самарқандӣ, ки он вақт хонаи маданият буд. маҷлиси ташкилии рӯзномаи тоҷикӣ барпо гашт. Дар ин маҷлис зиёиёни соҳаи матбуоти он давраи Самарқанд даъват шуданд. Аз чумла, устод Садриддин Айнӣ, раиситашкилоти майдамиллатҳо Нисормухаммади афғон, Абдулқайюми Қурбӣ, Саидризо Ализода, Фахриддини Роҷӣ, Маъруф Расулӣ, Бектош, Ҳоҷӣ Мӯин ва дигарон иштирок доштанд.

Дар ин ҷамъомад таъсисёбии рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Овози тоҷики камбағал» эълон карда шуд. Абдулқайюми Қурбӣ мухаррири масъул ва Саидризо Ализода котиби масъули он интихоб шуданд.

Шумораи аввалини ин рӯзнома 25 августи соли 1924 дар ҳаҷми 4 саҳифа ва ба миқдори 2 ҳазор нусха баромад. Дар ин шумора мақолаҳои С.Атизода «Дебоча ва маром», С.Айнӣ «Қавми тоҷик ва рӯзнома», А.Қурбӣ «Рӯзнома чист?», М.Рахимӣ «Кӯҳистониён ва маориф» ва дигарҳо ба табъ расидаанд.

«Овози тоҷики камбағал» бо мурочиат ба оммаи тоҷики меҳнаткаш кушода мешавад. «Ҳазорон шукр, ки -навишта буд дар шумораи аввалинаш рӯзнома, -барои мо миллати ақибмонда ҳам ғамхор пайдо шуда, махсус ба мо ҷумҳурият ташкил шуд ва барои мо имкон дода шуд, ки ба забони худамон рӯзнома барорем ва мактабҳо кушоем».

Пайдоиши рӯзномаи тоҷикиро меҳнаткашони тоҷик ҳамчун қадами қатъие ба пешравии инқилобӣ истиқбол гирифтанд. Онҳо бо ин васила донистанд, ки беҳуқуқӣ ва нодории чандинасраашон ба охир расидааст:

«Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст, -навишта буд устод Айнӣ ҳамон вақт. -Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад».

Баъд Айнӣ менависад, ки «ҳамчун одами безабон қавми берӯзнома ҳам дарду ранҷ ва орзуву омоли худро гуфта ва зиёда аз он ба мутгаҳидӣ ва якдилӣ саъй карда иаметавонад. Аз ин рӯ, акнун ки қавми ^мо забон баровардааст, метавонад, ки ҳамаи даркориҳои худро ба рӯзномаи худ нависад, акнун метавонад, ки аз аҳволи олам бохабар шавад, акнун метавонад дарди дили худро ба воситаи рӯзномаи худ, ки бо забони тоҷикист, ба ҳар кас во намояд».

Устод Айнӣ мақолаашро бо чунин боварӣ ба охир мерасонад, ки «қавми тоҷик, хусусан бечорагони эшон ба атрофи рӯзномаи худ ҷамъ мешаванд».

«Рӯзномаи «Овози тоҷик» тавонист дар як муддати кӯтоҳ гурӯҳи калони адибону публитсистонро дар атрофи худ муттахид кунад. Аз рӯзхои аввал бо он

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Пайрав Сулаймонӣ, Сухайлӣ Ҷавҳаризода, Бобоҷон Ғафуров, Қурбон Баҳлулзода, Баҳриддин Азизӣ, Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ ва дигарон ҳамкорӣ мекарданд.

Дар чандмақолаи шумораҳои аввал ҷарида хонандагони худро аз вазифа ва мақсади худ, аз рол ва мавқеи ҷамъиятиаш огоҳ мекунад. Агар Қурбӣ таъкид кунад, ки «аз ин ҷарида халқ бо қонуни ҳукумат ошно ва ҳукумат аз ҳоли халқ хабардор хохад буд», пас Ализода ташкилёбии ин рӯзномаро шарофати инқилоби Октябр, самараи сиёсати миллии ленинӣ дониста менависад: «Ҳазорон шукр. ки барои мо миллати ақибмонда ҳам ғамхор пайдо шуда, махсус ба мо ҷумҳурият ташкил шуд ва барои мо имкон дода шуд, ки ба забони худамон рӯзнома бароварем ва мактабҳо кушоем, хулоса забони мо аз банд озод шуд».

«Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар миёни қавми тоҷик ба танвири афкор ва таълими маориф кӯшида, эшонро ба равшании маданият завк медиҳад, бо ҷаҳолат ва нодонӣ, хусусан бо мавҳумот ва ҳурофоти динӣ мубориза мекунад. Ба дафъи одати ҷоҳилона, ки ба номи дин ва шариат, дар миёни мардум ҷорӣ аст, ҷаҳд менамояд».

«Овози тоҷик» медонад, ки ин мақсаду мароми наҷиби вай фақат дар шароити алоқаи мустаҳкам бо хонандагонаш ба амал меояд ва аз ин рӯ, изҳори умед мекунад, ки «дар ифои ин хидмати муборак ва вазифаи муқаддас умуми ҳаммаслакони мо ёрӣ намуда, дар интишори ҷаридаи «Овози тоҷик» хамроҳии худро дарег намедоранд».

Дар воқеъ, ба зудӣ ҷарида ба дили хонандагони худ роҳ ёфт, рӯз то рӯз шумораи муштариён ва хонандагонаш афзудан гирифт. Устод Садриддин Айнол ва мавқеи ин нашрияро дар ҳаёти ҷамъиятии тоҷикони Осиёи Миёна, обрӯи онро дар байни меҳнаткашон ифода карда, бо номи «Овози тоҷик» шеъре навишта буд:

Ба парда то ба чандин рози тоҷик?
Биё биншин шунав овози тоҷик.
Чу қумрӣ месароям нағма, чунки,
Г ирифторам ба сарвинози тоҷик.
Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ,
Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.
Суханро чун арӯсон зеб дода,
Забони маърифатпардози тоҷик.
Ҳунарҳо, пешаҳо эҷод карда,
Ба дунё қувваи ҷонбози тоҷик.
Якин донӣ, ки анҷомаш ба хайр аст,
Ба ёд орӣ агар оғози гоҷик.
Ҷаҳонро сар ба сар санҷида дида.
Ба аҳди рафта чашми бози тоҷик.
Факат бемактабӣ дар аҳди хозир,
Каме монеъ шуд аз парвози тоҷик.
Пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунидан.
Баромад окибат «Овози тоҷик».

Дар фаъолияти он Шириншоҳ Шотемур, Нусратулло Махсум. Чинор Имомов барин арбобони хизбӣ ва давлатӣ иштирок менамуданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз шумораи 9-ум сар карда, дар ин рӯзнома повести устод Садрпддин Айни «Саргузашти як тоҷики камбағал» чоп шуд. Пайдоиши ин асари реалистӣ боиси боз хам афзудани нуфузи «Овози тоҷик» гардид.

Баъди таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон 10 декабри соли 1924 бюрои ташкилии ҳизби коммунист қарор қабул кард, ки:

«Рӯзномаи «Овози тоҷик» ба органи бюрои хизбӣ ва кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон табдил дода шавад.

А.Қурбӣ мухаррири рӯзнома таъин карда шавад.

Рӯзнома дар хаҷми 4 саҳифа, ҳафтае ду бор ба миқдори 5 ҳазор нусха барояд».

Ҳамин тавр, аз шумораи 12-30 ноябри соли 1924то шумораи 35 (1 июни соли 1925) «Овози тоҷик» ҳамчун органи бюрои ташкилии ҳизби коммунистии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва комитети инқилобии Тоҷикистон чоп шуд. Пас аз ин, аз чоруми июни соли 1925 рӯзнома ба органи КМ ҲК Ӯзбекистон ва КИМ-иӮзбекистон табдил ёфт.

Нақши рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ҳаёти иҷтимой, сиёсӣ, маънавии халқи тоҷик ва умуман, дар баланд бардоштани илму маданияти тоҷикони Ӯзбекистон, махсусан, калон аст.

Дар солхои бистум «Овози тоҷик» маркази ҳамаи нируи сиёсӣ ва мадании миллати тоҷик буд. Редаксияи газета бо роҳбарияти Ҷумҳурияти Худмухтори Точикистон Абдулқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов. Алӣ Исмоилзода робитаи қавӣ дошт ва дар татбиқи сиёсати давлати шӯравӣ фаъол саҳм мегирифт. Яке аз умдатарин масоиле, ки дар тамоми давраи мавҷудияташ «Овози точик» ба он таваҷҷӯҳ кардааст, тақсимоти худуди миллӣ барои Тоҷикистон мебошад. Зуҳуроти ин мавзӯъ дар «Овози тоҷик» аз нигоҳи мӯҳтаво он буд, ки ҳайати эҷодӣ бе ҳеҷ гуна калавиш дар мавқеи устувори тоҷикпарастӣ ва зиддитуркият қарор дошт ва дар шакл ва тактика анвоъ ва марҳалаҳои гуногунро ба сар бу рд. Дар ибтидо хабарҳо хусусияти пароканда доштанд, вале тадриҷан редаксия онҳоро мукаммал сохт. Масалан, соли 1925 вақте дар стансияи Мелниково (Конибодом) митинги тоҷикони Конибодом ва Исфара барпо шуд ва онҳо аз М.И.Калинин қатъан талаб карданд, ки мактабҳои ин ду шаҳр ва коргузории давлатӣ дар ин ду шаҳр ба забони тоҷикӣ шавад ва ин нохия аз Ӯзбекистон бароварда, ба хайати Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон дода шавад, аввалин хабарро «Овози тоҷик» чоп кард ва сипас, ба таври мусалсал зери рубрикаи «Хабархо аз райони тоҷикии Конибодом» ва дертар «Хабарҳо аз округи тоҷикии Хуҷанд» ба табъ расид. Дар як силсила мақолаҳое, ки дар солҳои 1924-1925 чоп шудаанд, дар бораи аз университети Тошканд ба ҳар бахона канор гузоштани мардуми тоҷики водии Фаргона маколаҳо ба табъ расиданд.

Аз мавзӯоти дигари умдатарини «Овози точик» мактаб ва маорифи миллии тоҷик буд. Дар як силсила маколаҳое, ки бештар ба қалами Ализода ва Айнӣ тааллуқ доштанд, проблемаҳои ба мактаб ҷалб кардани ҷавонон, таъсиси мактабҳои тоҷикӣ, нашри китобҳои дарсии тоҷикӣ, тарбияи муаллимони мактабҳои тоҷикӣ баён мешуданд. «Овози тоҷик» дар бораи ҳамагуна факте, ки боиси пешрафти маорифи тоҷик мешуд, мақолаҳо ба табъ мерасонд ва дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

масъалаи мактаб ва маориф матолиби ин марз надошт, яъне на танҳо аз ҳаёти тоҷикони ҷумҳурии Ӯзбекистон, балки азҳаёти тоҷикони ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ва ҷумҳурии Туркманистон ҳам мақолаҳо чоп мекард ва барои рафъи мушкили онҳо чораҳо ҳам меандешид. Аз ҷумла, редаксия ба он ақида буд, ки вазифаи муҳими ҷавонони бомаърифати Самарқанду Бухоро ва Фарғона дар он аст, ки бояд ба ҷумҳурияти Тоҷикистон ба кор раванд ва дар он ҷо мактабҳои тоҷикӣ таъсис диҳанд. Ин даъват бе аксуламал намемонад. «Овози тоҷик» барои муайян кардани саводнокии ҷавонон, барои кӯмак кардан ба саводнокии онҳо конкурсҳо эълон мекард.

Таҳти рубрикаи доимии «Хабарҳои Тоҷикистони сурх», «Дар округи тоҷикии Хуҷанд», «Дар райони мухтори тоҷики Конибодом», «Дар Самарқанд», «Китобҳои тоҷикӣ», «Сарбозони илму маорифи тоҷик», «Дар ҷабҳаи озодии занон» рӯзнома хабарҳое чоп мекард, ки дар онҳо ҳаёти пурошӯби солҳои бистум инъикос мешуд.

«Мақсад ва маслаки ҳукумати шӯравӣ, -менависад рӯзнома, - саодат ва роҳати рапҷбарон ва деҳқонон аст. Аз рӯзе, ки ин ҳукумат дар мамлакати мо ба рӯи кор омадааст, ҳамеша роҳати деҳқонон ва озодии ранҷбаронро дар пеши пазар оварда, дар роҳи ҳамин масъала кор кардааст». Аз ин рӯ, ҷарида даъват мекунад, ки «ба ҳукумат барои амалӣ гардидани кӯшишаш ёрӣ бояд дод».

Яке аз хизматҳои асосии ин нашрияи бонуфуз дар тайёр кардани муаллимони тоҷик, кушодани мактабҳои тоҷикӣ, нашри китобхои тоҷикӣ, содда ва ба халқ наздик кардани забони тоҷикӣ, тараққии адабиёти Шӯроии тоҷик - хулоса дар ривоҷи маданияти давраи нави тоҷик зуҳур мегардад. Повести Садриддин Айнӣ «Одина» бори аввал дар «Овози тоҷик» чоп гардида буд.

Мубоҳиса дар атрофи забони адабии тоҷик, алифбои нави тоҷик, хеле пуравҷ гузашт. Удабои он давра ба ду ҷараён тақсим шуда, яке бо сардории Айнӣ барои забони содда ва оммафахм, барои алифбои нави ба халқ наздик, дигаре бо роҳбарии Фитрат барои забони умумӣ-форсӣ ва алифбои кӯҳнаи барои аҳли Шарқ шинос мубориза мебурд. Аксарияти мақолаи ин мавзӯъ маҳз дар «Овози тоҷик» нашр шудаанд.

21 апрели соли 1925 кумитаи инқилобии Тоҷикистон дар бораи аз Самарқанд ба Душанбе кӯчонидани редаксияи «Овози точик» ва матбааи вай карор кабул кард. Ин қарор баъд баъзе муаррихонро ба иштибоҳ андохт ва иддае аз онхо «Бедории тоҷик»-ро давоми «Овози тоҷик» донистанд. Дар асл бошад, чунин набуд. Пас аз ин карор ҳам «Овози тоҷик» фаъолияти худро давом дод. Дар хуҷҷатҳои архивӣ қароре. ки қарори аввалро рад мекарда бошад, мутаассифона, холо пайдо нашудааст. Аммо аз эхтимол дур нест, ки сабаби асосии давом ёфтани нашри рӯзнома ба назар гирифтани талаботи тоҷикони вилоятҳои Самарқанду Бухоро бошад. Бегумон агар редаксияи «Овози тоҷик» ба Душанбе кӯчонда мешуд, он гоҳ қариб 1,5 миллион нафар тоҷиконе, ки дар Ӯзбекистон (бо истиснои ҶМШС Тоҷикистон) зии,ҷагӣ мекарданд, аз органи чопии худ маҳрум мегаштанд. Дар солҳои бистум илова бо Қурбӣ М.Ҳасанӣ ва Ш.Садрулин муҳаррирони масъул буданд.

22 «Овози тоҷик»-ро ҳамчун модари матбуоти тоҷик ном бурда, бисёр

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳақоику арқомеро, ки боиси ин унвон шудааст, донишмандон зикр намудаанд. Дар ин ҷо дутои онро тазаккур медиҳем: Вай аввалин нашрияе буд, ки забони худро тоҷикӣ эълон кард, на форсӣ. Ҳамчунон ин рӯзнома журналистону адибони зиёдеро тарбия кард, ба мачаллаҳои «Роҳбари дониш». «Мушфиқӣ», ҷаридаҳои «Саводи мехнат» ва «Роҳнамои мухбирон» асос гузошт.

23 **Публитсистика**

Абдулқодир Муҳиддинов. Инқилоби якуми рус дар ҳақиқат барои бедории мардуми Осиёи Миёна таъсири калон расонид. Дар он солҳо дар Бухоро ва дигар шаҳрҳо рӯзномаву маҷаллаҳои на танҳо кишвари рус, балки форсиву туркӣ васеъ паҳн карда мешуд. Дар Тошкент рӯзномаҳои «Тараққӣ», «Хуршед», «Туҷҷор» чоп мешуд, ки дар сахифаҳои онҳо мақолахои маорифпарварони тоҷпк низ ба табъ мерасид. Дар бедории мардуми Бухоро рӯзномаи «Тарҷумон»-и Исмоилбек Ғаспаронӣ аз Богчасарой, нашрияхои мухоҷирони эронӣ «Ҳабулматин» аз Ҳиндустон, «Чеҳранамо» ва «Парвариш»-и Миср, маҷаллаи «Мулло Насриддин»-и озарбойҷонӣ нақши калоне мебозиданд.

Баъди ихтилофи намояндагони мазҳаби шиаву суннӣ рӯзномаи тотории «Вақт» дар байни маорифпарварони Бухоро як маҳбубияти калон пайдо кард. Ин рӯзнома дар Оренбург чоп шуда, аз навигарихои Туркистону аморати Бухоро пайваста маводҳо чоп менамуд. Дар соли 1907 аз ҷумла, дар рӯзнома мақолаҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ «Фарёди Туркисгон», «Дума ва мусулмонони Туркистон», Абдулқодири Шакурӣ «Мактабу тарбия дар Туркистон» ба дасти чоп расиданд.

Яке аз муаллифони фаъоли рӯзнома дар ин солҳо Абдуқодир Муҳиддинов буд. Абдуқодир Муҳиддинов дониши ҳаматарафа чуқуру олимона дошта, дар рӯҳияи ватандӯстию озодипарастӣ ба воя расида буд. аз рӯи донпшу фаросат ва дарки масъала ба он воқеъбинона баҳо медод.

Вай соли 1891 дар шаҳри Бухоро дар оилаи савдогари давлатманди аморати Бухоро, яке аз аввалин равшанфикру маорифпарвар ва тараккихоҳ Муҳиддин Мансурзода ба дунё омадааст. Абдуқодир ҳанӯз дар айёми наврасӣ зиндагии тираву тори Бухорои феодалиро сахт ганқид намуда, бо имзои «Бухоройӣ» бо рӯзномаи «Вақт» ҳамкорӣ менамуд. Аз ҳамин давра фаъолияти сиёсию публитсистии ӯ оғоз меёбад ва то Инқилоби халқии Бухоро бо равшанфикрону маорифпарварон дар саводомӯзии мардум, таблигу тарвичи илму маърифат ва омодасозии мардум ба инқилоб хизмат намудааст.

Дар давру захмоне, ки тамоми маорифпарварону ислохотхоҳони Бухоро аз амир умедвори ислоҳоги мактабу маориф ва озодии баён буданд, Абдуқодир Муҳиддинов ба масъала амиқ назар афканда, чунин интизориро бепоя дониста буд. Ӯ баъди таҳқиқи муфассал ба хулосае расид, ки «аз рӯи урфу одати Бухоро ва қонуни ҳукуматӣ тамоми ҳаракат ва муомилоти ҳукумат фақат вобаста ба ҳазрати амир аст. Дар дасти тамоми маъмурони ҳукумат, ҳатто ба дасги вазир, ки ҷонишини амир мебошад, қуввате нест, зеро қонуне вучуд надорад, ки ба муҷиби он амал карда шавад. Фақат барои пул ҷамъ кардан ба ҳама маъмурони ҳукумат ҳуқуқи номаҳдуде дошта шудааст...»

Публитсист, сиёсатмадор Абдуқодир Муҳидцинов дар мақолаҳояш дар рӯзномаи «Вақт» масъалаи мактабу мадраса, махсусан ба вазъи ногувори мактаби

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

усули ҷадидро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор медод, дар яке аз мақолаҳояш масъаларо ин гуна ба миён гузошта буд: «Низоъи усули ҷадида фавқулодда вусъат ёфт, ҳатто дар байни уламо ба дарачаи таҳқир ва таҳдид нисбат ба хамдигар расид. Чунин шиддат ва низоъ, аз як тараф, боиси таассуфи бузург бошад, аз тарафи дигар, ҷиҳати шоёни мамнунияте низ дорад. Зеро «масъалаи мактаб» ба миён омад, мавҷудият пайдо кард. Масъалаи муҳим будани он ба ҳама маълум гардид. Пас аз ин масьала намемирад, вусъат ёфта, торафт қувват пайдо ва душманони худро маҳв мекунад».

Вай хуб медонист, ки пеши роҳи мактабҳои навро неш аз ҳама уламою ҳукуматдорони бесалохият гирифта, онҳо дар усули нави таъмин дар мактабҳо рақибони пурзӯри худро медиданд, зеро мактабҳои ҷадид, аз як сӯ, барои ба зӯрӣ соҳиби хату савод гардидани мардум мусоидат намояд, аз сӯи дигар матбуот дар бедории афкор барои шинохти ҷаҳон кӯмак мерасонд, ки ҳам ину ҳам он бар зарари аҳли уламои Бухоро буд.

Дар ин солҳо тавсири рӯзномаву маҷаллаҳои гуногуни форсию туркӣ ба афкори ҷаҳонбинии мардум таъсир мерасонд. Аз ин ҷост, ки бархе аз равшанфикрону маорифпарварон зери таьсири туркгароён монда буданд, ки ин масъала ҳам Абдуқодир Мухиддиновро сахт ба ташвиш оварда буд. Аз ин чост. ки вай ҳанӯз соли 1928 дар маҷаллаи «Рохбари дониш» раками 12 мақолааш таҳти унвони «Мардуми шаҳр ва агрофи Бухоро тоҷиканд ё узбак» чоп гардид, ки дар он ҷо махсус таъкид карда буд: «Мо, ҷадидони Бухоро, ки давраи тарбия ва инкишофи фикрии ибитдоии худро дар доираи инкишофи фикри панисломизм ва пантуркизм дар Осиёк Миёна гирифтем ва дер замонс дар таҳти гаъсири куллии мафкураи пантуркизм ва панисломизм будем».

Абдуқодир Муҳиддинов дар инқилоби мардуми Бухоро фаъолона ширкат варзида. соли 1919 ба сафи фирқаи навбунёди Партияи Коммунистии Бухоро дохил шуд. Чанд муддат дар вазифаи муҳаррири рӯзномаи «Қутулиш» кор кард. Баъди инқилоб дар ҳукумати тозабунёди Республикаи Халқии Советии Бухоро вазифаҳои масъулиятнокро ба ҷо овард. Соли 1924 пас аз ҳал шудани масъалаи тақсимоти ҳудуди миллӣ, ки худ яке аз фаъолони он буд, Абдукодир Муҳидцинов нахустин раиси Шӯрои Комиссарони халқи Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон интихоб гардид.

А.Муҳиддинов баъди гузашти солҳо ва ба итмом расидани тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна бо алам навишга буд: Мо саҳв ва хиёнати сиёсии гузаштаи худро икрор мекунем ва лозим медонем, ки ислоҳ карда шавад: афсӯс, ки онҳое, кн барои ин айб ва нуқсони гузаштаи мо ба рӯйи мо мезананд ва аз ин роҳ ба мо таарруз мекунанд, дар амал сн саҳву хиёнатҳоро мудофиа мекунанд ва тақвият менамоянд.

Вале афсӯс, ки бо гузашти солхо на танҳо он саҳву хиёнатҳо ислоҳ нашуданд. балки саҳву хиёнатхои дигаре сар заданд, ки миллатро ба парешониву ватанро ба вайронӣ овард.

Абдукодир Муҳиддинов барои баромадхои миллатдӯстонааш ҳамчун «миллатчӣ» қурбони тӯҳмати пантуркистон мегардад ва хушбахтона соли 1958 бегуноҳии ӯ исбот карда, вай аз тарафи Суди Олии РСС Точикистон сафед карда

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мешавад.

Саидризо Ализода (1887-1945), яке аз поягузорони матбуоти тоҷнк, ҳамчук рӯзноманигор, адиби маорифларвару кавчӯ ва публитсисти оташинсухан мақоми баландпоя дорад. Вай дармаҳаллаи Боғишамоли шаҳри Самарқанд дар оилаи ҳунарманди шохибоф, марди соҳибҳунару соҳибмаърифат Мирмӯҳсин чашм ба олам кушода, дар рӯҳи анъанаҳои варзидаи илму фарҳанги ин маркази бостонии тоҷикон ба камол расидааст. Дар ҳамин шаҳр таҳсили илм намуда, забонҳои зиёдеро азбар намуд.

Саидрнзо Ализода аз рӯзхои аввалини таъсиси нашрияҳои маорифпарвари машҳури тоҷик. яке аз шахсиятҳои маъруфи сиёсии Осиёи Миёна Махмудхоҷа Беҳбудй - рӯзномаи сезабонаи «Самарқанд» ьа маҷаллаи дузабонаи «Ойина» чун масъули бахши тоҷикӣ ифои вазифа намуда, аз ка.мбудшо нуқсонхои давру замон маколаҳо менавишт. Вайро хамчун публитсисти оташинсухан пеш аз хама вазъи мактабу маориф ба ташвиш меовард.

Шиносоии худи ин ҷавон бо таълимоти инқилобй вақте шурӯъ шудааст, ки вай дар матбааи шаҳри Самарқанд ба сифати хуруфчин ба кор даромада, якҷоя бо коргарони рус заҳмати зиндагиро ба дӯш бардоштааст. Дар он солҳо дар Самарқанд рӯзномаи русие ба номи «Самарқанд» интишор меёфт, ки аз лиҳози хислати сотсиал-демократии (болшевикии) худ, на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар байни матбуоти ошкоронашри Русия камтар назир дошт. Ин газета дар пайравй ба газетаи ленинии «Новая жизнь» ақидаи револютсионiро часурона таблиг мекард ва барои бедории меҳнаткашон мубориза бурда, онхоро ба иттифоқ «новобаста ба дину миллат» даъват менамуд.

Ҳокимони маҳаллй, албатта, хислати револютсионии онро медонистанд ва ба муқобилаш мубориза мебурданд, ин газета чандин бор аз тарафи ҳукумат баста шуда бошад ҳам, ҳар дафъа бо номҳои дигар -«Зарафшон», «Новый Самарканд» интишор меёфт. «Газетаи аъзоёни маҳфили револютсионӣ «Самарқанд», ки мувофики қарори суд баста шуда буд, аз нав бо номи «Новый Самарканд» баромад, навишта буд генерал-губернатбри Туркистон. Ноширон бо нияти давоми рӯзномаи собиқ будани онро собит кардан, калимаи «Новый»-ро бо ҳарфи хурд чидаанд... Ба ақидаи ман аз нав баромадани ин ҷарида, нотавонии ҳокимонро дар назди ин газетаи нохалаф нишон дода, иллати рехтани обрӯи давлат мегардад».

Кор дар матбааи чунин нашрияи пурзӯри сотсиал-демократй, шиносой бо муҳаррираш -болшевики содиқ М.В.Морозов ва дигар револютсионерҳо эътиқоди Ализодаро ба ҳақ будани кори Ленин ва пайравонаш кавй мегардонд. Маҳз аз ҳамин давра таваҷҷӯҳи вай ба забони русй афзуд ва ӯ ба омӯзиши ин забон ҷиддан пардохт. Маҳсули ин омӯзиш аст, ки вай аввалин нигорандаи тарҷумаи ҳоли В.И.Ленин ба забони модариаш буд. Масалан, ҳанӯз дар аввалин шумораи «Шӯълаи инқилоб» ӯ мактуби В.И.Ленин «Ба ранҷбарон ва коргарони мусулмони Шарқ ва Русия»-ро тарҷума ва чоп карда буд. Тарҷумони «Мактуб ба коммунистони Туркистон», маърӯзаҳои Ленин дар анҷуманҳои VII ва VIII умумирусиягии советҳо, ки дар «Шӯълаи инқилоб» чоп шудаанд, низ Ализода буд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шиносой ва ҳамкорӣ бо инқилобчиёни пинҳонкори рус таҳсил ва баъдтар таълим додан дар мактаби усули ҷадид имкон дод, ки Сайидризо Ализода ба сифати шахсе камол ёбад, ки тавонад афкори пешқадами замонро дар байни мардуми тоҷик таблиғ кунад. Аммо то инқилоби Октябр барои ин восита ва шароити мусоид набуд, вале Ализода аз камтарин имконият истифода менамуд. Ҳамкории ӯро дар рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина», ки онҳоро Махмудхоҷа Беҳбудӣ ба табъ мерасонд, аз ҳамин нигоҳ муқаррар кардан мумкин аст. Зеро «Самарканд» мақсади «баҳс кардан аз илму фан, адабиёт, тиҷорат, ҳунар ва зироат, аҳволи Русия ва маданияти хориҷа»-ро эълон карда буд ва Ализода итминон дошт, ки дар ин замина хам барои бедории шуур, бигузор ниҳоят кам бошад ҳам, ҳисса гузоштан мумкин аст. Вақте маҷаллаи «Ойина» таъсис ёфт (20 августи соли 1913) Сайидризо Ализода имконият пайдо кард, ки маҳорати публитсистии худро бештар зоҳир кунад. Ӯ дар як силсила маколаҳое, ки роҷеъ ба мактабу маориф, зарурияти таълими илмҳои барои ҳаёт зарурӣ навиштааст, ҳамчун маорифпарвар зуҳур мекунад ва ба ин васила барои бедории шуури мардум мубориза мебарад. Ношир ва муҳаррири «Ойӣна» ба ҳунари нигорандагии Ализода эътиқод дошт, ин аст, ки ҳангоми сафари худ, таҳрири маҷалларо ба ӯҳдаи вай мегузошт. Бояд хотирнишон кард, ки дар фаъолияти ин давраи Ализода фикру андешаи маорифпарварӣ бештар таборуз дошт, зеро программаи «Ойина» барои ин мувофиқат мекарду бас. Чунон ки ноширии он дар шумораи аввал эълон карда буд: «Дар ин замон баъзе ашхосе, ки аз иноятиҳак филҷумла чашм кушода ва ба ахволи олам ва у-ъзои умум ба сабаби шавқи табиат ва ё ба хондани илми таърих ва ..татабуи тоза воқиф гаштаанд, албатта толиби ислох мебошанд. Вирди забони ин гуна касон ислох ва ислоҳ аст. Агар аз онҳо пурсида шавад, ки ислоҳ аз куҷо сар мезанад, ҷавоб хоҳанд гуфт, ки аз мактаб ва мадраса. Чунин ҳаёти миллат вобаста ба мактаб ва мадраса аст. Мактаб ва мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳиб ва ҳам ҳокими дигар миллат мегардад».

Дар ин шароит Ализода барои бехбудии мактаб мекӯша д, мақолаҳо менавишт, дар таълимаш онро татбиқ кардан мехост. Аммо китобхои навиштаи вай дар замони истибдоди амирӣ нашр шуда наметавонистанд, рӯҳи онҳо тамоман дигар буд. Ин аст. ки аввалин бор онҳо дар замони советӣ солҳои 1920 «Китоби нахустин» ва 1926 «Сарфу наҳви тоҷикӣ» нашр шуданд. Танҳо Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр ба фаъолияти ҳамачонибаи сиёсию илмӣ, публитсистию педагогии Ализода шароит фароҳам сохт ва ӯ ин истеъдоди худро ба таҳкими музаффариятҳои инқилоб равона кард. Чанд моҳи аввали баъди революцияӣ ӯ муаллими мактаб буд, аммо ҳамин ки моҳи июни соли

1918 - аввалин органи миллии ПК Тоҷикистон рӯзномаи «Иштирокиюн» ба вуҷуд омад, ӯ хамроҳи Ориф Клевлеев ва Ахмад Донской барин равшанфикрони тотор дар он хизмат кард. Соли 1919 бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани кори таблигу ташвик дар байни мардуми тоҷикзабон дар ҳайати ҳукумати Туркистон шӯъбаи форсӣ та ьсис ёфт ва Сайидризо

Ализода мудири ин шӯъба таъин шуд. Махз бо ташаббуси вай аввалин нашрияи советии тоҷик -рӯзномаи ҳафтавори «Шӯълаи инқилоб» ба вуҷуд омад,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки мухаррир ва дар 22 шумораи аввалаш муаллифи ягонааш Ализода буд.

Ташкилоти партиявии райони Богишамоли шаҳри Самарқанд якуми моҳи марти соли 1919 барои таъсиси нашрияи тоҷикӣ ариза навишт. «Комитети партиявии вилояти Самарқанд, менависад С.Ализода, чун ҳомии ранҷбарони иштирокиюнӣ мебошад, ин дархостро бидуни чуну чаро пазируфта, на ин ки ганҳо ёрии чизӣ, балки махориҷи нашри маҷалларо гамоман ба ўҳдаи худ гирифта, ўро ноширии афкори худ қарор дод».

7 марти соли 1919 комитети партиявии вилояти Самарқанд Сайидризо Ализодаро муҳаррири «Шўълаи инқилоб» таъин мекунад ва супориш медиҳад, ки ба зудӣ корҳои ташкилиро анҷом дода, ба нашри он шурўъ намояд. Аввалин касе, ки Ализода ба кор даъват намуд, шоир ва хаттоти машхури замон Фахриддини Роҷӣ буд. Тамоми 91 шумораи «Шўълаи инқилоб»-ро ў хушнависӣ кардааст.

Дар муддати 52 рўзе, ки «Шўълаи инқилоб» нашр нашуд, Ализода ба ташкилотҳои партиявию советӣ муроҷиат карда, имкони таъмини нашрро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ёфтан мехост. Дар архивҳо ва хотироти ҳамзамонони публитсист асноде ҳаст, ки сафири Афғонистон ва консули Эрон дар Ашқобод ва Сайидризо Ализода дар ин вақт пешниҳод кардаанд, ки «Шўълаи инқилоб»-ро бо маблағи давлати онҳо нашр кунад. Зеро 700 нусхаи он дар он кишварҳо ҳам паҳн мешуд. Инро Ализода ба таври қатъӣ рад мекунад, зеро ин органи коммунистӣ аст ва танҳо бо ҳамин рўҳия нашр шуда метавонад. Воқеан ба ин ишора. карда Ализода 7 декабри соли 1919 дар «Шўълаи инқилоб» навишта буд: «Идораи «Шўълаи инқилоб» ба сафири давлати Афгонистон дар Тошканд ва ба консули давлати Эрон бошандаи Ашқобод, ки ҳозир дар Тошканд мусофир ҳастанд, дар муқобили хусни таваҷҷўҳашон дар бораи маҷаллаи «Шўълаи инкилоб», ки дар замони хобидани он ба мудири он муроҷиат карда, махоричи нашри ўро ба ўҳда ғирифтанӣ буданд, изхори ташаккури худро тақдим медорад».

Дар ҳамин шумора Ализода мақолае дорад, ки дар он душвориҳои пештараи кораш хотирнишон ва чи навъ зҳё шудани рўзнома возеҳ баён меёбад:

«Мо баъд аз нашри шумораи 22 каламшикаста, худро дар канор гузошта, аз майдони матбуот, ки ҳамчун мо нигорандагони ноқобилро дар он ҷавлон кардан осон нест, берун рафта будем. Зеро ки идораи як маҷаллаи сиёсӣ ва иҷтимоиро хам аз чихати моддӣ ва ҳам маънавӣ таъмин намудан, аз қувваи як нафар, он ҳа.м нокис ва бетаҷриба, албатта хориҷ буд. Гузашта аз ин аҳамият надодани хонандагон ба маҷалла ва дарег доштани онхо аз додани маблаги ҷузъӣ барои вай дили моро чунон сард намуда буд, ки ёрои ба даст гирифтани қаламро надоштам... Вале чанд нафар аз ҳаммилатони мўҳтарам ва хусусан рафиқ ва ҳамқалами мо Ҳоҷӣ Мўъмин Афандӣ (Ҳоҷӣ Муин Шукруллоев -И.У.) розӣ нашуданд, ки маҷаллаи ночизи «Шўълаи инқилоб», ки муддати шаш моҳ мумтаор буд, якбора хомўш шавад. Ҳоҷӣ Муин ба воситаи бюрои вилоятии мусулмонон ба ҷойхои лозима муроҷиат карда, асбоби давоми маҷалларо фароҳам оварданд. Аз ҷихати маънавӣ низ ба таъмини он кўшиданд. Чунончӣ рафиқонамон Айнӣ, Мухторӣ ва Маҳмудӣ ваъда доданд, ки сахифаҳои маҷалларо бо мақолаҳои судманди худ ороиш бидиҳанд».

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ализода чи ба сифати муҳаррири «Шўълаи инқилоб» ва чи дар вазифаи котиби масъули «Овози тоҷик» маҳорати публитсистӣ, қалами гўё ва равони эҷодии худро бо мақсади он равона намудааст, ки дар Осиёи Миёна ҳаёти нав баробарӣ, баробарӣ пайваста пойдор бошад. Вай бо қалами хеш мардумро дар ҳамин рох тарбия намудааст.

Солҳои баъд С.Ализода ба хайси котиби масъули рўзномаи «Овози точик» кор кардааст ва дар ин рўзнома низ мақолаҳои зиёде нашр намуд.

IV. ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИКИСТОНИ ШЎРАВӣ

Ғалабаи Инқилоби Октбяр, асосан торумор карда шудани дастаҳои босмачиён, дар назди ташкилотҳои Шўрои Осиёи Миёна масъалаи нав - тақсими ҳудуди миллиро ба миён овард. Зеро ба вуҷуд овардани ҷумҳуриҳои миллӣ, дастраси умум намуда1ш музаффариятҳои сохти нав, ба омма фаҳмондани бартарияти Ҳокимияти Шўроӣ, ташкил кардани мактабу маориф бе дуруст ба роҳ мондани кори тарғибу ташвиқот мушкил буд.

Аммо тақсимоти ҳудуди миллӣ танҳо соли 1924 ба амал омад. Дар натичаи он ҷумхуриҳои Туркманистон ва Ӯзбекистон, ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ва вилояти мухтори Қирғизистон ташкил ёфтанд.

Тоҷикистон дар ҳудуди Ӯзбекисгон ташкил ёфт ва 135,6 ҳазор километри мураббаъ замин дошт. Аҳолии он 739,5 ҳазор нафар буд, ки 78,33 фоизашро тоҷикон ташкил медоданд. Матбуоти навбунёди шўрои тоҷик вазифадор буд, дар ҳалли масъалахои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дар ривочу маорифу маданият ва таргиби пдеяҳои коммунистӣ ҳамчун аслиҳаи тавонои ҳизб хизмат кунад. Зеро «Ба забонҳои таҳҷой нашр кардани матбуоти чумҳуриҳои миллӣ. зиёд шудани ададн нашри онҳо, бо омма мустахкам шудани алоқаашок (бо ёрии мухбирону коргару деҳқон) ба завқу фаҳмиши оммаи деҳкон наздик шудани онҳоро таъмин кардан лозим» буд.

Ҳанӯз дар ҷамъомади аввалини бюрои ҳизбии Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон, ки 10 декабри соли 1924 баргузор гардид, масъалаи беҳтар кардани вазъи матбуот мавриди муҳокима қарор ёфт. Он вақт ду номгӯй рўзномаи тоҷикӣ: «Овози Шарқ» ва «Овози гоҷик» нашр мешуд. Ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ «Овози тоҷик»-ро органи расмии худ эълон намуд.

Дар ин давра шароити техникии матбуот багоят бад, таҷҳизот дар биноҳои кўҳнаю фарсуда ҷойгир шуда, коргарони матбаа камшумор буданд. Таҷҳизоти техникӣ ноқис ва фарсуда, ҳуруф, рангу когаз намерасид.

Қарор дода шуд, ки аз матбааи Бухорои Кўҳна 600 пуд хуруф гирифта, ба Самарқанд оварда шавад. Бюрои ташкилии коммунистони тоҷик аз ҲК (б) Ӯзбекистон хоҳиш кард, ки яке аз матбааҳои дар Самарқанд будаи Туркистонро ба ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон диҳад.

Баҳори соли 1925 бюро ва ҳукумати Тоҷикистон аз Тошканд ба Душанбе кўчид. Аз ҳамон вақт тамоми кўшиш ба он равона гардид, ки дар пойтахт матбааи боиқтидоре ташкил карда шавад. Комитети инқилобии Тоҷикистон 11 апрели соли 1925 дар бораи ба Душанбе кўчонидани матбааи Самарқанд қарор қабул

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кард. Ва дар воқеъ ҳам. қисме аз лавозимоти «Овози тоҷик» ба Душанбе оварда шуд. Чуноне ки яке аз аввалин журналистони тоҷик Қ.Дайламӣ ёдоварӣ мекунад, дар ин айём бародарони ленинградӣ ба тоҷикон дасти ёрӣ дароз карданд. Нимаҳои соли 1925 аз он ҷо ба Душанбе машинаи чопии дастӣ ва ба миқдори хело зиёд ҳуруф омад.

11 августи соли 1925 кумитаи инқилобии Тоҷикистон барои кори матбуот боз 50 ҳазор сўм ҷудо кард. Ба ин пул рангу когаз, ҳуруфу мошини чопӣ харида, ба сохтмони бинои матбаа, ки бояд 15 ноябри соли 1925 ба истифода дода мешуд, шурўъ кардан лозим буд. Иҷрои корро ба зиммаи назорати маориф гузоштаанд.

Мохи ноябри соли 1925 бюрои Тоҷикистонии ҳизби коммунист ба Бюрои Осиёи Миёнагии КМ Ҳизби Коммунисти умумииттифоқ ВКП (б) мактубе фиристод, ки дар он вазъи матбуоту матбааи тоҷик, нашри адабиёт ба куллӣ ошкор карда мешавад. Дар мактуб роҷеъ ба ғайриқаноатбахш будани нашри адабиёт фикр баён шуда, аз ҷумла, таъкид мешавад, ки «Вазъи матбуот низ хароб аст. Рўзномаи «Овози тоҷик», ки дар Самарқанд мебарояд, ба Тоҷикистон номунтазам меояд. Бо бисёр сабабхо, махсусан дар натичаи дурии роҳ бюрои ташкилӣ ба вай дуруст назорат карда наметавонад. Дар шароити ҳозира, сабаби набудани ходимон, махсусан, матбаа, имконияти дар Душанбе нашр кардани ҷарида нест. Рўзномаи ҳафтагии «Бедории тоҷик», ки он ҳам номунтазам мебарояд, талаботи ташкилоти моро конеъ намекунонад. Дар шароити имрўза, мо аз ин беҳтар чаридаро ташкил карда наметавонем».

Бюрои ташкилӣ зарур медонад, ки барои нашри матбуоти даврагӣ чораҳои зерин андешида шаванд:

а) Барои дар Тоҷикистон ташкил намудани нашриёт ба ин ҷо матбааи мукаммале фиристодан лозим аст.

б) Барои он ки бюрои ҳизбӣ ба нашри адабиёту матбуоти тоҷикӣ таъсир расонда тавонад, аз фонди ҳизбӣ барои нашриёт 75 ҳазор сўм ҷудо кардан лозим аст.

Соли 1925 мувофиқи хоҳиши роҳбарияти чумҳурӣ аз Қазон ба Душанбе Исмоил Бектемиров, Кабир Келминдиев, Кашшоф Салоҳиддинов барин кормандони матбаа омаданд. Бектемиров директори матбааи тоҷик таъин шуд. Дар матбааи ҷаридаҳои «Бедории тоҷик», «Советский Таджикистан», «Овози тоҷик», «По босмачу»! нашрони миллатҳои гуногун -тоҷикон, русу украинхо, тоторҳо - М.Қурбонов, Тиллоев, Г.Алиев, Кенҷаев, Саидов, В.Алиев, Аҳмадов, Алимардонов, Казаков, Степанов, Егоров, Кузмин, Евдакимов, Захарченко ва дигарон паҳлў ба паҳлў истода меҳнат мекарданд.

Бехтар шудани шароити техникӣ барои ривоҷи минбаъдаи матбуоти тоҷик барои ташкил ва инкишофи матбуот дар Душанбе шароит фароҳам овард.

1. Аз «Иди тоҷик» то «Ҷумҳурият»

Тайёрӣ ба нашри шумораи аввали нахустин рўзномаи ҳукуматӣ бо забони тоҷикӣ дар Душанбе «Бедории тоҷик» ҳанўз ибтидои моҳи феврали соли 1925 сар шуда буд. Маҷлиси муштараки Бюрои ташкилии ҳизби коммунисти Узбекистон дар Тоҷикистон ва Комитети инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шўроии

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сотсиалистии Тоҷикистон қарор дод, ки 15 март дар Душанбе ташкилшавии ҷумҳурии Мухтори 'Тоҷикистон расман зълон ва таҷлил шавад. Мебоист, ҳамон рӯз рӯзномаи махсус интишор меёфт, ки ба оммаи меҳнаткаш моҳияти ин табаддулоти бузурги ичтимоиро фаҳмонад. Ба нашри ин рӯзнома як гурӯҳи ходимони хизбй. давлатй ва созмони ҷавонон мутасаддй шуданд. Дар байни онҳо Аббос Алиев, Алӣ Исмоилзода, Саидбогир Қосимов буданд.

Дар Душанбеи онрӯза пайдо кардани лавозимоти техникй кори чандон осоне набуд. Лозим шуд, ки ҳангоми тайёрӣ ҳарфҳои рӯзномаи «Овози Шарк»-ро истифода кунанд. Ин ҳарфҳои кӯҳна ва сӯдашударо ним сол мукаддам, бо ҳазор машаққат аз чопхонаи Бухоро ба воситаи корвони уштурҳо ба Душанбе оварда буданд. Дар тӯли бештар аз як ҳафта саҳифаҳоро бастанд. Аммо матбааи «Овози Шарк» ба кор намеомад. Дар машинаи чопии «Американка» нашри ин рӯзнома имконнопазир буд. Аз ин рӯ, ҳукумати Тоҷикистон ба идораи сиёсии корпуси XIII тирандоз мурочиат намуда, ёрӣ хост.

Ҳамин тавр, 15 марти соли 1925 шумораи аввалини **«Иди Тоҷик»** ба миқдори 1000 нусха интишор ёфт. Дар ин ном ҳиссиёти бузурге, ки сарзамини моро дар он рӯзи фирӯз фаро гирифта буд, ифода ёфтааст.

Баъдтар ба чопи мунтазами рӯзномаи тоҷикӣ дар Душанбе шурӯъ карданд. Азаввали моҳи апрел- 5 апрели соли 1925 зери таҳрири нозири маорифи Тоҷикистон Аббос Алиев рӯзномаи **«Бедории тоҷик»** баромад, ки он аслан шумораи навбатии «Иди тоҷик» буд.

Аз сабабе, ки шумораи аввал то ба имрӯз махфуз намондааст, рӯзи нашри онро ҳар хел маънидод мекунанд. Масалан, профессор М.Р.Шукуров менависад, ки«15 марти соли 1925 ба муносибати ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар Душанбе рӯзномаи тоҷикии «Иди тоҷик» аз чоп баромад». Ин ақидаро яке аз аввалин муҳаррирони рӯзномаи мазкур Қ.Дайламӣ, дотсент марҳум Ҷ.Усмонов, профессор М.С.Содиков низ дастгирй мекунанд.

Ақидаи дигаре ҳам мавҷуд аст, ки гӯё «Иди тоҷик» аз 18 марти соли 1925 мебаромада бошад. Ба андешаи мо ин ақида чандон ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро нашрияе, ки бо номи «Иди тоҷик» баромадааст, дар худи рӯзи ид баромадаш мувофиқи мақсад буд. Чунин ид барои тоҷикон 15 март ба шумор меравад. Зиёда аз он аввалҳои солҳои сӣ рӯзномаи «Точикистони сурх» муддате дар шиносномааш менавишт, ки «Рӯзнома 15 марти соли 1925 таъсис шудааст».

Ҳамзамон муддати чанд сол КМ Х,К (б) Тоҷикистон маҳз дар рӯзхои

15 моҳи март нашрияи марказии худро ба муносибати рӯзи нахустини чопаш табрик кардаанд. Масалан, панҷуми майи соли 1940 рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» навишта буд, ки «дар рӯзи кушода шудани якумин сессшш таъсисии Совети Олии РАСС Тоҷикистони навташкилёфтагй ба забони тоҷикй бо номи «Иди тоҷик» номери якуми газета баромад». Ҳамаи инхо далолат мекунанд, ки 15 марти соли 1925 санаи воқеии нашри «Иди тоҷик» мебошад.

Чи тавре, ки Қ.Дайламй ёд меорад. «Иди тоҷик» барои озодии сиёсй ва ичтимой мубориза бурдан, барои таракқии илму тамаддуни тоҷик ёрй расондан. хулоса халқи точики аз хоби гафлат бедор шударо ба сохтмони хаёти ичтимоӣ сафарбар намуданро вазифаи ҷонии худ медонист.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Характери мақолаҳои рузнома ва рӯҳияи онҳоро ташкилоти хизбӣ чунин муайян карда буд:

а) Дар ҷарида бояд мунтазам хамаи чорабиниҳои хоҷагӣ ва мадади хукумат ба халқ инъикос ёбад.

б) Рӯзнома бояд далерона бо босмачихо мубориза барад, бо забони оддии ба дехдон фаҳмо дар хусуси қатлу ғорат ва вайронкориҳои босмачихо хикоя кунад. ...

в) Дар рӯзнома бояд муваффақиятҳои иқтисодӣ ва хоҷагӣ. инчунин фаъолияти назоратҳо инъикос ёбад.

г) Дар ҳар шумора 80 фоизи мақолаҳо ба ҳаёти ҷумҳурӣ бахшида шаванд.

Ана ҳамин хел аввалин шумораи **«Ида тоҷик»** чоп шуд. Аз шумораи дуюмаш сар карда, (5 апрели соли 1925) бо унвони «Бедории тоҷик» мебарояд. «Бедории тоҷик» номида шуданаш ҳам бесабаб набуд. Ҳайати таҳририя ба ин васила гӯё вазифаи асосии худ, мақсади асосии худро изхор карданӣ буд: тамоми меҳнаткашони тоҷик бо ёрии ин рӯзнома аз дӯсту душмани худ огоҳ шуда, барои тараққии кишвари худ, барои осоиши рӯзгорашон ҷидду ҷадал менамоянд.

«Бедории тоҷик» мебоист соли аввал ақаллан ҳар ҳафта як шумора чоп мешуд. Аммо вай дар соли нахустини фаъолияташ ҳамагӣ 24 шумора баромаду халос. Агар шумораи аввалинаш 1000 нусха чоп шуда бошад, миқдори шумораи охирини соли 1925-аш ба ҳазор наздик буд. Аммо дар нимаҳои сол айёме ҳам буд, ки он камтар аз 1000 нусха мебаромад. Дар он вакт теъдоди нашри «Бедории тоҷик» 300 нусха буда, вай асосан ройгон паҳн карда мешуд. Сабаби ин дар бадии шароити техникӣ, набудани рангу когаз ва дигар ашёи чоп зоҳир мешуд. Ба ин маъно соли 1925 бюрои ташкилии ҲК Тоҷикистон ба бюрои Осиёи Миёнагии КМ ВКП. (б) маълум кард, ки «Ҷаридаи «Бедории тоҷик», ки ҳар ҳафтае як бор, он ҳам на ҳама вақт мебарояд. талаботи ташкилоти моро қонеъ гардонда наметавонад. Мо дар шароити мавҷуда нашри газетаи беҳтарро ба роҳ монда наметавонем».

Бюрои ташкилӣ ва кумитаи инқилобии Тоҷикистон ҳанӯз аз рӯзҳои аввалини пайдоиши «Бедории тоҷик» барои беҳбудии шароити техникии он кӯшиш карданд. Зеро дар давраи аввал рӯзнома як мошинаи чопии дастӣ ва ба миқдори хело кам ҳуруф дошту халос. Ҳамагӣ як нафар ношир Ғайфулло Нурмуҳаммедов дар матбааи он кор мекард.

Чуноне ки хотирнишон кардем, аввалин мухаррири «Бедории тоҷик» Аббос Алиев буд. Ин бесабаб не. Аббос Алиев ҳанӯз аз ибтидои соли 1920 дар кори матбуот иштирок мекард ва таҷрибаи муайяни публитсистӣ дошт. Вай яке аз аввалин муҳаррирони «Озод Бухоро» мебошад.

Сабаби дигари муҳаррири масъул таъин шудани Аббос Алиев он буд, ки «соли аввал редаксияи «Бедории тоҷик»-ро аз чихати кадру воситахои техникӣ комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон идора мекард. Зеро 95 фоизи ширкатгкунандагони нашри рӯзномаи мазкур коркунони масъули ин комиссариат буда, илова бар ин худи матбаа хам дар ихтиёри вай буд», -ёдоварӣ мекунад Қ.Дайламӣ.

Дар давраи аввал дар идораи «Бедории тоҷик» ба ғайр аз А. Алиев боз ду

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нафар кормандони штатӣ -Саидбоғир Қосимов ва Маҳдӣ Таҳмосов кор мекарданд. Вале дар нашри ҳар як шумораи он гурӯҳе аз коркунони масъули комиссариаги халқии маорифи Тоҷикистон ширкат меварзиданд, ки онхо аз устод Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Ҳасанӣ, Қамбарзода, Миртолиб Саидзода, Климчитский, А.Кузнетсов, Қ. Дайламӣ иборат буданд.

16 майи соли 1925 котиботи бюрои тоҷикии ҳизби коммунист оид ба «Бедории тоҷик» масъала муҳокима карда, мудири шӯъбаи матбуот Алӣ Исмоилзодаро муҳаррири он таъин кард. Пас аз 3 моҳ Аббос Алиев аз нав муҳаррир шуд.

Моҳи декабри соли 1926 Аббос Алиев ба вазифаи дигар гузашт ва то нимаи соли 1927 ба «Бедории тоҷик» ҳайати таҳририя иборат аз се нафар С.Қосимов, М.Таҳмосов ва Қ.Дайламӣ роҳбарӣ мекард. Чун А. Лоҳутӣ аз Тошканд ба Душанбе бозгашт. таҳрири рӯзномаро ба даст гирифт.

Ташкилоти ҳизбӣ ва ҳукумаги Тоҷикистон ба пешрафти кори рӯзнома диққати муҳим медоданд. Масалан, фақатсоли 1925 5 маротиба дар ҷамъомади бюрои ташкилӣ вазъи ҳолати техникии редаксия, алоқаи вай бо хонандагон ва мухбирони деҳқон мавриди гуфтугӯ қарор гирифт. Аввали соли 1926 бошад, зери роҳбарии А.Исмоилзода комиссияи махсус оид ба кори «Бедории тоҷик» ташкил ёфт. Дар ҷамъомадҳои ин комиссия вазъияти идораи рӯзнома муфассал таҳлил, барои беҳбудии он чораҳо андешида мешуданд.

Яке аз ҷамъомадҳои комиссия 9 марти соли 1926 баргузор гардид. Комисеия зарур донист, ки рӯзнома минбаъд ҳафтаеду маротиба бародд. Оид ба забону услубаш фикр баён карда, таъкид карданд, ки бояд «Бедории тоҷик» бо забони ба оммаи меҳнаткашон фаҳмо нашр шавад. Бо ин ният ба идораи рӯзнома зиёиёни маҳаллиро бештар ҷалб кардан лозим аст.

Аввали соли 1928 котиботи комитети вилоятии ҳизб оид ба «Бедории тоҷик» масъала муҳокима кард. Дар қарорҳои ташкило ги вилоятӣ аз 2 феврал ва 1 марти соли 1928 доир ба беҳтар кардани мундариҷа ва сифати рӯзнома, мураттибии нашри вай, сари вақт ба хонандагон расиданаш сухан меравад. Дар қарор ба ҳаракати мухбирони коргару деҳқон диққати махсус дода мешвад. Мувофиқи қарор барои ба кори матбуот ҷалб кардани коммунистони маҳаллӣ бюрои матбуот ташкил карда шуд. 14 апрел бошад. коллегияи тарғибу ташвикотии комитети вилоятии хизб маъракаи якмоҳаи обуна ба «Бедории точик» эълон карл. Ҳамаи ин мухокимаву чорабиниҳо самарае доданд. Сифату мундариҷаи рӯзнома рӯз аз рӯз беҳтар шудан гирифт. Чуноне ки конференсияи дуюми хизбии Тоҷикистон (3-4 феврали соли 1929) таъкид кард, теъдоди хонандагони рӯзнома ба 6 хазор расид.

Ҳамин тавр. 8 октябри соли 1928 ин рӯзнома бо номи **«Тоҷикисгони сурх»** чоп шуд. Сабаби тағйир ёфтани номи худро шарх дода «Тоҷикистони сурх» дар он шумора навишта буд: «Мувофиқи қарори дуюмин пленуми фирқаи коммунистии Тоҷикистон аз ҳамин шумора эътиборан рӯзномаи «Бедории тоҷик» ба рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» табдил мегардад. Ин ном дар мағзи худ аҳамияти синфию сиёсиро ташкил мекунад. Ҳоло миллати тоҷик чи тавре ки панҷ сол пеш аз ин буд, оғуши хоби ғафлат хоб накардааст... Мо дартахти роҳбарии

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фирқаи коммунистӣ зинда будани миллати тоҷикро исбот кардем».

Сипас, рӯзнома номи нави худро шарҳ дода менависад, ки агар калимаи «Тоҷикистон» соҳиби давлат шудани халқи тоҷикро нишон диҳад, пас калимаи «сурх» синфӣ ва инқилобӣ будани онро ифода мекунад.

Дар солҳои 1925-1929 рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» барои ташкил кардани аскари сурхи миллӣ, дар мубориза ба муқобили босмачиён, дар атрофи Армияи Сурх муттаҳид намудани меҳнаткашон, ташкил намудан ва мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шӯроӣ, ҷорӣ намудани мактабҳои нав, маҳв кардани бесаводӣ, ба халқ фаҳмонидани максади Ҳукумаги Шӯрой моҳияти сиёсаги миллии ҳизб мубориза мебарад. Дар саҳифаҳои он Нусратулло Махсум, Ҳоҷибоев, Имомов, Шотемур барин роҳбарони Тоҷикистон баромад карда, оммаро аз расидани ҳаё! и нав огоҳ, барои ҷорӣ шудани зиндагии осудаҳолона ба мубориза даъват мекарданд.

Масалан, раиси Кумитаи инқилобӣ Нусратулло Махсум бешгар аз 50 мақола чоп кардааст. Ӯ аз ҷумла дар мақолаи «Вазифаи муҳими имрӯзаи мо», ки 15 апрели соли 1926 чоп шудааст, таъкид мекунад, ки «Чи қадаре ки ҳукумати мустабдиди амир бино ба сиёсати сармоядорони хоин ахволи иқтисодии деҳқонопро хароб карда, сабаби вайронии мамлакат шуда буд, босмачиҳо аз он зиёдтар сабаби гадоии халқи мо шуданд. Фарзандони деҳқонони бисёре кушта шуда, бисёр хонаи халқ сӯхт, дехқонони мамлакати мо аз тарси босмачиҳо натавонистанд ва дар баъзе ҷойхо ҳанӯз наметавонанд ба осудагӣ киштукор кунанд».

Чуноне ки худи рӯзнома 23 ноябри соли 1926 навишта буд, шӯъбаи ташвиқот ва тарғиботи бюрои ташкилии фиркаи иштирокиюни Тоҷикистон боз масъалаи марбут ба ин нашрияро муҳокима карда таъкид намуд, ки «Барои қувват додан ба корҳои рӯзномаи мазкур лозим дониста шудааст. ки ба ташкилотн мухбирон аҳамият дода ва онҳо дар атрофи рӯзнома ҷамъоварӣ намуда шавад. Ҳамчунин аз роҳи фиркавӣ коргарони масъули идораҳо, мачбур намуда бишавад, ки ду ҳафта дар миён аз корхо ва фаъолияти идораи худ ба рӯзнома мавод дарҷ созад».

Самараи ин ғамхорихо буд, ки тиражи рӯзнома рӯз то рӯз меафзуд. Масалан. агар дар аввал соли 1925 вай 2500 нусха барояд, моҳи апрел 5000 нусха нашр шудааст. Дар конференсияи дуюми вилоятии хизб (3-4 феврали соли 1929) котиби кумитаи ҳизбӣ Ширвонӣ оид ба миқдори нашри «Тоҷикистони сурх» сухан ронда, гуфта буд: «Миқдори рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» аз 2 ҳазор то 6 ҳазор тараққӣ кардааст. Барои 10 ҳазор шудани миқдори чопи он саъй мешавад».

Дар худи ҳамин конференсия таъкид шуд, ки миқдори мухбирони коргарӣ ва дехқонии «Бедории тоҷик» ба 500 кас расидааст. Соли 1925 бо ташаббуси ҳукумат ва комиссариати халқии маориф дар назди техникуми муаллимии Душанбе барои 45-50 фарзандони калонсоли меҳнаткашони деҳот курси 9 моҳаи нест кардани бесаводӣ ва омӯзиши корҳои техникии матбаа ташкил карца шуд.

Дар мактабҳо гурӯҳҳои мухбирӣ ташкил мешуданд. Вазорати маориф мухбириро яке аз тарафи муҳими фаъолияти муаллим эълон намуд. Ин буд, ки дар он давра К.Ҳусейнзода, Ҳ.Олимӣ, А.Қосимов, М.Ризо, Мӯъминов, Холбобоев барин муаллимон дар айни ҳол мухбирони фаьол низ ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо дар мақолаҳои худ ҳаёти пурошӯби деҳоти тоҷикро тасвир менамуданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои мустаҳкамшавии сафи мухбирон, бехатарии ҳаёти онҳо чораҳо андешида мешуданд. Дар ин бобат мактуби кумитаи иҷроияи марказии Тоҷикистон ба ҳамаи кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявӣ, назоратхои халқӣ ва ташкилотҳои иҷтимоии Тоҷикистон: «Мухбиронро эҳтиёт кунед, аз хуҷум муҳофизат намоед», ки «Тоҷикистони сурх» 25 феврали соли 1929 бо имзои Нусратулло Махсум чоп кардааст, марҳилаи муҳиме гардид. Дар ин мактуб гуфта мешавад, ки «Ҳоло ҳозир ҳаракати мухбирони коргарӣ ва кишлоқ- қувваи аҳамиятноки маданӣ ва сиёсии Иттифоқи шӯроҳо мебошад. Ахборнависони коргарӣ муваффақиятҳои моро нишон дода, дар баробари он дар саҳифаҳои матбуот ҳамаи камбудихои моро кушода медиханд, ҳамаи ғаллаткориҳоро, ки сохтмони ичтимоиятро вайрон мекунанд, маълум менамоянд».

Ҳамчунон даъват мешавад, ки: «Ҳамаи ҷамоаи шӯроҳо. ҳамаи дастгоҳхои шӯроӣ бояд ба муҳофизати мухбири коргару деҳқон истодагӣ бошад».

Рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба тамоми кори хоҷагӣ, сиёсӣ ва маданӣ баробар диққат дода, ҳамин тавр вазифаи матбуоти гуногунтипро ичро менамуд. Вай гарчи «нашрияи сиёсӣ ва иҷтимоӣ»-и комитети вилоятии ПК (б) Тоҷикистон ва Ҳукумати Тоҷикистон буд, лекин дар саҳифахояш хабару мақолаҳое чоп мешуданд, ки тамоми гурӯҳ ва дараҷаи хонандагонро қонеъ менамуданд. Зеро дар Тоҷикистон нашрияи дигаре барои ҷавонон, деҳқонон, занон... вуҷуд надошт.Аз ҳамин ҷо буд, ки аз 16 июни со ли 1926 «Бедории тоҷик» бо нияти ҳар чӣ бештар мадад расондан ба пешрафти фаъолияти ячейкаҳои комсомолӣ ва ба ҷабҳаи муборизаи зидди босмгчиён пурқувваттар сафарбар намудани онҳо «Саҳифаҳои ҷавонони ленинииТоҷикистон»-ро ташкил медиҳад. Ин саҳифа, ки ҳафтае як бор мунтазам чоп мешуд, барои пешрафти кори ҷавонон ёрии калоне мерасонд. Дар он қарору ҳуҷҷат ва нишондодҳо оид ба комсомол, дастуру нақшаҳои созмони ҷавонони тоҷик чоп мешуд. Чизи хеле пурқиммати ин саҳифа хабару мақолаҳои худи ҷавонон буд, ки дар онҳо аз кору бор ва ҳаёташон ҳикоя менамуданд.

Дар соли 1927 дар рӯзномаи «Бедории тоҷик», «Гӯшаи занон» ташкил дода шуд, мубориза барои озодии занон, ҳимояи ҳуқуқи занон дар ҷамъият, ба хондан ва корхои ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо -чунин буданд мавзӯъҳои асосии хабару мақолаҳое, ки зери ин рубрика дарҷ мегардиданд. Бештарини мақолаҳои ин гӯша ба муқобили шахсоне равона карда мешуд, ки онҳо духгарони худро ба ивази қалин мефурӯхтанд. Онҳое мазаммат карда мешуданд, ки ду-се зан доштанд. Рӯзнома ба муқобили онҳо занону духтаронеро мисол меовард, ки мардона барои бахту саодати худ ва халқи худ мубориза мебурданд.

«Тоҷикистони сурх» соли 1929 бо номи «Ҷаҳоннамо» иловаи мусаввареро таъсис дод,ки мебоист хар мох дар шакли маҷалла чоп мешуд., аммо вай ҳамагӣ як шумора баромадаасту халос. Тамоми матолиби ин шумораро коркунони худи рӯнома тайёр карда буданд. Дар он ба василаи расм ва матни шархӣ дар бораи вокеахои мухими сиёсӣ сухан меравад ва дар ин мавзуъ коррикатура низ дорад.

Ҷарида ба душвории техникии худ нигох накарда, дар ин давра як силсила варақаю хитобномаҳое чоп кард, ки дар онҳо меҳнаткашон ба дастгирии Ҳукумати Шӯрой даъват карда мешуданд. Дар байни онҳо варақаҳои «Рӯзи марги босмачиҳо расидааст», «Мурочиатномаи Кумитаи иҷроияи Марказии Тоҷикистон

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ба ҳамаи мехнаткашони Тоҷикистон», «Даъватномаи Кумитаи марказии интихоботӣ ба деҳқонон ва ҳамаи ингихобкунандагон» ва гайраҳо ҳастанд.

Моҳи октябри соли 1929 бошад, идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» хитобаи котиби масъули КМ фирқаи Тоҷикистон, раиси муваққатии КИМ ҷумҳурияти шӯроии Тоҷикистон ва муҳаррири масъули «Тоҷикистони сурх», «Ба меҳнаткашони Тоҷикистон»-ро ба тиражи 500 нусха. бо шакли алохида чоп кард. Мазмуни даъватнома иборат аз ин аст: Ададди «Точикистони сурх» бояд ба. 10 ҳазор нусха расонда шавад.

«Агар касе мехоҳад, ки аз дасти ағриб, нодонӣ ва сангиниҳои зиндагонии пурмашаққати ёдгормондаи асрҳои гузашта халос ёбад, рӯзнома бихонад», -гуфта мешавад дар хитобнома.

17 октябрисоли 1929 Ҷумҳурии Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкил ва халқи тоҷик соҳиби давлати мустақили худ гардид. Аз 1-уми ноябри соли 1929 рӯзиомаи «Тоҷикистони сурх» ҳамчун органи КМ ҲК (б) Тоҷикисгон ба адои вазифаи бузург иҷрои нақшаи аввалин панҷсолаи пешрафти хоҷагии халқ камар баст.

«Тоҷикистони сурх» дар ин давра худро на фақат чун ҷорикунандаи сиёсати ҳизб ва ҳукумат нишон дод, балки вай инчунин яроқи бурро барои тозакунии сафҳои худ буд. Ҳамин ҷиҳати фаъолияти рӯзномаро зикр карда, 10 январи соли 1931 «Правда» навишта буд:

«Рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» барои роҳи ҳизб хеле хуб мубориза мебарад. Дар ин бобат на танҳо ба «Қизил Тоҷикистон», балки ба дигар матбуоти миллии Осиёи Миёна низ намунаи ибрат шуда метавонад».

Бояд гуфт, ки дар солҳои душвортарини таърихи матбуоти тоҷик дар Душанбе, таҳрири «Бедории гоҷик»-ро Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Ачӣ Исмоилзода, Саидбоғир Қосимов, Маҳдӣ 1 аҳмосов, Қу'лӣ Обдинов, Сайфулло Абдуллоев, Нисорхмуҳаммад, Дяков, Муҳаммад Мӯсавӣ ба дӯш доштанд.

Баъди он ки Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 тасдиқ шуд, рӯзномаи мазкур макоми нашрияи марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, Президиуми Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистонро гирифтааст ва дар ин зимн аввалин муҳаррири он Қосим Дайламӣ буд. Дар солҳои сиюм, дар рӯзномаи мазкур роҳбарӣ ба дӯши Дяков, Абдуллов, Ғуломризо Ализода низ будааст.

«Тоҷикистони сурх»-и солҳои сиюм илҳомбахши пешравиҳо дар соҳаи истеҳсолот, кабл аз хама дар азхудкунии водии Вахш. сохтмони Канали Калони Фарғона ва Фарғонаи Шимолӣ, эъмори роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғ, бунёди канали калони Ҳисор будааст. Дар ин солхо «Тоҷикистони сурх» ба маҳви бесаводӣ аҳамияти хоса медод. Зеро тақрибан то охири солҳои сиюм ҳанӯз аксарияти аҳолии Тоҷикистон камсавод буд.

Ба мақсаде, ки мардумро ба зиндагии нав ворид созад, «Точикистони сурх» дар байни шоирон ва нависандагон, дар байни муаллимон мусобиқа ташкил медод, ки ҳадафи ин мусобиқаҳо саводнок кардани мардум буд. Дар ин замон тиражи рӯзнома то 10 ҳазор нусха расид. Яъне аз солхои бистум 10-15 баробар зиёдтар хонанда дошт. Ҳаракати мухбирони коргару деҳқонро ба вуҷуд овард. Номҳои зиёде аз журналистон ва хабарнигорони он вақт, аз ҷумла Мирзо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ҳаким Карим. Ҷалол Икроми, Алй Хуш, Мирзо Ризо, Набй Фахрӣ, Маҳмуд Васфӣ гувоҳй ба он медиҳанд, ки рӯзнома алоқаи қавие бо хонандагонаш пайдо мекард. Мухбирони вақт мубаллиғонаш буданд. Ба ин маъно, ки онхо рӯзномаро дар чойхонаҳо мехонданд, зеро рӯзномахон камтар пайдо мешуд.

Ҳамон вақт «Тоҷикистони сурх» ба истилох редаксияҳои сайёр гашкил мекард, ки онҳо дар объектҳои зарбдор фидокорона кор мекарданд. Дар ин бобат фаъолияти Ҷалол Икромй ва Ҳаким Каримро дар сохтмони Канали Калони Фаргона зикр кардан лозим аст. Онхо аз ин иншооти зарбдор мақола ва очерку репортажҳо менавиштанд. Ҳамон замон устод Айнӣ ба сифати ташаббускор, дар «Тоҷикистони сурх» силсилаи очеркҳо аз ҳаёти деҳқонон чоп кард. «Тоҷикистони сурх»-и солҳои сиюм оинаи Тоҷикистон ба дунё ё қадамҷои шахсиятҳои шинохтаи вақти дунё шудани Тоҷикистонро далолат медиҳад.

Эгон Киш, Юлиус Фучик, Павел Лукнитский ва бисёр дигарон дар ин рӯзнома эҳсосу бардоштхои наҷиби худро аз ҳаёти тоҷикон кисса кардаанд. Саҳифаи «Саноеъи нафиса»-и ин рӯзнома минбари адабиёти нави тоҷик ғардид.

Солҳои чилум дар «Тоҷикистони сурх» душвории кадрӣ ҳам пеш омад. Саршавии ҷанг, ба фронт рафтани аксарияти онҳое, ки хату савод ва таҷриба доштанд, душвории моддй ва гехникӣ, сабаби тағйиротҳои ҷиддй дар рӯзнома шуд. Новобаста ба ин хайати эҷодӣ, ки ба он аввал публитсисти номй Набиҷон Почоҷонов, сипас нависандаи маҳбуб Самад Ғанӣ роҳбарӣ мекард, кори матбуотро ҷолиб ба роҳ монд. Дар «Тоҷикистони сурх»-и замони ҷанг устод Садриддин Айнӣ бо памфлетҳову очеркҳои бисёр муассир, ки дар онҳо симои нафратангези фашизм ифода меёфт ва дар онҳо дар муқобили хунхорҳои фашистӣ қахрамонии таърихии мардуми тоҷик, ситоиш мешуд, баромад кардааст. Ин навиштаҳои устод барои насли имрӯзаи журналистони тоҷик мактаби таълим ва тарбия буда метавонанд. На танҳо ибрати ватанпарварӣ, на танҳо ибрати ватандӯстй. балки ибрати эъҷодгарӣ, ибрати шинохтани мавзӯъ ва замон, ибрати тарзи гуфтан ва фаҳмондан дар онҳо возеҳ ба чашм мерасад.

Ҳамзамон ба устод Айнӣ дар «Тоҷикистони сурх»-и замони ҷанг навиштаҳои устод Абулқосим Лоҳутй, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Шарифҷон Ҳусейнзода ва бисёр дигарон ба назар мерасад, ки ҳар кадом маънои хоси ватанпарастиро дорад. Аз ҷумла устод Турсунзода муаллифи мактуби манзуми мардуми Тоҷикистон ба ҳамдиёрони дарфронт будаашон мебошад. Дарсолхои ҷанг Котиби КМ ҲК Тоҷикистон Бобоҷон Еафуров ташаббускори ба миён омадани як силсила очерку мақолаҳои таърихию ватанпарастӣ гардид. Дар ин солҳо рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» нерӯи занхоро ҳамчун такягоҳи боэътимоди фронҷ ситоиш мекард. Шиори «Мард дар ҳимояи Ватан аст, рули трактор ба дасти зан аст» далеле ба он аст. Гарчи дар замони ҷаш тиражи «Тоҷикистони сурх» нисбатан кам шуд, гарчи нашри ҳафтаинаш низ маҳдуДтар гардид, гарчи гоҳе когаз наёфта дар картон чоп мешуд, аммо ба фронт ҳам мерасид. Барои ҷанговарони тоҷик хабар аз падару модар, хоҳару додар, зану фарзанд, хабар аз Ватан буд.

«Тоҷикистони сурх» ва ходимонаш дар ҳифзи Ватан мисли Саидқул Тӯрдиев,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тӯйчӣ Эрйигитов, Чӯтак Уразов, Исмоил Ҳамзаалиев, Неъмат Қарабоев, Ойгул Муҳаммадҷонова ва ҳазорҳо дигар тоҷикону тоҷикистониҳо каҳрамонӣ кардааст.

Аз таърихи солҳои панҷоҳум он чизро таъкид бояд кард, ки аз 1 январи соли 1955 рӯзнома номи **«Тоҷикистони советӣ»** гирифт ва нашри мунтазами он ба вуҷуд омад. Вай хафтае шаш бор мебаромад. Соли 1959 шумораи 10 ҳазорумаш чоп шуд ва рӯзнома сазовори ордени «Байраҡи сурхи меҳнат» гардид. Дар ин солҳо таҳрири рӯзнома ба зиммаи Н.Почоҷонов, С.Ғуломов, Исоев ва А.Шукӯҳӣ будааст. «Тоҷикистони советӣ» хамқадами давр, ҳамқадами замон гардидааст. Баъдан, дар солҳои 60 ва баъд дар рӯзнома чунин шахсиятҳои намоёни фарҳанги тоҷик Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Ҳалимов, Шодӣ Саидов, Г оиб Қаландаров, Ибод Фа йзуллоев, Нурмаҳмад Табаров роҳбарӣ кардаанд. Ин давраи гулгулшукуфии рӯзномаи мазкур ба ҳисоб меравад. Дар аввали солҳои 80-ум тиражи рӯзнома аз 200 ҳазор нусха гузашт.

Гар дар замони Шукӯҳӣ рӯзнома зиёдтар ба адабиёт таваҷҷӯҳ дошта бошад, дар замони Шодӣ Саидов «Тоҷикистони советӣ» ба жанрҳои очерк ва лавҳа ба қаҳрамонии мардуми мехнат зиёд таваҷҷӯҳ кард ва дар ҳамин замон рубрикаҳое пайдо шудаанд, ки барои Тоҷикистони замоне, ки истеҳсолоташ рӯ ба тараққӣ буд, хеле заруранд, яъне замони эстафетаи коргарии Норак, замони бунёди комплекси истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ, ки заводи алюминии Регар, заводи нуриҳои азотии Вахш, заводи электрохимиявии Евон, заводи трансформатори Қӯргонтеппа ва амсоли инро дар бар мегирифт, будааст. Маҳз дар хамин замон ва баъдан дар даврае, ки Ғо.иб Қаландаров роҳбарии рӯзномаро ба дӯш дошт, редаксияи сайёр дар заводи алюминий таъсис ёфт, ки дар он ҷо ба забони тоҷикӣ ва русӣ замимаи ин рӯзнома чоп мешуд ва раҳматӣ Насрулло Асадуллоев масъулияти онро ба дӯш дошт. Дар замони роҳбарии Шукӯҳӣ ва Ҳалимов бедории худшиносии миллӣ ба вуҷуд меомад, дар замони Ш.Саидов ва Ғ.Қаландаров дастрасии сиёсии редаксия бештар буд, дар давраи Н.Табаров интиллекти журналистон - кормандони идора баланд рафт.

Солҳои бохозӣ барои Тоҷикистони шӯравӣ давраисанҷиши ҷиддӣ буд.

Дар ин вақт ҳайати эҷодии «Тоҷикистони советӣ» барои инкишофи бештари забони тоҷикӣ дар ҳамин рӯзнома ва аз мақолаи Зафар Нозимов ибтидо мешрад бештар кӯшиш ба харҷ медод. «Тоҷикистони советӣ» барои қабули Қонуни забон, барои таъмиш-! мақоми давлатии забон низ зиёд кор кардааст. Дар ин солҳо майли демократияхоҳии зҷодкорони ин рӯзнома афзуд.

Бояд гуфт, ки дар давраи дарёфти хақиқат, дар «Тоҷикистони советӣ» равияҳои гуногун ба амал омаданд ва ин махсусан дар масири солҳои 80 ва 90 буд, ки он вақт роҳбарии рӯзномаро марҳум Мазхабшо Муҳаббатшоев ба дӯш дошг.

Вай аз журналистони макетсозӣ бисёр барӯманд буд. У бештар ба кори сахифабандй машғул буд, ба котиботи редаксия роҳбарӣ ҳам кардааст. Ва ӯ инчунин муаллифи мақолаҳои зиёди публитсистӣ, махсусан дар мавзӯъҳои фарханг, забон ва мақолаҳои масъалаҳои озодии баён мебошад. Мавқеи ин рӯзнома дар солҳои 1990-1992 тагйиротхо дошт.

Солҳои 1990 рӯзнома номи **«Тоҷикисгони** шӯравӣ»-ро гирифт ва солҳои 1990-1991 вай барои ҷудо шудан аз ноширонаш талош кард ва аз 9 сентябри соли

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1991 то ба имрўз бо номи **«Ҷумҳурият»** чоп мешавад.

2. Матбуоти нимаи дуюми солхои бистум

«Қизил Тоҷикистон». Ташкилшавии нашрияи ўзбекии «Қизил Тоҷикистон» низ ба фаъолияти «Бедории тоҷик» зич вобаста аст. Ӯзбекони Тоҷикистони бориаввал 1-ХП соли 1926 бо забони модариашон аз воқеоти рўз хабардор шуданд. Ин саҳифаи ўзбекии «Тоҷикистони сурх» буд, ки ба муносибати анҷумани якуми Шўроҳои ҶМШС Тоҷикистон баромад. Дар ин саҳифа ҳуҷҷатҳои анҷумани якуми Шўроҳо, хабархо аз ҳаёти Тоҷикистон чоп шуда буданд. Боз ду саҳифаи ўзбекии «Бедории тоҷик» 6- XII -1926 ва 21-1-1927 интишор ёфтааст.

Аввали октябрисоли 1928 бошад, ҳукумат қарор медиҳад, ки ҳамчун иловаи «Тоҷикистони сурх» ҷаридаи «Қизил Тоҷикистон» дар ними хаҷми онташкил карда шавад. Инак, аз 8-Х соли 1928 дар баробари ба ҷои «Бедории тоҷик» ташкил шудани «Тоҷикистони сурх» иловаи ўзбекии он «Қизил Тоҷикистон» низ ба вуҷуд меояд. Дар аввал номунтазам, баъдтар ҳар ҳафта як бор ин ҷарида чоп мешавад. Муҳаррири «Тоҷикистони сурх» дар як вақт муҳаррири «Қизил Тоҷикистон» ҳам ҳисоб меёфт. То ташкилшавии ҶШС Тоҷикистон ин рўзнома 18 шумора чоп шуд ва баъд ҳамчун органи ўзбекии КМ ҲК (б) Тоҷикистон ва КИМ-и ҷумҳурӣ мустақилона мебарояд. Ҳоло рўзнома таҳти унвони «Халк овози» чоп мешавад.

«Советский Таджикистан». Дар Тоҷикистон даст ба дасти халқи маҳаллӣ дода, намояндагони миллатхои дигар низ меҳнат мекарданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ аҳамияти матбуоти русиро барои ба онҳо фаҳмондани сиёсати худ ба ҳисоб гирифта, соли 1925 нашри ҷаридаи русиро зарур донист. Ин масъаларо бюрои ташкилӣ 18 октябри соли

1925 мухокима кард. Ҷамъомад теъдоди ҷаридаи ояндаи давлатӣ ва масрафи маблағи онро муайян намуд. Қарор дода шуд, ки шумораи аввалинаш ба истиқболи иди Октябр аз чоп барояд.

27 октябр ин масъаларо раёсати кумитаи инқилобии Тоҷикистон ҳам муҳокима карда қарор дод, ки:

а) нашри рўзномаи хафтаинаи давлатӣ зарур дониста шавад.

б) нашри он дар рўзи ҷашни Октябр сар шавад.

в) маблағи аввалинаш 11 ҳазор сўм.

г) муҳаррири масъули он Ромов гаъин карда шавад.

е) адади тахминии ҷарида 750-1000 нусха.

Ҳамин тавр, зери таҳрири Абрам Борисович Ромов моҳи ноябри соли 1925 ҷаридаи «Советский Таджикистан» аз чоп баромад. Ходимони он давраи ҷарида Г.А.Термитский, Ю.Летавин ва дигарон буданд. «Советский Таджикисган» рўзномаи хурдҳаҷм буд ва ороиши диққатҷалбкунандае дошт.

Албатта, дар давраи аввал чун[1] «Бедории тоҷик» «Советский Таджикистан» ҳам аз лавозимоти техникӣ ва қувваи эҷодӣ ганқисӣ мекашид. Ин буд, ки 5 июли соли 1926 когиботи бюрои ташкилоти ҳизб оид ба мустаҳкам кардани қувваи зҷодии рўзнома ва бо матолиби таъмин намудани он карори махсус қабул кард: Аммо дар шароити Точикистони онрўза нашри мунтазамро таъмин кардан имконнопазир буд. Инро дар мисолҳо дидан мумкин аст. Масалан, дар зарфи се моҳи аввал ҳамагӣ 5 шумораи рўзнома баромаду халос. Дар давраи минбаъда ҳам

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нашри «Советский Таджикистан» бехтар нашуд. Ин буд, ки 3 октбяри соли 1927 комитети вилоятии ҳизб қарор дод, ки пас аз ҷашни Октябр нашри ҷарида қатъ карда шавад.

Барои барқарор намудани нашри он фақат пас аз ташкилёбии ҷумҳурии Иттифоқии Тоҷикистон шароит фароҳам омад. Ташкилоти вилоятии ҳизб 8 октябри соли 1929 дар бораи нашри «Советский Таджикистан» қарор қабул кард. Ҳамин гавр. якуми ноябрисоли 1929 ҷарида кори худро идома дод. Муҳаррири нави он А.М.Глуховский таъин шуда буд.

Муваффақияти чаридаро ба он ҳам дидан мумкин аст, ки дар ду моҳи аввал миқдори он ба 1000 нусха расида, миқдори мухбирони фаъолаш ду баробар афзуд. Хабару макола, очерку ҳикояҳояш ғанӣ ва пурмазмунтар гардиданд. Дар ин хусус, 13 сентябри соли 1930 А.М.Горкий аз Сорренто навишта буд:

«Ба кормандони шучоъ, пешоҳангони инқилоби мадании Точикистон саломи самимии бародарона!

Ман ду шумораи рӯзномаи «Коммунист Таджикистана»-ро гирифтам ва ин албатта хеле кам аст, то дар хусуси он катъӣ сухан ронам. Аммо ба ҳар ҳол гуфтан мехоҳам: рӯзнома шавқовар аст ва хуб аст, ки дар он дабдабагӯй ва умумигӯиҳои барзиёд, ки касалии аксари матбуоти махаллии рус аст, мушохида намешавад.

Дӯстон, аз кишвари дуру чашмнодид гирифтани органи пурмаънии сотсиалистӣ бароям хурсандй ва шарафи калонест».

Рӯзномаи «Советский Таджикистан» соли 1930 номи **«Коммунист Гаджикистана»-ро** гирифт. Дар замони ҷанги бузурги Ватанӣ солҳои барқароркунии хочагии халк ва баъд «КоммунистТаджикистана» ҳамон корҳоеро иҷро мекард, ки перомуни «Тоҷикистони шӯравӣ» зикр шуд. Дарвақте, ки ба рӯзнома Б.Пшеничный, Г.Каратигина муҳаррир буданд, эътибори он афзуд. «Эстафетаи коргарӣ» дар Норак, редаксияи сайёр дар Турсунзода нуфузи онро афзуд. Сиёсати ҳизб чунон шуд, ки дар солҳои 76-80 эътибори ин аз рӯзномаи марказии тоҷикӣ зиёдтар шуд, гарчи тиражи ҳаррӯзааш то 120 ҳазор нусха расиду халос. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони таҳти унвони «Народная газета» нашр мегардад.

«Мулло Мушфикӣ». Рӯзномаи «Овози тоҷик» на фақат барои чорӣ ва пойдор намудани пояи Ҳокимияти Шӯрой дар гӯшаҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна мубориза мебурд, балки вай маркази умумии матбуоти тоҷик, заминаи тарбияи мухбирони тоҷик низ гардида буд. Сабаби асосии маркази журналистика гардидани «Овози тоҷик» дар он аст, ки вай дар Самарқанд чоп мешуд. Дар Самарқанди он вақта беҳтарин зиёиёни эҷодкори точик гирд омада буданд, илова бар он дар ин чо базаи нисбатан хуби полиграфӣ вуҷуд дошт. Аз ин рӯ, аз соли 1928 то ташкилшавии Ҷумҳурии Ҷ Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон, яъне то тирамоҳи соли 1929 бо ташаббуси ин рӯзнома ду маҷалла ва ду ҷарида иловагӣ интишор гардид.

Аввалин иловаи «Овози тоҷик» «Ширинкср» ном маҷалла буд, ки моҳи апрели соли 1926 интишор ёфтааст. Вай вазифаи худро аз мубориза ба мукобили боқимондаҳои бой-феодалӣ, ҷорӣ намудани маданияти нави саотсиалистӣ иборат медонист. Аз шумораи 2-юм вай номи «Мулло Мушфиқӣ» ва аз шумораи 21-ум

(июни 1929) номи «Мушфиқӣ»-ро гирифт. Маҷалла зерсарлавҳаи «Маҷаллаи ҳачвӣ, адабӣ ва иҷтимоиест, ки дар Самарқанд моҳе як бор мебарояд. Иловаи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дошт. Ҳар як шумораи он бо фелетону мақолаҳои танқидӣ, шеъру ҳикояҳои хаҷвӣ ва расмҳо ороиш меёфт. Дар мураттаб сохтани он аксарияти кормандони «Овози тоҷик», махсусан фелетоннависҳо Қурбон Бахлулзода ва Суҳайлӣ

Ҷавхаризода, Набӣ Фахрӣ, Одилзода иштирок мекарданд. Онро Баҳриддин Азизӣ таҳрир менамуд. Қариб ҳамаи эҷодиёти муаллифон бо имзоҳои мустаор аз қабили Ғунда, Тарсончак, Ханчар, Дамдуз, Шаккок ва гайраҳо чоп мешуд. Маҷалла аз ҳаҷви классикии тоҷик бо устогии том истифода бурда, онҳоро бо маъно ва мазмуни нав кор мефармуд. Худро дар паноҳи Мулло Мушфиқӣ гирифта, ба мухолифони хаёти нав теғи заҳрханда мезад. Доманаи мавзуоти хаҷву истеҳзои маҷалла хеле фаррох аст. Масалан, дар шумораи шашум (1927) 6 хабару мақолаи зиддидинӣ, ки сетояш ба муқобили фаранҷӣ аст ва чор фелетон чоп кардааст. Бо номи «Ширинкор» ҳамагӣ як шумора нашр шуду халос. Сабаби асосии баста шуданаш «пеш аз ҳама нарасидани ходимони доимӣ» буд. Ин маҷалла муборизаро ба мукобили бокимондаҳои боию феодалӣ, танқиди дину ҳомиёнп он, муборизаро барои озодӣ ва соҳибихтиёрии занон мақсади худ карор дода, дар ин боб шеъру мақолаҳои хубе чоп кардааст. Аммо ин нашрия аз хатоиҳо ҳам холӣ набуд. Ба сабаби он, ки дар ороиш ва мураттаби он як кас иштирок мекард, мақолаҳояш якранг ва тарзи баёнаш якхела буд. Илова бар он, дар баъзе мақолаҳо, аз чумла, дар «Орзуҳоям» дар натиҷаи камтаҷрибагӣ муаллиф ба носуфтагии фикр роҳ додааст. Дар истеъмоли «Ширинкор» калимаҳои арабии кӯҳнашуда, иборахои мадрасагӣ хеле зиёд буданд, ки фаҳмидани онҳо ба хонандагон хеле мушкил буд. Шумораи аввалини «Мулло Мушфиқӣ» 27 сентябри соли

1926 дар ҳаҷми ҳашт саҳифаи мусаввар баромад. Дар саҳифаи аввал расми Мушфиқӣ акс шуда буд. Дар ин расм маъно ва максади маҷалла: ба забони Мушфиқӣ ҳаҷву мазоқ кардани душманон ва бадкорҳо ифода меёфт. Аз шумораи 21 июни соли 1929 маҷалла бо номи «Мушфиқӣ» чоп мешавад. Дар давраи аввали фаъолпяташ душвориҳои зиёде дошт. Ҳамоно қувваи эҷодӣ камӣ мекард. Мақолаҳо аз шаҳру деҳ кам мерасиданд. Ин буд, ки бештари мавзӯъҳои вай майда-чуйда буда, ба шахсони алоҳидаи бадахлоқ, савдогарон ва монанди онхо дахл мекарду халос. Мавзӯъҳои нисбатан муҳим ва зарурӣ, монанди мубориза ба муқобили вайронкорон. фиребу найранг. асосан аз охирҳои соли 1927, аз шумораҳои 9-10 сар карда, бештар акс меёфтагӣ шуданд. Дар ин давра сифати мақолаҳо ва ороиши мачалла низ ба дараҷае беҳтар шуд. Мақолаҳо кӯтоҳ-кӯтох ва тарзи баёнашон ба фахми аксарият наздиктар гардид. Ин албатта сабаби афзудани обрӯ ва ҳамзамон ба он зиёд шудани миқдори «Мулло Мушфиқӣ» ҳам гардид.

Маҷаллаи «Мулло Мушфиқӣ» дар замоне ба майдони фаъолият омад ва кор бурд, ки дар он вақт дар Осиёи Миёна ханӯз таъсири рӯҳияи миллатчигӣ, горатгарӣ, хурофогпарастӣ ва ғайра хеле қувватнок буд. Душманоҷи Ҳокимияти Шӯрой, ба акидаи маҷалла. умедворӣ мекашиданд, ки «Ҳукумати шӯрой ба хонаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

торганак мемонад, ки ба вазидани як боди сахт махтал аст ва бо вазидани чунин бод титу пит хохад шуд ва ин бод ҳам дер ё зуд хохад вазид». Онҳо нигарони вазидани бод нашуда, то метавонистанд, барои он замина тайёр мекарданд. Муборизаро алайҳи онхо, ба мукобили ҳар навъи бадиву бадкирдорӣ вазифаи худ дониста, «Мушфиқӣ» аз ҷумла, дар шумораи чоруми соли 1927 менависад:

Ин аст панди Мушфиқӣ, Бишнав агар ту Мушфикӣ:
Эй шоири ҳаҷвнавис.
Акнун ту чархи зан марес!
Ханҷар-қалам дар даст гир,
Чун марди майдон шав далер.
Як-як ба ҳар ҷо сайд кун,
Чизе, ки ёбӣ, қайд кун.
Ёбӣ агар устулпараст,
Бо ту бигӯем номи ӯ,
Бешак бидон он нархар аст.
Охир кунад ӯ ҷустуҷӯ,
Бояд давояш хоначӯб,
Ҳаҷвнавис, ӯро бнкӯб.
Ҳар ҷо, ки бинӣ ту чатоқ,
Бинвис дар ҷурноли мо.
Зан бар сари ӯ таёқ,
Ин аст ба ӯ кори мо.
Каҷҷу чатокони забун,
Зан, то шавад аз дар бурун.
Ин аст аз панди Мушфикӣ Акнун макун тарсончакӣ.
Зантарсакӣ, зан тарсакӣ!

Дар шумораи дахуми соли 1927 «Мубоҳисаи талаба бо домуллоимом», «Нест бод ҳуруфот» барин мақолаҳо ба мавзӯъҳои зиддидинӣ бахшида шуда буданд, дар шумораи 15 (1928) оид ба ин мавзӯъ шеъру маколаҳои «Киҳо қурбони иди курбон», «Ҳангомаи иди қурбон дар Бухоро», «Кӣ мусулмону кӣ кофир?» чоп шудаанд. Дар ин мақолаҳо риёкорию авомфиребии муллотарошон нишон дода мешавад.

Муборизаи маҷаллаи «Мулло Мушфиқӣ» барои пойдор кардани анъана ва маданияти нав дар айёми хеле душвор, дар шароите, ки бойҳою муллоҳо мухбиронро таъқиб ва тӯҳмат мекарданд, мегузашт. Аз ин рӯ. мухбирон ба назди худ вазифаи хеле му раккаб гузошта буданд. Ин маъниро соли 1928 яке аз фелетонистхои точ! 1к К.Одилзода хеле хуб ифода карда навишта буд, ки «Ба масьалаи худтанкидкунӣ дахдаста ҷаспидан даркор аст. Агар мумкин бошад, аввало ҳамаи хешу табор ва ёру дӯстонро аз галбер гузаронда, баъд аз он аз гиребони бегонагон гирифтан зарур аст. Мо бояд ба худганқидку нӣ аз ҳамин рох дароем. Илло матбуотро пеш бурдан амри маҳол аст».

Шумораи 15 «Мулло Мушфикӣ» дар соли 1928 ба воситаи чор сурат роҳи чорсолаи рӯзномаи «Овози точик»-ро нншон медиҳад:

1.«Овози тоҷик»-ҷавони маҷрӯхи асобадаст аз роҳ мегузарад ва касе ба вай

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

эътибор намедиҳад (солҳои 1924-1929);

2.Ин чавон хело шифо ёфтааст ва аз пас мӯйсафеде ба ӯ менигарад (солҳои 1925-1926);

3.Ҷавон хеле солим ва камолёфта аст. Деҳконе ӯро ба хонааш даъват менамояд (1926-1927);

4.«Овози тоҷик»-ро мухбирони коргару деҳкон, ки як нафарашон зан аст, табрик менамоянд (1927-1928).

Дар саҳифаи дуввум «Мушфики» менависад, ки Амирхоҷаи Аҳрорӣ айёми таъсиси «Овози тоҷик» гумон дошт: «Ба зуддӣ тухми тоҷикон бе дору ёфт нахоҳад шуд ва рӯзномаи «Овози тоҷик» баъд аз он ки дид «Алӣ мондаасту ҳавзаш, тахтауллоки худашро гун хохад кард» ва меафзояд, ки «Овози тоҷик» ҷавонмарг нашуд».

Маҷаллаи «Мушфиқӣ» ҳамчун ибтидои матбуоти ҳаҷвии тоҷик ба пешрафти сатира ва юмори замони шӯроии тоҷик, ба инкишофи фелетон таъсири калон расонд. Вай на фақат намунаҳои бехарини чунин асарҳоро дарҷ намуд, балки ба нависандагони онҳо барои сайқал додани маҳорати худ барои ёфтани сабки эҷодиашон ёрӣ расонд.

«Мулло Мушфиқӣ» инчунин аввалин матбуоти даврагии тоҷик буд, ки ба расму карикатура муроҷиат намуд. Рассомони ҳаҷвнигори тоҷик дар асарҳои худ бо сабку маҳорати тоза пӯсидан ва маҳву нобуд гардидани дунёи кӯҳна ва музаффарона ба ҷои онҳо бунёд шудани рӯзи пурсаодатро нишон медиҳанд. Онҳо азму суботеро тасвир менамоянд, ки халқи тоҷик ба он ҳаёти нав бунёд мекунад.

«Роҳнамои мухбирон». Охири соли 1928 рӯзномаи «Овози тоҷик» аввалин саҳифаи «Раҳнамои мухбирон»-ро чоп кард. Дар мақолаи «Раҳнамои мухбирон» рӯзнома вазифаи ин саҳифаи навро шарх дода менависад, ки «Имрӯз матбуоти тоҷик ҳам дар қишлоқҳои дур интишор ёфта, оммаи заҳматкашон ва деҳқононро тарбия мекунад. Матбуоти тоҷик чи қадар тараққӣ кунад, шумораи мухбирон ва нависандагон ҳам рӯз то рӯз зиёд мешавад. Бо нияти ёрӣ ва мадад расондан ба мухбирони навкор редаксия таъсис намудани ин саҳифаро лозим ёфт».

Дар воқеъ, саҳифаи «Роҳнамои мухбирон», ки то соли 1932 чоп шудааст, дар тарбияи мухбирони тоҷик роли босазое бозидааст. Ш.Садруллин. А.Пирмуҳаммадзода, П.Сулаймонӣ, С.Улуғзода,

А.Исмоилзода бо мақолахои маслиҳатӣ баромад карда, ба мухбирон тариқи навиштан, масоили навиштанбобро фаҳмонда медоданд. Онхо нафақат ба тарбияи мухбирони матбуоти ҷумҳурӣ, инчунин ба тайёр намудани мухбирони ҷаридахои деворӣ низ мекӯшиданд. Ба мухбирон ёриву маслиҳатҳои бевосита медоданд.

Дар баробари ин чарида барои бехтарин мухбирон, барои ба фаъолияти эҷодии онҳо шароити мусоид фароҳам овардан, барои муқобилони онҳоро маҳв намудан мубориза мебурд. Масалан, дар мақолае, ки Баҳлулзода 25 августи соли 1929 дар шумораи 5 «Раҳнамои мухбирон» бо номи «Ҳуҷум ба мухбирон ва роҳҳои мудофиаи онҳо» чоп кардааст, шахсоне зери оташи танқид гузошта мешаванд, ки пеши роҳи мухбирони деҳотро гирифтанӣ ва қалами онхоро шикастанианд.

Ҳимояи мухбирон ва таракқии матбуоти Шӯроиро бе ёрӣ ва дастгирии ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ ва хукумати маҳаллӣ имконнопазир медонад. Вай фаъолияти бехтарин ташкилотҳои хизбиро дар ин масъала таргиб мекунад. Масалан, дар шумораи сеюм кори хуби шӯъбаи ташвиқотии кумитаи фирқаи округи Хуҷанд нишон дода мешавад. Дар худи ҳамин шумора, аз ҷумла мақолаи мудири шӯъбаи ташвиқотии кумфирқаи округи Хуҷанд «Душманони мухбироки қишлоқ ба суд дода шуданд» чоп шудааст. Муаллиф дар ин мақолааш аз тачрибаи корк округ нақл карда менависад, ки ҳар як мухбир ба қайд ва гамхории ташкилотҳои ҳизбӣ гирифта а1уда, ба фаъолияти пурсамари эчодии вай шароити пурра фароҳам оварда шудааст. Дар округ 5 тӯдаи мухбирони деҳот кор мебарад. Дар шаҳр ва ноҳия тез-тез маҷлисхои умумии мухбирон ва аъзоҳои рӯзномаҳои девориро ҷег зада, дар бораи вазифаҳои навбатӣ маслиҳат дода мешавад.

«Роҳнамаи мухбирон» дар вокеъ мактаби таълиму тарбияи мухбирони деҳоти тоҷик гардид. Аз ин хусус, он макгубҳои мухбирон ҳам шаҳодат медиҳад, ки онхоро бо умеди маслихату ёрӣ ба редаксия фиристодаанд. Дар 7 шумораи солҳои бистуми худ «Роҳнамои мухбирон» бештар аз 50-тои онҳоро чоп кардааст.

Ҷаридаи «Роҳнамои мухбирон» гарчи иловаи «Овози тоҷик» бошад ҳам, нашрияи алоҳида буд. Зеро дар хар рӯзе, ки «Овози тоҷик» онро чоп мекард, 6 саҳифа мебаромад. Сахифаи панҷум бо номи алоҳидаи «Роҳнамои мухбирон» ва рақами хоса чоп мешуд. Зерсарлавхаҳои сахифа «Ичоваи рӯзномаи «Овози тоҷик» меисгод. Зиёда аз он характери мақолоти варакаи «Роҳнамои мухбирон» аз мундариҷаи «Овози тоҷик» ба куллӣ фарқ мекард. Он факат ва маҳз ба масъалаи эҷодӣ ва тарбиявии мухбирон бахшида мешуд.

«Саводи мехнат». 13 январи соли 1929 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» эълоне интишор шудааст, ки дар он аз хусуси нашри иловаи наваш ҷаридаи «Саводи мехнат» хабар дода мешавад. Ноширии ин ҷаридаи нав кумитаи марказии алифбои нави ӯзбек буд. Вай дар ҳаҷми чор саҳифа бо алифбои лотинӣ зери таҳрири Ш.Садруллин, бо иштироки Олимҷонов, Ҳақбердизода, Ҳоҷӣ Мӯъин, Нурмуҳаммадзсда чоп мешуд. Шумораи аввалини он 13 январи соли 1929 баромад. Дар ин шумора ҳайати таҳририя тариқи пайдоиши онро чунин шарҳ додааст.

«Кумитаи алифбои нави ӯзбек барои ҳарфҳои нав ба «Рӯшной» ва «Овози точик» 900 сӯм дод. Ин рӯзномаҳо ба тезӣ ҳарфҳоро гирифта, бо харфҳои тоза саҳифаҳои алифбои нав ташкил хоҳад кард.

Лозим дониста шуд, ки «Овози тоҷик» ҳафтае як бор бо ҳарфҳои нав ҷаридае нашр намояд».

Ҳамин тавр, ҷаридаи «Саводи меҳнат»- аввалин рӯзномаи лотиниасоси тоҷикӣ ба вуҷуд омад. Дар шаш шумораи худ вай хонандагонро бо алифбои нав, бо имло ва қоидаҳои он шинос кард. Дар хусуси ташкили курсу мактабҳои хати лотинӣ, муваффақияту норасоии ин кор хабару мақолаҳо чоп кард. Дар саҳифаҳои ин ҷарида инчунин чанд шеъре, ки хонандагонро ба саводомӯзӣ даъват мекарданд, чоп шудааст. «Саводи меҳнат» то моҳи апрели соли 1929 чоп шуд. Азбаски рӯзномаҳои «Овози гочик» кисман ва «Рӯшной» асосан ба хати лотинӣ гузаштанд, дигар ба нашри «Саводи меҳнат» зарурият набуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Дониш ва омӯзгор». Соли 1926 Вазорати маорифи Тоҷикистон маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълим ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ. илмӣ ва танкидии «Дониш ва омӯзгор»-ро дар шаҳри Душанбе нашр мекунад. Сурур шеъре зайлро иншо карда буд, ки он таърихи ташкили ин маҷалларо боз мегӯяд.

. ..Миллати тоҷик дар роҳи маориф зад қадам,
Кард инак бахри ҷалби илм ҷони худ нисор.
Ин маҷалла нашр шуд илмист тарзи шевааш,
Бо забони форсӣ номаш «Дониш ва омӯзгор».
Лафзи ширин ва иборатҳои рангинаш бубин,
Аз қаламҳои адибон омада ба рӯи кор.
Баҳри ташкили мачалла Сурур ин таърих гуфт,
Се карат бишмор чопи «Дониш ва омӯзгор».

Шумораи аввалини он моҳи март ба муносибати яксолагии назорати маорифи Тоҷикистон дар Душанбе чоп шуд. Муҳаррири масъули вай Аббос Алиев ва котиби масъулаш Қосим Дайламӣ буданд. Дар саҳифахои он як қатор мақола ва шеърхои Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аббос Алиев, Қосим Дайламӣ, Нусратулло Махсум, Ч.Имомов чоп шудаанд, ки дар онҳо тараққии маориф ва мактаби тоҷик қамчун муҳимтарин зарурияти шароити онрӯза арзёбӣ мешаванд. Масалан, Нозири маорифи ҷумҳурӣ Аббос Алиев дар «Иди яксолагии маорифи мо» ном мақолааш дар хусуси аввалин муваффақиятхои маорифи халқ ва пешомади ин соҳа сухан меронад.

Маҷалла аз шумораи аввалинаш сар карда, ба таргиби мактабу маориф кӯшида. вазифаи худро аз расондани ёрии методӣ ба омӯзгорон иборат медонад.

Назорати маорифи Тоҷикистон барои пешрафти кори «Дониш ва омӯзгор» кӯшида. ба ҳайати таҳририя ёрӣ мерасонд. Беҳтарин муаллимон дар хусуси рафти кори худ нақл мекарданд. Аз матбуот ва асархои педагогию илмии русу Аврупо мақолаҳои зарурӣ тарҷума ва чоп карда мешуданд. Барои ранг ба ранг шудани мазмуни гоявии он олимон ва адибони машҳурро ба ҳамкорӣ даъват менамуданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо бегумон барои хеле беҳтар шудани мазмуну мундариҷаи маҷалла мадад расонданд. Аммо шароити техникии маҷалла ҳамоно ба дараҷаи паст буд. Рангу коғаз намерасид. Матбааи хурдакак талаботи «Бедории тоҷик»-ро базӯр қаноат мекунонд. Аз ин рӯ, вазорати маориф маҷбур буд, ки баъди нашри шумораи муштараки 3-4 нашри онро боздорад.

«Рохбари дониш». Нашрияи илмӣ-педагогӣ метавонист дар он вақт ягона воситае шавад, ки муаллими дурдасттарини дехот аз максаду маром ва вазифаҳои асосии назорат огох шуда, васоили таълиме пайдо кунад. Ана бо ҳамин ният назорати маорифи Точикистон моҳи августи соли 1927 ба нашри маҷаллаи **«Дониш-биниш»** иҷозат медихад.[1] Ин дафъа маҷалла дар Самарқанд зери таҳрири М.Мусавӣ чоп мешавад. Пайдоиши «Дониш-биниш» барои аҳли маданияти тоҷик ҳодисаи хурсандибахш буд. Ин маъно дар мактуби табрикии роҳбарияти Тоҷикистон ба редаксияи маҷалла чунин инъикос ёфтааст:

«Ҳар як муаллим, ҳар як тоҷики босавод ва маълумотнок бесаброна мунтазири ин нашрия буд. Ин хурсандист, ки мо онро мебинем.

Пайдо шудани маҷалла пешрафии маданияти тоҷикони Осиёи Миёна ва дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хаёги онҳо ҳодисаи мухими таърихӣ мебошад. Акнун ҳамсоягони ҳамзабони мо аз ҳамаи табаддулоти сотсиалистӣ дар Тоҷикистон воқиф шуда меистанд. Ташкилоти вилоятии ҳизб умедвор аст, ки маҷаллаи «Дониш-биниш» дар таблиғи донишҳои сиёсӣ, илмӣ ва афкори педагогӣ дар байни меҳнаткашони Тоҷикистон. инчунин дар байни тоҷикони Осиёи Миёна ҳиссаи муносиб мегузорад».

«Дониш-бикиш» аз нигоҳи мавзўъ ва мундарича талаботи муаллимонро қонеъ карда метавонист, зеро дар он муаллимон ва зиёиён, хонандагони дигар мақолаҳои ба худ лозимиро пайдо карда метавонистанд, лекин аз ҷиҳати нафосату тартиби техника хеле бад буд.

Маколаҳо бетартибона ҷо ба чо карда шуда буданд. Хатоҳои имловӣ хеле зиёд ба чашм мерасиданд. Аз ин рӯ, ҳайати таҳририя тартибу таҳияи шумораи дуюмро ба Собит Маннофзода ҳавола карда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки «онро мувофиқи шаклу тартиби маҷаллаҳои ҳозираи асрӣ дар Тошканд ба табъ расонад».

Собит Маннофзода, дар воқеъ барои ороиши техникии маҷалла х>ваи зиёде сарф карда, онро дар шакли хеле диққатҷалбкунанда ва со номи дигар -«Роҳбари дониш» чоп кард. Агарчи дар шаклу андоза ва мундариҷот хеле беҳбуш-1е ба миён омадааст, аммо он С.Манофзодаро конеъ кунонда наметавонад. Вай медонад, ки сифати онро нафакат боз хам бехтар кардан мумкин, балки зарур аст.

Редаксия мақсаду мароми худро ифода карда, навишта буд: -Маҷаллаи «Роҳбари дониш» дар ҳар як моҳ як маротиба бо забони соддаи тоҷикӣ ба таври мусаввар ва нафис чоп карда мешавад.

Ин маҷалла, ки аз нашриёти назорати маорифи ҷумҳурияти Точикистон аст, кўшиш хоҳад кард. соҳибқаламони бомаҳорату таҷдидпарварони тоҷикро дар атрофи худ ҷамъ кунад ва афкори онҳоро бс назариёти марксизму ленинизм мутобиқ дода, ба меҳнаткашони камсаводи тоҷик бихонад».

Ма ксади худро, ки: «Муаллимони тоҷикзабонро аз корҳои таълиму тароня хабардор кардан, аз масъалаи умумӣ маълумот дода истодан, алабиёти нави точикро тараққӣ додан ва ба нависандагони тоҷик рохбарӣ намудан» буд, маҷалла гаштаю баргашта таъкид намудааст.

Рўй ба беҳбудӣ овардани мазмун ва мундариҷа, беҳтар шудани си±ати он роҳбарияти Тоҷикистонро завқ мебахшид. Онҳо барои боз ■■■ хубтар шудани он рўҳбаландона мадад мерасонданд. Масалан. Ргисн Шўрои комиссарҳои халқии Т оҷикистон аз беҳтар шудани сифати «Рохбарии дониш» ба шавк омада, редаксияро табрик мекунад ва ■ичунин ба назорати мариф таклиф менамояд, ки барои эҳтиёҷоти ■оддӣ ва маънавии маҷалла ҳарчи бсштар мадад расонад.

Аввали соли 1928 бошад. котиботи комитети вилоятии ҳизб ба шисрати мариф тавсия дод, ки накшае тартиб диҳад, ки дар он беҳбудии вроити техникии маҷалла, афзоиши адад ва шумораи хонандагони он :эс=снн̄ карда шавад. Таклиф карда мешуд, ки барои фаҳмондани аадмияти маҷаллаи мазкур дар байни муаллимон маъракаи таргиботӣ сукрокида шавад.

Бори дигар коллегияи шўъбаи таргибу ташвиқотии комитети ■кхсятии ҳизб 4 июни соли 1928 оид ба «Роҳбари дониш» масъала ■пскима намуда, иҷроиши

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нишондодаашро санҷида, бо хурсандй 1»| »|| 1қиятхоро қайд намуд ва дар назди назорати мавриф вазифаҳои ---« пгюшт.

Мақаллаи мазкур вазифаи аввалини худро аз расонидани ёрии амалӣ ба муаллимон иборат медонист. Вай ба муаллимон мурочиат карда, изхор менамуд, ки мақаллаи «Роҳбари дониш» дар корҳои иҷтимоӣ, дар омӯхтани усул, таргиб ва таълим роҳбарӣ хоҳад кард. Ва инҳо гуфтори хушку холй набуданд. Дар саҳифаҳои он аз кабили «Дар бораи тарбияи томактаб», «Усул ва тарзҳои туногун дар таълим», «Шакли маорифф», «Фанни тарбия» силсилаи мақолаҳое чоп намуданд, ки онҳо барои муаллим дастури бевоситаи таълиму тарбия буданд.

Мақа,тла вазифаи худро факат аз нашри мақолаҳои педагогию илмӣ иборат намедонад, балки мақсади вай дар он аст, ки муаллимони дсхот низ дар он фаъолона иштирок намоянд, муҳокимаронӣ кунанд.

«Мо мешунавем, ки менависад «Роҳбари дониш» соли 1928 - мақаллаи «Роҳбари дониш» дар ҳар ҷо аз тарафи муаллимони сурхи тоҷик бо рағбати тамом гирифта ва хонда мешавад.

Мо мебинем, ки муаллимони мо дар ҳар моҳ мавқеи нашр шудани ин мақалларо бо камоли бесабрй интизорй мекашанд.

Факаг ин интизориҳо, ин ҳусну рағбатҳо моро қонеъ карда наметавонад.

Чаро?

Барои он ки мо мехохем: Ҳар як муаллими тоҷик го метавонад қаламан ҳам дар ин мақалла иштирок кунад, аз эхтиёҷоти илмй ва маънавии худ бинависад ва дар баъзе мавзўъҳои иҷтимоӣ ва фаннй, ки ба танхой аз фаҳмидани он оҷиз аст, навишта бипурсад. Инчунин дар ҳар шаҳр ё қишлоқе, ки хизмат мекунад, аз вазъияти иҷгимоӣ, хоҷагӣ ва корҳои таълиму тарбиягии он ҷо маълумот диҳад. «Роҳбари дониш» бо нияти беҳтар ва самартар истифода бурдани мактубхои хонандагони худ аз шумораи навбатй ҷудо кардани гўшаи ҷудогонаро хабар дода, инчунин ба мухбиронаш ёдрас мекунад, ки навиштаҳояшон «Ба қадри имкон мухтасар, кўтоҳ, хушхат ва бо забони содда бошад».

Ва дар воқеъ, аз шумораи сеюми мачалла дар соли 1928 ду рубрикаи нав «Ба мо менависанд» ва «Алоқаи мо бо хонандагон» ташкил мешавад, ки дар онҳо нашрия хабару мақолаҳои мухбирони шаҳру деҳаашро интишор карда, ба саволҳои онҳо ҷавоб мегардонад.

«Роҳбари дониш» ба инкишофи адабиёти Шўроии тоҷик диққати калон медод. «Яке аз вазифаҳои бузурге, ки мақаллаи мо ифодаи онро ба гардан гирифтааст, ҳамоно масъалаи тавлид кардани як инкилоби асрй дар адабиёти имрўзаи гоҷикон мебошад», навишта буд дар яке аз шумораҳои аввалинаш «Рохбари дониш». Ва дар ҳақиқат ҳам. вай минбари бошукўҳи адабиёти нави точик гардид. Аксарияти кулли адибони точик бехтарин асархои худро дар саҳифаҳои он дарҷ намуда, онҳо барои адабиёги сермиллати шўроҳо мубориза мебаранд. Асарҳоп Садриддин Айнӣ «Ахмади Девбанд», А.Лоҳутй «Бузургие бе маргу бемисол», П.Сулаймонй «Гуландом» ва «Якуми май ва МОПР», Б. Азизӣ «Чил ҳуҷра», А Деҳотй «Ҳамидаи сиёҳбахт» ва бисёр дигарон дар ҳамин мақалла чоп шудаанд. Вай нафақат асарҳои бадеиро чоп мекард, балки доир ба онҳо такризҳо нашр намуда, бурду бохташонро нишон медод.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳайаги таҳририя ва қувваи эҷодии ин мачалла то муддате пароканда буд. Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Қосим Дайламӣ ва Исмоилзода аз Душанбе, Садриддин Айнӣ, Б.Азизӣ, С.Ализода аз Самарқанд мақолахо тахт карда, ба Тошканд мефиристоданд. Собит Маннофзода, ки амалан котиби масъули мачалла буд, онҳоро дар Тошканд хонда, тахрир карда, ба саҳифаҳо ҷой медод. Аз ин рӯ, аксар вақт ду шумораи мачалла бо таърихи муштарак мебаромад. Бо ҳамин сабаб коллегияи шӯъбаи таблиғот ва тарвиҷи комитети вилоятии ҳизб 4 июни соли 1928 қарор мекунад, ки идора ва нашриёти мачалла ба Душанбе кӯчонда шавад.

Ҳамин тавр, тирамоҳи соли 1928 идораи мачалла ба Душанбе омад.

Мачалла гуногунтабақагии хонандагони худро ба ҳисоб гирифта, аз шумораи дуюми худ шаш қисмат: сиёсӣ, иҷтимой, таълим ва тарбияи адабӣ, дунёи занон ва фанниро ташкил медихад. Вай барои мактаби сурх барои гавлиди адабиёти Шӯроии тоҷик, барои забони соддаи тоҷикӣ, барои алифбои нави тоҷикӣ, барои ташкил шудани Шӯроҳо, дар гӯшаҳои дурдасттарини тоҷик мубориза мебарад. Дар саҳифаҳои вай хабару мақолаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ ва тарбиявӣ мунтазам чоп мешуданд.

«Роҳбари дониш» бештар аз ҳама чун дастуруламал ва китоби рӯи мизии омӯзгорон машҳур шудааст. Ин маъноро ифода карда, ҳанӯз дар шумораи дуюмаш ба муаллимони тоҷик муроҷиат карда буд, ки мачаллаи «Роҳбари дониш» дар корҳои иҷтимоӣ дар омӯхтани усул, тартиб ва таълим роҳбарӣ хоҳад кард.

Дар шумораи муштараки як-дуи соли 1928 мачалла ба муаллимон муроҷиат намуда, мегӯяд, ки масъалаҳое ҳастанд, ки хар кадоми шу.мо ба танхой аз ҳалли онҳо оҷизед. Дар ин хусус ба идораи мо нависед, ки барои халли он ба шумо ёрӣ расонем. Инчунин муаллимонро даъват мекунад, ки аз хаёти дехот, аз талаботи рӯзгори деҳотиён навиштан яке аз зазифахои мухимтарини онҳост. «Рохбари дониш» бо тиражи 1500 нусха интишор мешуд. Ҳамаи мактабҳо аз ҳисоби назорати маориф оепул як нусхагӣ аз ин мачалла мегирифтанд. Илова бар ин вай дар -паҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Душанбе, Бухоро, Хуҷанд ва Ғарм хонандагон ва намояндагони доимии худро дошт. Намояндаи доимии Рохбари дониш» дар Москва Лоҳутӣ ва дар Боку Абдухолиқ Хакимов ва Саломуялоҳ буданд. Вазифаи намояндагон нафақат аз навиштани хабару мақола, балки инчунин аз чамъ кардани обуначиён иборат буд.

«Роҳбари дониш» дар Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон ҳам хонандагони доимии худро дошт.

«Роҳбари дониш» дар маҳви бесаводӣ, дар ташаккули муаллимони Шӯроӣ, дар интишори адабиёти таълимӣ, ху/шас дар гузориши таҳкурсӣ барои инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон заминаи мувофиқе тайёр кард. «Садои Шарк» давомдиҳандаи кори «Роҳбари дониш» ба ҳисоб меравад.

3. Воситахои ахбори омма дар солхои сиюм

Матбуот аслиҳаи пуркудрат ва буррост. Дар ҳама давру замон вай ҷорчии ҳақиқат бояд бошад. Одамон аз ин рӯ, ба матбуот боварии беандоза зиёд доранд, зеро вай ҳаётро ҳаматарафа инъикос карда метавонад. Аз ин ҷост, ки давлату

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳукумати шӯравӣ сиёсати индустриякунонии мамлакатро пеш гирифта, дар ҳалли ин проблема аз қувваи матбуот пурсамар истифода бурд. Чуноне ки маълум аст, анҷумани ХУ ВКП (б) декабри соли 1927 дар бобати коллективонии ҳаматарафаи хоҷагии қишлоқ қарор қабул намуда, программаи фаъолияти ҳизбро дар бобати бо роҳи сотсиализм гузаронидани хоҷагии деҳқонӣ муайян кард. Вай дар як вақт тамоми ташкилотҳои ибтидоии худро вазифадор намуд, ки баҳри беҳтар намудани фаъолияти матбуот тадбирҳо андешида, баҳри амалӣ гаштани он қувва ба харҷ диҳанд ва аз кувваи матбуот баҳра бардоранд. Дар роҳи иҷрои ин нишондоди анҷумани хизб дар соҳаи матбуот як катор қарорҳо қабул гардид. Ба ин, аз ҷумла «Дар бораи аз нав ташкил намудани шабакаи газетаҳо ба муносибати барҳам дода шудани округҳо» (11 августи 1930), «Дар бораи кори партиявӣ-оммавӣ дар ҳудуди фаъолияти МТС-ҳо» (16 октябри соли 1930), «Дар бораи кадрҳои коркунони газета» (11 ноябри соли 1930), «Дар бораи кори газетаҳои районҳои қишлоқӣ ва матбуоти поёнӣ» (18 январисоли 1931), «Дар бораи беҳтар намудани газетаҳои районӣ» (21 апрели соли 1931) ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Ин карордодҳо дар соҳаи матбуот ба инкишоф ва мустаҳкам гардидани на танҳо матбуоти тоҷик, ки зодаи давру замони нав буд, балки дар бобати пешрафти иқтисодиёту маданияти республика дар солҳои индустриякунонӣ ва коллективонии хоҷагии кишлоқ хизмати шоистаеро ба ҷо овард.

Дар солҳои 1928-1932 дар СССР миқдори рӯзнома 6,3 баробар, тиражи шабакаи умумии ҳамаи газетаҳо 3,8 баробар афзуд. Дар соли 1932 шумораи онҳо ба забонҳои халқҳои СССР (ғайр аз русӣ) аз се як ҳиссаи тамоми газетахоро ташкил медод. Дар хамон давра ба 93 забон китоб, ба 64 забон газета чоп мегардид.

Давраи нави тараққиёти матбуоти миллӣ дар Тоҷикистон баъди ба республикаи итгифоқӣ табдил додани РАСС Тоҷикистон огоз ёфт. Ҳанӯз хамон сол дар ҷумҳурӣ ба нашри 5 рӯзномаи республикавӣ, як газетаи округӣ ва 3 журнал шурӯъ карда шуд, ки тиражи умумии онҳо 20 ҳазор нусхаро ташкил медод.

Хусусияти журналистикаи солҳои сиюмро дар ду чизи зерин сурог кардан лозим аст: аввал ин ки дар ин давра журналистика системаи воситаҳои ахборро ташкил дод. Яъне наганхо матбуот, балки ҳамчунон радио, агентии хабарӣ, нашриёт ҳам ба кор оғоз намуданд. Дуввум худи матбуот тақсимбандӣ шуд. Рӯзномаҳои Тоҷикистон ба ҷумҳуриявии сиёсӣ, соҳавӣ, махсусгардонидашуда, рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, сертираж тақсим шуданд. Рӯзномаҳои сертираж дар МТС-ҳо, сохтмонҳои зарбдор, баъзе колхозхо чоп мешуданд.

Системаи маҷаллаҳо низ ба вуҷуд омаданд. Онҳо хислати соҳавӣ, ихтисосӣ ва иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таблиғотӣ доштанд. Масалан, маҷаллаи «Блокноти агитатор», ки аз соли 1938 чоп мешуд, хислати назариявӣ- ташвиқотӣ дошт, маҷаллаи «Октябр» бошад, танҳо барои бесаводон нашр мешуд.

Дар баробари зиёд шудани шумораи нашри газетаҳо дар республика шумораи маҷаллаҳо низ меафзуд, ки онҳо дар бобати тарбияи сиёсии меҳнаткашон роли бағоят калон бозаданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хусусияти ин давра дар он зоҳир мегардад, ки дар Тоҷикистон ҳам чун дигар республикаҳои иттифоқӣ шумораи зиёди газетаю журналҳо чоп мегардид. Матбуоти даврагӣ асосан аз ҳисоби газетаҳои районӣ, қисмҳои сиёсӣ ва матбуоти поёнӣ меафзуд. Хулоса, дар солҳои панҷсолаи якум на танҳо номгуй, балки тиражи умумии матбуот чандин маротиба зиёд гардид. Иқтидори полиграфии республика афзуда базаи моддию техникии он сол то сол мустаҳкам мегардид.

Дар ин давр журнали «Рохбари дониш» ба ду тақсим шуд. Вазорати маориф маҷаллаи «Инқилоби маданӣ»-ро ташкил дод, ки он азсоли 1938 бо номи «Мактаби советӣ» чоп мешавад. Соли 1932 бошад, нашри маҷаллаи иҷтимой-сиёсӣ ва адабӣ-бадеии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» оғоз ёфт. Журнал бо ин ном го моҳи декабри соли 1937 чои шуда ва аз соли 1938 то аввалҳои соли 1941 вай зери унвони «Шарки Сурх» нашр гардид. Баробари огози Ҷанги Бузурги Ватанӣ нашри маҷалла муваққатан қатъ гардид. Баъди ғалабаи қаҳрамононаи халқи советӣ бар фашистони Германия аз соли 1946 нашри журнал аз сари нав ба роҳ монда шуд ва то холо (аз моҳи майи соли 1964 бо номи «Садои Шарқ») ба табъ мерасад. Мавриди қайд аст, ки журнал дар сохаи ташаккул ва инкишофу пешрафти маданияти республика ва махз адабиёту санъати шаклан миллию мазмунан сотсиалистии советии тоҷик. дар тарбия ва ба кахмол расидани як силсила шоирону нависандагон, пешрафти танқиди адабӣ роли беандоза калон бозид.

14 марти соли 1932 бюрои ичроияи КМ ПК (б) Точикистон дар хусуси нашри маҷаллаи хармоҳаи оммавию сиёсӣ барои занону духтарон қарор баровард. Шумораи аввалини ин журнал, ки «Бо роҳи Ленин» ном дошт, моҳи майи соли 1932 аз чоп баромад. Ин журнал аз мохи майи соли 1957 бо номи «Занони Тоҷикистон» нашр мегардад. Дар муҳити ин маҷалла М.Рустамова, М.Қосимова, Ф.Алиева, Қ.Муҳаммадиева, С.Шарифова, Х.Муҳиддинова барин журналистони аз байни занони тоҷик тарбия ёфта, ба камол расиданд. Ҳоло журнал бо номи «Фирӯза» чоп мешавад.

Ба таҷрибаи газетаи «Правда» такя намуда, газетаю журналҳои Тоҷикистон дар ин давра ба вусъат додани кори оммавию сиёсӣ ва тарбиявӣ дар байни меҳнаткашон ҳаматарафа машғул гаштанд. Махсусан, дар ин бобат таҷрибаи рӯзномаи «Точикистони Сурх» қобили таваҷҷӯҳ аст. Дар баробари газетахои марказӣ, ба монанди «Правда», «Крестянская газета», «Экономическаяжизнь», газетаи республикавии «Тоҷикистони сурх» дар саҳифаҳои худ қарорҳои анҷумани XV партия ва қарори КМ ВКП (б)-ро оид ба масъалаи коллективонии хоҷагии қишлоқҳаматарафа ташвиқу тарғиб менамуд.

Дар шароити Тоҷикистони онвақта пропагандаи плани ленинии кооперативонӣ дорои аҳамияти бузург буд. Зеро барои ба амал баровардани ин барнома боқимондахои буржуазияи маҳаллӣ намояндагони реаксионии дин ва бою кулакон сахт мукобилият нишон медоданд. Онҳо дар байни мардуми маҳаллӣ, пеш аз ҳама табақаҳои камбағали аҳолӣ ташвиқоти бардурӯғ мебурданд, ки гӯё кооперативонии хоҷагии кишлоқ ин яъне маънои на танхо муттаҳид намудани асбобу анҷоми деҳқонӣ, замин ва дигар воситаҳо, балки якҷоя кардани аъзои оилаи онхоро низ дорад.

Дар он солҳо мухбирони коргару деҳқон дар мубориза барои ҳаёги нав

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дарҳақиқат ёрдамчии боэътимоди ташкилоти партиявӣ ва ҳукумати руспублика буданд. Соҳае вуҷуд надошт, ки дар пешрафти он мухбирон саҳм нагузоранд. Аз ин сабаб душманони синфӣ аксар ба мухбирони коргару деҳқон бӯҳтону тӯҳмат менамуданд, сӯиқасдҳо гашкил мекарданд, бо ҳар рох мехостанд, онхоро несту нобудсозанд. Аз ҷумла, муаллимони қишлоқ ва мухбирони фаъол Алӣ Лкбар ва Ҳикмат Ғаниро 21 апрели соли 1929 дастаи босмачиёни Фузайл Махсум дар Ғарм ваҳшиёна ба катл расонид. Кулакҳо дар Исфара ба мухбири фаъол Исмоилзода заҳр дода, ӯро куштанд. Дар шаҳри Ленинобод бошад, мухбири фаъол Пӯлод Бобоевро берахмона қагл карданд. Ҳамин тавр.

душманони халқ дар дигар гӯшаю канори республика бо мухбирони коргару дехқон муборизаи беамон мебурданд.

Узви комсомоли ленинӣ Мирзо Ризоро сокинони райони Ҳисор ҳамчун тарғиботчии оташинсухани ҳаёти наву озод мешинохтанд. У ракси колхози «Инкилоби сурх» ва дар айни вақт мухбири фаъоли газетаи «Тоҷикистони сурх» буд. Душманони сохти колхозӣ ӯро 28 майи соли 1935 ваҳшиёна куштанд.

Ин ва даҳҳо воқеаҳои дигар далолат медиҳад, ки дар ин солҳо ҳақиқатро пахн кардан, унсурони бегонаро фош карда, оммаро ба сохтмони ҳаёги нав даъват кардан -мардонагӣ ва часорати беандоза калонро талаб менамуд. Ба ин ҷиҳати кори мухбирон, инкишофи матбуот бо шакли умум анҷумани якуми ПК Тоҷикистон диққати хоса дод. Анҷуман, ки 6-15 июни соли 1930 барпо гардид, ба масъалаи равнақи матбуоти тоҷик ғамхорӣ зоҳир намуд, роҳҳои беҳтари пеш бурдани кори магбуотро нишон дод ва Қ. Дайламиро мухаррири газетаи «Тоҷикистони сурх» тасдиқ кард.

Бо нияти пурзӯр кардани таъсири органи марказии чопии худ ва зиёд кардани тиражи он, ҳанӯз дар аввали соли 1930 партия ва ҳукумати Тоҷикистон муроҷиагномае қабул карданд: «Дар охири соли 1930 газета бояд ҳар рӯз на камтар аз даҳ ҳазор барояд!» -чунин буд моҳияти асосии он даъватнома. Дар ҳақиқат ҳам ин давраи афзоиши тиражи нашрия гардид. Масалан, агар дар мохи январи 1930 газета 2900 нусха баромада бошад, соли 1940 тиражи газета қариб ба 20 ҳазор расид. Ин даврaро инчунии давраи ривоҷи равобити редаксия ва мухбирон, замони тавлиди армияи нави журналистони тоҷик ҳисобидан мумкин аст. Дар рӯзнома ташкил шудани «Гӯшаи мухбирони деҳот» шоҳиди он мебошад.

Мувофиқи дархости ҷавонони республика 5 апрели соли 1930 шумораи нахустини газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуд. Шумораи нахустини онро мудири шуъбаи агитатсияю пропагандаи КМ ЛКСМ Тоҷикистон Мақулшоев, мудири шӯъбаи газетаи «Тоҷикистони сурх» Ғуломризо Ализода, ки яке вазифаи муҳарририю дигаре котиби масъули газетаро ба иҷро мерасониданд, ба иашр омода сохтанд. Дар кори ба чоп тайёр намудани шумораи аввалини ин газета Обид Исматӣ, Самад Еанӣ барин журналистон, ки дар кори матбуот аллакай таҷриба доштанд, фаъолона ширкат варзиданд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ «Ҷавонони Тоҷикистон» ба масъалаи пешрафту инкишофи хоҷагии халқи республика, дар навбати аввал хоҷагии қишлоқ, иҷрои супоришҳои панҷсола диққати ҷиддӣ медод. Қариб дар ҳар як шумораи газета чунин рубрикаҳо ба монанди «Узви комсомол -зарбдори меҳнат»,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Шарафи билети комсомолӣ-шарафи ту», «Пеш қадами истехсолот» ба чашм мерасад.

Зери ин рубрикаҳо хабару маколаҳое одатан чоп мегардиданд, ки онҳо аз иштироки комсомолону ҷавонон дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ нақл менамуданд. Масалан, газета аз 15 марти соли 1935 ба хонандагони худ хабар медиҳад, ки 20 рӯз кабл аз ин 26 нафар комсомолони колхози «Ленинчиёни ҷавон»-и райони Конибодом барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ба водии Вахш рафтанд.

Дар ин солҳо маданиятнокии одамон баланд шуда, рол ва аҳамияти матбуот дар ҳаёти республика рӯз то рӯз меафзуд. Мо ин чизро аз афзудани шумораи газетаю журналҳо ва таъсиси маркази иттилоотӣ дар республика дида метавонем. Масалан, тиражи газетаи «Точикистони сурх» моҳи октябри соли 1929 -2370 нусхаро ташкил диҳад, моҳи январи соли 1930 вай ба 2770 адад, дар охири ҳамон сол ба 5000 адад расид. Тиражи газетаи «Советский Таджикистан» дар зарфи ҳафт моҳ (3 ноябри соли 1929 то июни соли 1930) аз 1000 адад ба 5000 нусха расид. Тиражи газетаи «Қизил Точикистон» -2000 нусха, «Комсомоли Тоҷикистон» 4000 нусхаро таилкил медод. Инчунин дар он солҳо журнали ҳармоҳаи оммавӣ-сиёсӣ ва адабию бадеӣ «Рохбари дониш», журнали педагогӣ «Маориф ва маданият» ва гайраҳо чоп мегардид.

Ибтидои солҳои сиюм дар Тоҷикистон матбуоти округӣ низ ба вуҷуд омад. Аввалин намунаи он рӯзномаи «Рохи колхозчӣ» - нашири андешаҳои макомоти ҳизбӣ ва давлатии округ буд. Ин ҷарида ҳафтае ду бор нашр мешуд ва зуд-зуд тағйири ном мекард. («Колхозчӣ», «Пролетари Хуҷанд», «Бо роҳи Ленинӣ»), Муҳаррири аввалини он Муҳаммадҷон Ҳасанӣ буда, баъд Паҳлавонзода рӯзномаро таҳрир кардааст. Дар ин муддат дар Ху ҷанд ду нашрия -журнали оммавӣ-сиёсӣ «Болшевики Хуҷанд» (1931) ва маҷаллаи «Барои савод» (1932) ба вучуд омаданд. Вале ин нашрияҳо ба зудӣ баста шуданд. Масалан, маҷаллаи «Болшевики Хуҷанд» ду шумора нашр шудаасту халос.

Дар ин солҳо дар аксарияти ноҳияҳо рӯзномаҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, «Байрақи ленинизм» (ноҳияи Ҳисор), (то соли 1953 газета бо номи «Барои колхози болшевикӣ» нашр мешуд), «Байрақи мусобиқа» (собиқ нохияи Ворошиловобод), «Болшевики Шаҳристон» (ноҳияи Шаҳристон), «Байраки Сурх» (ноҳияи Совет), «Бо роҳи коммуна» (собиқ ноҳияи Роҳатӣ), «Бо роҳи Ленинӣ» (нохияи Ленинобод), «Болшевики Ромит» (собиқ ноҳияи Ромит), «Варзоби Нав» (ноҳияи Варзоб), «Васияти Ленин» (ноҳияи Ишкошим), «Ватан» (ноҳияи Ванҷ), «Коммунисти Панчакент» (аз соли 1973 бо номи «Зарафшон»), «Коммуна» (ноҳияи Орҷоникидзеобод), «Роҳи Сталин» (собик ноҳияи Яккачинор), «Коммунисти Исфара», «Машъали Коммунизм» (Конибодом), «Барои чорводории сотсиалистӣ» (баъдтар бо номи «Меҳнат», ноҳияи Айнӣ), «Роҳи сотсиализм» (баъдтар бо номи «Роҳи коммунизм» шаҳри Ӯротеппа), «Шӯҳрати Ашт» (то соли 1955 «Зарбдори Ашт»), «Байрақи Сталин (собик ноҳияи Даҳанакиик), «Ҳақиқати Ховалинг» (баъдтар бо номи «Коммунисти Ховалинг») ва гайраҳо чоп мешуданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

АгентииителеграфииТоҷикистон-ТоҷикТАаз 31 декабрисоли 1925 ба фаъолият огоз намуд. Таъсиси Агентии телеграфии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъияти ва сиёсии Ё кишвар воқеаи фаромӯшнопазир гардид.

Маводи аввалини Агентии телеграфии Тоҷикистон ба сохтмону ба кор даромадани нахустин корхонаҳои саноатӣ, ташаккули синфи коргари тоҷик, маҳви бесаводӣ, мубориза зидди касалиҳои сирояткунанда, ташкили нахустин иттиҳодияҳои рафиқона, коркарди замин, колхозҳо, истгоҳҳои мошинию трактории, кушодашавии мактаб, бемористонхо, кофтани каналу сохтмони роҳҳо, аз худ намудани заминҳои бекорхобида бахшида шуда буданд. Дар ин мавод фаъолияти меҳнатии одамон дар мадди аввал меистод. Ба Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон он солҳо тамоми мамлакат ёрӣ мерасонд. Аввал омӯзгорон, духтурон, агрономҳо, инженерҳои аз Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Москваю Ленинград ва дигар шаҳрҳои калонтарини мамлакат омада, барои барҳам додани бесаводӣ, муборизаи зидди касалиҳо ба халқи тоҷик кӯмак мерасонданд.

Барои кор на танҳо дар Агентии телеграфии Тоҷикистон, балки дар рӯзномаю маҷаллаҳо хам кадрҳои эҷодкор намерасиданд. Ба кор одамоне меомаданд, ки таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ надоштанд, дониши қазои хам. Вале онҳо хоҳиши бузург, азму ҷазми калони хизмат ба халқ, Т оҷкистони ҷавон доштанд. Дар таку давҳои фаъолияти ҳамарӯзаи корӣ онҳо таҷриба меандӯхтанд, асрори касби журналистиро азбар менамуданд.

Журналистони рӯзномаю маҷалаҳо, Агентии телеграфии Тоҷикистон ба мукобили душманони сохти нав муборизаи шадид мебурданд. Ниқоб аз рӯи онҳо мебардоштанд ва барои чунин фаъолият онхо аз ҷониби душманони синфӣ таҳдид карда мешуданд. Аммо ҳокимияти шӯравӣ журналистонро ҳамеша дастгирӣ мекард, ҳимояшон менамуд. Дар шаҳодатномаи мухбирони ТАСС-и Осиёи миёнагӣ, масалан, ба ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ мурочиат карда мешуд, ки барои иҷрои муваффақонаи супоришҳои хизматиашон ба онҳо мадад расонданд.

Соли 1935 дар шӯъбаи тоҷикистонии ТАСС ҳамагӣ 10 кас кор мекард. Вале соли 1938 ТоҷикТА аллакай дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ, хатто колхозу корхонаҳои азим мухбирони худро дошт. Онҳо аз ҷумлаи кормандони ҳизбӣ, давлатӣ, мухбирони фаъоли коргару деҳқон хоста гирифта мешуданд. Комитетҳои шаҳрию ноҳиявии ҳизб чунин мухбиронро дар бюроҳои худ тасдик менамуданд. Баъд бо фармони роҳбари Агентии телеграфии Тоҷикистон ба кори доимӣ таъин мешуданд. Масалан, дар шаҳру ноҳияи ОрҷоникидзеободҲ.Хусейнов, Қӯргонтеппа -Н.С.Котов, Исфара -Султон Музаффаров, Ӯротеппа -И.В.Сибилов, Шулмак -Х.Қараев, Пахтаобод-Ҳ.Юлчиев, Шӯробод-Х.Содиков ба сифати мухбири ТочикТА кор мекарданд. Ҳамин тавр, ТоҷикТА дар ҳамаи шахру ноҳияҳо, беистисно, инчунин дар корхонаҳои рохи оҳан, кони нефти «Ким», совхози «Вахш» ва дигар муассисаҳо мухбирони худро дошт.

Соли 1925 ба ҷои Агентии телеграфии Русня (РОСТА) Агентии телеграфии Иттиҳоди шӯравӣ (ТАСС) таъсис ёфт, кн баъди истиклолияти хешро эълон намудани Федератсияи Русия холо бо номи ИТАР-ТАСС фаъолият дорад. ТАСС

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

органи расмии иттилоотии СССР буд. «Ба Агентии телеграфии Иттиҳоди шӯравӣ вазифаи дар тамоми Иттиҳоди шӯравӣ ва хориҷи он паҳн намудани ахбороти сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ҳамагуна дигар ахбороте, ки ба Игтиҳоди шӯравӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ дахл ва таваҷҷӯҳи умумӣ доранд, гузошта мешавад».

10 декабри соли 1971 бо қарори Шӯрои вазирони СССР ТАСС ба хадамоти иттифоқию ҷумҳуриявии иттилоотӣ табдил ёфта, ҳуқуки комитети давлатиро гирифт. Агентҳоителеграфии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ҳуқуқи комитетҳои давлатии шӯрои вазирони ҷумҳурихои иттифоқӣ молик шуданд. Ба ТАСС 14 агентиҳои телеграфии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тобеъ гардиданд: РАТАУ-Украина, БелТА-Белоруссия, УзТАГ- Ӯзбекистон, КазТА1'-Қазоқистон, Г рузинформ -Г урҷистон, Азеринформ -Озарбойҷон, Атем -Молдавия, ЭЛТА -Литва, Латинформ Латвия, КирТАГ-Қиргизистон. ТоҷикТА-Тоҷикистон, Арменпресс-Арманисгон, Туркменинформ- ТуркмманисТон, ЭТА-Эстония.

ТАСС яке аз бузургтарин агентиҳои иптшоотии ҷаҳон маҳсуб меёфг. Агентӣ бо кадрҳои баландихгисоси журналистӣ, техникаи ҳозиразамони электронӣ таъмин аст. Он дар 125 мамлакати ҷаҳон шӯъба ва мухбирони худро дошт. Ҳар рӯз аз телетайпҳои ТАСС 300-320 ахбори навтарин берун меомад, ки онро бештар аз 600 агентиҳои иттилоотии хориҷӣ. редаксияи рӯзномаю маҷаллаҳо, ширкатҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва тичора гии бештар аз 115 мамлакати чаҳон истифода мебурданд.

Рақамҳои зер ифодагари кору фаъолияти ин агнетӣ мебошад. Вай дар як шабонарӯз 2,5 миллион калима ё ки 10.000 варақи мошиннавис, ё ки 500-600 саҳифа мавод омода мекунад. ТАСС соле то 3 млн сураг тайёр мекард. Барои матбуоти хориҷӣ то 300 ҳазор сурат ирсол карда мешуд. Тавассути тақрибан 50 дастгоҳи радио барои 60 мамлакати ҷахон дар зарфи 800 соат ахбор дикта мегардид.

Дар омода сохтани ахбори оҷид ва су рат, чу н қисми таркибии ахбор ва суратҳои ТАСС, агентиҳои телеграфии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиходи шӯравӣ, аз ҷумла Агенгии телеграфии Тоҷикистон (ТоҷикТА) фаъолона иштирок менамуданд. Ахбори ТАСС ва ТоҷикТА тавассути хазорон рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои васеи телевизион ва радио ба тамоми олам аз дастовардҳои бузурги халқи шӯравӣ, аз чумла халқи тоҷик дар соҳаи **иқтисодиёт,** илму техника, дараҷаи зиндагонии мардум мужда мерасонид.

Барои бо техника муҷаҳҳаз гардидан ва хубтар шудани кори ҷамъоварӣ, коркард ва ба рӯзномаҳо, телевизиону радио расонидани ахбор ТоҷикТА марҳилаҳои зиёдро паси сар кардааст. Аввалҳо ахбори иттифоқӣ ва хориҷӣ, ки ТАСС тайёр мекарду мебоист рӯзномаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ чоп мекарданд, тавассути радио бо роҳи дикта аз Мɒсква ирсол мегардид. Баъдтар, яъне аз соли 1954 ингуна ахбор тавассути радиотелетайп қабул карда мешуд. Ахбори ТАСС аввал ба Тошканд ва аз он ҷо ба Сталинобод меомад, ки мушкилиҳо дошт.

Аз ин рӯ, соли 1959 байни Москва (ТАСС) ва Сталинобод (ТоҷикТА) алоқаи бевосигаи телетайпӣ барқарор гардид. Байни редаксияи рӯзномаҳои вилоятии вилояти Ленинобод ва вилояти худмухтори Кӯҳистони Бадахшон хати алоқаи телеграфӣ кашида, идораи ин рӯзномаҳо бо дастг оҳи телетайпӣ таъмин карда

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуданд. Дар дастгоҳи алоқаи ТоҷикТА ҳамтелетайпҳои нав насб ва байни агентиву телеграфи марказии Сталинобод хатҳои иловагии алоқа кашида шуданд.

Ба туфайли ин чорабиниҳо суръати ба редаксияи рӯзномаҳо, телевизиону радио расонидани ахбори ТоҷикТА ва маводи тарҷумашудаи ТАСС афзуд.

Коллективи кормандони агнетӣ бо назардошти он, ки ахбор пеш аз ҳама мавҳуми сиёсӣ асту одамонро ба бунёдкорӣ, эҷодкорӣ хидоят мекунад, аз вокеаю рӯйдодҳои сершуморн дар ҳаёти ҷамъиятӣ он ахбореро ба воситаҳои ахбори умумиҷумхурӣ, иттифоқӣ ва хориҷӣ ирсол менамуданд, ки аҳамияти ҷумхур1«шӣ, иттифоқӣ ва чахонӣ дошта бошад.

Инъикоси воқеаю рӯйдодҳо дар кору фаъолияти ТоҷикТА ба тафриқа (фарқ гузошган, дифференсиатсия) оварда шуда буд. Чунончи, як мавзӯъ, мавзӯи муҳими рӯз пайвастаю муттасил инъикос меёфт, мавзӯи дигар -дар мӯҳлати муайян. Баъзе мавзӯъҳо барои аксари рӯзномаҳо (махсусан рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятии ҳизбӣ), мавзӯъҳои дигар ганҳо барои рӯзномаҳои со.ҳавӣ (нашрияҳои ҷавонон, рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», «Газетаи муаллимон», «Пионери Точикистон», «Вечерний Душанбе», «Паёми Душанбе»), рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ пешкаш карда мешуданд.

Ахборро дар ТоҷикТА одатан ба х<анрхо таксимбандӣ менамоянд. Хроника (фишурдаи фармони Президенти ҷумҳурӣ оиди таъиноту аз вазифа озод намудани вазирон, раисони комитетҳои давлатӣ, сафирҳо ва гайра), ахбор, репортаж, мусоҳиба, лавҳа, ҳисобот аз маҷлису чаласаҳои гуногун. Ахбор масъалагузоранда, таҳлилӣ, ҷамъбастӣ, танқидӣ шуда метавонад. Ахбор аз ҷиҳати характер расмӣ, байналхалқӣ, иқтисодӣ, илмӣ, варзишӣ, ҳарбӣ, умуман дар бораи хамаи сохаҳои ҳаёти иҷтимой мешавад. Баъди истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии 'Тоҷикистон дар васоити ахбори умум ахбори расмӣ ё ки сиёсӣ, дипломатӣ мавқеи устувор пайдо кард.

Дар сохтори марказии ТоҷикТА шӯъбаҳои эчодӣ амал менамоянд, ки ба таълифи ахбори ҷамъиятию сиёсӣ, саноату сохтмон, хоҷагии қишлоқ, илму фарҳанг, суратгирӣ махсус гардонида шуданд. Бо ин роҳ ҷараёнитайёр кардани ахбор идора ва ба ганзим оварда мешавад. Зеро агар ин ҷараён танзим намешуд, он гоҳ таносуби ахбор аз рӯи мавзӯъ, жанр, миқдор, география хароб мегардид. Маҳз аз ин рӯ ба кор кадрҳое хоста гирифта мешаванд, ки соҳаро хуб донанд ё мутахассиси соҳа хастанд.

Ҷамъоварӣ, таҳлилу тавсиф, таҳрир ва ба рӯзкомаҳо, телевизиону радиои ҷумҳурӣ, муштариёнихориҷӣ расонвдани ахборро коллективи солими эҷодӣ, аҳлу тифоқи Агентии телеграфии Тоҷикистон бо сарбаландӣ ба ҷо меовард. Журналистон, кормандони инженерию техникӣ бо ҳисси баланди меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, ифтихори он ки ҷарчиёни комёбиҳои халқи худ мебошанд, пурмаҳсул кор мекарданд ва коллектив бо бисёрии онҳо ифтихор дошт. Махсусан собикадорони матбуот ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ сазовори эътирофу эътибор буданд ва ҳастанд. Журналистон Набиҷон Почоҷонов, О.Д.Соболев, Ҷ.М.Исҳоқов, Л.И.Окунов, Я.И.Налский, А.И.Немировский, З.Насриддинов, А.Расулов, Л.В. Никулина, Н.Каримов ва чанде дигарон солҳои тӯлонӣ дар ин даргоҳ кору фаъолият намудаанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Ойинаи ТочикТА». «Ойинаи ТоҷикТА» варақаи мусаввари ғашвиқотист, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Агентии телеграфии Тоҷикистон (ТоҷикТА) нашр мекард. Дар он доир ба воқеаҳои муҳимтарини рӯз, каҳрамонии аскарони советӣ дар фронт ва фидокории меҳнаткашон дар ақибгоҳ нақл карда мешуд. Нашри «Ойинаи ТочикТА» аз охирҳои соли 1941 оғоз ёфта, ҳафтае як бор мебаромад ва адади нашраш 500 нусха буд. Масалан, соли 1942 60 шумора баромад. Дар варақаҳое, ки бо сарлаҳаҳои «Лаккӣ ҳам душман аст», «Либосхои ғарм барои ҷанговарон», «Шаъну шараф ба қаҳрамонони Сталинград», «Ҳушёр бош», «Лаънат ба тартиботи нави фашистӣ дар Европа!» ва ғайра чоп шудаанд аз душманони гаддор -фашизми хонумонсӯз, аз бедодгариҳои он, муборизаи ҷасуронаи халқи советӣ барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани советӣ ҳикоя карда шудааст. «Ойинаи ТоҷикТА» дар ҳамаи шаҳрҳо, районҳо ва вилоятҳо паҳн ва дар ҷойҳои намоён ба деворҳо овехта мешуд. Дар он коррикатураҳо ва суратҳои бисёр дарҷ мегардид. Аксарияти муалифони «Ойинаи ТоҷикТА» адибон ва рассомони республика буданд.

5. Матбуоти даврӣ

Матбуоти ҷавонон дар ду рӯзнома **«Комсомоли Тоҷикистон» («Ҷавонони Тоҷикистон»)** ва **«Комсомолец Таджикистана»,** ки аз соли 1930 чоп мешаванд, инъикос ёфт. Рӯзномаи русиаш соли 1993 аз байн рафт. Ин рӯзномаҳо такрори ҳамдигар набуда, мустақилона нашр мешуданд.

Таъсиси **«Комсомоли Точикисгон»** аз қарори КМ ЛКСМ-и Тоҷикистон аз 25 марти соли 1930 вобаста буд, ки дар он аз чумла омадааст: «Бо назардошти нақши арзандаи оммаи комсомолон, бо мақсади тақвият бахшидани ин фаъолият, мутгаҳид кардани оммаи ҷавонони коргар, батрак, камбизоат ва миёнаҳол дар атрофи ташкилоти комсомолӣ ва кори тарбиявӣ дар асоси қарори бюрои комсомоли умумииттифоқ ва талаби ташкилотҳои комсомолӣ зарур дониста шавад, ки нашрияи КМ ЛКСМ Тоҷикистон ба забони маҳаллӣ таъсис дода шавад... Шумораи аввали он то 15 апрели соли ҷорӣ нашр гардад.

Дар воқеият шумораи аввали рӯзнома 5 апрели ҳамон сол нашр шуд ва муҳаррираш - Мақулшоев, мудири шӯъбаи КМ ЛКСМ, котиби масъул Е.Ализода буданд. Дар худи ҳамон сол Ализода муҳаррири он таъин шуд. Дар солҳои сиюм дар он М. Турсунзода, С.Улугзода,

Н.Почоҷонов кор кардаанд. Турсунзода аз кормандони фаъоли рӯзнома ва С. Улуғзода котиби масъули он буд. Дар он аз ҷумла мақолаҳои Турсунзода - «Ду коммунист», «Таълими умумии ибтидоӣ», ҳикояи «Кулфатзодагон» (ҳама дар соли 1931) чоп шудаанд.

Рӯзнома дар саҳифаҳои худ матолиби зиёди танқидӣ дошт ва ин чиз Зоиси гуфтугӯҳои зиёде мешуд. Масалан, КМ ЛКСМ Тоҷикистон 12 феврали солн 1938 «Дар бораи мақолаҳое, ки дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» аз 23 то 28 декабри соли 1937 чоп шудаанд, масъала мухокима карда онҳоро («Бо роҳи пештара», «Ба матбуоти комсомоли кадрҳои болшевикӣ») маъқул донист.

Нашрияи ҷавонон 5 майи соли 1939 дар бораи вазъияти худ навишта о>д: «Газетаи «Ко.мсомоли Тоҷикистон» дар айни замон зиёда аз 200 нафар мухбир ва мухбираҳо дорад, ки онҳо аз ҳар соҳа активона хабар ва маколахо навишта

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меистанд. Сафхои мухбирони мо нафақат меафзояд, балки аз байни онхо даххо журналистони ҷавон ва шоирони ҳаваскор тарбия гирифта, тайёр шуда баромада истодаанд. Масалан, мухбири пештараи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» рафиқ Ғафур Юлдошев муҳаррири газетаи райониИ Шаҳринав, Усмонҷон Зокиров ва Ҷўра Назарй котибони масъули газетаҳои вилоятии Бадахшон ва райониИ Конибодом шуда кор мекунанд.

Дар соли 1938 аз тарафи редаксияи газетаи «Комсомоли Т оҷикистон» 831 хабари мухбирон барои тафтиш кардан ба прократураи районй, райкомкомсомолҳо ва дигар ташкилотҳои районй фиристода шуда ба 631 хабар ҷавоб гирифта шуд».

«Комсомоли Тоҷикистон» аз ҷумлаи газетаҳоест, ки аз кору бори қаҳрамононаи ҷавонони шахру деҳоти республика ҳар рўз ба хонандагон хабар медод. Хизмати хуби рўзнома дар он буд, ки аз ин қаҳрамониҳо нақл намуда, кори саркардаи онҳоро то охир бурда мерасонд. Масалан, дар зарфи 50 соли охир номи яке аз фотеҳони водии Вахш С.Исоевро газета ҳазорҳо бор ёдовар мешавад. Охир, собиқ комсорги гурўҳ С.Исоев баъдтар чун ходими партиявию советӣ камол меёбад, зиёда аз чоряк аср вазифаи котиби комитети партиявии райони Колхозободро ба ҷо оварда, чандин даъват сокинони район ўро депутати Совети Олии республика интихоб мекунанд. Партия ва ҳукумат хизматҳои ўро ҳаматарафа қадр намуда, ба ў унвони олй -Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ медиханд. Газета дар симои С.Исоев, А.Самадов, М.Маҳмадалиев, Э.Бойматова, А.Розиков, Қ.Эшмамадов, М.Азизов, Р. Аслиддинов тақдири даҳҳо-садҳо нафар қаҳрамонони арсаи меҳнатро кушода додааст.

Ҳанўз аз рўзҳои аввали нашри худ газетаи комсомолону ҷавонони республика «Ҷавонони Тоҷикисгон» дар байни хонандагон мавқеи калон пайдо намуд. Дар рўзи яксолагии чоп шуда баромадани худ газета аллакай 405 мухбирони коргару деҳқони ҷавонро дошт, ки дар байни онҳо 10 нафар занону духтарон буданд. Дар байни мухбирон 45 нафар коргар, 40 деҳқони миёнахол, 80 дехқони камбағал, 53 косиб, 4 колхозчй, 138 нафар хизматчӣ буд.

Дар зарфи як сол тиражи газета аз 600 нусха ба 7 хазор расид. То 1 октябри соли 1930 вай обуначиёни худро надошт ва қисми зиёди он дар байни хонандагон пахн карда мешуд.

Аввалин трактор. аввалин самолёт, аввалин иншооту аввалин колхоз. Он солҳо дар кишвари зарнисори мо ҳама чиз аввалин буд. Мубориза барои истиқлолияти пахта, набарди фотехони аввалини водии Вахш бо дашти лабташнаю синабирён,мубориза барои забону адабиёти тоҷик ин хама дар саҳифаҳои матбуоти онрўза ҳаматарафа инъикос гардидаанд, ки барои насли имрўза аллакай ба сафҳаи таърих таҷдил ёфтаанд.

«Комсомоли Тоҷикистон» ҳамчун пропагандист. агитатор ва ташкилотчии коллективӣ дар ин муддат корҳои зиёдеро анчом дода, дар таърихи матбуоти тоҷик саҳифаҳои наву дурахшон илова кардааст. Дар саҳифаҳои газега, махсусан, ба мавзўи мусобиқаи сотсиалистӣ, ки мактаби тарбия ва қувваи пешбарандаи ҳар як коллекгив мебошад, аҳамияти калон дода мешавад. Бо ифтихор қайд кардан мумкин аст, ки бо ташаббуси газета бисёр намудҳои мусобикаҳои сотсиалистии

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

байни коллективҳо сурат гирифта, сабаби пеш аз мӯҳлат иҷро гардидани планҳои давлатии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ шуданд.

Ҷаридаи «Комсомоли Тоҷикистон» на танҳо дар таърихи матбуот, балки дар таърихи маданияти сотсиалистии халқи тоҷик чинори бузургест, ки дар атрофу акноф ва зери болу решаҳои бешумори тавонои он дигар намудхо ва жанрҳои маданияти маънавии мо, адабиёт, санъат, матбуот, илм ва тарзи нави зиндагӣ ба вуҷуд омада, равнақ ёфтаанд.

Чун иттифоқи нависандагон ҳанӯз ташкил нашуда буд, рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» тақдири адабиётро ба даст ва кор бурдан бо навқаламонро ба зиммаи худ гирифта буд. Ходимони адабии рӯзнома шеърҳои хоми навқаламонро таҳрир мекарданд, ба чоп мерасонданд. Газета, махсусан, дар чопи чунин жанрҳо- очерку фелетон кори зиёде ба иҷро расонд.

Аксарияти нависандагону шоирони советии тоҷик бо сардории Мирзо Турсунзода онҳое мебошанд, ки дар охири солҳои бистуму нбтидои сиюм бо шеърҳои аввалин ба мактаби шоирии худ рӯзномаи ҷавонон бо умеди калоне қадам ниҳоданд ва дар оғӯши он тарбия ёфта, ба воя расиданд Қатъи назар аз он ки шумораи рӯзномаҳо ва журналхои адабй дар республика меафзояд, кори иттифоқҳои эҷодй рӯз ба рӯз равнақу ривоҷ меёбад, рӯзномаи дӯстдоштаи ҷавонон, ки «Комсомоли Точикистон» ном дошг, кори бошарафи худро бо ходимони адабиёту санъат чун ҳамеша соҳаи муҳим дониста, давом дод.

Аз ин ҷост, ки Президиуми Советии Олии СССР аз 31 январи соли 1980 газетаи «Комсомоли Тоҷикистон»-ро барои тарбияи коммуннстии чавонон, ташкили онхо баҳри иҷрои вазифаҳои сохтмони хочагӣ ва мгданӣ бо ордени «Нишони фахрӣ» мукофотонид.

Рӯзноманиғор -муҳаккиқ Хуршеди Атовулло бахшида ба 70- солагии нашри «Комсомоли Тоҷикистон» китобе таҳти унвони «'Пайванди пайкараҳо» соли 2000-ум ба дасти чоп дода, роҳи пуршарафи тайнамудаи рӯзномаро дар давоми ин солҳо хеле ҷолиб ба қалам додааст. Дар пешгуфтори он Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон профессор И.У смонов навиштааст: «Китоби Хуршед касро бедор мекунад, на он белоркуние, ки замоне бо ҳарос сӯяш менигаристагӣ шуда будем. На! Балки бо зикри М.Турсунзода, С.Улугзода, Ф.Муҳаммадиев, Лоик барин бузургонамон, ба зикри Т.Улҷабоев, А.Зокир, Б.Муртазоев, И.Файзуллоев, М.Ҳакимова барин қаламкашон моро бедор ба худшиносии миллй мекунад, моро рӯҳу равоне барои шинохти тоҷикият медиҳад».

«Пионери Тоҷикистон». Гурӯҳҳои аввалини ташкилоти Умумииттифокии пионери республикаи мо соли 1924 ташкил ёфт. Баъди 8 сол, яъне соли 1932 барои пионерону наврасон газетаи махсус «Пионери Тоҷикистон» чоп шуда баромад. То соли 1952, яъне дар давоми 20 сол «Пионери Тоҷикистон» ягона дар республика нашри махсус барои бачаҳо ҳисоб меёфт. Газетаи бачаҳо аз рӯзҳои аввалини мавҷудияташ дар саҳифаҳои худ аз ҳаёти пионерон, бародару хоҳарони хурдакаки онҳо ба хонандагон нақл менамуд.

Қобили қайд аст, ки «Пионери Тоҷикистон» аз рӯзҳои аввал аз шаҳру деҳот, комсомолону ҷавонон, пионерону мактаббачаҳо мактубҳои зиёд мегирифт. Онҳо хабар медоданд, ки онҳо худашон, рафиқону ҳамсинфонашон бар зидди бесаводӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мубориза мебаранд. «Дар оилаи мо бесаводон нестанд», «Ба бесаводй мубориза мебарем», «Ҳама саводнок мешавем!» - тахти ин сарлавҳаю рубрикаҳо солҳои аввалини мавҷудияташ дар газета хабару мақолаҳоро мутолиа кардан мумкин аст. Дар он солҳо пионерон ёрдамчии ҳақиқии калонсолон ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, пурмаҳсул меҳнат мекарданд. Танҳо дар ин ҷо хотирнишон кардани номи пионерка Мамлакат Наҳангова кифоя аст. Пионери ёздаҳсола ба ивази меҳнати пурсамараш дап чамъоварии «тиллои сафед» ба гирифтани мукофоти олии мамлакат -ордени Ленин сазовор гашт.

Ҳамин тавр, пионер Абдулло Усмонов аз колхози «Коммунист» райони Конибодом дар сохтмони Канали Калони Фаргона фаъолона иштирок намуда, ба гирифтани мукофоти ҳукуматй ноил гардид. Соли 1941 вақте ки дар Маскав Даҳаи адабиёг ва санъати тоҷик мегузашт, 34 нафар пионерони ҷумхурӣ дар он иштирок доштанд.

Вақте ки фашистони немис ба хоки Ватани мо аҳдшиканона ҳуҷум оварданд, пионерону мактаббачаҳо дар сари дастгоҳи заводу фабрикаҳо, саҳрою фермахои колхозию совхозӣ ҷои падарон, бародарони ба фронт рафтаи худро ишгол намуда, онҳо чун калонсолон меҳнат карданд ва бо ҳамин рӯзи галабаро то метавонистанд наздик оварданд. Дар ин муддат зиёда аз 400 ҳазор мактаббачагони республика дар саҳроҳои колхозӣ бештар аз 200 ҳазор рӯзи меҳнат кор карданд. Пионерон 230 тонна оҳанпора ҷамъ оварда, барои ҷанговарон 280 ҳазор ҷуфт ҷӯробҳои пашмин тайёр карда. ба фронт фиристоданд. Газетаи дӯстдоштаи мактаббачагону пионерон дар сахифаҳои худ рафти ҳамаи ин корҳои некро инъикос карда. онхоро дастраси дигарон менамуд. Дар колхози ба номи Фрунзе, райони Регар, тахти рохбарии Турсуналй Маткозимов наҳустин дар республика звенои пахтакории пионери таъсис ёфт. 1 марти соли 1948 бо Укази Президиуми Совеги Олии СССР ба Турсуналӣ Матқозимов унвони олй -Қаҳрамони Мехнати Сотсиалистӣ дода шуд. Имруз рӯзнома таҳти унвони «Анбоз» чоп мешавад.

Ҳаракати мухбирони коргару деҳқон. Дар солҳои сиюми асри ХХ харакати мухбирони коргару деҳқон хеле боло рафт. Дар ин солхо газетахои районй ҳамчун яроқи бурро ва тавоно барои ба амал баровардани нақшаҳои бунёдкории давлату ҳукумат, бунёди ҷомеаи нав, тарбияи меҳнатдӯстй, баланд бардоштани савияи мадании меҳнаткашон роли калон бозиданд. Газетаҳои районӣ асосан ба хабар ва мактубҳои мухбирони коргару деҳқон такя менамуданд.

Яке аз хусусиятҳои хоси матбуоти шӯравӣ такяи он ба ҳаракати мухбирони коргару деҳкон, дар давраи аввал ба аскарони сурх будааст. Барои инкишофи ин ҳаракат талабҳои қатъии ҳизб, ки дар қарорҳояш «Дар бораи ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (1 июни соли 1925), «Вазифаҳои навбатии партия дар соҳаи ҳаракати мухбирони коргару дехкон» (27 агусти соли 1926), «Дар бораи азнавсозии ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (16 апрели соли 1931) ва гайра ифода ёфтаанд, нақши мубрам доранд.

Дар миёнаи соли 1931 дар якчанд ноҳияҳо конференсияи мухбирон ва дар Сталинобод анҷумани якуми мухбирони коргару деҳқон даъват карда шуд. Ба ҳамин тариқ, соли 1931 пеш аз анҷумани якуми мухбирони коргару дехқони Тоҷикистон дар районхои республика коиференсияҳои мухбирон барпо гардид.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар он конференсияҳо қариб 5500 нафар намоянда аз мухбирон, коргарон, колхозчиёни пешқадам, муаллимон, хизматчиён, коркунони партиявӣ, советӣ, хоҷагӣ ва маданӣ иштирок лоштанд. Ин конференсияҳо ба анҷумани якуми республикавии мухбирони коргару деҳқон вакилон интихоб намуданд.

Анчумани якуми мухбирони коргару деҳқон моҳи сентябри соли 193: дар Сталинобод барпо гардид. Дар он 285 нафар вакилон: ва рохбарони матбуоти вақт Ҳамид Обид, Қосим Дайламӣ, Барот Забирзода, Ҳамид Зарифӣ, Набӣ Фахрӣ, Қодир Наимӣ, Мухаммадҷон Рахимӣ, Аббос Иброҳимов, Набиҷон Почоҷонов, Нуриддин Пиримқулов ва дигарон иштирок намуданд.

Анчумани якуми мухбирони коргару деҳқони Тоҷикистон дар бораи зазифахои навбатии рӯзноманигорон ва роли матбуот маърӯзаи Шнриншох Шотемурро шунид. Анҷуман инчунин маърӯзаҳои кухаррирони газетаҳои республикавӣ, маърӯзаҳои инспексияи коргару лехкон (РКИ) ва прокурори Тоҷикистонро дар бораи мустаҳкам камудани алоқаи мухбирони коргару деҳқон шунида, доир ба ин масъалахо карорҳои дахлдор қабул намуд ва вазифаҳои навбатии мухбирони коргару дехқони республикаро муайян намуд. Анҷуман корҳои шуъбаи оммавии рӯзномаҳоро сахт танкид карда, қайд намуд, ки дар оянда ба фаъолияти шӯъбаҳои оммавии редаксияҳо диққати ҷиддӣ дода, ба мухбирони коргару деҳқон ҳаматарафа ёрӣ расонда шавад.

26-29 августи соли 1935 анҷумани дуюми мухбирони коргару деҳқони Тоҷикистон баргузор шуд ва дар он муҳаррирони рӯзномаҳои марказии ҳизбӣ - А.Гдуховский, И.Баҳромӣ ва К.Терегулов сухан ронда, вазифаҳои матбуот ва мухбиронро вобаста ба муҳимтарин воқеаҳои замон, муборизаи бунёдкоронаи халқи тоҷик муайян намуданд.

Сарфи назар аз он, ки матбуот дар чӣ намуд ва кадом тираж нашр мешуд, он вазифаи аввалиндараҷаи худро дар татбики сиёсати давлат медид. Инкишофи саноат яке аз он вазифаҳо буд. Дар Тоҷикистон мебоист саноати пахта ва равган мисли пештара тараққӣ кунад, дар баробари ин асоси саноати вазнин бунёд карда шавад. Бо ин мақсад инкишофи саноати сӯзишворӣ ва металлҳои ранга, махсусан азнавсозии шахтаи Шӯроб, ҷустуҷӯи нафт, тараққии саноати химия, аз ҷумла, сохтмони комбинати химия дар Ленинобод пешбинӣ шуда буд. Дар солҳои сиюм сохта ба истифода додани комбинати шоҳибофии Хуҷанд ва фабрикаи шоҳибофии Душанбе, ГЭС-и Варзоб, кони Қаромазор, заводи чарм ба назар гирифта шуда буд. Дар бисёр хабару мақолаҳое, ки дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» доир ба ин соҳа бахшида шудаанд, аз рафти ичрои ин нақшаҳои хабар дода мешуданд. Газета аз фаъолияти коргарон, муассисаҳо ва сохтмонҳои саноатӣ доимо ба таври мароқангез ҳикоят менамуд. Мухбирон бо бригадаҳои махсус ба сохтмонҳои зарбдор мерафтанд. «Меҳнатро ба тариқи болшевикона ташкил намоем», «Стахановчиёни гоҷик» планро 200 фоиз ичро мекунанд!»- чунин буд лавҳаву рубрикаҳои бешумори газета, ки зери он аз ҳаёти коргарони муассисаҳои саноатии тоҷик сухан мерафт. Г азета бо сарлавҳаи «Имрӯз аз мо чӣ талаб мекунад?» сармақола чоп карда, дар он ривоҷи саноати миллиро яке аз вазифаҳои мухимтарин меномад. Рӯзнома шумора ба шумора дар хусуси муассисаҳои саноатии республика ҳикоят намуда, хонандагонро аз нахустин комёбию бозёфтҳо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хабардор менамуд. «Дар корхонаи пиллакашии Сталинобод», «Сохтмони заводи чарм», «Вазъият дар ГЭС-и Варзоб» ва гайра аз ҷумлаи чунин маколаҳо мебошанд. Аз аввали соли 1931 газета рубрикаи «Панҷсола- дар чор сол» ташкил мекунад, ки аксари материалхои он ба мавзӯи саноат бахшида мешаванд. Илова бар ин газета дар ин иншоотҳо ва дигар муассисаҳои саноатӣ бисёр мухбирони ғайриштатӣ дошт. Хабару маколаҳои онҳо зери рубрикаҳои «Дар сохтмони Вахшстрой», «Стахановчиёни тоҷик», «Дар сохтмони Варзоб -ГЭС», «Аз индустрикунонии республика» чоп мешуданд. Аз ин хабару мақолаҳо ба хубӣ донистан мумкин аст, ки вазъияти сохтмон ва рафти кор дар заводи механикии Душанбе, заводи трактортаъмиркунии Қӯргонтеппа, комбинати консерви Хуҷанд, ташкили мусобиқа дар заводи пахтаи Душанбе чӣ гуна аст.

Дар ин хабару мақолаҳо тайёр кардани қувваи корӣ барои саноати бунёдшаванда ва тараққикунанда ба пеш гузошта мешавад. «Саноатро бе қувваи корӣ тараққӣ додан мумкин нест. Барои он ки саноати республикаамон тараққӣ ёбад, онро бо қувваи корӣ таъмин бояд кард», мехонем дар яке аз сармақолаҳои газета. Маҳз дар хамин давра дар саҳифаҳои «Тоҷикистони Сурх» мавод оид ба саноат ва пешрафту тараққиёти он яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд.

Дар даврае, ки дар мамлакат таҳкурсии сотсиализм гузошта мешуд, «Тоҷикистони Сурх» барои ба амал баровардани нишондодҳои асосии партия оид ба коллективонии хоҷагии қишлоқ ҳаматарафа мубориза мебурд. Дар бисёр хабару мақолаҳо бартарии меҳнати коллективӣ ва фоидаи он бо факту рақамҳо ва далелҳои боварибахш нишон дода мешуд. Оид ба хоҷагиҳои пешқадам ва одамони он саҳифаҳо ташкил медод. Масалан, шумораи 25 феврали соли 1925 бо сарлавҳаи умумии «Саломи колхозӣ ба зарбдорон -муборизаи истиқлолияти пахтагии СССР» кушода мешавад. Дар ин шумора суратҳо ва мақолаҳои колхозчиёни пешқадам чоп шудаанд. Журналист ва нависанда Алихуш Муҳаммадзода дар «Шуҷои номдор» ном очеркаш аз ҳаёти яке аз зарбдорони саҳроҳои колхозӣ ҳикоя мекунад.

Хулосаи мантиқии мақолоти ин саҳифа иборат аз он аст, ки пахта шарафи республикаи мост. Истеҳсоли онро аз ҳар ҷиҳат тараққӣ додан вазифаи ҳаётии ҳар як деҳқони тоҷик аст. зеро то мамлакати мо талаботи рӯзафзуни худро аз пахта таъмин накунад, ба амал баровардани мақсадҳои нек дар ҷомеа аз имкон берун аст.

Дар арафаи съезд колхозчиёни зарбдор, ки соли 1935 шуда гузашт, газета бисёр саҳифаҳои худро ба тасвири корнамоиҳои меҳнатии пешқадамони истеҳсолоти колхозию совхозӣ бахшид. Ин саҳифаҳо «Сухан ба одамони машҳур» номида мешуд, ки дар байни чунин одамон Аҳмадбой Қушназаров, Бобо Турдибоев барин деҳконони соҳибкору меҳнатдӯст буданд, ки дар саҳифаҳои газета аз таҷрибаи деҳқонии худ хикоят менамуданд.

Соли 1938 дар республика бо номи **«Агитатори Тоҷикистон» -** журнали КМ ПК Тоҷикистон аз чоп баромад. Ин нашрия аввал «Блокноти агитатор» ном дошта, то соли 1939 чоп гардид. Аз октябри соли 1973 то январи соли 1975 мохе дар ҳачми 1,5 ҷузъи чопӣ нашр шуда, аз январи соли 1975 номи «Агитатори Точикистон»-ро ба худ гирифт. Маҷаллаи «Агитатори Т оҷикистон» монанди

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тожикистон», дар ин давра аз таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадам, участкаҳо ва бригадаҳои алоҳида дар бобати ба даст овардани ҳосили зироат, пеш аз хама пахта, маҳсулоти чорво ва саршумори он нақл менамуданд. Деҳқонон дар хусуси он низ нақл мекарданд, ки хоҷагиҳоро чи хел мустаҳкам намудан, истеҳсоли пахтаро зиёд кардан мумкин аст. Онхо бо таҷрибаи худ бартарии бузурги хоҷагиҳои коллективиро бар хоҷагиҳои яккадастии деҳқонӣ бо мисолхо исбот менамуданд. Дар ин баромадҳо нишон дода мешуд, ки техникаи нави хоҷагии кишлоқто чӣ андоза меҳнати деҳқононро сабук менамояд.

Дар ташвиқу тарбияи ҳамаи ин корҳои нек отряди калони мухбирони деҳқон фаъолона иштирок доштанд. Дар солҳои панҷсолаи якум газетаҳои республикавӣ -«Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тоҷикистон» тавонистанд, гурӯҳи калони мухбирони коргару деҳқонро тарбия намоянд. Ин мухбирони нав дар бобати рафти амалӣ гардидани накшаҳои бунёдкоронаи давлату ҳукумат ҳиссаи калон мегузошт. Аз ин ҷост, ки соли 1933 рӯзи матбуот дар саҳифаҳои газетаҳои номбаршуда ба таври васеъ қайд карда шуд. Масалан, газетаи «Коммунист Таджикистан» 29 апрели соли 1933 таҳти унвони «Пеш аз мӯҳлат тамом кардани кишт -вазифаи ҳар як мухбири коргару деҳкон» баромад намуд. Дар ин баромад газета ҳар як мухбирро даъват намуд, ки аз рафти киштукори баҳорӣ, хусусан, кишти пахта, бештар хабару макола нависанд. Худи ҳамон солҳо дар назди газетаҳои «Ударник Вахшстрой», «Ҳақиқати Кӯлоб», «Болшевики Конибодом» барои мухбирони коргару деҳқон кружокҳо, семинарҳо, гузаронида, пунктҳои консултатсионӣ амал мекарданд.

Солҳои сиюм дар Тоҷикистон солҳои корнамоиҳои бузург, солҳои фатҳи заминҳои асрҳои аср бекорхобидаи Вахшу Кӯлоб, Ҳисору Фаргона буд. Ҳазорон-ҳазор меҳнаткашон ихтиёран ба хашарҳои каналковӣ мерафтанд, каналҳои калони Фаргона ва Ҳисорро мекандаанд. Водии Вахшро обшору ободмекарданд. Дар ин муддат даҳҳо кормандон ва мухбирони «Тоҷикистони Сурх» бригадаҳои махсус мураттаб карда, ба сафи пеши мубориза барои ҳаёти нав мешитобиданд. Онҳо аз сохтмонҳои зарбдор, аз саҳроҳои колхозӣ хабару мақола менавиштанд. Анъанаи ташкил кардани бригадаҳои мухбирӣ минбаъд ҳам идома ёфт. Масалан, дар сохтмони канали калони Фаргона Набӣ Фахрӣ, Эргаш Мӯҳсинзода барин мухбирони газета ишгирок намуда, репортажҳо чоп карданд. Дар моҳҳои январ-феврал Ҳаким Карим ва Ҷалол Икромӣ аз сохтмони канали калони Фарғона як силсила очеркҳо навиштанд ва онҳоро вараке аз умри бобаракати созандагони ин иншооти бузург номидан мумкин аст.

Бо даъвати давлату ҳукумат дар он солхои бунёдкорӣ -гурӯҳи калони деҳқононии водии Фаргона ва районҳои шимолии республика ихтиёран ба водии Вахш омада, ба обшор ва ободкунии ин дашти синабирён камар бастанд. Онҳо нафакат худашон мардона меҳнат мекарданд, балки дӯстон ва шиносҳои худро даъват мекарданд, ки аз ин кори хайр дар канор намонанд. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» ҳамчун минбари пешқадамон дар ин кори наҷибона ба онхо ёрӣ мерасонд.

Ба гулистон табдил додани дашти сӯзон, ба душвориҳои табиат мардона тоб оварда меҳнат кардани деҳқонон, рӯз ба рӯз обод шудани манзили муҳоҷирон ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

беҳтар шудани аҳволи зиндагии маишии онон хаминҳо буданд мавзўъҳои навиштаҷоти муаллифони матбуот.

Солҳои сиюм нафақат давраи тараққии хоҷагии қишлоқ ва саноати республика, балки инчунин давраи инкишофи маданият ҳам буд. Ҳамин маъниро таъкид кардаий шуда, 5 ноябри соли 1933 «Тоҷикистони Сурх» менависад: «Ҳоло мебинем, ки дар ҳар гўшаи Тоҷикистон клуб, кино, радио, мактаб ва дигар гўшаҳои маданияти шаклан миллӣ ва мазмунан иҷтимой хизмат менамояд».

«Барои адабиёти сотсиалистӣ» (БАС), журнали ҳармохаи адабии нависандагони Тоҷикистон, ки аз августи соли 1932 то октябри соли 1937 мебаромад. Барои нашри «БАС» журнали «Роҳбари дониш» (1927- 32) замина ба вучуд оварда буд. Шумораи якуми «БАС» 1 августи соли 1932 аз чоп баромад, ки дар ҳайати таҳририяи он аз адибони тоҷик

А.Лоҳутӣ, С.Айнӣ, С-.Улугзода, Б.Азизӣ, Р.Абдулло ва дигарон дохил буданд. Дар шумораи нахустини «БАС» манзумаи П.Сулаймонӣ «Ба миллитаристони Япония», мақолаи Ғ.Абдулло «Барои танқиди болшевикона» ва шеъру мақолаҳои дигар нависандагони тоҷик чоп шуда буданд. «БАС» аз соли 1938 унвони «Шарқи сурх»-ро гирифт. Аз аввали солхои хафтодум ба номи «Садои Шарқ» мебарояд. «БАС» -барои инкишофи адабиёти советии тоҷик, муттаҳид намудани адибони республика воситаи муҳим гардид. Дар тамои давраи фаъолияташ маҷалла минбари боътимоди адибони тоҷик буд. Нақши калами бузургони адабиёт ва эҷодкорони навмашки тоҷик, намунаи асарҳои адибони кариб тамоми дунё дар он ҷои худро ёфтааст. Маҷалла хамкадами замон ва хамсадои он буд ва ин вазифахоро бо асархои адабӣ, адабиётшиносона, бахсҳои илмн ва эҷодӣ ва осори публисистӣ иҷро мекунад.

«Инқилоби маданӣ» -маҷаллаи ҳармоҳаи сиёсиву иҷтимой, педагогиву методии комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон **буд.** Аз соли 1931 нашр мешавад. Моҳи октябри соли 1937 (№81) **бо** номи «Революцияи маданӣ» баромад ва аз шумораи 95 (январи 1939) номи «Мактаби Советӣ»-ро гирифт. Дар солҳои чанг чоп нашудааст.

Кормандони асосӣ Л.Бузургзода, Б.Сирус, А.Баҳоваддинов,

О.Шукуров, Х.Мирзозода, А.Мирзоев, Н.Масъумӣ, Суҳайлӣ.

«Барои коллективӣ», газета органи КМ ВКП (б) Тоҷикистон ва Комитети Марказии иттифоки камбағалони Тоҷикистон буд. Газета аз соли 1930то 1934ҳафтае5 борботиражи 10300нусхабазабонитоҷикӣ чоп мешуд. Соли 1934 чопаш қатъ гардид.

«Барои коллективӣ ва камсаводон», газета органи Комиссариати зироат ва«Колхозцентр»-иТоҷикистон буд. Газета азянвари 1930 моҳе 6 маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешуд. Соли 1932 чопаш қатъ гардид.

Нашрияхои МТС. Чун дар тамоми мамлакат дар Тоҷикистон ҳам солҳои сиюм шўъбаҳои сиёсии МТС-ҳо (Машина-тракторные станции- Марказҳои мошину трактор) нашриёти худро ташкил карданд. Аввалин газетаи сертиражи шўъбаи сиёсӣ «Бо роҳи Ленин» 3 августи соли 1933 дар МТС-и Хуҷанд нашр шуда буд. Баъди ин газетаҳои шўъбаҳои сиёсии МТС-и Нов «Сталин йўлӣ», МТС-и Арал «Политотделчӣ», МТС-и Конибодом «Барои роҳи Сталин», МТС-и Регар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Пахтакор», МТС-и Шаҳритус «Колхозчӣ», МТС-и Кӯлоб «Колхозчии зарбдор» ва гайра чоп шуданд. Дар ибтидои соли 1934 дар республика 10 газетаи шӯъбаҳои сиёсии МТС-ҳо мавҷуд буд ва онҳо дар байни аҳолии қишлоқҳои Тоҷикистон обрӯю эътибори калон пайдо карданд, зеро онҳо ба гурӯҳи сершумори мухбирони деҳот такя менамуданд.

Газетаҳои шӯъбаҳои сиёсии МТС-ҳои республика дар бобати аз ҷиҳати ташкилию ҳоҷагӣ мустаҳкам кардани колхозу совхозҳо кори бузургро вусъат дода, бар зидди саботажкунандагони тадбирҳои партия ва ҳукумат оид ба тайёр кардани пахта ва маҳсулоти чорво дар колхозҳо, ба муқобили торочгарони моликияти колхозӣ ва вайронкунандагони роҳи давлату ҳукумат муборизаи беамон дмебурданд.

Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ дар атрофи редаксияи газетаҳои «Бо роҳи Ленин», «Политотделчӣ», «Барои рохи Сталин», «Сталин йӯлӣ» шумораи зиёди мухбирони қишлоқ ҷамъ омаданд. Масалан, газетаи шуъбаи сиёсии МТС-и Конибодом «Барои роҳи Сталин» моҳи декабри соли 1933 аз чоп баромад ва дере нагузашта дар атрофи он 141 нафар мухбирони қишлоқ гирд омаданд. Бо ёрии бевоситаи газета дар 38 колхоз ва 450 бригада газетаи деворӣ ташкил карда, 4 маротиба слёти мухбирони кишлок барпо гардид.

Газета дар якҷоягӣ бо коркунони газетаи «Саворагони сабук» 21 бригадаи азназаргузаронӣ ташкил карда, дар колхозҳо сифати кори байни қаторҳои пахта, обёрӣ, нашъунамо ва ягонакунии онро санҷид. Одатан дар рӯзҳои кишт бошад, редаксияҳои сайёр ташкил дода мешуд, ки онҳо бевосита дар махалҳо шуда, аз ҳаёти мардуми деҳот хабару макола менавиштанд. Бригадаи сайёри редаксияи газетаи «Барои роҳи Сталин» дар участкаҳои Ниёзбек ва Махрами райони Конибодом варақаҳои махсус бароварда. Дар чунин варақахо дар баробари хабару мақолаҳои таърифӣ. инчунин камбудихои кори колхоз ва участкаҳои ақибмонда зери танқиди сахт гирифта мешуд.

Газетаҳои вилоятӣ барои боз ҳам пурмазмун гардидану бехтар шудани сифати чопи газетаҳои районӣ ҳаматарафа ёрӣ мерасониданд. Бо даъвати газетаи «Правда» онҳо газетаҳои райониро ба шефӣ гирифта, беҳтарин коркунони худро ба районҳо мефиристониданд. Барои ҳамаи газетаҳои миллӣ «Правда» намунаи ибрат буд. Дар сахифаҳои он хулосаи газетаҳои махаллӣ чоп карда, бурду бохти онҳо зикр гардида, роҳи камбудихо нишон дода мешуданд. Ҳамин тавр, дар пайравии «Правда» газетаҳои «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана» қариб ҳар моҳ фаъолияти газетаҳои районӣ, шаҳрӣ. вилоятиро хулоса карда, дар саҳифаҳои худ чоп менамуданд. Онҳо барои коркунони газетаҳои районию шаҳрӣ мактабҳои ҳақиқии омӯзиши маҳорати журналистӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар натиҷа дараҷаи идеявию назариявии материалҳо баланд гардида, дар сахифаҳои матбуоти маҳаллӣ жанрҳои гуногуни матбуот пайдо шуда, таъсирнокии онҳо рӯз то рӯз баландтар мегардид.

Баробари зиёд шудани рӯзномаҳои ноҳиявӣ матбуоти даврагии поёнӣ, аз ҷумла, шумораи газетаҳои бисёртиражаю деворӣ ва ҳар гуна плакатҳо меафзуд. Л1-ар соли 1930 шумораи газетаҳои деворӣ 670 ададро ташкил дихад, пас баъди ду сол шумораи онҳо бештар аз 1500 ададро ташкил медод. Дар натиҷаи зиёд

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шудани шумораи газетаҳои районӣ, газетаҳои шӯъбаҳои сиёсӣ, колхозӣ ва махсусан афзудани газетаҳои деворӣ дар байни аҳолӣ шаклҳои гуногун ва пуртаъсири оммавию сиёсӣ ва тарбиявӣ пеш бурда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки газетаҳои шӯъбаҳои сиёсӣ ба инкишофи матбуоти колхозӣ мусоидат намуданд. Бо ташаббуси редаксияи газетаи «Бо роҳи Ленин» дар ибтидои соли 1934 аввалин дар Осиёи Миёна газетаҳои бисёртиражаи колхозӣ дар колхозҳои районҳои Хуҷанд ташкил карда шуданд. Инҳо газетаҳои бисёртиражаи «Болшевик» дар колхози «Болшевик», «Ғалаба» дар колхози «Коминтерн», «Барои пахта» дар колхози ба номи Фрунзе, «Ҳаёти нав» дар колхози «Москва» ва гайраҳо буданд.

Ҳарчанд газетахои шӯъбаҳои сиёсӣ муддати мадид чоп нашуданд, вале дар давраи ду соли мавҷудияташон (1933-1934) ба комёбиҳои калон ноил шуданд. Онҳо алоқаро бо оммаи васеи аҳолӣ, пеш аз ҳама мухбирони коргару деҳқон мустаҳкам на.муда, шаклҳои гуногун ва пуртаъсири кори байни мехнаткашонро истифода бурда, бо ҳамин дар сохтмони ҷамъияти нав ҳисса мегу зоштанд. Агар 8 газетаи республикавӣ дар ибтидои панҷсолаи дуюм 1250 нафар мухбирони коргару деҳқон дошта бошанд, пас дар охири соли 1935 шумораи онҳо қариб ба 5,5 ҳазор нафар расид...

Дар ин давра дар баробари газетаҳо шумораи зиёди журналҳо низ нашр мегашт. Барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ онҳо ҳиссаи калон мегузоштанд. Чунин журналҳо, ба монанди «Ба ёрии коркуни партиявӣ» (органи КМ ПК (б) Тоҷикистон), «Барои истиклолияти пахта», «Бо роҳи Ленинӣ», (журнали сиёсӣ-оммавию бадеии расмдор), «Васияти Ленин» (журнали вазорати маорифи республика), «Мактаби Совегӣ», «Мушфиқӣ» (иловаи газетаи «Овози тоҷик»), «Роҳбари дониш», «Хоҷагии молиявии Т оҷикистон» ва гайраҳо чоп мегардиданд, ки ҳар яки онҳо соҳаҳои гуногуни кор ва зиндагонии меҳнаткашони республикаро инъикос менамуданд.

1 ноябри соли 1934 бюрои КМ ПК (б) Тоҷикистон дар маҷлиси худ плани нашри газетаю журналхоро барои соли 1935 муҳокима намуда, чунин қарор кард:

1.Барои соли 1935 нашри газетаҳои зерин тасдиқ карда шавад: «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тоҷикистон», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Пионери Тоҷикистон», «Социалистический транспорт» (ба забони русӣ), «Аскари Сурх».

2.Газетаи «Барои коллективонӣ» бо газетаи «Тоҷикистони Сурх» газетаи «Колхозчӣ» бо газетаи «Қизил Тожикистон»» якчоя карда шавад.

3.Газетаи «Барои маорифи коммунистӣ» баста, чопи журнали «Инқилоби маданӣ» нигоҳ дошта, номи ӯ минбаъд «Ба ёрии муаллимон» номида шавад.

4.Газетаи «Барои нақлиёти сотсиалистӣ» (ба забони тоҷикӣ) баста шавад, ба ҷои он дар газетаҳои «Точикистони Сурх» ва «Қизил Тожикистон» бахшида ба масъалаи роҳу роҳсозӣ шӯъбаҳо ташкил дода шавад.

5.Журналҳои «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ва «Бо роҳи Ленин» баста, ба чои онхо журнали махсуси оммавӣ ташкил дода шавад.

6.Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо иттифоқи нависандагон нашри алманахи махсусро барои чопи асарҳои шоирону нависандагон ба роҳ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

монанд.

7.Ғайр аз нашри газегаҳо дар 23 район боз чопи газетаҳо, аз ҷумла, дар районҳои Ҳисор, Ҷиргатол, Ховалинг, Кангурт ба роҳ монда шавад.

Матбуоти миллӣ дар Тоҷикистон афзуда, оммаи васеи мехнаткашонро гирд оварда, баҳри иҷрои нақшаҳои бунёдкоронаи давлату ҳукумат ҳисса мегузошт. Дар атрофи газетаю журналҳо чунин публитсистони оташинсухан ба монанди С.Айнӣ, А.Лохутӣ, М.Турсунзода, А.Деҳотӣ, М.Миршакар, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил ҷа.мъ омада буданд.

Мавриди қайд аст, ки охири панҷсолаи якум ва ибтидои панҷсолаи дуюм (солҳои 1932-1933) солхои боз ҳам инкишофу пешрафти матбуоти давратий Тоҷикистон ба хисоб меравад. Соли 1933 дар республика 21 газетаи районӣ бо тиражи 28200 нусха, 11 нашрияи марказӣ бо тиражи 13000 нусха чоп мешуданд. Ҳамагӣ дар республика 43 газета бо тиражи яквақгаи 83 ҳазор нусха ва 4 газетаи бисёртиража ва кариб 500 газетаи деворӣ чоп мегардид. Такягоҳи асосии матбуоти даврагии республика ин мухбирони коргару деҳқон буданд, ки ибтидои панҷсолаи дуюм шумораи онҳо дар 8 газетаи республикавӣ бештар аз 1250 нафарро ташкил менамуд.

Дар солҳои 30-юм матбуоти даврагии тоҷик на танхо микдоран меафзояд, балки сифатан беҳтар мегардад. Дар ин давра хатти тоҷик аз ҳуруфоти арабӣ ба ҳуруфоти лотинӣ гзаронида мешавад. Ислоҳот дар соҳаи хати тоҷикӣ дар ҳаёти мадании республикаи Тоҷикистон вокеаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт.

Бо мақсади ҳаматарафа пропаганда намудани алифбои нав хамаи газетаҳое, ки бо ҳуруфоти арабӣ чоп мешуданд, барои омӯхтани ҳуруфи лотинӣ гушаҳои махсус таъсис доданд. Ҳаминро ҳам бояд қайд намуд, ки ҳуруфи лотинӣ бемубориза ҷорӣ намегашт, душманони сохти нави чамъиятӣ бо ҳар роҳ ба ин кор мамониат нишон медоданд.

Рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Коммунист Таджикистана», «Тоҷикисгони Сурх» ва «Қизил Тожикистон» зери лавҳаи «Барои иҷрои плани пахтасупорӣ походи умумитоҷикии мухбирони коргару деҳқон эълон мекунем», муроҷиатномаи вакилони анҷумани дуюми мухбирони коргару деҳқонро ба ҳамаи колхозчиён ва колхозчизанон, коргарон ва коргарзанони заводҳои пахтатозакунӣ ва совхозу МТС-ҳо чоп карданд.

Мухбирони фаъоли коргару деҳқони республика дар ин ҳуҷҷати муҳим тамоми меҳнаткашон, мухбирон ва пахтакоронро даъват намуданд. ки барои бомуваффақият иҷро кардани плани пахтасупорӣ ҳиссаи худро гузоранд. Онҳо ӯҳдадор шуданд, ки дар саҳифаҳои газета ва журналҳо ҳарчӣ бештар аз муваффақиятҳои хоҷагихои ташаббускору пешқадам, бригадаҳо, звеноҳо ва колхозчиёни алоҳида хабару маколаҳо менависанд. Дар ҳар як колхоз, бригада, пунктҳои пахтақабулкунӣ ва дигар ҷойҳо ташкил кардани газетаҳои девориро вакилони анҷуман вазифаи якумдараҷаи худ ҳисоб намуданд.

Бинобар он дар рӯзҳои ҷамъоварии пахта мухбирони деҳқони республика аз саҳроҳои пахтазор дар бораи муваффақиятҳои чинакчиёни пешқадам, бригада ва звеноҳо, колхозхо қариб ҳар рӯз хабарҳои нав мефиристоданд. Чунончи, газетаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Тоҷикистони Сурх» 3 октябри соли 1935 зери рубрикаи «Аз мактубхои мухбирони мо» хабархои мухбирон Н.Яъқубиро аз Ӯротеппа, Қ.Дӯстро аз Ҳисор, Б.Бобоевро аз Хучанд, Р.Аминҷоновро аз Сталинобод чоп кард. Дар онҳо аз хусуси комёбиҳои пахтакорон ба хонандагон хабар дода мешуд.

Аз ҷумла, яке аз аввалинҳо шуда рузномаи «Коммунист Таджикистана» хабари мухбир В.Астафеваро бо сарлавҳаи «Ҳамробибӣ Обилова дар як рӯз 145 кг пахта мечинад» пешкаши хонандагон гардонд. Дар ин хабар аз хусуси таҷрибаи пешқадами колхозчизани колхози ба номи Раҳимбоеви райони Куйбишев нақл карда мешуд.

Дере нагузашта дар сар то сари республика ин ташаббуси Ҳамробибӣ Обилова пайравони худро ёфт. КМ ПК (б) Тоҷикистон дар қарори ҳуд аз 28 октябри соли 1935 ин ташаббусро тарафдорӣ карда, тамоми коркунони матбуоти республикавӣ ва райониро ӯҳдадор кард, ки аз таҷрибаи Ҳамробибӣ Обилова ба хонандагон нақл намуда, бо ҳамин ҳаракати стахановчиён дастгирӣ карда шавад.

Охирҳои солҳои сиюм шумораи газетаҳою журналхо, дар навбати аввал газетаҳои районӣ афзуд. Баробари ин тиражи онҳо зиёд гашт. Аз ибтидои соли 1939 дар Тоҷикистон боз 5 газетаи вилоятӣ -«Стахановичи», «Стахановец» дар Ленинобод, «Ҳақиқати Ғарм», «Бадахшони Сурх», «Ҳакиқати Кӯлоб» чоп мегардид. Оп вақт дар республика 9 газетаи республикавӣ, 58 газетаи районӣ, 9 газетаи сертираж ва 4 журнал нашр карда мешуданд, ки тиражи умумии онҳо 266700 нусха буд. Дар соли 1940 бошад, дар Тоҷикистон 83 газета, 9 журнал ва як қагор дигар нашрияҳои даврагӣ мавҷуд буд.

Дар кишвар системаи маълумоти ибтидой, миёнаи махсус ва олӣ ба вучуд оварда шуд, санъату адабиёт ривоҷу равнақ ёфт. Дар пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқу мамлакат ҳиссаи матбуот хеле калон буд. Хулоса, матбуоти солҳои сиюмро матбуоти бунёдкорӣ метавон номид.

6. Радиои тоҷик

Радио хамчун системаи алока ва иртиботот аз замони ҷанги аввали ҷахон шинохта мешавад. Ихтирои он ба олими рус- Александр Попов тааллук дорад, ки у соли 1895 усули бе сим, бо ёрии мавҷхо аз як ҷо ба ҷойи дигар фиристодани ахборро кашф кард. Тадриҷан радиошунавонӣ ҳамчун як василаи оммавии интишори ахбори гуногун: сиёсӣ, иқтисодию иҷтимой, фарҳангӣ. маърифатӣ маъмул гардаш. Ибтидои солҳои бистуми асри бист радиошунавонӣ ба системаи ахбор табдил ёфт.

Дар Иттиходи Шӯравӣ радиошунавонии мунтаза.м аз мохп ноябри соли 1924 оғоз гардида, мусиқӣ, ахбор ва радиогазетахо аз аввалин барномаҳои радиоӣ маҳсуб мешаванд. Нахустин радиорепортаж .7 ноябри соли 1925 аз Майдони Сурхи Маскав, аз тантанаҳои ҷашни Октябр садо дод. Нахустин нашри радаогазета («Правда Востока») моҳи январи соли 1927 дар Тошканд рӯи мавч баромад. Аз мохи марти соли

1927 радиои Ӯзбекистон пахши барномаҳои мунтазами худро бо забонҳои ӯзбекӣ, туркманӣ, қазоқӣ ва тоҷикӣ шурӯъ намуд.

Дар Тоҷикистон радио аввали солҳои сиюм пайдо шудааст ва табиист, ки он қисми таркибии радиои шӯравӣ маҳсуб мешавад. Ба ақидаи олими тоҷик

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

А.Азимов масъалаи ташкил кардани нуқтахои радио ва радиошунавонии оммавӣ нахустин бор 10 январи соли 1928 мавриди баррасӣ қарор гирифта, 19 январи ҳамон сол кумитаи вилоятии ҳизби коммунисг оид ба радиошунавонӣ қарор қабул кард. Бо мақсади татбиқи ин қарор Шӯрои коммисарони халқи Точикистон 19 октябри соли 1928 нақшаи панҷсолаи инкишофи радио ва радиошунавониро тасдиқ намуд. Дар аввали соли 1930 дар шаҳри Душанбе 150 нуқтаи радио, дар Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа- то 50 нуқтаи радио мавҷуд буд.

10-уми апрели соли 1930 рӯзи огози радиошунавонӣ дар Тоҷикистон мебошад. «Аз 12-уми апрели соли 1930 шурӯъ карда, гуфторҳои радиолексия, машқи тарбияи бадан ва барномаҳои мусиқӣ дар радио садо медоданд. Тадриҷан радио «дастёри беминнате» гардид. Дар давраи аввал натанхо кормандони худи радио, балки ҳамаи журналистон, ба хусус журналистони нашрияҳои марказии ҳизб барои он мавод тайёр мекарданд. Барномаҳои кӯтоҳ, асосан иттилоотӣ, ки кормандони се рӯзно.маи ҳизбии ҷумҳуриявӣ «Точикистони сурх», «Коммунист Тадшткистана» ва «ҚизилТожикистон» ба се забон омодаю пахш менамуданд, чун радиогазета ё радиожурнал асосан аз ду жанри радиоӣ - хабар ва шарҳи воқеот иборат буданд. Муҳим будани таблиготи радиоро ба назар гирифта анҷумани муассисони Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (июни 1930) дар саросари ҷумхурӣ гузаронидани хати радиоро вазифаи муҳимтарин эълон кард.

Дар соли 1931 Кумитаи радиои умумииттифоқ таъсис ёфт ва идораҳои радиошунавонии чумҳуриҳо низ ба сохторҳои давлатии марказӣ мувофик кунонида шуданд. Дар Тоҷикистон шӯъбаи он таъсис шуд.

Дар аввали соли 1932 - 29-уми январ Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Совети Комиссарони Халкии РСС Тоҷикистон Кумитаи радиошунавониро таъсис дод ва моҳи феврали ҳамон сол КМ ҲК 'Тоҷикистон дар хайати 13 нафар кормандони ҳизбию журналистон рохбарияти Кумитаи радиои Точикистонро тасдиқ ка рд.

Радиои Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ ба ҳаёти мардум ворид шуд.

Дар шахру дехот нуктаҳои радио рӯз ба рӯз афзуда, шаҳрвандон аз тариқи онҳо бо ҳаёти сиёсӣ, иктисодию иҷтимоӣ, илмию фарҳангии ҷумҳурӣ ошно шуда, аз навигариҳои ҷаҳон огохӣ меёфтанд. Ҳукумати Тоҷикистон ҷихати ташаккули кори радио ба самти мусбат пайваста тағйир додани фаъолияти он, васеъ намудани доираи фарогирии шунавандагон, тайёр намудани мутахассисони эҷодию техникӣ тадбирҳои зарурӣ меандешид.

Дар он давру замон фаъолияти радиои тоҷик ба иҷрои вазифаҳои зерин равона гардида буд:

а) индустрикунонии мамлакат;

б) коллективонии-хоҷагии қишлок;

в) инқилоби маданӣ.

1

Ин се вазифа дар асл вазифаи ягона буданд, зеро онҳо дар пайванди боҳамӣ ҳал шуда метавонистанд. Журналистони радиои навташкил ин масъулиятро дарк мекарданд ва дар татбиқи он ўхда доштанд.

Дар Тоҷикистон синфи коргари миллӣ пайдо шуда, корхонаҳо бунёд мегардиданд. Солҳои сиюм дар ҷумҳурӣ қариб сад корхонаи саноатӣ сохта шуд, хусусан саноати сабуку хӯрокворӣ рушд ёфт. Индустрикунонии мамлакат

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

заминаи хуби коллективонии хоҷагии қишлокро фарохам овард. Радиои Тоҷикистон дар ин самт дастёри давлат буД, усулҳои гуногуни корҳои ташвиқотиро миёни деҳқонон ривоҷ медод. Ин кор боз аз он ҷиҳаг аҳамият дошт, ки коллективонӣ дар шароити душвори муборизаи синфӣ мегузашт. Ҳарчанд барномаҳои радио он солҳо фақат барои тақрибан чил фоизи аҳолии ҷумҳурӣ дастрас будаид, ҳамин кифоят мекард, ки таъсири таргибот натиҷаи мусбат оварад. Вале бе инқилоби маданӣ ба пешрафти ҷомеаи сотсиалистӣ умед бастан мумкин набуд. Яъне барои ҷомеа шахрвандоне лозим буданд, ки дорои маданияти баланди сиёсию маънавӣ бошанд. Инқилоби маданӣ бо такя ба фарҳанги гузашта тагйироти сифаган навро дар маънавиёт бояд ба амал меовард. Маҳви бесаводӣ, инкишофи маорифи халқ, илм, адабиёт ва санъат низ рукнҳои асосии инқилоби маданӣ маҳсуб мегардиданд. Кормандони радлои Тоҷикистон ба мушкилоти иқтисодию молиявӣ нигоҳ накарда, дар таргибу ташвиқи ҳаёти нав миёни аҳолӣ накши арзанда гузоштанд.

Тагйирот дар сохтори Кумитаи радио ва зиёд шудани теъдоди кормандони эҷодию техникии он ба мазмуну мундариҷаи гуфторҳо таъсири мусбат расонд, доираи барномаҳо фарох гардид, матолиби асл ё оригинал ба забонхои тоҷикӣ, русӣ ва ўзбекӣ бештар пахш шуда, аз ҷихати ҷуғрофӣ васеъ мегардиданд.

Ҳуку мати ҷумҳурӣ ба ташаккули радиои миллӣ диққати хос медод, зеро матбуот он солхо на барои ҳама дастрас буд. Радио воситаи муҳимтарини тарғиби идеологияи давлату ҳизб ба шумор мерафт. Аз тариқи радиои Тоҷикистон тамоми қарорхо, дастуру декретҳои Ҳукумати Советӣ, КМ ВКП(б), Кумитаи Марказии Иҷроияи СССР, инчу нин ҳуҷҷатҳои марбутаи КМ ПК (б) Тоҷикистон, ҳукумати ҷумҳурӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ўзбекӣ садо медоданд, воқеаҳои муҳими ҳаёти Тоҷикистон, СССР ва берун аз он ба шунавандагон мерасиданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба радиофикатсия ҳамчун воситаи алоқа ва ахбор диққати махсус медод. Агар дар соли аввали ташкили Кумитаи радиои ҷумҳурӣ ҳамағӣ 25 радиоузел ва 7 радиотелеграфи марказӣ дошту дар деҳот андаке бештар аз хазор нуқтаи радио мавҷуд буд, пас то соли 1937 тақрибан чил фоиз ахолии Тоҷикистон барномаҳои радиоро гўш мекард. Ҳизби Коммунист ва Ҳукумати Тоҷикистон радиоро воситаи беҳамтои таргибу ташвиқи сиёсӣ, маърифатнок гардондани омма ва ҷорӣ намудани маданияти пешқадам мешумориданд ва ба ифодаи

В.И.Ленин ин «газетаи бекоғазу бемасофа» хидмати бузургро ба мардум мерасонд.

Ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германияи фашистиро ба СССР ба забони тоҷикӣ наттоқ Файзулло Арабов рўзи 22 - юми июн соати 12.00 аз тариқи радиои ҷумҳурӣ қироат намудааст, вай тарҷумаи матни ТАСС аз забони русӣ буд. Худи хамон рўз муроҷиатномаи Ҳукумати СССР аз забони вазири корҳои хориҷии мамлакат В. М.Молотов тариқи радиои умумииттифоқ садо дод ва таъҷилан матни тоҷикиаш низ аз радиои Тоҷикистон пахш гардид. Дар мурочиатнома мардуми шўравӣ ба мутгаҳидӣ, муташаккилӣ, бо лавозимот таъмин намудани фронт даъват карда мешуд. Ҷанг сафарбарии тамоми неруў ва захираҳоро тақозо намуд. Халқи тоҷик ҳам чун дигар мардуми ҷамоҳири шўравӣ ба ҳифзи Ватани бузург бархост, тамоми қувваю воситаҳо барои фронг сафарбар карда, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фарҳангӣ пурра ба манфиату хидмати чанг нигаронида шуд.

Дар кору фаъолияти хамарӯзаи радиои Тоҷикистон хам дигаргунии куллӣ ворид гардид. Дар барномаҳо ахбори ТАСС, хабархо аз фронт мавқеи асосиро маҳсуб шуданд. Иддае аз кормандони эҷодию техникӣ ихтиёран ба майдони ҷанг рафтанд, доираи гуфтору барномаҳо махдуд гардид, ҳаҷми гуфторҳо ҳамарӯза аз 14 соати қаблӣ ба 6 -7 соат коҳиш ёфт, теъдоди коргарон ҳамагӣ 10 - 12 нафарро (қаблан қариб 50 нафар буданд) ташкил медод. Наттокон Файзулло Арабов, Ҳомид Муҳаммадиев, Евгения Ранетова, Агрепина Ржевская, тарҷумонҳо Илья Мовашев, Туйчӣ Самадӣ, муҳаррирон Тилло Каримов, Исгад Лутфуллоева, Клара Котова, Тоҷиннисо Ғафурова, кормандони техникӣ Николай Томилов, Александра Громова тамоми масъулияти кори радиои Тоҷикистонро ба дӯш гирифтанд. Раиси Кумита Константин

Белов бе муовин тамоми фаъолияти идораро роҳбарию назорат мекард. Аксар вақт радиои Маскавро пайваст менамуданд ва мардум бо садои Юрий Левитан хабарҳо мешуниданд. Баъдан Бюрои информатсионии шӯравӣ (Совинформбюро) гашкил ёфт ва тамоми ахбори муҳим аз фронтро омода месохт ва бо васоити ахбори оммаи мамлакат, аз ҷумла радио мефиристод. Ҳама гуна иттилооти расмӣ оҷилан ба тоҷикӣ тарҷума ва ба самъи шунавандагон расонда мешуд. Кормандони эҷодии радио аз ҳаётимардуми тоҷик низ гуфторҳои гуногун ташкил намуда, халқро ба меҳнату фидокорӣ даъват мекарданд, аз навгониҳо хабар медоданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки аз рӯзҳои аввали ҷанг тавассути радиои ҷумҳурӣ одамони номдору шӯҳратёр - арбобони ҳизбию давлатӣ, пешқадамони истеҳсолот, адибон, олимон, аҳли фарҳанг тез тез баромад карда, мардумро ба меҳнати фидокорона дар ақибгоҳ, ватандӯстӣ, ҳимояи Ватан даъват менамуданд. Памфлетҳои устод Айнӣ «Деви ҳафтсар» ва «Чингизи асри ХХ», ки моҳҳои аввали ҷанг навишта шуданд, тариқи радио қироат шуданд. Бинобар нақли собиқадори радио Ҳалима Насибулина (ӯ соли 1941 баъди хатми Донишкадаи театрии Маскав дар театри ба номи устод Лоҳутӣ ба кор пардохт ва ҳамзамон дар радио барномаҳоро барои ҷавонону наврасон мехонд) дар он замони тақдирсоз беш аз ҳама устод Абулқосим Лоҳутӣ фаъол буд, пайваста меҳмони идораи радио гардвда, ҳамватанонро ба ватанпарасгӣ, матонату диловарӣ даъват менамуд, аз ашъори худу классикони адабиётамон шеърҳои ватандӯстона мехонд. Адибон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Согим Улуғода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҷалол Икромӣ пайвасга тавассути радио бо мардум сӯҳбат мекарданд.

Яке аз мавзӯъҳои барномаҳои радиои ҷумхурӣ инъикоси корномаи мардуми Тоҷикистон дар бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ ба шумор мерафт. Чун азнавеозии иқтисодиёти Тоҷикистон, хоса саноат пеш омад, аксар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти ба фронт заруриро, аз қабили матои пахта, чарм, хӯрокворӣ, пӯшок ба роҳ монданд. Дар корхонаҳои саноатӣ ҳаракатҳои дусадӣ, сесадӣ пайдо шуданд, ки онҳо супоришҳоро ду-се баробарӣ ичро мекарданд, бисёриҳо аз номи худ ва рафиқи дар ҷанг будаашон захмат мекашиданд. Дар чор соли чанг дар Тоҷикистон зиёда аз бист корхонаи саноатӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба кор андохта шуд, ки ин баёнгари ме.ҳнати фидокоронаи мардум дар акибгоҳ буд. Солҳои ҷанг дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон беш аз 75 фоиз коргаронро занон ташкил медоданд, онҳо бо меҳнати вазнин барои армия техникаи чангӣ месохтанд. Дар чумҳурӣ садҳо бригадаи фронтӣ ташкил ёфта, зери шиори «Дар ақибгоҳ, чун дар ҷанг, корнамоӣ нишон медиҳем!» заҳ.мат мекашиданд. Деҳконони тоҷик бошанд, саноатро бо ашёи хом -пахта. пилла, тамоку ва гайра таъмин намуда, ба чанговарон низ маҳсулоти ғаллагию полизӣ мефиристоданд. Дар деҳот бригадаҳои нафақахўрон ташкил ёфта, калонсолон ба нафъи фронг зарбдорона кор мекарданд. Лҳолпи ҷумҳурӣ таҳти шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!» маъракаи чамъоварии пулу либосро барои армия ташкил намуда, солҳои ҷанг ба фонди мудофиа 31 миллион сўм пули нақд, 210 ҳазор сўм заём ва беш аз 40 ҳазор пуд ғалла фиристода шуд. Табиист, ки радиои ҷумҳурӣ чун муҳимтарин вассити ахбори омма (он замон фақаг се рўзномаи ҳизбии ҷумҳуриявӣ ба тоҷикӣ, русӣ, ўзбекӣ чоп мешуданду халос) перомуни ҳамаи мавзуъҳои номбурда гуфторҳо пахш менамуд. Пешқадамони истеҳсолот Илич Нурова, Мастура Авазова. Гавҳар Тоҳирова, Каромат Абдураҳмонова ва дигарон аз радиои Тоҷикистон баромад карда, мардумро ба корнамоиҳои меҳнатӣ даъват менамуданд.

Радиои Тоҷикистон хамчунин аз корнамоиҳои ҳамдиёронамон дар набардгоҳ ҳамвора ҳикоя менамуд. Маҳз тавассути радио мардум бори аввал дар бораи корнамоиҳои тоҷикписарон Муҳаммадалӣ Иброҳимов, Тешабой Одилов, Саидқул Турдиев, Сафар Амиршоев, Исмоил Ҳамзаалиев, Ҳодӣ Кенҷаев ва даҳҳо дигарон маълумот гирифтанд. Бар зидди фашизм солҳои ҷанг қариб 260 ҳазор тоҷикистониҳо ҷангидаанд, 63 нафарашон унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гирифтаанд. Ба ин таргиб радиои ҷумхурӣ муборизаи ҷанговарони шўравӣ, хусусан сарбозони тоҷикро дар фронт ва меҳнати зарбдоронаи мардумро дар ақибгоҳ ба таври оҷилӣ вокеӣ инъикос менамуд.

Хидмати кормандони эҷодию техникии радиои Тоҷикистонро махсус кайд кардан бамаврвд аст, ки ба бисёр мушкилоти зиндагӣ нигоҳ накарда, вазифаи худро сарбаландона ба ичро расонида, тамоми нерўи зеҳниашонро харҷи хидмат ба халқу Ватан менамуданд. Инҳо муҳаррирон Саидалӣ Бурҳонов. Тоҷинисо Ғафурова, Истад Лутфуллоева, Музаффара Рустамова, Владимир Попов, Клара Котова, мутарҷимон Мидҳат Беҳбудӣ, Тўйчӣ Самадӣ. Иля Мовашев, наттоқон Ҳомид Муҳаммадиев, Евгения Ранетова, Маргарита Мизникова ва дигарон буданд.

Ҷанг бо ғалабаи СССР бар германияи фашистӣ 9-уми майи соли 1945 ба поён расид. Чанде аз кормандони радио, аз ҷумла муҳаррирон Болта Ҷўраев, Ҷунайдулло Зайдуллоев, наттоқХасан Хўҷаев, мутриб Тилло Каримов аз набардгоҳ барнагаштанд. Чанде дигарон дар ҷанг ширкат варзида, бо ғалаба ба зодгоҳ баргашта, минбаъдтақдирашонро бо радиои ҷумҳурӣ пайваста, дар ин ҷо солиёни зиёд босамар захмат кашиданд. Инҳо раисони Кумита Ҳаким Шарифов(1943-1945), Саттор Ғаффоров (1946-1951), Ғафур Аҳроров (1953-1954), Воҳқд Шарифов (1963-1968), Ғоиб Қаландаров (1977-1988), муовинони раиси Ку.мита

Мерган Султонов (1969-1984), Анатолий Сонин (1981-1989), мухаррироиу мухбирон Михаил Битнер, Ҳанафӣ Маҳмудов, Махмуд Тўробй, Минел Левин,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пирбой Бадалов, Иля Г риднев, Самад Шарифов, ИсмоилОтабеков, ва дигаронанд.

Радиои Тоҷикистон вазифаи таърихии худро солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ сарбаландона адо намуд ва аз санҷиши вакт бомуваффакият гузашт. Солхои минбаъда дар барқарор намудани харобаҳои ҷанг ва пешрафти кишвар хизмати бузургеро ба ҷо овард.

Идораи барномаҳои хориҷӣ. Баъди поён ёфтани ҷанги дуюми ҷаҳон авзои сиёсии байналмилалӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Ба вуҷуд омадани низоми сотсиалистӣ олами капиталистиро водор менамуд, ки барои рақобат ва нишон додани бартарии худ аз тамоми имкониятҳо истифода барад. Мақомоти идеологии ин давлатҳо бо ҳар роҳу восита муборизаи пинҳони ва ошкороро бар зидди тамоми сохторҳои лагери сотсиалистӣ оғоз намуданд. Натиҷагирии ниҳоии пажӯҳишгоҳҳои бонуфузи мамлакатҳои Ғарб ба роҳбарии Амрико ин буд, ки барои шикаст додани ин ё он сохгор бояд пеш аз хама фазои иттилоотӣ ишғол шавад. Шикаст дар ҷанг сабаби оғози ҷанги маънавӣ ғардид. Ба ин кор дар навбати аввал изҳорот дар Фултон сабаб шуд, ки онро оғози ҷанғи сард ҳисоб мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳоҷуми иттилоотӣ барои ғасби фазои иттилоотии ҷаҳон оғоз гардид. Аз охирҳои солҳои чилум ширкатҳои «Би-Би-Си», «Озодӣ», «Садои Амрико» пахши барномаҳои худро барои мамлакатҳои мухталифи ҷахон. аз ҷумла собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ афзун намуданд ва чунин марказҳо фаъолияти таҳриккоронаи худро алайҳи кишварҳои Шарқ ва шӯравӣ фаъол сохтанд. Рӯзнома, маҷалла, ширкатҳои бузурги телевизион ва радио, ожонсиҳои хабаргузории мамлакатҳои калонтарини капиталистӣ дар бораи авзои Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамлакатҳои сотсиалистӣ ахбори ғаразнок пахш карда, теша ба решаи муносибатҳои байни давлату миллатҳо зада, барои паст задану коҳиши обрӯи сиёсати берунии мамлакат дар ҷаҳон ва аз байн бурдани ҳаракати коргарии коммунистӣ ҷадал мекарданд».

Дар ин давра дар шӯравӣ тасмим гирифта шуд, ки дар муқобили ҳуҷуми иттилоотии олами сармоя бояд дастгоҳҳои иттилоотии кишвар истифода шаванд, то нафақат ба таҷовузи маънавии империализм ҷавоб гардонад, балки андешаҳои инқилобии худро ҳам дар хориҷ паҳн кунад. Бо ин максад аввал дар радиои сартосарии шӯравӣ барномаҳои хос барои шунавандагони хориҷӣ таъсис дода шуданд. Ҳамин тавр, бо тақозои замон дар ҷумҳурихои ҷудогонаи шӯравӣ низ пахши барномаҳои бурунмарзӣ зиёд гардида, дар баъзе ҷумҳуриҳо идораи барномахои бурунмарзӣ таъсис ёфтанд. Ҳадаф аз ин кор тарғиби дастовардҳои заҳматкашони мамлакат, нишон додани пешрафтхои чашмгир дар сохаҳои илму техника, тарғиби сиёсати дохилӣ ва хориҷии роҳбарияти шӯравӣ ва посух додан ба ахбори муғризонаи радиоҳои хориҷӣ буд. Барои амалӣ гардидани ин мақсад карор дода шуд, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ идораҳои бурунмарзӣ таъсис дода шаванд ва моҳи октябри соли 1949 идораи барномаҳои бурунмарзии радиои Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Шӯравии Точикистон яке аз нахустин ҷумҳурии Осиёи Марказӣ буд, ки дар он идораи барномаҳои бурунмарзӣ таъсис ёфт. Ин гадбир якчанд омил дошт: аввалан, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон ҳаммарзу ҳамзабон мебошад

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва роҳбарияти шӯравӣ бо дарки ин матлаб мехост нуфузи кишвари худ ва сиёсати хешро ба ин кишвар, ки мавриди таваҷҷӯҳи мамлакатҳои Ғарб қарор гирифта буд, тақвият бахшад. Аз ҷониби дигар, ин амал метавонист барои дигаргунсозиҳои ҷиддии сиёсиву иқтисодӣ дар Афғонистон мадад кунад. Дуюм. муносибати Иттиходи Шӯравӣ бо Эрон он вақт рӯ ба беҳбудӣ ниҳода буд ва пахши барномаҳо барои мамлакатҳои форсизабон метавонист заминаи ҳамкориҳои тарафайнро тавсиа бахшад. Сеюм, барои тарбияи кадрҳо ва таҳияи барномаҳо барои Эрон ва Афғонистон дар Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ заминаи хуб ва мусоидтар фароҳам омада буд. Теъдоди зиёди муҳоҷирони сиёсии эронӣ, ки аксаран донишмандону рӯзноманигорону шахсиятҳои шинохта буданд, дар Тоҷикистону фаъолияту зиндагӣ доштанд. Гузашта аз ин, ҳаммазҳабу ҳамзабон ва ҳамфарҳанг будани Тоҷикистон бо ин кишварҳо имкон медод, ки барои фаъолияти барномаҳои бурунмарзӣ иқдом шавад. Аз ҷониби дигар, академик Бобочон Ғафуров, ки дар даврони шӯравӣ соҳиби эътибор ва нуфузи хоса буд ва бевосита бо роҳбарии мақоми аввали Иттиҳоди Шӯравӣ И.В.Сталин робитаи наздик дошт, ба ин кор мусоидат намуд.

7. Вазъи публитистикаи советии тоҷик

Публитсистика, таърихи пайдоиш ва ташаккули он дар матбуоту адабиёти советии тоҷик мутаассифона то имрӯз ба ҳадди зарурӣ тадқиқ нашудааст. Фаъолияти публитсистии адибону журналистони тоҷик, ба чуз эҷоди устод Садриддин Айнӣ аз назари мунаққидон ва муҳаққиқон амалан дур мондааст. Ва ҳол он ки публитсистика ҳамчун воситаи му.ҳими таъсиррасонӣ ба шуури омма, ҳамчун аслиҳаи буррои тарғибкунандаи назарияи пешқадами сиёсӣ дар бедории маънавии халқи мо, дар бобати ба амал овардани дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иктисодӣ ва маданӣ роли басе муҳим бозидааст.

Шаклгирии публитсистикаи инқилобӣ ба номҳои С.Айнӣ,

С.Ализода, А.Муҳиддинов, А.Мунзим ва матбуоти коммунистии Туркистону Бухоро - «Шӯълаи инқилоб», «Қутулиш», «Бухоро ахбори» вобаста бошад, равнақи он дар матбути партиявию советии солҳои бистуми тоҷик -«Бедории тоҷик», «Овози тоҷик», «Роҳбари дониш», «Мушфиқӣ» ба амал омадааст. Дар нашрияҳои охирӣ дар баробари публитсистони номбурда, як зумраи нави ҷавонони эҷодкор аз қабили А.Деҳотӣ, Р.Ҳошим, С.Улуғзода, Ҳ.Ирфон, Б.Азизӣ, Қ.Баҳлулзода, О.Исматӣ ба майдони журналистика қадам гузошта, ба равнақу ривоҷи он қадри ҳоли худ кӯмак кардаанд. Фаъолияти аввалин публитсистиони тоҷик ба даврае рост омад, ки халқи точики Туркистон занҷири зулму истибдодро барканда, барои таъмини ҳаёти иҷтимоии худ, зидди дастаҳои ғоратгар - босмачиён мубориза мебурд.

1

Аммо дар ин давра қисми дигари заҳматкашони тоҷик ҳамоно ранҷи хукуматдорони давлати мустабидаи Бухорои амириро мекашид. Ба ин маънӣ публитсистикаи навбунёди тоҷик дар ду ҷабҳа мубориза мекард:

аввало, ба халқи ҷафодидаи Осиёи Миёна райъ ва сайъи ҳукумати советӣ ва партияи коммунистиро маънидод намуда, онхоро ба дастгирии ин мамлакат, ба пуркувват кардани музаффариятҳои Инқилоби Октябр ҳидоят мекард;

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сониян, гурӯҳи дигари публитсистони тоҷик ҳамчун яроқи ивазнашавандаи партияи коммунистии Бухоро аҳолии азиятдидаи ин кишварро ба сарнагун кардани сохти давлатдории амирӣ тайёр ва сафарбар менамуданд. Мазмуну мундариҷа ва ҳатто сохт ва устухонбандии публитсистикаи он солҳоро хамин вазъияти сиёсӣ муайян менамуд.

Дар арафаи Инқилоби Октябр коммунистону мунавварони тоҷик аз чунин воситаи пуртаъсири сафарбаркунии омма -матбуот бебаҳра буданд. Онҳо дар кори тарғиби худ фақат аз матбуоти болшевикие, ки ба забони русӣинтишор мешуд, истифода бурда метавонистанду халос.

Дар давраи тайёрӣ ва амалӣ гардидани инқилоби Бухоро бошад, коммунистон аллакай ба дараҷаи муайян дастгоҳи таргибӣ доштанд. Онҳо дар Москав, Тошканд, Самарқанд варақахои инқилобӣ нашр намуда, пинҳонӣ байни аҳолии аморати Бухоро интишор месохганд. Ин нашрияҳо аввалин намунаҳои публитсистикаи сиёсии тоҷик буданд. Яке аз чунин варақа соли 1920 дар арафаи инқилоби Бухоро дар матбааи назди поезди тарғибии «Шарқи сурх» чоп шудааст. Мақсад аз он меҳнаткашони Бухороро аз хоби ғафлат бедор кардан, онҳоро ба муборизаи синфӣ равона намудан буд.

«Ҳама бародарони мо, -гуфта шудааст дар варақа, роҳи саодат ва наҷоти худро ёфта, дар ҳар боб сохиби муваффақияг шуда, ба ҷуз мо бухориён, ки ҳанӯз дар хоби гафлат фурӯ рафтаем ва аз олами атрофи худ бехабарем... Дар собиқ ҳамин Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони худро дар атрофи олам иштахор дода буд. Чунончӣ, Абӯалӣ Сино аз

Бухоро буд, имом Абухофизи Кабири Бухорӣ аз Бухоро буд, Мирзо Улуғбек аз Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони Бухороро шӯҳрат дода буданд.

Аҳволи имрӯзаи моро назар кунед, ки дар ҳар мамлакати Ғарбу Шарк аз мусавводи илму саодат бебахра мондаем.

Ин нодонӣ ва ҷаҳолат аз куҷо омад?

Ҳама аз ғафлати амирони мустабиданд ва золимони шаҳватпараст, ки одамони аз дунё бохабар, чашмаш кушода чизе гӯянд, ҷадид гуфта, бурда мекуштанд. Аз тарси ин золимони хунхӯр мӯҳри хомӯширо андохта, интизори тулӯи офтоби озодӣ будем, ки дар сӯи мо мазлумон тулӯъ кашад».

Дар поёни варақа меҳнаткашон ба сарнагун кардани амирону ҳукуматдорон даъват карда мешаванд. Хитобнома бо шиори инкилобии «Маҳкум бод золимони рӯи дунё, зиндаву поянда бод ҳукумати шӯрой!» анҷом мегирад.

Услуби забони ин варақаи публитсистӣ хоси аксари хитобномаҳост, ки барои меҳнаткашони Бухоро чоп шудаанд.

Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои **«Шӯълаи Инқилоб» (Самарқанд; 10\1У- 1919 - 8/ХП-1921) ва «Қутулиш» (Гошканд, 28АТ -1920 - 13Л111 -1920) «Бухоро ахбори» (Бухоро, IX -ХИ-1920)** беҳтарин намунаҳои асарҳои публитсистӣ, ки халкро ба муборизаи зидди аморат ва охирин такягоҳи он -босмачиён даъват менамуд, дарҷ гардидааст. Ба ин мақолаҳои пуробуранги С. Айнӣ овд ба босмачиёни Фаргона ва роҳҳои несту нобуд кардани онҳо, «Таърихи амирони манғитии Бухоро» дар «Шӯълаи инқилоб», С.Ализода роҷеъ ба алокаи босмачиёни Осиёи Миёна ва ҷаҳоигирони мағрибӣ -дар «Шӯълаи инқилоб», А.Мунзим дар хусуси беҳадду

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳудудии зулми охирин амири Бухоро -дар «Қутулиш», А.Муҳиддинов дар хусуси ба нестӣ расонда шудани ҳаёти мадании халқи точик дар давраи ҳукмронии сулолаи охирин амирони Бухоро -дар «Бухоро ахбори» ва бисёр дигарон далели барҷаста шуда метавонанд.

Публитсистикаи матбуоти коммунистони Бухоро бошад, то имрӯз аз назари диққат берун мондааст. Ҳол он ки ҳар як мақола ва ҳар як шеъри пуртаъсири инқилобии онҳо, махсусан «Қутулиш», дар тарбияи даҳҳо, садҳо фидоиёни рохи озодӣ ҳисса доштааст. Устод Садриддин Айнӣ менависад, ки обрӯи «Қутулиш» асосан ба туфайли шеърҳои пуробуранги инқшхобиаш буд, ки дар забони тоҷикӣ таълиф шудаанд.

Мақолаҳои публитсистии «Қутулиш» ҳам дар забони то[1]щкӣ ва ҳам дар забони ӯзбекӣ асосан аз тарафи А.Мунзим ва А.Муҳиддинов таълиф ёфтаанд. Онҳо ҳамчун аъзои рохбарияти Партияи коммунистии Бухоро, мақсаду маслаки партияи худро бо забони соддаву равон ба меҳнаткашон мефаҳмовданд, ки амиру амалдорон «пой аз ҷодаи инсоф

берун ниҳоданд, ба ҷое, ки адолат боист, бедодӣ карданд, ҳар он ки раҳмат мехоҳад, заҳмат расонданд». Аз ҷумла Мунзим дар мақолае, ки бо номи «Камтар кушед!» («Қутулиш»- 2 июли 1920) чоп кунондааст, сиёсати разилонаи амирро, ки мақсадаш буғӣ ва несту нобуд кардани ҳаракати револютсионӣ дар Бухоро буд, фош ва маҳкум карда, оммаро ба муборизаи яроқноки зидди золимон даъват менамояд. Ин маъниро дар мақолаи дигараш хам, ки дар шумораи 9 июли соли 1920 ба табъ расидааст, давом дода, бо боварии қатъӣ изҳор мекунад, ки «ҷамъи мардуми Бухоро мурданро аз ин зиндагӣ беҳтар медонанд, на аз амир метарсанд, на аз хунрезиҳои инглисӣ». Аз ин рӯ, муаллиф «хар касе, ки тарафдори барбод ёфтани аморат ва истибдод бошад, ба мубориза ҳозирӣ дидан гирад» гӯён даъват мекунад.

Дар шумораи 6 (28 июли соли 1920)-и «Қутулиш» як мақолаи хело пурмаънӣ ва хело баландгоя бо номи «Фирефта нашавед!» интишор шудааст, ки имзояш А.М. аст. Гумон меравад, ки ин имзои Абдулқодир Муҳиддинов бошад, ки он вақтгаҳрири газетаи мазкур ба инъони ӯ буд. Забони ин макола хело соддаву равон ва ба оммаи меҳнаткаши камсавод наздик аст. Муаллиф фикри худро ба табъу ҷаҳонбинии хонандагонаш хело наздик карда, чунин менависад:

«Амири Бухоро ба муқобили фуқарои инқилобҷӯи худ хозирии ҷангро мекунаду боз мегӯяд, ки ман ҷиҳати дин онро мекунам, муҳофизати Ватан ва муҳофизати фуқароро мекунам. Ҳамчунин мегӯяд ва ин гуфтори амирро оммаи дурӯягон даҳон ба даҳон расонда, ба ҷамъи фақирон мешунавонанд.

Лекин фақирони маълум ва сарбозони маҳкуми Бухоро аз ҳақиқати ҳол хабардор шудаанд, фиреби амирро намехӯранд, ба найранги амир фирефта намешаванд, фахмидаанд, ки ҳақиқат дар чист».

Публитсистика дар саҳифаҳои газетаи «Қутулиш» дар намуду шаклҳои ранг ба ранг хувайдо мешавад. Ҳам шеърҳои публитсистӣ, ҳам фелетонҳои пуробуранг, ҳам мақолаҳои пурмаънӣ ҳар яке таровати хосаи худро дорад. Ба ин маънӣ «Хитоби фақирони мазлуми Бухоро ба амир» хело ибратбахш аст. Тариқи сохт ва рафти баёни мақола равияи халқӣ дорад. Дар он дилозурдагӣ ва нафрати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бепоёни аламдидагон нисбат ба ҷафогарон эхсос мешавад:

«Эй амири Бухоро сарат зери санги хоро бишкаста ба зеро ки аз қатли ту, аз ғазаби ту, аз фисқи ту халқи Бухоро ба ҷон омадаОаст. Аз зулми ту пиру ҷавон, марду зан, аҳли зироат ва муздурон, тоҷирон ва сипоҳиён ҳама нолон ва фарёдкунон».

Редаксия ин маколаро чоп карда, фикри асосии онро «вақтест, ки дарахти зулму фасод ва қатлу ғорат аз бех барканда шавад!» бо хати хоно ҷудо мекунад.

Дар фелетони «Тасаддуқ шавам» (№6) муаллиф хело устокорона аз забони каҳрамони манфии худсиёсати авомфиребона ва ғоратгаронаи амалдорони ҳукумати подшоҳиро фош мекунад. Тариқати навишта шудани ин мақола мактуби амлокдореро мемонад, ки ба номи амир равона шудааст. Дар аввал ва чанд ҷои фелетон ибораву ҷумлаҳои тумтароқу бемаънии арабӣ, ки хоси мукотибаи уламотарошони» он замон буд, истифода шуда, низ далолати худбинии каҳрамон аст. Имзои фелетон «Алтақсир, аттақсир» буда ин калимаҳо себорй гакрор мешаванд.

«Аз замоне, ки мани бадбахт ба ин вилоят маъмур гардидам, рӯз аз рӯз фор ва ғавғои ин ҷамоаи бебок зиёдтар мегардад, -чунин арз мекунад қаҳрамони фелетон ба амир. -Чунончи дар арзаҳои собик арз карда будам, аҳвол рӯз аз рӯз бадтар шуда истодааст. Вазъи имрӯзро ба ҳеҷ рӯй ва ба ҳеҷ забон гуфта наметавонам...

...Тасаддук шавам, аҳволи фақирон бисёр мушавваш аст, ба назарам чунин менамояд, ки агар аз ин пас ин иғвогарони кӯрнамакро таҳқиқ ва тафтиш кардан гирем, сабаби зиёдати шӯриши онҳо шуда, эҳтимол, ки ягон ҳаводиси калони пурқувваг пеш омада, боиси шармсориам гардад».

Дар ибтидои солхои бист мавзӯи асосии публитсиспжаи тоҷик фошу расво кардани сохти истибдод ва тараннуми ҳаёти навбунёд буд. Дар шумораи дуввуми газетаи «Бухоро ахбори» (15 сентябри соли 1920) ба номи «Ё ҳаёти ҷадид» бо имзои «син» «айн» мақолае бахшида ба инқилоби Бухоро чоп шудааст, ки ба андешаи мо вай ба қалами устод Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад. Мазмуни ин мақола, шакли он мақолаҳои устодро, ки бо номи «Ҳукумати советй ба мо чй дод?» дар «Шӯълаи инқилоб» чоп шудаанд, ёд меорад. Фақат фарқ дар он ки устод ҷо дар хусуси зулму ситами ҳукумати сарнагунгашта сухан меронаду дар мақолахои «Шӯълаи инқилоб» оид ба аввалин музаффариятҳои ҳокимияти советй. Муаллиф дар ибтидои мақолааш таъкид мена^мояд «солҳои дароз буд, ки чамъе аз ашроф ва дастае аз авбоши бенавоёни ҳукуматдорӣ худро молики ҷону номуси як миллати бузург дониста, онро горат мекарданд».

Баъд устод Айнӣ дар хусуси сарнагун шудани чунин «соябонҳои миллат» сухан ронда, халкро даъват менамояд, ки хомиён ва тарафдорони онҳоро. ки ҳанӯз дар кунҷу канор паноҳ бурдаанд, дастгир карда, ба ҳукумати советй супоранд.

«Бародарони мазлум, фақирони бечора! Охир, шумо бо чӣ умедвор ҳастед?

Магар онҳо набуданд, ки мо ва шуморо факир ва мӯҳтоҷ карданд?

Магар онҳо набуданд, ки орзу ва номуси моро барбод доданд?

Магар онхо набуданд, ки мамлакати ободи моро хароб карданд?

Магар онхо набуданд, ки рехтани хуни бародаронро раво донистанд?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Он золимони гаддор хамчунон гумон мекарданд, ки ин рафтор ва кирдорашон то абад бокй хохад монд.

Ҳамватанони азиз, бародарони ситамдида, факирони хорикашида! Бидонед ва огаҳ бошед, ки амири золими хунхор ва ҳукуматдорони гаддор несту нобуд шудаанд».

Мисли он ки дар солҳои аввали революцсия ва дар давраи ҷанги граждан дар матбуоти советии мо -дар саҳифаҳои «Правда», «Известия», «Беднота», сонитар дар «Комсомолская правда» публитсистикаи пуробуранги назмии Д.Бедный, В.Маяковский ва дигарон мавқеи босазо пайдо намуда буд, дар арафаи инқилоби Бухоро ва дар солҳои аввали ҳукумати советй назми публитсистии тоҷик ҳам хеле тараккй кард. Тараққии ин навън таргиби чогш дар шароити Осиёи Миёна хусусияти хоси худро дошт. Махсусан, халқи точик, ки аз замонҳои қадим ба шеърхон одат кардааст, ба назм дил бастааст, онро нисбат ба наср тезтар ва бехтар қабул карда метавонист. Дар вақти баҳо додан ба хусусияти публитсистии ашъори адибони тоҷик, пеш аз ҳама аз ҳамин тараф нигоҳ кардан лозим аст. Ғояи инқилобии назми публитсистии устод С.Айнй, А.Мунзим, ки дар «Шўълаи инқилоб» ва «Қутулиш» дарч ёфтаанд, хело гуногунранг ва ғанй мебошад. Агар устод Айнй машъали рахшони адолат Инқилоби октябрро самимона истиқбол карда, дар васфи вай шеърҳо эҷод карда бошад, пас Мунзим аз холи мазлумони Бухоро мутаассир шуда, онҳоро ба инқилоб даъват намудааст. Ба ин шеърҳои ў «Хитоб ба фақирони Бухоро», «То ба кай?», «Бинам туро» ва гайрахо мисол шуда метавонанд. Масалан, дар шеъри «Бинам туро» Мунзим ҳоли табоҳи Бухороро тасвир намуда, орзуманди пирўзии он буданашро изхор медорад:

Эй Ватан то кай ба дасти душманон бинам туро?
Кай шавад рўзе, ки ҷои дўстон бинам туро?
Бўсгон будиву хористон шудй аз нокасон,
Боз кай бошад, ки богу бўстон бинам туро...

Чуноне кп мебинем, шаклгирии публитсистикаи советии тоҷик го соли 1921 асосан дар «Шўълаи инқилоб», «Қутулиш» ва «Бухоро ахбори» ба амал пайвастааст. Ба маврид аст, зикр намоем, ки ду рўзномаи охирй новобаста ба он ки номашон ўзбекист, асосан мақолаву шеърҳои тоҷикй чопкардаанд. Азсоли 1921 саҳифаи тоҷикии рўзномаи «Бухоро ахбори» ва охири сол «Шўъдаи инкилоб» баста мешавад.

Ҳамин тавр, то моҳи августи соли 1924, яъне то таъсисёбии газетаи «Овози тоҷик» дар Осиёи Миёна нашрияи доимии тоҷикие набуд, ки сабаби такомули минбаъдаи публитсистика шуда тавонад. Аз ин рў, ривочи нашъунамо ва такомули мақолаҳои публитсистй аз охирҳои соли 1924 ва аввалҳои соли 1925 дар «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» ба амал меояд.

Хулоса, публитсистикаи советии тоҷик дар давраи пурошўби инқилоб шакл гирифта, инкишоф ёфта, ҳоло дар давру замони сохибистиклолии Тоҷикистони азиз дар тарбияи мардум мавқеи босазое дорад.

Абулқосим Лоҳутй. Яке аз шахсиятҳои дигаре, ки пеш аз ҳама бо ашъори обуранги публитсистидораш фаъолона дар матбуот кор мекард, устод Лоҳутй

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

буд.

Рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» дар таргиби ашъор ва фаъолияти ҷамъиятии устод Абулқосим Лоҳутӣ нақши барозандае дорад. Зеро устод Лоҳутӣ дар зумраи поягузорони ин газета буд. Вай дар тӯли 30 соли охири ҳаёти худ дар ин рӯзнома даҳҳо шеъру мақолаҳои худро нашр кардааст ва дар зарфи ин солҳо ва сӣ соли дигар. ки баъди фавти ӯ сипарӣ шуданд, «Тоҷикистони сурх» даҳҳо нутқу маърӯзаҳои ӯ, мақолаҳои гуногун перомуни вай ва ашъори гаронпояшро чоп кардааст.

Аз он шеъру манзума ва суруду достонҳое, ки устод Лоҳутӣ дар «Тоҷикистони сурх» чоп кардааст, боз як ҷиҳати донишмандӣ ва дақиқбинии ӯ ошкор мешавад: аксарияти кулли онҳо ашъоре мебошанд, ки обуранги возеҳи публитсистӣ доранд. Яъне вай дар нашрияҳо танҳо манбаи чопро намедид, балки бо фасоҳат муайян мекард, ки кадом шеър метавонад маҳз дар кадом нашрияҳо ба табъ расад. Вай барои «Точикистони сурх» ашъореро пешниҳод менамуд, ки аксари онҳо ба мавзӯъ ва мундариҷаи худ мавзӯи умумии он шумора, ё ҳадди аккал аксарияти материалҳои шумораро такмил медоданд, онҳоро пурқувваттар ва гӯётар хмекарданд.

Идораи «Тоҷикистони сурх» ихлосманди Лоҳутӣ буд, лиҳозо байни замони зҳоди шеър ва нашри он дар он рӯзнома муддатест ночиз. Масалан, шеъри «Сари халқ» 27 январи соли 1937 дар Маскав сароида шудааст. 12 феврали хамон сол «Тоҷикисгони сурх» онро чоп кардааст. «Самолёти «АНТ-25» 22 июли соли 1936 дар Маскав навишта шудааст, 6 август дар ин газета дарч гардидааст.

Ашъори Лоҳутӣ баробари санъати олии адабиашон, ровии мавзӯъҳои муҳими рӯз буданд, ки аз онхо набзи ҳаёт, мақсади кору муборизоти он айёмро метавон дақиқ муайян кард. Воқеаҳои дар онҳо инъикосшуда «таърихи замоп» буданд. Дар шурӯъ ё зери баъзе шеърхо бо ташаббуси худи устод ва ё бо ҳиммати ходимони «Тоҷикистони сурх» чанд сатре ба сифати шархи сабаб ё вазъи навишта шудани он шеър зикр меёфт, ки ин гуна навиштаҷот аз як тараф баёнгари хислати публитсистӣ бошад, аз тарафи дигар таърихи тамаддуни давру замон буд. Аз ҷумла, зери шеъри «Барои сулҳ ва дӯстӣ» матни зерин омадааст: «20 сентябри соли 1951 дар Сталинободдар конференсияи республиказии тарафдорони сулҳ хонда шудааст».

Воқеан, мавзӯи ҷанг ва сулҳ, ҳамбастагии ранҷбарони ҷаҳон, зарурати мухофизати сулҳу осоиши башар аз хатари ҷангчӯён, ки асоси ғоявии ин шеър аст, имрӯз ҳам маънои худро гум накарда, балки дар рӯзхои мо, ки ҳалкаҳои ҷангталаби империалистӣ бо атом оташбозӣ кардан мехоҳанд, тобиши наве касб кардааст. Чунин дарки амиқу ҳамешагии ҳақиқати зиндагӣ ва дар қолаби ашъори публитсистӣ ҷой додани он хоси бузургтарин адибони ҳама халқҳо будааст, ки намунаи олиаш В.Маяковский ва устод Лоҳутӣ мебошанд.

Оҳанги возеҳи публитсистии ашъори устод Лоҳутӣ ба ҳадде буд, ки хонандагон шеърҳои ӯро на ҳамчун ифшокунандаи рози худ, балки ба сифати сухани аслии хеш қабул мекарданд. Г ӯё онҳоро на Лоҳутӣ, балки худашон суруда бошанд. Ҳамин аст, ки шеъри «Ба занҳои Тоҷикистон»- ро тавре ки моҳи майи соли 1942 «Тоҷикисгони сурх» хабар дода буд, мардуми тоҷик «дар митинги

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

умумишаҳрии Сталинобод бахшида ба мудофиаи бачаҳо аз ваҳшигарии фашистӣ бо як овоз қабул карданд».

Чунин суханонро аз хусуси бисёре аз шеърҳои устод метавон гуфт. Аммо ҳар шеъре, ки дар боло ёдоварӣ шуд, барои аксарияти хонандагони тоҷик нав аст, гарчи аз эҷоди онхо 60-70 сол гузаштааст. Сабаби ин навӣ дар он аст, ки онхо танҳо як маротиба дар он санаҳое, ки зерашон сабт шудааст, дар «Тоҷикистони сурх» чоп шудаанду бас. Бо сабабҳои гуногун онҳо ба маҷмӯаи алоҳидаи шеърҳои шоир, ба кигоби шашҷиддаи мероси ӯ, ки баъди вафоташ чоп шудааст, хуласи калом, ба китобҳои оммавӣ дохил нагардидаанд ва танҳо дар сахифаҳои бо мурури замон зардшудаи «Тоҷикистони сурх» ба табъ расидаанду халос.

Устод Лоҳутӣ дар ашъор, публитсистика ва нутқу баромадҳояш пайваста вобаста ба масъалаҳои гуногун аз ҳаёти мардуми Шарқ ёд мекунад. Ӯ боварии қавӣ дорад, ки рӯзе халқи меҳнаткаши ин кишварҳо хам барои озодиву саодати худ қиём мекунад ва роҳи бахти худро дармеёбад. Масалан, дар мактубе, ки соли 1935 ба муносибати нашри «Гуломон» ба устод Айнӣ навиштааст, Лоҳутӣтаъкид мекунад: «Романи «Гуломсн»-и Шумо натанҳо ба фарзандони озоди ҷумхуриятхои шӯроии Осиёи Миёна хизмат мекунад, балки ғуломони имрӯзаи мамлакатҳои Шарқи берунаро, ки ба забони Тоҷикистони фотеҳ гуфтугӯ мекунанд, барои расидан ба озодӣ тайёр менамояд».

Абулкосим Лохутӣ натанҳо худаш ҳамчун адиби мубориз ба масъалаи бедории Шарк таваҷҷӯх дошг, балки инро борҳо ҳамчун карз ва вазифаи интернатсионалии адабиёти тоҷик ёдовар шуда, гуфта буд: «Барои омӯзиш ва кори хушсамари нависандагони тоҷик имкониятҳои васеъ ҳаст, онҳо диққат ва ёрии партия, ҳукумат ва тамоми ҷамъияти советиро доро мебошанд. Барои ба вуҷуд овардани осори бадеии баланде, ки шоистаи даврони сотсиализм бошанд, аз ин имкониятҳо истифода накардан ҷиноят мебуд...».

АЙНӢ ЯКЕ АЗ АСОСГ УЗОРОНИ ПУЪЛИТСИСТИКЛИ НАВИТОҶИК

Да р таърихи инсоният кам андар кам фарзандоне ёфт мешаванд, ки чун Садриддин Айнӣ ба халқу миллат ва кишвари худ садокату меҳр дошта, ба ивази ҷону ҳастии хеш ватану халқи худро ҳифз карда бошад. Нависандаи тавоно Урун Кӯҳзод дар повесташ «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» тавонистааст, танҳо як рӯзи зиндагии устод Айниро дар ҳифзи номуси ватандорӣ ба қалам диҳад.

Дар замоне, ки замини пири мулки Бухорои шариф аз насими давлатдории мангитиён нафас мекашид, Садриддини ҷавон дар мадрасаи ин шаҳри таърихӣ таҳсил намуда, дунёи онрӯза, ҳукумату ҳукуматдории вақтро бо диди нав мехост бубинад. Зеро ӯ ҳарчанд ҷавон буд, хуб дид ва дарк менамуд, ки мамлакат хасратхона ва сокинони он ҷувори ҳасрат буданд. Зеро адлоатро пулу мол ва мансаб муайян мекард. Ҳукуматдорони давр бошанд ба рӯзу рӯзгори мӯҳтаҷон бепарво буданд, агар моли сад касро ба горат баранд, хуни сад касро резанд, шарафи сад касро поймол кунанд, парвое надоштанд. Ин садоҳо ба гӯшашон намерасид. Вазъи мактабу маориф ҳоли табоҳе дошт. Амиру вазир даъвати маорифпарварону равшанфикронро оиди ислоҳи мактабу маориф шунидан намехостанд.

Айнӣ ханӯз хамон солҳо ба хулосае омада буд, ки мардумро бояд доно кард,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чунки одами доно, аз як тараф вақт, яъне умрро беҳуда сарф намекунад, аз тарафи дигар ба таҳқир тан намедиҳад. Бинобар он ба мардум савод омӯзонидан даркор.

Ва маҳз ҳамин масъалаи саводу саводомӯзиро дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои навтаъсис дар Осиёи Миёна мавриди баррасӣ карор дод. Вай навишта буд:

«Дар Самарқанд, дар Тошканд мактабҳои миллии нав кушода шуд, дар Бухоро ҳам тогороне, ки дар он ҷо меистоданд, як мактаби хусусӣ барои фарзандони худ кушоданд. Баъзе касони бухорӣ ҳам, ки аз макгаби кӯҳна ба ҷон омада буданд, фарзандони худро дар мактаби тоторҳо монданд. Ман он мактабро рафта дидам (1907 буд). бачагони Бухоро, ки забони тоторӣ он тараф истад, ҳагго забони ўзбекиро хам

номунтазам мебарояд, талаботи ташкилоти моро қонеъ намекунонад. Дар шароити имрӯза, мо аз ин бехтар чаридаро ташкил карда наметавонем».

Бюрои ташкилӣ зарур медонад, ки барои нашри матбуоти даврагӣ чораҳои зерин андешида шаванд:

а) Барои дар Тоҷикистон ташкил намудани нашриёт ба ин ҷо матбааи мукаммале фиристодан лозим аст.

б) Барои он ки бюрои ҳизбӣ ба нашри адабиёту матбуоти тоҷикӣ таъсир расонда тавонад, аз фонди ҳизбӣ барои нашриёт 75 ҳазор сӯм ҷудо кардан лозим аст.

Соли 1925 мувофиқи хоҳиши роҳбарияти чумҳурӣ аз Қазон ба Душанбе Исмоил Бектемиров. Кабир Келминдиев, Кашшоф Салоҳиддинов барин кормандони матбаа омаданд. Бекгемиров директори матбааи тоҷик таъин шуд. Дар матбааи чаридаҳои «Бедории тоҷик», «Советский Гаджикистан», «Овози тоҷик», «По босмачу»! нашрони миллатҳои гуногун -тоҷикон, русу украинҳо, тоторҳо - М.Қурбонов, Тиллоев, Г.Алиев, Кенҷаев, Саидов, В.Алиев, Аҳмадов, Алимардонов, Казаков, Стеианов, Егоров, Кузмин, Евдакимов, Захарченко ва дигарон паҳлӯ ба паҳлӯ истода меҳнат мекарданд.

Бехтар шудани шароити техникӣ барои ривоҷи минбаъдаи матбуоти точик барои ташкил ва инкишофи матбуот дар Душанбе шароит фароҳам овард.

1. Аз «Иди тоҷик» то «Ҷумҳурият»

Тайёрӣ ба нашри шумораи аввали нахустин рӯзномаи ҳукуматӣ бо забони тоҷикӣ дар Душанбе -«Бедории тоҷик» ҳанӯз ибтидои моҳи феврали соли 1925 сар шуда буд. Маҷлиси мушгараки Бюрои ташкилии ҳизби коммунисти Ӯзбекистон дар Точикистон ва Комитети инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон қарор дод, ки 15 март дар Душанбе ташкилшавии ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон расман зълон ва таҷлил шавад. Мебоист, ҳамон рӯз рӯзномаи махсус интишор меёфт, ки ба оммаи меҳнаткаш моҳияти ин табаддулоти бузурги иҷтимоиро фаҳмонад. Ба нашри ин рӯзнома як гурӯҳи ходимони ҳизбӣ. давлатӣ ва созмони ҷавонон мутасаддӣ шуданд. Дар байни онҳо Аббос Алиев, Алӣ Исмоилзода, Саидбоғир Қосимов буданд.

Дар Душанбеи онрӯза пайдо кардани лавозимоти техникӣ кори чандон осоне набуд. Лозим шуд, ки ҳангоми тайёрӣ ҳарфҳои рӯзномаи «Овози Шарк»-ро истифода кунанд. Ин ҳарфҳои кӯҳна ва сӯдашударо ним сол муқаддам, бо ҳазор

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

машаққат аз чопхонаи Бухоро ба воситаи корвони уштурҳо ба Душанбе оварда буданд. Дар тӯли бештар аз як ҳафта саҳифаҳоро бастанд. Аммо матбааи «Овози Шарқ» ба кор намеомад. Дар машинаи чопии «Американка» нашри ин рӯзнома имконнопазир буд. Аз ин рӯ, ҳукумати Тоҷикистон ба идораи сиёсии корпуси XIII тирандоз мурочиат намуда, ёрӣ хост.

Ҳамин тавр, 15 марти соли 1925 шумораи аввалини **«Иди Тоҷик»** ба миқдори 1000 нусха интишор ёфт. Дар ин ном ҳиссиёти бузурге, ки сарзамини моро дар он рӯзи фирӯз фаро гирифта буд, ифода ёфтааст.

Баъдтар ба чопи мунтазами рӯзномаи тоҷикӣ дар Душанбе шурӯъ карданд. Аз аввали моҳи апрел- 5 апрели соли 1925 зери таҳрири нозири маорифи Тоҷикистон Аббос Алиев рӯзномаи **«Бедории тоҷик»** баромад, ки он аслан шумораи навбатии «Иди тоҷик» буд.

Аз сабабе, ки шумораи аввал то ба имрӯз махфуз намондааст, рӯзи нашри онро ҳар хел маънидод мекунанд. Масалан, профессор М.Р.Шукуров менависад, ки «15 мартисоли 1925 ба муносибати тапгкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар Душанбе рӯзномаи тоҷикии «Иди тоҷик» аз чоп баромад». Ин ақидаро яке аз аввалин муҳаррирони рӯзномаи мазкур Қ.Дайламӣ, дотсент марҳум Ҷ.Усмонов, профессор М.С.Содиков низ дастгирӣ мекунанд.

Ақидаи дигаре ҳам мавҷуд аст, ки гӯё «Иди тоҷик» аз 18 марти соли 1925 мебаромада бошад. Ба андешаи мо ин акида чандон ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро нашрияе, ки бо номи «Иди тоҷик» баромадааст, дар худи рӯзи ид баромадаш мувофиқи мақсад буд. Чунин ид барои тоҷикон 15 март ба шумор меравад. Зиёда аз он аввалҳои солҳои сӣ рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» мудцате дар шиносномааш менавишт, ки «Рӯзнома 15 марти соли 1925 таъсис шудааст».

Қамзамон муддати чандсол КМ ҚК (б)Тоҷикистон маҳз дар рӯзхои

15 моҳи март нашрияи марказии худро ба муносибати рӯзи нахустини чопаш табрик кардаанд. Масалан, панҷуми майи соли 1940 рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» навишта буд, ки «дар рӯзи кушода шудани якумин сессияи таъсисии Совети Олии РАСС Тоҷикистони навташкилёфтагӣ ба забони тоҷикӣ бо номи «Иди тоҷик» номери якуми газета баромад». Ҳамаи инҳо далолат мекунанд, ки 15 марти соли 1925 санаи воқеии нашри «Иди тоҷик» мебошад.

Чи тавре, ки Қ. Дайламӣ ёд меорад. «Иди тоҷик» барои озодии сиёсӣ ва ичтимоӣ мубориза бурдан, барои таракқии илму тамаддуни тоҷик ёрӣ расондан. хулоса халқи тоҷики аз хоби гафлат бедор шударо ба сохтмони ҳаёти иҷтимой сафарбар намуданро вазифаи ҷонии худ медонист.

Характери маколаҳои рузнома ва рӯҳияи онхоро ташкилоти ҳизбӣ чунин муайян карда буд:

а) Дар ҷарида бояд мунтазам хамаи чорабиниҳои хоҷагӣ ва мадади хукумат ба халқ инъикос ёбад.

б) Рӯзнома бояд далерона бо босмачих,о мубориза барад, бо забони

оддии ба деҳқон фаҳмо дар хусуси қатлу ғорат ва вайронкориҳои босмачихо ҳикоя кунад.

в) Дар рӯзнома бояд муваффақиятҳои иқтисодӣ ва хочаги. инчунин фаъолияти назоратхо инъикос ёбад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

г) Дар ҳар шумора 80 фоизи мақолаҳо ба ҳаёти ҷумҳурӣ бахшида шаванд.

Ана ҳамин хел аввалин шумораи **«Иди тоҷик»** чоп шуд. Аз шумораи дуюмаш сар карда, (5 апрели соли 1925) бо унвони «Бедории тоҷик» мебарояд. «Бедории тоҷик» номида шуданаш ҳам бесабаб набуд. Ҳайати таҳририя ба ин васила гӯё вазифаи асосии худ, мақсади асосии худро изҳор карданӣ буд: тамоми меҳнаткашони тоҷик бо ёрии ин рӯзнома аз дӯсту душмани худ огоҳ, шуда, барои тараққии кишвари худ, барои осоиши рӯзгорашон ҷидцу ҷадал менамоянд.

«Бедории тоҷик» мебоист соли аввал ақаллан ҳар ҳафта як шумора чоп мешуд. Аммо вай дар соли нахустини фаъолияташ ҳамагӣ 24 шумора баромаду халос. Агар шумораи аввалинаш 1000 нусха чоп шуда бошад, миқдори шумораи охирини соли 1925-аш ба ҳазор наздик буд. Аммо дар нимаҳои сол айёме ҳам буд, ки он камтар аз 1000 нусха мебаромад. Дар он вақт теъдоди нашри «Бедории тоҷик» 300 нусха буда, вай асосан ройгон паҳн карда мешуд. Сабаби ин дар бадии шароити техникӣ, набудани рангу коғаз ва дигар ашёи чоп зоҳир мешуд. Ба ин маъно соли 1925 бюрои ташкилии ҲК Тоҷикистон ба бюрои Осиёи Миёнагии КМ ВКП (б) маълум кард, ки «Ҷаридаи «Бедории тоҷик», ки ҳар ҳафтае як бор, он ҳам на ҳама вақт мебарояд. талаботи ташкилоти моро қонеъ гардонда наметавонад. Мо дар шароити мавҷуда нашри газетаи беҳтарро ба роҳ монда наметавонем».

Бюрои ташкилӣ ва кумитаи инқилобии Тоҷикистон ҳанӯз аз рӯзҳои аввалини пайдоиши «Бедории тоҷик» барои беҳбудии шароити техникии он кӯшшл карданд. Зеро дар давраи аввал рӯзнома як мошинаи чопии дастӣ ва ба миқдори хело кам ҳуруф дошту халос. Ҳамагӣ як нафар ношир Ғайфулло Нурмуҳаммедов дар матбааи он кор мекард.

Чуноне ки хотирнишон кардем, аввалин мухаррири «Бедории тоҷик» Аббос Атиев буд. Ин бесабаб не. Аббос Алиев ҳанӯз аз ибтидои соли 1920 дар кори матбуот иштирок мекард ва таҷрибаи муайяни публитсистӣ дошт. Вай яке аз аввалин муҳаррирони «Озод Бухоро» мебошад.

Сабаби дигари муҳаррири масъул таъин шудани Аббос Алиев он буд, ки «соли аввал редаксияи «Бедории тоҷик»-ро аз ҷиҳати кадру воситаҳои техникӣ комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон идора мекард. Зеро 95 фоизи ширкаткунандагони нашри рӯзномаи мазкур коркунони масъули ин комиссариат буда, илова бар ин худи матбаа хам дар ихтиёри вай буд», -ёдоварӣ мекунад Қ.Дайламӣ.

Дар давраи аввал дар идораи «Бедории тоҷик» ба ғайр аз А. Алиев боз ду нафар кормандони штатӣ -Саидбоғир Қосимов ва Маҳдӣ Таҳмосов кор мекарданд. Вале дар нашри ҳар як шумораи он гурӯҳе аз коркунони масъули комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон ширкат меварзиданд, ки онҳо аз устод Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Ҳасанӣ, Қамбарзода, Миртолиб Саидзода, Климчитский, А.Кузнетсов, Қ. Дайламӣ иборат буданд.

16 майи соли 1925 котиботи бюрои тоҷикии ҳизби коммунист овд ба «Бедории тоҷик» масъала муҳокима карда, мудири шӯъбаи матбуот *Алӣ* Исмоилзодаро муҳаррири он таъин кард. Пас аз 3 моҳ Аббос Алиев аз нав муҳаррир шуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Моҳи декабри соли 1926 Аббос Алиев ба вазифаи дигар гузашт ва то нимаи соли 1927 ба «Бедории тоҷик» ҳайати таҳририя иборат аз се нафар С.Қосимов, М.Таҳмосов ва Қ.Дайламӣ роҳбарӣ мекард. Чун А.Лоҳутӣ аз Тошканд ба Душанбе бозгашт. таҳрири рӯзномаро ба даст гирифт.

Ташкилоти хизбӣ ва ҳукумати Тоҷикистон ба иешрафги кори рӯзнома диққати мухим медоданд. Масалан, фақат соли 1925 5 маротиба дар ҷамъомади бюрои ташкилӣ вазъи ҳолати техникии редаксия, алокаи вай бо хонандагон ва мухбирони деҳқон мавриди гуфтугӯ қарор I ирифт. Аввали соли 1926 бошад, зери роҳбарии А.Исмоилзода комиссияи махсус оид ба кори «Бедории тоҷик» ташкил ёфт. Дар ҷамъомадҳои ин комиссия вазъияти идораи рӯзнома муфассал таҳлил, барои беҳбудии он чораҳо андешида мешуданд.

Яке аз ҷамъомадҳои комиссия 9 марти соли 1926 баргузор гардид. Комиссия зарур донист, ки рӯзнома минбаъдҳафтаеду маротиба барояд. Оид ба забону услубаш фикр баён карда, таъкид карданд, ки бояд «Бедории тоҷик» бо забони ба оммаи меҳнаткашон фаҳмо нашр шавад. Бо ин ният ба идораи рӯзнома зиёёни маҳаллиро бештар ҷалб кардан лозим аст.

Аввали соли 1928 когиботи комитети вилоятии ҳизб оид ба «Бедории тоҷик» масъала муҳокима кард. Дар қарорҳои ташкилоги вилоятӣ аз 2 феврал ва 1 марти соли 1928 доир ба беҳтар кардани мундариҷа ва сифати рӯзнома, мураттибии нашри вай, сари вақт ба хонандагон расиданаш сухан меравад. Дар қарор ба ҳаракаги мухбирони коргару деҳқон диққати махсус дода мешвад. Мувофиқи қарор барои ба кори матбуот ҷалб кардани коммунистони маҳаллӣ бюрои матбуот ташкил карда шуд. 14 апрел бошад. коллегияи таргибу ташвиқотии комитети вилоятии хизб маъракаи якмоҳаи обуна ба «Бедории точик» эълон кард.

Ҳамаи ин мухокимаву норабиниҳо самарае доданд. Сифату мундариҷаи рӯзнома рӯз аз рӯз беҳтар шудан гирифт. Чуноне ки конференсияи дуюми хизбии Тоҷикистон (3-4 феврали соли 1929) таъкид кард, теъдоди хонандагони рӯзнома ба 6 ҳазор расид.

Ҳамин тавр. 8 октябри соли 1928 ин рӯзнома бо номи **«Тоҷикистони сурх»** чоп шуд. Сабаби тағйир ёфтани номи худро шарҳ дода «Тоҷикистони сурх» дар он шумора навишта буд: «Мувофики қарори дуюмин пленуми фирқаи коммунистии Тоҷикисгон аз ҳамин шумора эътиборан рӯзномаи «Бедории тоҷик» ба рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» табдил мегардад. Ин ном дар мағзи худ аҳамияти синфию сиёсиро ташкил мекунад. Ҳоло миллати тоҷик чи тавре ки панҷ сол пеш аз ин буд, оғӯши хоби ғафлат хоб накардааст... Мо дар таҳти роҳбарии фирқаи коммунистӣ зинда будани миллати тоҷикро исбот кардем».

Сипас, рӯзнома номи нави худро шарҳ дода менависад, ки агар калимаи «Тоҷикистон» соҳиби давлат шудани халқи тоҷикро нишон диҳад, пас калимаи «сурх» синфӣ ва инқилобӣ будани онро ифода мекунад.

Дар солҳои 1925-1929 рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» барои ташкил кардани аскари сурхи миллӣ, дар мубориза ба муқобили босмачиён, дар атрофи Армияи Сурх муттаҳид намудани меҳнаткашон, ташкил намудан ва мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шӯроӣ, ҷорӣ намудани мактабхои нав. маҳв кардани бесаводӣ, ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

халқ фаҳмонидаии мақсади Ҳукумати Шӯроӣ моҳияти сиёсаги миллии ҳизб мубориза мебарад. Дар саҳифаҳои он Нусратулло Махсум, Ҳоҷибоев, Имомов, Шотемур барин роҳбарони Тоҷикистон баромад карда, оммаро аз расидани ҳаёти нав огоҳ, барои ҷорӣ шудани зиндагии осудахолона ба мубориза даъват мекарданд.

Масалан, раиси Кумитаи иицилобй Нусратулло Махсум бештар аз 50 мақола чоп кардааст. Ӯ аз ҷумла дар мақолаи «Вазифаи муҳими имрӯзаи мо», ки 15 апрели соли 1926 чоп шудааст, таъкид мекунад, ки «Чи қадаре ки хукумати мустабдиди амир бино ба сиёсати сармоядорони хоин аҳволи иқтисодии деҳқононро хароб карда, сабаби вайронии мамлакат шуда буд, босмачиҳо аз он зиёдтар сабаби гадоии халқи мо шуданд. Фарзандони деҳқонони бисёре кушта шуда, бисёр хонаи халқ сӯхт, дехқоно.ни мамлакати мо аз тарси босмачиҳо натавонистанд ва дар баъзе ҷойхо ҳанӯз наметавонанд ба осудагй киштукор кунанд».

Чуноне ки худи рӯзнома 23 ноябри соли 1926 навишта буд, шӯъбаи ташвикот ва таргиботи бюрои ташкидии фирқаи иштирокиюни Тоҷикистон боз масъалаи марбут ба ин нашрияро муҳокима карда таъкид намуд, ки «Барои қувват додан ба корҳои рӯзномаи мазкур лозим дониста шудааст. ки ба ташкилоти мухбирон аҳамият дода ва онҳо дар атрофи рӯзнома ҷамъоварӣ намуда шавад. Ҳамчунин аз роҳи фирқавӣ коргарони масъули идораҳо, маҷбур намуда бишавад, ки ду хафта дар миён аз корҳо ва фаъолияти идораи худ ба рӯзнома мавод дарҷ созад».

Самараи ин гамхорихо буд, ки тиражи рӯзнома рӯз то рӯз меафзуд. Масалан. агар дар аввал соли 1925 вай 2500 нусха барояд, мохи апрел 5000 нусха нашр шудааст. Дар конференсияи дуюми вилоятии хизб (3-4 феврали соли 1929) котиби кумитаи ҳизбӣ Ширвонӣ оид ба миқдори нашри «Тоҷикистони сурх» сухан ронда, гуфта буд: «Миқдори рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» аз 2 ҳазор то 6 ҳазор тараққй кардааст. Барои 10 ҳазор шудани миқдори чопи он саъй мешавад».

Дар худи ҳамин конференсия таъкид шуд, ки миқдори мухбирони коргарӣ ва деҳқонии «Бедории тоҷик» ба 500 кас расидааст. Соли 1925 бо ташаббуси ҳукумат ва комиссариати халқии маориф дар назди техникуми муаллимии Душанбе барои 45-50 фарзандони калонсоли меҳнаткашони деҳот курси 9 моҳаи нест кардани бесаводй ва омӯзиши корхои техникии матбаа ташкил карда шуд.

Дар мактабҳо гурӯҳҳои мухбирӣ ташкил мешуданд. Вазорати маориф мухбириро яке аз тарафи муҳими фаъолияти муаллим эълон намуд. Ин буд, ки дар он давра К.Ҳусейнзода, Ҳ.Олимӣ, А.Қосимов, М.Ризо, Мӯъминов, Холбобоев барин муаллимон дар айни ҳол мухбирони фаьол низ ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо дар мақолаҳои худ ҳаёти пурошӯби деҳоти тоҷикро тасвир менамуданд.

Барои мустаҳкамшавии сафи мухбирон, бехатарии ҳаёти онҳо чораҳо андешида мешуданд. Дар ин бобат мактуби кумитаи иҷроияи марказии Тоҷикистон ба ҳамаи кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявй, назоратхои халқй ва ташкилотҳои иҷгимоии Тоҷикистон: «Мухбиронро эхтиёт кунед, аз хуҷум муҳофизат намоед», ки «Тоҷикистони сурх» 25 феврали соли 1929 бо имзои Нусратулло Махсум чоп кардааст, марҳилаи муҳиме гардид. Дар ин мактуб гуфта мешавад, ки «Ҳоло ҳозир ҳаракати мухбирони коргарӣ ва қишлок- қувваи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ахамиятноки маданӣ ва сиёсии Иттифоқи шӯроҳо мебошад. Ахборнависони коргарӣ муваффакиятҳои моро нишон дода, дар баробари он дар саҳифаҳои матбуот ҳамаи камбудихои моро кушода медиҳанд, ҳамаи галлаткориҳоро, ки сохгмони ичтимоиятро вайрон мекунанд, маълум менамоянд».

Ҳамчунон даъват мешавад, ки: «Ҳамаи ҷамоаи шӯроҳо, ҳамаи дастгоҳҳои шӯрой бояд ба муҳофизати мухбири коргару деҳқон исгодагӣ бошад».

Рӯзномаи «Точикистони сурх» ба тамоми кори хоҷагӣ, сиёси ва маданӣ баробар диққат дода, ҳамин тавр вазифаи матбуоти гуногунтипро ичро менамуд. Вай гарчи «нашрияи сиёсӣ ва иҷтимоӣ»-и комитети вилоятии ПК (б) Тоҷикистон ва Ҳукумати Тоҷикистон буд.

лекин дар саҳифаҳояш хабару мақолаҳое чоп мешуданд, ки тамоми гурӯҳ ва дараҷа)! ҳонандагонро қонеъ менамуданд. Зеро дар Тоҷикистон нашрияи дигаре барои ҷавонон, деҳқонон, занон... вуҷуд надошт.Аз ҳамин ҷо буд, ки аз 16 июни соли 1926 «Бедории тоҷик» бо нияти ҳар чӣ бештар мадад расондан ба пешрафти фаъолияти ячейкаҳои комсомолӣ ва ба ҷабҳаи муборизаи зидди босмачиён пурқувваттар сафарбар намудани онҳо «Саҳифахои ҷавонони ленинии Тоҷикистои»-ро ташкил медиҳад. Ин саҳифа, ки хафтае як бор мунтазам чоп мешуд, барои пешрафти кори ҷавонон ёрии калоне мерасонд. Дар он қарору ҳуҷҷат ва нишондодҳо оид ба комсомол, дастуру нақшаҳои созмони ҷавонони тоҷик чон мешуд. Чизи хеле пурқиммати ин саҳифа хабару мақолаҳои худи ҷавонон буд, ки дар онхо аз кору бор ва ҳаёташон ҳикоя менамуданд.

Дар соли 1927 дар рӯзномаи «Бедории тоҷик», «Гӯшаи занон» ташкил дода шуд, мубориза барои озодии занон, ҳимояи ҳуқуқи занон дар ҷамъият, ба хондан ва корҳои ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо -чунин буданд мавзӯъҳои асосии хабару мақолаҳое, ки зери ин рубрика дарҷ мегардиданд. Бештарини мақолаҳои ин гӯша ба муқобили шахсоне равона карда мешуд, ки онҳо духтарони худро ба ивази қалин мефурӯхтанд. Онҳое мазаммат карда мешуданд, ки ду-се зан доштанд. Рӯзнома ба муқобили онҳо занону духтаронеро мисол меовард, ки мардона барои бахту саодати худ ва халқи худ мубориза мебурданд.

«Тоҷикистони сурх» соли 1929 бо номи «Ҷаҳоннамо» иловаи мусавваре таъсис дод,ки мебоист хар мох дар шакли маҷалла чоп мешуд., аммо вай ҳамагӣ як шумора баромадаасту халос. Тамоми матолиби ин шумораро коркунони худи рӯнома тайёр карда буданд. Дар он ба василаи расм ва матни шархӣ дар бораи вокеахои мухими сиёсӣ сухан меравад ва дар ин мавзуъ коррикатура низ дорад.

Ҷарида ба душвории техникии худ нигох накарда, дар ин давра як силсила варақаю хитобномаҳое чоп кард, ки дар онҳо меҳнаткашон ба дастгирии Ҳукумати Шӯрой даъват карда мешуданд. Дар байни онҳо варақаҳои «Рӯзи марги босмачиҳо расидааст», «Мурочиатномаи Кумитаи иҷроияи Марказии Тоҷикистон ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон», «Даъватномаи Кумитаи марказии иитихоботӣ ба деҳқонон ва ҳамаи интихобкунандагон» ва ғайраҳо ҳастанд.

Моҳи октябри соли 1929 бошад, идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» хитобаи котиби масъули КМ фирқаи Точикистон, раиси муваққатии КИМ ҷумҳурияти шӯроии 'Тоҷикистон ва муҳаррири масъули «Точикистони сурх», «Ба меҳнаткашони Тоҷикистон»-ро ба тиражи 500 нусха. бо шакли алоҳида чоп кард.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мазмуни даъватнома иборат аз ин аст: Адади «Тоҷикистони сурх» бояд ба. 10 хазор нусха расонда шавад.

«Агар касе мехоҳад, ки аз дасти агриб, нодонӣ ва сангиниҳои зиндагонии пурмашаққаги ёдгормондаи асрҳои гузашта халос ёбад, рӯзнома бихонад», -гуфта мешавад дар хитобнома,

16 октябри соли 1929 Ҷумҳурии Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкил ва халқи тоҷик соҳиби давлати мустақили худ гардид. Аз 1 -уми ноябри соли 1929 рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ҳамчун органи КМ Х,К (б) Тоҷикистон ба адои вазифаи бузург иҷрои нақшаи аввалин панҷсолаи пешрафти хоҷагии халқ камар баст.

«Тоҷикистони сурх» дар ин давра худро на фақат чун ҷорикунандаи сиёсати ҳизб ва ҳукумат нишон дод, балки вай инчунин яроқи бурро барои тозакунии сафҳои худ буд. Ҳамин ҷиҳати фаъолияти рӯзномаро зикр карда, 10 январи соли 1931 «Правда» навишта буд:

«Рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» барои роҳи ҳизб хеле хуб мубориза мебарад. Дар ин бобат на танҳо ба «Қизил Тоҷикистон», балки ба дигар матбуоти миллии Осиёи Миёна низ намунаи ибрат шуда метавонад».

Бояд гуфт, ки дар солҳои душвортарини таърихи матбуоти тоҷик дар Душанбе, таҳрири «Бедории гоҷик»-ро Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Алӣ Исмоилзода, Саидбоғир Қосимов, Маҳдӣ Таҳмосов, Қулӣ Обдинов, Сайфулло Абдуллоев, Нисормуҳаммад, Дяков, Муҳаммад Мӯсавӣ ба дӯш доштанд.

Баъди он ки Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 гасдиқ шуд, рӯзномаи мазкур мақоми нашрияи марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, Президиуми Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистонро гирифтааст ва дар ин зимн аввалин муҳаррири он Қосим Дайламӣ буд. Дар со лҳои сиюм, дар рӯзномаи мазкур роҳбарӣ ба дӯши Дяков, Абдуллов, Ғуломризо Ализода низ будааст.

«Тоҷикистони сурх»-и солхои сиюм илҳомбахши пешравиҳо дар соҳаи истеҳсолот, қабл аз ҳама дар азхудкунии водии Вахш, сохтмони Канали Калони Фаргона ва Фарғонаи Шимолӣ, эъмори роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғ, бунёди канали калони Ҳисор будааст. Дар ин солҳо «Тоҷикистони сурх» ба маҳви бесаводӣ аҳамияти хоса медод. Зеро тақрибан то охири солҳои сиюм ҳанӯз аксарияти аҳолии Тоҷикнстон камсавод буд.

Ба мақсаде, ки мардумро ба зиндагии нав ворид созад, «Тоҷикистони сурх» дар байни шоирон ва нависандагон, дар байни муаллимон мусобиқа ташкил медод, ки ҳадафи ин мусобиқаҳо саводнок кардани мардум буд. Дар ин замон тиражи рӯзнома то 10 ҳазор нусха расид. Яъне аз солхои бистум 10-15 баробар зиёдтар хонанда дошт. Ҳаракати мухбирони коргару деҳқонро ба вуҷуд овард. Номҳои зиёде аз журналистон ва ҳабарнигорони он вақт, аз ҷу мла Мирзо Т урсунзода, Мирсаид Миршакар, Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Апш Хуш, Мирзо Ризо, Набӣ Фахрӣ, Маҳмуд Васфӣ гувоҳӣ ба он медиҳанд, ки рӯзнома алоқаи қавие бо хонандагонаш пайдо мекард. Мухбирони вақт мубаллиғонаш буданд. Ба ин маъно, ки онҳо рӯзномаро дар чойхонаҳо мехонданд, зеро рӯзномахон камтар пайдо мешуд.

Ҳамон вақт «Тоҷикистони сурх» ба истилоҳ редаксияҳои сайёр ташкил

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекард, ки онҳо дар объектхои. зарбдор фидокорона кор мекарданд. Дар ин бобат фаъолияти Ҷалол Икромӣ ва Ҳаким Каримро дар сохтмони Канали Калони Фаргона зикр кардан лозим аст. Онҳо аз ин иншооти зарбдор макола ва очерку репортажҳо менавиштанд. Ҳамон замон устод Айнӣ ба сифати ташаббускор, дар «Тоҷикистони сурх» силсилаи очеркҳо аз ҳаёти деҳқонон чоп кард. «Тоҷикистони сурх»-и солҳои сиюм оинаи Тоҷикистон ба дунё ё қадамҷои шахсиятҳои шинохтаи вақти дунё шудани Тоҷикисгонро далолат медиҳад.

Эгон Киш, Юлиус Фу чик, Павел Лукнитский ва бисёр дигарон дар ин рӯзнома эҳсосу бардоштҳои наҷиби худро аз ҳаёти тоҷикон қисса кардаанд. Саҳифаи «Саноеъи нафиса»-и ин рӯзнома минбари адабиёти нави тоҷик гардид.

Солҳои чилум дар «Тоҷикистони сурх» душвории кадрӣ ҳам пеш омад. Саршавии ҷанг, ба фронт рафтани аксарияти онҳое, ки хату савод ва таҷриба дошганд, душвории моддӣ ва техникӣ, сабаби тағйиротҳои ҷиддӣ дар рӯзнома шуд. Новобаста ба ин ҳайати эҷодӣ, ки ба он аввал публитсисти номӣ Набиҷон Почоҷонов, сипас нависандаи маҳбуб Самад Ғанӣ роҳбарӣ мекард, кори матбуотро ҷолиб ба роҳ монд. Дар «Тоҷикистони сурх»-и замони ҷанг устод Садриддин Айнӣ бо памфлетҳову очеркҳои бисёр муассир, ки дар онҳо симои нафратангези фашизм ифода меёфт ва дар онҳо дар муқобили хунхорҳои фашистӣ қаҳрамонии таърихии мардуми тоҷик, ситоиш мешуд, баромад кардааст. Ин навиштаҳои устод барои насли имрӯзаи жу рналисгони тоҷик мактаби таълим ва тарбия буда метавонанд. На танҳо ибрати ватанпарварӣ, на танҳо ибрати ватандӯстӣ. балки ибрати эъчодгарӣ, ибрати шинохтани мавзӯъ ва замон, ибрати тарзи гуфтан ва фаҳмондан дар онҳо возеҳ ба чашм мерасад.

Ҳамзамон ба устод Айнӣ дар «Тоҷикистони сурх»-и замони ҷанг навиштаҳои устод Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Шарифҷон Ҳусейнзода ва бисёр дигарон ба назар мерасад, ки ҳар кадом маънои хоси ватанпарастиро дорад. Аз ҷумла устод Турсунзода муалдифи мактуби манзуми мардуми Тоҷикистон ба ҳамдиёрони дар фронт будаашон мебошад. Дар солхои ҷанг Когиби КМ ҲК Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ташаббускори ба миён омадани як силсила очерку мақолаҳои таърихию ватанпарастӣ гардид. Дар ин солхо рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» нерӯи занҳоро Ҳамчун такягоҳи боэътимоди фронт ситоиш мекард. Шиори «Мард дар химояи Ватан аст, рули трактор ба дасти зан аст» далеле ба он аст. Г арчи дар замони ҷанг тиражи «Тоҷикистони сурх» нисбатан кам шуд, гарчи нашри хафтаинаш низ маҳдудтар гардид, гарчи гоҳе коғаз наёфта дар картон чоп мешуд, аммо ба фронг ҳам мерасид. Барои ҷанговаропи тоҷик хабар аз падару модар, хоҳару додар, зану фарзанд, хабар аз Ватан буд.

«Тоҷикистони сурх» ва ходимонаш дар ҳифзи Ватан мисли Саидқул Тӯрдиев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Чӯтак Уразов, Исмоил Ҳамзаалиев, Неьмат Қарабоев, Ойгул Мухаммадҷонова ва ҳазорхо дигар тоҷикону тоҷикистониҳо каҳрамонӣ кардааст.

Аз таьрихи солҳои панҷоҳум он чизро таъкид бояд кард, ки аз 1 январи соли 1955 рӯзнома номи **«Тоҷикистони советӣ»** гирифт ва нашри мунтазами он ба вуҷуд омад. Вай ҳафтае шаш бор мебаромад. Соли 1959 шумораи 10 ҳазорумаш чоп шуд ва рӯзнома сазовори ордени «Байраки сурхи меҳнат» гардид. Дар ин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

солҳо таҳрири рӯзнома ба зиммаи Н.Почочонов. С.Ғуломов, Исоев ва А.Шукӯҳӣ будааст. «Тоҷикистони советӣ» ҳамқадами давр, ҳамкадами замон гардидааст. Баъдан, дар солҳои 60 ва баъд дар рӯзнома чунин шахсиятҳои намоёни фарҳанги точик Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Ҳалимов, Шодӣ Саидов, Ғоиб Қаландаров, Ибод Файзуллоев, НурмаҳмадТабаров роҳбарӣ кардаанд. Ин давраи гулгулшукуфии рӯзно.маи мазкур ба ҳисоб меравад. Дар аввали солҳои 80-ум тиражи рӯзнома аз 200 ҳазор нусха гузашт.

Гар дар замони Шукӯҳӣ рӯзнома зиёдтар ба адабиёт таваҷҷӯҳ дошта бошад, дар замони Шодӣ Саидов «Тоҷикистони советӣ» ба жанрҳои очерк ва лавҳа ба қаҳрамонии мардуми мехнат зиёд таваҷҷӯҳ кард ва дар ҳамин замон рубрикаҳое пайдо шудаанд, ки барои Тоҷикистони замоне, ки истеҳсолоташ рӯ ба тараққӣ буд, хеле заруранд, яъне замони эстафетаи коргарии Норак, замони бунёди комплекси истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ, ки заводи алюминии Регар, заводи нуриҳои азотии Вахш, заводи электрохимиявии Ёвон, заводи трансформатори Қӯрғонтеппа ва амсоли инро дар бар мегирифт, будааст. Маҳз дар ҳамин замон ва баъдан дар даврае, ки Ғоиб Қаландаров роҳбарии рӯзномаро ба дӯш дошт, редаксияи сайёр дар заводи алюминий таъсис ёфт, ки дар он ҷо ба забони тоҷикӣ ва русӣ замимаи ин рӯзнома чоп мешуд ва раҳматӣ Насрулло Асадуллоев масъулияти онро ба дӯш дошг. Дар замони роҳбарии Шукӯҳӣ ва Ҳалимов бедории худшиносии миллӣ ба вуҷуд меомад, дар замони Ш.Саидов ва Ғ.Қаландаров дастрасии сиёсии редаксия бештар буд, дар давраи Н.Табаров интиллекти журналистон - кормандони идора баланд рафт.

Солҳои бохозӣ барои Точикисгони шӯравӣ давраи санҷиши ҷидди буд.

Дар ин вактҳайати эҷодии «Тоҷикистони советӣ» барои инкишофи бештари забони точикӣ дар ҳамин рӯзнома ва аз мақолаи Зафар Нозимов ибтидо мегирад бештар кӯшиш ба харҷ медод. «Тоҷикистошг советӣ» барои қабули Қонуни забон, бароитаъмини мақоми давлатии забон низ зиёд кор кардааст. Дар ин солҳо майли демократияхохии эҷодкорони ин рӯзнома афзуд.

Бояд гуфт, ки дар давраи дарёфти ҳақиқат, дар «Тоҷикистони советӣ» равияҳои гуногун ба амал омаданд ва ин махсусан дар масири солҳои 80 ва 90 буд, ки он вақт роҳбарии рӯзномаро марҳум Мазхабшо Муҳаббатшоев ба дӯш дошт.

Вай аз журналистони макетсозӣ бисёр барӯманд буд. Ӯ бештар ба кори саҳифабандӣ машғул буд, ба котиботи редаксия роҳбарӣ ҳам кардааст. Ва ӯ инчунин муаллифи мақолаҳои зиёди публитсистӣ, махсусан дар мавзӯъҳои фарҳанг, забон ва мақолаҳои масъалаҳои озодии баён мебошад. Мавқеи ин рӯзнома дар солҳои 1990-1992 тағйиротхо до шт.

Солҳои 1990 рӯзнома номи **«Тоҷикисгони шӯравӣ»-ро** гирифт ва солҳои 1990-1991 вай барои ҷудо шудан аз ҷрширонаш талош кард ва аз 9 сентябри соли 1991 то ба имрӯз бо номи **«Ҷумхурият»** чоп мешавад.

2. Матбуоти нимаи дуюми солхои бистум

«Қизил Тоҷикистон». Ташкилшавии нашрияи ӯзбекии «Қизил Тоҷикистон» низ ба фаъолияти «Бедории точик» зич вобаста аст. Ӯзбекони Тоҷикистони бори аввал 1-ХП соли 1926 бо забони модариашон аз воқеоти рӯз хабардор шуданд. Ин саҳифаи ӯзбекии «Тоҷикистони сурх» буд, ки ба муносибати

анҷумани якуми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон баромад. Дар ин саҳифа ҳуччатҳои анҷумани якуми Шӯроҳо, хабарҳо аз ҳаёти Тоҷикистон чоп шуда буданд. Боз ду саҳифаи ӯзбекии «Бедории тоҷик» 6- XII -1926 ва 21-1-1927 интишор ёфтааст.

Аввали октябри соли 1928 бошад, ҳукумат қарор медиҳад, ки ҳамчун иловаи «Тоҷикистони сурх» ҷаридаи «Қизил Тоҷикистон» дар ними ҳаҷми он ташкил карда шавад. Ииак, аз 8-Х соли 1928 дар баробари ба ҷои «Бедории тоҷик» ташкил шудани «Тоҷикистони сурх» иловаи ӯзбекии он «Қизил Тоҷикистон» низ ба зуҷуд меояд. Дар аввал номунтазам, баъдтар ҳар ҳафта як бор ин ҷарида чоп мешавад. Муҳаррири «Тоҷикистони сурх» дар як вақт муҳаррири «Қизил Тоҷикистон» ҳам ҳисоб меёфт. То ташкилшавии ҶШС Тоҷикистон ин рӯзнома 18 шумора чоп шуд ва баъд ҳамчун органи ӯзбекии КМ ҲК (б) Тоҷикистон ва КИМ-и ҷумҳурӣ мустақилона мебарояд. Ҳоло рӯзнома таҳти унвони «Халк овози» чоп мешавад.

«Советский Таджикистан». Дар Тоҷикистон даст ба дасти халқи маҳаллӣ дода, намояндагони миллатҳои дигар низ меҳнат мекарданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ аҳамияти матбуоти русиро барои ба онҳо фаҳмондани сиёсати худ ба ҳисоб гирифта, соли 1925 нашри ҷаридаи русиро зарур донист. Ин масъаларо бюрои ташкилӣ 18 октябри соли

1925 муҳокима кард. Ҷамъомад теъдоди ҷаридаи ояндаи давлатӣ ва масрафи маблағи онро муайян намуд. Қарор дода шуд, ки шумораи аввалинаш ба истиқболи иди Октябр аз чоп барояд.

27 октябр ин масъаларо раёсати кумитаи инқилобии Тоҷикистон ҳам муҳокима карда карор дод, ки:

а) нашри рӯзномаи ҳафтаинаи давлатӣ зарур дониста шавад.

б) нашри он дар рӯзи ҷашни Октябр сар шавад.

в) маблағи аввалинаш 11 ҳазор сӯм.

г) муҳаррири масъули он Ромов таъин карда шавад.

е) адади тахминии ҷарида 750-1000 нусха.

Ҳамин тавр, зери таҳрири Абрам Борисович Ромов моҳи ноябри соли 1925 ҷаридаи «Советский Таджикистан» аз чоп баромад. Ходимони он давраи ҷарида Г.А.Термитский, Ю.Летавин ва дигарон буданд. «Советский Таджикисган» рӯзномаи хурдҳаҷм буд ва ороиши диққатҷалбкунандае дошт.

Албатта, дар давраи аввал чун «Бедории тоҷик» «Советский Таджикистан» ҳам аз лавозимоти техникӣ ва қувваи эҷодӣ танқисӣ мекашид. Ин буд, ки 5 июли соли 1926 когиботи бюрои ташкилоти ҳизб оид ба мустаҳкам кардани қувваи эҷодии рӯзнома ва бо матолиби гаъмин намудани он қарори махсус қабул кард: Аммо дар шароити Точикистони онрӯза нашри мунтазамро таъмин кардан имконнопазир буд. Инро дар мисолҳо дидан мумкин аст. Масалан, дар зарфи се моҳи аввал ҳамагӣ 5 шумораи рӯзнома баромаду халос. Дар давраи минбаъда хам нашри «Советский Таджикистан» беҳтар нашуд. Ин буд, ки 3 октбяри соли 1927 комитети вилоятии ҳизб қарор дод, ки пас аз ҷашни Октябр нашри ҷарида қатъ карда шавад.

Барои баркарор намудани нашри он фақат пас аз ташкилёбии ҷумҳурии Иттифоқии Тоҷикистон шароит фароҳам омад. Ташкилоти вилоятии ҳизб 8 октябри соли 1929 дар бораи нашри «Советский Таджикистан» қарор қабул кард.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамин тавр, якуми ноябри соли 1929 ҷарида кори худро идома дод. Муҳаррири нави он А М.Глуховский таъин шуда буд.

Муваффақияти чаридаро ба он ҳам дидан мумкин аст, ки дар ду моҳи аввал миқдори он ба 1000 нусха расида, миқдори мухбирони фаъолаш ду баробар афзуд. Хабару мақола, очерку ҳикояҳояш ганӣ ва пурмазмунтар гардиданд. Дар ин хусус, 13 сентябри соли 1930 А.М.Горкий аз Сорренто навишта буд:

«Ба кормандони шуҷоъ, пешоҳангони инқилоби мадании Тоҷикистон саломи самимии бародарона!

Ман ду шумораи рӯзномаи «Коммунист Таджикистана»-ро гирифтам ва ин албатта хеле кам аст, го дар хусуси он катъӣ сухан ронам. Аммо ба ҳар хол гуфтан мехоҳам: рӯзнома шавқовар аст ва хуб аст, ки дар он дабдабагӯӣ ва умумигӯиҳои барзиёд, ки касалии аксари матбуоти маҳаллии рус аст, мушоҳида намешавад.

Дӯстон, аз кишвари дуру чашмнодид гирифтани органи пурмаънии сотсиалистӣ бароям хурсандӣ ва шарафи калонест».

Рӯзномаи «Советский Таджикистан» соли 1930 номи **«Коммунист Таджикистана»-ро** гирифт. Дар замони ҷанги бузурги Ватанӣ солҳои баркароркунии хочагии халқ ва баъд «Коммунист Таджикисгана» ҳамон корҳоеро иҷро мекард, ки перомуни «Тоҷикистони шӯравӣ» зикр шуд. Дар вақте, ки ба рӯзнома Б.Пшеничный, Г.Каратигина муҳаррир буданд, эътибори он афзуд. «Эстафетаи коргарӣ» дар Норак, редаксияи сайёр дар Турсунзода нуфузи онро афзуд. Сиёсати ҳизб чунон шуд, ки дар солҳои 76-80 эътибори ин аз рӯзномаи марказии тоҷикӣ зиёдтар шуд, гарчи тиражи ҳаррӯзааш то 120 ҳазор нусха расиду халос. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони таҳти унвони «Народная газета» нашр мегардад.

«Мулло Мушфикӣ». Рӯзномаи «Овози тоҷик» на фақат барои ҷорӣ ва пойдор намудани пояи Ҳокимияти Шӯроӣ дар гӯшаҳои тоҷиккишини Осиёи Миёна мубориза мебурд, балки вай маркази умумии матбуоти тоҷик, заминаи тарбияи мухбирони тоҷик низ гардида буд. Сабаби асосии маркази журналистика гардидани «Овози тоҷик» дар он аст, ки вай дар Самарқанд чоп мешуд. Дар Самарқанди он вақта беҳтарин зиёиёни эҷодкори точик гирд омада буданд, илова бар он дар ин чо базаи нисбатан хуби полиграфӣ вуҷуд дошг. Аз ин рӯ, аз соли 1928 то ташкилшавии Ҷумҳурки Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикисгон, яъне то тирамоҳи соли 1929 бо ташаббуси ин рӯзнома ду маҷалла ва ду ҷарида иловагӣ интишор гардид.

Аввалин иловаи «Овози тоҷик» «Ширинкор» ном маҷалла буд, ки моҳи апрели соли 1926 интишор ёфтааст. Вай вазифаи худро аз мубориза ба муқобили боқимондаҳои бой-феодалӣ, ҷорӣ намудани маданияти нави саотсиалистӣ иборат медонист. Аз шумораи 2-юм вай номи «Мулло Мушфиқӣ» ва аз шумораи 21-ум (июни 1929) номи «Мушфиқӣ»-ро гирифт. Маҷалла зерсарлавҳаи «Маҷаллаи ҳаҷвӣ, адабӣ ва иҷтимоиест, ки дар Самарқанд моҳе як бор мебарояд. Иловаи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дошт. Ҳар як шумораи он бо фелетону мақолаҳои танқидӣ, шеъру ҳикояҳои хаҷвӣ ва расмҳо ороиш меёфт. Дар мураттаб сохтани он аксарияти кормандони «Овози тоҷик», махсусан фелетоннависҳо Қурбон Бахлулзода ва Суҳайлӣ Ҷавхаризода, Набӣ Фахрӣ, Одилзода иштирок

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекарданд. Онро Баҳриддин Азизӣ таҳрир менамуд. Қариб хамаи эҷоди муаллифон бо имзоҳои мустаор аз қабили Ғунда, Тарсончак, Ханҷар, Дамдуз, Шаккок ва ғайраҳо чои мешуд. Маҷалла аз ҳаҷви классикии тоҷик бо устогии том истифода бурда, онҳоро бо маъно ва мазмуни нав кор мефармуд. Худро дар паноҳи Мулло Мушфиқӣ гирифта. ба мухолифони ҳаёти нав теғи захрханда мезад. Доманаи мавзуоти хаҷву истеҳзои мачалла хеле фаррох аст. Масалан, дар шумораи шашум (1927) 6 хабару мақолаи зиддидинӣ, ки сетояш ба муқобили фаранҷӣ аст ва чор фелетон чоп кардааст. Бо номи «Ширинкор» ҳамагӣ як шумора нашр шуду халос. Сабаби асосии баста шуданаш «пеш аз ҳама нарасидани ходимони доимӣ» буд. Ин ^маҷалла муборизаро ба муқобили бокимондаҳои боию феодалӣ, танқиди дину ҳомиёни он, муборизаро барои озодӣ ва соҳибихтиёрии занон мақсади худ қарор дода, дар ин боб шеъру мақолаҳои хубе чоп кардааст. Аммо ин нашрия аз хатоиҳо ҳам холӣ набуд. Ба сабаби он, ки дар ороиш ва мураттаби он як кас иштирок мекард, мақолаҳояш якранг ва тарзи баёнаш якхела буд. Илова бар он, дар баъзе мақолаҳо, аз чумла, дар «Орзухоям» дар натичаи камтаҷрибагӣ муаллиф ба носуфтагии фикр роҳ додааст. Дар истеъмоли «Ширинкор» калимаҳои арабии кӯҳнашуда, иборахои мадрасагӣ хеле зиёд буданд, ки фаҳмидани онҳо ба хонандагон хеле мушкил буд. Шумораи аввалини «Мулло Мушфиқӣ» 27 сентябри соли 1926 дар хаҷми ҳаигт саҳифаи мусаввар баромад. Дар саҳифаи аввал расми Мушфиқӣ акс шуда буд. Дар ин расм маъно ва мақсади маҷалла: ба забони Мушфикӣ ҳаҷву мазоқ кардани душманон ва бадкорҳо ифода меёфт. Аз шумораи 21 июни соли 1929 маҷалла бо номи «Мушфиқӣ» чоп мешавад. Дар давраи аввали фаъолияташ душвориҳои зиёде дошт. Ҳамоно қувваи эҷодӣ камӣ мекард. Маколаҳо аз шахру деҳ кам мерасиданд. Ин буд, ки бештари мавзӯъҳои вай майда-чуйда буда, ба шахсони алоҳидаи бадахлоқ, савдогарон ва монанди онҳо дахл мекарду халос. Мавзӯъҳои нисбатан муҳим ва зарурӣ, монанди мубориза ба мукобили вайронкорон. фиребу найранг. асосан аз охирҳои соли 1927, аз шумораҳои 9-10 сар карда, бештар акс меёфтагӣ шуданд. Дар ин давра сифати мақолаҳо ва ороиши мачалла низ ба дараҷае беҳтар шуд. Мақолаҳо кӯтоҳ-кӯтоҳ ва тарзи баёнашон ба фаҳми аксарият наздиктар гардид. Ин албатта сабаби афзудани обрӯ ва ҳамзамон ба он зиёд шудани миқдори «Мулло Мушфиқӣ» ҳам гардид.Маҷаллаи «Мулло Мушфиқӣ» дар замоне ба майдони фаъолият омад ва кор бурд, ки дар он вақт дар Осиёи Миёна ҳанӯз таъсири рӯҳияи миллатчигӣ, ғоратгарӣ, хурофотпарастӣ ва ғайра хеле қуввагнок буд. Душманоди Ҳокимияти Шӯрой, ба акидаи маҷалла, умедворӣ «Ба масъалаи худганқидкунӣ дахдаста часпидан даркор аст. Агар мумкин бошад, аввало ҳамаи хешу табор ва ёру дӯстонро аз галбер гузаронда, баъд аз он аз гиребони бегонагон гирифтан зарур аст. Мо боад ба худганкидкунӣ аз ҳамин роҳ дароем. Илло матбуотро пеш бурдан амри маҳол аст».

Шумораи 15 «Мулло Мушфикӣ» дар соли 1928 ба воситаи чор сурат роҳи чорсолаи рӯзномаи «Овози точик»-ро нишон медиҳад:

1.«Овози тоҷик»-ҷавони маҷрӯҳи асобадаст аз роҳ мегузарад ва касе ба вай эътибор намедиҳад (солҳои 1924-1929);

2.Ин чавон хело шифо ёфгааст ва аз пас мӯйсафеде ба ӯ менигарад (солҳои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1925-1926);

3.Ҷавон хеле солим ва камолёфта аст. Деҳконе ӯро ба хонааш даъват менамояд (1926-1927);

4.«Овози тоҷик»-ро мухбирони коргару деҳкон, ки як нафарашон зан аст, табрик менамоянд (1927-1928).

Дар саҳифаи дуввум «Мушфикӣ» менависад, ки Амирхоҷаи Аҳрорӣ айёми таъсиси «Овози тоҷик» гумон дошт: «Ба зуддӣ тухми тоҷикон бе дору ёфт нахоҳад шуд ва рӯзномаи «Овози точик» баъд аз он ки дид «Алӣ мондаасту ҳавзаш, гахтауллоки худашро ғун хоҳад кард» ва меафзояд, ки «Овози тоҷик» ҷавонмарг нашуд».

Маҷаллаи «Мушфиқӣ» ҳамчун ибтидои матбуоти ҳаҷвии тоҷик ба пешрафти сатира ва юмори замони шӯроии тоҷик, ба инкишофи фелетон таъсири калон расонд. Вай на фақат намунаҳои бехтарнни чунин асарҳоро дарҷ намуд, балки ба нависандагони онҳо барои сайкал додани маҳорати худ барои ёфтани сабки эҷодиашон ёрӣ расонд.

«Мулло Мушфиқӣ» инчунин аввалин матбуоти даврагии тоҷик буд, ки ба расму карикатура муроҷиаг намуд. Рассомони ҳаҷвнигори тоҷик дар асарҳои худ бо сабку маҳорати тоза пӯсидан ва маҳву нобуд гардидани дунёи кӯҳна ва музаффарона ба ҷои онхо бунёд шудани рӯзи пурсаодатро нишон медиҳанд. Онхо азму суботеро тасвир менамоянд, ки халқи тоҷик ба он ҳаёти нав бунёд мекунад.

«Роҳнамои мухбирон». Охирисоли 1928 рӯзномаи «Овози тоҷик» аввалин саҳифаи «Раҳнамои мухбирон»-ро чоп кард. Дар мақолаи «Раҳнамои мухбирон» рӯзнома вазифаи ин саҳифаи навро шарх дода менависад, ки «Имрӯз матбуоти тоҷик ҳам дар қишлоқҳои дур интишор ёфта, оммаи заҳматкашон ва деҳқононро тарбия мекунад. Матбуоти тоҷик чи қадар тараққӣ кунад, шумораи мухбирон ва нависандагон ҳам рӯз то рӯз зиёд мешавад. Бо нияти ёрӣ ва мадад расондан ба мухбирони навкор редаксия таъсис намудани ин саҳифаро лозим ёфт».

Дар воқеъ, саҳифаи «Роҳнамои мухбирон», ки то соли 1932 чоп шудааст, дар тарбияи мухбирони тоҷик роли босазое бозидааст. Ш.Садруллин, А.Пирмуҳаммадзода, П.Сулаймонӣ, С.Улугзода, А.Исмоилзода бо мақолахои маслиҳатӣ баромад карда. ба мухбирон тариқи навиштан, масоили навиштанбобро фаҳмонда медоданд. Онҳо нафақат ба тарбияи мухбирони матбуоти ҷумҳурӣ, инчунин ба тайёр намудани мухбирони ҷаридахои деворӣ низ мекӯшиданд. Ба мухбирон ёриву маслиҳатҳои бевосита медоданд.

Дар баробари ин ҷарида барои беҳтарин мухбирон, барои ба фаъолияти эҷодии онҳо шароити мусоид фароҳам овардан, барои муқобилони онҳоро маҳв намудан мубориза мебурд. Масалан, дар мақолае, ки Баҳлулзода25 августисоли 1929 дар шумораи 5 «Раҳнамои мухбирон» бо номи «Ҳуҷум ба мухбирон ва роҳҳои мудофиаи онҳо» чоп кардааст, шахсоне зери оташи танқид I узошта мешаванд, ки пеши роҳи мухбирони деҳотро гирифтанӣ ва қалами онхоро шикастанианд.

Ҳимояи мухбирон ва тараккии матбуоти Шӯроиро бе ёрӣ ва дасттирии ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ ва ҳукумати маҳаллӣ имконнопазир медонад. Вай

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фаъолияти беҳтарин ташкилотҳои ҳизбиро дар ин масъала таргиб мекунад. Масалан, дар шумораи сеюм кори хуби шӯъбаи ташвиқотии кумитаи фирқаи округи Хуҷанд нишон дода мешавад. Дар худи ҳамин шумора, аз ҷумла мақолаи мудири шӯъбаи ташвиқо гии кумфирқаи округи Хуҷанд «Душманони мухбироки қишлоқ ба суд дода шуданд» чоп шудааст. Муаллиф дар ин мақолааш аз таҷрибаи кори округ нақл карда менависад, ки ҳар як мухбир ба қайд ва ғамхории ташкилотҳои ҳизбӣ гирифта шуда, ба фаъолияти пурсамари эҷодии вай шароити пурра фароҳам оварда шудааст. Дар округ 5 тӯдаи мухбирони деҳот кор мебарад. Дар шаҳр ва ноҳия тез-тез маҷлисхои умумии мухбирон ва аъзоҳои рӯзномаҳои девориро ҷег зада, дар бораи вазифаҳои навбатӣ маслиҳат дода мешавад.

«Роҳнамаи мухбирон» дар вокеъ мактаби таълиму тарбияи мухбирони деҳоти точик гардид. Аз ин хусус, он мактубҳои мухбирон ҳам шаҳодат медиҳад, ки онҳоро бо умеди маслихату ёрӣ ба редаксия фиристодаанд. Дар 7 шумораи солҳои бистуми худ «Роҳнамои мухбирон» бештар аз 50-тои онхоро чоп кардааст.

Ҷаридаи «Роҳнамои мухбирон» гарчи иловаи «Овози тоҷик» бошад ҳам, нашрияи алоҳида буд. Зеро дар хар рӯзе, ки «Овози тоҷик» онро чоп мекард, 6 саҳифа мебаромад. Саҳифаи панҷум бо номи алоҳидаи «Роҳнамои мухбирон» ва рақами хоса чоп мешуд. Зерсарлавхаҳои сахифа «Иловаи рӯзномаи «Овози точик» меистод. Зиёда аз он характери мақолоти варақаи «Роҳнамои мухбирон» аз мундариҷаи «Овози тоҷик» ба куллӣ фарқ мекард. Он факат ва махз ба масъалаи эҷодӣ ва тарбиявии мухбирон бахшида мешуд.

«Саводи меҳнат». 13 январи соли 1929 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» эълоне интишор шудааст, ки дар он аз хусуси нашри иловаи наваш ҷаридаи «Саводи мехнат» хабар дода мешавад. Ноширии ин ҷаридаи нав кумитаи марказии алифбои нави ӯзбек буд. Вай дар хаҷми чор саҳифа бо алифбои лотинӣ зери таҳрири Ш.Садруллин, бо ишгироки Олимҷонов. Ҳакбердизода, Ҳоҷӣ Мӯъин, Нурмуҳаммадзода чоп мешуд. Шумораи аввалини он 13 январи соли 1929 баромад. Дар ин шумора ҳайати таҳририя тарики пайдоиши онро чунин пирҳ додааст.

«Кумитаи алифбои нави ӯзбек барои ҳарфҳои нав ба «Рӯшной» ва «Овози тоҷик» 900 сӯм дод. Ин рӯзномаҳо ба тезй ҳарфҳоро гирифта, бо харфҳои тоза саҳифаҳои алифбои нав ташкил хоҳад кард.

Лозим дониста шуд, ки «Овози тоҷик» ҳафтае як бор бо ҳарфҳои нав ҷаридае нашр намояд».

Ҳамин тавр, ҷаридаи «Саводи меҳнат»- аввалин рӯзномаи лотиниасоси тоҷикӣ ба вучуд омад. Дар шаш шумораи худ вай хонандагонро бо алифбои нав, бо имло ва қоидаҳои он шинос кард. Дар хусуси ташкили курсу мактабҳои хати лотинӣ, муваффақияту норасоии ин кор хабару мақолаҳо чоп кард. Дар саҳифаҳои ин ҷарида инчунин чанд шеъре, ки хонандагонро ба саводомӯзй даъват мекарданд, чоп шуда&ст. «Саводи меҳнат» то моҳи апрели соли 1929 чоп шуд. Азбаски рӯзномаҳои «Овози гоҷик» қисман ва «Рӯшной» асосан ба хати лотинӣ гузаштанд, дигар ба нашри «Саводи меҳнат» зарурият набуд.

«Дониш ва омузгор». Соли 1926 Вазорати маорифи Тоҷикистон маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимой, таълим ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии «Дониш ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омӯзгор»-ро дар шаҳри Душанбе нашр мекунад. Сурур шеъре зайлро иншо карда буд, ки он таърихи ташкили ин маҷалларо боз мегӯяд.

. ..Миллати тоҷик дар роҳи маориф зад қадам,
Кард инак баҳри ҷалби илм ҷони худ нисор.
Ин маҷалла нашр шуд илмист тарзи шевааш.
Бо забони форсӣ номаш «Дониш ва омӯзгор».
Лафзи ширин ва иборатҳои рангинаш бубин,
Аз қаламҳои адибон омада ба рӯи кор.
Баҳри ташкили маҷалла Сурур ин таърих гуфт,
Се карат бишмор чопи «Дониш ва омӯзгор».

Шумораи аввалини он моҳи март ба муносибати яксолагии назорати маорифи Тоҷикистон дар Душанбе чоп шуд. Муҳаррири масъули вай Аббос Алиев ва котиби масъулаш Қосим Дайламӣ буданд. Дар саҳифаҳои он як қатор мақола ва шеърҳои Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аббос Алиев, Қосим Дайламӣ, Нусратулло Махсум, Ч.Имомов чоп шудаанд, ки дар онхо тараққии маориф ва мактаби тоҷик хамчун муҳимтарин зарурияти шароити онрӯза арзёбӣ мешаванд. Масалан, Нозири маорифи ҷумҳурӣ Аббос Алиев дар «Иди яксолагии маорифи мо» ном мақолааш дар хусуси аввалин муваффақиятхои маорифи халк ва пешомади ин соҳа сухан меронад.

Маҷалла аз шумораи аввалинаш сар карда, ба таргиби мактабу маориф кӯшида. вазифаи худро аз расондани ёрии методӣ ба омӯзгорон иборат медонад.

Назорати маорифи Точикистон барои пешрафти кори «Дониш ва омӯзгор» кӯшида, ба ҳайати таҳририя ёрӣ мерасонд. Беҳтарин муаллимон дар хусуси рафти кори худ нақл мекарданд. Аз матбуот ва асарҳои иедагогию илмии русу Аврупо мақолаҳои зарурӣ тарҷума ва чоп карда мешуданд. Барои ранг ба ранг шудани мазмуни гоявии он олихмон ва адибони машҳурро ба ҳамкорӣ даъват менамуданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо бегумон барои хеле беҳтар шудани мазмуну мундариҷаи маҷалла мадад расонданд. Аммо шароити техникии маҷалла ҳамоно ба дараҷаи паст буд. Рангу коғаз намерасид. Матбааи хурдакак талаботи «Бедории тоҷик»-ро базӯр қаноат мекунонд. Аз ин рӯ, вазорати маориф маҷбур буд, ки баъди нашри шумораи муштараки 3-4 нашри онро боздорад.

«Рочбари дониш». Нашрияи илмӣ-педагогӣ метавонист дар он вақт ягона воситае шавад, ки муаллими дурдасттарини деҳот аз мақсаду маром ва вазифаҳои асосии назорат огох шуда, васоили таълиме пайдо кунад. Ана бо ҳамин ният назорати маорифи Точикистон моҳи августи соли 1927 ба нашри маҷаллаи **«Дониш-биниш»** иҷозат медихад. Ин дафъа маҷалла дар Самарқанд зери таҳрири М.Мусавӣ чоп мешавад. Пайдоиши «Дониш-биниш» барои аҳли маданияти тоҷик ҳодисаи хурсандибахш буд. Ин маъно дар мактуби табрикии роҳбарияти Тоҷикистон ба редаксияи маҷалла чунин инъикос ёфтааст:

«Ҳар як муаллим, ҳар як тоҷики босавод ва маълумотнок бесаброна мунтазири ин нашрия буд. Ин хурсандист, ки мо онро мебинем.

Пайдо шудани маҷалла пешрафии маданияти тоҷикони Осиёи Миёна ва дар хаёти онҳо ҳодисаи муҳими таърихӣ мебошад. Акнун ҳамсоягони ҳамзабони мо аз ҳамаи табаддулоти сотсиалистӣ дар Тоҷикистон воқиф шуда меистанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ташкилоти вилоятии ҳизб умедвор аст, ки маҷаллаи «Дониш-биниш» дар таблиғи донишҳои сиёсӣ, илмӣ ва афкори педагогӣ дар байни меҳнаткашони Тоҷикистон, инчунин дар байни тоҷикони Осиёи Миёна ҳиссаи муносиб мегузорад».

«Дониш-биниш» аз нигоҳи мавзӯъ ва мундарича талаботи муаллимонро қонеъ карда метавонист, зеро дар он муаллимон ва зиёиён. хонандагони дигар мақолахои ба худ лозимиро пайдо кардг метавонистанд, лекин аз ҷиҳати нафосату тартиби техника хеле бад буд.

Мактаби тоҷик хамчун муҳимтарин зарурияти шароити онрӯза арзёбӣ мешаванд. Масалан, Нозири маорифи ҷумҳурӣ Аббос Алиев дар «Иди яксолагии маорифи мо» ном мақолааш дар хусуси аввалин муваффақиятҳои маорифи халк ва пешомади ин соҳа сухан меронад.

Маҷалла аз шумораи аввалинаш сар карда, ба таргиби мактабу маориф кӯшида. вазифаи худро аз расондани ёрии методӣ ба омӯзгорон иборат медонад.

Назорати маорифи Тоҷикистон барои пешрафти кори «Дониш ва омӯзгор» кӯшида, ба ҳайати таҳририя ёрӣ мерасонд. Беҳтарин муаллимон дар хусуси рафти кори худ нақл мекарданд. Аз матбуот ва асарҳои педагогию илмии русу Аврупо мақолаҳои зарурӣ тарҷума ва чоп карда мешуданд. Барои ранг ба ранг шудани мазмуни ғоявии он олимон ва адибони машҳурро ба ҳамкорӣ даъват менамуданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо бегумон барои хеле бехтар шудани мазмуну мундариҷаи маҷалла мадад расонданд. Аммо шароити техникии маҷалла ҳамоно ба дараҷаи паст буд. Рангу коғаз намерасид. Матбааи хурдакак талаботи «Бедории тоҷик»-ро базӯр қаноат мекунонд. Аз ин рӯ, вазорати маориф маҷбур буд, ки баъди нашри шумораи муштараки 3-4 нашри онро боздорад.

«Роҳбари дониш». Нашрияи илмӣ-педагогӣ метавонист дар он вақт ягона воситае шавад, ки муаллими дурдасттарини деҳот аз мақсаду маром ва вазифаҳои асосии назорат огох шуда, васоили таълпме пайдо кунад. Ана бо ҳамин ният назорати маорифи Точикистон моҳи августи соли 1927 ба нашри маҷаллаи **«Дониш-биниш»** иҷозат медихад. Ин дафъа маҷалла дар Самарқанд зери таҳрири М.Мусавӣ чоп мешавад. Пайдоиши «Дониш-биниш» барои аҳли маданияти тоҷик ҳодисаи хурсандибахш буд. Ин маъно дар мактуби табрикии роҳбарияти Тоҷикистон ба редаксияи маҷалла чунин инъикос ёфтааст:

«Ҳар як муаллим, ҳар як тоҷики босавод ва маълумотнок бесаброна мунтазири ин нашрия буд. Ин хурсандист, ки мо онро мебинем.

Пайдо шудани маҷалла пешрафии маданияти тоҷикони Осиёи Миёна ва дар хаёти онҳо ҳодисаи муҳими таърихӣ мебошад. Акнун ҳамсоягони ҳамзабони мо аз ҳамаи табаддулоти сотсиалистӣ дар Тоҷикистон воқиф шуда меистанд. Ташкилоти вилоятии ҳизб умедвор аст, ки маҷаллаи «Дониш-биниш» дар таблиғи донишҳои сиёсӣ, илмӣ ва афкори педагогӣ дар байни меҳнаткашони Тоҷикистон, инчунин дар байни тоҷикони Осиёи Миёна ҳиссаи муносиб мегузорад».

«Дониш-бикиш» аз нигоҳи мавзӯъ ва мундарича галаботи муаллимонро қонеъ карда метавонист, зеро дар он муаллимон ва зиёиён. хонандагони дигар мақолаҳои ба худ лозимиро пайдо кардг метавонистанд, лекин аз ҷиҳати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нафосату тартиби техника хеле бад буд

Мақолаҳо бетартибона ҷо ба ҷо карда шуда буданд. Хатоҳои имловӣ хеле зиёд ба чашм мерасиданд. Аз ин рӯ, ҳайати таҳририя тартибу таҳияи шумораи дуюмро ба Собит Маннофзода ҳавола карда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки «онро мувофиқи шаклу тартиби маҷаллаҳои ҳозираи асрӣ дар Тошканд ба табъ расонад».

Собит Маннофзода, дар воқеъ барои ороиши техникии маҷалла қувваи зиёде сарф карда, онро дар шакли хеле диққатҷалбкунанда ва бо номи дигар - «Роҳбари дониш» чоп кард. Агарчи дар шаклу андоза ва мундариҷот хеле беҳбудие ба миён омадааст, аммо он С.Манофзодаро қонеъ кунонда наметавонад. Вай медонад, ки сифати онро нафақат боз ҳам беҳтар кардан мумкин, балки зарур аст.

Редаксия мақсаду мароми худро ифода карда, навишта буд: «Маҷаллаи «Роҳбари дониш» дар хар як моҳ як маротиба бо забони соддаи тоҷикӣ ба таври мусаввар ва нафис чоп карда мешавад.

Ин маҷалла, ки аз нашриёти назорати маорифи ҷумҳурияти Тоҷикистон аст, кӯшиш хоҳад кард, соҳибқаламони бомаҳорату тачдидпарварони тоҷикро дар атрофи худ ҷамъ кунад ва афкори онҳоро бо назариёти марксизму ленинизм мутобиқ дода, ба меҳнаткашони камсаводи тоҷик бихонад».

Мақсади худро, ки: «Муаллимони тоҷикзабонро аз корҳои таълиму тарбия хабардор кардан, аз масъалаи умумӣ маълумот дода истодан, адабиёти нави тоҷикро тараққӣ додан ва ба нависандагони тоҷик роҳбарӣ намудан» буд, маҷалла гаштаю баргашта таъкид намудааст.

Рӯй ба беҳбудӣ овардани мазмун ва мундариҷа, беҳтар шудани сифати он роҳбарияти Тоҷикистонро завқ мебахшид. Онхо барои боз ҳам хубтар шудани он рӯҳбаландона мадад мерасонданд. Масалан, Раиси Шӯрои комиссарҳои халқии Тоҷикистон аз беҳтар шудани сифати «Роҳбарии дониш» ба шавқ омада, редаксияро табрик мекунад ва инчунин ба назорати маориф таклиф менамояд, ки барои эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии маҷалла ҳарчи бештар мадад расонад.

Аввали соли 1928 бошад, котиботи комитети вилоятии ҳизб ба назорати маориф тавсия дод, ки нақшаетартиб диҳад, ки дар он беҳбудии шароити техникии маҷалла, афзоиши адад ва шумораи хонандагони он пешбинӣ карда шавад. Таклиф карда мешуд, ки барои фаҳмондани аҳамияти маҷаллаи мазкур дар байни муаллимон маъракаи тарғиботӣ гузаронида шавад.

Бори дигар коллегияи шӯъбаи тарғибу ташвиқотии комитети вилоятии ҳизб 4 июни соли 1928 оид ба «Роҳбари дониш» масъала муҳокима намуда, иҷроиши нишондодаашро санҷида, бо хурсандӣ муваффақиятҳоро қайд намуд ва дар назди назорати маориф вазифаҳои нав гузошт.

Маҷаллаи мазкур вазифаи аввалини худро аз расонидани ёрии амалӣ ба муаллимон иборат медонист. Вай ба муаллимон муроҷиат карда, изхор менамуд, ки маҷаллаи «Роҳбари дониш» дар корҳои иҷтимоӣ, дар омӯхтани усул, тартиб ва таълим роҳбарӣ хоҳад кард. Ва инҳо гуфтори хушку холӣ набуданд. Дар саҳифаҳои он аз қабили «Дар бораи тарбияи томактаб», «Усул ва тарзҳои гуногун дар таълим», «Шакли маориф». «Фанни тарбия» силсилаи мақолаҳое чоп

на.муданд, ки онҳо барои муаллим дастури бевосигаи таълиму тарбия буданд.

Маҷалла вазифаи худро фақат аз нашри мақолаҳои педагогию илмӣ иборат намедонад, балки мақсади вай дар он аст, ки муаллимони деҳот низдар он фаъолона иштирок намоянд, муҳокиМаронӣ ку-нанд.

«Мо мешунавем, ки менависад «Роҳбари дониш» соли 1928 - маҷаллаи «Роҳбари дониш» дар ҳар ҷо аз тарафи муаллимони сурхи тоҷик бо рағбати тамом гирифта ва хонда мешавад.

Мо мебинем, ки муаллимони мо дар ҳар моҳ мавқеи нашр шудани ин маҷалларо бо камоли бесабрӣ интизорӣ мекашанд.

Фақат ин интизориҳо, ин ҳусну рағбатҳо моро қонеъ карда наметавонад.

Чаро?

Барои он ки мо мехоҳем: Ҳар як муаллими тоҷик то метавонад қаламан ҳам дар ин маҷалла иштирок кунад, аз эхтиёҷоти илмӣ ва маънавии худ бинависад ва дар баъзе мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва фаннӣ, ки ба танхой аз фаҳмидани он оҷиз аст, навишта бипурсад. Инчунин дар хар шаҳр ё қишлоқе, ки хизмат мекунад, аз вазъияти иҷтимой, хоҷагӣ ва. корҳои таълиму тарбиягии он ҷо маълумот диҳад. «Роҳбари дониш» бо нияти беҳтар ва самартар истифода бурдани макгубҳои хонандагони худ аз шумораи навбатӣ ҷудо кардани гӯшаи ҷудогонаро хабар дода, инчунин ба мухбиронаш ёдрас мекунад, ки навиштаҳояшон «Ба қадри имкон мухтасар, кӯтоҳ, хушхат ва бо забони содда бошад».

Ва дар воқеъ, аз шумораи сеюми маҷалла дар соли 1928 ду рубрикаи нав «Ба мо менависанд» ва «Алоқаи мо бо хонандагон» ташкил мешавад, ки дар онҳо нашрия хабару мақолаҳои мухбирони шаҳру деҳаашро интишор карда, ба саволҳои онҳо ҷавоб мегардонад.

«Роҳбари дониш» ба инкишофи адабиёти Шӯроии тоҷик диққати калон медод. «Яке аз вазифаҳои бузурге, ки маҷаллаи мо ифодаи онро ба гардан гирифтааст, ҳамоно масъалаи тавлид кардани як инкилоби асрӣ дар адабиёти имрӯзаи тоҷикон мебошад», навишта буд дар яке аз шумораҳои аввалинаш «Рохбари дониш». Ва дар ҳакиқат ҳам, вай минбари бошукӯҳи адабиёти нави точик гардид. Аксарияти қулли адибони тоҷик бехтарин асарҳои худро дар саҳифаҳои он дарҷ намуда, онҳо барои адабиёти сермиллати шӯроҳо мубориза мебаранд. Асарҳои Садриддин Айнӣ «Ахмади Девбанд», А.Лоҳутӣ «Бузургие бе маргу бемисол», П.Сулаймонӣ «Гуландом» ва «Якуми май ва МОПР», Б. Азизӣ «Чил ҳуҷра», А.Деҳотӣ «Ҳамидаи сиёҳбахт» ва бисёр дигарон дар ҳамин маҷалла чоп шудаанд. Вай нафакат асарҳои бадеиро чоп мекард, балки доир ба онҳо такризҳо нашр намуда, бурду бохташонро нишон медод.

Ҳайаги таҳририя ва қувваи эҷодии ин маҷалла то муддате пароканда буд. Аббос Алиев, Абулқосим Лохутӣ, Қосим Дайламӣ ва Исмоилзода аз Душанбе, Садриддин Айнӣ, Б.Азизӣ, С.Ализода аз Самарқанд мақолахо тахт карда, ба Тошканд мефнристоданд. Собит Маннофзода, ки амалан котиби масъули маҷалла буд, онҳоро дар Тошканд хонда, тахрир карда, ба саҳифаҳо ҷой медод. Аз ин рӯ, аксар вақт ду шумораи маҷалла бо таърихи муштарак мебаромад. Бо ҳамин сабаб коллегияи шӯъбаи таблиғот ва тарвиҷи комигети вилоятии ҳизб 4 июни соли 1928 карор мекунад, ки идора ва нашриёти маҷалла ба Душанбе кӯчонда шавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамин тавр, тирамоҳи соли 1928 идораи маҷалла ба Душанбе омад.

Маҷалла гуногунтабақагии хонандагони худро ба ҳисоб гирифта, аз шумораи ду юми худ шаш қисмат: сиёсӣ, иҷтимой, таълим ва тарбияи адабӣ, дунёи занон ва фанниро ташкил медиҳад. Вай барои мактаби сурх барои тавлиди адабиёти Шӯроии тоҷик, барои забони соддаи тоҷикӣ, барои алифбои нави тоҷикӣ, барои ташкил шудағги Шӯроҳо, дар гӯшаҳои дурдасттарини тоҷик мубориза мебарад. Дар сахифахои вай хабару маколаҳои сиёсӣ, иҷтимой, фаннӣ ва тарбиявӣ мунтазам чоп мешуданд.

«Рохбари дониш» бештар аз ҳама чун дастуруламал ва китоби рӯи мизии омӯзгорон машҳур шудааст. Ин маъноро ифода карда, ҳанӯз дар шумораи дуюмаш ба муаллимони тоҷик муроҷиат карда буд, ки маҷаллаи «Рохбари дониш» дар корҳои иҷтимоӣ дар омӯхтани усул, тартиб ва таълим рохбарӣ хоҳад кард.

Дар шумораи муштараки як-дуи соли 1928 маҷалла ба муаллимон муроҷиат намуда, мегӯяд, ки масъалаҳое ҳастанд, ки хар кадоми шумо ба танҳой аз ҳалли онҳо оҷизед. Дар ин хусус ба идораи мо нависед, ки барои халли он ба шумо ёрӣ расонем. Инчунин муаллимонро даъват мекунад, ки аз хаёти деҳот, аз талаботи рӯзгори деҳотиён навиштан яке аз вазифаҳои муҳимтарини онҳост. «Рохбари дониш» бо тиражи 1500 нусха интишор мешуд. Ҳамаи мактабҳо аз ҳисоби назорати маориф бепул як нусхагӣ аз ин маҷалла мегирифтанд. Илова бар ин вай дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Душанбе, Бухоро, Хуҷанд ва Ғарм хонандагон ва намояндагони доимии худро дошг. Намояндаи доимии «Рохбари дониш» дар Москва Лохутӣ ва дар Боку Абдухолик Хакимов ва Саломуллоҳ буданд. Вазифаи намояндагон нафақат аз навиштани хабару мақола, балки инчунин аз чамъ кардани обуначиён иборат буд.

«Рохбари дониш» дар Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон ҳам хонандагони доимии худро дошт.

«Роҳбари дониш» дар маҳви бесаводӣ, дар ташаккули муаллимони Шӯроӣ, дар интишори адабиёти таълимӣ, ху;шас дар гузориши таҳкурсӣ барои инкилоби маданӣ дар Тоҷикистон заминаи мувофиқе тайёр кард. «Садои Шарқ» давомдиҳандаи кори «Роҳбари дониш» ба ҳисоб меравад.

3. Воситахои ахбори о.мма дар солҳои сиюм

Матбуот аслиҳаи пурқудрат ва буррост. Дар ҳама давру замон вай ҷорчии ҳақикат бояд бошад. Одамон аз ин рӯ, ба матбуот боварии беандоза зиёд доранд, зеро вай ҳаётро ҳаматарафа инъикос карда метавонад. Аз ин ҷост, ки давлату ҳукумати шӯравӣ сиёсати индустриякунонии мамлакатро пеш гирифта, дар ҳалли ин проблема аз қувваи матбуот пурсамар истифода бурд. Чуноне ки маълум аст, анҷумани ХУ ВКП (б) декабри соли 1927 дар бобати коллективонии ҳаматарафаи хоҷагии қишлоқ қарор қабул намуда, программаи фаъолияти ҳизбро дар бобати бо роҳи сотсиализм гузаронидани хоҷагии деҳқонӣ муайян кард. Вай дар як вақт тамоми ташкилотҳои ибтидоии худро вазифадор намуд, ки баҳри беҳтар намудани фаъолияти матбуот тадбирҳо андешида, баҳри амалӣ гаштани он қувва ба харҷ диҳанд ва аз қувваи матбуот баҳра бардоранд. Да.р роҳи иҷрои ин нишондоди анҷумани ҳизб дар соҳаи матбуот як катор қарорҳо қабул

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гардид. Ба ин, аз ҷумла «Дар бораи аз нав ташкил намудани шабакаи газетаҳо ба муносибати барҳам дода шудани округҳо» (11 августи 1930), «Дар бораи кори партиявӣ-оммавӣ дар ҳудуди фаъолияти МТС-ҳо» (16 октябри соли 1930), «Дар бораи кадрҳои коркунони газета» (11 ноябри соли 1930), «Дар бораи кори газегаҳои районҳои қишлоқӣ ва. матбуоти поёнӣ» (18 январи соли 1931), «Дар бораи беҳтар намудани газетаҳои районӣ» (21 апрели соли 1931) ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Ин карордодҳо дар соҳаи матбуот ба инкишоф ва мустаҳкам гардидани на танҳо матбуоти тоҷик, ки зодаи давру замони нав буд, балки дар бобати пешрафти иқтисодиёту маданияти республика дар солҳои индустриякунонӣ ва коллективонии хоҷагии қишлоқ хизмати шоистаеро ба чо овард.

Дар солҳои 1928-1932 дар СССР миқдори рӯзнома 6,3 баробар, тиражи шабакаи умумии ҳамаи газетаҳо 3,8 баробар афзуд. Дар соли 1932 шумораи онҳо ба забонҳои халқҳои СССР (ғайр аз русӣ) аз се як ҳиссаи тамоми газетахоро ташкил медод. Дар ҳамон давра ба 93 забон китоб, ба 64 забон газета чоп мегардид.

Давраи нави тараққиёти матбуоти миллӣ дарТоҷикистон баъди ба республикаи иттифоқӣ табдил додани РАСС Тоҷикистон оғоз ёфт. Ҳанӯз хамон сол дар ҷумҳурӣ ба нашри 5 рӯзномаи республикавӣ, як газетаи округӣ ва 3 журнал шурӯъ карда шуд, ки тиражи умумии онҳо 20 ҳазор нусхаро ташкил медод.

Хусусияти журналистикаи солҳои сиюмро дар ду низи зерин сурог кардан лозим аст: аввал ин ки дар ин давра журналистика системаи воситаҳои ахборро ташкил дод. Яъне натанҳо матбуот, балки ҳамчунон радио, агенгии хабарӣ, нашриёт ҳам ба кор оғоз намуданд. Дуввум худи матбуот тақсимбандӣ шуд. Рӯзномаҳои Тоҷикистон ба ҷумҳуриявии сиёсӣ, соҳавӣ, махсусгардонидашуда, рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, сертираж тақсим шуданд. Рӯзномаҳои сертираж дар МТС-ҳо, сохтмонҳои зарбдор, баъзе колхозхо чоп мешуданд.

Системаи маҷаллаҳо низ ба вуҷуд омаданд. Онҳо хислати соҳавӣ, ихтисосӣ ва иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таблиғотӣ доштанд. Масалан, маҷаллаи «Блокноти агитатор», ки аз соли 1938 чоп мешуд, хислати назариявӣ- ташвиқотӣ дошт, маҷаллаи «Октябр» бошад, танҳо барои бесаводон нашр мешуд.

Дар баробари зиёд шудани шумораи нашри газетаҳо дар республика шумораи маҷаллаҳо низ меафзуд, ки онҳо дар бобати тарбияи сиёсии меҳнаткашон роли багоят калон бозиданд.

Хусусияти ин давра дар он зоҳир мегардад, ки дар Тоҷикистон ҳам чун дигар республикаҳои иттифоқӣ шумораи зиёди газетаю журналҳо чоп мегардид. Матбуоти даврагӣ асосан аз ҳисоби газетаҳои районӣ, қисмҳои сиёсӣ ва матбуоти поёнӣ меафзуд. Хулоса, дар солҳои панчсолаи якум на танҳо номгуй, балки тиражи умумии матбуот чандин маротиба зиёд гардид. Иқтидори полиграфии республика афзуда базаи моддию техникии он сол то сол мустаҳкам мегардид.

Дар ин давр журнали «Рохбари дониш» ба ду тақсим шуд. Вазорати маориф маҷаллаи «Инқилоби маданӣ»-ро ташкил дод, ки он аз соли 1938 бо номи «Мактаби советӣ» чоп мешавад. Соли 1932 бошад, нашри маҷаллаи иҷтимоӣ-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сиёсӣ ва адабӣ-бадеии «Барои адабиёти сотсиадистӣ» оғоз ёфт. Журнал бо ин ном то моҳи декабри соли 1937 чоп шуда ва аз соли 1938 то аввалҳои соли 1941 вай зери унвони «Шарқи Сурх» нашр гардид. Баробари оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ нашри маҷалла муваққатан катъ гардид. Баъди ғалабаи қаҳрамононаи халқи советӣ бар фашистони Германия аз соли 1946 нашри журнал аз сари нав ба роҳ монда шуд ва то ҳоло (аз моҳи майи соли 1964 бо номи «Садои Шарқ») ба табъ мерасад. Мавриди қайд аст, ки журнал дар соҳаи ташаккул ва инкишофу пешрафти маданияти республика ва маҳз адабиёту санъати шаклан миллию мазмунан сотсиалистии советии тоҷик. дар тарбия ва ба камол расидани як силсила шоирону нависандагон, пешрафти танқиди адабӣ роли беандоза калон бозид.

14 марти соли 1932 бюрои иҷроияи КМ ПК (б) Т оҷикистон дар хусуси нашри маҷаллаи хармоҳаи оммавию сиёсӣ барои занону духтарон қарор бароварда. Шумораи аввалини ин журнал, ки «Бо роҳи Ленин» ном дошт, моҳи майи соли 1932 аз чоп баромад. Ин журнал аз моҳи майи соли 1957 бо номи «Занони Тоҷикистон» нашр мегардад. Дармуҳити ин маҷалла М.Рустамова, М.Қосимова, Ф.Алиева, Қ.Муҳаммадиева, С.Шарифова, Х.Муҳиддинова барин журналистони аз байни занони тоҷик тарбия ёфта, ба камол расиданд. Ҳоло журнал бо номи «Фирӯза» чоп мешавад.

Ба таҷрибаи газетаи «Правда» такя намуда, газетаю журналҳои Тоҷикистон дар ин давра ба вусъат додани кори оммавию сиёсӣ ва тарбиявӣ дар байни меҳнаткашон ҳаматарафа машғул гаштанд. Махсусан, дар ин бобат таҷрибаи рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» қобили таваҷҷӯҳ, аст. Дар баробари газегахои марказӣ, ба монанди «Правда», «Крестянская газета», «Экономическая жизнь», газетаи республикавии «Тоҷикистони сурх» дар саҳифаҳои худ қарорҳои анҷумани XV партия ва қарори КМ ВКП (б)-ро оид ба масъалаи коллективонии хоҷагии қишлоқ ҳаматарафа ташвиқу таргиб менамуд.

Дар шароити Тоҷикистони онвақта пропагандаи плани ленинии кооперативонӣ дорои аҳамияти бузург буд. Зеро барои ба амал баровардани ин барнома боқимондаҳои буржуазияи маҳаллӣ намояндагони реаксионии дин ва бою кулакон сахт мукобилият нишон медоданд. Онҳо дар байни мардуми маҳаллӣ, пеш аз ҳама табақаҳои камбагали аҳолӣ ташвиқоти бардурӯғ мебурданд, ки гӯё кооперативонии хоҷагии қишлоқ ин яъне маънои на танхо муттаҳид намудани асбобу анҷоми деҳқонӣ, замин ва дигар воситаҳо, балки якҷоя кардани аъзои оилаи онхоро низ дорад.

Дар он солҳо мухбирони коргару деҳқон дар мубориза барои ҳаёти нав дарҳақиқат ёрдамчии боэътимоди ташкилоти партиявӣ ва ҳукумати руспублика буданд. Соҳае вуҷуд надошт, ки дар пешрафти он мухбирон саҳм нагузоранд. Аз ин сабаб душманони синфӣ аксар ба мухбирони коргару деҳқон бӯҳтону тӯҳмат менамуданд, сӯиқасдҳо ташкил мекарданд, бо ҳар рох мехостанд, онҳоро несту нобуд созанд. Аз ҷумла, муаллимони қишлоқ ва мухбирони фаъол Алӣ Акбар ва Ҳикмат Ғаниро 21 апрели соли 1929 дастаи босмачиёни Фузайл Махсум дар Ғарм вахшиёна ба қатл расонид. Кулакҳо дар Исфара ба мухбири фаъол Исмоилзода захр дода, ӯро куштанд. Дар шаҳри Ленинобод бошад, мухбири фаъол Пӯлод

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бобоевро берахмона қатл карданд. Ҳамин тавр. душманони халқ дар дигар гӯшаю канори республика бо мухбирони коргару дехқон муборизаи беамон мебурданд.

Узви комсомоли ленинӣ Мирзо Ризоро сокинони райони Ҳисор ҳамчун таргиботчии оташинсухани ҳаёти наву озод мешинохтанд. Ӯ раиси колхози «Инқилоби сурх» ва дар айни вақт мухбири фаъоли газетаи «Тоҷикистонисурх» буд. Душманони сохги колхозиӯро 28 майи соли 1935 ваҳшиёна куштанд.

Ин ва даҳҳо воқеаҳои дигар далолат медиҳад, ки дар ин солҳо ҳақиқатро паҳн кардан, унсурони бегонаро фош карда, оммаро ба сохтмони ҳаёти нав даъват кардан -мардонагӣ ва ҷасорати беандоза калонро талаб менамуд. Ба ин чихати кори мухбирон, инкишофи матбуот бо шакли умум анҷумани якуми 11К Тоҷикистон диққати хоса дод. Анҷуман, ки 6-15 июни соли 1930 барпо гардид, ба масъалаи равнақи матбуоти тоҷик ғамхорӣ зоҳир намуд, роҳҳои беҳтари пеш бурдани кори матбуотро нишон дод ва Қ.Дайламиро мухаррири газетаи «Тоҷикистони сурх» тасдиқ кард.

Бо нияти пурзӯр кардани таъсири органи марказии чопии худ ва зиёд кардани тиражи он, ҳанӯз дар аввали соли 1930 партия ва ҳукумати Тоҷикистон муроҷиатномае қабул карданд: «Дар охирисоли 1930 газета бояд ҳар рӯз на камтар аз даҳ ҳазор барояд!» -чунин буд моҳияти асосии он даъватнома. Дар хақиқат ҳам ин давраи афзоиши тиражи нашрия гардид. Масалан, агардар мохи январи 1930 газета2900 нусха баромада бошад, соли 1940 тиражи газета қариб ба 20 ҳазор расид. Ин даврaро инчунин давраи ривоҷи равобити редаксия ва мухбирон, замони тавлиди армияи нави журналистони тоҷик ҳисобидан мумкин аст. Дар рӯзнома ташкил шудани «Гӯшаи мухбирони дехот» шоҳиди он мебошад.

Мувофиқи дархости чавонони республика 5 апрели соли 1930 шумораи нахустини газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуд. Шумораи нахустини онро мудири шуъбаи агитатсияю пропагандаи КМ ЛКСМ Тоҷикистон Мақулшоев, мудири шӯъбаи газетаи «Тоҷикистони сурх» Ғуломризо Ализода, ки яке вазифаи муҳарририю дигаре котиби масъули газетаро ба иҷро мерасониданд, ба нашр омода сохтанд. Дар кори ба чоп тайёр намудани шумораи аввалини ин газета Обид Исматӣ, Самад Ганӣ барин журналистон, ки дар кори матбуот аллакай тачриба доштанд, фаъолона ширкат варзиданд.

Ҳанӯз аз рӯзхои аввали мавчудияти худ «Ҷавонони Тоҷикистон» ба масъалаи иешрафту инкишофи хоҷагии халқи республика, дар навбати аввал хоҷагии қишлоқ, иҷрои супоришҳои панҷсола диққати ҷиддӣ медод. Қариб дар ҳар як шумораи газета чунин рубрикаҳо ба монанди «Узви комсомол --зарбдори мехнат», «Шарафи билети комсомолӣ-шарафи ту», «Пеш қадами истехсолот» ба чашм мерасад.

Зери ин рубрикаҳо хабару мақолаҳое одатан чон мегардиданд, кн онҳо аз иштироки комсомолону ҷавонон дар корхои фоиданоки чамъиятӣ нақл менамуданд. Масалан, газета аз 15 марти соли 1935 ба хонандагони худ хабар медиҳад, ки 20 рӯз кабл аз ин 26 нафар комсомолони колхози «Ленинчиёни ҷавон»-и райони Конибодом барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ба водии Вахш рафтанд.

Дар ин солҳо маданиятнокии одамон баланд шуда, рол ва аҳамияти матбуот

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар ҳаёти республика рӯз то рӯз меафзуд. Мо ин чизро аз афзудани шумораи газетаю журналҳо ва таъсиси маркази иттилоотӣ дар республика дида метавонем. Масалан, тиражи газетаи «Тоҷикистони сурх» моҳи октябрисоли1929 -2370 нусхаро ташкил диҳад, моҳи январи соли 1930 вай ба 2770 адад, дар охири ҳамон сол ба 5000 адад расид. Тиражи газетаи «Советский Таджикистан» дар зарфи ҳафт моҳ (3 ноябри соли 1929 то июнисоли 1930) аз 1000 адад ба 5000 нусха расид. Тиражи газетаи «Қизил Точикистон» -2000 нусха, «Комсомоли Тоҷикистон» 4000 нусхаро ташкил медод. Инчунин дар он солҳо журнали ҳармоҳаи оммавӣ-сиёсӣ ва адабию бадеӣ «Рохбари дониш», журнали педагогӣ «Маориф ва маданият» ва гайраҳо чоп мегардид.

Ибтидои солҳои сиюм дар Т оҷикистон матбуоти окру гӣ низ ба вуҷуд омад. Аввалин намунаи он рӯзномаи «Рохи колхозчӣ» - ноширн андешаҳои макомоти ҳизбӣ ва давлатии округ буд. Ин ҷарида ҳафтае ду бор нашр мешуд ва зуд-зуд тағйири ном мекард. («Колхозчӣ», «Пролетари Хуҷанд», «Бо роҳи Ленинӣ»). Муҳаррири аввалини он Муҳаммадҷон Ҳасанӣ буда, баъд Паҳлавонзода рӯзномаро таҳрир кардааст. Дар ин муддат дар Хуҷанд ду нашрия -журнали оммавӣ-сиёсӣ «Болшевики Хуҷанд» (1931) ва маҷаллаи «Барои савод» (1932) ба вуҷуд омаданд. Вале ин нашрияҳо ба зудӣ баста шуданд. Масалан, маҷаллаи «Болшевики Хуҷанд» ду шумора нашр шудаасту халос.

Дар ин солҳо дар аксарияти ноҳияҳо рӯзномаҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, «Байраҡи ленинизм» (ноҳияи Ҳисор), (то соли 1953 газета бо номи «Барои колхози болшевикӣ» нашр мешуд), «Байраҡи мусобика» (собиқ нохияи Ворошиловобод), «Болшевики Шаҳристон» (ноҳияи Шаҳристон), «Байраки Сурх» (ноҳияи Совет), «Бо роҳи коммуна» (собик ноҳияи Роҳатӣ), «Бо роҳи Ленинӣ» (ноҳияи Ленинобод), «Болшевики Ромит» (собиқ ноҳияи Ромит), «Варзоби Нав» (ноҳияи Варзоб), «Васияти Ленин» (нохияи Ишкошим), «Ватан» (ноҳияи Ванҷ), «Коммунисти Панчакент» (аз соли 1973 бо номи «Зарафшон»), «Коммуна» (ноҳияи Орҷоникидзеобод), «Роҳи Сталин» (собиқ ноҳияи Яккачинор), «Коммунисти Исфара», «Машъали Коммунизм» (Конибодом), «Барои чорводории сотсиалистӣ» (баъдтар бо но.ми «Меҳнат», нохияи Айнӣ), «Роҳи сотсиализм» (баъдтар бо номи «Роҳи коммунизм» шаҳри душманони халқ дар дигар гӯшаю канори республика бо мухбирони коргару дехқон муборизаи беамон мебурданд.

Узви комсомоли ленинӣ Мирзо Ризоро сокинони райони Ҳисор ҳамчун таргиботчии оташинсухани ҳаёти наву озод мешинохтанд. Ӯ раиси колхози «Инкилоби сурх» ва дар айни вақт мухбири фаъоли газетаи «Тоҷикистони сурх» буд. Душманони сохти колхозӣ ӯро 28 майи соли 1935 ваҳшиёна куштанд.

Ин ва даҳҳо воқеаҳои дигар далолат медиҳад, ки дар ин солҳо ҳақиқатро паҳн кардан, унсурони бегонаро фош карда, оммаро ба сохтмони ҳаёти нав даъват кардан -мардонагӣ ва ҷасорати беандоза калонро талаб менамуд. Ба ин чиҳати кори мухбирон, инкишофи матбуот бо шакли умум анҷумани якуми ПК Тоҷикистон диққати хоса дод. Анҷуман, ки 6-15 июни соли 1930 барпо гардид, ба масъалаи равнақи матбуоти тоҷик ғамхорӣ зоҳир намуд, роҳҳои беҳтари пеш бурдани кори матбуотро нишон дод ва Қ.Дайламиро мухаррири газетаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Тоҷикистони сурх» тасдиқ кард.

Бо нияти пурзӯр кардани таъсири органи марказии чопии худ ва зиёд кардани тиражи он, ҳанӯз дар аввали соли 1930 партия ва ҳукумати Тоҷикистон муроҷиатномае қабул карданд: «Дар охири соли 1930 газета бояд ҳар рӯз на камтар аз дах ҳазор бароя д!» -чунин буд моҳияги асосии он даъватнома. Дар ҳақикат ҳам ин давраи афзоиши тиражи нашрия гардид. Масалан, агар дар мохи январи 1930 газета 2900 нусха баромада бошад, соли 1940 тиражи газета қариб ба 20 хазор расид. Ин даврaро инчунин давраи ривоҷи равобити редаксия ва мухбирон, замони тавлиди армияи нави журналистони тоҷик ҳисобидан мумкин аст. Дар рӯзнома ташкил шудани «Гӯшаи мухбирони деҳот» шохиди он мебошад.

Мувофиқи дархости чавонони республика 5 апрели соли 1930 шумораи нахустини газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуд. Шумораи нахустини онро мудири шуъбаи агигатсияю пропагандаи КМ ЛКСМ Тоҷикистон Мақулшоев, мудири шӯъбаи газетаи «Тоҷикистони сурх» Ғуломризо Ализода, ки яке вазифаи муҳарририю дигаре котиби масъули газетаро ба иҷро мерасониданд, ба нашр омода сохтанд. Дар кори ба чоп тайёр намудани шумораи аввалини ин газета Обид Исматӣ, Самад Ганӣ барин журналистон, ки дар кори магбуот аллакай таҷриба доштанд, фаъолона ширкат варзиданд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ «Ҷавонони Тоҷикистон» ба масъалаи пешрафту инкишофи хоҷагии халқи республика, дар навбати аввал хоҷагии қишлоқ, иҷрои супоришҳои панҷсола диққати ҷиддӣ медод. Қариб дар ҳар як шумораи газета чунин рубрикаҳо ба монанди «Узви комсомол -зарбдори меҳнат», «Шарафи билети комсомолӣ-шарафи ту», «Пеш қадами истехсолот» ба чашм мерасад.

Зери ин рубрикахо хабару маколаҳое одатан чоп мегардиданд, ки онҳо аз иштироки комсомолону чавонон дар корхои фоиданоки ҷамъиятӣ нақл менамуданд. Масалан, газета аз 15 марти соли 1935 ба хонандагони худ хабар медиҳад, ки 20 рӯз кабл аз ин 26 нафар комсомолони колхози «Ленинчиёни ҷавон»-и райони Конибодом барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ба водии Вахш рафтанд.

Дар ин солхо маданиятнокии одамон баланд шуда, рол ва аҳамияти матбуот дар ҳаёти республика рӯз то рӯз меафзуд. Мо ин чизро аз афзудани шумораи газетаю журналҳо ва таъсиси маркази иттилоотӣ дар республика дида метавонем. Масалан, тиражи газетаи «Т очикистони су рх» моҳи октябри соли 1929 -2370 нусхаро ташкил диҳад, моҳи январи соли 1930 вай ба 2770 адад, дар охири ҳамон сол ба 5000 адад расид. Тиражи газетаи «Советский Таджикистан» дар зарфи ҳафт мох (3 ноябри соли 1929 то июни соли 1930) аз 1000 адад ба 5000 нусха расид. Тиражи газетаи «Қизил Тоҷикистон» -2000 нусха, «Комсомоли Тоҷикистон» 4000 нусхаро ташкил медод. Инчунин дар он солҳо журнали ҳармоҳаи оммавӣ-сиёсӣ ва адабию бадеӣ «Рохбари дониш», журнали педагогӣ «Маориф ва маданият» ва гайраҳо чоп мегардид.

Ибтидои солҳои сиюм дар Т оҷикистон матбуоти окру гӣ низ ба вуҷуд омад. Аввалин намунаи он рӯзномаи «Роҳи колхозчӣ» - нашири андешаҳои макомоти ҳизбӣ ва давлатии округ буд. Ин ҷарида ҳафтае ду бор нашр мешуд ва зуд-зуд

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тағйири ном мекард. («Колхозчӣ», «Пролетари Хуҷанд», «Бо роҳи Ленинӣ»). Муҳаррири аввалини он Муҳаммадҷон Ҳасанӣ буда, баъд Паҳлавонзода рӯзномаро таҳрир кардааст. Дар ин муддат дар Хуҷанд ду нашрия -журнали оммавӣ-сиёсӣ «Болшевики Хуҷанд» (1931) ва маҷаллаи «Барои савод» (1932) ба вуҷуд омаданд. Вале ин нашрияҳо ба зудӣ баста шуданд. Масалан, маҷаллаи «Болшевики Хуҷанд» ду шумора нашр шудаасту халос.

Дар ин солҳо дар аксарияти ноҳияҳо рӯзномаҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, «Байрақи ленинизм» (ноҳияи Ҳисор), (то соли 1953 газета бо номи «Барои колхози болшевикӣ» нашр мешуд), «Байрақи мусобиқа» (собиқ ноҳияи Ворошиловобод), «Болшевики Шаҳристон» (ноҳияи Шаҳристон), «Байраки Сурх» (ноҳияи Совег), «Бо роҳи коммуна» (собиқ ноҳияи Роҳатӣ), «Бо роҳи Ленинӣ» (нохияи Ленинобод), «Болшевики Ромит» (собиқ ноҳияи Ромит), «Варзоби Нав» (ноҳияи Варзоб), «Васияти Ленин» (ноҳияи Ишкошим), «Ватан» (нохияи Ванҷ), «Коммунисти Панчакент» (аз соли 1973 бо номи «Зарафшон»), «Коммуна» (ноҳияи Орҷоникидзеобод), «Роҳи Сталин» (собиқ ноҳияи Яккачинор), «Коммунисти Исфара», «Машъали Коммунизм» (Конибодом), «Барои чорводории сотсиалистӣ» (баъдтар бо номи «Меҳнат», ноҳияи Айнӣ), «Роҳи сотсиализм» (баъдтар бо номи «Роҳи коммунизм» шаҳри

Ӯротеппа), «Шӯҳрати Ашт» (то соли 1955 «Зарбдори Ашт»), «Байрақи Сталин (собик ноҳияи Даҳанакиик), «Ҳақиқати Ховалинг» (баъдтар бо номи «Коммунисти Ховалинг») ва ғайраҳо чоп мешуданд.

4. ТочикТА

АгентиителеграфииТоҷикистон-ТоҷикТАаз31 декабрисоли 1925 ба фаъолият оғоз намуд. Таъсиси Агентии телеграфии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар воқеаи фаромӯшнопазир гардид.

Маводи аввалини Агентии телеграфии Тоҷикистон ба сохтмону ба кор даромадани нахустин корхонаҳои саноатӣ, ташаккули синфи коргари тоҷик, маҳви бесаводӣ, мубориза зидди касалиҳои сирояткунанда, ташкили нахустин иттиҳодияҳои рафиқона, коркарди замин, колхозҳо, истгоҳҳои мошинию трактории, кушодашавии мактаб, бемористонҳо, кофтани каналу сохтмони роҳҳо, аз худ намудани заминҳои бекорхобида бахшида шуда буданд. Дар ин мавод фаъолияти меҳнатии одамон дар мадди аввал меистод. Ба Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон он солҳо тамоми мамлакат ёрӣ мерасонд. Аввал омӯзгорон, духтурон, агрономҳо, инженерҳои аз Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Москваю Ленинград ва дигар шаҳрхои калонтарини мамлакат омада, барои барҳам додани бесаводӣ, муборизаи зидди касалиҳо ба халки точик кӯмак мерасонданд.

Барои кор на танҳо дар Агентии телеграфии Тоҷикистон, балки дар рӯзномаю маҷаллаҳо ҳам кадрҳои эҷодкор намерасиданд. Ба кор одамоне меомаданд, ки таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ надоштанд, дониши қазои ҳам. Вале онҳо хоҳиши бузург, азму ҷазми калони хизмат ба халқ, Тоҷкистони ҷавон доштанд. Дар таку давҳои фаъолияти ҳамарӯзаи корӣ онҳо таҷриба меандӯхтанд, асрори касби журналистиро азбар менамуданд.

Журналистони рӯзномаю маҷалаҳо, Агентии телеграфии Тоҷикистон ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муқобили душманони сохти нав муборизаи шадид мебурданд. Ниқоб аз рӯи онҳо мебардоштанд ва барои чунин фаъолият онхо аз ҷониби душманони синфӣ таҳдид карда мешуданд. Аммо ҳокимияти шӯравӣ журналистонро ҳамеша дастгирӣ мекард, ҳимояшон менамуд. Дар шаҳодатномаи мухбирони ТАСС-и Осиёи миёнагӣ, масалан, ба ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ муроҷиат карда мешуд, ки барои иҷрои муваффақонаи супоришҳои хизматиашон ба онҳо мадад расонданд.

Соли 1935 дар шӯъбаи тоҷикистонии ТАСС ҳамагӣ 10 кас кор мекард. Вале соли 1938 ТоҷикТА аллакай дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ, ҳатто колхозу корхонахои азим мухбирони худро дошт. Онҳо аз ҷумлаи

кормандони ҳизбӣ, давлатӣ, мухбирони фаъоли коргару деҳқон хоста гирифта мешуданд. Комитетҳои шаҳрию нохиявии ҳизб чунин мухбиронро дар бюроҳои худ тасдиқ менамуданд. Баъд бо фармони рохбари Агентии телеграфии Тоҷикистон ба кори доимӣ таъин мешуданд. Масалан, дар шаҳру ноҳияи Орҷонккидзеобод Ҳ.Хусейнов, Қӯрғонтеппа -Н.С.Котов, Исфара -Султон Музаффаров, Ӯротеппа -И.В.Сибилов, Шулмак -Х.Қараев, Пахтаобод-Ҳ.Юлчиев, Шӯробод-Х.Содиков ба сифати мухбири ТоҷикТА кор мекарданд. Ҳамин тавр, ТоҷикТА дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, беисгисно, инчунин дар корхонаҳои роҳи оҳан, кони нефти «Ким», совхози «Вахш» ва дигар муассисахо мухбирони худро дошт.

Соли 1925 ба ҷои Агенгии телеграфии Русия (РОСТА) Агентии телеграфии Иттиҳоди шӯравӣ (ТАСС) таъсис ёфт, ки баъди истиклолияти хешро эълон намудани Федератсияи Русия ҳоло бо номи ИТАР-ТАСС фаъолият дорад. ТАСС органи расмии иттилоотии СССР буд. «Ба Агентии телеграфии Иттиҳоди шӯравӣ вазифаи дар тамоми Иттиҳоди шӯравӣ ва хориҷи он паҳн намудани ахбороти сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ҳамагуна дигар ахбороте, ки ба Игтиҳоди шӯравӣ ва мамлакатҳои хоричӣ дахл ва таваҷҷӯҳи умумӣ доранд, гузошта мешавад».

10 декабри соли 1971 бо қарори Шӯрои вазирони СССР ТАСС ба хадамоти иттифоқию ҷумхуриявии иттилоотӣ табдил ёфта, ҳукуқи комитетидавлатиро гирифт. Агентҳои телеграфии чумҳурихои иттифоқӣ ба ҳуқуқи комитетҳои давлатии шӯрои вазирони ҷумҳуриҳои игтифоқӣ молик шуданд. Ба ТАСС 14 агентиҳои телеграфии ҷумхуриҳои иттифоқӣ тобеъ гардиданд: РАТАУ-Украина, БелТА-Белоруссия, УзТАГ- Ӯзбекистон, КазТАГ-Қазоқистон, Грузинформ -Гурҷистон, Азеринформ -Озарбойҷон, Атем -Молдавия, ЭЛТА -Литва, Латинформ Латвия, КирТАГ-Қиргизистон. ТоҷикТА-Тоҷикистон, Арменпресс-Арманистон, Туркменинформ- Туркмманистон, ЭТА-Эсп ония.

ТАСС яке аз бузургтарин агентиҳои иттилоотии чаҳон маҳсуб меёфт. Агентӣ бо кадрҳои баландихтисоси журналистӣ, техникаи хозиразамони электронӣ таъмин аст. Он дар 125 мамлакати ҷаҳон шӯъба ва мухбирони худро дошт. Ҳар рӯз аз гелетайпҳои ТАСС 300-320 ахбори навтарин берун меомад, ки онро бештар аз 600 агентиҳои иттилоотии хориҷӣ, редаксияи рӯзномаю маҷаллаҳо, ширкатхои телевизионӣ ва радиошунавонӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва тичорагии бештар аз 115 мамлакати ҷаҳон истифода мебурданд.

Рақамҳои зер ифодагари кору фаъолияти ин агнетӣ мебошад. Вай дар як

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шабонарӯз 2,5 миллион калима ё ки 10.000 варақи мошиннавис, ё ки 500-600 саҳифа мавод омода мекунад. ТАСС соле то 3 млн сурат тайёр мекард. Барои матбуоти хориҷӣ го 300 ҳазорсурат ирсол карда мешуд. Тавассути тақрибан 50 дастгоҳи радио барои 60 мамлакати ҷахон дар зарфи 800 соат ахбор дикта мегардид.

Дар омода сохтани ахбори оҷил ва сурат, чун кисми таркибии ахбор ва суратҳои ТАСС, агентиҳои телеграфии ҷумҳуриҳои собиқ Игтиходи шӯравӣ, аз ҷумла Ахентии телеграфии Тоҷикисток (ТоҷикТА) фаъолона иштирок менамуданд. Ахбори ТАСС ва ТоҷикТА гавассути хазорон рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои васеи телевизион ва радио ба тамоми олам аз дастовардҳои бузурги халқи шӯравӣ, аз ҷумла халқи тоҷик дар соҳаи иқтисодиёт, илму техника, дараҷаи зиндагонии мардум мужда мерасонид.

Барои бо техника муҷаҳҳаз гардидан ва хубтар шудани кори ҷамъоварӣ, коркард ва ба рӯзномаҳо, телевизиону радио расонидани ахбор ТоҷикТА марҳилаҳои зиёдро паси сар кардааст. Аввалҳо ахбори иттифоқӣ ва хориҷӣ, ки ТАСС тайёр мекарду мебоист рӯзномаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ чои мекарданд, тавассути радио бо роҳи дикта аз Москва ирсол мегардид. Баъдтар, яъне аз соли 1954 ингуна ахбор тавассути радиотелетайп қабул карда мешуд. Ахбори ТАСС аввал ба Тошканд ва аз он ҷо ба Сталинобод меомад, ки мушкилиҳо дош!.

Аз ин рӯ, соли 1959 байни Москва (ТАСС) ва Сталинобод (ТоҷикТА) алоқаи бевоситаи телетайпӣ барқарор гардид. Байни редаксияи рӯзкомаҳои вилоятии вилояти Ленинобод ва вилояти худмухтори Кӯҳистони Бадахшон хати алоқаи телеграфӣ кашида, идораи ии рӯзномаҳо бо дастгоҳи телетайпӣ таъмин карда шуданд. Дар дастгоҳи алоқаи Т оҷикТА ҳам телетайпҳои нав насб ва байни агентиву телеграфи марказии Сталинобод хатҳои иловагии алоқа кашида шуданд.

Ба туфайли ин чорабиниҳо суръати ба редаксияи рӯзномаҳо, телевизиону радио расонидани ахбори ТоҷикТА ва маводи тарҷумашудаи ТАСС афзуд.

Коллективи кормандони агнетӣ бо назардошти он, ки ахбор пеш аз ҳама мавҳуми сиёсӣ асту одамонро ба бунёдкорӣ, эҷодкорӣ ҳидоят мекунад, аз воқеаю рӯйдодҳои сершумори дар ҳаёти чамъиятӣ он ахбореро ба восигаҳои ахбори умумиҷумхурӣ, иттифоқӣ ва хоричӣ ирсол менамуданд, ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ, штифоқӣ ва ҷаҳонӣ дошта боиид.

Инъикоси воқеаю рӯйдодҳо дар кору фаъолияти ТоҷикТА ба тафриқа (фарқгузошган, дифференсиатсия) оварда шуда буд. Чунончи, як мавзӯъ, мавзӯи муҳими рӯз иайвастаю муттасил инъикос меёфт, мавзӯи дигар -дар мӯҳлати муайян. Баъзе мавзӯъҳо барои аксари рӯзномаҳо (махсусан рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятии ҳизбӣ), мавзӯъҳои дигар танҳо барои рӯзномаҳои сохавӣ (нашрияҳои ҷавонон, рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», «Газетаи муаллимон», «Пионери Тоҷикистон», «Вечерний Душанбе», «Паёми Душанбе»), рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ пешкаш карда мешуданд.

Ахборро дар ТоҷикТА одатан ба жанрҳо тақсимбандӣ менамоянд. Хроника (фишурдаи фармони Президенти ҷумхурӣ оиди таъиноту аз вазифа озод намудани вазирон, раисони комитетхои давлатӣ, сафирҳо ва ғайра), ахбор,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

репортаж, мусоҳиба, лавҳа, ҳисобот аз маҷлису ҷаласаҳои гуногун. Ахбор масъалагузоранда, таҳлилӣ, ҷамъбастӣ, танқидӣ шуда метавонад. Ахбор аз ҷиҳати характер расмӣ, байналхалкӣ, иқтисодӣ, илмӣ, варзишӣ, ҳарбӣ, умуман дар бораи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимой мешавад. Баъди истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар васоити ахбори умум ахбори расмӣ ё ки сиёсӣ, дипломатӣ мавқеи устувор пайдо кард.

Дар сохтори марказии Т оҷикТ А шӯъбаҳои зҷодӣ амал менамоянд, ки ба таълифи ахборп ҷамъиятию сиёсӣ, саноату сохтмон, хоҷагии қишлоқ. илму фарҳанг. суратгирӣ махсус гардонида шуданд. Бо ин роҳ чараёни тайёр кардани ахбор идора ва ба танзим оварда мешавад. Зеро агар ин ҷараён танзим намешуд, он гоҳ таносуби ахбор аз рӯи мавзӯъ, жанр, миқдор, география хароб мегардид. Маҳз аз ин рӯ ба кор кадрҳое хоста гирифта мешаванд, ки соҳаро хуб донанд ё мутахассиси соҳа ҳастанд.

Ҷамъоварӣ, таҳлилу тавсиф, таҳрир ва ба рӯзномаҳо, телевизиону радиои чумҳурӣ, муштариёни хориҷӣ расонидани ахборро коллективи солими эҷодӣ, аҳлу тифоқи Агентии телеграфии Тоҷикистон бо сарбаландӣ ба ҷо меовард. Журналистон, кормандони инженерию техникӣ бо ҳисси баланди меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, ифтихори он ки ҷарчиёни комёбиҳои халқи худ мебошанд, пурмаҳсул кор мекарданд ва коллектив бо бисёрии онҳо ифтихор дошт. Махсусан собикадорони матбуот ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ сазовори эътирофу эътибор буданд ва ҳастанд. Журналистон Набиҷон Почоҷонов, О.Д.Соболев, Ҷ.М.Исҳоқов, Л.И.Окунов, Я.И.Налский, А.И.Немировский, З.Насриддинов, А.Расулов, Л.В. Никулина, Н.Каримов ва чанде дигарон солҳои тӯлонӣ дар ин даргоҳ кору фаъолият намудаанд.

«Ойинаи ТочикТА». «Ойинаи ТоҷикТА» варақаи мусаввари гашвиқотист, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Агентии телеграфии Тоҷикистон (ТоҷикТА) нашр мекард. Дар он доир ба вокеаҳои муҳим тарини рӯз, каҳрамонии аскарони советӣ дар фронт ва фидокории меҳнаткашон дар ақибгох нақл карда мешуд. Нашри «Ойинаи ТочикТА» аз охирҳои соли 1941 огоз ёфта, ҳафтае як бор мебаромад ва адади нашраш 500 нусха буд. Масалан, соли 1942 60 шумора баромад. Дар варақаҳое, ки бо сарлаҳаҳои «Лаккӣ хам душман аст», «Либосҳои гарм барои ҷанговарон», «Шаъну шараф ба қаҳрамонони Сталинград».

«Ҳушёр бош», «Лаънат ба тартиботи нави фашистӣ дар Европа!» ва ғайра чоп шудаанд аз душманони ғаддор -фашизми хонумонсӯз, аз бедодгарихои он, муборизаи ҷасуронаи халқи советӣ барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани советӣҳикоя карда шудааст. «ОйинаиТоҷикТА» дар ҳамаи шаҳрҳо, районҳо ва вилоятҳо паҳн ва дар ҷойхои намоён ба деворҳо овехта мешуд. Дар он корриқатураҳо ва суратҳои бисёр дарҷ мегардид. Аксарияти муалифони «Ойинаи ТоҷикТА» адибон ва рассомони республика буданд.

1

5. Матбуоти даврӣ

Матбуоти ҷавонон дар ду рӯзнома «Ко.мсомоли Тоҷикистон» («Ҷавонони Тоҷикистон») ва «Комсомолец Гаджикистана», ки аз соли

1930 чоп мешаванд, инъикос ёфт. Рӯзномаи русиаш соли 1993 аз байн рафт. Ин рӯзномаҳо такрори ҳамдигар набуда, мустакилона нашр мешуданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Таъсиси **«Комсомоли Тоҷикистон»** аз қарори КМ ЛКСМ-и Тоҷикистон аз 25 марти соли 1930 вобаста буд, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Бо назардошти нақши арзандаи оммаи комсомолон, бо мақсади тақвият бахшидани ин фаъолият, муттаҳид кардани оммаи ҷавонони коргар, батрак, камбизоат ва миёнаҳол дар атрофи ташкилоти комсомолӣ ва кори тарбиявӣ дар асоси қарори бюрои комсомоли умумииттифоқ ва талаби ташкилотҳои комсомолӣ зарур дониста шавад, ки нашрияи КМ ЛКСМ Тоҷикистон ба забони маҳаллӣ таъсис дода шавад... Шумораи аввали он го 15 апрели соли ҷорӣ нашр гардад.

Дар воқеият шумораи аввали рӯзнома 5 апрели ҳамон сол нашр шуд ва муҳаррираш - Мақулшоев, мудири шӯъбаи КМ ЛКСМ, котиби масъул Ғ.Ализода буданд. Дар худи ҳамон сол Ализода муҳаррири он таъин шуд. Дар солҳои сиюм дар он М. Турсунзода, С.Улугзода,

Н.Почоҷонов кор кардаанд. Турсунзода аз кормандони фаъоли рӯзнома ва С. Улуғзода котиби масъули он буд. Дар он аз ҷумла мақолаҳои Турсунзода - «Ду коммунист», «Таълими умумии ибтидоӣ», ҳикояи «Кулфатзодагон» (ҳама дар соли 1931) чоп шудаанд.

Рӯзнома дар саҳифаҳои худ матолиби зиёди танқидӣ дошт ва ин чиз боиси гуфтугӯҳои зиёде мешуд. Масалан, КМ ЛКСМ Тоҷикистон 12 феврали соли 1938 «Дар бораи мақолаҳое, ки дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» аз 23 то 28 декабри соли 1937 чоп шудаанд, масъала мухокима карда онҳоро («Бо роҳи пештара», «Ба матбуоти комсомоли кадрҳои болшевикӣ») маъқул донист.

Нашрияи ҷавонон 5 майи соли 1939 дар бораи вазъияти худ навишта буд: «Газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» дар айни замон зиёда аз 200 нафар мухбир ва мухбираҳо дорад, ки онҳо аз ҳар соҳа активона хабар ва маколахо навишта меистанд. Сафхои мухбирони мо нафақат меафзояд, балки аз байни онхо даххо журналистони ҷавон ва шоирони ҳаваскор тарбия гирифта, тайёр шуда баромада истодаанд. Масалан, мухбири пештараи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» рафиқ Ғафур Юлдошев муҳаррири газетаи районии Шаҳринав, Усмонҷон Зокиров ва Ҷӯра Назарӣ котибони масъули газетаҳои вилоятии Бадахшон ва районии Конибодом шуда кор мекунанд.

Дар соли 1938 аз тарафи редаксияи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» 831 хабари мухбирон барои тафтиш кардан ба прократураи районӣ, райкомкомсомолҳо ва дигар ташкилотҳои районй фиристода шуда ба 631 хабар ҷавоб гирифта шуд».

«Комсомоли Тоҷикистон» аз ҷумлаи газетаҳоест. ки аз кору бори қаҳрамононаи ҷавонони шаҳру деҳоти республика ҳар рӯз ба хонандагон хабар медод. Хизмати хуби рӯзнома дар он буд, ки аз ин қаҳрамониҳо нақл намуда, кори саркардаи онҳоро то охир бурда мерасонд. Масалан, дар зарфи 50 соли охир номи яке аз фотеҳони водии Вахш СИсоевро газета ҳазорҳо бор ёдовар мешавад. Охир, собиқ комсорги гурӯҳ С.Исоев баъдтар чун ходими партиявиго советӣ камол меёбад, зиёда аз чоряк аср вазифаи котиби комитети партиявии райони Колхозободро ба ҷо оварда, чандин даъват сокинони район ӯро депутати Совети Олии республика интихоб мекунанд. Партия ва ҳукумат хизматҳои ӯро ҳаматарафа қадр намуда, ба ӯ унвони олй - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

медиханд. Газета дар симои С.Исоев, А.Самадов, М.Маҳмадалиев, Э.Бойматова, А.Розиқов, Қ.Эшмамадов, М.Азизов, Р. Аслиддинов тақдири даҳҳо-садҳо нафар қаҳрамонони арсаи меҳнатро кушода додааст.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали нашри худ газетаи комсомолону ҷавонони республика «Ҷавонони Тоҷикистон» дар байни хонандагон мавқеи калон пайдо намуд. Дар рӯзи яксолагии чоп шуда баромадани худ газета аллакай 405 мухбирони коргару деҳқони ҷавонро дошт, ки дар байни онҳо 10 нафар занону духтарон буданд. Дар байни мухбирон 45 нафар коргар, 40 деҳқони миёнаҳол, 80 дехқони камбагал, 53 косиб, 4 колхозчй, 138 нафар хизматчй буд.

Дар зарфи як сол тиражи газета аз 600 нусха ба 7 ҳазор расид. То 1 октябри соли 1930 вай обуначиёни худро надошт ва қисми зиёди он да{ байни хонандагон паҳн карда мешуд.

Аввалин трактор. аввалин самолёт, аввалин иншооту аввалин колхо: Он солҳо дар кишвари зарнисори мо ҳама чиз аввалин буд. Мубориза баро истиқлолияти пахта, набарди фотехони аввалини водии Вахш бо дашт лабташнаю синабирён,мубориза барои забону адабиёти тоҷик ин ҳама дг саҳифахои матбуоти онрӯза хаматарафа инъикос гардидаанд, ки барс насли имрӯза а.ъ!акай ба сафҳаи таърих табдил ёфтаанд.

«Комсомоли Тоҷикистон» ҳамчун пропагандист, агитатор ва ташкилотчии коллективӣ дар ин муддат корҳои зиёдеро анҷом дода, дар таърихи матбуоти тоҷик саҳифахои наву дурахшон илова кардааст. Дар саҳифаҳои газета, махсусан, ба мавзӯи мусобикаи сотсиалистӣ, ки мактаби тарбия ва қувваи пешбарандаи ҳар як коллектив мебошад, аҳамияти калон дода мешавад. Бо ифтихор қайд кардан мумкин аст, ки бо ташаббуси газета бисёр намудҳои мусобиқаҳои сотсиалистии байни коллективҳо сурат гирифта, сабаби пеш аз мӯҳлат иҷро гардидани планҳои давлатии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ шуданд.

Ҷаридаи «Комсомоли Тоҷикистон» на танҳо дар таърихи матбуот, балки дар таърихи маданияти сотсиалистии халқи тоҷик чинори бузургест, ки дар атрофу акноф ва зери болу решаҳои бешумори тавонои он дигар намудҳо ва жанрҳои маданияти маънавии мо, адабиёт, санъат, матбуот, илм ва тарзи нави зиндагӣ ба вуҷуд омада, равнақ ёфтаанд.

Чун иттифоқи нависандагон ҳанӯз ташкил нашуда буд, рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» тақдири адабиётро ба даст ва кор бурдан бо навкаламонро ба зиммаи худ гирифта буд. Ходимони адабии рӯзнома шеърҳои хоми навқаламонро таҳрир мекарданд, ба чоп мерасонданд. Газета, махсусан, дар чопи чунин жанрҳо- очерку фелетон кори зиёде ба иҷро расонд.

Аксарияти нависандагону шоирони советии тоҷик бо сардории Мирзо Турсунзода онҳое мебошанд, ки дар охири солҳои бистуму ибтидои сиюм бо шеърҳои аввалин ба мактаби шоирии худ рӯзномаи ҷавонон бо умеди калоне кадам ниҳоданд ва дар огӯши он тарбия ёфта, ба воя расиданд. Қатъи назар аз он ки шумораи рӯзномаҳо ва журналҳои адабӣ дар республика меафзояд, кори иттифоқҳои эҷодӣ рӯз ба рӯз равнақу ривоҷ меёбад, рӯзномаи дӯстдоштаи ҷавонон, ки «Комсомоли Тоҷикистон» ном дошг, кори бошарафи худро бо ходимоии адабиёту санъат чун ҳамеша соҳаи муҳим дониста, давом дод.

Аз ин ҷост, ки Президиуми Советии Олии СССР аз 31 январи соли 1980 газетаи «Комсомоли Тоҷикистон»-ро барои тарбияи коммунистии ҷавонон, ташкили онҳо баҳри иҷрои вазифахои сохтмони хоҷагӣ ва маданӣ бо ордени «Нишони фахрӣ» мукофотонид.

Рӯзноманигор -муҳаққик Хуршеди Атовулло бахшида ба 70- солагии нашри «Комсомоли Точикистон» китобе таҳти унвони «Пайванди пайкараҳо» соли 2000-ум ба дасти чоп дода, роҳи пуршарафи тайнамудаи рӯзномаро дар давоми ин солҳо хеле ҷолиб ба қалам додааст. Дар пешгуфтори он Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон профессор И.Усмонов навиштааст: «Китоби Хуршед касро бедор мекунад, на он бедоркуние, ки замоне бо ҳарос сӯяш менигаристагӣ шуда будем. На! Балки бо зикри М.Турсунзода, С.Улугзода, Ф.Муҳаммадиев, Лоик барин бузургонамон, ба зикри Т.Улҷабоев, А.Зокир, Б.Муртазоев, И.Файзуллоев, М.Ҳакимова барин қаламкашон моро бедор ба худшиносии миллӣ мекунад, моро рӯҳу равоне барои шинохти тоҷикият медиҳад».

«Пионери Тоҷикистон». Гурӯҳҳои аввалини ташкилоти Умумииттифокии иионери республикаи мо соли 1924 ташкил ёфт. Баъди 8 сол, яъне соли 1932 барои пионерону наврасон газетаи махсус «Пионери Тоҷикистон» чоп шуда баромад. То соли 1952, яъне дар давоми 20 сол «Пионери Тоҷикистон» ягона дар республика нашри махсус барои бачаҳо ҳисоб меёфг. Газетаи бачахо аз рӯзҳои аввалини мавҷудияташ дар саҳифаҳои худ аз ҳаёти пионерон, бародару хоҳарони хурдакаки онҳо ба хонандагон нақл менамуд.

Қобили қайд аст, ки «Пионери Тоҷикистон» аз рӯзҳои аввал аз шаҳру деҳот, комсомолону ҷавонон, пионерону мактаббачаҳо мактубҳои зиёд мегирифт. Онҳо хабар медоданд, ки онҳо худашон, рафиқону ҳамсинфонашон бар зидди бесаводй мубориза мебаранд. «Дар оилаи мо бесаводон нестанд», «Ба бесаводӣ мубориза мебарем», «Ҳама саводнок мешавем!» - тахти ин сарлавҳаю рубрикаҳо солхои аввалини мавҷудияташ дар газета хабару мақолаҳоро мутолиа кардан мумкин аст. Дар он солҳо пионерон ёрдамчии ҳақиқии калонсолон ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, пурмаҳсул меҳнат мекарданд. Танҳо дар ин ҷо хотирнишон кардани номи пионерка Мамлакат Наҳангова кифоя аст. Пионери ёздаҳсола ба ивази меҳнати пурсамараш дар ҷамъоварии «тиллои сафед» ба гирифтани мукофоти олии мамлакат -ордени Ленин сазовор гашт.

Ҳамин тавр, пионер Абдулло Усмонов аз колхози «Коммунист» райони Конибодом дар сохтмони Канали Калони Фаргона фаъолона иштирок намуда, ба гирифтани мукофоти хукуматй ноил гардид. Соли 1941 вақте ки дар Маскав Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик мегузашт. 34 нафар пионерони ҷумҳурӣ дар он иштирок доштанд.

Вақте ки фашистони немис ба ҳоки Вагани мо аҳдшиканона ҳуҷум оварданд, пионерону мактаббачаҳо дар сари дастгоҳи заводу фабрикаҳо, саҳрою фермахои колхозию совхозй ҷои падарон, бародарони ба фронт рафтаи худро ишғол намуда, онҳо чун калонсолон меҳнат карданд ва бо ҳамин рӯзи галабаро то метавонистанд наздик оварданд. Дар ин мудцат зиёда аз 400 хазор мактаббачагони республика дар сахроҳои колхозй бештар аз 200 ҳазор рӯзи меҳнат кор карданд. Пионерон 230 тонна оҳанпора ҷамъ оварда, барои ҷанговарон

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

280 ҳазор ҷуфт ҷӯробҳои пашмин тайёр карда. ба фронт фиристоданд. Газетаи дӯстдоштаи мактаббачагону пионерон дар саҳифаҳои худ рафти ҳамаи ин корхои некро инъикос карда. онхоро дастраси дигарон менамуд. Дар колхози ба номи Фрунзе, райони Регар, тахти роҳбарии Турсуналӣ Маткозимов нахустин дар республика звенои пахтакории пионери таъсис ёфт. 1 марти соли 1948 бо Укази Президиуми Совети Олии СССР ба Турсуналӣ Матқозимов унвони олӣ - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ дода шуд. Имруз рӯзнома тахти унвони «Анбоз» чоп мешавад.

Ҳаракати мухбирони коргару деҳқон. Дар солхои сиюми асри ХХ харакати мухбирони коргару деҳқон хеле боло рафт. Дар ин солхо газетахои районӣ хамчун яроқи бурро ва тавоно барои ба амал баровардани нақшаҳои бунёдкории давлату ҳукумат, бунёди ҷомеаи нав, тарбияи меҳнатдӯстӣ, баланд бардоштани савияи мадании меҳнаткашон роли калон бозиданд. Газетаҳои районӣ асосан ба хабар ва мактубҳои мухбирони коргару деҳқон такя менамуданд.

Яке аз хусусиятҳои хоси матбуоти шӯравӣ такяи он ба ҳаракати мухбирони коргару деҳқон, дар давраи аввал ба аскарони сурх будааст. Барои инкишофи ин ҳаракат талабҳои қатъии ҳизб, ки дар қарорхояш «Дар бораи ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (1 июни соли 1925), «Вазифаҳои навбатии партия дар соҳаи ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (27 агусти соли 1926), «Дар бораи азнавсозии ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (16 апрели соли 1931) ва гайра ифода ёфтаанд, нақши мубрам доранд.

Дар миёнаи соли 1931 дар якчанд ноҳияҳо конференсияи мухбирон ва дар Сталинобод анҷумани якуми мухбирони коргару деҳқон даъват карда шуд. Ба ҳамин тариқ, соли 1931 пеш аз анҷумани якуми мухбирони коргару дехқони Тоҷикистон дар районҳои республика конференсияҳои мухбирон барпо гардид. Дар он конференсияҳо қариб 5500 нафар намоянда аз мухбирон, коргарон, колхозчиёни пешқадам, муаллимон, хизматчиён, коркунони партиявӣ, советӣ, хоҷагӣ ва маданӣ иштирок доштанд. Ин конференсияҳо ба анҷумани якуми республикавии мухбирони коргару деҳқон вакилон ингихоб намуданд.

Анҷумани якуми мухбирони коргару дехкон моҳи сентябри соли

1931 дар Сталинобод барпо гардид. Дар он 285 нафар вакилон: ва рохбарони матбуоти вақт Ҳамид Обид, Қосим Дайламӣ, Барот Забирзода, Ҳамид Зарифӣ, Набӣ Фахрӣ, Қодир Наимӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Аббос Иброҳимов, Набиҷон Почоҷонов, Нуриддин Пиримқулов ва дигарон иштирок намуданд.

Анҷумани якуми мухбирони коргару деҳқони Тоҷикистон дар бораи вазифаҳои навбатии рӯзноманигорон ва роли матбуот маърӯзаи Шириншох Шотемурро шунид. Анҷуман инчунин маърӯзаҳои муҳаррирони газетаҳои республикавӣ, маърӯзахои инспексияи коргару дехкон (РКИ) ва прокурори Тоҷикисгонро дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мухбирони коргару деҳқон шунида, доир ба ин масъалаҳо қарорҳои дахлдор қабул намуд ва вазифаҳои навбатии мухбирони коргару дехкони республикаро муайян намуд. Анҷуман корҳои шуъбаи оммавии рӯзномаҳоро сахт танқид карда, кайд намуд, ки дар оянда ба фаъолияти шӯъбаҳои оммавии редаксияҳо диққати ҷиддӣ дода, ба мухбирони коргару деҳқон ҳаматарафа ёрӣ расонда шавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

26-29 августи соли 1935 анҷумани дуюми мухбирони коргару дехкони Тоҷикистон баргузор шуд ва дар он муҳаррирони рӯзномаҳои марказии ҳизбӣ - А.Г луховский, И.Баҳромӣ ва К.Терегулов сухан ронда, вазифаҳои матбуот ва мухбиронро вобаста ба муҳимтарин воқеаҳои замон, муборизаи бунёдкоронаи халқи тоҷик муайян намуданд.

Сарфи назар аз он, ки матбуот дар чӣ намуд ва кадом тираж нашр мешуд, он вазифаи аввалиндараҷаи худро дар татбиқи сиёсати давлат медид. Инкишофи саноат яке аз он вазифаҳо буд. Дар Тоҷикистон мебоист саноати пахта ва равған мисли пештара тараққӣ кунад, дар баробари ин асоси саноати вазнин бунёд карда шавад. Бо ин мақсад инкишофи саноати сӯзишворӣ ва металлҳои ранга, махсусан азнавсозии шахтаи Шӯроб, ҷустуҷӯи нафт, тараққии саноати химия, аз ҷумла, сохтмони комбинати химия дар Ленинобод пешбинӣ шуда буд. Дар солҳои сиюм сохта ба истифода додани комбинати шоҳибофии Хуҷанд ва фабрикаи шоҳибофии Душанбе, ГЭС-и Варзоб, кони Қаромазор, заводи чарм ба назар гирифта шуда буд. Дар бисёр хабару мақолаҳое, ки дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» доир ба ин соҳа бахшида шудаанд, аз рафти иҷрои ин нақшаҳои хабар дода мешуданд. Газета аз фаъолияти коргарон, муассисаҳо ва сохтмонҳои саноатӣ доимо ба таври мароқангез ҳикоят менамуд. Мухбирон бо бригадаҳои махсус ба сохтмонҳои зарбдор мерафтанд. «Меҳнатро ба тариқи болшевикона ташкил намоем», «Стахановчиёни тоҷик» планро 200 фоиз иҷро мекунанд!»- чунин буд лавҳаву рубрикахои бешумори газета, ки зери он аз ҳаёти коргарони муассисаҳои саиоатии тоҷик сухан мерафт. Газета бо сарлавҳаи «Имрӯз аз мо чӣталаб мекунад?» сармақола чоп карда, дар он ривоҷи саноати миллиро яке аз вазифаҳои муҳимтарин меномад. Рӯзнома шумора ба шумора дар хусуси муассиса.ҳои саноагии республика хикоят намуда, хонандагонро аз нахустин комёбию бозёфтҳо хабардор менамуд. «Дар корхонаи пиллакашии Сталинобод», «Сохтмони заводи чарм», «Вазъият дар ГЭС-и Варзоб» ва ғайра аз ҷумлаи чунин маколаҳо мебошанд. Аз аввали соли 1931 газета рубрикаи «Панҷсола- дар чор сол» ташкил мекунад, ки аксари материалхои он ба мавзӯи саноат бахшида мешаванд. Илова бар ин газета дар ин иншоотҳо ва дигар муассисаҳои саноатӣ бисёр мухбирони ғайриштатӣ дошт. Хабару мақолаҳои онҳо зери рубрикаҳ,ои «Дар сохтмони Вахшстрой», «Стахановчиёни тоҷик», «Дар сохтмони Варзоб -ГЭС», «Аз индустрикунонии республика» чоп мешуданд. Аз ин хабару маколаҳо ба хубй донистан мухмкин аст, ки вазъияти сохтмон ва рафти кор дар заводи механикии Душанбе, заводи трактортаъмиркунии Кӯрғонтеппа, комбинати консерви Хуҷанд, ташкили мусобика дар заводи пахтаи Душанбе чӣ гуна аст.

Дар ин хабару мақолаҳо тайёр кардани қувваи корӣ барои саноати бунёдшаванда ва тараққикунанда ба пеш гузопгга мешавад. «Саноатро бе қувваи корй тараққй додан мумкин нест. Барои он ки саноати республикаамон тараққй ёбад, онро бо қувваи корй таъмин бояд кард», мехонем дар яке аз сармақолаҳои газета. Маҳз дар ҳамин давра дар саҳифаҳои «Тоҷикистони Сурх» мавод оид ба саноат ва пешрафгу тараққиёти он яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд.

Дар даврае, ки дар мамлакат таҳкурсии сотсиализм гузошта мешуд, «Тоҷикистони Сурх» барои ба амал баровардани нишондодхои асосии партия

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

оид ба коллективонии хоҷагии қишлоқ ҳаматарафа мубориза мебурд. Дар бпсёр хабару мақолаҳо бартарии меҳнати коллективӣ ва фоидаи он бо факту рақамҳо ва далелҳои боварибахш нишон дода мешуд. Оид ба хоҷагиҳои пешқадам ва одамони он саҳифаҳо ташкил медод. Масалан, шумораи 25 феврали соли 1925 бо сарлавҳаи умумии «Саломи колхозӣ ба зарбдорон -муборизаи истиқлолияти пахтагии СССР» кушода мешавад. Дар ин шумора суратҳо ва мақолаҳои колхозчиёни пешқадам чоп шудаанд. Журналист ва нависанда Алихуш Муҳаммадзода дар «Шуҷои номдор» ном очеркаш аз ҳаёти яке аз зарбдорони саҳроҳои колхозӣ ҳикоя мекунад.

Хулосаи мантикии мақолоти ин саҳифа иборат аз он аст, ки пахта шарафи республикаи мост. Истеҳсоли онро аз ҳар ҷиҳат тараккӣ додан вазифаи ҳаётии ҳар як деҳқони тоҷик аст. зеро то мамлакати мо талаботи рӯзафзуни худро аз пахта таъмин накунад, ба амал баровардани мақсадҳои нек дар ҷомеа аз имкон берун аст.

Дар арафаи съезд колхозчиёни зарбдор, ки соли 1935 шуда гузашт, газета бисёр саҳифаҳои худро ба тасвири корнамоиҳои меҳнатии пешқадамони истеҳсолоти колхозию совхозӣ бахшид. Ин саҳифаҳо «Сухан ба одамони машҳур» номида мешуд, ки дар байни чунин одамон Аҳмадбой Қ>'шназаров, Бобо Турдибоев барин деҳконони соҳибкору меҳнатдӯст буданд, ки дар саҳифаҳои газета аз таҷрибаи деҳқонии худ ҳикоят менамуданд.

Соли 1938 дар республика бо номи **«Агигатори Тоҷикистон» -** журнали КМ ПК Тоҷикистон аз чоп баромад. Ин нашрия аввал «Блокноти агитатор» ном дошта, то соли 1939 чоп гардид. Аз октябри соли 1973 то январи соли 1975 моҳе дар ҳаҷми 1,5 ҷузъи чопӣ нашр шуда, аз январи соли 1975 номи «Агитатори Точикистон»-ро ба худ гирифт.

Маҷаллаи «Агитатори Т оҷикистон» монанди «Тоҷикистони Су рх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тожикистон», дар ин давра аз таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадам, участкаҳо ва бригадаҳои алоҳида дар бобати ба даст овардани ҳосили зироат, пеш аз хама пахта, маҳсулоти чорво ва саршумори он нақл менамуданд. Деҳқонон дар хусуси он низ накл мекарданд, ки хоҷагиҳоро чи хел мустаҳкам намудан, истеҳсоли пахтаро зиёд кардан мумкин аст. Онхо бо таҷрибаи худ бартарии бузурги хоҷагиҳои коллективиро бар хоҷагиҳои яккадастии деҳқонӣ бо мисолҳо исбот менамуданд. Дар ин баромадҳо нишон дода мешуд, ки техникаи нави хоҷагии кишлоқто чй андоза меҳнати деҳқононро сабук менамояд.

Дар гашвиқу тарбияи ҳамаи ин корҳои нек отряди калони мухбирони деҳқон фаъолона иштирок доштанд. Дар солҳои панҷсолаи якум газетаҳои республикавй -«Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тоҷикистон» тавонистанд, гурӯҳи калони мухбирони коргару деҳқонро тарбия намоянд. Ин мухбирони нав дар бобати рафти амалй гардидани нақшаҳои бунёдкоронаи давлату ҳукумат ҳиссаи калон мегузошт. Аз ин ҷост, ки соли 1933 рӯзи матбуот дар сахифаҳои газетаҳои номбаршуда ба таври васеъ қайд карда шуд. Масалан, газетаи «Коммунист Таджикистан» 29 апрели соли 1933 таҳти унвони «Пеш аз мӯҳлат тамом кардани кишт -вазифаи ҳар як мухбири коргару

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

деҳкон» баромад намуд. Дар ин баромад газета ҳар як мухбирро даъват намуд, ки аз рафти киштукори баҳорӣ, хусусан, киштп пахта, бештар хабару мақола нависанд. Худи ҳамон солҳо дар назди газетаҳои «Ударник Вахшстрой», «Ҳақиқати Кӯлоб», «Болшевики Конибодом» барои мухбирони коргару деҳқон кружокҳо, семинарҳо, гузаронида, пунктхои консултатсионӣ амал мекарданд.

Солҳои сиюм дар Тоҷикистон солҳои корнамоиҳои бу зург, солҳои фатҳи заминҳои асрҳои аср бекорхобидаи Вахшу Кӯлоб, Ҳисору Фарғона буд. Ҳазорон-ҳазор меҳнаткашон ихтиёран ба ҳашарҳои каналковӣ мерафтанд, каналҳои калони Фарғона ва Ҳисорро мекандаид. Водии Вахшро обшору обод мекарданд. Дар ин муддат даҳҳо кормандон ва мухбирони «Тоҷикистони Сурх» бригадаҳои махсус мураттаб карда, ба сафи I (еши мубориза барои ҳаёги нав мешитобиданд. Онҳо аз сохтмонҳои зарбдор, аз саҳроҳои колхозӣ хабару мақола менавиштанд. Анъанаи ташкил кардани бригадаҳои мухбирӣ минбаъд ҳам идома ёфт. Масалан, дар сохтмони канали калони Фаргона Набӣ Фахрӣ, Эргаш Мӯҳсинзода барин мухбирони газета иштирок намуда. репортажхо чоп карданд. Дар моҳҳои январ-феврал Ҳаким Карим ва Ҷалол Икромӣ азсохтмони канали калони Фарғона як силсила очеркҳо навиштанд ва онҳоро вараке аз умри бобаракати созандагони ин иншооти бузург номидан мумкин аст.

Бо даъвати давлату ҳукумат дар он солхои бунёдкорӣ гурӯҳи калони деҳқонони водии Фаргона ва районҳои шимолии республика ихтиёран ба водии Вахш омада, ба обшор ва ободкунии ин дашти синабирён камар бастанд. Онҳо нафақат худашон мардона меҳнат мекарданд, балки дӯстон ва шиносҳои худро даъват мекарданд, ки аз ин кори хайрдар канор намонанд. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» ҳамчун минбари пешқадамон дар ин кори наҷибона ба онҳо ёрӣ мерасонд.

Ба гулистон табдил додани дашти сӯзон, ба душвориҳои табиаг мардона тоб оварда меҳнат кардани деҳконон, рӯз ба рӯз обод шудани манзили муҳоҷирон ва беҳтар шудани аҳволи зиндагии маишии онон ҳаминҳо буданд мавзӯъҳои навиштаҷоти муаллифони матбуот.

Солҳои сиюм нафақат давраи тараққии хоҷагии қишлоқ ва саноати республика, балки инчунин давраи инкишофи маданият ҳам буд. Ҳамин маъниро таъкид карданӣ шуда, 5 ноябри соли 1933 «Тоҷикистони Сурх» менависад: «Ҳоло мебинем, ки дар ҳар гӯшаи Тоҷикистон клуб, кино, радио, мактаб ва дигар гӯшаҳои маданияти шаклан миллӣ ва мазмунан иҷтимой хизмат менамояд».

«Барои адабиёти сотсиалистӣ» (БАС), журнали хармоҳаи адабии нависандагони Тоҷикистон, ки аз августи соли 1932 то октябри соли 1937 мебаромад. Барои нашри «БАС» журнали «Роҳбари дониш» (1927- 32) замина ба вуҷуд оварда буд. Шумораи якуми «БАС» 1 августи соли

1932 аз чоп баромад, ки дар ҳайати таҳририяи он аз адибони тоҷик

А.Лоҳутӣ, С.Айнӣ, С.Улуғзода, Б.Азизӣ, Р.Абдулло ва дигарон дохил буданд. Дар шумораи нахустини «БАС» манзумаи П.Сулаймонӣ «Ба миллитаристони Япония», мақолаи Ғ.Абдулло «Барои танқиди болшевикона» ва шеъру мақолаҳои дигар нависандагони тоҷик чоп шуда буданд. «БАС» аз соли 1938 унвони «Шарқи сурх»-ро гирифг. Аз аввали солхои хафтодум ба номи «Садои Шарқ» мебарояд. «БАС» -барои инкишофи адабиёти советии тоҷик, муттаҳид намудани адибони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

республика воситаи муҳим гардид. Дар тамоии давраи фаъолияташ маҷалла минбари боътимоди адибони тоҷик буд. Нақши калами бузургони адабиёт ва зҷодкорони навмашки тоҷик, намунаи асарҳои адибони кариб тамоми дунё дар он ҷои худро ёфтааст. Маҷалла хамкадами замон ва хамсадои он буд ва ин вазифахоро бо асархои адабӣ, адабиётшиносона, бахсҳои илмӣ ва эҷодӣ ва осори публисистӣ иҷро мекунад.

«Инқилоби маданӣ» -маҷаллаи ҳармоҳаи сиёсиву иҷтимоӣ, педагогиву методии комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон буд. Аз соли 1931 нашр мешавад. Моҳи октябри соли 1937 (№81) бо номи «Революцияи маданӣ» баромад ва аз шумораи 95 (январи 1939) номи «Ма ктаби Совети»-ро гирифт. Дар солҳои чанг чоп нашудааст.

Кормандони асосӣ Л.Бузургзода, Б.Сирус, А.Бақоваддинов.

О.Шукуров, Х.Мирзозода, А.Мирзоев, Н.Масъумӣ, Суҳайлӣ.

«Барои коллективӣ», газета органи КМ ВКП (б) Тоҷикистон ва Комитети Марказии иттифоки камбагалони Тоҷикистон буд. Газета аз соли 1930 то 1934ҳафтае 5 борботиражи 10300 нусха ба забонитоҷикӣ чоп мешуд. Соли 1934 чоиаш қатъ гардид.

«Барои коллективӣ ва камсаводон», газета органи Комиссариати зироат ва «Колхозцентр»-иТоҷикистон буд. Газета азянвари 1930 моҳе 6 маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешуд. Соли 1932 чопаш қатъ гардид.

Нашрияҳои МТС. Чун дар тамоми мамлакат дар Тоҷикистон ҳам солҳои сиюм шӯъбаҳои сиёсии МТС-ҳо (Машина-тракторные станции- Марказҳои мошину трактор) нашриёти худро ташкил карданд. Аввалин газетаи сертиражи шӯъбаи сиёсӣ «Бо роҳи Ленин» 3 августи соли 1933 дар МТС-и Ху ҷанд нашр шуда буд. Баъди ин газетаҳои шӯъбаҳои сиёсии МТС-и Нов «Сталин йӯлӣ», МТС-и Арал «Политотделчӣ», МТС-и Конибодом «Барои роҳи Сталин», МТС-и Регар «Пахтакор», МТС-и Шаҳритус «Колхозчӣ», МТС-и Кӯлоб «Колхозчии зарбдор» ва гайра чоп шуданд. Дар ибтидои соли 1934 дар республика 10 газетаи шӯъбаҳои сиёсии МТС-ҳо мавҷуд буд ва онҳо дар байни аҳолии қишлоқҳои Тоҷикистон обрӯю эътибори калон пайдо карданд, зеро онхо ба гурӯҳи сершумори мухбирони деҳот такя менамуданд.

Газетаҳои шӯъбаҳои сиёсии МТС-ҳои республика дар бобати аз ҷиҳати ташкилию хоҷагӣ мустаҳкам кардани колхозу совхозҳо кори бузургро вусъат дода, бар зидди саботажкунандагони тадбирҳои партия ва ҳукумат оид ба тайёр кардани пахта ва маҳсулоти чорво дар колхозҳо, ба муқобили торочгарони моликияти колхозӣ ва вайронкунандагони рохи давлату ҳукумат муборизаи беамон мебурданд.

Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ дар атрофи редаксияи газетаҳои «Бо роҳи Ленин», «Политотделчӣ», «Барои роҳи Сталин», «Сталин йӯлӣ» шумораи зиёди мухбирони қишлоқ ҷамъ омаданд. Масалан, газетаи шъубаи сиёсии МТС-и Конибодом «Барои роҳи Сталин» моҳи декабри соли 1933 аз чоп баромад ва дере нагузашта дар атрофи он 141 нафар мухбирони кишлок гирд омаданд. Бо ёрии бевоситаи газета дар 38 колхоз ва 450 бригада газетаи деворӣ ташкил карда, 4 маротиба слёти мухбирони кишлок барпо гардид.

Газета дар якчоягӣ бо коркунони газетаи «Саворагони сабук» 21 бригадаи азназаргузаронӣ ташкил карда, дар колхозҳо сифати кори байни каторҳои пахта, обёрӣ, нашъунамо ва ягонакунии онро санҷид. Одатан дар рӯзҳои кишт бошад, редаксияҳои сайёр ташкил дода мешуд. ки онҳо бевосита дар махалҳо шуда, аз ҳаёти мардуми деҳот хабару макола менавиштанд. Бригадаи сайёри редаксияи газетаи «Барои роҳи Сталин» дар участкаҳои Ниёзбек ва Махрами райони Конибодом варакаҳои махсус баровард. Дар чунин варақаҳо дар баробари хабару мақолаҳои таърифӣ. инчунин камбудихои кори колхоз ва участкаҳои ақибмонда зери танқиди сахт гирифта мешуд.

Газетаҳои вилоятӣ барои боз ҳам пурмазмун гардидану бехтар шудани сифати чопи газетаҳои районӣ ҳаматарафа ёрӣ мерасониданд. Бо даъвати газетаи «Правда» онҳо газетаҳои райониро ба шефӣ гирифта, беҳтарин коркунони худро ба районҳо мефиристониданд. Барои ҳамаи газетаҳои миллӣ «Правда» намунаи ибрат буд. Дар саҳифаҳои он хулосаи газетаҳои маҳаллӣ чоп карда, бурду бохти онҳо зикр гардида, роҳи камбудиҳо нишон дода мешуданд. Ҳамин тавр, дар пайравии «Правда» газетаҳои «Точикистони Сурх», «КоммунистТаджикистана» қариб ҳар моҳ фаъолияти газетаҳои районӣ, ихаҳрӣ, вилоятиро ҳулоса карда, дар саҳифаҳои худ чоп менамуданд. Онҳо барои коркунони газетаҳои районию шаҳрӣ мактабҳои ҳақикии омӯзиши маҳорати журналистӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар натиҷа дараҷаи идсявию назариявии материалҳо баланд гардида, дар сахифаҳои матбуоти маҳаллӣ жанрҳои гуногуни магбуот пайдо шуда, таъсирнокии онҳо рӯз то рӯз баландгар мегардид.

Баробари зиёд шудани рӯзномаҳои ноҳиявӣ матбуоти даврагии поёнӣ, аз ҷумла, шумораи газетаҳои бисёртиражаю деворӣ ва ҳар гуна плакатхо меафзуд. Агар соли 1930 шумораи газетаҳои деворӣ 670 ададро ташкил дихад, пас баъди ду сол шумораи онҳо бештар аз 1500 ададро ташкил медод. Дар натиҷаи зиёд шудани шумораи газетахои районӣ, газетаҳои шӯъбаҳои сиёсӣ. колхозӣ ва махсусан афзудани газетаҳои деворӣ дар байни аҳолӣ шаклҳои гуногун ва пуртаъсири оммавию сиёсӣ ва тарбиявӣ пеш бурда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки газетаҳои шӯъбахои сиёсӣ ба инкишофи матбуоти колхозӣ мусоидат памуданд. Бо ташаббуси редаксияи газетаи «Бо рохи Ленин» дар ибтидои соли 1934 аввалин дар Осиёи Миёна газетаҳои бисёртиражаи колхозӣ дар колхозҳои районҳои Хуҷанд ташкил карда шуданд. Инҳо газетаҳои бисёртиражаи «Болшевик» дар колхози «Болшевик», «Ғалаба» дар колхози «Коминтерн», «Барои пахта» дар колхози ба номи Фрунзе, «Ҳаёти нав» дар колхози «Москва» ва ғайраҳо буданд.

Ҳарчанд газетахои шӯъбаҳои сиёсӣ муддати мадид чоп нашуданд, валедар давраиду соли мавҷудияташон (1933-1934) ба комёбиҳои калон ноил шуданд. Онҳо алоқаро бо оммаи васеи аҳолӣ, пеш аз ҳама мухбирони коргару деҳқон мустаҳкам намуда, шаклҳои гуногун ва пуртаъсири кори байни меҳнаткашонро истифода бурда, бо ҳамин дар сохтмони ҷамъияти нав ҳисса мегузоштанд. Агар 8 газетаи республикавӣ дар ибтидои панҷсолаи дую.м 1250 нафар мухбирони коргару деҳқон дошта бошанд, пас дар охири соли 1935 шумораи онҳо қариб ба 5,5 ҳазор нафар расид...

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ин давра дар баробари газетаҳо шумораи зиёди журналҳо низ нашр мегашт. Барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халк онҳо ҳиссаи калон мегузоштанд. Чунин журналҳо, ба монанди «Ба ёрии коркуни партиявй» (органи КМ ПК (б) Тоҷикистон), «Барои истиқлолияти пахта», «Бо рохи Ленинӣ», (журнали сиёсӣ-оммавию бадеии расмдор), «Васияти Ленин» (журнали вазорати маорифи республика), «Мактаби Советӣ», «Мушфиқӣ» (иловаи газетаи «Овози тоҷик»), «Роҳбари дониш», «Хоҷагии молиявии Тоҷикистон» ва гайраҳо чоп мегардиданд, ки ҳар яки онҳо соҳаҳои гуногуни кор ва зиндагонии меҳнаткашони республикаро инъикос менамуданд.

1 ноябрисоли 1934бюроиКМПК(б)Тоҷикистондармаҷлисихуд плани нашри газетаю журналҳоро барои соли 1935 муҳокима намуда. чунин қарор кард:

1.Барои соли 1935 нашри газетаҳои зерин тасдиқ карда шавад: «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тоҷикистон», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Пионери Тоҷикистон». «Социалистический транспорт» (ба забони русӣ), «Аскари Сурх».

2.Газетаи «Барои коллективонӣ» бо газетаи «Тоҷикистони Сурх» газетаи «Колхозчӣ» бо газетаи «Қизил Тожикистон»» якҷоя карда шавад.

3.Газетаи «Барои маорифи коммунистӣ» баста, чопи журнали «Инқилоби маданӣ» нигоҳдошта, номи ӯ минбаъд«Баёрии муалтимон'[1] номида шавад.

4.Г азетаи «Барои нақлиёти согсиалистӣ» (ба забони тоҷикӣ) баста шавад, ба ҷои он дар газетаҳои «Тоҷикистони Сурх» ва «Қизил Тожикистон» бахшида ба масъалаи роҳу роҳсозӣ шӯъбаҳо ташкил дода шавад.

5.Журналҳои «Барои адабиёги сотсиалистӣ» ва «Бо роҳи Ленин» баста, ба ҷои онҳо журнали махсуси оммавӣ ташкил дода шавад.

6.Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо иттифоқи нависандагон нашри алманахи махсусро барои чопи асарҳои шоирону нависандагон ба роҳ монанд.

7.Ғайр аз нашри газетаҳо дар 23 район боз чопи газетаҳо, аз ҷумла, дар районҳои Ҳисор, Ҷиргатол, Ховалинг, Кангурт ба роҳмонда шавад.

Матбуоти миллӣ дар Тоҷикистон афзуда, оммаи васеи мехнаткашонро гирд оварда, баҳри иҷрои нақшахои бунёдкоронаи давлату ҳукумат ҳисса мегузошт. Дар атрофи газетаю журналҳо чунин публитсистони оташинсухан ба монанди С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, А.Деҳотӣ, М.Миршакар, С.Улугзода, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил ҷамъ омада буданд.

Мавриди қайд аст, ки охири панҷсолаи якум ва ибтидои панҷсолаи дуюм (солҳои 1932-1933) солхои боз ҳам инкишофу пешрафти матбуоти даврагий Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Соли 1933 дар республика 21 газетаи районӣ бо тиражи 28200 нусха, 11 нашрияи марказӣ бо тиражи 13000 нусха чоп мешуданд. Ҳамагӣ дар республика 43 газета бо тиражи якваҷгаи 83 ҳазор нусха ва 4 газетаи бисёртиража ва кариб 500 газетаи деворӣ чоп мегардид. Такягоҳи асосии матбуоти даврагии республика ин мухбирони коргару дехкон буданд, ки ибтидои панҷсолаи дуюм шумораи онҳо дар 8 газетаи республикавӣ бештар аз 1250 нафарро ташкил менамуд.

Дар солҳои 30-юм матбуоти даврагии тоҷик на танхо микдоран меафзояд,

балки сифатан беҳтар мегардад. Дар ин давра хатти тоҷик аз ҳуруфоти арабӣ ба ҳуруфоти лотинӣ гзаронида мешавад. Ислоҳот дар соҳаи хатитоҷикӣ дар хаёги мадании республикаи Тоҷикистонвокеаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт.

Бо максади ҳаматарафа пропаганда намудани алифбои нав ҳамаи газетаҳое, ки бо ҳуруфоти арабӣ чоп мешуданд, барои омӯхтани ҳуруфи лотинӣ гушаҳои махсустаъсис доданд. Ҳаминро ҳам бояд кайд намуд, ки ҳуруфи лотинӣ бемубориза ҷорӣ намегашт, душманони сохти нави ҷамъиятӣ бо ҳар роҳ ба ин кор мамониат нишон медоданд.

Рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Коммунист Таджикистана», «Тоҷикистони Сурх» ва «Қизил Тожикистон» зери лавҳаи «Барои иҷрои плани пахтасупорӣ походи умумиторикии мухбирони коргару деҳқон зьлон мекунем», мурочиатномаи вакилони анҷумани дуюми мухбирони коргару дехқонро ба ҳамаи колхозчиён ва колхозчизанон, коргарон ва коргарзанони заводҳои пахтатозакунӣ ва совхозу МТС-ҳо чоп карданд.

Мухбирони фаъоли коргару деҳқони республика дар ин ҳуҷҷати муҳим тамоми меҳнаткашон, мухбирон ва пахтакоронро даъват намуданд, ки барои бомуваффақият иҷро кардани плани пахтасупорӣ ҳиссаи худро гузоранд. Онҳо ӯҳдадор шуданд, ки дар саҳифаҳои газета ва журналҳо ҳарчӣ бештар аз муваффақиятҳои хоҷагихои ташаббускору пешқадам, бригадаҳо, звеноҳо ва колхозчиёни алоҳида хабару маколаҳо менависанд. Дар хар як колхоз, бригада, пунктҳои пахгақабулкунӣ ва дигар ҷойҳо ташкил кардани газетаҳои деворирo вакилони анҷуман вазифаи якумдарачаи худ ҳисоб намуданд.

Бинобар он дар рӯзҳои ҷамъоварии пахта мухбирони деҳқони республика азсаҳроҳои пахтазор дар бораи муваффақиятҳои чинакчиёни пешкадам, бригада ва звеноҳо, колхозҳо қариб ҳар рӯз хабарҳои нав мефиристоданд. Чунончи, газетаи «Тоҷикистони Сурх» 3 октябри соли 1935 зери рубрикаи «Аз мактубҳои мухбирони мо» хабархои мухбирон Н.Яъқубиро аз Ӯротеипа, Қ.Дӯстро аз Ҳисор, Б.Бобоевро аз Хучанд, Р. Аминҷоновро аз Сталинобод чон кард. Дар онҳо аз хусуси комёбиҳои пахтакорон ба хонандагон хабар дода мешуд.

Аз чумла, яке аз аввалинҳо шуда рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» хабари мухбир В.Астафеваро бо сарлавҳаи «Ҳамробибӣ Обилова дар як рӯз 145 кг пахта мечинад» пешкаши хонандагон гардонд. Дар ин хабар аз хусуси таҷрибаи пешқадами колхозчизани колхози ба номи Раҳимбоеви райони Куйбишев нақл карда мешуд.

Дере нагузашта дар сар то сари республика ин ташаббуси Ҳамробибӣ Обилова пайравони худро ёфт. КМ ПК (б) Тоҷикистон дар қарори худ аз 28 октябри соли 1935 ин ташаббусро тарафдорӣ карда, тамоми коркунони матбуоти республикавӣ ва райониро ӯҳдадор кард, ки аз гаҷрибаи Ҳамробибӣ Обилова ба хонандагон нақл намуда, бо ҳамин ҳаракати стахановчиён дастгирӣ карда шавад.

Охирҳои солҳои сиюм шумораи газетаҳою журналҳо, дар навбати аввал газетаҳои районк афзуд. Баробари ин тиражи онҳо зиёд гашт. Аз ибтидои соли 1939 дар Тоҷикистон боз 5 газетаи вилоятӣ -«Стахановичи», «Стахановец» дар Ленинобод, «Ҳақиқати Ғарм», «Бадахшони Сурх», «Ҳакиқати Кӯлоб» чоп

мегардид. Он вақт дар республика 9 газетаи республикавй, 58 газетаи районй, 9 газетаи сертираж ва 4 журнал нашр карда мешуданд, ки тиражи умумии онҳо 266700 нусха буд. Дар соли 1940 бошад, дар Тоҷикистон 83 газета, 9 журнал ва як катор дигар нашрияҳои даврагӣ мавҷуд буд.

Дар кишвар системаи маълумоти ибтидой, миёнаи махсус ва олй ба вуҷуд оварда шуд, санъату адабиёт ривоҷу равнақёфт. Дар пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқу мамлакат ҳиссаи матбуот хеле калон буд. Хулоса, матбуоти солҳои сиюмро матбуоти бунёдкорй мегавон номид.

6. Радиои тоҷик

Радио хамчун системаи алока ва иртиботот аз замони ҷанги аввали ҷахон шинохта мешавад. Ихтирои он ба олими рус- Александр Попов тааллук дорад, ки у соли 1895 усули бе сим, бо ёрии мавҷҳо аз як ҷо ба ҷойи дигар фиристодани ахборро кашф кард. Тадриҷан радиошунавонй ҳамчун як василаи оммавии интишори ахбори гуногун: сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангй, маърифатӣ маъмул гардид. Ибтидои солҳои бистуми асри бист радиошунавонй ба системаи ахбор табдил ёфт.

Дар Иттиходи Шӯравй радиошунавонии мунтазам аз моҳи ноябри соли 1924 оғоз гардида, мусиқй, ахбор ва радиогазетахо аз аввалин барномаҳои радиоӣ маҳсуб мешаванд. Нахустин радиорепортаж 7 ноябри соли 1925 аз Майдони Сурхи Маскав, аз тантанаҳои ҷашни Октябр садо дод. Нахустин нашри радиогазета («Правда Востока») моҳи январи соли 1927 дар Тошканд рӯи мавч баромад. Аз моҳи марти соли 1927 радиои Ӯзбекистон пахши барномаҳои мунтазами худро бо забонҳои ӯзбекй, туркманй, қазоқй ва т оҷикй шурӯъ намуд.

Дар Тоҷикистон радио аввали солҳои сиюм пайдо шудааст ва табиист, ки он кисми таркибии радиои шӯравӣ маҳсуб мешавад. Ба ақидаи олими тоҷик А.Азимов масъалаи ташкил кардани нуқтахои радио ва радиошунавонии оммавй нахустин бор 10 январи соли 1928 мавриди баррасй қарор гирифта, 19 январи ҳамон сол кумитаи вилоятии ҳизби коммунист оид ба радиошунавонй қарор кабул кард. Бо мақсади татбиқи ин қарор Шӯрои коммисарони халқи Гоҷикистон 19 октябри соли 1928 нақшаи панҷсолаи инкишофи радио ва радиошунавониро тасдиқ намуд. Дар аввали соли 1930 дар шаҳри Душанбе 150 нуқтаи радио, дар Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа- то 50 нуқтаи радио мавҷуд буд.

10-уми апрели соли 1930 рӯзи огози радиошунавонй дар Тоҷикистон мебошад. «Аз 12-уми апрели соли 1930 шурӯъ карда, гуфторҳои радиолексия, машқи тарбияи бадан ва барномаҳои мусиқй дар радио садо медоданд. Тадриҷан радио «дастёри беминнате» гардид. Дар давраи аввал натанхо кормандони худи радио, балки ҳамаи журналистон, ба хусус журналистони нашрияҳои марказии ҳизб барои он мавод тайёр мекарданд. Барномаҳои кӯтоҳ, асосан иттилоотй, ки кормандони се рӯзномаи ҳизбии ҷумҳуриявӣ -«Тоҷикистони сурх», «Коммунист Та/ркикистана» ва «Қизил Т ожикистон» ба се забон омодаю пахш менамуданд, чун радиогазета ё радиожурнал асосан аз ду жанри радиоӣ - хабар ва шарҳи воқеот иборат буданд. Муҳим будани таблиғоти радиоро ба назар гирифта анҷумани муассисони Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (июни 1930) дар саросари ҷумхурй гузаронидани хати раднoро вазифаи муҳимтарин эълон кард.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар соли 1931 Кумитаи радиои умумииттифоқ таъсис ёфт ва идораҳои радиошунавонии ҷумҳуриҳо низ ба сохторҳои давлатии марказӣ мувофик кунонида шуданд. Дар Тоҷикистон шӯъбаи он таъсис шуд.

Дар аввали соли 1932 - 29-уми январ Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Совеги Комиссарони Халкии РСС Тоҷикистон Кумитаи радиошунавониро таъсис дод ва моҳи феврали ҳамон сол КМ ҲК Тоҷикистон дар хайати 13 нафар кормандони ҳизбию журналистон роҳбарияти Кумитаи радиои Тоҷикистонро тасдиқ кард.

Радиои Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ ба ҳаёти мардум ворид шуд.

Дар шаҳру деҳот нуктахои радио рӯз ба рӯз афзуда, идаҳрвандон аз тариқи онҳо бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, илмию фарҳангии ҷумҳурӣ ошно шуда, аз навигариҳои ҷаҳон огоҳӣ меёфтанд. Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати ташаккули кори радио ба самти мусбат пайваста тағйир додани фаъолияти он, васеъ намудани доираи фарогирии шунавандагон, тайёр намудани мутахассисони эҷодию техникӣ тадбирҳои зарурӣ меандешид.

Дар он давру замон фаъолияти радиои тоҷик ба иҷрои вазифаҳои зерин равона гардида буд;

а) индустрикунонии мамлакат;

б) коллективонии-хоҷагии қишлоқ;

в) инқилоби маданӣ.

Ин се вазифа дар асл вазифаи ягона буданд, зеро онҳо дар пайванди боҳамӣ ҳал шуда метавонистанд. Журналистони радиои навташкил ин масъулиятро дарк мекарданд ва дар татбиқи он ӯхда доштанд.

Дар Тоҷикисгон синфи коргари миллӣ пайдо шуда, корхонаҳо бунёд мегардиданд. Солҳои сиюм дар ҷумҳурӣ қариб сад корхонаи саноатӣ сохта шуд, хусусан саноати сабуку хӯрокворӣ рушд ёфт. Индустрикунонии мамлакат заминаи хуби коллективонии хоҷагии қишлоқро фарохам овард. Радиои Тоҷикистон дар ин самт дастёри давлат буд, усулҳои гуногуни корҳои ташвиқотиро миёни деҳқонон ривоҷ медод. Ин кор боз аз он ҷиҳат аҳамият дошт. ки кодлективонӣ дар шароиги душвори муборизаи синфӣ лмегузашт. Ҳарчанд барномаҳои радио он солҳо фақат барои тақрибан чил фоизи аҳолии ҷумхурӣ дасграс буданд, ҳамин кифоят мекард, ки таъсири тарғибот натиҷаи мусбат оварад. Вале бе инқилоби маданӣ ба пешрафти ҷомеаи сотсиалистӣ умед бастан мумкин набуд. Яъне барои ҷомеа шаҳрвандоне лозим буданд, ки дорои маданияти баланди сиёсию маънавӣ бошанд. Инқилоби маданӣ бо гакя ба фарҳанги гузашта тағйироти сифатан навро дар маънавиёт бояд ба амал меовард. Маҳви бесаводӣ, инкишофи маорифи халқ, илм. адабиёт ва санъат низ рукнҳои асосии инқилоби маданӣ маҳсуб мегардиданд. Кормандони радиои Тоҷикистон ба мушкилоти иқтисодию молиявӣ ҷигоҳ накарда, дар тарғибу ташвиқи ҳаёти нав миёни аҳолӣ накши арзанда гузоштанд.

Тағйирот дар сохтори Кумитаи радио ва зиёд шудани теъдоди кормандони эҷодию техникии он ба мазмуну мундариҷаи гуфторҳо таъсири мусбат расонд, доираи барномаҳо фарох гардид, матолиби асл ё оригинал ба забонхои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ бештар пахш шуда, аз ҷихати ҷугрофӣ васеъ мегардиданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ташаккули радиои миллӣ диққати хос медод. зеро

матбуот он солҳо на барои ҳама дастрас буд. Радио воситаи муҳимтарини тарғиби идеологияи давлату ҳизб ба шумор мерафт. Аз тариқи радиои Тоҷикистон тамоми қарорҳо, дастуру декретҳои Ҳукумати Советӣ, КМ ВКП(б), Кумитаи Марказии Иҷроияи СССР, инчунин ҳуҷҷатхои марбутаи КМ ПК (б) Тоҷикисгон, ҳукумати ҷумҳурӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ садо медоданд, воқеаҳои муҳими ҳаёти Тоҷикистон, СССР ва берун аз он ба шунавандагон мерасиданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба радиофикатсия ҳамчун восигаи алоқа ва ахбор диққати махсус медод. Агар дар соли аввали ташкили Кумитаи радиои ҷумҳурӣ ҳамагӣ 25 радиоузел ва 7 радиотелеграфи марказй доигту дар деҳот андаке бештар аз ҳазор нуқтаи радио мавҷуд буд, пас то соли 1937 тақрибан чил фоиз аҳолии Тоҷикистон барномаҳои радиоро гӯш мекард. Ҳизби Коммунист ва Ҳукумати Тоҷикистон радиоро воситаи беҳамтои гаргибу ташвиқи сиёсй, маърифатнок гардондани омма ва ҷорй намудани маданияти пешқадам мешумориданд ва ба ифодаи

В.И.Ленин ин «газетаи бекогазу бемасофа» хидмати бузургро ба мардум мерасонд.

Ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германияи фашистиро ба СССР ба забони тоҷикӣ нагтоқ Файзулло Арабов рӯзи22 - юми июнсоати 12.00 аз тариқи радиои ҷумҳурӣ қироат намудааст, вай тарҷумаи матни ТАСС аз забони русӣ буд. Худи хамон рӯз муроҷиатномаи Ҳукумати СССР аз забони вазири корҳои хоричии мамлакат В. М.Молотов тариқи радиои умумииттифоқ садо дод ва таъҷилан матни тоҷикиаш ни;> аз радиои Тоҷикистон пахга гардид. Дар мурочиатнома мардуми шӯравӣ ба муттаҳидй, муташаккилй, бо лавозимот таъмин намудани фронт даъват карда мешуд. Ҷанг сафарбарии тамоми нсрӯ ва захираҳоро тақозо намуд. Халқи тоҷик ҳам чун дигар мардуми ҷамоҳири шӯравӣ ба хифзи Ватани бузург бархост, тамоми қувваю воситаҳо барои фронг сафарбар карда, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодй ва фарҳангӣ пурра ба манфиату хидмати чанг нигаронида шуд.

Дар кору фаъолияти хамарӯзаи радиои Тоҷикистон ҳам дигаргунии куллӣ ворид гардид. Дар барномаҳо ахбори ТАСС, хабарҳо аз фронт мавқеи асосиро маҳсуб шуданд. Иддае аз кормандони эҷодию техникӣ ихтиёран ба майдони ҷанг рафтанд, доираи гуфтору барномаҳо махдуд гардид, ҳаҷми гуфторҳо ҳамарӯза аз 14 соати қаблӣ ба 6 -7 соат коҳиш ёфт, теъдоди коргарон ҳа.магӣ 10 - 12 нафарро (қаблан қариб 50 нафар буданд) ташкил медод. Наттоқон Файзулло Арабов, Ҳомид Муҳаммадиев, Евгения Ранетова, Агреиина Ржевская, тарҷумонҳо Илья Мовашев, Туйчӣ Самадӣ, муҳаррирон Тилло Каримов, Истад Лутфуллоева, Кяара Котова, Точиннисо Еафурова, кормандони техникӣ Николай Томилов, Александра Громова тамоми масъулияти кори радиои Тоҷикистонро ба дӯш гирифтанд. Раиси Кумита Константин

Белов бе муовин тамоми фаъолияти идорарo роҳбарию назорат мекард. Аксар вақт радиои Маскавро пайваст менамуданд ва мардум бо садои Юрий Левитан хабарҳо мешуниданд. Баъдан Бюрои информатсионии шӯравӣ (Совинформбюро) гашкил ёфт ва тамоми ахбори муҳим аз фронтро омода месохт ва бо васоити ахбори оммаи мамлакат, аз ҷумла радио мефиристод. Ҳама гуна иттилооти расмӣ очилан ба тоҷикӣ тарҷума ва ба самъи шунавандагон расонда мешуд. Кормандони эҷодии радио аз ҳаёти мардуми тоҷик низ гуфторҳои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гуногун ташкил намуда, халқро ба меҳнату фидокорӣ даъват мекарданд, аз навгониҳо хабар медоданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки аз рӯзҳои аввали ҷанг тавассути радиои ҷумҳурӣ одамони номдору шӯҳратёр - арбобони ҳизбию давлатӣ, пешқадамони истеҳсолот, адибон, олимон, аҳди фарҳангтез тез баромад карда, мардумро ба меҳнати фидокорона дар ақибгоҳ, ватандӯстӣ, ҳимояи Ватан даъват менамуданд. Памфлетҳои устод Айнӣ «Деви ҳафтсар» ва «Чингизи асри ХХ», ки моҳҳои аввали ҷанг навишта шуданд, гариқи радио қироат шуданд. Бинобар нақли собиқадори радио Ҳалима Насибулина (ӯ соли 1941 баъди хатми Донишкадаитеатрии Маскав дар театри ба номи устод Лоҳутӣ ба кор пардохт ва ҳамзамон дар радио барномахоро барои ҷавонону наврасон мехонд) дарон замони тақдирсоз беш аз ҳама устод Абулқосим Лоҳутӣ фаъол буд, пайваста меҳмошг идораи радио гардида, ҳамватанонро ба ватанпарастӣ, матонату диловарӣ даъват менамуд, аз ашъори худу классикони адабиётамон шеърҳои ватандӯстона мехонд. Адибон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар. Абдусалом Дехотӣ, Сотим Улуғода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҷалол Икромӣ пайваста тавассути радио бо мардум сӯҳбат мекарданд.

Яке аз мавзӯъҳои барномаҳои радиои ҷумҳурӣ инъикоси корномаи мардуми Тоҷикистон дар бахшхои мухталифи хоҷагии халқ ба шумор мерафт. Чун азнавсозии иқтисодиёти Тоҷикистон, хоса саноат пеш омад, аксар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ истехсоли маҳсулоти ба фронт заруриро, аз қабили матои пахта, чарм, хӯрокворӣ, пӯшок ба роҳ монданд. Дар корхонаҳои саноатӣ ҳаракатҳои дусадӣ, сесадӣ пайдо шуданд. ки онҳо супоришҳоро ду-се баробарӣ ичро мекарданд, бисёрихо аз номи худ ва рафиқи дар ҷанг будаашон заҳмат мекашиданд. Дар чор соли ҷанг дар Тоҷикистон зиёда аз бист корхонаи саноатӣ ба кор андохта шуд, ки ин баёнгари меҳнати фидокоронаи мардум дар ақибгоҳ буд. Солҳои ҷанг дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон беш аз 75 фоиз коргаронро занон ташкил медоданд, онҳо бо меҳнати вазнин барои армия техникаи чангӣ месохтанд. Дар чумҳурӣ садҳо бригадаи фронтӣ ташкил ёфта, зери шиори «Дар ақибгоҳ, чун дар ҷанг, корнамой нишон медиҳем!» заҳмат мекашиданд. Дехконони тоҷик бошанд, саноатро бо ашёи хом -пахта. пилла, тамоку ва гайра таъмин намуда, ба ҷанговарон низ маҳсулоти ғаллагию полизӣ мефиристоданд. Дар дехот бригадаҳои нафақахӯрон ташкил ёфта, калонсолон ба нафъи фронт зарбдорона кор мекарданд. Аҳолии ҷумҳурӣтаҳти шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои галаба!» маъракаи ҷамъоварии пулу либосро барои армия ташкил намуда, солҳои ҷанг ба фонди мудофиа 31 миллион сӯм пули накд, 210 ҳазор сӯм заём ва беш аз 40 ҳазор пуд ғалла фиристода шуд. 'Габиист, ки радиои ҷумҳурӣ чун муҳимтарин 1вассити ахбори омма (он замон фақат се рӯзномаи ҳизбии ҷумҳуриявӣ ба тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ чоп мешуданду халос) перомуни ҳамаи мавзуъҳои номбурда гуфгорҳо пахш менамуд. Пешқадамони истеҳсолот Илич Нурова, Мастура Авазова. Гавҳар Тоҳирова, Каромат Абдураҳмонова ва дигарон аз радиои Тоҷикистон баромад карда, мардумро ба корнамоиҳои меҳнатӣ даъват менамуданд.

Радиои Тоҷикистон хамчунин аз корнамоихои ҳамдиёронамон дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

набардгоҳ ҳамвора ҳикоя менамуд. Маҳзтавассути радио мардум бори аввал дар бораи корнамоиҳои тоҷикписарон Муҳалммадалӣ Иброҳимов, Тешабой Одилов, Саидқул Турдиев, Сафар Амиршоев, Исмоил Ҳамзаалиев, Ҳодӣ Кенҷаев ва даҳҳо дигарон маълумот гирифтанд. Бар зидди фашизм солҳои ҷанг қариб 260 ҳазор тоҷикистониҳо ҷангидаанд, 63 нафарашон унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гирифтаавд. Ба ин тартиб радиои ҷумҳурӣ муборизаи чанговарони шӯравӣ, хусусан сарбозони тоҷикро дар фронт ва меҳнати зарбдоронаи мардумро дар ақибгоҳ ба таври оҷилӣ воқеӣ инъикос менамуд.

Хидмати кормандони эҷодию техникии радиои Тоҷикистонро махсус кайд кардан бамаврид аст, ки ба бисёр мушкилоти зиндагӣ нигоҳ накарда, вазифаи худро сарбаландона ба иҷро расонида, тамоми нерӯи зеҳниашонро харҷи хидмат ба халқу Ватан менамуданд. Инҳо муҳаррирон Саидалӣ Бурҳонов, Тоҷинисо Ғафурова, Истад Лутфуллоева, Музаффара Рустамова, Владимир Попов, Клара Котова, мутарҷимон Мидҳат Беҳбудӣ, Тӯйчӣ Самадӣ, Иля Мовашев, наттоқон Ҳомид Муҳаммадиев, Евгения Ранетова, Маргарита Мизникова ва дигарон буданд.

Ҷанг бо ғалабаи СССР бар германияи фашистӣ 9-уми майи соли 1945 ба поён расид. Чанде аз кормандони радио, аз ҷумла муҳаррирон Болта Ҷӯраев, Ҷунайдулло Зайдуллоев, наттоқ Ҳасан Хӯҷаев, мутриб Тилло Каримов аз набардгох барнагаштанд. Чанде дигарон дар ҷанг ширкат варзида, бо галаба ба зодгоҳ баргашта, минбаъд тақдирашонро бо радиои ҷумҳурӣ пайваста, дар ин ҷо солиёни зиёд босамар заҳмат кашиданд. Инҳо раисони Кумита Ҳаким Шарифов (1943-1945), Саттор Ғаффоров (1946-1951), Б'афур Аҳроров (1953-1954), Воҳид Шарифов (1963-1968), Ғоиб Қаландаров (1977-1988), муовинони раиси Кумита

Мерган Султонов (1969-1984), Анатолий Сонин (1981-1989), муҳаррирону мухбирон Михаил Битнер, Ҳанафӣ Маҳмудов, Маҳмуд Тӯробӣ, Минел Левин, Пирбой Бадалов, Иля Гриднев, Самад Шарифов, Исмоил Отабеков, ва дигаронанд.

Радиои Тоҷикистон вазифаи таърихии худро солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ сарбаландона адо намуд ва аз санҷиши вақт бомуваффақият гузашт. Солҳои минбаъда дар барқарор намудани харобаҳои ҷанг ва пешрафти кишвар хизмати бузургеро ба ҷо овард.

Идораи барномаҳои хориҷӣ. Баъди поён ёфтани ҷанги дуюми ҷаҳон авзои сиёсии байналмилалӣ ба куллӣ тагйир ёфт. Ба вуҷуд омадани низоми сотсиалистӣ олами каиталистиро водор менамуд, ки барои рақобат ва нишон додани бартарии худ аз тамоми имкониятҳо истифода барад. Мақомоти идеологии ин давлатҳо бо ҳар роҳу восита муборизаи пинҳонӣ ва ошкороро бар зидди тамоми сохторҳои лагери сотсиалистӣ оғоз намуданд. Натиҷагирии ниҳоии пажӯҳишгоҳҳои бонуфузи мамлакатҳои Ғарб ба роҳбарии Амрико ин буд, ки барои шикаст додани ин ё он сохтор бояд пеш аз ҳама фазои иттилоотӣ ишғол шавад. Шикаст дар ҷанг сабаби оғози ҷанги маънавӣ гардид. Ба ин кор дар навбати аввал изҳорот дар Фултон сабаб шуд, ки онро огози ҷанги сард ҳисоб мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳоҷуми иттилоотӣ барои гасби фазои иттилоотии ҷаҳон оғоз гардид. Аз охирҳои солҳои чилум ширкатҳои «Би-Би-Си», «Озодӣ», «Садои Амрико» пахши барномаҳои худро барои мамлакатҳои мухталифи ҷаҳон.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз ҷумла собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ афзун намуданд ва чунин марказҳо фаъолияти таҳриккоронаи худро алайҳи кишварҳои Шарк ва шӯравӣ фаъол сохтанд. Рӯзнома, маҷалла, ширкатҳои бузурги телевизион ва радио, ожонсиҳои хабаргузории мамлакатҳои калонтарини капиталистӣ дар бораи авзои Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамлакатҳои сотсиалистӣ ахбори гаразнок пахш карда, теша ба решаи муносибатҳои байни давлату миллатхо зада, барои паст задану коҳиши обрӯи сиёсати берунии мамлакат дар ҷаҳон ва аз байн бурдани ҳаракати коргарии коммунистӣ ҷадал мекарданд».

Дар ин давра дар шӯравӣ тасмим гирифта шуд, ки дар муқобили ҳуҷуми иттилоотии олами сармоя бояд дастгоҳҳои иттилоотии кишвар истифода шаванд, то нафақат ба таҷовузи маънавии империализм чавоб гардонад, балки андешаҳои инқилобии худро ҳам дар хориҷ паҳн кунад. Бо ин максад аввал дар радиои сартосарии шӯравӣ барномаҳои хос барои шунавандагони хориҷӣ таъсис дода шуданд. Ҳамин тавр, бо тақозои замон дар ҷумҳурихои ҷудогонаи шӯравӣниз пахши барномаҳои бурунмарзӣ зиёд гардида, дар баъзе ҷумҳуриҳо идораи барномаҳои бурунмарзӣ таъсис ёфтанд. Ҳадаф аз ин кор гарғиби дастовардҳои захматкашони мамлакат, нишон додани пешрафтҳои чашмгир дар сохаҳои илму техника, тарғиби сиёсати дохилӣ ва хориҷии роҳбарияти шӯравӣ ва посух додан ба ахбори муғризонаи радиоҳои хориҷӣ буд. Барои амалӣ гардидани ин мақсад қарор дода шуд, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ идораҳои бурунмарзӣ таъсис дода шаванд ва моҳи октябри соли 1949 идораи барномаҳои бурунмарзии радиои Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Шӯравии Точикистон яке аз нахустин чумҳурии Осиёи Марказӣ буд, ки дар он идораи барномаҳои бурунмарзӣ таъсис ёфт. Ин тадбир якчанд омил дошт: аввалан, чун Ҷумҳурии Тоҷикисгон бо Афғонистон ҳаммарзу ҳамзабон мебошад ва роҳбарияти шӯравӣ бо дарки ин матлаб мехост нуфузи кишвари худ ва сиёсати хешро ба ин кишвар, ки мавриди таваҷҷӯҳи мамлакатҳои Ғ арб қарор гирифта буд, таквият бахшад. Аз ҷониби дигар, ин амал метавонист барои дигаргунсозиҳои ҷиддии сиёсиву иқтисодӣ дар Афгонистон мадад кунад. Дуюм, муносибати Иттиҳоди Шӯравӣ бо Эрон он вақт рӯ ба беҳбудӣ нихода буд ва пахши барномаҳо барои мамлакатҳои форсизабон метавонист заминаи ҳамкориҳои тарафайнро тавсиа бахшад. Сеюм, барои тарбияи кадрҳо ва таҳияи барномаҳо барои Эрон ва Афғонистон дарТоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳурихои Осиёи Марказӣ заминаи хуб ва мусоидтар фароҳам омада буд. Тсьдоди зиёди муҳоҷирони сиёсии эронӣ, ки аксаран донишмандону рӯзноманигорону шахсиятҳои шинохта буданд, дар Тоҷикистону фаъолияту зиндагӣ доштанд. Гузашта аз ин, ҳаммазҳабу ҳамзабон ва ҳамфарханг будани Тоҷикистон бо ин кишварҳо имкон медод, ки барои фаъолияти барпомаҳои бурунмарзӣ иқдом шавад. Аз ҷониби дигар, академик Бобоҷон Ғафуров. ки дар даврони шӯравӣ соҳиби эътибор ва нуфузи хоса буд ва бевосита бо роҳбарии мақоми аввали Иттиҳоди Шӯравӣ И.В.Сталин робитаи наздик дошт, ба ин кор мусоидат намуд.

7. Вазъи публитисгикаи советии тоҷик

Публитсистика, таърихи пайдоиш ва ташаккули он дар матбуоту адабиёти

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

советии тоҷик мутаассифона то имрӯз ба ҳадди зарурӣ тадқиқ нашудааст. Фаъолияти публитсистии адибону журналистони тоҷик, ба ҷуз эҷоди устодСадриддин Айнӣ аз назари мунаққидон ва муҳаққиқон амалан дур мондааст. Ва ҳол он ки публитсистика ҳамчун воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба шуури омма, ҳамчун аслиҳаи буррои тарғибкунандаи назарияи пешқадами с^гёсӣ дар бедории маънавии халқи мо, дар бобати ба амал овардани дигаргунихои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ роли басе муҳим бозидааст.

Шаклгирии публитсистикаи инқилобӣ ба номҳои С.Айнӣ, С.Ализода, А.Муҳиддинов, А.Мунзим ва матбуоти коммунистии Туркистону Бухоро - «Шӯълаи инқилоб», «Қутулиш», «Бухоро ахбори» вобаста бошад, равнақи он дар матбути партиявию советии солҳои бистуми тоҷик -«Бедории тоҷик», «Овози тоҷик», «Роҳбари дониш», «Мушфиқӣ» ба амал омадааст. Дар нашрияҳои охирӣ дар баробари публитсистони номбурда, як зумраи нави ҷавонони эҷодкор аз қабили А.Деҳотӣ, Р.Ҳошим, С.Улуғзода, Ҳ.Ирфон, Б.Азизӣ, Қ.Баҳлулзода, О.Исматӣ ба майдони журналистика қадам гузошта, ба равнақу ривоҷи он қадри ҳоли худ кӯмак кардаанд. Фаъолияти аввалин публитсистиони ғоҷик ба даврае рост омад, ки халқи тоҷики Туркистон занҷири зулму истибдодро барканда, барои таъмини ҳаёти иҷтимоии худ, зидди дастаҳои ғоратгар -босмачиён мубориза мебурд..

Аммо дар ин давра қисми дигари заҳматкашони тоҷик ҳамоно ранҷи хукуматдорони давлати мустабидаи Бухорои амириро мекашид. Ба ин маънӣ публитсистикаи навбунёди тоҷик дар ду ҷабҳа мубориза мекард:

аввало, ба халқи ҷафодидаи Осиёи Миёна райъ ва сайъи ҳукумати советӣ ва партияи коммунистиро маънидод намуда, онҳоро ба дастгирии ин мамлакат, ба пуркувват кардани музаффариятҳои Инкилоби Октябр ҳидоят мекард;

сониян, гурӯҳи дигари публитсистони тоҷик ҳамчун яроқи ивазнашавандаи партияи коммунистии Бухоро аҳолии азиятдидаи ин кишварро ба сарнагун кардани сохти давлатдории амирӣ тайёр ва сафарбар менамуданд. Мазмуну мундариҷа ва ҳатто сохт ва устухонбандии публитсистикаи он солҳоро хамин вазъияти сиёсӣ муайян менамуд.

Дар арафаи Инқилоби Октябр коммунистону мунавварони тоҷик аз чунин воситаи пуртаъсири сафарбаркунии омма -матбуот бебаҳра буданд. Онҳо дар кори тарғиби худ фақат аз матбуоти болшевикие, ки ба забони русӣ интишор мешуд, истифода бурда метавонистанду халос.

Дар давраи тайёрӣ ва амалӣ гардидани инқилоби Бухоро бошад, коммунистон аллакай ба дараҷаи муайян дастгоҳи тарғибӣ доштанд. Онҳо дар Москав, Тошканд, Самарқанд варақаҳои инқилобӣ нашр намуда, пинҳонӣ байни аҳолии аморати Бухоро интишор месохганд. Ин нашрияҳо аввалин намунаҳои публитсистикаи сиёсии тоҷик буданд. Яке аз чунин варақа соли 1920 дар арафаи инқилоби Бухоро дар матбааи назди поезди тарғибии «Шарқи сурх» чоп шудааст. Мақсад аз он меҳнаткашони Бухороро аз хоби ғафлаг бедор кардан, онҳоро ба муборизаи синфӣ равона намудан буд.

«Ҳама бародарони мо, -гуфта шудааст дар варақа, роҳи саодат ва наҷоти худро ёфта, дар ҳар боб сохиби муваффакият шуда, ба ҷуз мо бухориён, ки ҳанӯз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар хоби ғафлат фурӯ рафтаем ва аз олами атрофи худ бехабарем... Дар собиқ ҳамин Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони худро дар атрофи олам иштаҳор дода буд. Чунончӣ, Абӯалӣ Сино аз вобаста бошад, равнақи он дар матбути партиявию советии солҳои бистуми тоҷик -«Бедории тоҷик», «Овози тоҷик», «Роҳбари дониш», «Мушфиқӣ» ба амал омадааст. Дар нашрияҳои охирӣ дар баробари публитсистони номбурда, як зумраи нави ҷавонони эҷодкор аз қабили А.Деҳотӣ, Р.Ҳошим, С.Улуғзода, Ҳ.Ирфон, Б.Азизӣ, Қ.Баҳлулзода, О.Исматӣ ба майдони журналистика қадам гузошта, ба равнақу ривоҷи он қадри ҳоли худ кӯмак кардаанд. Фаъолияти аввалин публитсистиони тоҷик ба даврае рост омад, ки халқи тоҷики Туркистон занҷири зулму истибдодро барканда, барои таъмини ҳаёти иҷтимоии худ, зидди дастаҳои ғоратгар -босмачиён мубориза мебурд..

Аммо дар ин давра қисми дигари заҳматкашони тоҷик ҳамоно ранҷи ҳукуматдорони давлати мустабидаи Бухорои амириро мекашид. Ба ин маънӣ публитсистикаи навбунёди тоҷик дар ду чабҳа мубориза мекард:

аввало, ба халқи ҷафодидаи Осиёи Миёна райъ ва сайъи ҳукумати советӣ ва партияи коммунистиро маънщцод намуда, онҳоро ба дастгирии ин мамлакат, ба пурқувват кардани музаффариятҳои Иккилоби Октябр ҳидоят мекард;

сониян, гурӯҳи дигари публитсистони тоҷик ҳамчун яроқи ивазнашавандаи партияи коммунисгии Бухоро аҳолии азиятдидаи ик кишварро ба сарнагун кардани сохти давлатдории амирӣ тайёр ва сафарбар менамуданд. Мазмуну мундарича ва хатто сохт ва устухонбандии публитсистикаи он солҳоро хамин вазъияти сиёсӣ муайян менамуд.

Дар арафаи Инқилоби Октябр коммунистону мунавварони тоҷик аз чунин воситаи пуртаъсири сафарбаркунии ом.ма -матбуот бебаҳра буданд. Онхо дар кори тарғиби худ фақат аз матбуоти болшевикие, ки ба забони русӣ интишор мешуд, истифода бурда метавонистанду халос.

Дар давраи тайёрӣ ва амалӣ гардидани инқилоби Бухоро бошад, коммунистон аллакай ба дараҷаи муайян дастгоҳи тарғибӣ доштанд. Онҳо дар Москав, Тошканд, Самарқанд варақаҳои инқилобӣ нашр намуда, пинҳонӣ байни аҳолии аморати Бухоро интишор месохганд. Ин нашрияҳо аввалин намунаҳои публитсистикаи сиёсии тоҷик буданд. Яке аз чунин вараҳа соли 1920 дар арафаи инқилоби Бухоро дар матбааи назди поезди тарғибии «Шарқи сурх» чоп шудааст. Мақсад аз он меҳнаткашони Бухороро аз хоби ғафлаг бедор кардан, онҳоро ба муборизаи синфӣ равона намудан буд.

«Ҳама бародарони мо, -гуфта шудааст дар вараҳа, роҳи саодат ва наҷоги худро ёфта, дар ҳар боб соҳиби муваффақият шуда, ба ҷуз мо бухориён, ки ҳанӯз дар хоби ғафлат фурӯ рафтаем ва аз олами атрофи худ бехабарем... Дар собиқ ҳамин Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони худро дар атрофи олам иштаҳор дода буд. Чунончӣ, Абӯалӣ Сино аз

Бухоро буд, имом Абухофизи Кабири Бухорӣ аз Бухоро буд, Мирзо Улуғбек аз Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони Бухороро шӯхрат дода буданд.

Аҳволи имрӯзаи моро назар кунед, ки дар хар мамлакати Ғарбу Шарк аз мусавводи илму саодат бебаҳра мондаем.

Ин нодонӣ ва ҷаҳолат аз кучо омад?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳама аз ғафлати амирони мустабиданд ва золимони шаҳватпараст, ки одамони аз дунё бохабар, чашмаш кушода чизе гуянд, ҷадид гуфта, бурда мекуштанд. Аз тарси ин золимони хунхӯр мӯҳри хомӯширо андохта, интизори тулӯи офтоби озодӣ будем, ки дар сӯи мо мазлумон тулӯъ кашад».

Дар поёни варақа мехнаткашон ба сарнагун кардани амироиу ҳукуматдорон даъват карда мешаванд. Хитобнома бо шиори инқилобии «Маҳкум бод золимони рӯи дунё, зиндаву поянда бод ҳукумати шӯрои!» анҷом мегирад.

Услуби забони ин варақаи публитсистӣ хоси аксари хитобномаҳост, ки барои меҳнаткашони Бухоро чоп шудаанд.

Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои **«Шӯълаи Инқилоб» (Самарқаид; 10\1У- 1919 - 8/ХИ-1921) ва «Қутулиш» (Гошканд, 28/У1 -192« - 13/У1Н -1920) «Бухоро ахбори» (Бухоро, IX -ХП-1920)** беҳтарин намунаҳои асарҳои публитсистӣ, ки халқро ба муборизаи зидди аморат ва охирин такягоҳи он -босмачиён даъват менамуд, дарҷ гардидааст. Ба ин мақолаҳои пуробуранги С.Айнӣ оид ба босмачиёни Фаргона ва роҳҳои несту нобуд кардани онҳо, «Таърихи амирони манғитии Бухоро» дар «Шӯълаи инқилоб», С.Ализода роҷеъ ба алоқаи босмачиёни Оеиёи Миёна ва ҷахонгирони магрибӣ -дар «Шӯълаи инқилоб», А.Мунзим дар хусуси беҳадду ҳудудии зулми охиркн амири Бухоро -дар «Қутулиш», А.Муҳиддинов дар хусуси ба нестӣ расонда шудани ҳаёти мадании халқи точик дар давраи ҳукмронии сулолаи охирин амирони Бухоро -дар «Бухоро ахбори» ва бисёр дигарон далели барҷаста шуда метавонанд.

Публитсистикаи матбуоти коммунис-тони Бухоро бошад, то имрӯз аз назари диққат берун мондааст. Ҳол он ки ҳар як мақола ва ҳар як шеъри пуртаъсири инқилобии онхо, махсусан «Қутулиш», дар тарбияи даҳҳо, садхо фидоиёни рохи озодӣ ҳисса доштааст. Устод Садриддин Айнӣ менависад, ки обрӯи «Қутулиш» асосан ба туфайли шеърҳои пуробуранги инқилобиаш буд, ки дар забони тоҷикӣ таълиф шудаанд.

Мақолаҳои публитсистии «Қутулиш» ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони ӯзбекӣ асосан аз тарафи А.Мунзим ва А.Муҳиддинов таълиф ёфтаавд. Онҳо ҳамчун аъзои рохбарияти Паргияи коммунисгии Бухоро, мақсаду маслаки партияи худро бо забони соддаву равон ба мехнаткашон мефаҳмонданд, ки амиру амалдорон «пой аз ҷодаи инсоф Бухоро буд, имом Абухофизи Кабири Бухорӣ аз Бухоро буд, Мирзо Улуғбек аз Бухоро буд, ки овозаи илму ирфони Бухороро шӯхрат дода буданд.

Аҳволи имрӯзаи моро назар кунед, ки дар ҳар мамлакати Ғарбу Шарқ аз мусавводи илму саодат бебаҳра мондаем.

Ин нодонӣ ва ҷаҳолат аз кучо омад?

Ҳама аз ғафлати амирони мустабиданд ва золимони шаҳватпараст, ки одамони аз дунё бохабар, чашмаш кушода чизе гӯянд, ҷадид гуфта, бурда мекуштанд. Аз тарси ин золимони хунхӯр мӯҳри хомӯширо андохта, интизори тулӯи офтоби озодӣ будем, ки дар сӯи мо мазлумон тулӯъ кашад».

Дар поёни варақа мехнаткашон ба сарнагун кардани амирону ҳукуматдорон даъват карда мешаванд. Хитобнома бо шиори инқилобии «Маҳкум бод золимони рӯи дунё, зиндаву поянда бод ҳукумати шӯрой!» анҷом мегирад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Услуби забони ин варақаи публитсистӣ хоси аксари хитобномаҳост, ки барои меҳнаткашони Бухоро чоп шудаанд.

Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои **«Шӯълаи Инқилоб» (Самарқанд; 1(1\1 V- 1919 - 8/ХН-1921) ва «Қутулиш» (Тошканд, 28Л1 -1920 - 13МИ -1920) «Бухоро ахбори» (Бухоро, IX -ХП-1920)** беҳтарин намунаҳои асарҳои публитсистӣ, ки халқро ба муборизаи зидди аморат ва охирин такягоҳи он -босмачиён даъват менамуд, дарҷ гардидааст. Ба ин мақолаҳои пуробуранғи С. Айнӣ оид ба босмачиёни Фаргона ва роҳҳои несту нобуд кардани онхо, «Таърихи амирони манғитии Бухоро» дар «Шӯълаи инқилоб», С.Ализода роҷеъ ба алокаи босмачиёни Осиёи Миёна ва ҷахонгирони мағрибӣ -дар «Шӯълаи инқилоб», А.Мунзим дар хусуси беҳадду ҳудудии зулми охирин амири Бухоро -дар «Қутулиш», А.Муҳидцинов дар хусуси ба нестӣ расонда шудани ҳаёти мадании халқи тоҷик дар давраи ҳукмронии сулолаи охирин амирони Бухоро -дар «Бухоро ахбори» ва бисёр дигарон далели барҷаста шуда метавонанд.

Публитсистикаи матбуоти коммунистони Бухоро бошад, го имрӯз аз назари диққат берун мондааст. Ҳол он ки ҳар як мақола ва ҳар як шеъри пуртаъсири инқилобии онхо, махсусан «Қутулиш», дар тарбияи даҳҳо, садҳо фидоиёни роҳи озодӣ ҳисса доштааст. Устод Садриддин Айнӣ менависад, ки обрӯи «Қутулиш» асосан ба туфайли шеърҳои пуробуранги инқилобиаш буд, ки дар забони тоҷикӣ таълиф шудаанд.

Мақолаҳои публитсистии «Қутулиш» ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони ӯзбекӣ асосан аз тарафи А.Мунзим ва А.Муҳиддинов таълиф ёфтаанд. Онҳо ҳамчун аъзои рохбарияти Партияи коммунистии Бухоро, мақсаду маслаки партияи худро бо забони соддаву равон ба меҳнаткашон мефаҳмонданд, ки амиру амалдорон «пой аз ҷодаи инсоф берун ниходанд, ба ҷое, ки адолат боист, бедодӣ карданд, ҳар он ки раҳмат мехоҳад, заҳмат расонданд». Аз ҷумла Мунзим дар мақолае, ки бо номи «Камтар кушед!» («Қутулиш»- 2 июли 1920) чоп кунондааст, сиёсати разилонаи амирро, ки мақсадаш буғӣ ва несту нобуд кардани харакати револютсионӣ дар Бухоро буд, фош ва маҳкум карда, оммаро ба муборизаи яроқноки зидди золимон даъват менамояд. Ин маъниро дар мақолаи дигараш хам, ки дар шумораи 9 июли соли 1920 ба табъ расидааст, давом дода, бо боварии қатъӣ изҳор мекунад, ки «ҷамъи мардуми Бухоро мурданро аз ин зиндагӣ беҳтар медонанд, на аз амир метарсанд, на аз хунрезиҳои инглисӣ». Аз ин рӯ, муаллиф «хар касе, ки тарафдори барбод ёфтани аморат ва истибдод бошад, ба мубориза хозирӣ дидан гирад» гӯён даъват мекунад.

Дар шумораи 6 (28 июли соли 1920)-и «Қутулиш» як мақолаи хеяо пурмаънӣ ва хело баландғоя бо номи «Фирефта нашавед!» интишор шудааст, ки имзояш А.М. аст. Гумон меравад, ки ин имзои Абдулқодир Муҳиддинов бошад, ки он вақт гаҳрири газетаи мазкур ба инъони ӯ буд. Забони ин макола хело соддаву равон ва ба оммаи меҳнаткаши камсавод наздик аст. Муаллиф фикри худро ба табъу ҷаҳонбинии хонандагонаш хело наздик карда, чунин менависад:

«Амири Бухоро ба муқобили фуқарои инқилобчӯи худ ҳозирии ҷангро мекунаду боз мегӯяд, ки ман ҷиҳати дин онро мекунам, муҳофизати Ватан ва муҳофизати фуқароро мекунам. Ҳамчунин мегӯяд ва ин гуфтори амирро оммаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дурӯягон даҳон ба дахон расонда, ба ҷамъи фақирон мешунавонанд.

Лекин фақирони маълум ва сарбозони маҳкуми Бухоро аз ҳақиқати ҳол хабардор шудаанд, фиреби амирро намехӯранд, ба найранги амир фирефта намешаванд, фаҳмидаанд, ки ҳақиқат дар чист».

Публитсистика дар саҳифаҳои газетаи «Қутулиш» дар намуду шаклҳои ранг ба ранг ҳувайдо мешавад. Ҳам шеърҳои публитсистӣ, ҳам фелетонҳои пуробуранг, ҳам мақолаҳои пурмаънӣ ҳар яке таровати хосаи худро дорад. Ба ин маънӣ «Хитоби фақирони мазлуми Бухоро ба амир» хело ибратбахш аст. Тариқи сохт ва рафти баёни мақола равияи халқӣ дорад. Дар он дилозурдагӣ ва нафрати бепоёни аламдидагон нисбат ба ҷафогарон эхсос мешавад:

«Эй амири Бухоро сарат зери санги хоро бишкаста ба зеро ки аз қатли ту, аз ғазаби ту, аз фисқи ту халқи Бухоро ба ҷон омадаОаст. Аз зулми ту пиру ҷавон, марду зан, аҳли зироат ва муздурон, тоҷирон ва сипоҳиён ҳама нолон ва фарёдкунон».

Редаксия ин маколаро чоп карда, фикри асосии онро «вақтест, ки дарахти зулму фасод ва қатлу ғорат аз бех барканда шавад!» бо хати хоно ҷудо мекунад.

Дар фелетони «Тасаддуқ шавам» (№6) муаллиф хело устокорона аз забони қаҳрамони манфии худсиёсати авомфиребона ва ғоратгаронаи амалдорони ҳукумати подшоҳиро фош мекунад. Тариқати навишта шудани ин мақола мактуби амлокдореро мемонад, ки ба номи амир равона шудааст. Дар аввал ва чанд ҷои фелетон ибораву ҷумлаҳои тумтароқу бемаънии арабӣ, ки хоси мукотибаи уламотарошони» он замон буд, истифода шуда, низ далолати худбинии қаҳрамон асг. Имзои фелетон «Алтақсир, аттақсир» буда ин калимаҳо себорӣ такрор мешаванд.

«Аз замоне, ки мани бадбахт ба ин вилоят маъмур гардидам, рӯз аз рӯз фор ва гавғои ин ҷамоаи бебок зиёдтар мегардад, -чунин арз мекунад каҳрамони фелетон ба амир. -Чунончи дар арзаҳои собиқ арз карда будам, аҳвол рӯз аз рӯз бадтар шуда истодааст. Вазъи имрӯзро ба ҳеҷ рӯй ва ба ҳеҷ забон гуфта намегавонам...

...Тасаддук шавам, аҳволи фақирон бисёр мушавваш аст, ба назарам чунин менамояд, ки агар аз ин пас ин иғвогарони кӯрнамакро таҳқиқ ва тафтиш кардан гирем, сабаби зиёдати шӯриши онҳо шуда, эҳтимол, ки ягон хаводиси калони пуркувват пеш омада, боиси шармсориам гардад».

Дар ибтидои солхои бист мавзӯи асосии публитсистшсаи тоҷик фошу расво кардани сохти истибдод ва тараннуми ҳаёти навбунёд буд. Дар шумораи дуввуми газетаи «Бухоро ахбори» (15 сентябри соли 1920) ба номи «Е ҳаёти ҷадид» бо имзои «син» «айн» мақолае бахшида ба инқилоби Бухоро чоп шудааст, ки ба андешаи мо вай ба қалами устод Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад. Мазмуни ин мақола, шакли он мақолаҳои устодро, ки бо номи «Ҳукумати советӣ ба мо чӣ дод?» дар «Шӯълаи инқилоб» чоп шудаанд, ёд меорад. Фақат фарқ дар он ки усгод ин ҷо дар хусуси зулму ситами ҳукумати сарнагунгашта сухан меронаду дар мақолаҳои «Шӯълаи инқилоб» оид ба аввалин музаффариятҳои ҳокимияти советӣ. Муаллиф дар ибтидои мақолааш таъкид менамояд «солҳои дароз буд, ки ҷамъе аз ашроф ва дастае аз авбоши бенавоёни ҳукуматдорӣ худро молики ҷону

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

номуси як миллати бузург дониста, онро горат мекарданд».

Баъд устод Айнӣ дар хусуси сарнагун шудани чунин «соябонҳои миллат» сухан ронда, халқро даъват менамояд, ки ҳомиён ва тарафдорони онҳоро, ки ҳанӯз дар кунҷу канор даноҳ бурдаанд, дастгир карда, ба ҳукумати советӣ супоранд.

«Бародарони мазлум, фақирони бечора! Охир, шумо бо чӣ умедвор ҳастед?

Магар онҳо набуданд, ки мо ва шуморо факир ва мӯҳтоҷ карданд?

Магар онхо набуданд, ки орзу ва номуси моро барбод доданд?

Магар онҳо набуданд, ки мамлакати ободи моро хароб карданд?

Магар онҳо набуданд, ки рехтани хуни бародаронро раво донистанд?

Он золимони ғаддор хамчунон гумон мекарданд, ки ин рафтор ва кирдорашон то абад боқӣ хоҳад монд.

Ҳамватанони азиз, бародарониситамдида, фақирони хорикашида! Бидонед ва огаҳ бошед, ки амири золими хунхор ва ҳукуматдорони ғадцор несту нобуд шудаанд».

Мисли он ки дар солҳои аввали революцсия ва дар давраи ҷанги граждани дар матбуоти советии мо -дар саҳифаҳои «Правда». «Известия», «Беднота», сонитар дар «Комсомолская правда» публитсистикаи пуробуранги назмии Д.Бедный, В.Маяковский ва дигарон мавқеи босазо пайдо намуда буд, дар арафаи инқилоби Бухоро ва дар солҳои аввали ҳукумати советӣ назми публитсистии тоҷик хам хеле тараккӣ кард. Тараққии ин навъи тарғиби чопӣ дар шароити Осиёи Миёна хусусияти хоси худро дошт. Махсусан, халқи точик, ки аз замонҳои қадим ба шеърхонӣ одат кардааст, ба назм дил бастааст, онро нисбат ба наср тезтар ва бехтар қабул карда метавонист. Дар вақти баҳо додан ба хусусияти публитсистии ашъори адибони тоҷик, пеш аз ҳама аз ҳамин тараф нигоҳ кардан лозим аст. Ғояи инқилобии назми публитсистии устод С.Айнӣ, А.Мунзим, ки дар «Шӯълаи инқилоб» ва «Қутулиш» дарч ёфтаанд, хело гуногунранг ва ганӣ мебошад. Агар устод Айнӣ машъали рахшони адолат Инқилоби октябрро самимона истиқбол карда, дар васфи вай шеърҳо эҷод карда бошад, пас Мунзим аз холи мазлумони Бухоро мутаассир шуда, онҳоро ба инқилоб даъват намудааст. Ба ин шеърҳои ӯ «Хитоб ба фақирони Бухоро», «То ба кай?», «Бинам туро» ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд. Масалан, дар шеъри «Бинам туро» Му нзим ҳоли табоҳи Бухороро тасвир намуда, орзуманди пирӯзии он буданашро изҳор медорад:

Эй Ватан то кай ба дасти душманон бинам туро?

Кай шавад рӯзе, ки ҷои дӯстон бинам туро?

Бӯстон будиву хористон шудй аз нокасон,

Боз кай бошад, ки богу бӯстон бинамтуро...

Чуноне ки мебинем, шаклгирии публитсистикаи советии тоҷик го соли 1921 асосан дар «Шӯълаи инқилоб», «Қутулиш» ва «Бухоро ахбори» ба а.мал пайвастааст. Ба маврид аст, зикр намоем, ки ду рӯзномаи охирӣ новобаста ба он ки номашонӯзбекист, асосан мақолаву шеърҳои тоҷикӣ чоп кардаанд. Аз соли 1921 саҳифаи тоҷикии рӯзномаи «Бухоро ахбори» ва охири сол «Шӯълаи инқилоб» баста мешавад.

Ҳамин тавр, то моҳи августи соли 1924, яъне то таъсисёбии газетаи «Овози

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тоҷик» дар Осиёи Миёна нашрияи доимии тоҷикие набуд, ки сабаби такомули минбаъдаи публитсистика шуда тавонад. Аз ин рӯ, ривочи нашъунамо ва такомули мақолаҳои публитсистӣ аз охирҳои соли 1924 ва аввалҳои соли 1925 дар «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» ба амал меояд.

Хулоса, публитсистикаи советии тоҷик дар давраи пурошӯби инқилобӣ игакл гирифта, инкишоф ёфта, ҳоло дар давру замони соҳибистиклолии Тоҷикистоии азиз дар тарбияи мардум мавқеи босазое дорад.

Абулкосим Лоҳутӣ. Яке аз шахсиятҳои дигаре, ки пеш аз ҳама бо ашъори обуранги публитсистидораш фаъолона дар матбуот кор мекард, устод Лоҳутӣ буд.

Рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» дар таргиби ашъор ва фаъолияти ҷамъиятии устод Абулқосим Лоҳутӣ нақши барозандае дорад. Зеро устод Лоҳутӣ дар зумраи поягузорони ин газета буд. Вай дар тӯли 30 соли охири ҳаёти худ дар ин рӯзнома даҳҳо шеъру маколаҳои худро нашр кардааст ва дар зарфи ин солҳо ва сӣ соли дигар, ки баъди фавти ӯ сипарӣ шуданд, «Тоҷикистони сурх» даҳҳо нутқу маърӯзаҳои ӯ, мақолаҳои гуногун перомупи вай ва ашьори гаронпояшро чоп кардааст.

Аз он шеъру манзума ва суруду достонҳое, ки устод Лоҳутӣ дар «Тоҷикистони сурх» чоп кардааст, боз як ҷиҳати донишмандӣ ва дақиқбинии ӯ ошкор мешавад: аксарияти кулли онҳо ашъоре мебошанд, ки обуранги возеҳи публитсистӣ доранд. Яъне вай дар нашрияҳо таиҳо манбаи чопро намедид, балки бо фасоҳат муайян мекард, ки кадом шеър метавонад маҳз дар кадом нашрияҳо ба табъ расад. Вай барои «Тоҷикистони сурх» ашъореро пешниҳод менамуд, ки аксари онҳо ба мавзӯъ ва мундариҷаи худ мавзӯи умумии он шумора, ё ҳадди аққал аксарияти материалҳои шумораро такмил медоданд, онҳоро пуркувваттар ва гӯётар мекарданд.

Идораи «Тоҷикистони сурх» ихлосманди Лоҳутӣ буд, лиҳозо байни замони эҷоди шеър ва нашри он дар он рӯзнома муддатест ночиз. Масалан, шеъри «Сари халқ» 27 январи соли 1937 дар Маскав сароида шудааст. 12 феврали ҳамон сол «Тоҷикисгони сурх» онро чоп кардааст. «Самолёти «АНТ-25» 22 июли соли 1936 дар Маскав навишта шудааст, 6 август дар ин газега дарҷ гардидааст.

Ашъори Лоҳутӣ баробари санъати олии адабиашон, ровии мавзӯъҳои муҳими рӯз буданд, ки аз онхо набзи ҳаёт, мақсади кору муборизоти он айёмро метавон дақиқ муайян кард. Воқеаҳои дар онхо инъикосшуда «таърихи замон» буданд. Дар шурӯъ ё зери баъзе шеърхо бо ташаббуси худи устод ва ё бо ҳиммати ходимони «Тоҷикистони сурх» чанд сагре ба сифати шархи сабаб ё вазъи навишта шудани он шеър зикр меёфт, ки ин гуна навиштаҷот аз як тараф баёнгари хислати публитсистӣ бошад, аз тарафи дигар таърихи тамаддуни давру замон буд. Аз ҷумла, зери шеъри «Барои сулҳ ва дӯстӣ» матни зерин омадааст: «20 сентябри соли 1951 дар Сталинобод дар конференсияи республикавии тарафдорони сулҳ хонда шудааст».

Воқеан, мавзӯи ҷанг ва сулх, ҳамбастагии ранҷбарони ҷаҳон, зарурати муҳофизати сулҳу осоиши башар аз хатари ҷангҷӯён, ки асоси ғоявии ин шеър аст, имрӯз ҳам маънои худро гум накарда, балки дар рӯзҳои мо, ки ҳалкаҳои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷангталаби империалистӣ бо атом оташбозӣ кардан мехоҳанд, тобиши наве касб кардааст. Чунин дарки амиқ ҳамешагии ҳақиқати зиндагӣ ва дар қолаби ашъори публитсисгӣ ҷой додани он хоси бузургтарин адибони ҳама халқҳо будааст, ки намунаи олиаш В.Маяковский ва устод Лоҳутӣ мебошанд.

Оҳанги возеҳи публитсистии ашъори устод Лоҳутӣ ба ҳадте буд, ки хонандагон шеърҳои ӯро на ҳамчун ифшокунандаи рози худ, балки ба сифати сухани аслии хеш қабул мекарданд. Гӯё онҳоро на Лоҳутӣ, балки худашон суруда бошанд. Ҳамин аст, ки шеъри «Ба занҳои Тоҷикистон»- ро тавре ки моҳи майи соли 1942 «Тоҷикистони сурх» хабар дода буд, мардуми тоҷик «дар митинги умумишаҳрии Сталинобод бахшида ба мудофиаи бачаҳо аз ваҳшигарии фашистӣ бо як овоз қабул карданд».

Чунин суханонро аз хусуси бисёре аз шеърҳои устод метавон 1 уфт. Аммо ҳар шеъре, ки дар боло ёдоварӣ шуд, барои аксарияти хонандагони тоҷик нав аст, гарчи аз эҷоди онҳо 60-70 сол гузаштааст. Сабаби ин навӣ дар он аст, ки онҳо танҳо як маротиба дар он санаҳое, ки зерашон сабт шудааст, дар «Тоҷикистони сурх» чоп шудаанду бас. Бо сабабҳои гуногун онхо ба маҷмӯаи алоҳидаи шеърҳои шоир, ба китоби шашҷилдаи мероси ӯ, ки баъди вафоташ чоп шудааст, хуласи калом, ба китобҳои оммавӣ дохил нагардидаанд ва танҳо дар сахифаҳои бо мурури замон зардшудаи «Тоҷикистони сурх» ба табъ расидаанду халос.

Устод Лоҳутӣ дар ашъор, публитсистика ва нутқу баромадҳояш пайваста вобаста ба масъалаҳои гуногун аз ҳаёти мардуми Шарқ ёд мекунад. У боварии қавӣ дорад, ки рӯзе халқи мехнаткаиш ин кишвархо хам барои озодиву саодати худ қиём мекупад ва роҳи бахти худро дармеёбад. Масалан. дар мактубе, ки соли 1935 ба муносибати нашри «Ғуломон» ба устод Айнӣ навиштааст, Лоҳутӣ таъкид мекунад: «Романи «Ғуломон»-и Шумо натанҳо ба фарзандони озоди ҷумҳуриятхои шӯроии Осиёи Миёна хизмат мекунад, балки гуломони имрӯзаи мамлакатҳои Шарқи берунаро, ки ба забони Тоҷикистони фотеҳ гуфтугӯ мекунанд, барои расидан ба озодӣ тайёр менамояд».

Абулкосим Лоҳутӣ натанҳо худаш ҳамчун адиби мубориз ба масъалаи бедории Шарк таваҷҷӯх дошт, балки инро борҳо ҳамчун қарз ва вазифаи интернатсионалии адабиёти тоҷик ёдовар шуда, гуфта буд: «Барои омӯзиш ва кори хушсамари нависандагони тоҷик имкониятҳои васеъ ҳаст, онҳо диккат ва ёрии партия, ҳукумаз ва тамоми ҷамъияти советиро доро мебошанд. Барои ба вуҷуд овардани осори бадеии баланде, ки шоистаи даврони сотсиализм бошанд, аз ин имкониятҳо истифода накардан ҷиноят мебуд...».

АЙНӢ ЯКЕ АЗ АСОСГУЗОРОНИ ПУБЛИТСИСТИКАИ НАВИТОҶИК

1

Дар таърихи инсоният кам андар кам фарзандоне ёфт мешаванд, ки чун Садриддин Айнӣ ба халку миллат ва кишвари худ садокату меҳр дошта, ба ивази ҷону ҳастии хеш ватану халқи худро ҳифз карда бошад. Нависандаи тавоно Урун Кӯҳзод дар повесташ «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» тавонистааст, танҳо як рӯзи зиндагии устод Айниро дар ҳифзи номуси ватандорӣ ба қалам диҳад.

Дар замоне, ки замини пири мулки Бухорои шариф аз насими давлатдории

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

манғитиён нафас мекашид, Садриддини ҷавон дар мадрасаи ин шаҳри таърихӣ таҳсил намуда, дунёи онрӯза, ҳукумату ҳукуматдории вақтро бо диди нав мехост бубинад. Зеро ӯ ҳарчанд чавон буд, хуб дид ва дарк менамуд, ки мамлакат хасратхона ва сокинони он ҷувори ҳасрат буданд. Зеро аддоатро пулу мол ва мансаб муайян мекард. Ҳукуматдорони давр бошанд ба рӯзу рӯзгори мӯҳтаҷон бепарво буданд, агар моли сад касро ба ғорат баранд, хуни сад касро резанд, шарафи сад касро поймол кунанд, парвое надоштанд. Ин садохо ба гӯшашон намерасид. Вазъи мактабу маориф ҳоли табоҳе дошт. Амиру вазир даъвати маорифпарварону равшанфикронро оиди ислоҳи мактабу маориф шунидан намехостанд.

Айнӣ ҳанӯз ҳамон солҳо ба хулосае омада. буд, ки мардумро бояд доно кард, чунки одами доно, аз як тараф вақт, яъне умрро беҳуда сарф намекунад, аз тарафи дигар ба таҳкир тан намедиҳад. Бинобар он ба мардум савод омӯзонидан даркор.

Ва маҳз ҳамин масъалаи саводу саводомӯзиро дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои навтаъсис дар Осиёи Миёна мавриди баррасӣ карор дод. Вай навишта буд:

«Дар Самарқанд, дар Тошканд мактабҳои миллии нав кушода шуд, дар Бухоро ҳам тотороне, ки дар он ҷо меистоданд, як мактаби хусусӣ барои фарзандони худ кушоданд. Баъзе касони бухорӣ ҳам, ки аз мактаби кӯҳна ба ҷон омада буданд, фарзандони худро дар мактаби тоторҳо монданд. Ман он мактабро рафта дидам (1907 буд), бачагони Бухоро, ки забони тоторӣ он тараф истад, ҳагто забони ӯзбекиро ҳам намедонистанд, маҷбур буданд, ки дар забони тоторӣ хонанд. Ман ин ҳолро дида, ба бачагон раҳмам омад ва ба муаллими тотор гуфтам:

Агар шумо розӣ шавед, ман дар мактаби шумо бепул хизмат карда. вазифаи тарҷумониро адо мекунам, дарсхои тотириро ба тоҷикӣ тарҷума карда, ба бачаҳо медиҳам ва гапҳои шуморо хам ба забони тоҷикӣ тарҷума карда мефаҳмонам.

Муаллим розй шуд. Ман ба кор даромадам».

Ин ҷумлаҳо аз меҳру муҳаббате, ки падари адабиёти советии тоҷик, Қаҳрамони ха.ақи тоҷик С.Айнӣ ба бачаҳо доштааст, далолаг медиҳанд. Агар Садриддин Айнӣ бачаҳоро дӯст намедошт, вай дар солҳои душвори ҳукмронии амири Бухоро ин қадар барои маърифатнокшавии халқ ҷон намекоҳонд. Зеро амир ва хусусан муллоҳои камсавод муқобили мактабҳои нав буданд. Соли 1908 Айнӣ ҳамроҳи Мирзо Абдулвоҳид дар хонаи вай мактаби наве кушод. Аз бойбачаҳое, ки дар он мехонданд, ҳар моҳ сесӯмӣ ҳак мегирифтанд, аз камбағалҳо пул намегирифтанд. Китоби «Алифбо»- ро ҳам барои ин мактаб худашон навиштанд. Пас аз он Садридцин Айнӣ бо номи «Таҳсиб-ус-сибён» китоби хонише ҳам навишт. Чунин мактаб ба муллоҳои калон маъқул набуд. Ана, дар ин хусус устод навишта буд:

«Дар вақти имтиҳони намунавй муллоҳои калон иғво бардошта ба муқобили мактаби мо хестанд ва ривоят карданд, ки ин мактаббачагонро кофир мекунад ва ба амир муроҷиат карда, мактабро бандонданд. Муллоҳо ва одамони амир бо ин қадар қаноат накарда, бо ҳуҷуми издиҳоми кӯча хостанд, ки Мирзо Абдулвоҳидро зада кушанд. Ӯ маҷбур шуд, ки чанде аз Бухоро гурехта, ба Қаршӣ рафта истад.

Ман ҳам якчанд рӯз рӯй пинҳон кардам».

Албатта, муллоҳо медонистанд, ки мактаби тариқати нав ҳеҷ касро кофир намекунад, онҳо аз чизи дигар аз босаводшавии мардум метарсиданд. Зеро медонистанд, ки онҳо саводнок шаванд, бесаводии муллоҳо ошкор мегардад. Ҳамин буд, ки ба Айнӣ ва рафиқони вай гаъкид мекарданд:

Фарзандони мардум саводнок шаванд-чӣ ё бесавод монанд-чӣ? Худатсаводдорй, илм дорй, қозй шав, раис шав, агар зиндагй хоҳй.аз паси ин корҳо нагард, таъкид доштанд онҳо.

Аммо на Айнӣ, на ҳаммаслакони ӯ аз ақидаи худ даст накашиданд. Онҳо ба таври пинҳонӣ ҷамъияти «Тарбияи атфол» ташкил доданд. Ин ҷамъият мактабҳои пинҳонӣ мекушод. Т алабаҳои дар ин мактабҳо савод гирифтаро барои давом додани таҳсил ба Оренбург. Қазон, Қрим, Уфа ва ҳатто Туркия мефиристоданд.

Дере нагузашта, Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр ғалаба кард. Бо таъсири инқилоб аввал дар Туркистон ва дертар дар Бухоро ҳа.м хуррият шуд. ҳокимияти советӣ ташкил ёфт. Садриддпн Айнӣ ин давлатро дӯст дошт, ба хизмати он даромад, зеро донист, ки вай барои халки меҳнаткаш панох будааст ва аз ҷумла «аввал ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушод. Дар ҳар кӯнаву маҳаллаи мо мактабҳои советӣ барпо шуд. Барои ононё, ки дорои хату савод нестанд ва умрашон аз синни таҳсил намудан гузашта буд, мактабҳо кушод.

Устод Айнӣ инкишофу пешрафги халқу кишварро пеш аз ҳама дар мактабу маориф мебинад ва ҳамин андешаро дар маколаи «Масъалаи маориф ва китоб» возеҳ баён менамояд: «Маълум аст, ки асоси тараққӣ ва тамаддуни ҳар миллат ва кавм вобаста бар маориф ва макогиб аст».

Устод Айнӣ дар таргибу ташвиқ ва ривоҷи мактабу маориф, масъалаҳои он, навиштани китобҳои дарсӣ, тарҷумаи китобҳои зарурӣ хизмати беандоза дорад. Дар ривоҷу равнақи мактабу маориф ва таҳияи барномаву китобҳои дарсӣ хизмати устод Айнӣ бениҳоят бузург аст.

Албатта, кушодашавии мактабхои нав, таъсисёбии нашриётҳо, чопи китобҳои дарсӣ аз ҳокимияти нав, замони нав дониста, таъкид дошт, ки: «.. ,ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушоед». Воқеан, ҳамин тавр ҳам буд. Гузашта аз ин устод Айнӣ таъкид дошт, ки: «Дар ҳар кӯчаю маҳаллаи мо мактабҳо барпо шуд. Барои ононе, ки дорои хату савод нестанд ва умрашон аз синни таҳсил гузаштааст, курсҳои бегоҳӣ ва шабона таъсис гардид...

Боз мо ба чӣ қадар мактаб ва курс, ки эҳтиёҷ баён кунем, кушода хоҳад дод, ба чӣ қадар китоб, рисола, рӯзнома ва маҷмӯае, ки хузурашро исбот намоем, нашр хоҳад кард...»

Дар саҳифаҳои ду рӯзномаи ҷонуфуз аввалан дар «Шӯълаи инқилоб» ва сипас дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаҳое чоп кард, ки ба дарди маорифчиён ва омӯзгорон ба қавле даво мегардид. Мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ «Ҳукумати шӯравӣ ба мо чӣ дод?», «Сайф ва қалам», «Акнун навбати қалам аст», «Масъалаи маориф ва китоб», «Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ», «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон» ва ғайраҳо, ки дар рӯзномахои «Овози тоҷик», «Шӯълаи инқилоб», маҷаллаи «Роҳбари

дониш» бо имзои «Син-Мим» чоп шудаанд, ифодагари фикри болост.

Як нуктаро бояд ин ҷо зикр намуд, ки С.Айнӣ макому мартабаи рӯзномаро дар ҷомеа амиқ дарк намуда, пайваста барои нашри он ба забони тоҷикӣ кувва ба харҷ дода навиштааст: «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар кавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад. Яъне қавми берӯзнома мисли одами безабон аст».

Солҳои бистум устод Айнӣ асосан ҳамчун публитсист машҳур шуд. Дуруст аст, ки ҳамин давра повести «Одина» ва романи «Дохунда»-ро ҳам навиштаанд. Аксарияти эҷодиёти ин давраинаи устод ба масъалаи маданият бахшида шудаанд. Садриддин Айнӣ тараққӣ додани тамаддунро вазифаи хеле муҳим медонад ва зарур мешуморад, ки барои иҷрои ин кор бачаҳо ҳанӯз аз соли мактабхонӣ тайёр карда шаванд. Барои ин бошад, дар замони советӣ тамоми шароит муҳайёст. Ва бесабаб нест, ки С.Айнӣ бо шавқ навишта б.уд: «Он Тоҷикистон, ки дар замоне дар вай «хату саводнок барои дору ҳам ёфт намешуд», дар давронк советӣ гӯшаю канорҳояш ба мактабхои ибтидой, миёнаи нопурра ва пурра пур шуда, дар районҳо ва шаҳрҳояш техникумҳо ва институтҳо ва ҳар гуна мактабҳои олӣ ва миёнаи ихтисосӣ ва инчунин дар маркази республика Университети давлатии Тоҷикистон кушода шуд, ки аз ин муассисаи илмӣ ҳазорҳо чавонони боилму маърифат ва садхо мутахассисони соҳаҳои гуногун расида баромада истодаанд».

Садҳо, ҳазорҳо нафар падару бародар, хоҳару модарони мактаббачагони имрӯза аз ҳаёти Одинаву Ёдгор, Ҳасану Гулнор барин қаҳрамонҳои Садриддин Айнӣ сабақ гирифта. ба камол расиданд. Зеро асарҳои вай ба хонанда на фақат завқи эстетикиву ахлоқӣ мебахшанд. инчунин одамро ба корнамоиҳои нав ба нав ҳам сафарбар менамоянд. Ҳамин буд, ки «Исёни Муканнаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик» барин очеркҳои таърихӣ, «Чингизи асри 20» ва «Деви ҳафтсар» барин памфлетҳои ӯ дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ илҳомбахши ҷавонмардони точик шуданд. Устод Садриддин Айнӣ ифтихори миллии халқи тоҷик асг. Эҷодиёти ӯ бошад, чашмаест. ки аз он ҳама -аз ҳафт то ҳафгодсола, зану мард, тамоми аҳли тараққихоҳи дунё баҳра мебаранд.

У стод Айнӣ таърихдон буду аз сафҳаи таърих корнамоию ҷонфидоии гузаштагонро мечуст ва барои авлоди онхо аз аҷдодонашон ҳикоят мекард. Ва Лоиқдар ин маврид гуфтааст:

Зи лавҳи гӯрҳо, аз мармари сарди мазористон,
Зи хоки мурдагони зиндатар аз зиндадаргӯрон,
Зи нақши ҳар катиба, нақши нохун дар тани зиндон,
Зи соҳилҳои бедарё, зи дарёҳои бечарён,
Ту моро кофтӣ, устод,
Ту моро ёфтӣ, устод!..

Интернатсионалистони эронӣ дар матбуоти тоҷик. Дар ташкил ва инкишофи матбуоти шӯравии Тоҷикистон, махсусан матбуоти мунташираи Душанбе дар тӯли дах сол 1925-1935 интернатсионалистони эронӣ -адибон, журналистон, олимон ва инқилобиён фаъолона иштирок кардаанд, балки аз бисёр ҷиҳат ин вазифа ба фаъолияти онҳо вобастагй пайдо кардааст. Таҷрибаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

инкилобй. рӯзноманигорӣ ва публитсистии онхо ва он ки бо мардуми мо ҳамзабон ҳастанд, дар он шароит, ки халқи тоҷик нав ба ҷаҳон ва зиндагии нав мепайваст, барои Осиёи Миёна нихоят муҳим буд. Устод Абулқосим Лохутӣ, Маҳди Таҳмосов, Акоп Кузнесиён, Қосим Дайламӣ. Сайидбогир Қосимов барин интернатсионалистҳо ба матбуоти мо роҳбарӣ карданд. Онҳо инчунин бо шеъру мақолаҳои худ дар сахифаи матбуот фаъолона иштирок намуданд ва дар тарбияи кадрхои журналистӣ бевосита иштирок намуданд. Яке аз онҳо Қосим Дайламӣ буд. Ӯ дар инқилоби соли 1920-и Эрон иштирок кардааст, ҳамчунон дар солҳои 1920 -1921 корманди рӯзномаи «Эрони сурх» будааст. Соли 1921 ба Шӯравӣ омада, дар Дорулфунуни коммунистии меҳнаткашони Шарк таҳсил карда, пас аз фориғ шудан ба Тоҷикистон омадааст. Аввал дар Ӯротеппа муҳаррири рӯзномаи махаллй буд, сипас ба Душанбе омада тамоми боқии умри бобаракаташ дар ин ҷо зист. Дайламӣ дар анҷумани якуми ҲКТоҷикистон муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистописурх» 1-штихоб шуд. Баъдтар дар дигар матбуот ва воситаҳои ахбор кор кардааст. Муддати зиёде то ба нафақа баромадап, ходими радиои бурунмарзии Тоҷикистон буд. Вай ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди ташаккули журналистикаи тоҷик борҳо хотироташро дар ин маврид иашр кардааст. Аз ҷумла маколаҳояш дар ин хусус дар маҷаллаи «Тоҷикистон» ва рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шудаанд.

8. **Таъсиси нашриётхо лар Точикистон**

Нашриёт аз василаҳои қадимтарини таблиг аст, зеро китоб.чависию китобчопкунӣ аз воситаҳои дигари ахбор - масалан рӯзнома хело кадим аст Тавофут дар он аст, ки китоб гарчи маҳсули матбуот, натиҷаи табоат аст, аммо матбуоти даврӣ нест, балки нашри китоб аз рӯи имкониятхо, бе мӯҳлати доимӣ аст. Яъне, агар аз рӯзнома хафтае шаш бор, се бор. ё як бор мебаромада бошад, барои китоб чунин муқаррарот мавчуд нест.

Фаъолияти нашаротй дар Тоҷикистон аз соли 1926 огоз ёфтааст. Дар он вақт дар шахри Самарқанд Шӯрои илмии назди Назорати маорифи Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он то 29 сентябри соли 192" амал кард. Сипас, ба он номи Нашриёти давлатии Тоҷикистон дода шуд ва дар Ойинномае,ки Ҳукумати Тоҷикистон тасдик кард, ба вай макомк трест дода шуд. Ҳайати рохбарии трест дар охири соли 1926 ба Тошканд кучид. Аввали соли 1930 ин идора пурра ба Душанбе интиқол дода ш> д.

Сарнавишти баъдии нашриётҳои асосии Тоҷикистон чунин аст:

Нашриёти давлатии Точикистон соли 1925 дар Самарканд таъсис ёфта соли 1930 ба Душанбе интикол дода шудааст ва ин нашриёт адабиёти оммавй-сиёсй, хочагии қишлоқ, бадей, тиб ва гайраву дигарҳоро чоп менамояд.

Агар ба таърихи чандхазорсолаи пайдоиши китоб ва китобнигорӣ назар афканем, мебинем, ки мардуми тоҷик ва тамоми кавмҳои ориёӣ дар радифи нахустин офарандагони фарҳангу тамаддуни ҷаҳон мақоми арзандаедоранд.

Дар Энсиклопедияи Шӯравии тоҷик омадааст, ки нахустин дастнавис ва ёдгориҳои хаттии папирусӣ дар Мисри Қадим дарёфт гардидаанд. Ин бозёфтҳо ба ҳазораи ГУ-Ш пеш аз милод тааллуқ доранд.

Аврупоиён дар чопи китоб сараввал аз папирус ба варақхои яклухт. сипас ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пергамент (пӯст) ва билохира ба когаз гузаштанд. Китоби муқадцаси пайравони ойини зардуштия «Авасто» низ нахуст болои пӯсти барзагов нигошта шуда буд.

Нимаи аввали қарни XV баъди дар кишвари Олмон аз ҷониби Иоганн Гутенберг (солҳои 1400-1468) ихтироъ гардидани нахустин дастгохи чопи китоб, санъати чопи китоб пайваста такмил ёфт ва дар сар то сари ҷахон пахн гардид. Дар Русия «Апостол» нахустин китоби чопӣ соли 1564 дар Маскав аз ҷониби Иван Фёдоров ва Пётр Мстислав чоп гардидааст...

Дар Осиёи Марказӣ табъу нашри китоб баъди ба Русия ҳамрох шудани он ба роҳ монда шуд. Китобҳои дарсии макотиби мусулмонӣ ва маҳаллии русии ин минтақа дар шахрҳои Тошканд, Самарқанд, Қазон. Когон бо ҳуруфи арабӣ ва русӣ интишор мегардиданд.

То ғалабаи Инқилоби Октябр асарҳои илмиву адабии донишмандону шоирони тоҷик ё бо роҳи хаттотиву нусхабардорӣ (бо теъдоди хеле маҳдуд) ба шакли китоб муқовабандӣ мешуд ва ё дар чопхонаҳои Ҳиндустон (ш. Калкута, Лакҳнав. Пешовар, Карочӣ), Ту ркия (ш.Истамбул, Анқара. Кусгантания) дар дастгоҳҳои литографӣ чоп шуда, сипас ба воситаи тоҷирони китоб ба Осиёи Марказӣ оварда мешуданд.

Бояд қайд кард, ки китобу китобнигорӣ ба маънии кунунии ин мафҳум то нимаи аввали солҳои 20-уми асри XX дар сарзамини тоҷикон вуҷуд надошт. Танҳо баъди пирӯзии Инқилоби Окгябр ва таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1924). барои чопи китоб шароит фароҳам омад. «7-уми октябри соли 1925 ичлосияи васеи Раёсати Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он лоиҳаи қарори Кумитаи Инқилобии ҷумҳурӣ дар бораи таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон мавриди баррасӣ карор гирифт... Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар бораи таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон қарор қабул кард. Бюрои ташкилӣ ба вазифаи мудири Нашриёти давлатии Тоҷикистон А.Лоҳутиро тавсия намуд».

Баробари созмон ёфтани нашриёт устод А. Лохутӣ ба ҳайси роҳбари он таъин гардид. Дар он вазъи ноустувору пуртаҳлука ва айёми задухӯрдхои хунин ба ӯҳдаи ин муассисаи илмию фархангӣ вазифаи пурмасъулияти чопи китобҳои сиёсию дарсӣ ва дигар маводи зарурии табъу нашр вогузор гардид.

Дар ин давра дар саросари кишвар шумораи мактабхои таълимоти ҳамагонӣ хамасола меафзуд. Солитахсили 1925-1926 дар ҷумҳурӣ 165 мактаби ибтидоӣ фаъолият мекард, соли хониши 1929-1930 бошад, ин рақам ба 1110 расид.

Бинобар ин талаботу дархост ба китобу дастурҳои таълимӣ пайваста меафзуд. Дар ин хусус Раҳим Ҳошим менависад: «агар Нашриёти давлатии Тоҷикистон соли аввали таъсиси худ 8 номгӯй китоб, аз инҳо 4 номгӯй китоби дарсӣ бароварда тавониста бошад, дар муддати дах соли баъд -соли 1935 номгӯйи китобҳои нашркардаи он ба 266 расидааст». Дар асл ҳам «Дарсҳои ҳисоб», «Роҳбари бесаводон», «Ҳисоб», «Соли нахустин» дастовардҳои аввалини нашриёт маҳсуб мегардиданд..

Дар он солҳо як зумра шахсиятҳои соҳибфарҳангу бомаърифат, аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода ва дигар зиёиёну равшанфикрон зарурати бо забони миллии хеш бо таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

халқу миллатҳои гуногун, аз ҷумла тоҷиконро гаштаю баргашта таъкид мекарданд ва ба миён мегузоштанд. Масалан, дар рузномаи «Овози тоҷик» як омузгори мактабҳои тоҷикӣ чунин нигошта буд: «Таҷрибаи соли гузашта ба мо нишон дод, ки агар бачаҳо ба забони модариашон дар байни ду сол хату савод бароранд, бо забони дигар дучанд бештар вақт лозим аст».

Махсусан устод С.Айнӣ дар солҳои бистуму сиюми қарни XX ва минбаъд низ ҳамчун муҳаррири нуктасанҷу борикбин соҳибтаҷрибаю пухтакор баҳри беҳтару хубтар шудани сифати китобу ҷузва, тарҷума ва дигар маводи зарурии чопӣ пайваста дилсӯзию гамхорӣ мекард, аз назари ҳайати таҳририяи босалоҳияту мӯътабаре гузаронидани китобҳои оммавию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, китобҳои дарсию васоити таълим ва соири нашрияҳоро воҷиб медонист.

Вале дар он айём ҳаллу фасли ин ва дигар масъалаҳои доги рӯз кори саҳлу осон набуд, чунки дар ҷумҳурӣ мутахассисони ботаҷрибаю пухтакор, донандагони хуби соҳаи чопи китоб хеле кам буданд.

Бо карори Раёсати Кумитаи Инқилобии ҶМШСТоҷикистон моҳи апрели соли 1926 шӯъбаи самарқандии «Нашрдавтоҷ» созмон ёфт ва ба кор шурӯъ кард ва устод Айнӣ вазифаи сармуҳарририи нашриётро ба зимма гирифт. Ба ҳамин тариқ, иҷрои вазифаи ҳайати назорат ба таҳрир ва тарчумаи китобҳо, ки Айнӣ чанде пеш зарурияти онро ба майдон гузошта буд, ба зиммаи худи ӯ супорида шуд.

Садриддин Айнӣ ҳамчун устоди дилсӯзу гамхор ва сахтгиру серталаб афроди бофарҳангу пуртаҷрибаеро, ки аз кори табъу нашр огаҳӣ доштанд, ба нашриёт ҷалб менамуд. Ҳ.Ирфон, С.Манофзода, И.Раҳматуллозода. Т.Зеҳнӣ, Х.Абдулхолиқзода, Р.Ҳошим ва боз чанд нафари дигар аз ҷумлаи чунин шахсони соҳибфарҳангу донишманд ба шумор мерафтанд. Раҳим Ҳошим, ки ҳанӯз соли 1927 аз ҷониби устод С.Айнӣ ба ин боргоҳи илму маърифат ва фарҳанг даъват гардида буд, беш аз шаст сол бо нашриёт ҳамкории самаранок ва судманд дошт.

Дар Самарқанд ба фаъолият пардохтани нашриёт якчанд сабаб дошт. Зеро ҳанӯз дар Душанбе имкони табъу нашри китоб муҳайё набуд ва матбаае, ки бо аспу уштур аз Бухоро ба Душанбе интиқол гардида буд, танҳо барои чопи рӯзнома ва баъзе авроқу асноди зарурӣ имконият дошт.

Масъалаи дигари хеле пураҳамият гирд овардани муаллифону тарҷумонҳо ба ҳисоб мерафт.

Дар Самарқанд афроди ба кору табъу нашр омода мавҷуд буданд. Омӯзгорони ботаҷрибаю соҳибқалам Раҳматуллозода, Ҳоҷимӯъмин, Маҳмудӣ, Тӯракул Зеҳнӣ, инчунин Абдурауф Фитрат, Саидризо Ализода, Абдухолиқзода, Муҳаммад Мусавӣ, Шараф Ҷабборӣ барин як идда муаллифону тарҷумонҳои хушсалиқаву шиоҳга дар гаълифу тарҷу.ма ва таҳрири китобҳои сиёсӣ, дарсӣ ва бадеӣ саҳми муносиб ва назаррас гузоштаанд.

Баъдтар, ба кори табъу нашр А.Деҳотӣ, А.Пирмуҳаммадзода, С.Ҷавҳаризода, Ҳ.Аҳрорӣ, О.Исматӣ, М.Юсуфӣ, А.Исмоилзода, Б.Ҳоҷизода, Л.Бузургзода, Ш.Ҳусейнзода ва дигарон ҷалб карда шуданд. Бадин тариқ, ақидаи устод С. Айнӣ дар бобати ба кори таълифу тарҷума ва таҳрир фаро гирифтани ҷавонони болаёқати соҳибистеъдод ва пайваста гамхорӣ зоҳир кардан дар ҳаққи эшон

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тадриҷан амалӣ мегардид.

Бо тақозои замон соли 1930 нашриёт ба Тошканд ва соли 1931 ба Душанбе нақли макон намуд. Бо вучуди ин, кору фаъолияти босамари шӯъбаи самарқандии нашриёт то соли 1937 идома дошт.

Дар аввалҳои солҳои 30-юми асри гузашта баробари аз нав ба Душанбе интиқол ёфтани нашриёт ва дар маркази ҷумҳурӣ ба кор огоз кардани матбааи пуриқтидор метавон бо зъгимоди комил гуфт, ки вазъи чопи китоб ва матбуоти даврӣ то андозае бехтар гардид.

Профессор С.Мухторов дар рисолаи худ «Родмард», ки ба фаъолияти яке аз арбобони маъруфи илму маърифат ва фарҳанги тоҷик Саидҷон Носиров бахшида шудааст, менависад: «Соли 1932 дар ҷумҳурӣ 51 китобхонаи оммавӣ кор мекард, ки фонди адабиёти он ба 18 ҳазор нусха мерасид. Бо ташкили китобхонаи ҷумҳурӣ ба номи Фирдавсӣ дар соли 1933 шумораи китобхонаҳо хеле афзуд. Саидҷон Носиров доим дар талоши он буд. ки китобхонаҳои наздимактабӣ бо китобҳои зарурии таълимии педагогию бадеӣ таъмин гарданд. Барои амалӣ гаштани ин нақшаҳо ӯ аз шаҳрҳои марказӣ бештар адабиёти заруриро дастрас менамуд. Ғайр аз ин ташкили Нашриёти давлатии Тоҷикистон ва ба кор шурӯъ кардани комбинати чопии шаҳри Душанбе (Матбааи аввалин дар назар аст) дар роҳи ба адабиёти зарурӣ таъмин кардани мактабу китобхонаҳо ҳиссаи муносиб гузошт».

Соли 1933 барои синфҳои якум интишор гардидани «Алифбо»-и Ҳилол Каримовро метавон ҳамчун падидаи фараҳбахши фарҳангию маърифатӣ каламдод кард. Ин «Алифбо» зиёда аз панҷоҳ сол баҳри саводомӯзӣ ва маърифатандӯзии фарзандони мардуми мо хидмати беминнат ва пуразишеро ба ҷо овард.

То огози ҷанги хонумонсӯз, дар соли 1940, нашриёг беш аз 360 уивон китобу ҷузва ва дигар маводи чопиро ба табъ расонд, ки теъдоди умумии онҳо 1,4 миллион нусхаро ташкил мекард.

Соли 1941 Олмони гитлерӣ аҳдшиканона ба мамлакати Шӯроҳо ҳамла овард. «Ҳама чиз барои ҷабҳа, баҳри галаба» -чунин буд шиори тамоми халқҳои сокини Иттиҳоди Шӯравӣ дар он солҳои пуризтиробу пуршӯр ва сертаҳлукаю халокатбор.

Беҳтарин кормандони соҳаи табъу нашр, матбуогу матбааҳо, адибону олимон низ чун дигар одамони советӣ ба ҷанг рафтанро амри виҷдон ва нангу номуси худ шумурданд. Вазъияти душвор ва даҳшатовари солҳои ҷанг, ба ҳимояву дифои Ватан сина сипар кардани як зумра кормандони фаъолу ботаҷрибаи нашриёт. аз ин рӯ нарасидани мутахассисони соҳибкасбу боихтисос ба кори чопи китоб бетаъсир намонд.

Бар асари душвориҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чопи китобу дастурҳои таълимӣ ва дигар нашрияҳо то андозае коҳиш ёфта бошад ҳам, вале қатъ нагардид. Дар ин давра асарҳои ҷолибу хондании устод С.Айнӣ «Чингизи асри ХХ», «Деви ҳафтсар», «Исёни Муқаннаъ», «Темурмалик», достонҳои «Ғалабаи Таня» ва «Мардистон»-и Лохутӣ, достони «Писари Ватан» ва шеъри «Ҳаргиз»-и М.Турсунзода, намоишномаҳои «Дили модар»-и Ҷ.Икромӣ, «Дар оташ»-и

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

С.Улуғзода ва чандин асарҳои дигаре, ки дар солҳои мудҳиши ҷанг таълиф ва нашр шуданд, барои наврасону бачагон ва ҷавонон аҳамияти калони маънавию тарбиявӣ доштанд.

Асару рисолаҳое, ки дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳон офарида шудаанд, мардумро дар рӯҳи анъанаҳои неку наҷиби ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватану ватандорӣ, интизоми бошуурона. усгуворию матонат дар ҷабҳахои набарду корзор, адовату нафрати бепоён ба хасми нопоку душмани гаддор гарбия менамуданд.

Рӯзгори навине, ки баъд аз пирӯзин Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаро расид, васоити интишорот, матбуот, ахли калам ва мутахассисини соҳаи тарҷумаро водор сохт, ки ба иадидаҳои замони ҷадид ва тарҷумаи осори баргузидаи олам таваҷҷӯҳ ва эътибори хосае зоҳир бикунанд.

Фаро расидани замони меҳнаги осоиштаи пасазҷангӣ, инкишофу пешрафти иқтисоди миллӣ ва хоҷагии халқи кишвар, дилсӯзиву ғамхории бесобиқаи давлату ҳукумат оид ба соҳаи адабиёту фарҳанг ба адибону олимони варзида қуввахои тозаи эҷодӣ бахшид, онҳоро ба таълифи асарҳои нави мансуру манзуми ҳамқадами давр ва асарҳои таҳқиқотии пурмӯҳтавою баландғоя роҳнамун сохт.

Тӯли солҳои 1947-1956 Нашриёти давлатии Тоҷикистон беш аз2605 унвон китобу ҷузва, мусаввараю варака ва соири маводи зарурии чопӣ ба табъ расонд, ки хаҷми умумии онҳо ба 16572 ҷузъи нашрӣ ва теъдодашон ба 27 миллион нусха мерасид.

Дар ҳамин солҳо аввалин тарҷумаи 8 ҷилди асарҳои В.И.Ленин ба забони тоҷикӣ чоп шуд.

«Ирфон». Нашриёти давлатии Тоҷикистон соли 1964 ба худ номи «Ирфон»-ро мегирад. Дар ин бора собиқадори ҷангу меҳнат, собиқ раиси нашриёти «Ирфон» Абдучаббор Қаҳҳорӣ ин тавр ёдовар мешавад: «То нимаи солҳои шасгум он Нашриёти давлатии Тоҷикистон ном дошт. Вақте ки нашриётҳои мамлакат аз рӯий вазифаҳояшон ва соҳаҳои интишори китобҳо ҳар як ба худ номи мухтасар ва муносибро мегирифтагӣ шуданд, дар назди Нашриёти давлатии Тоҷикистон хам чунин масъала ба миён омад. Номе бояд интихоб мекардем, ки аз як калимаи кӯтоҳи фаҳмо ва зебо иборат бошад ва мақсаду вазифаи нашриётро пурра ифода карда тавонад. Ва нашриёт номи «Ирфон»-ро гирифт.

Даҳаи 70-уми садаи XX пас аз хатми макотиби олии ҷумҳурӣ як зумра ҷавонони лаёқатманд ба кори нашриёт фаро гирифта шуданд. Онҳо дар назди устодони серталабу баркамоли соҳаи табъу нашр Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ (раиси нашриёт), Собирҷон Хоҷаев (сармуҳаррир. баьдтар раиси нашриётхои «Ирфон» ва «Маориф»), Шавкат Маъруфӣ. Анора Остонова, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Темурҷон Усмонов, Ҳазраткул Файзиев, Чӯлибой Комилов, Собирҷон Зикиров, Исмоил Ҳамроев. Шариф Шараф, Шодон Ҳаниф, Зайниддин Дӯстматов, Мирзо Наимов, Муҳаммадамин Содиқов, Абдуқодир Ҳайдаров, Нарзӣ Обидов, Ҷӯрабек Абдулов, Рахим Каримов ва дигарон ихтисоси бошарафу душвор -касби ноширӣ ва таҳриру тасҳехро омӯхтанд.

Дар ин давра ба арсаи адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик низ як зумра адибон

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз қабили Лоиқ. Бозор Собир, Гулрухсор, Сорбон, Ӯрун Кӯхзод, Саидалӣ Маъмур, Ҳабибулло Файзулло, Гоиб Сафарзода. Шохмузаффар Ёдгорӣ, Басир Расо, Бурҳон Ганӣ ва дигарон ворид гардиданд.

Соли 1975 нашриёти «Ирфон» ба муносибати 50-солагии таъсисёбиаш бо ордени «Дӯстии халқҳо» мукофотонида шуд.

Дар солҳои аввали бозсозӣ зимни сиёсати демократикунонии ҷомеа ва ошкорбаёнӣ, ҳамчунин аз набудани қонуни табъу нашр истифода бурда, дар як муддати кӯтоҳ бисёр муассисаҳои хурд ва кооиеративҳои нашри китоб арзи вуҷуд намуда, бозори китобро бо китобҳои рӯзмарра ва ё ба истилоҳ «хасакӣ» пур карданд, дар ин миён қадру қимати китоб то хадде коҳиш ёфт.

Вале ҳамзамон бо боло рафтани нархи коғазу маводи чопӣ ва ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳу рии Тоҷикистон «Дар бораи табъу нашр» аксарияти чунин муассисаҳои хурду кооперативҳо ба мавҷудияти худ хотима бахшиданд, ба танзим овардани кори нашриёту ноширон то андозае осонтар гардид. Нашриёт ҳамроҳи муассисоти савдои китоб як силсила китобҳои дилчасп, пурмазмун, серхаридору хонданбоб, аз қабили «Хазина!! тибби қадим» ва «Канзи шифо»-и Ҳ.Зоҳидов, «Осори мунтахаб»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Таърихи табарӣ» (ҷилди 1), «Гиёҳнома»-и Абӯмансури Муваффақ, «Мунтахаби ғазалҳо»-и Ҳофиз ва амсоли инҳоро бо нархҳои шартномавӣ ё озод ба фурӯш бароварда, то ҳадде зарбаи таваррумро таскин бахшида, муассисаро аз касодии комил раҳонид.

Роҳи дигаре, ки тайи солҳои охир нашриёти «Ирфон» пеш гирифтааст, чопи китоб аз ҳисоби маблағи сарпараст ва муаллиф мебошад.

Яке аз роҳҳое, ки Нашриётро дар шароити иқтисодии бозаргонӣ аз таҳдиди барҳамхӯрӣ раҳо месозад, вусъат додани нашри адабиёти фармоишӣ мебошад. Барои он ки китобҳо ба тарзи фармоиш, ба табъ бирасанд. харочоти рисолаи ин ё он муалдифро бояд идора, муассиса, корхона, донишгоҳу пажӯҳишгоҳи илмӣ, кумитаю вазорате адо намояд, ки муаллиф дар он ҷо кор мекунад ва ё иртибот дорад.

Нашриёти «Ирфон» дар давраи омодагӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ва 90-солагии академик Бобоҷон Ғафуров табъу нашри як силсила китобу ҷузва ва мусаввараҳоеро ба нақша гирифт, ки аз таърихи давлати мутамарказу мутамадцини Сомониён ҳикоят карда, мардумро ба ваҳдату якдилӣ даъват менамуданд ва ба эҳёи суннатҳои миялӣ ва таҳкими пояҳои он нигаронида шуда буданд. Масалан, «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров (бо ҳуруфоти кириллӣ ва арабӣ дар ду ҷилд), «Девори Хуросон»-и М.Солех, «Академик Бобоҷон Ғафуров»-и А.Мухторов, «Академик Бобоҷон Ғафуров ва омӯзиши таърих ва тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ» (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), «Сомониён ва эҳёи гамаддуни мардумони зронӣ» (ба забони англисӣ), «Давлати точикбунёди Сомониён»-и Н.Неъматов (ба забонхои тоҷикӣ ва русӣ), «Тоҷикшинос»-и Ю.Якубшох, «Таборномаи Оли Сомон» аз ҷумлаи китобҳои ҷолибу писандидаи ҷашние буданд, ки мардуми кишвари мо, кишварҳои ҳамҷавор ва оламиёнро бо таърихи бошукӯҳи давлатдории Сомониён ва симои абадзиндаи академик Бобоҷон Ғафуров ошно сохтанд.

Дар солҳои сохибистиқлолии Тоҷикистон асарҳои ҷолибу хонданбоби

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон «Истиклолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» (дар панҷ ҷилд), «Масъулият дар назди замон», «Мақоми шоиста дар ҷомеаи башар» (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), «Масъулият барои фардои миллат», Носири Хусрав «Куллиёт» (ҷилди 2), Холмурод Шарифов «Ахтарони фарҳанг» аз чоп баромад, ки дорои гояю мазмуни баланд мебошанд.

Воқеан ба муассисаи нашриявии «Ирфон», ки ду марди фозилу бонаҷобат, поягузорони адабиёти навини тоҷик, устодони каломи бадеъ А.Лоҳутӣ ва С.Айнӣ муассисонаш мебошанд, тайи солҳои гуногун М.Мусавӣ, Ш.Ҷабборӣ, М.Расулӣ, Ҳ.Дайламӣ, М.Нурмуҳаммадов. Т.Пӯлодов, Ҳ.Неъматуллоев, М.Нурмагов. С.Ғуломов, Б.Шарифов. А.Қаҳҳорӣ, С.Хоҷаев, А.Ҳоҷиев, А.Воситзода, Ш.Маъруфӣ, А.Сангинов барин мардони оқилу доно ва дилогоҳ сарварӣ кардаанд ва дар рушду нумӯи он саҳми назаррас гузоштаанд.

Бояд хотирнишон намуд, ки муассисаи нашриявӣ тӯли солҳои фаъолияташ беш аз 15 ҳазор унвон китобу ҷузва, албому маълумотнома ва соири маводи зарурии чопиро бо теъдоди 150 миллион нусха манзури хонандагон гардондааст.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг». Охирҳои солҳои 50- ум, дурусттараш моҳи январи соли 1958 ҳамчун нашриёти давлатии адабиёти таълимию педагогӣ таъсис ёфт (аз нашриёти давлагии Тоҷикистон ҷудо шуд) ва Самеъҷон Шодиев раиси он таъин гардид. Муовини раиси нашриёти навтаъсис Николай Сталин таъин шуд, ки ӯ солхои сиюм аз Ленинград барои ташкили корхои нашриёт ба Точикистон омада буд. Нашриёги навгаъсис панҷ шӯъба дошт: забону адабиёт, таъриху география, физикаю математика, адабиёти методӣ, адабиёти бадеӣ барои бачаҳо.

Таърихи нашри китобхои дарсӣ бошад, дар ҷумҳурӣ хеле қадимтар аст. Вақте ки соли 1925 Нашриёти давлатии Точикистон таъсис ёфт, яке аз вазифахои асосиаш чопи китобҳои дарсӣ буд.

Аввали солҳои сию.м бо мақсади беҳбуд бахшидан ба нашри китобҳои дарсӣ комиссияи махсус таъсис гардид. Комиссия кори муаллифон, мутарҷимон ва муҳарриронро ташкил кард. Дар сари вакт нашр гардидани кигобҳои дарсиро зери назорат мегирифт. Дар натиҷа теъдоди нашри китобҳои дарсӣ хеле афзуд.

Дар солҳои сиюм базаи полиграфии ҷумҳурӣ пурқувват набуд. Факат як матбаа вуҷуд дошт, ки он ҳам бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ таъмин набуд. Матбааи ҷумҳурӣ ба миқдори кофӣ китобҳои дарсӣ чоп карда наметавонист. Аз ин сабаб матбааҳои шаҳрҳои Самарканд, Тошканд, Қазон, Симферопол, Маскав, Ленинград дар чопи китобҳои дарсӣ кӯмаки зиёд мекарданд. Масалан, дар он давра чопи 50% китобҳои дарсӣ ба зиммаи полиграфистони Ленинград гузошта шуда буд.

Соли 1939 нашриёти давлатии Тоҷикистон 92 номгӯй китобҳои дарсию методиро бо теъдоди 2 млн. 300 ҳазор нусха чоп кард.

Солҳои сиюм бо нашриёт барои таҳия ва таҳрири китобҳои дарсӣ Т.Зеҳнӣ, А.Деҳотӣ, Л.Бузургзода, Ҳ.Бакозода, М.Ғафуров, Ш.Ҳусейнзода, Х.Мирзозода ҳамкории эҷодӣ доштанд.

Дар ин солҳо барои омӯзиши забони русӣ китобҳои дарсии муаллифон Ф.Б.Беспалтсев, С.Д.Арзуманов, А.Лебедев, С.Нестренко, Л.Успенская аз чоп

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баромаданд.

Барои омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактабҳои русӣ китобҳои дарсии муаллифон С.Кличинский, Г.С.Михайличенко, Я.Р.Хахамов мунташир гардиданд.

Барои омузиши мустакилонаи забони тоҷикӣ китоби худомӯзи Степан Арзуманов чоп шуд.

Соли 1934 иқтидори полиграфии Тоҷикистон ба куллӣ тагйир ёфт: якумин муассисаи замонавӣ -Хонаи матбуот ба кор даромад.

Соли таҳсили 1940-41 дар Тоҷикистон 2628 мактаб мавҷуд буд, ки дар онҳо 323,1 ҳазор нафарталаба таҳсил мекард. Дарнатиҷаи афзоиши шумораи мактабҳо ва хо! ^анда гони мактаб эҳтиёҷ ба китобҳои дарсӣ боз ҳам афзуд.

Соли 1940 ба ҷои ҳуруфи лотинӣ ҳуруфи криллӣ мавриди истифода карор гирифт. Тамоми матбуоти даврӣ, омӯзиш дар мактабҳо ба алифбои нав гузаштанд. Аз ин рӯ, ҳамаи китобҳои дарсӣ бо ҳуруфоти криллӣ аз нав чоп карда шуданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ноширони тоҷик бо кувваи дучанд ва ҳисси баланди ватанпарварӣ кор мекарданд, ҳарчанд ки бисёр кормандони нашриёту мутахассисони матбааҳо ба ҷабҳаи ҷанг рафта буданд. Дар вазъияти мушкили ҷанг ба чопи китобҳои дарсӣ диққати зиёд дода мешуд. Аз сабаби нарасидани базаи полиграфӣ бисёр китобҳои дарсӣ дар Ленинград чоп мешуданд. Ленинград, ки худ дар ҳалқаи марговари муҳосира афтода буд, ҳатто дар ҳамон вазъияти мудҳишу хатарнок низ нашри китобҳои тоҷикиро қатъ накарда, дар ин кор корномае нишон дод. Дар рӯзҳои ҷанги шадид ба воситаи кули Ладога бо «роҳи ҳаёт» ба Тоҷикистон китобҳои дарсӣ фиристода мешуданд. ки ин худ як каҳрамоние буд.

Соли 1959 Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогӣ та ьсис ёфт.

Он солҳо дар пешрафги кори нашриёт М.Шукуров, А.Самадов. М.Искандаров, Ҳ.Раҳматуллоев, М.Тоҷиев, Ӯ.Ҳамроев, Г.Коршикова, А.Ғафуров, И.Мирзоев, Р.Илёбоев, А.Бабушкин, С.Обидова саҳмгузор будавд.

Соли 1963 Нашркёти адабиёти таълимӣ-педагогӣ аз нав бо нашриёти давлатии Точикистон муттаҳид шуд. Соли 1967 боз ҷудо шуд ва ба худ номи «Маориф»-ро гирифт ва соли 1968 боз ду нашриёт бо ҳам муттаҳид шуданд.

Ва ниҳоят, соли 1975 нашриёти давлатии «Маориф» таъсис ёфт ва нашри китобхои таълимию педагогии зерин ба зиммаи он гузошта шуд: Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим барои мактабҳои миёнаи умумӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити гаълим барои мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, дастурҳои методӣ барои муаллимон, материалҳои дидактикӣ. маълумотномаҳо, адабиёти илмию оммавӣ, луғатҳои тафсирӣ ва дузабона барои донишомӯзони мактаб, китобҳои таълимӣ барои муассисаҳои томактабӣ, ҳуҷҷатҳои мактабӣ (рӯзнома, дафтари синф, делои шахсӣ), илакату варақахои таълимӣ ва адабиёти бадеӣ барои бачаҳо.

Бо китобхои дарсию методӣ таъмин намудани мактабҳои тоҷикии Осиёи Миёна ва Қазоқисгон низ вазифаи нашриёти «Маориф» махсуб меёфт.

Баъд аз қабул шудани қарор дар бораи ислоҳоти мактаб нашри китобхои дарсӣ хеле афзуд. Масалан, соли 1984 47 номгӯй ва соли 1988 68 номгӯй китобхои дарсии мактаби миёна чоп шуданд. Тиражи онхо соли 1984 31800,7 ҳазор нусха

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бошад, соли 1988 ба 4014,3 ҳазор нусха расид. Ба таври умумӣ, соли 1984 96 номгӯй адабиёти омӯзиши педагогӣ, соли 1988 бошад, 148 номгӯй аз чоп баромад.

Аввалин бор дар ҷумҳурӣ китобҳои дарсии забонҳои хориҷӣ чоп шуданд. Ҳоло нашриёт китобҳои дарсии забони англисӣ, немисӣ. франсавӣ, арабӣ ва форсиро чоп мекунад.

Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки аввалин бор китобҳои дарсии алтернативӣ. яъне ду китоб аз рӯи як фан дар як синф чоп шуданд. Чунончи, барои синфи якум ду номгӯи «Алифбо» ва ду номгӯи «Шиносой бо табиат». барои синфи 9 ду номгӯй китоби дарсии «Адабиёт» мунташир гаштанд.

Ба таври ранга чоп кардани китобҳои дарсӣ яке аз вазифаҳои асосии нашриёт ҳисоб меёбад. То соли 1935 ҳамагӣ чор номгӯй китоби дарсии ранга чоп мешуд, соли 1980 шумораи онҳо ба 15 васолҳои минбаъда ба 70 номгӯй расид.

Барои ороиш ва наққошии китобҳои дарсӣ, рангаву хушсифат чоп шудани онҳо бехтарин рассомони ҷумҳурӣ -К.Туренко. С.Вышнеполский, Д.Винокуров, В.Чечетка, В.Будный, Р.Танеев заҳмати фаровон кашидаанд.

Нашриёти «Маориф» барои мактабхои олӣ низ китобхои дарсӣ чоп мекунад. Аввалии китоби дарсии оригиналӣ барои донишҷӯён «Г рамматикаи забони ҳозираи тоҷик» буд, ки онро гурӯҳи муаллифони забоншиноси точик бо сарварии Б.Ниёзмуҳаммадов навиштанд ва ин китоб соли 1966 аз чоп баромад. То ин замон дар ҷумҳурӣ фақат барномаи маводи методӣ ва чанде китоби тарҷумавӣ барои донишҷӯён чоп шуда буданду халос.

Солҳои минбаъда бо саъю кӯшиши кормандони нашриёт чопи китобҳои дарсӣ барои донишҷӯён афзоиш ёфт, соли 1984 5 номгӯй, 1988-

2,соли 1989 -17 номгуй китоби дарсӣ чоп шуд. Дар тӯли солҳои охир нашриёт барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ китобҳои дарсии зеринро аз чоп баровардааст: «Таърихи адабиёти тоҷик», «Мантиқ», «Г еометрия», «Асосҳои фалсафа», «Ҳисобдорӣ», «Меъмории Тоҷикистон», «Адабиётшиносӣ», «Назарияи эҳтимолият», «Забоншиносии умумӣ» ва ғайраҳоро чоп намуд.

Солҳои охир, сарфи назар аз мушкилоти иқтисодӣ, камбуди коғазу маводи полиграфӣ, нашриёти «Маориф» нашри китобҳои дарсиро бомуваффақият идома медихад.

Чунончӣ, соли 1993-юм 95 унвон китобҳои дарсӣ ва васоити таълимиро бо теъдоди умумии 3,5 миллион нусха мунташир намуд. ки 54-тои он китобҳои дарсии мактаби миёна мебошанд.

Соли 1995 нашриёт чопи 47 унвон китобҳои дарсиро бо теъдоди 1,5 миллион нусха ба нақша гирифт ва иҷрои онро алоқадри ҳол таъмин намуд.

Ба вазъияти бугранҷи ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, чопи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз соли 1996 ру ба бехбудӣ ниҳод. 1-уми июни соли 2000-ум бо қарори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон нашриёти «Маориф» ва матбааи аввалин ба ҳам муттаҳид карда шуданд ва номи ҶСШК «Матбуот»-ро гирифтанд. Нашриёти «Маориф» соли 2003 боз аз ҶСШК «Матбуот» ҷудо гардид ва муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг» номида шуд. Баъди ин чопи китобҳои дарсӣ ривоҷи тоза пайдо кард. Ачҳол аксари китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ бо мазмуну мундариҷаи хуб ва сифати баланди полиграфӣ дар ин ҷо ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

табъ мерасанд.

Нашриёти «Адиб». Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якуми апрели соли 1987 дар заминаи шӯъбаҳои бадеии нашриётҳои «Ирфон» ва «Маориф» нашриёти «Адиб» таъсис ёфт.

Арзи вуҷуд намудани чунин муассиса тақозои давру замон буд. Нашриёт адабиёти бадеӣ, тарҷумавӣ, бачагона ва танқиди адабӣ нашр мекунад. То ташкил шудани «Адиб» чунин китобҳо дар нашриётҳои «Ирфон» ва «Маориф» ба табъ мерасиданд. Минбаъд нашриёти «Адиб» бо мақсади бештар қонеъ намудани талабу дархости доираи васеи хонандагон ба чопи адабиёти бадеӣ барои калонсолон ва бачагону ҷавонон махсус гардонида шуд.

Аввалин раиси нашриёт мутарҷими шинохта Анора Остонова буд, ки дар таъсис ва рушду камоли ин муассиса сахми босазо гузоштааст.

Аз соли 1990 то моҳи марти 2004 ин вазифаи басо масъулиятнокро адиби маъруф, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Кароматулло Мирзоев ба ӯхда дошт.

Дар ин коргохи габъу нашр, ки барои хонандаи ҷумҳурӣ ғизои маънавӣ китоб пешкаш менамояд, аксари кормандони аҳли қаламанд, ки хар кадоми онҳоро тавассути офаридаҳояшон мардум шинохтаанду медонанд.

Агар солҳои аввал дар нашриёт адибон Бобо Ҳоҷӣ. Шараф, Воситзода, Кутбй Киром, Мастон Шералй, Ӯрун Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз, Соима Ховарӣ, Мӯҳтарам Ҳотам, Ҳайрат Шанбезода, Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ, Ҳадиса Қурбонова кор карда бошанд, имрӯз Саидалй Маъмур, Юсуф Аҳмадзода, Низом Қосим, Ҳоҷй Мурод, Одина Мирак, Гурез Сафар, Мубашшир Акбарзод, Фарҳод Карим иҷрои вазифа менамоянд.

Қадамҳои аввали нашриёт қатъй, устувор ва боварибахш буданд. Нақшаҳои пухтаи корӣ мураттаб гардида, ҳар сол китобҳои ҷолибу хондании зиёде ба дасти хонандагон мерасид. Нашриёт соли аввали таъсисаш 190 номгӯй китобро бо теъдоди 4,5 милилон нусха аз чоп баровард.

Нашриёт ҳамеша ба нашри осори классикӣ ва шифохй, ки мероси ниёгонамон аст, диққати махсус медиҳад.

Нашриёт ба муносибати ҷашни ҳазораи «Шохнома»-и Фирдавсӣ 9 ҷилди «Шоҳнома», фарханги мухтасари «Шоҳнома», силсилаи китобҳои «Сӯги Сиёвуш», «Андарзи «Шоҳнома», «Қиссаҳо аз рӯзгори Фирдавсй», тақвим бо акси Фирдавсиро чоп намуд.

Ба ифтихори 1100 солагии давлатдории Сомониён нашриёт китобҳои «Шоирони аҳди Сомониён», Рӯдаки- «Насими Мӯлиён»,

С.Ҳалимиён -«Исмоили Сомонй» ва «Қиссаи подшоҳони Сомонӣ»-ро ба табъ расонд.

Ҳоло нашри «Осор»-и Мирзо Абдулқодири Бедил дар ҳашт ҷилд. луғати «Бурҳони қотсъ» дар чахор ҷилд идома дорад.

Маҳз дар нашриёти «Адиб» дучилдаи «Мунтахабот»-и Абулқосим Лоҳутй, чаҳорҷилдаи Рахим Ҷалил, се ҷилди панҷҷилдаи Фазлиддин Муҳаммадиев, китобҳон Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромй. Мӯъмин Қаноат ва Лоик Шералй ба табъ расиданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нашриёт инчунин асархои тозаи шоиру нависандагони имрӯзи Точикистон аз қабили Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Меҳмон Бахтӣ, Сорбон, Ӯрун Кӯхзод, Кароматуллоҳи Мирзо, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Фарзона, Саидалӣ Маъмур, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Ширин Бунёд ва дигаронро пайваста нашр менамояд.

Чопи адабиёти кӯдакон ва наврасон соҳаи дигари фаъолияти нашриет мебошад. Дар ин бахш корҳои хеле судманд анҷом ёфта, китобҳои зиёде дастраси бачагон гардиданд.

Месазад ёдрас намоем, ки нашриёт тӯли 20 соли фаъолияташ бештар аз хазор номгӯй китоб ва соири маводи чопиро бо теъдоди бештар аз 20 миллион нусха ба табъ расондааст.

Аз соли 2003 сар карда, хар сол бо дастгирии Президенти кишвар 50-60 номгуй асархои адибони классик ва муосири тоҷик чоп мешаванд.

9. Матбаахо дар Точикистон

Дар табъу нашри китобу ҷузва, луғату муҳовара, албому шиноснома ва дигар маводи зарурии чопӣ аз муассисоти нашриявии «Ирфон», «Адиб». «Маориф ва фарҳанг», Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи Матбуот, Комбинати полиграфии Душанбе. Корхонаи воҳиди «Санадвора» ва дигар матбааҳои ноҳиявӣ, шаҳрию вилоятӣ ҳиссагузоранд.

Матбааи аввал. То таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Точикистон дар чумҳурӣ соҳаи полиграфӣ вуҷуд надошт. Танҳо дар солхои ҷанги граждани дар ин ҷо рӯзномаи русии «По басмачу!» (органи корпуси 13-уми тирандозӣ) аз декабри соли 1923 дар матбааи сайёр ба дасти чоп мерасид.

Баъди тақсимоти миллӣ дар Осиёи Миёна як кисми таҷҳизоти полиграфии чопхонаи Самарқанду Бухоро бо Қарори КМ ҲК (б)Р аз 6- уми феврали соли 1924 барои Тоҷикистон ҷудо карда шуд.

Тобистони соли 1924 нашрияи давлатии Бухоро Ғайбулло Нурмуҳаммадови тоторро барои кор ба Душанбе фиристод. Нурмуҳаммадов бар замми забони модарии худ боз забонҳои русӣ, форсӣ, ӯзбекӣ ва ту ркманиро хуб медонист. Ӯ бо худ ба Душанбе мошини чопии тамғаи «Либертӣ»-ро оварда. Сафар аз Бухоро то Душанбе як мох тӯл кашид. Корвоне, ки онро аскарони сурх мухофизат мекарданд, мошини чопии тигелии навъи «Либертӣ»-ро дар шакли ба қисмҳо ҷудошуда ва 10 сандуқи ҳуруфи сурбиро поездсавору мошинсавору шутурсавор 31-уми июли соли 1924 ба Душанбе оварданд.

Магбааи якум -нахустфарзанди подиграфияи Тоҷикистон дар хоначаи гилини бомаш қамишпӯш, дар кӯчаи Интернатсионал №52 ҷойгир шуда буд. Якумин шумораи рӯзномаро дар ҳамин ҷо баровардаанд. ки он «Овози Шарк» ном дошт. Рӯзнома ба забони тоҷикӣ ва бо ҳуруфи арабӣ аз чоп баромада буд.

То феврали соли 1925 Нурмуҳаммадов Ғ.Ш. танҳо кор мекард. Дертар ба сифати шогирд Ятимзода ва Файзулло Саидаҳмадовро ба кор қабул намуданд. Аз Бухоро ҳуруфчинҳо Хоҷамқул Тиллоев, Мирзоалӣ Қурбонов ва Исмоил Бектемиров ба кор омаданд.

Аз соли 1929 чопхонаи Душанбе бо номи Матбааи давлатии рақами якум

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зикр мешуд. Шумораи коргарони он ба 40 нафар ва мошинҳои чопии он ба 10 адад расид. Махсулоти истеҳсолкардааш он сол 2 млн. сӯмро ташкил медод.

Соли 1931 дар Душанбе сохтани Хонаи матбуот бо қудрати лоиҳавии 150 млн. варақи чопӣ дар як сол ва барои 475 нафар коргар ба нақша гирифта шуд. Аз соли 1931 сар карда, дар баробари тавсеаи чопхонаи Душанбе, сохтмони Хонаи матбуот огоз гардид. Бунёди панч сехи асосии истеҳсолӣ, аз қабили ҳуруфчинӣ, чопкунӣ, муқовабандӣ, литографӣ, синкографӣ, инчунин ду сехи ёрирасон - ҳарротӣ ва механикӣ ба нақша гирифта шуд.

Моҳи майи соли 1932 сохтмони бинои маъмурии дуошёнаи Хонаи матбуот ба охир расид, ки дар он идораҳои рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ чойгир шуданд.

Аз рӯзҳои аввали ба кор даромадани Матбааи аввалин бевосига ё бавосита нобиғаҳои миллат ва ашхоси бомаърифат аз қабили устодон С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, Б.Ғафуров, М.Турсунзода, Раҳматуллозода. Т.Зеҳнӣ, А.Деҳотӣ, А.Пирмуҳаммадзода, С.Ҷавҳаризода, Ҳ.Аҳрорӣ. Б.Ҳоҷизода, Л.Бузургзода, Ш.Ҳусейнзода, Ҳ.Карим ва бозсадҳо нафари дигар асарҳояшонро дар ин ҷо чоп кардаву василаи таълифотҳояшон машҳури ҷаҳон гирдидаанд.

Соли якуми ба кор даромадани худ Матбааи аввалин 203 китобу ҷузвародарҳаҷми якуним миллион нусха аз чоп баровард.

Агар соли 1934 дар ин матбаа ҳашт унвон китоб ба табъ расида бошад (чортои он китобҳо дарсӣ буд), дар давоми даҳ соли баъдӣ теъдоди китобҳои интишоргардида ба 266 номгӯй расид.

Аз сабаби ба ҷабха сафарбар намудани мардон, солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 90 фоизи кормандони корхонаро занон ташкил медоданд.

Солҳои ҷанг аз сабаби ба таъмини галаботи ҷабха тобеъ гардонидани нқтисодиёт ва қатъ гардидани воридоти картон аз хориҷ, дар Матбааи рақами 1-уми шаҳри Душанбе сехи ҳамворро барои истеҳсоли коғазу картон аз партовҳои худи корхона ва коғазҳои нодаркори корхонаҳои дигар муҷаҳҳаз намуданд. Таҷҳизоти лозимаро дар корхонаи ба номи С.Орҷоникидзе ва дигар корхонахои ҷумхурӣ гайёр мекарданд. Соли 1941 кормандони сехи нав 50 кг коғаз ва 150 кг картон -аввалин маҳсулоти худро истехсол карданд. Дертар шумораи кормандони ин коргоҳ афзуд ва истеҳсоли шабонарӯзии коғаз то 100 кг, картон бошад ба 300 кг расонида шуд. Ин коргоҳ то соли 1947 коғазу картон мебароварда.

Агар соли 1943 теъдоди чопи китобҳо камтар, вале ҳаҷми маҳсулоти чоп зиёдтар шуда бошад ҳам, аз соли 1944-ум сар карда чопи китобҳо дар Матбааи рақами 1-ум рӯ ба афзоиш ниҳод.

То саршавии ҷанг дар Матбааи рақами якум нарасидани кадрҳо ба назар мерасида бошад, солхои ҷанг ин мушкилот монеаи асосии корхона гардид.

Соли 1959-ум дар Матбааи аввал ба тариқи офсетӣ «Алифбо»-ро чоп карданд. Истифодаи технологияи нав имконият дод, ки чопи маҳсулоти рангаи суратдор ва бисёрранҳд ба рох монда шавад.

Агар соли 1940-ум дар Тоҷикистон 372 номгӯй китобу ҷузва бо теъдоди 2823 ҳазор нусха чоп шуда бошад, пас соли 1970-ум 718 китобу ҷузва бо теъдоди 5653 ҳазор нусха нашр гардид. Сифати китобҳо низ беҳтар шуд.

Матбааи аввал аз (июни соли 2000) Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«**Матбуот**» ном гирифт. Фаъолияти Ҷамъияти саҳҳомии «Матбуот» хеле доманадор буда, ҳамасола китобҳои зиёди серхаридору хондании бадеӣ, дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, бачагона, оммавию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, илмию тиббӣ ба табъ мерасонад

Комбинати полиграфии Душанбе. Комбинати полиграфии Душанбе дар ду навбат ба кор дароварда шуд.

Навбати аввали комбинат 31-уми декабри соли 1975 ба кор даромад. Он барои табъу нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ва сехи чопи барҷастаи китобу ҷузва, албому шиноснома ва амсоли инҳо пешбинӣ гардида буд. Навбати дуюми комбинат бошад, моҳи ноябри соли 1978 ба кор андохта шуд. Иқтидори чопи рӯзномаҳо 808 миллион варақи чопӣ, чопи барчаста 60,5 миллион варақи чопӣ ва чопи офсет 102,5 миллиои варақи чопӣ, китобҳо бо муковаи сахт 4 миллион нусха ва ҷузваҳо 7 миллион нусхаро ташкил медоданд.

Дар комбинати полиграфии Душанбе инчунин табъу нашри рӯзномаҳои марказӣ низ ба рох монда шуда буд.

Аз соли 1986 Комбинати полиграфӣ ба чопи китобу ҷузва, албому шиноснома ва амсоли инхо махсус гардонида шуд. Баъди пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ фаъолияти ин коргохи фарҳангӣ низ то андозае коҳиш ёфт. Бахусус коста гардидани фаъолияти он дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ бештар ба назар мерасид. Дар ин давра бар асари камбудии коғаз ва дигар маводи чопӣ табъу нашри китоб хеле кам шуд. Масалан, агар солҳои пешин комбинати полиграфӣ моҳе 30-50 унвон китобу чузва, албому шиноснома ва дигар маводи чопӣ мунташир карда бошад, ҳоло дар тӯли як сол танҳо 30 номгӯй китоб чоп мекунаду халос.

Айни замон, дуруст аст, ки баъзе пешравиҳо ба назар мерасанд. Солҳои охир аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ барои чопи китобҳои дарсӣ қарз чудо карда мешавад. Солҳои охир аксари китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ дар базаҳои полиграфии хориҷи кишвар ба табъ мерасиданд. Алҳол бо дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон тамоми китобҳои дарсӣ ва дасгурҳои таълимӣ дар базаи полиграфии ҷумхурӣ чоп карда мешаванд.

Корхонаи вохиди «Санадвора». Корхонаи воҳиди «Санадвора» бо фармони Кумитаи давлатӣ оид ба матбуоти Иттиҳоди Шӯравӣ созмон ёфта, Шӯъбаи тоҷикистонии «Бланкоиздат» номгузорӣ гардид. Соли 1939 бошад, ба Шӯъбаи тоҷикистонии «Г осстатиздат» табдил дода шуд. Соли 1964 бо фармони Кумитаи давлатии матбуоти ИҶШС нашриёти «Статистика» ном гирифт. Соли 1972 ин коргоҳ боз тағйири ном кард ва бо фармони Шӯрои Вазирони ИҶШС Иттиҳодияи давлатии умумииттифоқии «Союзучетиздат» номида шуд.

Вай ҳоло зери сарпарастии Вазорати фарҳанги Тоҷикистон қарор дорад.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ «Союзбланкоиздат» тамоми намудҳои баргаро аз чоп мебароварда. Минчумла баргаҳои ҳисоби бухгалтерӣ, ҳисоботи оморӣ, баргаҳои соҳавии ҳамаи вазоратҳо. чиптаҳои киною театрҳо, ҳаммому бозорҳо, баргяҳои ҳисобу амалиёти бонкӣ, дастуру китобчаҳо, дафтари умумӣ, ҳисоботҳои хоҷагии қишлок ва амсоли инҳо ба доираи табъу нашри он ворид мешуданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар баробари Матбааи рақами 18 тамоми матбааҳои шаҳру навохии дигари ҷумҳурӣ, аз ҷумла Орчоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат), Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Хуҷанд ва ғайра аз хисоби фармоишоти «Союзбланкоиздат» бо кор ва маводи чогш таъмин мегардиданд. Супоришоти иҷрогардида тавассути почтаю контейнерхо ба тамоми ташкилоту муассиса, идораю корхона. колхозу совхозҳо ва кумитаю вазоратҳои Тоҷикистон ва соири ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ фиристода мешуданд.

Корхонаи воҳиди «Санадвора» ҳоло ҳам соҳаи фаъолияташро тағйир надодааст. Дар анборҳояш ҳамеша тамоми баргаҳои зарури нигоҳ дошта мешаванд. ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқанд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва матбуоти тоҷик

Оғози чанги Ватанӣ дар системаи ВАО шӯравӣ тағйироти чиддӣ ба амал овард ва ин дигаргуниҳо ба ду чиз вобаста буданд: сарфакорӣ ва ҳушёрӣ. Дар бобати сарфакорӣ муҳим он буд, ки танҳо он нашрияҳое бокӣ мемонданд, ки зарур буданд, пеш аз ҳама нашрияҳои умумисиёсии ҷумҳуриявӣ. Нашрияҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ фаьолияти худро асосан қатъ карданд. Матбуоти фронтӣ ба вуҷуд омаданд. Дар масъалаи ҳушёр будан муҳим он буд, ки сензура қатъй шуд ва матолиби бюрои информатсионӣ ва мақолаҳои ватанпарварӣ асоси мавзӯи матбуотро ташкил доданд. Дар ин замон бисёре аз журналистон ба фронт рафта, ба ҷои онҳо ҷавонҳо омаданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ давлату ҳукумати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун илҳомбахш ва ташкилотчии муборизаи умумихалқӣ бар зидди фашистони истилогар баромад карда, тамоми қувваи халқу мамлакатро ба мукобили душманони хунхор равона сохт. Ҳукумат тавонист қувваи синфи коргар, деҳқонони колхозӣ ва интеляигенсияи мамлакатро ба бартараф намудани мушкилихо ва маҳрумиятҳои давраи ҷанг ташкилу сафарбар намояд. Дар ин давра ҳукумат пеш аз ҳама ба он ноил гардид, ки рӯҳбаландии калони одамони советиро ба амал овард.

Дар шароити Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар бобати ташкили тамоми қувваҳои моддию маънавии халқи советӣ барои муҳофизати Ватан матбуоти даврагӣ роли бағоят калон бозид. Воситаҳои ахбори умум аз рӯзҳои аввали оғози ҷанг ҳамеша ҳақиқатро мегуфт. Ҳам дар давраи вазнинтарини ҷанг, ки ба сари Ватани азизамон рӯзҳои даҳшатнок омада буданд, ҳам дар рӯзҳое, ки Армияи Советӣ ба кӯшунҳои душманон галаба мекард, одамони совегӣ аз хар як шумораи газетаҳо ҳақиқати ахволро дониста мегирифтанд. Роли ташкилотчигӣ ва сафарбаркунандагии матбуот дар рӯзҳои ҷанг ба муқобили Германияи гитлерӣ дучанд афзуд. Баъди ҳуҷуми фашистони немис ба мамлакатамон дар саҳифаҳои газетаҳои «Тоҷикистони Сурх» ва «Коммунист Таджикистана» Изҳороти Ҳукумати Советӣ чоп гардид. дар он гуфта мешуд: «Кори мо ҳаққонист. Душман албатта торумор карда мешавад. Галаба ба ҷониби мост!»

Дар он рӯзҳо сар то сари республика митингу ҷамъомадҳои гаъҷилӣ барпо гардида, одамон дар он садоқати беандозаи худро ба Давлату Ҳукумат изхор карда. тамомисокинони ҷумҳуриро баҳри то охир зада нест кардани душман ба майдони муҳориба даъват менамуданд. Чун дар тамоми мамлакат дар шахру

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

районҳои Тоҷикистон митингхои ватандӯстона барпо мегаштанд. Ба редаксияи газетаю журналҳо ва идораи радиои республикавӣ резолютсияи маҷлису митингхои сернуфуз.

ки дар фабрикаю заводҳо, колхозу совхозҳо, мактабу беморхонаҳо, идораю муассисаҳо дохил мешуданд. Ҳама изҳороти Ҳукумати Советиро пу рра маъқул дониста, баҳри ҳифзи Ватан тайёр будани худро эълон мекарданд. Аз ҷумла, газетаи «Коммунист Таджикистана» 21 августи соли 1941 хабар медод: «Ҳазорон нафар меҳнаткашони республика дар ташкил намудани фонди муҳофизати Ватан иштирок карда истодаанд. Танҳо дар зарфи дах рӯз аз сокинони шаҳри Сталинобод ба фонди муҳофизат ба маблағи 2.754.465 сӯм облигатсия, 218.000 сӯм пули нақд ва бисёр чизҳои тиллой, нукрагӣ ва киматбаҳо дохил шуд».

Дар шумораи 23 июни соли 1941 дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» чунин хабар чоп шудааст: «22 июн дар боғи маданият ва истироҳати шаҳри Сталинобод митинг барпо гардид. Дар он 15 хазор одамон иштирок доштанд. Дар назди меҳнаткашони Сталинобод чун дигар сокинони республика чунин масъала меистод: онҳо бояд аз ҳарвақта дида муташаккил, ягонаю боинтизом бошанду тамомиталаботи Армияи Сурх, Флот ва авиатсияро ба ҷо ованд. Шоири инкилобӣ Абулқосим Лоҳутӣ дар назди ҳозирон шеърҳои ватандӯстонаи худро хонда, ҳамаро ба несту нобуд намудани душмани инсоният - фашизм даъват кард».

«Худро сафарбаршуда меҳисобем» -зери чунин сарлавҳа дар рӯзи дуюми оғози ҷанг дар газетаи «Коммунист Таджикистана» резолютсияи митинги бисёрҳазорнафараи меҳнаткашони Сталинобод чоп шуд. Он рӯзҳо дар ҳар як шумораи газетаҳои республикавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва районӣ аз ба фронти дуюм табдил ёфтани ақибгоҳ, корнамоии ҷангию мехнатии одамони советӣ, иштироки ҷавонон. нионерон ва мактаббачагон дар омӯхтани касбу ҳунар, ба ҷои падару бародарони ба фронт рафтаи худ паси дастгоҳ истодан ва ғайраю дигарҳо хабар дода мешуд.

Замони ҷанг пойдории иттифоқи синфи коргару деҳқон, системаи сотсиалистии хоҷагии қишлоқ, сохти колхозӣ аз санҷиш гузаштанд. Сарфи назар аз он, ки майдонҳои асосии ғаллаи мамлакатро душман ишгол карда буду одам, техника намерасид, меҳнаткашони деҳот фронту ақибгохро бо озуқаворӣ, саноатро бо ашёи хом таъмин мекарданд. Колхозчиён, коркунони совхозҳо, стансияҳои мошину тракторӣ барои торумори душман тамоми чораҳои имконпазирро диданд, вазифаи ватандӯстонаи худро дар назди Ватан сазовор иҷро карданд.

Интеллегенсияи советӣ низ мисли тамоми халк барои ғалаба ҷидду ҷахд мекард. Ба туфайли истеъдоду меҳнати олимон, конструкторон ва инженерони мо чунин хелҳои самолёту танкҳо, тӯпу миномётҳо, хелҳои дигари ярок офарида мешуданд, ки сифати онҳо аз тахникаи ҳарбии душман бехтар буд. Ин дар ҳақикат ҳам аслиҳаи тавонои галаба буд.

Асарҳои буррои публитсистика ва образҳои дурахшони насри бадеӣ, сурудҳои ватандӯстона, фшшу спектаклҳо, шеърҳо, плакатҳо ба мардум илҳом бахшида, онҳоро ба ҷанги беамони муқобили душман бармехезонданд. Дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ газетаи «Тоҷикистони Сурх» чун дигар газетаҳои республикавӣ -«Коммунист Таджикистана», «Қизил Тожикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Комсомолец Таджикистана» дар бобати сафарбар кардани тамоми қувваю воситаҳои моддӣ ва маънавии халқи тоҷик барои мудофиаи мамлакатамон, дар рӯҳи ватандӯстию инсонпарварӣ тарбия кардани меҳнаткашон, ба калъаи фатҳнопазир табдил додани ақибгох ва ёрии умумихалкӣ ба фронт ва тезонидани галаба бар фашистони истилогар чун аслиҳаи буррою нишонрас хизматҳои басо шоиста нишон дод.

Ҳанӯз аз солҳои аввалини ҷанг бисёр ходимони газета қаламро бо ярок иваз карда, ба дифои Ватани азиз рафтанд. Аз ҷумла, мухбирони «Тоҷикистони Сурх» Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Аббос Иброҳимов, Дилмурод Элмуродов аз майдони набард барнагашта, дар ҳифзи Ватан қахрамонона ҳалок шуданд. Аз рӯзҳои аввали ҷанг «Тоҷикистони Сурх» талқин мекард, ки «ин чангро халки немис не, коргарони немис не, деҳқонони он ие, интеллегенсияи он не, балки гурӯҳи ҳокимони бенӯхташудаи фашистӣ сар карданд, ки онҳо халқҳои Полша, Франсия, Чехия, Булғория, Юнон, Норвегия, Данияро асир кардаанд».

Аз ин рӯ, хануз дар шумораҳои аввалини айёми ҷанг «Тоҷикистони Сурх» навишта буд, ки «Беҳаёгии бемислу монанди сагони девонаи фашистӣ бечазо нахоҳад монд. Ин сагони фашистӣ аз куҷое, ки омаданд, дар ҳамон ҷо нест карда мешаванд».

Дар саҳифаҳои газета рубрикаҳои «Эпизодҳои ҷанг», «Ба фонди мудофиаи Ватан», «Диловари точик», «Ақибгоҳ шунав!». «срронт туро даъват мекунад», «Фарзандони қахрамони Ватан» пайдо шуданд, ки дар онҳо ваҳшонияту разолат, хунхориву ғоратгарии фашистон нишон дода шуда, дар баробари ин далериву мардонагии ҷанговарони советӣ, муборизаи диловаронаи онҳо барои ҳифзи Ватан ситоиш карда мешуданд.

Як силсила мақолаву очеркҳоро худи адибони тоҷик аз ҷанг менавиштанд, ё дар бораи далерию шуҷоати тоҷикписарон навишта шуда буданд. Аз чумла, ҳанӯз дар рӯзҳои аввали ҷанг ҷавонмарди гончигӣ Муҳаммадӣ Иброҳимов барои корнамоии далеронааш бо ордени Ленин мукофотонида шуда буд. Чунонки «Тоҷикистони Сурх» хабар медиҳад, дар зодгоҳи ӯ ҷамъомади ботантанае барпо гардид. Мардум қавл доданд, ки сазовори номи вай дар ақибгох меҳнат мекунанд, ҷавонон ваъда доданд. ки ба фронг рафта, мисли ӯ қарзи худро дар рохи ҳифзи Ватан бошарафона адо мекунанд. Пас аз ин пешгуфтор газета очерки калони Л.Леснаяро доир ба корнамоии ик тоҷикписари шуҷоъ чоп мекунад.

Мактубҳои фронтии майор Фотеҳ Ниёзӣ «Интиқоми точик», «Фарзандони Тоҷикистон дар мубориза барои Ватан», лейтенанти калон Қурбоналӣ Нурумхонов «Офитсери ҷавони тоҷик» ва ғайрахо далолати шуҷоату далерии фиристодагони халқи тоҷик дар фронтхои Ҷанги Бузурги Ватанӣ буданд.

Дар давраи чанг газета ба мавзӯи таърихӣ низ бо ҷиддият рӯй меоварад. Таърихи пур аз қахрамониҳои халқи тоҷик ба публитсистони «Тоҷикистони Сурх» ҳуҷҷатҳои пурбаҳое доданд. Дар ин давра устод С.Айнӣ «Қахрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Шерзод» ном асарҳояшро навишт. Саид Муллоҷонови шахристонӣ ва Ҷалол Икромӣ корнамоиҳои Спитамен ва Таҳмоси Хуҷандиро ёд

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

оварданд. Дар баробари ин, устод Айнӣ дар памфлетҳои худ «Чингизи асри ХХ», «Девн ҳафтсар», «Талвосаи ҷонкании даррандаи захмдор», «Ҳар зараррасонандаи одамро нест кардан даркор аст», ки ҳамаи инҳо солҳои 1941-42 дар саҳифаҳои «Тоҷикистони Сурх» чоп шудаанд, дар асосн воқеоти ҳаётӣ оқибати марги Г итлеру гитлерчиёнро пешгӯй намудааст. Самад Ганӣ дар «Иблис ва Гебелс» ва «Саёҳати Берлин» барин фелетонҳояш фашизми азхудрафтаро масхара мекунад, фано гардидани рӯзгори онҳоро ба қалам додааст.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамаи адибони тоҷик бо газетаи «Тоҷикистони Сурх» алоқаро боз ҳам мустаҳкам намуда. беҳтарин асархои ватанпарваронаи худро дар саҳифаҳои ҳамин газета ба табъ расондаанд. Достонҳои «Мардистон» ва «Ғалабаи Таня»-и А.Лоҳутӣ. «Хайр модари азиз»-и М.Турсунзода, «Таронаи уқоби озод»-и М.Миршакар, «Барои Ватан ҷони худро дарег намедорем»-и Ҷ.Икромӣ. «Бархез»-и А.Лоҳутӣ, «Ғолибияг дар мост»-и Ҷ.Суҳайлӣ. «Розигии модар»-и Рахим Ҷалил, «Патриотхо»-и Ҳаким Карим бори аввал дар «Тоҷикистони Сурх» чоп шудаанд.

Ба ҳамин тариқ, чуноне ки мебинем, фаъолияти газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳаматарафа ва босамар буд. Маҳз хаминро ба назар гирифта, КМ ПК (б) Тоҷикистон ва СКХ РСС Тоҷикистон соли 1945 кайд намуданд, ки «Тоҷикистони Сурх» дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ~ба муқобили фашистони истилогари немис сафарбар кардани халқи тоҷик ҳамаҷониба ёрн расонида тавонист.

Дар очерки «Модар-Ватан», ки 26 сентябри соли 1942 дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» чоп гардида буд, устод С.Айнӣ навиштааст: «Модар-Ватан ин ду чиз бо ҳамдигар сахт вобаста буда, ба одам аз ҳама визазизтар ва наздиктаранд.

...Сабаб чист, ки тоҷикҳо, ӯзбекҳо, грузинҳо, озарбойҷонҳо, осетинҳо, қазоққо, қиргизҳо ва дигар халқҳои СССР бо русҳо ва украинҳо паҳлӯ ба паҳлӯи якдиг ар истода, ба муқобили ғоратгарони фашисти немис мубориза карда истодаанд: сабаб ин аст, ки ҳамаи халқҳои СССР даст ба дасти якдигар дода, барои мустаҳкам кардани фронт ва ақибгоҳ ҳар як нафар кори ду-се нафарро ба ҷо оварда истодаанд.

Дар роҳи мудофиаи Ватан дар фронт ва дар ақибгоҳ ин гуна фидокорона ва ҷонбозона кор кардани халқи советӣ танҳо барои иҷрои фармони ҳукумат набуда, балки бо тақозои мехр ва муҳаббати ӯ дар ватани худ ҳам мебошад».

Устод Садриддин Айнӣ дар ин давра на танҳо бо очерку мақолаҳои публитсистӣ баромад мекарданд, балки шеъру сурудҳои зиёде эҷод карда, дар газетаю журналҳо чоп намуданд, ки вай вирди забонҳо буд. Шеъри «Қасос» яке аз онҳо буд, ки дар тарҷумаи В.Кириллов ба забони русӣ 11 марти соли 1942 дар газетаи «Коммунист Таджикистана» чоп шуда буд.

Фаъолияти матбуоти советӣ ва мухбирони коргару деҳқони он дар ин давра ба як мақсад -муҳофизати Ватани сотсиалистӣ равона карда шуда буд. Ҳамаи газетаҳо дар саҳифаҳои худ аз корнамоиҳои ҷанговарон дар фронт ва меҳнаткашон дар ақибгох хабару мақолаҳои пропагандистӣ, публитсистӣ, шеър, очерк, ҳикояю лавҳаҳо чоп мекарданд. Талабот ба матбуоти даврагӣ дар ақибгоҳ, махеусан районҳое, ки шумораи зиёди аҳолӣ аз хатти пеш ба ақибгох оварда

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуда буд, зиёд гардид. Аммо замони чанг нақши худро ба кори матбуот гузошт. Ҳанӯз аз аввали соли ҷанг Ҳукумати Советӣ ба мақсади мувофиқи талаби айём ба роҳ мондани кори пропаганда чанд ҳуҷҷати муҳим қабул кард. Азбаски тамоми соҳаи хочагии халқ ба масъалаи ҳарчи зудтар торумор кардани фашизм равона гардид, дар фаъолняти матбуот низ баъзе тағйиротҳо ба амал омад.

Аксарияти матбуоти сохавӣ ва махсусгардондашуда, теъдоди муайян аз 1 азетаҳои районӣ баста шуданд ва дар ивази онҳо матбуоти фронтӣ пурқувват карда шуд. Кам шудани истеҳсоли коғаз ва дигар душвориҳои моддӣ сабаби маҳдудтар шудани ҳачму тиражи матбуоти марказӣ ва ҷумҳуриявӣ хам гардид. Дар он солҳо аз ҷумла, дар республикаи мо муваққатан нашри газетахои «Пионери Тоҷикистон» (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). «Васият и Ленин» ва «Газетаи муаллимон», газетаҳои баъзе районҳо ва бисёртиражаи бисёр колхозҳо, маҷаллаҳои «Болшевики Тоҷикистон», «Бо роҳи Ленин», «Мактаби Советӣ», «Шарки Сурх», «Здравоохранение Таджикистана» қатъ гардид. Инчунин ба андоза, тиражу миқдори нашри газеч ахои дигар тағйирот дароварда шуд. Аз ҷумла. газетаҳои «Тоҷикистони Сурх» ва «Коммунист Т аджикистана» ба чои хафтае шаш маротиба, акну н ҳафтае се маротиба ду саҳифагӣ ба андозаи се маротиба хурдтар аз ҳаҷми пештарааш чоп мегардид. Албатта дар солҳои ҷанг хаҷму формати газетаҳо ҳама вакт дар як андоза набуданд. Масалан. «Тоҷикистони Сурх» гоҳе дар формати имрӯзааш нашр мешуд, гоҳе дар формати хурд. Баъзе шумораҳои газета дар коғази картонӣ ҳам нашр шудаанд. Дар вакти зарурӣ шумораҳои фавқулоддаи оп ҳам чоп шуда, дастраси мардум мегардид.

Ба ҳамин тарик, нашри рӯзномаву маҷалдаҳое, ки ба мавзӯъҳои ҳарбӣ алокаманд набуданд, хеле кам шуд. 25 августи соли 1941 КМ ПК (б) Тоҷикистон зарурияти якҷоя чоп шуда баромадани газетаҳои «Комсомолец Таджикистана»-ро бо «Коммунист Таджикистана». «Комсомоли Тоҷикистон»-ро бо «Тоҷикистони Сурх», «Комсомолн Бадахшон»-ро бо «Бадахшони Сурх» маъқул ёфт ва дар назди ин газетаҳо шӯъбаҳои ҳаёти комсомолӣ таъсис дод. Дар натиҷа шуморан нашри журналҳо соли 1942 нисбат ба соли 1941 12 адад, шумораи газетаҳо аз 79 ба 62 камтар шуд.

Бо вучуди ҳамаи ин дар Тоҷикистон шумораи зиёди рӯзномаю маҷаллаҳо аз чоп мебаромад. Масалан, моҳи сентябри соли 1942 дар Тоҷикистон 3 газетаи республикавӣ, 5 вилоятӣ. 52 районӣ чоп мешуд. Танҳо дарвилоятҳои Сталинобод-24, Ленинобод-11, Кӯлоб-9, Ғарм-6. ВАБК-2 газетаҳои районӣ чоп мешуданд. Ҳар яке аз онҳо аз ҳаёти ҷанговарон, корнамоии онҳо, меҳнати фидокоронаи мардуми акибгох бисёр хабару мақола, лавхаю очерк ва шеьру достонҳо чоп карда. одамонро ба галаба ҳам дар фронт ва ҳам акибгоҳ даъват менамуданд.

Газегаҳо аз хатти пеши фронт мактубҳои ҷанговарони тоҷикро гирифта, аз он ҳама корнамоиҳои фарзандони Тоҷикистон, ба монанди Тӯйчӣ Эрйигигов, Исмоил Ҳамзаалиев, Неъмат Карабоев, Сафар Амиршоев, Ҳодӣ Кенчаев, Чутак Уразов ба хонандагони худ ҳикоятхо мекарданд. Дар солҳои ҷанг мавзӯи баромадҳои газетаю журналҳо хеле пурмазмуну ифоданок гардид.

Дар солхои Ҷаш и Бузурги Ватанӣ фаъолияти воситаҳои ахбори умум ҳамеша дар маркази диққату ғамхории давлату ҳукумат меистох Ҳукумати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷумҳурӣ ба шароити душвори солҳои ҷанг, харобии бучаи давлат нигоҳ накарда, г азетаю журналҳоро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ карда, редаксияҳоро бо кадрҳои болаёкат таъмин менамуд, ба зисту зиндагонии коркунони матбуот ғамхорӣ менамуд. Ҳамин тавр, дар ин давра фаъолияти редаксияҳои газегаҳои «Тоҷикистони Сурх». «КоммунистТаджикистана», «ҚизгшТожикистон», «Стахановчи» борхе мавриди омӯзиш ва муҳокимаи ҳукумат ва давлат қарор ёфтааст. Дар он солҳо газетаҳои республикавӣ ва баъдтар газетаҳои вилоятӣ, ба монанди «Стахановчӣ» (Ленинобод), «Ҳақикати Кӯлоб» ҳар рӯз «Хабарҳои охирин» ном варакаҳо мебароварданд, ки дар онҳо хабарҳои Бюрои информатсионии советӣ, навигариҳои ҳаёти мамлакат ва республика дарч карда мешуданд. Фақат дар соли 1944 ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ зиёда аз 1 миллион нусха ҳамин гуна варақаҳо бароварда шуд. Агентии Телеграфии Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ваганӣ анъанаи бошарафи РОСТА-ро давом дода «Оинаи ТоҷикТА»-ро нашр мекард. Дар онҳо се мавзӯъ таваҷҷӯҳро ба худ мекашад: қаҳрамонии фарзандони тоҷик дар фронт, химмату корнамоии халқи тоҷик дар ақибгоҳ, масхара ва маҳкум кардани ҷангҷӯёни фашистӣ.Дар охири соли 1944 ҷамъ 821 газетаҳои ҳарбӣ чоп карда мешуд, ки тиражи яквақтаи онҳо 3.195000 нусхаро ташкил менамуд. Газетаҳои ҳарбие, ки ба забонҳои миллӣ бароварда мешуданд, яке аз воситаҳои муҳими мустаҳкам намудани дӯстии байни ҷанговарони Армияи Советӣ гардиданд.

«Мо Ватани муқаддаси худро аз душмани манҳус албатта пок мекунем, истилогарони фашистиро дар лонаи худашон албатта несту нобуд менамоем».

Ин як порча аз садҳо мақолахои рӯзномаи ҳарбии тоҷикӣ **«Ҳакикаги Аскара Сурх»** аст, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Фронги Ғарбӣ таҳти таҳрири адиби тоҷик Фотеҳ Ниёзӣ интишор гардидааст. Дар саҳифаҳои органи ҷанговарони тоҷик лавҳаю очеркҳо аз ҳаёти онҳое, ки дар сафи пеши муҳофизони Ватан ҷонфидой мекарданд, хабару мақолаҳо аз ҳаёти ақибгоҳ -деҳқонону коргарони Т оҷикистон, ки тамоми қувваю гайрати худро барои манфиати фронт равона карда буданд, мунтазам интпшор мешуданд. Дар шеъру ҳикоя, очеркҳои таърихии адибони тоҷик аз гузаштаи пуршарафи халқамон -аз ҳаёти Рустаму Темурмалик, Шераку Муканнаъ барин родмардон ҳикоя карда, дар тарбияи рӯхи ватанпарварии аскарон хидмат мекарданд.

Ҷангҳои болшевикӣ андарин майдон кунем,

Даст агар аз тан биафтад, ҷанг бо дандон кунем.

Ин шоҳбайти усгод Абулқосим Лохутӣ рӯҳияи онрӯзаи материалҳои «Ҳақиқати аскари Сурх»-ро ифода менамуд. Аввалин бор аз корнамоии ҳазорҳо аскарони тоҷикистонӣ ҳамин газета дарак дода буд, аввалин медал, аввалин ордени ҳамдиёрони худро аскарон аз он медонистанд.

Вале «Ҳақиқати Аскари Сурх» ягона нашрияи тоҷикӣ набуд, ки ба мавзӯи чанг рӯй меовард. Фақат дар соли 1942 дар Сталинобод 33 плакат, 442 варақаю хитоба, 60 шумораи «Оинаи ТоҷикТА» нашр карда, ба фронт фиристода шуд. Аз соли 1943 сар карда газетахои республикавӣ барои фронт нашрияхоп махсус тайёр мекардагӣ шуданд. Аз ҷумла қариб 1700 нусхаи «Точикистони Сурх» ва 550 нусхаи «Коммунист Таджикистана» ба фронт фиристода мешуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар фронти Ғарбӣ газетаи тоҷикии «Ҳақиқати Аскари Сурх» чоп карда мешуд. Ин газета аз тирамоҳи соли 1942 то охири соли 1944 ба шакли ҳафтанома мебаромад. Газета вазифаи худро бошарафона ба ҷо оварда, ҷанговарони тоҷикро ба мубориза бар зидди истилогарони немис сафарбар менамуд. Дар кори ин газета саҳми муҳаррирони он Ф.Ниёзӣ ва С.Ғаффоров хеле калон аст. «Ҳақиқати Аскари Сурх» аз қаҳрамонию диловарии ҷанговарони советӣ, умуман, тоҷикон, махсусан очеркҳо, репортажҳо, мақола ва хабарҳо, сурат ва шеърҳо чоп мекард, аз саҳифаҳои «Тоҷикистони Сурх» беҳтарин материалҳоро дар бораи қаҳрамонии меҳнатӣ дар Тоҷикистон гирифта чоп мекард. Бисёр шеъру ҳикояи адибони тоҷик, ки маҳсули замони ҷанганд, дар ин рӯзнома низ ба табъ расидаанд.

Масадан, дар шумораи 8 (15.02.1944) лавҳае дар бораи агитатор- точикписар Ҳамдамов. мақола бо номи «Қасами ҳарбӣ -қонуни оҳанини ҳаёт», мақолаи Маҳмадалӣ Қурбонов -раиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон, мактуб ба Точикистон - Аз ғамхорӣ миннатдорем, шеъри Фотеҳ Ниёзӣ, дар шумораи 13(14 март) шеърҳои М.Турсунзода, Б.Раҳимзода, Суҳайлӣ, очерки С.Улуғзода «Аз гузаштаи қаҳрамононаи халқи тоҷик», мақолаи Ш.Ҳусейнзода -«Ҷавонпаҳлавони хуҷандӣ» (дар бораи Исмоил Ҳамзаалиев), дар шумораи 15 (23 март) мақолаҳо дар бораи Тӯйчӣ Эрйигитов ва Д. Азизов (муаллифи охирин Ҷалол Икромӣ), дар шумораи бистум (14 апрел) очеркҳо дар бораи Сафар Амиршоев, С.Т олиббоев дар №21 (22 апрел), мақолаи раиси колхоз аз Даҳанакиик Исмат Калонов, дар шумораи 23 (27 апрел) дар бораи ба ҷанговар- собиқ колхозчии ноҳияи Регар Боғир Раҳимович Давлатов дода шудани унвони Қаҳрамони Иттифоқи Совстӣ ва. гайраҳо чоп шудаанд.

«Ҳақиқати аскари сурх» забони тоҷикии хати пеши фронт буд.

Матбуоги Тоҷикистоп дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар саҳифаҳои худ дар бобати мардонагӣ, диловарӣ ва ҷасурии ҷанговарони советӣ хабару мақолаҳо, очерку лавҳаҳо чоп намуда, рӯҳи ҷанговаронро мебардошт, боварии онҳоро бо галаба мустаҳкам намуда, онҳоро ба диловарӣ даъват менамуд. Бояд гуфт, ки бисёрии ин муждаҳоро дар бораи корнамоиҳои майдони ҷанг, худи ҷанговарон мерасониданд. Онхо дар бораи ҳамяроқони худ мақолаю лавҳа, шеъру достонҳо навишта, ба редаксияҳо мефиристониданд. Масалан, капитан В.Лапко дар мактубаш ба идораи газетаи «Тоҷикистони Сурх» аз корнамоии лочиндухтари тоҷик ҳикоят намуда буд. Онро газета 28.Х. 1943 зери сарлавҳаи «Корнамоии каҳрамононаи Ойгул Муҳаммадҷонова» чоп кард, ки аз ҷумла. дар он гуфта мешавад: «Дар наздкии хати пеши фронт ба мо самолётхои «Мессершмит»-ҳои душман ҳамла оварданд. Мо аз чор тараф худро муҳофизат намудем. Дар ҳамин асно Ойгул аз озмоиш бомуваффақият гузашт. Вай аз пулемёти худ мерганвор тир холӣ карда, самолёти қиркунандаи душманро зада галтонд ва самолёти дигарро аз кор баровард. Дар ин муҳориба тирандози экипажи Муҳаммадҷонова ҳалок гардид. Худи ӯ бошад, аз китфаш ярадор шуд. Аммо лётчикдухтар самоёлти худро аз зери зарбаи тӯни душман моҳирона баровард. Комсомолка Ойгул аввалин парвози худро ана ҳамин тавр сар кард. Ҳоло вай 93 маротиба парвози ҷангӣ кардааст. Совети ҳарбии фронти Ғарбй духтари тоҷикро бо ордени Ленин мукофотонид».

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Газетаи «Коммунист Таджикистана» ҳамеша аз корнамоиҳои ҷанговарони советӣ нақл карда, дар шумораи 7 феврали соли 1943 аз диловарии ҷанговари тоҷик Ҳаитов, ки дар як муҳорибаи нобаробар 30 солдат ва офитсери душманро зада нест намудааст, номаи ӯро чоп кардааст: «Мо гурӯҳи ҷанговарони тоҷик падар, модар, хоҳар ва бародаронамонро бовар мекунонем ва ӯҳдадор мешавем, ки ҳар кадомамон душмани хунхорро қир хоҳем кард».

Дар баланд гардидани рӯҳияи ҷанговарони тоҷик мактуби халқи тоҷик, ки он ба ҷанговароии дар фронт буда фиристода шуда буд, махсусан, дорои аҳамияти калон буд. Ин мактуб аввал 20 марти соли 1943 дар газетаи «Правда», баъдтар дар газетаҳои «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикисгана» ва«Қизил Тожикистон» (28 мартисоли 1943) чоп гардид. Муаллифи ин мактуб дар амал тамоми халқи тоҷик буд ва дар он меҳру муҳаббати меҳнаткашони Тоҷикистон нисбат ба Ватани Советӣ ва қаҳру газаби онҳо бар душмани гаддор -- фашисгони немис ифода ёфта буд. Дар зери мактуб 390 ҳазор нафар меҳнаткашони республика имзо гузошта буданҷ. Ин мактуб бори дигар то чӣ андоза нисбат ба Ватани азизамон бехад содиқ будани халқи точикро нишон медод.

Дар бобати корнамоию диловарии фарзандони халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ садҳо шеъру достонҳо гуфта. даҳҳо асарҳои бадеӣ-таърихӣ иншо гардидааст, ки аксарияти онҳо аввал дар саҳифаҳои матбуотидаврагӣ чопшуда, пешкаши хонандагон гардонида шудааст.

Ҳамаи газетаҳои республикавӣ солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чунин рубрика «Даъвати фронт ба ақибгоҳ» доштанд. Зери ин рубрика накази ҷанговарон ба мардуми ақибгоҳ, хешу табор, ҳамдиёрон чоп шуда, яке дигареро ба корнамоии меҳнатию дигаре ҳамдигарро ба корнамоии ҷангӣ даъват менамуданд. Ин чиз ҳисси ватандӯстӣ, меҳнатдустии одамони совегиро дучанд менамуд.

Дар солҳои ҷанг бисёр журналистон, ходимони газетаҳои республикавӣ, вилоятӣ ва районӣ, мухбирони коргару деҳкон барои мудофиаи Ватан ба фронт рафта буданд. Масалан, танҳо аз редаксияи «Тоҷикистони Сурх» А.Иброҳимов, А.Пирмуҳаммадзода, Ф.Ниёзӣ, Ҳ.Аҳрорӣ, аз редаксияи «Коммунист Таджикистана» қариб 30 кас, аз ҷумла, А.Ф.Осипов, П.А.Евтеев, Н.Варламов, Н.Архипов. Ш.Рачабй, аз редаксияи «Бо роҳи Ленин» (Ленинобод) Ҳоҷи Содиқ, Тоҷӣ Усмон, Ҳ.Карим, М.Нурматов, М.Хӯҷаев, А.Мамадҷонов, аз газетаи райони Конибодом Н.Фахрӣ, А.Қаҳҳорӣ ва дигарон каламро бо яроқ иваз карда, ба муқобили душман муборизаи оштипопазир бурданд, барои таъмин кардани галаба ҷони худро дарег надоштанд.

Аксарияти онҳо дар муҳорибаҳои ҷангӣ қаҳрамонона ҷангида, матонат, мардонагӣ нишон дода баргаштанд.[2] Баъзеи онҳо барои ҳифзи Ватан ҷони худро нисор карданд.

Ҳамин тавр, магбуоти республика, журналистон ва мухбирони коргару деҳқон дар солҳои Ҷапги Бузурги Ватанӣ бар зидди истилогарони немис ва милитаристони япон кори худро бо ҳаёти халк бо муборизаи он бар зидди душман зич пайвастанд. Матбуоти республика дар бораи меҳнати фидокоронаи халк дар ақибгоҳ, дар бораи корнамоиҳои ҷанговарони Армияи Совегӣ дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

майдонҳои муҳориба хабар доданд.

Ғалабаи халқи советӣ ва Қуввахои Мусаллахи он дар ҷанги зидди фашистони немис нишонаи он буд, ки дӯстӣ ва иттифоқ ҳаргуна душманро паршикаста мекунад.

Акибгоҳ ба фроит. Аз рӯзҳои аввали ҷанг мардуми Тоҷикистон дар ақибгоҳбарои муваффақиятҳои Армияи Сурх дар ҷабҳаҳои чанг замина муҳайё кард. Ҳазорҳо-ҳазор ватандӯстони шӯълавар ба даст яроқ гирифтанд. Фронт захираҳои бузурги одамиро талаб менамуд. Таҳти роҳбарии ташкилотҳои ҳизбӣ, шӯроҳо, комиссариатҳои ҳарбӣ, бо иштироки фаъолонаи ташкилотҳои касабавию комсомолӣ, ОСОАВИАХИМ, Салиби Сурх ва ҷамъиятҳои варзишӣ дар мамлакат пунктҳои ҳарбию таълимӣ ва қисмхои таълимӣ созмон доданд. Дар ин пунктҳо ҳазорҳо вагандустон душворихоро рафъ сохга, бидуни ҷудо шудан аз истеҳсолот кори ҳарбиро меомӯхтанд.

Ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳурӣ барои муҳофизони қаҳрамони шаҳрҳои Маскав, Ленинград ва Сталинград ёрии ҳамаҷониба ташкил карданд. 24-умин солгарди Артиши Шӯравӣ ва Флоти Ҳарбии Баҳрӣ, 1 Май ва 25-солагии Инқилоби Октябр бо ғундоштани тӯҳфаҳо қайд карда шуданд. Ба нишони муҳаббати самимӣ ва садоқат ба Ватани маҳбуб халқи тоҷик вакилони худро бо эшелони тӯҳфаҳо ба фронт фиристод, ки дар қисмҳои Артиши Шӯравӣ бо хушнудӣ қабул карда шуданд. Баъди аз фронт ба Тоҷикисгон баргаптани намояндагони халқи тоҷик дар назди маҷлисҳои серодами коргарон, колхозчиён ва зиёиёни шӯравӣ хисобот доданд. Ин ҳисоботҳо дар саҳифаи рӯзномаҳои «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана» дарҷ гардида, ба воситаи радио шунавонида шуданд.

Ҷанговарон -фиристодагони шаҳру навоҳии Тоҷикистон ҳамроҳи бародарони ҳамяроки худ, якҷоя бо намояндагони тамоми ҷумҳуриҳои мамлакати сермиллатамон дар назди Маскаву Ленингард бар зидди душ.мани гаддор ҷангҳои сахт мебурданд. Ин мардоии зафарпеша дар озод кардани Руминия, Чехословакия, Булгория ва Полша иштирок намудапд.

Сокгши шаҳри Ӯротеппа Хадича Шокирова аз фронт мактуб гирифт. Дар он гуфта мешуд: «Фарзанди бошарафи Шумо Мирзо Бобоҷонов худро ҳамчун муҳофизаггари содики Ватани маҳбубамон нишон дод. Ӯ алалхусус хангоми гузаштан аз Висла ба платсдарми Сандомир корнамой кард. Дар вақти набард зарбу лат хӯрда бошад ҳам, корзори ҷангро тарк накард, фашистони хунхорро бо пулемёт чун алаф медаравид. Вакте ки фашистон ба хандақ наздик шуданд, ҷанги даст ба гиребон огоз ёфт. Ӯ захмӣ бошад хам. аз майдони ҷанг намерафт. Қаҳрамонкомсомол Мирзо дар ин задухӯрд взводи пурраи гитлерчиёнро несту ноб)д сохт. Мо аз шумо миннатдорем ва бароятон тамоми хушиҳои зиндагиро таманно мекунем. Ба Щумо плакатеро мефиристонем, ки дар он корнамоии писаратон таевир ёфтааст».

Моҳи марти соли 1942 ба дивизияи 20-уми савораи ордени Байраки Сурх ва Лениндори зериҳимоятии Тоҷикистон омадани вакилони мутасаддӣ барои сарбозону афсарон иди ҳақиқӣ гардид.

Меҳнаткашони Тоҷикисгон ба мисли тамоми одамони шӯравӣ, ҷидду ҷаҳди

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худро бахри он сафарбар мекарданд, ки аҳволи аҳолии Ленинграда муҳосиршударо, ки ба зиммааш санҷиши сахт афтида буд, сабуктар гардонанд.

«Дар мӯҳлати кӯтоҳ, -хабар дода мешуд аз Исфара, -барои тӯҳфа ба ленинградиҳо аз колхозчиён, коргарону хизматчиёни ноҳия 3345 кг гӯшт, 9,5 тонна меваи хушк, 43 тонна зардолуи тару тоза, 1946 кг себ, 132. кг олуболу, 304 кг картошкаи нав, 1 тонна бодиринг, 132000 сӯм гундошта шуд. Ангиштканони кони ангишти Шӯроб барои тӯхфа ба ленинградиҳо аз музди меҳнати худ 17 350 сӯм ҷудо карданд.

Моҳи августи соли 1942 ҳайати вакилони Тоҷикистон ба Ленинграда муҳосирашуда бо эшелони тӯҳфахо сафар кард: дар ҳайати он коргарзани фабрикаи пилларесии комбинати шоҳибофии Ленинобод Хосият Турсунова низ буд. Мавриди сафар ӯ чунин изҳор дошт: «Мехостам аз самими қалб, аз таҳти дилу ҷон ба ҳар фарде, ки дар ин шаҳри қаҳрамон ҳаёти худро бахри озодӣ ва истиқлолияти Ватан мебахшад, бигӯям: «Дар акибгохи дур, дар Тоҷикистони Шӯравӣ мо бо шумоем».

Дар моҳҳои аввали ҷанг дар чумҳурӣ ташкили дивизияи миллии савора ва ду бригадаи алоҳидаи тирандозӣ огоз ёфт, ки аз ҳисоби чумҳурӣ бо сару либос, таҷҳизот ва аслиҳа таъмин карда мешуданд. Ҳайати шахсии ин қисмҳоро кариб пурра ҷанговароне ташкшт медоданд. ки аз Тоҷикистон даъват шуда будакд.

Чуноне ки баъдҳо газетаи «Коммунист Таджикистана» навишта буд, дар Тоҷикистон барои фронт дар акибгоҳ кружокҳои мудофиавӣ ташкил дода, кадрҳои ҳарбӣ тайёр мекарданд. Масалан, дар солҳои ҷанг дар вилояти Ленинобод ин кадар кадрҳои ҳарбй тайёр карда, баъд ба фронт фиристонида шудаанд:

Ихтисос Соли 1941 Соли 1942 Соли 1943 Соли 1944 Ҳамагӣ Навбати якум Навбати дуюм Навбати сеюм Навбати чорум Навба! и панҷум Навбати шашум

Тирандози	-								
Мерган									
Автоматчй									
пулемёти	1								
пулемёти	-								
Миномётчй	-								
Киркунанда									
Чамъ	1								

Дар ҷангҳои шадида фронти Волохов моҳи октябри соли 1943 соб^яс колхозчии колхози «Пахтакор»-и Ашт комсомол Тӯйчӣ Эрйигитон корнаомӣ нишон дод. Дар ҷанги назди деҳаи Смердин ӯ ба пайкари хес: токчаи истеҳкоми оташфишонии фашистиро панах2 кард. Ба Тӯйчӣ Эрйигитов ва Ис.моил Ҳамзаалиев пас аз марг унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Дар ҷангхо командири тӯпи зиддитанкӣ сержанти калон Ҳодн Кенҷаев мардонагии бемисл нишон дод. Дар як рӯз дасгаи ӯ 8 танкк фашистии немисро несту нобуд сохт ва ба гирифтани унвони Қаҳрамоки Иттифоқи Шӯравӣ сазовор гардид.

Ин қама корнамоиҳои точикписарон сокинони Тоҷикистонро даг акибгоҳ ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меҳнати фидокорона ҳидоят менамуд. 9 майи соли 1977 подполковники мустаъфӣ А.Абдуҳамидов дар газетаи «Коммунист Таджикистана» он солҳои фидокории сокиноин кишварамонро ёдовар шуда навиштааст: «Охирҳои моҳи октябри соли 1944 мо ба Душанбе омадем ва ба ҳукумати ҷумҳурӣ рапорт ва обдони оберо додем. ки зери оташи тӯпҳои душман аз Висла гирифта будему он вақт дивизия дар он ҷо мудофиа меистод.

Ману Артём Волков ва Юнус Маҳмудов ба корхонаҳои Душанбеву Ленинобод рафтем. Дар ҳама ҷо мо медидем, ки падарон, модарон ва занони мо барои ғалаба бар адӯ чӣ тавр қаҳрамонона меҳнат мекарданд. Мо ба қисми ҳарбии худ баргашта дар ин бора ба рафиқони ҷангиамон нақл намудем».

Сокинони Тоҷикистон барои ғалаба ба душман барои фронт ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд. Онҳо ба ин мақсад пасандозҳои шахсии худро медоданд, дар гамоми чорабиниҳое, ки ба беҳтар кардани шароити маишии оилаҳои ҷанговарон нигаронида шуда буданд, фаъолона ширкат меварзиданд.

Аз маблағу маҳсулоте, ки дар давраи якмоҳагиҳо ғундошта шуда буданд, ба тариқи ёрии яквақта ба оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ бештар аз 5 млн сӯм, 365 тонна орду галла, 4,5 ҳазор сар ҳайвонот, 90 тонна сабзавоту картошка ва 36 тонна хушкмева дода шуд. Ҳамчунин дар давраи гузарондани якмоҳагихо 29 650 нафар кӯдакони хизматчиёни ҳарбӣ дар муассисаҳои бачагона ҷойгир карда, хонаҳо таъмир ва ба оилаҳо супурда, бештар аз 15 хазор талон барои гирифтани молҳои саноатӣ дода шуданд.

5 январи соли 1942 масъалаи ғундоштани сарулибоси гарм дар маҷлиси бюрои КМ ҲК(б) Тоҷикистон муҳокима гардид. Бюро кайд намуд,кито 1 январисоли 1942дармиқёсиҷумҳурӣ2358пӯстинча,4132 ҷуфт дастпӯшаки мӯинагии бепанҷа, 3046 ҷуфт мӯзаи намадӣ, 12 656 чуфт дастпӯшак ва дастпӯшаки якангушта, 17 372 телпаки гӯшакдор, 52 765 иӯсти гӯсфанд, 36 285 кг пашм ва гайра ғундошта шуд.

Мардуми Точикистон аскаронро на танҳо бо хӯрокворӣ, балки онҳоро бо сару либос, пойафзол, рахти хоб, собун таъмин менамуданд. Дар солҳои ҷанг пешаи донорӣ васеъ паҳн гардвд. Дар Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Панҷакент, Конибодом барои аскарони маҷрӯҳ даҳҳо госпиталҳо фаъолият менамуданд. Аз ҳисоби маблагҳои аз ақибгоҳ ҷамъовардаи худ сокинони Тоҷикистон тавонистанд танку самолётҳо сохта, ба воситаи онҳо душманро маглуб созанд.

Хулоса, дар дами хатари марговар тамоми мамлакати Шӯравӣ ба размгоҳи ягонаи ҳарбй табдил ёфт. Халқи Шӯравӣ дар атрофи Ҳизби коммунист ва Ҳукумати Шӯравй боз ҳам зичтар муттаҳид шуд, дӯстии халқҳои собиқ Иттиходи Шӯравӣ, ки ҳамчун оилаи ягона ба ҳимояы Ватани сотсиалистӣ бархоста буданд, боз ҳам мустаҳкамтар гардид. Ҳеҷ гоҳ акябгоҳи шӯравй, мисли солҳои озмоиши сахту вазнин, ин қадар мустаҳкам набуд.

Ва ин ҳама корнамоии мардуми ақибгоҳ дар саҳифаҳои таърих бо хатти заррин сабт ёфтаанд.

10. Матбуоти тоҷик дар солҳои бунёдкорӣ

Ғалаба дар ҷанг ба халқи советй бениҳоят гарон афтод. Дар чанг зиёда аз20 миллион гражданҳои советй қурбон шуданд, қариб ба хар як оилаи советӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бадбахтй омад. Миллионҳо кӯдакон бе падар, бе писар. занҳо бе шавҳар монданд. Вақте ки ба яке аз омӯзишгоҳҳои ҳунармандим Маскав баъд аз ҷанг як гурӯҳи хориҷиён омаданд, онҳо аввало ба ок марок зохир намуданд, ки дар хобгоҳи талабагон оби гарм ва газ ҳаст ё не, талабагон чандто костюм доранд ва гайра. Директори омӯзишгоҳ аз толибилмон хоҳиш кард, ки ҳамаи талабагоне, ки падарашон дар фронт нобуд шуданд, аз ҷо хезанд. Ғ айр аз як наврас тамоми синф аз ҷо бархост. Вақте аз ӯ пурсиданд: «Оё падараш ҷангидааст?» - вай дар ҷавоб гуфт. «Падари ман зинда аст, вале аз ҷанг бепой шуда баргашг».

Ваҳшиёни фашистй ба сари халқу мамлакати мо душворию бадбахтиҳои зиёде оварда буданд, ки ҳамаи он бо душворӣ муолича мешуданд. Он\о 1710 шаҳр, бештар аз 70 ҳазор деҳа, даҳҳо хазог касалхона, мактабҳо, техникуму донишкадаҳои олӣ ва гайраю дигархоро хароб карда буданд. Маблаги умумии зарари бевосита 61" миллиард сӯмро (ба ҳисоби нархҳои давлатии соли 1941) ташкил мекард. Умуман талафоти моддй ва хароҷоти халқи сосетй дар ҷанг ба 260[1], миллиард сӯм расид.

Дар тамоми таърихи инсоният ягон мамлакат дар ягон ҷанг ба ин андоза талафоти ҷонию молй надодааст. Зараре, ки ба собиқ Иттифоқи Советй расонида шуд, мамлакатро аз ҷиҳати иқтисодӣ якчанд сол қафо партофт. Соли 1945 нисбат ба соли 1940 ду баробар камтар галла, се баробар камтаг лаблабуи канд истеҳсол карда шуда буд. Саноати мамлакат зарари калон дид, хоҷагии қишлоқ дахсолаҳо ақиб партофта шуд.

Дар натиҷаи ҷанг кори матбуоту матбааҳо дар территорияе. ки муваққатан душман ишгол карда буд, саросар несту нобуд карда шуд. Баъзеи онҳоро ба дарунтари мамлакат кашонида оварда бошанд хам. вале онҳо аз сабаби набудани масолеҳу кадрхои эҷодӣ қариб беког мехобиданд. Кори бо когаз, картон, ранг ва дигар материалҳо таъмин гардонидани муассисаҳои полиграфӣ хеле душвор гардид. Соли 1945 чопи китоб дар ма.млакат ду маротиба кам шуда буд.

Ибтидои соли 1946 ҳукума г нақшаи тараққии нави иктисодиётм мамлакатро барои 15 соли оянда пешниҳод кард. Ин нақшаи генералие буд, ки самти тараққии хоҷагии халқро ба мӯҳлати дароз муайян намуд. Мувофики ин программа истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бояд се баробар меафзуд. Ҳукумат дарҳол баъди ҷанг ин гуна программаи азими таракқиёти иқтисодиро пешниҳод кард, ба қувваи халқ боварии калон зоҳир намуд. Ин барнома қисми таркибии плани панҷсолаи чоруми барқарор намудан ва тараққй додани хоҷагии халқи мамлакат барои солҳои 1946-1950 ба ҳисоб мерафг.

Аз ҳамин сол ба афзоиши тираж ва ҳаҷми матбуот барқарор кардани нашрияҳои соҳавӣ, аз ҷумла рӯзномаи ҷавонон, муаллимон, маҷаллаи сиёсӣ ва матбуоти махаллӣ огоз гардид. Ин воситаҳои ахбор барои татбиқи нақшаи бунёдкорӣ ҷиддӣ мубориза мебурданд.

Вазифаи асосии хоҷагӣ-сиёсии пешбинишуда аз он иборат буд, ки натанҳо харобаҳои мавзеъҳои зарардидаи мамлакатро аз нав барқарор карда, ба дараҷаи пешазҷангии истеҳсолоти саноат ва хоҷагии қишлоқ расида гирем, балки аз рӯи як қаюр нишондиҳандаҳои асосии хоҷагии халқ аз он ҳам пеш гузарем. Дар навбати аввал аз нав барқарор кардан ва тараққй додани саноати вазнин,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нақлиёти роҳи оҳан, зиёд кардани истехсоли металл, масолеҳи бинокорӣ, машинаҳо ватаҷҳизоти саноат ва хоҷагии қишлоқ дар назар дошта шуда буд. Дар ин асос хеле тараққӣ додани зироат, чорводорӣ, саноати сабук ва хӯрокворио ба нақша гирифта буданд. Пешбинӣ карда мешуд, ки даромади хоҷагии халқ дар давоми панҷсола назар ба соли 1940 бештар аз 30 фоиз зиёд карда шавад.

Матбуоти буржуазии хориҷӣ ин планро чун «накшаи ба амал набароянда» шарҳ дода, изҳор менамуд, ки халқи советӣ бе ёрии давлатҳои хориҷӣ хоҷагии харобгаштаи худро ба ҳеҷ ваҷҳ аз нав баркарор карда наметавонад... Журнали англисии «Уорлд ревью» хонандагони худро бовар кунонданӣ мешуд, ки аслан барои СССР танҳо як имконияти реалӣ ҳаст, он ҳам бошад аз Америка карзи калон гирифтан лозим меояд. Имнериалистон, ки ба «шикасти навбатии» Иттифоқи Советӣ интизор буданд, ба он умед мебастанд, ки душвориҳои давраи баъд аз ҷанг, маҳрумиятҳои моддӣ одамони советиро ба ояндаи хеш ноумед мегардонад ва онҳо раҳгум мезананд. Дар ин таъмини хеш онхо сахт хато карданд.

Давлати Шӯравӣ баъд аз тасдиқи ин нақшаи бунёдкоронааш меҳнаткашонро ба пурраву барзиёд иҷро намудани панҷсолаи нав сафарбар кард ва ин нақшаҳо пайваста амалӣ мегаштанд.

Давлату ҳукумат дар ин давра барои баланд бардоштани роли матбуоти даврагӣ, аз ҷумла, газетаю журналҳо тадбирҳои а.малӣ андешид. Шароити замони осоишта ба куллӣ азнавсозии тамоми кори редаксияи газетаю журналхоро талаб мекард. Аз ин рӯ, кори онҳо беҳтар гардонида, номгӯй ва тиражи газетаю журналҳо хеле зиёд щуд. Ба чопи газетаю журналҳое, ки фаъолияти онҳо муваққатан қатъ гардида буд, аз нав шароит фароҳам оварданд. Чанд қарори махсуси ҳукумат, ки оиди беҳтар намудани фаъолияти нашрияҳои адабӣ, барои таъмини рӯҳияи сиёсии воситаҳои ахбори умум ва пропаганда қабул карда шуда буданд, дар ин бобат роли калон бозиданд.

Дар натиҷа дар давраи баъд аз ҷанг тиражи матбуоти даврагӣ, шумораи газетаю журналҳо зиёд гардид. Формати газетаҳои республикавӣ ва вилоятӣ аз нав калону тиражи онхо хеле афзуд.

Дар Тоҷикистон газетаҳои ҷавонон, пионерон, «Газетаи муаллимон» ва журналҳои «Большевики Тоҷикистон», «Шарқи Сурх». «Мактаби Советӣ» аз нав нашр карда шуданд. Инчунин нахустин бор ба нашри журнали «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» ва «Блокноти агитатор» сар карданд.

Соли] 947 дар 10 ноҳияи калони пахтакории республяика формати газетахо калону (баробари нисфи газетаи «Правда») ададди иашри онхо зиёд (12 маротиба дар як моҳ) калон карда шуд. Дар районҳои Ишкошим. Рӯшон, Комсомолобод, Рошткалъа, Сангвор, Шулмак газетаҳои наз таъсисёфтанд.

Дар охири соли 1948 дар Тоҷикистон 7 газетаи республикавӣ, 8 газетаи вилоятӣ ва 44 газетаи нохиявӣ мебаромад. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар назди онҳо вазифа гузошта буд, ки рафти иҷрои супоришҳои плани панҷсоларо дар соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ бо факту мисолҳои конкретӣ нишон диҳанд, таҷрибаи кори пешқадамони мусобиқаи сотсиалистиро дастраси умум гардонанд, барои баланд бардоштаии ҳосилнокии меҳнат, ҷорӣ кардани усулҳои прогрессивии кор ва комёбихои нави илм ва гехника ҳаматарафа мубориза баранд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Коллсктиви коркунони газстаҳои «Тоҷикистони Советӣ», «Совет Тожикистони» ва «Коммунист Таджикистана» дар асоси талаботи давлату ҳукумат ба масъалаи пахтакорӣ дар республика рӯз аз рӯз бештар диққат медоданд. Ин масъала дар маркази диққати коллективҳои эҷодии редаксияҳо меистод.

Г азетаи «Тоҷикистони Советӣ» фақат дар давоми 10 мохи соли 195- бахшида ба тараққиёти пахтакорй 146 хабару мақола чоп намуд, аз ҷумла, доир ба усулҳои нави иарвариши пахта 18 маслиҳат чоп кард. Дар ин давра бахшида ба колхозҳои чудогона 14 саҳифаи махсус чоп намуда, дастраси хонандагон гардондааст.

Дар баробари газетаҳои республикавӣ дар ин давра газетаҳои районй низ доир ба мубориза барои ҳосили фаровони пахта ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлоқ материалҳои бисср чои намудаанд.

Дар солхои панчоҳум дар воситаи ахбори реснублика тағйироту пешрафтҳои намоён ба амал омад. Соли 1952 барои пионерон маҷаллаи «Машъал», соли 1953 маҷаллаи ҳафтаинаи «Хорпуштак», соли 1956 маҷаллаи «Тоҷикистон», соли 1959 маҷаллаи «Журналист» таъсис ёфтанд.

«Хориуштак». Моҳи декабри соли 1966 40-солагии аз чоп баромадани журнали «Хорпуштак» қайд карда шуд. Дар шумораи дувоздаҳуми журнал, ки ба ин муносибат нашр гардид, аз ҷумла чунин гуфта мешавад:

«...Ман чилсола шудам. Дар ин муддат чор бор номам доданд. Аввал будам «Мулло Мушфиқӣ», сонй мухтасар карда «Мушфиқӣ» номиданд. Баъд яке аз момодоягон маро Бигиз ном дод. Чанде пас, яъне сари соли 1937 боз номам Мушфиқй шуд. Расо баъди 26 солу 7 моҳи ба дунё омаданам «Хорпуштак» номам доданд».

Бояд. гуфт, ки солҳои аввал журнал ҳамчун нашри якҷояи газетаи «Овози тоҷик» аз чоп мебаромад. Аз соли 1953 ҳамчун нашри мустакил дасграси хонандагон мегардад. Дар ин мудцат устод С. Айнй, А. Лоҳутӣ,

А.Деҳотй, М. Аминзода, С.Ҷавҳаризода, К.Баҳлулзода, С.Ғанӣ, Бурҳон Ғанй ва бисёр дигарон бо журнал ҳамкорй мекарданд. Инчунин рассомони ҳаҷвнигор Ҳасан Расулов, Б.И.Серебрянский, Д.Савоев, П.Шамсиддинов, М.А.Краснополский, П.Гейвандов, В.Голованов, Б.Олимов ва бисёр дигарон дар ороишу дилчасп гардидани саҳифаҳои журнал ҳиссаи калон гузоштаанд. Хизмати «Хорпуштак» на танҳо дар ошкору бартараф намудани камбудию нуқсонхо, балки дар равнақи ҳаҷви тоҷик хеле калону бузург аст.

Солҳои 30-юм чопи журнал қагъ гардид. Моҳи майи соли 1953 ба номи «Хорпуштак» аз нав нашр шуд. Аввалин муҳаррири «Хорпуштак» Самад Ғанй буд. Солҳои 1962-1963 «Хорпуштак» бо имзои Ф.Муҳаммадиев аз чоп мебаромад, аз соли 1964 бошад, бо имзои Басир Расо чоп мегардад.

«Хорпуштак» дар ташаккули такомули ҳачви точик, инкишофи жанрҳои он ва пешрафти журналистикаи тоҷик роли багоят калон бозида меояд.

М **аҷаллаи «Тоҷикистон».** Нашрияи мусаввари ҳармоҳаи ҷамъиятиву сиёсй ва адабию бадеии КМ ПК Тоҷикистон, ки аз соли

1956 то охири соли 1962ҳамагй 84 шумора чоп шуд. Аввалхо маводҳои маҷалла бо ду забон тоҷикӣ ва русй, дертар танҳо ба забони гоҷикй чоп

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мешуданд. Ду шумораи аввалини «Тоҷикистон» бо но.ми «Тоҷикистони советӣ» аз чоп баромадааст ва фақат моҳи марти соли 1956 маҷалла номи «Тоҷикисгон»-ро гирифт. Шеъру ҳикояҳои адибони тоҷик, тарҷума ва асарҳои нависандагони халқҳои собик Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ нашр мешуданд. Мачаллаи «Точикистон» дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва маданиву эстетикии халқи тоҷик саҳми арзанда дошт. Ба маҷалла адиби маъруф ва олими шинохта Абдусалом Деҳотӣ сардабир буд.

«Машъал». Дар ин давра маҷаллаи «Машъал» ба фаъолият сар кард. Вай маҷаллаи ҳармохаи адабӣ-бадеӣ ва публитсистии мусаввар барои пионерон ва мактаббачаг ои аст. Маҷалла моҳи октябри соли 1952 таъсис ёфта, то охири соли 1957 бо номи «Пионер» нашр мешуд. Аз январи соли 1958 номи «Машъал»-ро гирифт ва ҳоло бо унвони «Истикбол» чоп мешавад. Дар ин маҷалла оид ба кору бор, хонишу истироҳат, дӯстию рафоқати насли ҷавон лавҳаю очерк, шеъру достонхо ба табъ мерасанд.

«Журналист». Ин маҷалла хамчун органи бюрои ташкилии иитифоқи журналисгони Тоҷикистон аз октябри соли 1958 то охири соли 1960 чоп мешуд. Соли 1958 ин журнал 3 шумора баромад. Аз январи соли 1959 дар се мох як шумора нашр мешуд. «Журналист» ба забонҳои тоҷикию русӣ бо тиражи 1000 нусха аз чоп мебаромад. 19 марти соли 1959 Раёсати Иттифоқи журналистон ҳайатитаҳририя ва муҳаррири онро (А.Ҳоҷ^гбоев) тасдиқ намуд. «Журналисг» оид ба корҳои эҷодии журналистон мақолаҳо чоп карда, ба мухбирони коргару деҳқон кӯмаки эҷодӣ мерасонд.

5^ % *

Аз ибтидои соли 1955 номи баъзе нашрияҳо тағйир ёфт. Масалан, шумораи 7663-юми газетаи «Тоҷикистони сурх» аз 1 январи соли 1955 бо номи«Тоҷикистони Совегй» чоп шуд. Акнун газета бо номи нав бо қувваи тоза барои ояндаи дурахшон халқро сафарбар менамуд. Дар ин давра мавзӯи супҳ дар саҳифаҳои тамоми матбуоти мамлакат, аз ҷумла «Тоҷикистони Советӣ» мавқеи мухиме пайдо кард. Рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» бо чиддияти тамом майли халқи тоҷикро барои суяҳ, муборизаи ӯро барои пойдории сулҳ тараннум менамуд.

22 феврали соли 1959 шумораи 10 ҳазорумини газета аз чоп баромад ва ба ҳамин муносибат 17 апрели соли 1959 газета бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонида шуд. Ин баҳои баланди давлат ва ҳукуматамон ба меҳнаги душвор, вале пуршарафи журналистони тоҷик буд. Ин нуқта дар мактуби табрикии давлату ҳукумат ба унвони газета ва мухбирони коргару деҳқон ва мехнати босуботи каламкашонаш таъкид карда шудааст. Зеро рӯз то рӯз мавқеи матбуот дар ҷомеа боло мерафт.

Дар охири соли 1956 дар Тоҷикистон 5 рӯзномаи шаҳрӣ ва 42 газетаи районӣ нашр мегардид. 'Гиражи онҳо сол аз сол меафзуд. Масалан, агар моҳи январи соли 1955 гиражи яквақтаи онҳо 90321 нусха бошад, пас дар моҳи январи соли 1957 -96372 нусхаро ташкил мекард.

Дар ин давра ҳаракати мухбирони коргару деҳқон махсусан вусъат ёфт. Мувофиқи маълумотҳо 14 газетаи районӣ дар давоми 11 моҳисоли

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1956 аз 1270 мухбир 12905 мактуб гирифта, 10778-тои онро дар саҳифаҳои газетаҳои районӣ дарч кардааст.

Ба касе пӯшида нест, ки дар ҳамаи корҳое, ки мардуми мо ба ҷо меоварданд, роли воситаҳои ахбори омма бузург аст. Маҳз аз ин рӯ, давлат ва ҳукумат ба матбуот доимо баҳои баланд медиҳанд ва онро ҳамеша кадр менамоянд. Дар ин бобат мухбирони коргару деҳқон низ саҳм мегиранд. Бо мақсади боз ҳа.м ривоҷ додани ҳаракати мухбирони коргару деҳқон, беҳтар ба роҳ мондани алоқаи онҳо бо редаксияҳо соли

1957 анҷумани мухбирони коргару деҳқони Тоҷикистон ҷамъ омад. Анҷуман 9-11 марти соли 1957 дар шаҳри Душанбе барпо гардид.

Анҷуман дар бораи рол ва вазифаҳои матбуоти Тоҷикистон ва вазифахои рӯз маърӯзаи котиби КМ ҲК Тоҷикистон А.Имомовро шунид.

Дар маърӯза ба нашъунамои иқтисодиет ва маданияти Тоҷикистон аз ҷумла, пешрафти мабуот диққати калон дода, маърӯзачӣ қайд намуд, ки матбуоти ресиублика ва отряди сершумори мухбирони коргару деҳқони он дар сохтмони ҷамъияти нав ҳама вақт фаъолона иштирок мекарданд ва иштирок менамоянд, дар байни омма каломи сафарбаркунандаи ҳақиқату ростиро васеъ паҳн намуда, бо ҳамин дар пешрафти ҷомеа сахм мегиранд...

Солҳои минбаъда давраи ҷустуҷӯҳои нави эҷодӣ, давраи сайқалёбии маҳорати журналистии ходимону муаллифони газетаҳои «Тоҷикистони Советӣ», «Коммунист Таджикистана», «Совет Тожикистони» ва дигар матбуоти даврагии тоҷик гардид.

Дар давраи солҳои 1960-1970 дар таърихи инкишофи матбуоти тоҷик ду омилро ба назар гирифтан лозим аст. Дар ибтидои даҳаи шашум бо сабаби тағйироти структурӣ дар идоракунии мамлакат чун дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳам газетаҳои районӣ дар структураи газетаҳои управлениях ои истеҳсолӣ муттаҳид шуданд ва он солҳо теъдоди ин нашрияҳо кам гардид. Вале аз миёнаҳои солҳои шастум ин газетаҳо аз нав барқарор карда шуданд. Дар солҳои ҳафтодум қисме аз газетаҳои районии вилояти Кӯлоб, ки барои тачриба баста шуда буданд ва аз нав онҳо барқарор гардиданд. Дар солҳои шасту ҳафтод газетаҳои вилоятии Ленинободу Қӯргонтеппа ва Кӯлоб, газетаи «Вечерний Душанбе», маҷаллаи «Агитатори Т оҷикистон» (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) таъсис ёфтанд, маҷаллаи адабии «Помир» хар моҳ аз чоп мебаромад.

Дар нимаи солҳои ҳафтодум студияи телевизионии тоҷик ба системаи ранга гузашт. Маҳз дар ҳамин давра ансамблҳои радио ва телевизионӣ таъсис ёфтанд.

Солҳои шасту ҳафтод давраи инкишофи кинопублитсистикаи тоҷик буданд. Асарҳои Е.Кузин бештар.муваффақият пайдо карданд. Сол.ҳои ҳафтодухаштоддар ин ҷода як қатор ҷавононисоҳибистеъдод низ комёб гардиданд.

Маҳз дар ҳамин давра Итгифоқи журналистони 'Тоҷикистон мукофоти худ - мукофоти ба номи Лоҳутиро таъсис дод, ки Ш.Саидов,

Н.Табаров, Ҳ.Содиқ, Ҳ.Эргашев, Л.Маҳкамов ва дигарон ба гирифтани ин мукофот сазовор гаштанд.

Солҳои панҷсолаи нуҳӯм барои аҳли қаламкаши ҷумҳурӣ солҳои ҷустуҷӯ ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бозёфтҳои нави эҷоди гардиданд. Тавлиди рубрикаҳои доимии «Як рӯзи ианҷсола», «Дар оилаи ягона», «Зарбдорони панҷсола», «Роҳи васеъ ба расму ойинҳои нав», «Шахс ва коллектив», «Сад сатр аз одаму одамгарӣ», «Кӯдак ва муҳит» ва ғайраҳо аз қабили онҳоянд. Дар байни онҳо мавзӯи ҷорӣ гардидани расму ойинҳои наву замонавӣ ба худ мавқеи муҳимеро ишғол намуд. Ходимони газета мунтазам ба маҳалҳо рафта, бо ҳамкории мухбирони дехот оид ба ҷорӣ шудани тӯйҳои комсомолӣ, анъанаи гуселондан ба сафи армия, ба нафақа гуселонидан мақолаҳо навишта, бо рохбарони корхонаю муассисаҳо, комиҷроияи шаҳру районҳо сӯҳбат карда, фикру андешаҳои онҳоро ба муҳокимаи умум мегузоштанд.

Дар ин давра мувофиқи талаботи нави давру замон боз ҳам беҳтар намудани роҳбарӣ ба саноат, такмил додани планкашӣ, сарфаву сариштакорӣ ва аз ҷиҳати иктисодӣ ҳавасманд намудани коргарон бисёр материалҳои ҷолиби диққат пешкаши хонандагон гардид. Материалҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, дар онҳо қонунҳои иқтисодӣ ба ҳисоб гирифта мешуданд.

Масалан, ба таври илмӣ ба иктисодиёт роҳбарӣ намуданро пропаганда намуда, газетаҳо бо роҳбарию ёрии бевоситаи ташкилотҳои касабавию хоҷагӣ инъикоси ин масъаларо рӯз то рӯз беҳтар менамуданд. Шакл ва методҳои кор дар ҳар як шароит дар фаъолияти идораю ташкилотҳо хеле чуқур омӯхта мешуданд. Рохи дурусти ҳалли ин ё он масъаларо пеш гирифта, идораю ташкилотҳои давлатӣ қонунҳои объективии тараққиёти ҷамъиятро дар назар дошта, ҳар як масъаларо ҳаматарафа омӯхта, аз нуқсонҳои рӯйдода хулосаи даркорӣ бароварда. муваффақиятҳоро афзун мегардониданд. Натиҷаи ҳамин навҷӯиҳо буд, ки дар солҳои панҷсолаи нӯҳум дар республика потенсиали саноату энергетика боз ҳам зиёд гардид. Дар зарфи панҷ сол барои гараққиёти саноат 1 миллиарду 151 миллион сӯм сарф шуд, фондҳои асосӣ бештар аз 1.7 баробар афзуданд. Дар соли 1975 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноат нисбат ба соли 1970 бештар аз 38 фоиз афзуд.

Мувофиқи нақшаҳои пешакии ҳукумат комплекси территориявию истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон ба амал омад. ки дар давоми панч сол барои сохтмони он 500 миллион сӯм сарф шуд. Се агрегати ГЭС-и Норак пеш аз мӯҳлат ба кор даромад, навбати якуми заводи алюминии Тоҷикистон, ГЭС-и Хоруг, иқтидорхои иловагии заводи нуриҳои азотии Вахш, комбинатҳои маъдантозакунии Анзоб ва қӯргошиму рӯҳи Адрасмон дар мӯҳлати кӯтох ба кор андохта шуданд. Сохтмони роҳи оҳани Тирмиз-Қӯргонтеппа дар масофаи бештар аз дусад километр ва газопровод ба шаҳри Душанбе дар масофаи сесад километр аз рӯи нақшаи пешбинишуда ба кор даромад. Дар ин давра 140 участкаю сеҳҳои истеҳсолӣ ба таври комплексӣ механиконида ва автоматиконида, бештар аз 400 хатти механиконидашуда ва автоматиконидашуда сохта шуд.

Матбуоти даврагии Тоҷикистон дар ҳалли ҳамаи ип масъалаҳо ба корхонаю муассисаҳо ва идораю ташкилотҳо ёрии калон расонид. Масалан, зери рубрикаи «Шиори мусобиқа: самаранокии истеҳсолот» газетаи «Коммунист Таджикистана» қариб ҳар ҳафта як маротиба дар бораи роҳҳои баланд бардоштани самараи истеҳсолот ва сифати махсулот хулосаҳои иктисодӣ чоп карда, хонандагони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сершумори худро бо таҷрибаи пешқадамон шинос намуда, дар як вақт қафомондагон ва браккоронро сахт танқид менамуд. «Сифат дар мадди аввал» - зери ин сарлавҳаи умумӣ «Тоҷикистони Советӣ» аз шумора ба шумора хабару макола, лавҳаю очерк ва репортажҳои пурмазмун чоп кардааст.

Дар тамоми корхонаю муассисаҳо, сохтмону нақлиёт, хоҷагии қишлоқ соли охирини панҷсолаи нӯҳум - соли сифати баланди маҳсулот эълон карда шуда буд. Дар Муроҷиатномаи давлату ҳукумати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба тамоми халқи советӣ гуфта шуда буд: «Дар давраи ҳозира дар баробари нишондиҳандаҳои миқдорӣ нишондиҳандаҳои сифатии тараққиёти иқтисодии мамлакат торафт бештар ба мадди аввал гузошта мешаванд. Талаби боисрори замони мо, тезонидани прогресси илмию техникӣ, ҷорӣ намудани комёбиҳои он, усулҳои пешқадами ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ, мувофиқи гшан аз нав сохтан ва бо техникаи нав таъмин кардани корхонахо, инкишоф додани ҳаракати оммавӣ барои сифати аълои маҳсулот аст. Мубориза барои сифат, барои афзун гардонидани самара, хоҳ дар бораи барпо намудани сарватҳои маънавӣ сухан равад ҳам, боядтамоми тарафҳои фаъолияти моро фаро гирад».

Газетаҳои республикавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва районӣ дар пропагандаи Муроҷиатномаи давлату хукумат дар байни меҳнаткашон кори зиёди ташкилотчигӣ гузаронидаанд. Онҳо ҳар як сатри ин ҳуҷҷати муҳимро дар иҷрои супоришҳои соли охирини панҷсолаи нӯҳум дуруст тарғиб намуда, бо оммаи васеъ бурда расонданд. Дар натиҷа коллективҳои меҳнатӣ имконияту захирахояшонро дуруст ба ҳисоб гирифта, барои соли охирини панҷсола планҳои истикболӣ ва ӯҳдадориҳои калони сотсиалистӣ қабул намуданд. Дар матбуот Муроҷиатномаи коллективи коргарон, инженерону техникхо ва хизматчиёни комбинати қолинбофии Қайроққум, ба ҳамаи меҳнаткашони саноати сабуки республика чоп гардид. Онҳо ҷавобан ба муроҷиатномаи давлагу ҳукумат, ба халқи советӣ барои бомуваффақият ҷамъбаст намудани супоришҳои соли охирини панҷсола ва бо дастовезхои меҳнатӣ пешвоз гирифтани съезди дар пешистодаи ХХУ партия ӯҳдадориҳои калон қабул намуданд. «Тоҷикисгони советӣ» ин ӯҳдадориро чоп карда, бо ҳамин ин ташаббусро оммавӣ гардонд. Дар ӯҳдадории қолинбофон гуфта 1мешуд, ки супориши панчсоларо аз ҷиҳати ҳаҷми фурӯши маҳсулот го 26 ноябр иҷро карда, зиёда аз план 35 ҳазор метри мураббаъ қолин истеҳсол намуда, ҳосилнокии меҳнатро назар басоли 1974-ум 1,1 фоиз баланд мебардоранд. Дарсоли 1975 боз ду хели қолин ба аттестатсия барои Нишони давлатии сифат пешниход карда шуда, 91 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулот ҳамчун маҳсулоти навъи олидарача ва якум истеҳсол карда мешавад.

Ҳукумати Тоҷикистон ташаббуси коллективи комбинати қолинбофии Қайроққумро, ки ба ҳамаи меҳнаткашони саноати сабуки республика муроҷиат намуда, онҳоро ба пеш аз мӯҳлат иҷро намудани супоришхои панҷсолаи нӯҳум даъват карданд, маъқул донист.

Вусъати пуравҷи мусобиқаи сотсиалистӣ пурқувват гардидани тадбирхои ташкилӣ ва тарбиявии байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ имконият фароҳам оварда, ки ҳар як меҳнаткаш ҳамеша дар бораи сифати кораш ва самарабахшии он фикр кунад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои касабавӣ корҳои ташкилӣ ва хоҷагиро пурзӯр

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намуда, роҳбарии хешро ҳамчун воситаи минбаъд беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифатӣ дар тамоми сохтмони хочагӣ ва маданӣ пурзӯр намуданд.

Иқтисод дар ҳам давру замон иқтисод, фаъолияти истеҳсолӣ мақсади асосӣ не, балки заминаи модцӣ ва воситаи пешрафгу камолоти маънавии инсон ва ҷамъияти инсонӣ мебошад. Инсон на барои истеҳсоли неъматҳои модцист, балки истеҳсоли неъматҳои моддп барои инсон аст. Аз ин рӯ, матбуот ва воситаҳои ахбори омма фаъолияти хешро бахри пропагандаи ин гояҳои инсондустона ба рох монда буданд. Онҳо пайваста таргиб менамуданд, ки фаъолияти истеҳсолии ҷамъият бояд дорои хислату рӯҳияи инсонӣ ва башардӯстона бошад. Дар он солхо усули коллективонаи ҳалли муҳимтарин масъалаҳои сохтмони ҷамъияти нав, аз ҷумла, масъалаи роҳбарии ҳаматарафа ба иқтисодиёт дар матбуотхеле пеш рафта, инкишоф ёфта буд. Муҳокимаи коллективонаи ин ё он масъала имконият медод, ки таҷрибаи оммаҳо дар як чо гун карда, роҳҳои дурусти ҳалли онхо таъмин гардад. Ғайр аз ин ба субъективизм, хатогихо ва каҷравиҳо роҳ дода нашавад, ҳамаи ин тадбирҳо ба инкишофи фаъолият ва ташаббуси омма шароит фароҳам оварда, имконият медод, ки онхо ташаббускорони ба ҳаёт татбик намудани қарорҳои дурусту конкретӣ гарданд ба таври васеъ истифода шудани усули коллективонаи роҳбарӣ ба иқтисодиёт дар саҳифаҳои матбуот боз аз табиати худи ин метод ба миён меояд. Якум, ахбор муҳокимаи коллек гивонаи ин ё он масъаларо, ё маҷмӯи проблемаҳоро дар бар гирифта, пешрафти корро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъмин менамуд. Масалан, газетаи «Тоҷикистони Советӣ» зери чунин сарлавҳаи умумии «Рафиқон коргарон! Ана, самараи як фоиз баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои республика» шумораи навбатиашро бахшида буд. Бо диаграммаю расмҳои диққатҷалбкунавда газета навиштааст, ки «Як фоиз баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои республика чӣ медиҳад? Ин -

31 миллион киловатт-соат қувваи барқ,

35 миллион дона хишт,

3 миллион сӯмина корҳои бинокорию монтаж,

1,6 миллион метр матоъҳои пахтагин,

400 хазор метр матои абрешимӣ,

60 ҳазор чуфт пойафзоли чармӣ,

32 ҳазор метр қолин,

9 ҳазор тонна семент,

2,3 ҳазор тонна пахтаи соф...» ба даст овардан мумкин аст.

Дар саҳифаи дуюми газета сардори управленияи Вазорати молияи РСС Тоҷикистон М.Кузмин дар мақолаи худ роҳҳои баланд бардоштани хосилнокии меҳнатро бо мисолҳои конкретӣ нишон додааст.

Дуюм, мулоҳизаҳои танқидӣ ва таклифҳои иштирокчиёни ҷамъомаду маҷлисҳо аз рӯи ин ё он масъала имконият медиҳад, ки проблема хеле чукур ва ҳаматарафа омӯхта, баъд аз рӯи он хулосаи дуруст бароварда шавад. Газета дар ин ҳолат ҳамчун ташкилотчии корҳои коллективонаи тадқиқотӣ баромад мекунад. Масалан, газетаи «Коммунист Таджикистана» зери сарлавҳаи «Рабочая эстафета»;

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нашы проблемы» вохӯрии мутахассисон, коргарон, бинокорон, лоиҳакашҳоро дар «гирди мизи мудаввар» гузаронида, аз он ба таври муфассал ҳисобот чоп кардааст. Дар ин вохӯрӣ проблемаҳо хеле чуқур таҳлил ёфта, роҳҳои бартараф намудаии он нишон дода шудааст. Г азета на таиҳо аз ин вохӯрӣ ҳисоботи оддӣ чоп кардааст, балки ҳамчун ташкилотчӣ, тадқиқотчӣ, донандаи масъала фикру мулоҳизаҳои аниқ баён намудааст.

Сеюм, муҳокимаи коллективона шакли амалии алокаи газета бо омма, шакли иштироки бевоситаи хонандагон дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан мухим ба шумор меравад. Зеро фикру мулоҳизаҳои хонандагони газета ҳамеша дорои ахамияти калон мебошад. Вай ба васеъ шудани доираи нуфузи газета таъсир мерасонад. Мисоли инро дар фаъолияти бисёр газетаҳои республикавию вилоятӣ ва районӣ дида метавонем. Масалан, газетаи «Коммунист Таджикистана» аз 5 январи соли 1971 тахти рубрикаи «Быстрее, качественнее, дешевле» материалҳо чоп намудааст, ки онҳо аз муваффақиятҳои меҳнатии коргарону колхозчиёни республика накл мекунанд. «Кайракум]ды намечают рубежи», «С первых дней четкий ритм», «Новая инициатива Анны Морозовой», «Запас мощность» ва гайраҳо аз ҷумлаи лавҳаю очерк ва хабару мақолаҳоест. ки аз он ҳама ҷӯшу хурӯши меҳнати дар сари дастгоҳу майдончаи бинокорӣ ва саҳроҳои нопайдоканори колхозу совхозҳои республика ҳикоят мекунанд.

Чи тавре ки дида мешавад, методи муҳокимаи коллективона дорои сифатҳои хеле хуб буда, ба аҳамияти калон модик аст. Моҳирона истифода бурдани ин услуб ба як қатор газетаҳои республикавӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ имконият додааст, то роҳбарӣ ба иқтисодиёт хуб ҳаллу фасли хешро ёбад.

Дар он солҳо шаклҳои гуногуни баромадҳои газетавӣ дар саҳифаҳои матбуоти даврагй истифода шудаанд. Дар баробари муҳокима дар саҳифаҳои газета шаклҳои дигари то ин вақт на чандон маълуму машҳури инъикоси масъалаҳои роҳбарӣ ба саноат ҷорӣ гардид Масалан, сӯхбат «Дар атрофи мизи мудаввар», ҷамъомади аъзоёни клуби коргарӣ, вохӯрӣ дар редаксия, иштироки бевосита дар сохтмону фабрика ва заводҳо, конференсияи илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, рӯзи мактубҳои кушод чунинанд номгӯи нопурраи ин чорабиниҳо. Журналистикаи тоҷик дар як муддати кӯтох аз ин шаклҳо хеле моҳиронз исгифода карда, бо ҳамин ба пешрафту инкишофи иктисодиёт аз қувваи тавонои матбуот моҳирона истифода кард. Бо ин мақсад аз мухокимаю мубоҳисаҳо хуб истифода бурда мешуд.

Мубоҳисаи «Соревнование: Как повышать его эффективность'[1]». ки «Коммунист Таджикистана» 5 марти соли 1973 чоп кардааст, барои он нуфуз пайдо кард, ки вай масъалаи бофташуда набуд, балки онро ҳаёт, худи талаботи рӯз ва пеш аз хама ислоҳоти иқтисодӣ ба миё-: гузошта буд. Дар ин бора яке аз муаллифони мубоҳиса Нур Бӯриев *ш* тавр менависад: «Агар ашёи хом хуб бошад, сифатнок бошад, он вакт истеҳсоли маҳсулот на танҳо меафзояд, балки сифатан беҳтар ва арзиши аслиаш арзон мегардад...».

Шакли дигар фаъолияти газетаҳо, мусохиба дар атрофи миза мудаввар мебошад. Ин шакли фаъолияти амалии газета дар пропагандаи принсипи рохбарӣ ба саноат дорои аҳамияти калон аст. Ик шакл дорои хусусиятхои ба худ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хос мебошад. Материалхои дар газетаи «Тоҷикистони Советӣ» зери рубрикаи «Дар атрофи мизи мудаввар» дарҷ гардида, аз нуқтаи назари масъалагузорӣ хеле васеъ ва доманадор мебошад. Онҳо дар таври масъалагузории мақолаҳои публитсистӣ, образнокии очерк ва хам тири нишонраси фелетоннависиро дар бар гирифта буданд. Ин шакли пропаганда сифатҳои беҳтарину хубтарини публитсистикаи муосирро дар як чо ҷамъ овардааст.

Таҳлил -яке аз воситаҳои муҳиму тавонои матбуот ба ҳисоб меравад, ки ба воситаи он проблемаҳо ҳалли худро меёбанд. Бисёр масъалаҳо, ҳалли дурусти оиҳо ба ин метод зич вобаста аст, ки аз он ба таври илмӣ ва конкретӣ истифода бурдани рӯзномаҳо зурар аст.

Ба ҳамин тарик, чуноне ки дида мешавад, дар ин давра роҳбарии ҳаматарафаи илмӣ ба иқтисодиётро матбуоти даврагии республика ба таври васеъ пропаганда намудааст. Ин метод дар амалия дар тамоми жанрхои газегавӣ истифода мешавад. Вале аз ҳамаи жанрҳо дар ин давра се намуди он: ҳисобот, мухбирнома ва макола бештар дар саҳифаҳои матбуоти даврагии республика ба назар мерасад.

Баъд дар матбуот чоп шудани *Лоиҳаи* «Директиваҳо оиди плани панҷсолаи тараққиёти хоҷагии халки СССР барои солҳои 1971 -1975» дар саҳифаҳои газетаҳои республикавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ муҳокимаи он аз тарафи меҳнаткашон дар матбуоти даврагӣ инъикоси ҳаматарафаи худро ёфт. Газетаҳо аз рафги муҳокимаи *Лоиҳа* пай дар пай хабару мақола, хисоботу мухбирнома (корреспондентсия) чоп карда. на танҳо дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ ва давлатӣ доштани ин ҳуччагро ба хонандагон фаҳмонидаанд, балки фикру мулоҳиза ва таклифҳои онҳоро ҷа.мъбаст намудаанд. Танҳогазетаи «Тоҷикистонисоветӣ»аз 14 феврали соли 1971 то охирҳои моҳи марти ҳамон сол аз рафти муҳокимаи директиваҳо 249, «КоммунистТаджикистан» 238, «СоветТожикистони» 207 хабару мақола ва ҳисоботу мухбирнома чоп кардаанд.

«Кори барпо намудани комплекси территориявӣ-истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон давом дода, аввалин агрегатхои ГЭС-и Норак, иқтидорҳои заводи алюминий ва комбинати электрохимиявии Ёвон ба кор андохта шавад» 'чунин навишта шудааст дар *Директивахо* оид ба плани панҷсолаи нӯҳуми тараққиёти хоҷагии халки мамлакат.

Комплекси истеҳсолӣ-территориявии ҷануби Тоҷикисгон бо ёрӣ ва ҳамкории ҳамаи халкхои собиқ Игтифоқи Советӣ бунёд гардид, ки вай дар пешрафти минбаъдаи иқтисодиёти республика дигаргуниҳои бемислу монанде гузошт.

Бо суръати тез аз худ намудани сарватҳои табии қисми ҷанубии Тоҷикистон ва дар заминаи он ташкили комплекси калони хоҷагии халк, имконият дод, ки як қатор масъалаҳои ичтимоию иқтисодӣ ҳалли мусбати худро ёбад.

Чуноне ки маълум аст, бештар аз 90 фоизи территорияи республикаро кӯхсорташкил медиҳад, аммо ба районҳои кӯҳӣ бошад, ҳаматӣ 10 фоизи аҳолӣ, ду фоизи истеҳсолоти саноатӣ ва 6-7 фоизи истеҳсоли маҳсулоти хочагии қишлок рост меомад.

Дар айни замон дар комплекси истеҳсолию территориявии ҷануби

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷикистон захираҳои зиёда аз 90 кон ба ҳисоб гирифта шудаанд, ки онҳо дорои бештар аз 24 номгӯй канданиҳои фоиданок буда, имрӯз ҳамчун базаи ашёи хоми соҳаҳои саноати металлургияи ранга, энергетикаю сӯзишворӣ, химия ва бисёр намудхои масолеҳи бинокорӣ истифода бурда мешаванд.

Аз захираҳои сӯзишворию энергетикӣ конхои ангишт, нефту газ аҳамияти калони иқтисодӣ доранд. Дар ин ҷо бештар аз 11 кони ангишт муайян гардиданд.

Дар асоси самаранок истифода бурдани захираҳои табий ва меҳнатӣ дар тараққиёт ва ҷобаҷогузории соҳаҳои асосии саноатӣ комплекси истеҳсолӣ-территориявии ҷануби Тоҷикистон тағйироти куллӣ ба вуҷуд меояд. Тадқиқотҳои илмӣ нишон доданд, ки инкишофи минбаъдаи соҳаҳои мухими саноатӣ дар ин кишвар бештар дар зери таъсири захираҳои зиёди обӣ ва са рватҳои зериза минӣ ба вукӯъ меоянд. Компелкси чануби Тоҷикистон аз се ду қисми истехсоли маҳсулоти саноат, 88 фоизи коркнуони соҳаи саноат ва 68 фоизи фондҳои асосии истеҳсолии саноати республикаро ташкил медиҳад.

Сохтмони чунин объекти бузург дар роҳи индустрикунонии комплексӣ қадами калоне гардид. Дар ҳудуди комплекси истеҳсолӣ- территориявии Тоҷикистон соҳаҳои саноати металлургияи ранга, химия. мошинсозӣ васеъ инкишоф ёфт. Дили энергетикии комплекс ГЭС-и Норак буд, ки иқтидори лоиҳавии он 2,7 миллион киловатт мебошад ва имрӯз ӯ ба нафъи халқу Ватан кор мекунад. Дар сохтмони ин объект ҳиссаи кормандони газетаю журналхо ниҳояг калон аст.

Дар байни коллективҳои бинокорони ГЭС-и Норак шаклҳои нави мусобиқаи сотсиалистӣ -мусобиқаи бригадаҳои бинокорон аз монтажчиён бо бригадаҳои заводҳое, ки таҷҳизот медиханд ва корхонаҳои ҳамсоҳа, мусобика барои ҳуқуки ба кор андохтани аввалин агрегатҳои стансия васеъ паҳн гардиданд. Бо ҳамин тариқ, бинокорони стансияи электрикӣ барои пеш аз мӯҳлат ба кор андохтани агрегатҳои аввалини ГЭС-и Норак ӯхдадорихои клон гирифта, коллеюивҳои заводи турбинаи Харков, заводи «Уралэлектротяжмаш»-и Свердловск. комбинати металлургии Магнитогорск, заводи металлургии Бекобод. заводи конструксияхои охану бетон ва олотҳои бинокории Душанбе. комбинати хонасозии Орчоникидзеобод ва дигар корхонаҳоро даъват карданд, ки заказхои ГЭС-и Норакро пеш аз мӯҳлат ба иҷро расонанд.

Бинокорон ва меҳнаткашони шаҳр дар асоси мусобикаи сотсиалистии вусъатёфта беҳтар шудани ташкили меҳнат ва истифодаи захираҳои дохилӣ, пурзӯр намудани режими сарфакорӣ барои то Рӯзи энергетикҳо -22 декабри соли 1972 ба кор андохтани аввалин агрегатҳои ГЭС-и Норак ҷидду ҷаҳд намуда, бо ҳамин дар иҷрои супоришҳои панҷсола саҳми сазовори худро гузоштанд. Дар натиҷа, дар Норак бори аввал дар мамлакат шакли нави мусобиқа «эстафетаи коргарӣ» ба миён омад, ки онро ҳукумати Точикистон маъқул донист. Газетахои «Тоҷикистони Советӣ», «Коммунист Таджикистана» ва «Совет Тожикистони» зери рубрпкаҳои доимӣ «Дар сохтмони ГЭС-и Норак», «Дарсохтмони зарбдор» ва гайра пайваста хабару мақолаҳо чоп карда, ташаббуси бинокорони сохтмони азими энергетикиро васф менамуданд. Махсусан, саҳифаҳои махсусе, ки дар он солҳо зери шапкаи «Машъали мусобиқа фурӯзон аст» ва дигар шапкаю

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рубрикаҳо нашр шудаанд, ҷолиби диққат аст.

Дар кори инъикоси мусобиқаи сотсиалистӣ «Тоҷикистони Советӣ» ва «Коммунист Таджикистана» ба вуҷудорандаи «Эстафетаи коргарӣ» шуданд. Ташаббуси газетаи «Коммунист Таджикистана» дар инъикоси ҳаёти бинокорони Норак шоёни диққат буд. Баъди маъқул донистани ташаббуси бинокорон барои пеш аз мӯҳлат сохта ба истифода супурдани ду агрегати ГЭС - аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон газета зери рубрикаи «Коммунист Таджикистана дар сохтмони зарбдор» аз шумора ба шумора аз рафти иҷрои шартҳои мусобиқаи «Эстафетаи коргарӣ» хабару мақолаҳо, репортажу лавҳа, ҳисобот ва очеркҳо чоп карда, хонандагонро бо беҳтарин ташаббусхо, коргарон ва коллективҳо шинос менамуд. Саҳифаҳои зери рубрикаи «Нурек: до пуска 200 дней», «Нурек: 100 дней до пуска первого гидроагрегата» ва ныҳоят 5 ноябри соли 1972 газета ба хонандагони худ хабар дода буд: «Имрӯз агрегати якуми ГЭС-и Норак ба кор медарояд».

Газетаҳои республикавӣ дар мисоли сохтмони ГЭС-и Норак дар бораи ташкили моҳиронаи мусобиқаи сотсиалистӣ. ҳамкории меҳнатии садҳо коллективҳое, ки дар сохтмони иншооти бузурги Вахш иштирок намудаанд, дӯстии одамони советӣ мақолаҳо чоп карда, самараи ин риштаҳои дӯстиро на танҳо дар сохтмони ГЭС, балки дар ташаккули синфи коргари тоҷик нишон додаанд.

Ба ҳам пайвастани ресурсҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва захира.ҳои калони сарватхои зеризаминӣ барои тараққии корхонаҳои пуриқтидори энергиягалаб дар республика имкониятхои калон мухайё мекунад. Дар хақиқат ба туфайли истеҳсоли энергияи арзон солҳои ҳафтодум дар структураи саноат дигаргунихои куллӣ ба амал омаданд. Дар ин бобат комплекси территориявӣ-истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон бо корхонаҳоп химия ва металлургияи рангааш роли муайянкунанда бозид. Дар панҷсолаи нӯҳум дар сохтмони заводи алюминии тоҷик корҳои пеш аз мӯҳлат ба истифода супурдани корхона хуб поён ёфта, завод пеш аз мӯҳлат ба кор даромад.

Дар кори хушсифат ва сари вақт ба кор даромадани ин корхонаи директивӣ матбуоти даврагии республика роли багоят калон бозиданд. Онҳо дар якҷоягӣ бо ташкилотхои касабавӣ, партиявӣ, советӣ ва хоҷагӣ барои он ки завод дар сари вақт ба кор андохта шавад ва ба мамлакат металли «боллор» диҳад, кори зиёди на танҳо агитаторӣ, пропагандистӣ, балки ташкилотчигӣ бурданд. «Тоҷикистони Советӣ» ва «Коммунист Таджикистана» дар сохтмони заводи алюминии тоҷик» - таҳти ҳамин унвоназ0 мартисоли 1974саркарда, 16 шумораи махсус чопнамуданд. Масъулияти нашри шумораҳои махсус -редаксияи сайёр ба дӯши Н.Асадуллоев ва Л.Маҳкамов буд.

«Гудозиши аввалин -дар соли ҷашн» -зери ҳамин сарлавҳа шумораи нахустини газетаи махсус барои сохтмончиёни заводи алюминӣ 20 марти соли 1974 аз чоп баромада буд. Дар ин шумора ӯҳдадории сотсиалистии управлениях бинокории «Алюминстрой»-и трести

«Тоҷикгидроэнергострой» дар соли 1974 дарч гардида буд. Баъд пайваста дар саҳифаҳои «Коммунист Таджикисгана» ва «Т оҷикистони Советӣ» аз рафти сохтмони заводи алюминии тоҷик материалҳо дарч мешуданд. Масалан, дар

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шумораи 21 январи соли 1975 газетаи «Тоҷикистони Советӣ» мақолаи инженер-металлурги участкаи монтажи анодҳо Ҳамид Ҳамдамов зери сарлавҳаи «Завод тайёр», саринженери заводи алюминии тоҷик А.Курохтин «Имкониятҳои аздастрафта». усгодисехи электролиз В.Кузминов «Ваъда вафо металабаД» ва мақолаи Л.Маҳкамов «Регар, вай чӣ хел хоҳад шуд?» ва ғайраҳоро чоп карда. ба ҳамин барои пешрафти кор дар назди ташкилотҳои дахлдор масъала гузошта шуда буд. Чунин шумораҳои махсус то рӯзи ба кор даромадани завод, гудохтани аввалин металли «болдор» -30 марти соли 1975 аз чоп баромад.

Газетаҳои республикавӣ ба баровардани шумораҳои махсус махдуд нашуда, аз рафти сохтмон ин объекти директивӣ пай дар гтай баромад карда, рӯзи ба кор даромадани заводи алюминии тоҷикро наздик менамуданд.

Дастони зарбдори мо нерӯи сохтмон бувад. Чашму дили ҷавони мо китоби ҷовидон бувад.

Зери ҳамин сарлавҳаи у.мумӣ газетаи «Комсомоли Т очикистон» 30 марти соли 1975 бахшида ба ин сохтмони директивӣ шумораи махсуе бахшидааст. Газета менависад: «Ҷавонони Тоҷикистон сохтмона комбинати электрохимиявии Евон. комбинати металлургии Анзобро сохтмонхои зарбдори республика мешуморанд». Баъд газета дар ҳамон шумораш макодаеро бо номи «Достони диловарӣ ва матонат» чоп карда, аз кӯшишу ғайрати ҷавонон нақл намудааст. Саҳифаи дигаре, ки «Коргоҳи дӯстӣ ва бародарӣ» номида шудааст, аз рафти қомат рост кардани ин корхонаи азим ва одамони наҷиби он накл менамояд. «Озмоиши нахустин» аз корхои ба ҷо овардашуда аз нақшаҳои металлургҳои тоҷик ҳикоят мекунад.

Тоҷикистон, ки пеш аз сӯзан то чароғи керосинӣ ҳама чизро аз берун меовард, акнун бо ёрию мадади халқҳои бародар соҳиби корхонаҳои азими саноатӣ гашта буд. Ҳачми умумии истеҳсолоти саноатӣ дар давоми 50 соле, ки аз вақти ташкилёбии республика гузашт, бештар аз 500 баробар афзуд. Яке аз чунин сохтмонҳои азим комбинати электрохимиявии Ёвон буд. Ин корхона имрузсоддаи каустикӣ, оҳаки хлорӣ. углеродн хлордор ва дигар навъи маҳсулот и барои хоҷагии халқ зарур истеҳсол мекунад. Дар панҷсолаи нӯҳум сохтмони навбати якуми комбинати металлургии Анзоб пурра ба охир расид, сохтмони навбати дуюми он оғоз ёфт. Барои хоҷагии халқи мамлакат сохтмони рохи оҳани Тирмиз-Қӯрғонтеппа-Ёвон, ки дарозии он 264 километр мебошад. дорои аҳамияти калон аст. Хулоса, майдони комплекси территориявӣ- истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон тақрибан ба 43 ҳазор километри мураббаъ ва ё 37 фоизи тамоми территорияи республика баробар аст, - чунин шарҳ медоданд вазъияти корро рӯзномаю маҷаллаҳо.

Сохтмони асосӣ шарти муҳимтарин дар мамлакат ба вуҷуд овардани базаи моддӣ-техникист, вай асоси бомуваффақият тараққӣ додани ҳамаи соҳахои хочагии хадқ мебошад. Дар иҷрои вазифаҳои тараққӣ додани иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии халқ сохтмони асосӣ роли муҳим мебозад. Тараққиёти истеҳсолоти саноат ва хоҷагии қишлоқ ба иҷрои муваффақиятноки программаи калони сохтмони асосӣ зич вобаста аст. Аз ҳамин сабаб дар он давра ҳукумати республика ба масъалаҳои ташкили бинокорӣ,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сохтмони объектҳои директивӣ, самаранокии сохтмони асосӣ диққат медод. Матбуоти даврагӣ низ бахшида ба ин мавзӯъ материалҳои гуногунжанру гуногунмазмун чоп мекард.

«Тоҷикистони советӣ» зери сарлавҳаи «Диққати ҷиддӣ ба сохтмони асосӣ» саҳифа ташкил намуда, дар он шумора бо номи «Бинокор» очерк чоп намудааст. Дар ин саҳифа хабару мақолахоро аз рафти кори сохтмончиён аз Норак, Регар, Конибодом ва Душанбе пешкаши хонандагон гардонидааст.

Газетаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикисгана» ва «Совег Тожикистони» зерисарлавҳаҳои калон аз пешрафту пешомадҳои индустрняи бинокорӣ ва саноати масолеҳи бинокорӣ материалҳои пурмазмуну диққатҷалбкунанда чоп карда, ба хонандагон пешкаш намудаанд. Дар иҷрои ин масъалаи муҳим газетаҳо дар навбати аввал ба бачанд бардоштани ҳисси масъулияти коргарон, коркунони инженер- техникӣ, лоиҳакашон барои ҳарчи зудтар ва харчи самараноктар ба амал баровардани нақшаҳои панҷсола диққат додаанд. Дар саҳифаҳои газетаҳо дар ин давра бахшида ба пешрафти прогресси илмӣ-техникӣ, баланд бардоштани фаъолияти эҷодии меҳнаткашон, ташкили мусобиқаи сотсиалистӣ, дар коллективҳои меҳнатӣ ба вуҷуд овардани муҳити кордонӣ ва ҷустуҷӯи эҷодӣ кас бисёр материалҳои пурмазмунро мутолиа карда метавонад.

Газетаи «Тоҷикистони советӣ» аз 7 сентябри соли 1971 зери сарлавҳаи «Бинокорон дар шароити нав» аз таҷрибаи кори коллективи трести хонасозии калонианели Душанбе мақолаи пурмазмун чоп кардааст. Аз ҷумла, сардори шӯъбаи ташкили меҳнат ва музди кори ин трест Г.Калиникин менависад: «Агар дар нимсолаи якуми соли 1970 55492 мураббаъ метр истиқоматҷо ба истифода дода шуда бошад, пас дар нимсолаи якуми соли 1971 61049 мураббаъ метр хонаю ҷой сохта, иҷрои план 116,6 фоиз таъмин карда шуд. Планҳо аз рӯи анҷом додани ҳаҷми корҳои бинокорӣ -монтаж 107,7 фоиз иҷро гардид. Ба ҷои 7650 ҳазор 7778 ҳазор сӯмина корҳо ба ҷо оварда шуданд, ки ин нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 11*1* фоиз зиёд асг. Ҳаҷми кори анчомдодаи ҳар як коргар нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашга 6,7 фоиз афзуд». Бо ҳамин мазмун газетаҳо аз рафти иҷрои супоришхои панҷсола ба хонандагон хабару мақола пешкаш намудаанд.

Яке аз мавзӯъҳои умдае, ки матбуот, радио ва телевизиони тоҷик инъикос мекард, мавзӯи дӯстии халқҳо буд. Ин мавзӯъ ду самт дошт: аввалан мустаҳкам кардани дӯсгии халқҳои Тоҷикистон, дигаре равнақ додани дӯстии халқҳои шӯравӣ. Бо ии мақсад аз ҳаёти оилаҳои интернагсионалӣ, аз ҳаёти халқҳои гуногуни Тоҷикистон очерку лавҳа ва мақолаҳо чоп карда мешуданд ва аз ҳаёти ҷумҳуриҳои бародарӣ саҳифа ва шумораҳои махсус ба табъ мерасиданд.

Дар охирҳои солҳои 70-ум дар ВАО мавзӯи ифтихори миллӣ, масъалаи забони тоҷикӣ, масъалаи Тоҷикистон ва ҳамсояхо хеле ҷиддӣ ба сахифаи матбуот, пеш аз ҳама рӯзномаҳои «Маориф ва маданият», «Точикистони советӣ» ва маҷаллаҳои «Садои Шарқ» ва «Илм ва ҳаёт» кашида шуданд.

Дар ин замон ба таблиги адабиёт ва санъати тоҷик матбуот таваҷҷӯҳи зиёд кард. Бо ин ном ва эчоди устодон Мирзо Турсунзода ва Бобоҷон Ғафуров

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фаъолияти эҷодии Зиёдулло Шаҳидӣ, Борис ЬСимёгаров, Малика Собирова, Малика Қаландарова, Маҳмудҷон Воҳидов, Аслӣ Бурҳонов. Ахмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова, Зафар Нозимов, Орифшо Орифов.

Одина Ҳошим ва садҳо дигар аҳли адабу ҳунар мусоидат мекард. Портретҳои эҷодӣ дар матбуот, телевизион ва радио густариш ёфт.

«Эстафетаи коргарӣ» -шакли нави мусобиқа. Соли 1971 дар Тоҷикистон шакли нави мусобиқаи сотсиалистӣ ба вучуд омад. Ташаббускорони ин мусобиқа бинокорони стансияи электрикии обии Норак буданд. Бинокорони ГЭС ӯҳдадор шуданд, ки агрегати якумро як сол пеш аз мӯҳлаг (соли 1972) ба истифода диҳанд. Иҷрои ин кор на танҳо ба бинокорон, инчунин ба корхонаҳое, ки барои сохтмон конструксияҳо. таҷҳизот, масолеҳи бинокорӣ мебароварданд, вобаста буд. Аз ин рӯ. бригадирони сохтмон М.Шарифов, А.Зуев, А.Поздняков, П.Стесенко ва бригадирони комбинати хонасозии Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) Б.Исмоилов, А.Маҷидов. В.Халдеев ӯҳдадориҳои иловагии сотсиалистӣ гирифтанд.

Норакиҳо ӯҳдадор шуданд, ки сутунҳо ва плитаҳои ба стансияи электрикӣ овардаро пеш аз мӯҳлат васл мекунанд. Орҷоникидзеободиҳо ӯҳдадор шуданд, ки ба майдони сохтмони ГЭС мохе 35 адад конструксияҳои оҳану бетонӣ фиристонида, барои сохтмончиён маснуоти мураккаби оҳану бетонӣ мебароранд. Коргарон аз ду газегаи Чӯмҳуриявӣ дархост намуданд, ки рафти иҷрои ӯҳдадорихои онхоро таҳти назорат гиранд. Ва ҳамин тавр, рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ» ва «Коммунист Таджикистана» эҷодгари шакли нави мусобиқа «Эстафет аи коргарӣ» гардиданд. Моҳи декабри соли 1971 дар саҳифаҳои ин ду рӯзномаи бонуфузи ҷумҳурӣ муроҷиатномаи коргарони ГЭС-и Норак, ки бинои асосии стансияи электрикии обиро бунёд менамуданд ва коргарони комбинати хонасозии Орҷоникидзеобод ба табъ расид.

Бинокорони стансияи электрикӣ сохтмончиёнро даъват намуданд, ки барои пеш аз мӯҳлат сохта ба истифода додани агрегати якуми ГЭС- и Норак бояд суръати корро тезонд. Даъвати бинокорони ГЭС-ро хонасозони Орҷоникидзеободӣ бо хушнудӣ қабул намуданд ва ин ду коллективи мехнатӣ байни худ шартнома бастанд, ки вай дар оянда «Эстафетаи коргарӣ» ном гирифт.

Аз ҳамон рӯзҳо сар карда, ҳам дар шаҳри Норак ва ҳам дар редаксияи газетаи «Коммунист Таджикистана» ва «Тоҷикистони советӣ» штаби махсусташкил дода шуд, ки вай ба инъикоси «Эстафетаи коргарӣ» сару кор гирифт. Мухбири «Тоҷикистони советй» Насрулло Асадуллоев, мухбири «Коммунист Таджикистана» Леонид Маҳкамов дар Норак ҳамроҳи бунёдкорони ин сохтмони азими аср кору фаъолият намуда, ҳар рӯз ба идораи газета хабару мақола навишта, саҳифа-илакатҳои мавзӯй ташкил дода, дар хусуси голибони мусобиқа нақл мекарданд.

Дар сохтмони ГЭС-и Норак мошинсозони шаҳрхои Свердловск, Харков, Запароже. Чехов. Жодино, кп гаҷхизоту дастгоҳ, трубинаҳо месохтанд, баъдтар ба «Эстафетаи коргарӣ» ҳамроҳ шуданд. Бо хохиши иштирокчиёни «Эстафетаи коргарй» газетаи «Известия» довар таъин гардид. Акнун ба инъикоси рафти иҷрои ӯҳдадориҳо на танҳо газетаҳои «Известия», «Правда», «Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикистана», балки рӯзномаҳои заводу иттиҳодияҳои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

истеҳсолӣ, корхонаю муассисахое. ки барои бунёдкорони ГЭС-и Норак таҷҳизоту дастгоҳ месохтанд, рафти мусобиқа ҳаматарафа мавриди баррасӣ карор гирифт. Хулоса, «Эстафетаи коргарӣ» хамчун шакли нави мусобика дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллахо, телевизион ва радиои тоҷик ҷои муҳиме пайдо карда буд.

Рӯзноманигорон баҳри он мекӯшиданд, ки на танҳо ҷиҳаги зоҳирӣ ва фактографии мавзӯъро инъикос намоянд, балки ҳамчунин дар маводи ин мавзӯъ умқи зиндагиро ошкор намоянд.

Дар ҳақиқат солҳои 70-ум дар Тоҷикистон давраи корнамоиҳои бузург, замони сохтмони комплекси Тоҷикистони ҷанубӣ огоз гардида буд. Ба сохта ба истифода додани стансияи электрикии обии Норак. сохтмони заводи алюминии точик, комбинати электрохимиявии Ёвон имконпазир гардид. Ба туфайли равнақу дастгирии «Эстафетаи коргарӣ» ду агрегати ГЭС-и Норак як сол пеш аз мӯҳлат 22 декабри соли 1972 ба кор андохта шуд. Ин комёбии меҳнатӣ ба туфайли меҳнати ҳазорон- ҳазор нафар коргарон, мутахассисон, олимон ба даст омад. Коргарони бригадаи сохтмону монтажчиёни М.Шарифов, П.Стесенко, В.Поздняков дар Норак, челонгарони бригадаи П.Ткаченко, Н.Козлов, И.Макаренко дар Запороже, васлгароии бригадаи С.Топорков,

В.Ёрмуҳаммадов, В.Топалов дар Свердловск ва дигарон бо ҳисси ватанпарварона кор карда, нақшаҳои истеҳсолиро пеш аз мӯҳлату босифат ба ҷо оварданд.

Меҳнати бунёдкоронаи коргарону мутахассисони стансияи эяектрикии обии Норак ба рӯзноманигорону адибон илҳоми нав ба нав мебахшид. Аз ин рӯ, дар ҳар як шумораи рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳурӣ тахти унвони «Хабархо аз Норак» силсилаи хабару мақола, репортаж, лавҳа, очерк ба табъ мерасид. Нуктаи сайёри мухбирони «Тоҷикистони совегӣ», «Коммунист Таджикистана», «Известия», баъдтар телевизион ва радиои тоҷик бо номи «Корномаи Норак» моҳе ду маротиба рӯзнома- плакатро чоп менамуданд.

Ташаббуси норакихо дар ҷумҳурӣ ва дар сар то сари собиқ И ттиҳоди Шӯравӣ васеъ пахн гардид. Ба гуфайли дар воситахои ахбори умум васеь инъикос намудани «Эстафетаи коргарӣ» ин шакли мусобика дар сохтмони ГЭС-ҳои Тухтагул. Уст-Илимск, заводи «Азовстал»-и шаҳри Жданов, заводи авто.мобилсозии шахри Толятти ва гайраҳо пайравони зиёди худро ёфт.

Дар натиҷаи «Эстафетаи коргарӣ» сохтмони ГЭС-и Норак 15 мох пеш аз мӯҳлат (4 октябри соли 1979) ба охир расид.

Солҳои ҳаштодум дар инкишофи микдорӣ ва сифатии матбуоти республика низ тағйирот ба амал омад. Соли 1981 газетаи «Маориф ва маданият», ки аз охирҳои солҳои панҷоҳум нашр мешуд, ба ду рӯзномаи мустақил ҷудо шуд. Дар заминаи он рӯзномаҳои «Маданияти Тоҷикистон» ва «Г азетаи муаллимон» таъсис ёфтанд. Соли 1982 бошад. рӯзномаи «Маданияти Тоҷикисгон» ба хафтаномаи «Адабиёт ва санъат» табдил ёфг. Он аввалин нашрияи тоҷикӣ буд, ки дар ҳаҷми 16 сахифа аз чоп мебаромад.

«Маданияти Тоҷикистон». Газета органи Вазорати маданият ва Правлениями Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон. Шумораи аввалини он 1 январи соли 1981 ба табъ расид, ҳафтае ду маротиба дар Душанбе чоп мешавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯшаҳои «Чеҳраҳои ҳунар», «Аз дафтари назм», «Дар арзҳои дӯстӣ», «Эҷоди ҷавонон», «Рассом ва китоб», «Ёднома» ва ғайра доир ба адабиёт, санъат, китобхонаҳо, кори қасрҳои маданият ва симоҳои барҷастаи адабиёт ва санъат мақолаҳо. лавҳаҳо, очеркҳо ва дигар материалҳоро ҷой медиҳанд. Адади нашр тақрибан 30 ҳазор нусха аст. Ҳоло бо номи «Адабиёт ва санъат» чоп мешавад.

«Маориф ва **маданият».** Органи Вазорати маориф ва Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон буда, аз 20 июли соли 1932 инҷониб чоп мешуд. То соли 1938 «Барои маорифи коммунистӣ» ном дошт. Аз 7 ноябри соли 1938, №102 (543) «Газетаи муаллимон» (органи Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон ва КМ иттифоқи касабаи коркунони маориф, мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии РСС Тоҷикистон) номида шуд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чопи он муваққатан қатъ гашт. Аз 2 апрели соли 1959, №41 (1554) газета номи «Маориф ва маданият»-ро гирифта ва ҳафтае 3 бор чоп мешуд. «Маориф ва маданият» барои муаллимону олимони соҳаҳои гуногуни илму фан, ходимони маорифу маданият ва санъаткорон пешбинӣ шуда буд. Газета дар саҳифаҳои худ масъалаҳои гуногуни таълиму тарбия, адабиёту санъат, ҳаёту фаъолияти муаллимону санъаткоронро инъикос намуда, оид ба таҷрибаи пешқадами муалпимон ва ходимони маорифу маданият мақолаҳо чоп мекард. «Маориф ва маданият» дар даврае, ки Б.Бердиева муҳаррираш буд, хислати тезутунди иҷтимой пайдо карда, ба баҳсҳои илмию адабӣ бештар таваҷҷӯҳ намуд. Дар ин нашрия Б.Насриддинов, Бозор Собир, Ҷумъа Одина, А.Саъдуллоев, С.Сайфуллоев хидмат кардаанд. Аз 1 январи соли 1981 бо номи «Газетаи муаллимон» ва минбаъд бо номи «Омӯзгор» чоп мешавад. Адади нашраш ба зиёда аз 30 ҳазор нусха расида буд.

Дар ин давра инчунин маҷаллаи «Коммунист Таджикистана», рӯзномаи «Пионер Таджикистана» хамчун нашри тарҷумавии нашрияҳои мавҷудаи тоҷикӣ ба миён омаданд.

«Чашма». Нахустин маҷаллаи мусаввар барои кӯдакони синни то мактабӣ буда. соли 1986 таъсис ёфтааст. Муҳаррираш Камол Насруллоҳ. Хислати аслии ин нашрия дар он буд, ки бештар бо расм қисса мекард аз ашъори кӯдакона, афсонаҳои кӯтоҳ истифода менамуд. Вай аввалин маҷаллае буд, ки барои тарбияи завқи эстетикии кӯдакони синни то мактабӣ пешбинӣ шудааст.

«Фарҳанг». Шумораи аввалини ин маҷалла мохи январи соли 1991 дастраси хонандагон гардид. Дар он аз ҷумла, оварда шудааст: «Инак, маҷаллаи «Фарҳанг» ба дасти шумо расид. Умедворем, ки фарҳанги «Фарҳанг» ба дили шумо нуру сафо бахшида, бо чароги маърифат роҳи зиндагониамонро мунаввар месозад». Маҷалла аз тарафи Бунёди фарҳанги Тоҷикистон нашр мегардад.

Дар солҳои ҳаштодум дар нохияҳои Илич, Ховалинг, Шуғнон рӯзномаҳо таъсис шуданд ва «Бадахшони советӣ» ба нашри формати пурра гузашт. Дар ин давра таъминоти моддию техникии базаи полиграфии республика низ хеле беҳтар гардид. Агар дар солҳои ҳафтодум нашри матбуоти марказӣ - «Правда», «Известия», «Комсомольская правда» ва дигарон дар Тоҷикистон огоз ёфта бошад, пас дар солҳои хаштод нашри офсетии матбуоти тоҷик ба роҳ монда шуд, ки ин албатта ба сифати матбуот бетаъсир намонд.

Журналистикаи точик чӣ буду чӣ шуд, вай бо кадом роҳҳо тараққӣ кард,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

киҳо барои пешрафти он мадад намуданд. Барои ба ин саволҳо ҷавоб гардонидан, саҳифаҳои газетаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикистана», «Совет Тожикистони», «Комсомоли Тоҷикистон», «Комсомолец Таджикистана», «Газетаи муаллимон». «Пионери Точикистон», газетаҳои вилоятию шаҳрӣ ва райониро варак задан кифоя аст. Онхо дар зарфи тамоми мавҷудияти худ идеяҳои инсондӯстию ватанпарварӣ, сулҳу амният ва хайрхоҳӣ ба инсон, ба оммаҳоро таблиғ менамуданд. «Тоҷикистони Советӣ», «Коммунист Таджикистана», «Комсомоли Тоҷикистон» дар сохтмони иншоотҳои азими республика, ба монанди сохтмони ГЭС-ҳои Варзоб, Сарбанд. Норак, комбинатҳои абрешими Душанбею Ленинобод, комбинати бофандагии пойтахт, заводи алюминии Тоҷикистон, заводи электрохимиявии Евон. роҳи оҳани Тирмиз-Қӯргонтеппа-Ёвон. комплекси агросаноатии Ховалинг, туннели ирригатсионии Данғара ва гайра ҳиссагузоранд.

«КоммунистТаджикистана», «Тоҷикистони Советӣ» ҳаками бисёр мусобикаи сотсиалистии байни пахтакорону механизаторон, сохтмонҳои мухими республика буда. барои сари вакт кишт кардани пахта. ҷамъоварии он, пеш аз мӯҳлат ба истифода додани обьектҳои муҳим пайваста монда нашуда ҳисса гузоштанд.

Газетаи «Тоҷикистони советӣ» дар соли 1983 барои инъикоси хуби рафти мусобиқаи сотсиалистӣ ғолиби конкурси Иттифоки журналистони СССР гардида буд.

Газета солҳои пеш агар дар саҳифаҳояш проблемаҳои пахтакорӣ барин масъалаҳоро бардошта, ҳал карда бошад, пас баъдгар коллективи он ба проблемаҳои муҳим, аз ҷумла, баланд бардоштани сифати маҳсуло! ва самараи истеҳсолот, масъалаҳои калон вобаста ба иҷрои Программаи озуқаворӣ, мелиоратсия ва энергетика кувваи хешро ба харҷ додаанд.

«Тамоми фаъолияти газетаи «Тоҷикистони советӣ» аз рӯзи ташкил ёфтани он, -гуфта шуда буд дар мактуби табрикии давлату ҳукумат ба унвони рӯзнома, - ба ҳаёти халқ, ба корҳои қахрамононаи меҳнаткашони Тоҷикистон дар мубориза баро барпо кардани ҳаёги нави сотсиалистӣ зич алоқаманд аст...».

Ин суханҳои самимии ҳукумати республика дар ҳаққи газета вақте гуфта шуданд, ки шумораи 10-ҳазорумини «Тоҷикистони советӣ» ба табь расид. Соли 1975 бошад, ҷашни нимасраи газета ботантана қайд карда шуда буд. Соли 1985 бошад, аҳли илму маданияти Тоҷикистон, тамоми меҳнаткашони республика, мухбирони коргару деҳқон санаи пуршараф -60 солагии фаъолияти ҷамьиятию сиёсӣ ва эҷодии газетаи «Точикистони советӣ»-ро ҷашн гирифтанд.

Аз қуллаи баланд ва фараҳбахши шасги камолоти газета ба гузаштаи пуршарафи он назар афканда, боифтихор ва қалби аз мехр саршор мегӯем, ки «Тоҷикистони советӣ» дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва давраи баъди ҷанг ба рафти ҳаёти ҷамъиятӣ ва иқтисодии республика таъсири калон расонд. Мавриди қайд аст, ки дар тамоми солҳои мавҷудияти худ дар саҳифаҳои газетаҳои республикавӣ («Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикистана», «Комсомоли Тоҷикистон», «Совет Тожикистони», «Комсомолец Таджикистана») асосан ду жанри ахбор -хабар ва ҳисобот ва як навъи публитсистика - мақола мавқеи зиёде

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дошт. Хабар аз ҷумла, жанри асосии газетаҳо ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ. хабар дар саҳифаҳои газетаҳо ҷои калонро ишғол карда буд, ки хонандагони худро аз муҳимтарин, заруртарин воқеаҳои рӯз сари вақт огоҳ намояд.

Қисми дигари материалхое. ки дар газетаҳо чоп карда мешуданд. ҳисобот характери рӯякй дошта, дар онхо воқеае, ки дар ин ё он ҷамъомад ба вуҷуд меомад, ба тафсил накл карда шудаанд. Бар хилофи ҳисоботи имрӯза, солҳои пешин мухбирон ба ҷудо кардани мавзӯи асосй. ба хулосабарори намекӯшиданд.

Мақолаҳои газета бошад, мақолаҳое буданд, ки онҳоро роҳбарони партия ва ҳукумати республика ба муносибати ин ё он вокеаи муҳим ё маърака менавиштанд. Онҳо бештар характери даъваткунанда. хусусияти директивӣ доштанд. Маколаҳои чи дирӯз ва чи имрӯз дарҷшуда симои асосй, равия ва мақсади асосии газетаро муайян мекунанд.

Дар матбуоти тоҷик солҳои 80 ва 90 асри гузашта жанри очерк яке аз мақбултарин жанрҳои эҷодй гардидааст. Очерк ва лав.ҳа қариб дар ҳар шумораи газета пайдо мешавад. Қаҳрамонии ин очеркҳо бунёдкорони сохтмонҳои нав ва пахтакорону пиллапарварон, ободкунандагони даштҳои ташналаб ва созандагони роҳи оҳани Кӯргонтеппа-Кӯлоб, кормандони илму маданият ва ходимони саньат, хулоса тамоми халқи тоҷик мебошанд.

Жанри очерку лавҳа-жанре, ки ба воситаи он ҳаёти бунёдкоронаи мардуми кишварамон инъикоси худро меёбад, дар газетаю журналҳо мақоми калонро ишғол намудааст.

Доираи мавзӯъҳо ва жанрҳои газетаҳо дар ин давру замон хеле васеъ гардид, ки ин чо дар хусуси ҳар кадоми онхо алоҳида ва муфассал сухан рондан имкон надорад. Фақат гуф тани он кифоя аст, ки маҳсули эҷодиёти репортёрҳои матбуоти тоҷикро ҳар рӯз аз соҳили дарёи Сир то қуллаи Боми Ҷаҳон, аз водии зархези Вахш то Кӯлоб, аз водии зарнисори Ҳисор то кӯҳистони Қаротегин, хуллас дар ҳама гӯшаю канори республика дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик ва берун аз он дидан мумкин аст.

11. Телевизиони тоҷик

'Тслевизион дар Т о'шкистон 3 октябри соли 1959 ба кор шурӯъ намуд. 2 феврали соли 1960 студияи сайёри телевизионй (ССТ) ба фаъолият сар кард. Аз соли 1967 инҷониб тамошобинон барномаҳои Телевизиони марказӣ (ҳоло ОРТ. РТР) ва студкяи тедевизиони Тошкандро ба воситаи канали релеии Душанбе-Тошканд тамошо мекунанд. 25 январи соли 1975 ботад, стансияи сайёри телевизиони ранга ба кор даромад.

Дар тамоми ҷаҳон телевизионро чун воситаи тавонои тарғиботиву ташвиқотй, инъикоскунандаи тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, эҳсосоти иҷтимоӣ, дарки олам, раҳнамои инсон ба ҷаҳони илму маърифат, кайфияти меҳнату фароғат ва эчодсози ҷомеаи солим хуб мешиносанд.

Гӯё дирӯзакак телевизиони сиё.ҳу сафед ба телевизиони ранга табдил ёфт. Аввал экрани хурд бо тасвирҳои сиёҳу сафед, баъдтар чои онро экранҳои калон, тасвирҳои ранга гирифтанд.

Телевизиони имрӯз вазифаҳои радио ва киноро низ бар дӯш дорад. Телевизион пас аз маъмул гаштани садо ва синамо тамошобинони бсштаре пайдо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кард.

Телевизион нисбат ба воситаҳои ахбори ташвиқотӣ-матбуот, радио, синамо хусусиятҳои ба худ хос дорад. Вай ҳар лаҳза вориди хар хонадон мегардад. Вай мардумро дар лаҳзахои кӯтоҳ бо воқеоти муҳими кишвару олам ошно месозад, ба гаври фаврӣ мустақиман аз рӯйдодҳои мубрами рӯз иттило медиҳад, рӯ ба рӯ бо бинандагон сӯҳбат дошта, хамаро бо ҳар гуна рӯйдоду вокеот хабардор мссозад.

Телевизион аз дшар ВАО фарқ менамояд. Масалан, дар матбуот зокеот, факту рақамҳо, таҳлили мавзӯъҳо, рӯи коғаз дарҷ мегардад, хонанда онхоро иитихобан мехонад. Одамони маьдумотнок дар ин маврид ба назар гирифта мешаванд, яъне онҳое, ки хонда метавонанд, таъсиррасонӣ баъзан тавассути суратҳо аст, кам будани шумораи хонандагонаш (кам будани имконияти харидани рӯзномаву маҷаллаҳо), асосан онро ашхоси кам мутолиа менамоянд. Иловатан хабари воқеоти му.ҳим рӯзи дигар с пас аз чанд рӯз дарҷ мешаванд. Дар телевизион бошад, худи ҳамон рӯз ва ҳамон лаҳза псшкаши тамошобинон мегардад.

Кори эҷодии кормандоыи гелевизион ва садо бошад, аз ин ҷиҳат ба ҳам шабохат доранд: умумияти бинандагон ва шунавандагон. имконияги якхелаи дарккунӣ, тамошо ва шунидани барномаҳо аз тарафи як оила ва с миллионҳо одамон, лар як вақт мустақиман шунидани гуфч орхо ва тамошои барномаҳои телевизион дар микёси мамлакат.

Телсвизион ҳам ба органхои шуиавоӣ таъсир мерасснад ва ҳам ба биной, яъне дарки эҳсосоти якҷоя дида мешавад. Садо танҳо ба органи шунавоӣ таъсир мерасонад. Асоси ғуфторхои садо ин овоз асту асоси барномаҳои гелевизион ин тасвир мебошад.

Телевизион нисбати кино хусусияти хосаи худро дорад. Телевизион таъҷилан всқеотро, ҳамон лаҳза, айнан намоиш медиҳад ва бинанда пешазҳама шохидп воқеог мегардад. Кинобошад,имконпяти гаъҷштак намоиш додани вокеозу ҳодисотро надорад, рӯйдодҳои гу заштаи ба навор сабтёфтаро дар филмҳо истифода мсбарад. ки ин фаъолияти дарки психологиро каме сустл ар мегардонад.

Кино имконияти наворбардории тӯлониро дорад, аммо и.мконияти тахдилии фактхоро надорад. Дар экранҳо воқеотро мустақиман нишон дода наметавонад. И.мконияти мустақиман нишон додани митингу вохӯриҳову ҷаласаҳоро надорад, наворбардорон танҳо лаҳзаҳоро ба навор гирифта, нешкаши тамошобинменамояд.

Висёрихо шояд надонанд, ки ҳар як хабар, барнома. намоишномаҳо дар телевизион бо чй кадар баҳсу мунозира, давутозхои кормандони эчодию техникӣ пешкаши мардум гардонида мешавад. Одатан тамошобин дар экран ганхо наттокону барандагони барномахо ва иштирокчиёни онҳоро мебинанд. Аммо аз паси кадр гурӯ.ҳи зиёди кормандонро. ки аз огози пайдоиши сенарияи барно.ма сар карда, то омӯзиши мавзӯъ, интихоби иштирокчиён. наворбардорӣ. сабту танзиму ба эфир баромадан заҳмати беандоза мекашанд, намебинанд. Кистанд онҳо?

Дар таҳияи барномаҳои телевизион намояндагони зиёда аз 40 касбу кор

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

иштирок менамоянд, аз ҷумла, сармуҳаррир, муҳаррири калон, муҳаррири хурд, саркоргардон (саррежиссёр), коргардонҳои дараҷаҳои гуногун, ассистентони онхо, ёварони коргардон, корсозҳо. наворбардорони дараҷаҳои гуногун, ассистентони онхо, тасвирбардорон, садобардорон, гримкунандагон, рӯшноидихандагон, рассомон ва гайраю дигарон.

Дар телевизиони тоҷик ба танзиму ҳамохангсозии барномаҳо Дирексияи барномаҳо назорат менамояд. Бо сарварии директор ва Дирексияи барномаҳо накшаҳои ҳармоҳа ва солонаи эҷодии сарредаксияхои телевизион, ки шумораи онҳо дар солҳои 1980-1990 аз 8-то иборат буд, дар солҳои 2000-ум ба 6 Иттиҳодияи эҷодӣ расид, кору фаъолият менамоянд.

Дар телевизион Иттиҳодияҳои эҷодӣ фаъолият доранд ва ба ҳар яке соҳаҳои мухталиф вобаста асту аз рӯи тақсимоти муайян барномаҳояшон бо шаклҳои хоса таҳия мегарданд.

Агар соли 1959 дар телевизион 54 нафар кор мекарда бошанд, дар соли 1990 шумораи онҳо зиёда аз 400 нафар аст. Агар солҳои аввали таъсисёбии телевизион кадрҳо қисман аз ҳисоби шоирону нависандагон, рӯзноманигорон, кормандони радио интихоб мегардиданд, ҳоло бошад. пас ба кори телевизион бештар ҷавонон ҷалб карда мешаванд. Зеро Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Донишгохи славянии точикӣ- русии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд, Донишгохи ҳунарҳои зебои Тоҷикистон барои соҳаи телевизион мутахассисон тайёр менамояд.

Энсиклопедияи Миллии Точик. Савияи рушд ва дараҷаи тараққиву инкишофи миллату давлатро дар нисбати иқтисодиёту сиёсату иҷтимоиёт, фарҳангу маънавиёт равшантару дақиқтар муайян месозанд. Бахусус, фарҳанг ба мафҳуми васеаш дар давраи давронсоз барои давлати мо мӯчиби таҳрики эҳё ва истиқрори асолат аст. Ва фарҳант - маънавияти инсон, ки падидаи зарифтарин, нозуктарин ва латифгарини банӣ одамист, тавассути навишторҳо, аз қабили китобҳои донишҳои маҷмӯӣ, энсиклопедияҳо аз насл ба насле мерос мемонад.

Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик имрӯз муассисаи мустақилу соҳибихтиёри илмӣ ва нашриявии Вазоратн фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, табъу нашри энсиклопедияхон умумиву минтакавӣ, энсиклопедияҳои соҳавӣ, асархои энсиклопедни як муаллиф. лугату фарҳангҳои энсиклопедй. маълумотномаҳон соҳаҳои алоҳидаи илм, фарҳангҳои мӯътамаду луғатҳои бисёрзабона, асарҳои илмӣ ва илмию оммавии таърихӣ, фарҳангӣ ва техникиро ба ӯҳда дорад.

Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудани китобҳои бузургҳаҷму васеъформа дар гузашта ривоҷ надошта бошад ҳам, бо вуҷуди ин Матбааи аввал (ҳоло Ҷамъияти саҳҳомии «Матбуот») ва Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе чопи энсиклопедияро ба дӯш гирифтанд. Соли 1978 ҷилди 1-уми Энсиклопедияи Советии Тоҷик бо теъдоди 20 ҳазор нусха аз чоп баромад. Ба ҳамин тартиб пайиҳам ҷилдҳои дигар аз нашр баромада, тавассути муассисаҳои савдои китоби «Тоҷиккш об» ва «Тоҷикматлубот» дастраси омма гардидаид.

Дар ҳашт ҷилди Энсиклопедияи Советии Тоҷик бештар аз 24 ҳазор мақола ҷой дода шудаанд, ки аксари истилоҳот ва ҳамчунин бархе аз маълумот

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

боринахуст чоп гардидаанд. Масалан, танҳо дар саҳифаҳои 8 ҷилди Энсикдопедияи Советии Тоҷик 700 расми сиёҳу сафсд, 148 замимаи ранга, 118 харитаи ранга ва 397 харитаи штрихӣ ҷиҳати такмили матни асосӣ чой дода шудаанд.

Рӯйиҳам Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик дар зарфи фаъолияти 35-солааш кариб 100 номгӯй китобҳои гуногунро чоп кардааст. Аз ҷумла «Фарҳанги осори Ҷомӣ», «Лугати гуфтугӯйии русӣ- тоҷикӣ», «Баёзи насри форсу тоҷик», «Лугати русии эсперанто», «Ленинномаи тоҷик», «Фарҳанги тиббӣ» (русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ дар 6 ҷилд), «Луғатитафсири калимахои русӣ-интернатсионалӣ», «Рустаниҳои доругии худрӯйи Тоҷикистон», «Лугати Энсиклопедии истилоҳи санъатшиносӣ», «Дарёи суруд», «Ҳазору як корнома», «Китоби хотира», «Қонуни тиб» (дар 6 ҷилд), «Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (дар 2 ҷилд), «Энсиклоиедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (дар 3 ҷилд), «Энсиклопедияи Хуҷанд», «Энсиклопедияи Душанбе»-ро нашр намуд.

Аз шахсиятҳое, ки дар кори Энсиклопедияи точик саҳми калон доштанд, С.Раҷабов, А.Маниёзов, М.Диноршоев, А.Турсунов, О.Сайфуллоев, У.Азизқулов, У.Тохиров, У.Назаров, М.Бозорова, У.Олимов, И.Раҳматов, С.Содиқова, А.Тошев, А.Нуров, А.Қурбонов, Б.Раҳматов, К.Шарифов, М.Саидова, М.Шарифова, М.Диловаров, М.Ҳоҷиматовро номбар кардан мумкин аст.

12. Публитеистикаи нимаи дуюми асри XX

Аз солҳои панҷоҳум сар карда дар Ватани мо давраи осоиш шурӯъ шуд, ки он то нимаи солҳои ҳаштодум. то замони бозсозӣ давом кард. Ин даврае буд, ки давлат бо роҳи устувор пай дар пай муваффақиятҳо ба дастмеовард. истехсолот пешрав ва маданият низмуваффак ва рӯзгор осуда мешуд. Ин масъалаҳо мавзӯъҳои асосии рӯзгор буданд. Журналистикаи ин давра ба чунин матодиби публитсистие даст мезад, ки ин пешравиҳои бузургро инъикос карда тавонад.

Дар ҳамин замина дар журналистикаи ин давра се жанр - очерк, мақола ва фелетон хеле маъмул ва эҷодкороне ба майдон омаданд, ки маҳз ба ҳамин жанрҳо даст мезаданд. Бисёре аз ин эҷодкорон дар майдони журнаяистика кор оғоз карда. онро дар адабиёт низ анҷом доданд. Дар бобати публитсистони асосии солҳои 50-80 сухан ронда, пеш аз Аъзам Сидқӣ, Мутеъулло Наҷмиддинов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ибод Файзуллоев, Шодӣ Ҳаниф ва Шодӣ Сайидро зикр кардан лозим аст. Онҳо ба муҳимтарин проблемаҳои вақт даст зада. дар бораи азхудкунии заминҳои нав, ривоҷи сохтмон васаноат, дар хусуси -интеллигенсия ва дӯстии халқхо сухан гуфтаанд. Масалан, Мутеулло Наҷмиддинов бештар дар бораи деҳқонон- пахтакорон ва чорводорони водии Вахш эҷод кардаанд. Ибод Файзуллоев яке аз фелетоннависони пуркудрат буд ва Фазлиддин Муҳаммадиев дар навъҳои гуногуни очерк, аз ҷумда очерки сафарӣ, инчунин дар жанри фелетон асарҳои ҷолиб таълиф намудааст.

Дар насли дигари эҷодкорон публитсистикаи Отахон Латифӣ, Нур Табаров, Бахтиёр Муртазоев таваҷҷӯҳро бештар ба худ ҷалб менамояд. Мавзӯи онҳо низ пеш аз ҳама зироат мебошад.

Насли ҷавонтар аз ин -Ато Ҳамдам, Раҷаб Мардон, Иноят Насриддин, Хушвахт Ҳайдаршо бо он фарқ мекунанд, ки онҳо сархади байни публитсистика

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва адабиёги бадеиро бештар риоя мекунанд.

Дар назари иддае менамояд, ки худи публитсистикаро дар ду сатҳ мулоҳиза кардан лозим аст: матбуотӣ ва адабӣ. Албатта, ин фикр саҳех нест. Зеро он чи барои адабиёт таълиф шудааст, дар матбуот низ нашр мешавад ва он чи нахуст дар ВАО пайдо шудааст, ба сифати китоб низ ба табъ мерасад. Яъне василаи ахбор муайянкунандаи хусусияти жанр шуда наметавонад.

Отахон Латифӣ

Отахон Латифӣ ба идораи «Правда» -рӯзномаи серхонандатарини собиқ Иттиходи Шӯравӣ аз рӯзи аввал боҷуръатона қадам гузошт. Рӯзномаи «Правда» ҳамчун органи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ сокинони мамлакатро ба сохтмони ҷомеаи навин сафарбар намуда, масъалаҳои инкишофи иқтисодиёт, илму техника, мактабу маориф, адабиёту санъат, илму фарҳанг ва дӯстии халқҳоро пайваста инъикос менамуд ва дар байни хонандагони бешумор мавқеи хосе дошт.

Рӯзнома дар Маскав ва 46 шаҳр (тавассути алокаи фототелеграфӣ ё матриса) ба тиражи умумии зиёда аз 12 миллион нусха нашр шуда, да байни аҳолӣ паҳн карда мешуд. Дар саҳифаҳои «Правда» порчаҳо а? асархои устод С. Айнӣ, А.Лоҳутӣ Б.Ғафуров, М.Турсунзода, С.Улуғзода. М.Миршакар ва дигар адибону олимони номии тоҷик мутахассисон ва пешқадамони истеҳсолоти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди пробле.махои маҳаллии хоҷагии халқи кишвар, илм ва фарҳанг нашр мешуданд.

Ва ҳангоме ки Отахон Латифӣ соли 1973 ҳамчун мухбири махсуси «Правда» дар Тоҷикистон ба фаъодият огоз намуд, вай ба туфайли қалами бурро ва ҳақгӯи хеш тавонист Точикистон ва тоҷикистонихоро бештару хубтар аз саҳифаҳои ин рӯзномаи бонуфуз ба оламиён муаррифӣ намояд. Дар паси ҳар сатри навиштаи ӯ тақдири ҳазорон одамон акс меёфт. Нависандаи бузурги рус Ф.Достоевский дар боби одамият мефармояд: одамони хуб ду навъанд: аслӣ ва шартӣ. Одамони аслан хуб инҳоянд, ки ҷавонмардию шуҷоаташон аз тарафи халқ ба таври ихтиёрӣ шинохта ва писандида шудааст. Одамони шартан хуб бошанд. ба хотири мақсаду нияти олӣ -таъмини тартибот ва пойдории ҷамъият ба таври расмӣ шинохта ва писандида мешаванд.

Отахон Латифӣ ҳанӯз ба мансаби мухбири махсуси «Правда» нарасида, эҳтироми умум ёфта буд. Вай соли 1963 факултети журналистикаи Донишгохи давлатии шаҳри Ленинградро хатм намуда, аввалан дар нашриёти «Ирфон», баъдан дар рӯзномаҳои «Комсомолец Таджикистана», «Ко.мсомоли Тоҷикистон», «Комсомольская Правда>> кору фаъолият намуда, худро чун рӯзноманигори соҳибқалам нишон дод. Мардум самараи ранҷу меҳнат, бедорхобиҳо, ҷустуҷӯйҳои эҷодии ӯро дид ва дӯсташ дошт. Ба туфайли ақли расо. дониши хуб, идроки дурандешонааш дардилу дидаи халқи тоҷик ҷой гирифг.

Чуноне ки дар боло ёдовар шудем, Отахон Латифӣ дар оилаи сахтгиру масъулиятшиноси аҳли эҷоди «Правда» дар як мудцати кӯтоҳ ба худ чои муносиб ёфт. Бо навиштаҳояш нақши худро гузошт, нақши намоёну хотирмон. Пеш аз ҳама, доираи мавзӯъҳои публитсистикаи Латифӣ ҳангоми кору фаъолияташ дар рӯзномаи «Правда» хеле доманадор буд. Вай бештар бо проблемахое рӯй

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

овардааст, ки онхо натанҳо дирӯз, балки имрӯз ҳам дорои ахамияти умумихалқй ва давлатӣ мебошанд.

Рӯзномаи «Правда» 21 ноябри соли 1988 мақолаи проблемавии Отахон Латифиро зери сарлавҳаи «Сарбанд» чоп намудааст, ки дар зерсарлавҳааш омадааст: «Ҳангоми дар кӯҳсор сохтани иншоотхои азими гидротехникӣ баҳру биёбонро низ набояд фаромӯш кард» ва баъд андешахои худро идома медиҳад:

«Мо аз сарбандҳои баланди стансияхои электрии обии кӯҳсорамон ба вақд меомадем ва меоем. ГЭС-и Норак ва сарбанди 300 метраи дастбунёди он на фақат рамзи кишвар гардид, балки дар таҷрибаи ҷаҳонии афзоиши захираҳои энергетикӣ саҳифаи нав ҳам шуд. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин набуд. Аввалин бор дар миёни кӯҳҳо дар минтақаи заминҷунбиҳои нӯҳбалла чунин объекти азим бунёд шуд. Чунин қарордоди далеронаи илмию-техникй касро ба ҳайрат меоварад ва меорад, зеро дар ин ҷо заминҷунбӣ сарбандро хароб не, балки боз ҳам мустаҳкамтар менамояд.

Дар сохтани стансияи злекгрии навбатии қаторшаршараҳои Вахш дар сохтмони ГЭС-и Роғун лоиҳакашҳо нияг доранд, ки сарбанди боз ҳам баландтар 335-метра бунёд кунанд. Вале ин замон сарбанди хурдакаки обанбори Саргазон хароб шуду фалокат рӯй дод. Маҷрои об даҳҳо хонаи истиқоматӣ, биноҳои ҷамъиятй ва хоҷагиро хароб кард. Одамони бисёре ҳалок шуданд. Олимону мутахассисон аз хусуси ҳамаи сарбандҳо ба ташвишу изтироб омаданд. Онҳо аз хусуси сарбанди Роғун ҳам дар пеши назари уму.м ташвиши худро баён карданд. («Правда»,

18 марти соли 1987)».

Ин ҷо биёед, як андеша намоем: аз навишта шудани ин мақола расо чоряк аср сипарй гардидааст, вале ҳанӯз проблемае, ки рӯзноманигор ба миён гузоштааст, мавзӯи омӯзиш, тахқиқ ва таҳлил қарор дорад.

Дар мақолаи дигари проблемавии Латифй, ки таҳти унвони «Чашмаҳои водиҳои гарм» 24 феврали соли 1987 дар «Правда» чоп шудааст, вай ба проблемаи боз ҳам глобалй-бӯҳрони экологӣ дар осиёи Миёна ва фоҷиаи Баҳри Арал рӯй овардааст. Вай навишта буд:

«Нобудшавии пиряхҳоро то вақтҳои охир касе пай намебурд, ба ин масъала эътибор дода намешуд. Охир сатҳи оби дарёҳо аслан паст намешавад. Касе эътибор намедод, ки ин дарёҳо, бинобар зуд обшавии барфу пиряхҳо пуробанд. Ҳанӯз, ки дер нашудааст, ин масъалаҳоро омӯхтан лозим аст, -мегӯяд физики муҳаккиқи атмосфера, сардори управлениями гидрометеорологияи Тоҷикистон А.Шукуров. Аввалан соли гузашта пункти душанбегии мухбирони «Правда» «мизи мудаввар» ташкил кард. Дар он маҷлис масъалаҳои бисёре муҳокима шуданд. Аз ҷумла масъалаҳои зерин мавриди муҳокима қарор ёфта буданд: камзаминй ва хусусиятҳои демографии республика, ки суръати баланди афзоиши ахолӣ ба он хос аст: душвориҳои ёфтани сузишворй дар районҳои кӯҳӣ ва буридани дарахтони ҷангалхои бе ин ҳам нокифоя, ки боиси аз ҳад зиёд гарм шудани кӯҳсор ва об шудани барфу пиряххо мегардад: характери саноат ва нақлиёти ҷануб бояд чӣтавр бошад, то ки партови пасмондаҳо ба атмосфера ҳарчи камтар хориҷ карда шавад?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар он маҷлис албатта аз хусуси роҳхои хеле кам кардани сарфи об ба ҳисоби ҳар воҳиди маҳсулот низ сухан ронда шуда буд.

Ҳозир Академияи илмхо чораҳои омӯзиши комплсксии масъалаҳои экологиро меандешад. Ташкили филиали АИ Тоҷикистон дар вилояти автономии Бадахшони Кӯҳӣ дар ин роҳ бояд марҳилаи муҳим гардад. Охир дарёи азими Осиёи Миёна -Амударё аз оби пиряху барфи кӯху талҳои 11омиру Олой сар шуда, ба оби онҳо пурра мешавад. Ба тадқиқи ин масъала Академияи илмҳои СССР ҳам эътибори калон медиҳад.

Куввахои илмӣ, мутахассисоне, ки тарзҳои оқилонатари истифодаи заминҳои нави Осиёи Миёна ва истифодаи самарабахши оби дарёҳоро тавсия кардаанд, буданд ва ҳастанд. Вале фикри онҳо иеш ба эътибор гирифта намешуд. Кори онҳо ҳозирҳам осоннест. Касодии тафаккурро, ки замони маъмул будани системаи амрдиҳию маъмуриятчигӣ ташаккул ёфта буд. бартараф кардан осон нест.

Ба худ тасаввур кунед, ки олимон пешопеши бинокорон рафта, ба лоиҳа ислоҳҳо хоҳанд даровард. Вале масъалаи экология ва ҷиҳатҳои сотсиалӣ чӣ хоҳад шуд, ки ин масъалаҳо дар лоиҳа рӯякй инъикос ёфтаанд? Охир обанбори Роғун боз чандин миллиард метри мукааб оби баҳри Аралро кашида мегирад. Аз ин рӯ, баҳр боз ҳам хурдтар хоҳад шуд. Биёбон калон шуда, доираи гаъсири тӯфонҳо васеъ мегардад. Бисср шахру қишлоқҳои Ӯзбекисгон, Қазоқистон, Туркманистон дучори чангу гард ва намаки зараровари атмосферӣ хоҳанд шуд. Заминҳои наве ҳам, ки оби Рогун барои обёрии онҳо истифода хоҳад шуд, қусури талафотро намебароранд...».

Чунин тарзи омӯзиши масъала ва проблемагузорӣ дар давру замони Ҳокимияти Шӯравӣ кору гапи осон набуд. Барои ин дониши мукаммал, ҷасораг ва аз ҷиҳати сиёсӣ хеле бояд фарди баркамол мебуд, ки ба амру фармонҳо, қарору қонунҳо ва лоиҳаҳо тағйироту иловаҳо ворид карда шавад. Вале Латифӣ, ки донишу таҷриба дошт, бо андешаю проблемагузориҳояш бисёр вакт ба ин чиз муваффақ мешуд.

Ҳамкасбу хамкори ӯ рӯзноманигори ишнохта Валерий Аграновский ба ҳусусияти эҷодиёти Латифӣ баҳо дода, дар журнали «Журналист» навишта буд: «Дар навиштаҳои Латифӣ пеш аз хама эҳсосоти дил, дурбинӣ, масъалагузорӣ ва мавқеи ҷамъиятии ӯ басо назаррасаст».

Дар ҳақиқат, дар маколаҳои ин рӯзноманигори номии тоҷик мо. пеш аз хама, ҳамин «эътиқод» ва «эҳсосот»-и баланди инсониро мебинем. Вай пайваста кӯшидааст, ки суханаш таъсирбахш, факту рақам ва далелхои овардааш хонандаро бовар кунонад. Аз ҷумла, дар мақолааш «Шаҳр ба боло бояд кад кашад» («Правда», 3 феврали соли 1976), агар сухан аз проблемаи камзаминии Тоҷикистону муносибати ғамхорона ва дурандешонаи ин ганҷи ноёб равад, дар мақолаи «Фикри меъмор чӣ хел?» («Правда», 12 апрели соли 1979) масъалаи анъанаҳои деринаи шахрсозию шаҳрдорӣ дар Точикистон ба миён гузошта шудааст.

Отахон Латифӣ дар публитсистика ва алалхусус дар мақолаҳои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

проблемавии худ ба фактхои таърихӣ бисёр муроҷиат менамояд. Аксар вакт ӯ ба воситаи овардани лавхахо аз ҳаёти халқу кишвар муносибатеро ба вокеияти объективӣ баён месозад, ё зимни таҳлили масъала онҳоро бо ҳам муқоиса менамояд. Маколаи проблемавии дигари ӯ «Қишлок дар Душанбе» («Правда», 29 августи соли 1989) ном дорад. Муаллиф менависад: «ин сатрҳоро навишта, аз шарм рӯям дуд мегирад. Ҳамаи он чизеро, ки ҳоло нақл мекунам. пеш аз ин ҳам дида будам, вале чунон ки ҳозир ҳаст, аламовар набуд. Вақтҳое мешуд, ки ба ваад омада, шахри худро васф ҳам мекардам. Албатта, чизи ба таърифу тавсиф меарзидагӣ ҳаст. Вале... худи ҳамин «валеро» пай набурдан авфнопазир аст. Зеро худиман ҳам чанде пеш дар ҳамин гуна кулбаҳо зиндагӣ ба сар мебурдам. Маро ба ҳаёти воқей номзади ояндаи илмҳои фалсафа Владимир Королёв баргардонд. Хоҳиш намуд, ки ба хонае, ки ҳоло вай истиқомат дорад, мехмон шавам. Аз пункти мухбирии «Правда» то манзили вай ҳамагӣ 10 дақиқаина роҳ. Ман дар хонаи В.Королёв ва ҳамсояҳояш меҳмон шуда, ба кишлоқҳое сафар кардам, ки дар пойтахти республика басо зич-зич воқсъ гардидаанд. Дар деҳот ҳаво соф, дар ҷӯйборҳо оби мусаффо шилдиррос мезанад. Дар ин чо бошад, обҳои ифлосу гандида ва бӯи ғализ ба машом мерасад. Дар масофаи чанд дақиқаина роҳ аз арчазори ҳамешабаҳори атрофи комитети партиявии райони Роҳи Оҳан марзаи кӯрпашша дар рӯи сарқутҳои хӯрокворӣ, партови сабзавоту меваҷот воқеъ аст.

Ба бисёр кӯчаҳои қишлоқҳои шаҳр даромадан ҳам кори чандон осон нест. Дар рӯзҳои бориш мӯзаҳои резинӣ лозиманд. Дар кӯчаҳо танхо дар арафаи интихоботҳои навбатӣ асфалт ва сангреза пайдо мешаванд...».

Рӯзноманигор, нотарсона камбудиҳоро ошкор сохта, аз овардани I юму насаби шахсони мансабдор, идораю ташкилотҳои қудратӣ ба ҳарос намеояд. Мақола чунин идома меёбад: «мувофиқи накшаи генералӣ дар маркази шаҳр бояд маҳаллаи Намунавӣ бунёд мегардид. Вале ба ҷои манзилгоҳҳо дар ин ҷо биноҳои Госснаб. Мудофиаи гражданӣ, Вазорати нақлиёти автомобилӣ қомат афрохтанд ва бинои мӯҳташаму серошёнаи Г оскомстати республика босуръат сохта мешавад.

Дар хотир дорам, ки дар ҳуҷраҳои ороми Г осплан лимиту фондҳои баъзеҳоро ба нафъи бо ҳама чизи зарурӣ таъмин намудани сохтмони иловагии бинои КМ Партияи Коммунистии Т оҷикистон ихтисор карда. чи тавр асабонӣ мешуданд ва нафрин мегуфтанд. Дар дабирияҳои боҳашамати он ҳама шароитхо муҳайё буда, асосия аз роҳҳои дур оварда шудаанд. Псштар дар бинои КМ комитеги партиявии шаҳри Душанбе низ ҷойгир буд. Ҳоло вай ба бинои нави секабата кӯчидааст, ки дар он зали мачлиси бюро ва зал барои пленумҳо ва маҷлисҳои фаъолон мавҷуд аст. Чунин золҳо дар бинои КМ як силсилаи томанд. Баъди ихтисор кардани аппарат ҳоло дар ин ҷо бисёр утоқҳо холӣ шудаанд». Рӯзноманигор ин манзараи номақбулро рӯи когаз оварда, аз номбар намудани шахсони алоҳида то Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ки сабабгори рух додани чунин проблемаи доги рӯз гаштааст, наҳаросидааст. Мақолаҳои дигари ӯ «Қимати рекорд» («Правда», 14.03.1983), «Сухан аз дил

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

барояд» (11.12.1983), «Гуфтугӯи ошкоро» (10.08.1980), «Коргар боядтайёркард» (20.06.1984) ва гайраҳо аз нишонаи ҷасорати касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ, дилсӯзи халқу кишвар будани Отахон Латифӣ гувоҳӣ медиҳад.

Искандари Мақдунӣ навиштааст: «Қалам дабири ширинсухан буда, хизмати шоҳон, султонон, олимон ва дигаронро ҳамчун шоҳид як- як тасвир менамояд, кӣ ноҳақ ва баду некро рӯи когаз меоварад». Отахон Латифиро дар соҳаи журналистика ҳамчун дорои мактаби ба худ хоси рӯзноманигорӣ, марди шариф, ҳунарманду зӯҷодкор, заҳматкаш. якрую соҳибфазилат бояд шинохт, зеро ӯ маҳз бо қалами хеш баду нек ва ҳақу ноҳақро далерона, дилсӯзона рӯи когаз оварда тавонистааст.

14. Кинопублитсистика

Кино низ яке аз василаҳои ахбор ба ҳисоб меравад. Аммо ахбор будани кино хусусияти ба худ хос дорад ва моҳияташ он, ки кино даврӣ ва доимӣ нест. Тавре маълум аст кино ду шакл дорад — филми бадей ва филми ҳуҷҷатӣ. Хусусияти итгилоотиро танҳо филмиҳуҷҷатӣ дорад. Аз он ҷиҳат, ки филми ҳуҷҷатӣ даврӣ нест, вай ба китоб наздикӣ дорад. Филми мустанад аз рӯи мавзӯъ ва аз рӯи зарурият пайдо мешавад. Нахустин филми ҳуҷҷатии тоҷик «Поезди аввалин» ном дошт ва онсоли 1929 ба навор бардошта шудааст, муаллифаш Е.Кузин мебошад. Филм дар бораи ба Душанбе омадани аввалин поезд нақл мекунад. Филмҳои зиёди ҳуҷҷатӣ дар солхои сиюм дар бораи иншоотҳои бузурги сн замон, аз ҷумла сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғ, канали калони Ҳисор, обёрӣ ва азхудкунии водии Вахш, дар бораи пешқадамони мехнат ва махсусан соҳаи маориф нақл мекунанд. Усгоди кинои Шӯравӣ Комил Ёрматов ҳам чунин киноҳоро ба навор кашидааст. Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҳаёти қаҳрамонони ҷанг ва ақибгоҳ дар бораи ёрии ақибгоҳ ба фронт филмҳои зиёд бардоштаанд. Мавзӯъи ҷанг дар тамоми давраи Шӯравӣ аз мавзӯъҳои филми мустанад буд. Масалан дар солҳои 60-ум филми «Як каф хоки Ватан» ба навор бардошга шуд. Дар замони осоишта мавзӯъҳои асосии филми мустанад сохтмони комплекси истеҳсоли 'Тоҷикистони ҷанубӣ, туннели Данғара, ГЭСи Норак заводи алюмин, комплекси чорводории Ховалинг, қаҳрамонии пахтакорони водихои Вахшу Ҳисор, боғдорону картошкапарварони Рашту Бадахшон буда, хамчунин дар бораи адибон, олимон ва ҳунармандон партретҳои эҷодӣ бардошта шудаанд. Дар ин чорчӯба яке аз филмҳои беҳтарин, филми «Устод» мебошад, ки онро Давлат Худоназаров дар бораи Абулқосим Лоҳутӣ офиридааст.

Кикопублитсистика дар ду навъ таҳия мешавад:

– киножурнал ва асари мустанад

– киножурнал аз рӯи характер ба ахбори телевизион шабоҳат дорад. дар он доир ба масъалаҳои муҳимтарин ва навигариҳои рӯзгор баҳс мешавад. Як киножурнал, ки 5-10 дақиқа давом мекунад, соҳаҳои туногуни хоҷагии халқро дарбар мегирад. Дар он аз жанрҳои хабар, ҳисобот, репортаж, мухбирнома бештар истифода мешавад. Дар замони Шӯравӣ киностудияи тоҷикфилм киножурнали «Тоҷикистон»-ро ҳар мох истеҳсол мекард.

Киножурнал дар қолаби ҳаҷв низ таҳия мешавад. Он гоҳ вай аз жанрҳои луқма, фелетон ва памфлет истифода бурда, камбудиҳои рӯзгорро фош

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

менамояд.

Асари мустақили публитсистии кино дар қолаби очерку лавҳа репортажҳо таҳия шуда, фаъолияти объектҳои ҷудогонаи истеҳсолӣ ё партрети шахсиятҳои номдорро дарбар мегирад.

15. Матбуоти давраи нав

Дар солҳои 80-уми қарни XX дар ҳаёти одамони шӯравӣ тағйиротҳои назаррас ба вуқӯъ иайваст. Ба қавле дар хаёти онхо бозсозӣ фаро расид. Гӯё инсон аз ҳама бандхо озод гардид. роҳу воситахо боз шуданд. Моҳияти идеологии ин дигаргуниҳо дар тағйироте, ки анҷумани XXVII ҲКИШ дар масъалаи таркиби сохтори идеологӣ ворид кард. бештар ошкор мсшавад.

Тибқи он се зершӯъба -таблиғоти ҳизбӣ, воситаҳои ахбори омма, ахбори сиёсии хориҷӣ ва робитаҳои байналмилалӣ таъсис ёфтанд.

Таблиготи ҳизбӣ бахшҳои назария ва амалияи кори ташвиқотӣ, таҳсили ҳизбӣ, ҳамчунин гурӯҳи ташкилотчиён ва лекторонро дарбар мегирифт. Таъйиноги асосии он фаъолиятн муназзами идеологӣ буд. Дар сохтори дуввум бахшҳои матбуоти даврагӣ, телевизион ва радио. табиат, фоиданокии ВАО таъсис ёфта, максадаш татбиқи дастурҳои хизб оид ба роҳбарӣ ва воситаҳои ахбори омма ба ҳисоб мерафт. Дар сохторисеюм масоили марбут ба иттилооти байналмилалӣ, ташвиқоти байналмилалӣ ва пешгирии таҷовузи иттилоотӣ шомил буд.

Дар Тоҷикистон низ дигаргуниҳои чашмрасе ба амал омад. Мӯҳтавои асосии ин дигаргуниҳо ба татбик шудани сиёсати гуногунандешӣ иртиботдошт. Ин сиёсат дар батни худ нияти пешқадам ва барои чомеа манфиатдор дошт. аммо татбиқ ва натиҷаи он барои

амалӣ шудани нияти эълоншуда камтар мусоидат намуд..

Дар масъалаи маънавиёт, аз ҷумла иттилооту рӯзноманигорӣ низ тағйирот ба мушоҳида омаданд, ки ҷавҳарашон ба плюрализми сиёсӣ дошт, гуногунандешагиҳо падид омад. Аввалин намунаҳои матбуот, ки ин равияро пеша карданд, «Сухан», «Ҷавонони Тоҷикистон» буданд. Аввалин мақолаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ки дар лресса баҳси ҷиддӣ ба вуҷуд овард, мақолаи М.Миррахимов, «То кай об аз таги ях меравад?» (6.X. 1988) буд, ки доир ба масъалаҳои миллӣ, дарду лоғи миллати тоҷик баҳс менамуд. Ин мақола аслан ду акидаи ба ҳам зидди ҷомеаро ба ҳаракат овард ва имкон дод, ки дар шароити Тоҷикистон масъалаи миллӣ масъалаи сиёсӣ шавад.

Хислати асосии танқиди матбуот дар давраи аввали бозсозӣ дар Колаби одоб, аммо танқиди рӯирост буд. Аввал шахсҳои ҷудогона, сонӣ воқеаҳои дуртар ва ниҳоят сохти чамъиятӣ объекти танқид қарор гирифт. Ҳамин гавр, дар солҳои бозсозӣ дигар рӯзномаю маҷаллаҳо, аз ҷумла «Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикистана», «Совет Тожикистони» ва махсусан «Маориф ва маданият» маводе чоп менамуданд, ки дар онхо аз проблемаҳои рӯз сухан мерафт. Муҳаррири рӯзномаи «Маориф ва маданият» (ҳоло «Омӯзгор») Бӯринисо Бердиева, ки аслан то бозсозӣ чун шахсияти мустакил ва ҷасур дар майдони матбуоти тоҷик маълум буд, дар шароити нав пайравони бисёр пайдо кард.

Ӯ рӯзномаро алорағми сиёсати зимомдорони замон ба арсаи таргиби

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

анъанаҳои дерини ниёгон, суннатҳои хоси мардумӣ бадал кард.

Дар саҳифаҳои «Тоҷикистони советӣ» бошад, оиди масъалаи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ мақолаҳо ба табъ мерасиданд. Дар аксарияти рӯзномаҳо дар ин мавзӯъ аз шумора ба шумора маводи чолиби диққат интишор меёфг. Таҳти рубрикаҳои «Ба забони тоҷикӣ хакоми давлатӣ», «Забон донӣ -ҷаҳон донӣ» ва ғайраҳо мақолаҳои дкадемикхо М.Шукуров, Р.Амонов. профессорон И.Усмонов, Б.Камолидинов, А.Сатторов, муҳаққиқ У .Холиқназаров ва дигарон дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп гардид. Масалан, дар мақолаи И.Усмонов «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст» («Г азетаи муаллимон», 19 ноябри 1988) аввалин бор пешниҳод шудааст, ки ба забони точикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ин пешниходро баъд дар хамин рӯзнома Лоиқ ва дар «Ҷавонони Тоҷикистон» Адаш Исчад дастгирӣ кард ва оаъд ин раванд авҷ гирифт ва қонунӣ шуд. Унвони мақолаи Адаш Истад -Забони миллат -боигарии миллат» ба рубрикаи доимии рӯзнома мубадал гардид.

Бо дурусг ва бамаврид ба миён гузошга шудани масъалаи ба забони тоҷикӣ додани макоми давлатӣ дар ВАО ин чиз ҳарчанд тарафдорону мухолифон дошт, оқибат ҳалли мусбати худро ёфг. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи худ ин масъаларо баррасӣ намуда. 22 июлисоли 1990 дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ карор қабул намуд.

Дар даврахои гузашта ҳам аҳли зиё ба анъанаҳои миллӣ ва чизҳои лозиму нодаркор ҳатто диққати ҷиддӣ медоданд. Масалан, дар соли 1914 Беҳбудӣ ва дигар муаллифони «Ойина» перомуни расму одатҳои миллӣ ва динӣ силсиламаколаҳо чоп карда буд ва айни ин чиз дар замони бозсозии ин давра оид ба тӯйҳои серхарҷу миёншикан мақолаҳои зиёд чоп мешуданд.Хонандагон расму ойинҳоеро, ки мебоист кайҳо аз дафтари рӯзгор хат зада шазанд, сахт танқид мекарданд, роҳҳои муборизаи қатъӣ бурданро нишон медоданд, дар бораи тӯйҳои комсомолӣ фикру мулоҳиза меронданд, арз мекарданд, ки кайҳо вақти ба тӯйҳои серхарҷу пурисроф дахолат кардани ташкилотҳои маҳаллӣ расидааст. Бояд ҳар як тӯй бо маслиҳати шӯрохо, ки дар ҳар як маҳалла аз ҷумлаи ветеранҳои ҷангу меҳнат, ходимони ташкилотҳои ҷамъиятӣ интихоб карда шавад, ба сомон расад. Охир то кай шиори «ман аз фалонӣ кам магар?!» зинда мемонад. Ҳар соҳибтӯе, ки ба салоҳдиди шӯрои тӯй хилоф кор мекунад, аз муҳокимаи умум набояд соқит монад. Манбаъҳои чунин тӯйҳо бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Худи ҳамин ёрӣ мерасонад, ки сарчашмаи харҷҳои бедардимиён ошкор карда шаванд.

Хонандагони газета дар як вақт артисгони кӯчагардеро, ки ба тӯйҳо рафта, барои ором кардани нафси нооромиҳуд ба шаъни санъаткори ҳақиқӣ доғи сиёҳ мерасонанд, сурудҳои бемазмуну гӯшхарош мехонанд, тарбияи ҷавононро вайрон мекунанд, сахт маҳкум мекарданд.2Таклиф менамуданд, ки дар ташкилотҳои консертии республика бюрои тӯй барпо карда шавад. Т о ки соҳибони тӯй дар вақти дилхост артистони даркориро ба маъракаи худ бурда тавонанд.

«Тоҷикистони советӣ» ҳар як фикру мулоҳизаи танқидию тавсиявиро ба адресҳо ҷудо карда, баташкилотҳои дахлдор фиристод. то ки ба эътибор гирифта шавад.

Хулоса, дар давру замони бозсозӣ анъанаи ошкор гуфтан аз ормонҳои миллӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз рӯзгору фаъолияти ҳамзабонон кисса кардан давом ёфт. Вале бояд иброз дошт, ки дар ВАО, баъзан суханҳои бемаврид, фахш, мақолаю гуфторхои нохуш, зараровар ба ҷомеа, заҳрогин барои мардум зери пардаи ошкорбаёнй арзи вуҷуд дошт.

Афкори ҷомеа дар ҳама давру замон гуногун асг. Побанди фикру ақидаҳои мухталиф нашуда, зери таъсири афкори умум хақиқатро. вокеиятро ёфта тавонистан, ба ҳақиқат наздик шудан аз маҳорати журналисг, режиссёр, оператор вобаста аст.

Аз ин рӯ, дар фаъолияти ВАО пеш аз ҳама бояд низоми мукаммал баҳри тарбияи худшиносии миллй, ватанпарастӣ, тарғиби анъанаю суннатҳои асили фарҳанги миллй бо назардошти талаботи давру замон ба роҳ монда, амалй гардонида шавад.

Давраи нав дар системаи идеологии шӯроӣ аз соли 1986 аз эътирози - юнишҷӯёни ёқут ва ҷавонони қазоқ ба мукобили шовинизми русӣ шурӯъ мешавад. Хусусияти ин давра иборат аз эътирофи мустақилият аз як тараф ва таъзиқи афкори миллӣ аз гарафи дигар, эълони ^емократия аз як тараф, зоҳиршавии зӯргӯии навбародмад аз тарафи дигар иборат буд. Зоҳири воқеии давраи нав аз эътирофи байниҳамии котиби кумитаи ҳизби коммунист Б.Елсин ва муншии умумии ҳизби коммунист Горбачёв аз моҳи майи соли 1987 шурӯъ мешавад. Дертар вяенуми октябрии соли 1987 амали Елсинро ба муқобили Горбачёв бо ■фодаи Шеварнадзе «Ханҷар ба шонаи ҳизб» эълон мекунад. Инкишофи баъдии воқеаҳо бо таъсиси гурӯҳи нави ҳизбй (Н.Аилреева). ■оқеаи вазъи фавқулоддаи соли 1991 ва гайрирасмй ва ҷинояткор эълон ^удани ҳизби коммунист, аз тарафи мардуми кишвар дастгирӣ гардидани бақои шӯроҳо (марти 1991) ва барҳамхӯрии ин. давлат 'лекабри 1991), шурӯи нозирони байни Арманистону Озарбойҷон дар мавриди Қаробог, шурӯи ҷанги шадиди байни ин ду кишвар, сипас чангҳо дар Гурҷистон, Молдова, Осетия, Чечену Ингуш, Қиргизистон ва ниҳоят ҷанги бесобиқа дар Тоҷикистон ифода меёбад. Ҷанги дохилии жалқҳои мамлакати шӯроҳо ба вуқӯъ меояд.

Ислоҳоти Горбачёв. ки аслан баробари ба вазифа расиданаш гтбиқи он шурӯъ гардида буд. натиҷае овард, ки онро касе шояд нигарон буда бошад. Имрӯз онҳое, ки он давраро мулоҳиза менамоянд, ба ин холат омаданро аз ду мавқеъ меиигоранд: яке ба онанд, ки М.С.Горбачёв ба империализми байналмилалй фурӯхта ва тавассути вай онхо кореро анҷом доданд, ки ба ҳеч василаи дигар натавониста буданд: дигархо кеандешанд, ки ӯ аслан гарази фурӯ шикастани иттиҳоди шӯроиро ■адошт, шояд мақсади ниҳоии ислоҳотии хеле хуб буд, аммо роҳе, ки рои татбиқи он интихоб намуд, галат ва ба роҳи сарбаста бурд.

Сарфи назар аз мақсаду натиҷаи мақсад дар натиҷаи ислоҳот дар амоми соҳаҳои ҷомеа тагйироти куллй ба амал омад ва нахустин ■афасҳои ҷомеаи дигаргуншававапда дар васоили иртиботи ҳамагонй эхсос шуд. Таъсиси шабномаҳо, пайдо шудани мақолаҳо, гуфторҳо ва сарномаҳои интиқодӣ зидди шахсиятҳои «танқидшаванда» даврахои рлоҳидаи таърихӣ, ҳуҷҷатҳои расмй, беобрӯ кардани органҳои расмй, ба вуҷуд омадани матбуоти гайриошкорои зиддиҳукуматй, пош хурдани системаи васоили ахбори ҳизбию давлатӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

матбуоти ошкори аҳзоби мухталифи сиёсӣ далел бар инанд. Ҳамаи ин равандҳо дер ё зуд дар [Тоҷикистон низ амалӣ мешуд ва хатто дар бисёр маврид ин гӯшаи канори **аз бисёр ҷамоҳири пешрафта бартарӣ дошт. Бо инкишофи дигарандешӣ ва матбуот ин равия дар Тоҷикистон давраи мубориза барои қабули Қонуни забон (1989) ва воқеаи моҳи феврали соли 1990 баҳона шуданд. Дар Точикистон системаи нави матбуот ба вуҷуд омад, ки нашрияҳои зеринро дарбар мегирифт:**

1. **Расмии давлатӣ**
2. **Иҷтимоии ҳизбӣ ва аҳзоби сиссӣ**
3. **Шахсии иҷтимоӣ**
4. **Шахсии тиҷоратӣ**

***Л*з матбуоти наве, ки дар ин айём ба вуқӯъ омад, метавон «Растохез», «Адолат», «Ҳафт ганҷ», «Чароги рӯз», «Ҷоми ҷам», «Сухан», «Нидои ранҷбар», «Голос Таджикистана», «Тоҷикистон», «Вечерные вести», «Курьер Таджикистана», «Чархи гардун», «Дайджест нресс», «Бизнес и иолитика»-ро ном бурд. Аммо чун дар марказ дар Тоҷикистон низ андешаҳои нав якбора на дар матбуоти нав, балки аввал дар нашрияҳои мавҷуда инъикос меёфтанд. Муддате рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» бо ин равия пеш рафт. Махсусан, мақолаи М.Мирраҳимов «То ба кай об аз таги ях меравад», ки мавзӯи барои тоҷикон дарднок -сарнавишти тоҷикони Самарқанду Бухороро мавриди баҳс қарор медод, аксуламали зиёд ба вуҷуд овард. Дар муқобили он матбуоти ҳизбию шӯроҳо «Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикистана» ва дигарҳо карор гирифтанд.**

Воситаҳои ахбори омма дар замони иарокандашавии СССР таъсири зиёди сафарбаркунанда доштанд. Матбуот Со тиражи зиёд нашр мешуд ва ба зудӣ ба фурӯш мерафт. Мардум ба навиштаҳо ва суханҳои ВАО бовар мекардавд ва ба он аҳамият намедоданд, ки онҳо ба василаи дурӯғ, бадбинӣ, қасосгирӣ, номёбӣ, мансабгирӣ, маҳадгарой ва миллатчигӣ низ табдил меёфт. Шакли нави гелевизион-телевизиони кабелӣ, кидар Душанбе ва баъзе шаҳрҳои дшар фаъолиятмекард, зургӯй, нарнография ва сексро кам-кам ба рӯзгор ворид менамуд.

Моҳи августи соли 1989 «Ҷавонони Тоҷикистон» барои сарнавишти худ ба мубориза бархост. Дар ин давра дар саҳифаҳои он як силсила матолиби ҷиддӣ оид ба демократия ва озодии сухан ба нашр расиданд.

Дар давраи баррасии «Қ01 |уни забон» матбуоти Тоҷикистон аз нигоҳи миллӣ ба ҳам муқобил қарор гирифт. Мутаассифона, дар матбуоти русии Тоҷикистон ва саросари и гтиҳод масъалаи миллӣ ва қонуне, ки шарафи забони миллиро ҳимоя менамуд, нодуруст ба таври дилхоҳ шарҳ дода мешуд. Ин боиси норизоии аҳолӣ. аз ҷумла аҳли қалам мегардид.

Аз мавзӯъ ва воқеаҳои дигари оғози дигаргуниҳо воқеаи рӯзномаи шахрии «Паёми Душанбе»-ро метавон хотирнишон кард, ки кӯшиш кард, азҳизб ҷудо шуда, нашрияи мустақил бошад.

29 декабри соли 1990 рӯзномаи мазкур ҳамчун «Нашрияи мардумӣ» чоп шуд. Дар саҳифаи аввал изҳороти сармуҳаррири рӯзнома Дадахон Эгамов чоп

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шудааст,ки дар он омадааст:

«21 декабрисоли 1990 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот «Паёми Душанбе»-ро ҳамчун рӯзномаи мустақил ба қайд гирифт. Дар маҷлиси умумии коллектив мувофиқи Ойинномаи тасдиқшуда маро ба райъи умум, ба мӯҳлати 5 сол сармуҳаррири «Паёми Душанбе» интихоб карданд. Аз сабаби он ки то ҳоло дахолати дағалона за хурдагиронаи кормандони аппарати комитети партиявии шаҳри Душанбе ба фаъолияти редаксия давом дорад ва минбаъд «Паёми Душанбе» бояд ақидаи тамоми партияҳо ва гурӯҳҳои ҷомеаро холисона ннъикос кунад, дигар худро узви Партияи Коммунистӣ, узви комитети партиявии шахри Душанбе ва бюрои он ҳисоб намекунам.

Хохишмандам аризаи мазкур аризаи расмӣ ба ташкилоти ҳизбӣ дониста шавад».

Рӯзнома барои дастгирии мавқеаш мақолаи калонеро таҳти унвони Муроҷиат ба дӯстони «Паёми Душанбе» чоп кардааст.

Аммо кумитаи ҳизбй ҳамон рӯз муҳаррирро аз узвияти ҳизб ва масъулияти ин рӯзнома озод кард ва шумораи навбатӣ чун нашрияи хизбй ва бо имзои шахси дигар баромад.

Воқеан, даъвои мустақил будан, ки дар масири солҳои ҳаштоду навад барои тамоми матбуоти шӯроҳо «модда» шуда буд, дар нимаи солҳои 90-ум барои худи матбуот ба нокомй анҷомид. Зеро нашрияҳо ва кормандони матбуот, ки бо пулу воситаҳои тайёр одаг карда буданд, лар шароити нав, дар даврае, ки когаз, ранг ва ашёи дигарро ёфтан дозим меомад ва барои ин пул надоштанд, барои маош ҳатто нақдина пайдо намешуд, дар кӯчаи сарбаста монданд: иддае боигарии худро ба савдо заданд, ба шахсҳои пулдоршуда ё ҷамъиятҳои соҳибпул мутеъ ё хадди ақал дастнигар гардиданд. Озодии ба амал омада, баробари сифр оуд. Истилоҳи матбуоти озод ва «муасис коллективи эҷодӣ» бо ҳамин маъно дурӯғ баромад.

Душвории моддии матбуот умуман ва матбуоти расмиро аз ҷумла дар шуруи дахаи охири асри XX дар матолиби зайл мулохиза кардан мумкин аст.

Маъракаи Обуна-91 нишон дод, ки вазъи обунашавй ба нашрияҳои чумхурй чунин будааст:

• Ҳафтаномаи «Ин ҷо Душанбе» (бо ду забон) 187.428 нусха (соли пеш- 244. 894 нусха)

■ Рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон»- 147.090(199.958)

• Маҷаллаи «Фирӯза» -91.156. (163. 464)

• Рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» 61. 976 (161. 580)

• Рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» - 54. 180 (141. 905)

• Рӯзномаи «Совет Тожикистони»- 50. 400 (92. 146)

• Маҷаллаи «Чашма» 49. 863 (121.843)

• Маҷаллаи «Чашма» (бо хати арабӣ)- 22575 (5.235)

• Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» -48.007 (30.691)

• Хафтаномаи «Омӯзгор» 38.831 (53.929)

• Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» -35.519 (82070)

• Рӯзномаи «Коммунист Таджикистана»- 27. 027 (47. 694)

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

• Маҷаллаи «Машъал» -19.836 (101.620)
• Маҷаллаи «Хорпуштак» -19.122 (47. 508)
• Ҳафаномаи «Мехнат» -18 911
” Маҷаллаи «Мактаби советӣ» - 16840
• Маҷаллаи «Фарханг» -9991
• Рӯзномаи «Садои мардум» - 9672
• Маҷаллаи «Русский язык и литература в таджикских школах» 7264
• Маҷаллаи «Садои Шарк» - 7211 (25747)
• Рӯзномаи «Комсомолец Таджикистана»- 6730 (16319)
• Рӯзномаи «Паёми Душанбе» 6230
• Ҳафтаномаи «Су.хан» - 5111
• Маҷаллаи «Сиёсат ва ҳаёт» -5007 (18444)
• Хафтаномаи «Варзиш»- 4861
• Маҷаллаи «Ҳаёти деҳот» 3849 (4535)
• Ҳафтаномаи «Пайванд» 3281
• Ҳафтаномаи «Курьер Таджикистана» 3040 (3100)
• Ҳафтаномаи «Парастор» - 1904
• Маҷаллаи «Родник» -1104 (22. 634)
• Маҷаллаи «Политика и жизнь» -776 (7244)
• Рӯзномаи «Пионер Таджикистана» - 844 (5095)
” Маҷаллаи «Сельская жизнь» - 609 (1601)
• Маҷаллаи «Памир»- 460 (5725)
• Ҳафтаномаи «Забога» - 159 нусха.

Дар шарҳе, ки рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» рӯзи 12 декабри соли 1990 ба ин ҷадвал додааст. аз ҷумла омадааст:

«Ракамҳо шаҳодат медиҳанд, ки кариб ҳамаи нашрияҳо қисми зиёди хонандагони худро аз даст додаанд, ин ба рӯзномаи мо ҳам дахл дорад. Ва боз хастанд нашрияҳое, ки сафи хонандагони онҳо афзудааст. 3-ин сабаб баланд шудани нархи нашрияҳо ҳеҷ гоҳ баҳонаи аз даст додани хонандагон шуда наметавонад. Дар шароити имрӯза, ки обуна ихтиёрӣ эълон шудааст, табиист, ки мардум ба нашрияҳои дилхохи худ обуна мегарданд, ҳамоне. ки навиштаҳояш ба табъу завқи ӯ мувофиқанд. Байни нашрияхо акнун ракобат оғоз гашт ва дар оянда низ ҳатман идома хоҳад дошт. Дар ин рақобат ҳамоне пирӯз мегардад, ки бештар ба сухани ҳақ рӯ меорад, ҳамдарду муниси муштариён ва ҳамкадами замон мегардад. Вай бар ҳоди нашрияҳое, ки то дараҷаи фоидаоварӣ хонанда ҷамъ намеоваранд, шояд онҳо акнун танҳо ба савдои чакана умед банданд. Мумкин аст, ин масъаларо нашрияҳои умумиҷумҳуриявӣ, имконияти бештар доранд, ҳал карда тавонанд, вале рӯзномаҳои ноҳиявӣ масоили молиявии худро бо кадом роҳ ҳаллу фасл мекарда бошанд.»

Ин таҳлил ва шубҳаҳо воқеияти матбуоти он солҳоро баён мекунад. Масалан, 26 декабри соли 1990 рӯзномаи «Тоҷикистони советй» «Хитоб ба алоқамандони «Садои Шарк» ном муроҷиатномаи Лоик- раиси бунёди забони тоҷикй (форсй), Усмон Обидов ва Абдуҳалим Ҳабибов - роҳбарони ду корхонаи саноатии шаҳри Душанберо чоп кард ва дар он зикр шудааст, ки вазъи моддй ва молии маҷаллаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Иттифоки нависандагони Тоҷикистон» - «Садои Шарк» бад аст ба вай дасти ёрй дароз кунед. Чунин муроҷиат дар бораи вазъияти худ рӯзномаи «Паёми Душанбе» 20 сентябри соли 1990 чои кардааст.

Воқеаи моҳи феврали соли 1990 заминаи пайдоиш ва иикишофи матбуоту воситаҳои ахбори оммаро дар шароити нави таърихй фароҳам сохт. Дар ивази иашрияҳои расмие, ки аз қуввахои зиддиҳукуматй пуштибонй мекарданд, (масалан, «Сухан») матбуоти вокеии оппози тсионӣ ба вуҷуд омад.

Матбуоти нав дар солҳои 1990-1991 дар байни аҳолӣ, ба хусус равшанфикрон ва доиишҷӯён ҳамрайъй ба вуҷуд овард. Зеро ин падидае буд, ки дар ибтидо рӯхияи миллӣ ва дардхои иҷтимоиро ифода менамуд. Аммо баъди воқеаҳои соли 1992 муносибат ба ин нашрия ҳам сард шуд. Матбуоте, ки дар муқобили ҳукумат таъсис ёфта буд, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳамдархориҷи он интишор меёфт. Ҳамчунон дар навохию вилоятҳо низ ҷароиде ба миён омаданд, ки ин равияро инъикос мекарданд.

Дар ибтидои солҳои навадум дар «оилаи» ҷаридаҳои ҷумҳурӣ чандин воқеаи чашмрас ба вуқӯъ пайваст, яъне пай дар пай чанд рӯзномаву ҳафтаворҳо ба майдони ҳастӣ омаданд. Махсусан, соли 1990- ро бешак соли матбуоти тоҷик метавон гуфт. Зеро аз ибтидои ин сол сар карда, дар ҷумҳурӣ рӯзномаю маҷаллаҳои «Паёми Душанбе», «Парастор» «Бону», «Сипар», «Сухан», «Ҳафт ганҷ», «Растохез», «Варзиш», моҳномаи «Тоҷикистоп» ва гайраҳо арзи вуҷуд карданд.

Ин пешрафтро аз нишондиҳандаи зерин низ дарк кардан мумкин аст. Тибқи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» .М> 1. 1990 зҳсоияи матбуот дар аввали соли 1989 чунин буд: 9-рӯзномаи ҷумҳуриявй, 5 рӯзномаи вилоятӣ, 9 рӯзномаи шаҳрй, 57 нашрияи нохиявӣ, 14 ҷаридаи сертираж, 22 маҷалла, 10 бюллетен, ҷамъ 121 номгӯй. Соли 1990 бошад ин номгӯй ба 130 расид, аз ҷумла рӯзномаҳои сартосарӣ 4-то зиёд шуданд.

Тиражи солонаи матбуоти Тоҷикистон 282 млн нусхаро ташкил дод.

Дар Эъломияи ҳуқуки инсон сарватҳои умумибашарии муносибати одамон нисбат ба ҳамдигар зикр ёфта, орзую омоли ҳазорсолаи башарияти мутараққӣ гун гардида, ҷамъбасти хешро дарёфтааст. Мувофиқи он ҳар фард сарфи назар аз кору мансаб, ирқу нажод, ҷои истиқомат бояд озод бошад ва ба озодии дигарон дилнигаронй накунад ва зарар нарасонад. Зеро ҳуқуқи инсон дар тайи замонҳову асрҳо андар миёни ҳамаи халқҳову миллатҳо масъалаи муҳиму нозук ба ҳисоб мерафг ва имрӯз ҳам чунин мавқеи бисёр муҳимро молик мебошад.

Дар моддаи 6 Қонун «Дар бораи матбуот ва дигар воситахои ахбори омма», ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 декабри соли 1990 қабул намудааст, чунин пешниҳоди одилона омадааст: «Истифодаи воситаҳои ахбори омма барои дахолат кардан ба хаёти шахсии шаҳрвандон ва паст задани шаъну шарафи онҳо мувофики қонун манъ аст ва шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд». Аҳли башар рӯзноманигоронро барои он эҳтиром менамоянд, ки онҳо аксаран хабарҳоро софдилона ҷамъ оварда, паҳн менамоянд. Дар акси он рӯзноманигороне, ки ба ҳар гуна хабарҳои безаминаву бардурӯғ даст мезананд, одамонро ба кӯчаи сарбасга. ворид ва ба ин васила гумрох менамоянд, сахт

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мазаммат мешаванд. Аз ин рӯ, икдоми нолоиқ танҳо ба муқаддастарин сарват - ҳуқуқи инсон истифода шуданаш боиси носолимии авзои рӯзгор ва билохира сабаби барҳам задани низоми ҷомеа мегардад. Дар ин хусус бамаврид аст, ки гуфтаи академик С.Шаталин, ки дар рӯзномаи «Известия» 6 феврали соли 1992 зери сарлавҳаи «Халк донотар аз он аст, ки сиёсатмадорон фикр мекунанд» чоп шудааст,баён гардад: «Дар ҳама кӯчаву пасткӯчаҳо рӯзномаҳое ба фурӯш мерасанд, ки мутолиаи онҳо чун заҳри мор котил аст: миллатчигиву мазҳабпарастӣ, таҳкир ва даъват ба сарнагун намудани ҳокимияти қонуниро ба нашр мерасонанд. Мо чун навзодон дар хусуси озодии сухану матбуот такрор ба такрор ҳарф мезанем, вале бо мазмупи он ба таври зарурӣ сарфаҳм намеравем. Дар ягон гӯшаи дунё чунин озодии тарғиботи зидди оромии мардум ва қонуншиканӣ дида намешавад. Оқибати чунин таргиботҳо, ҳагто дар мамлакатҳои демкоратитарини дунё маҳбас аст».

Журналистика чу н дигар соҳаҳои мухталифи ҳаёт дар ин давру замон марҳалаи муҳиму ҳалкунандаеро аз сар мегузаронад, ба пастию баландӣ ва мушкилоти зиёде мувоҷеҳ мегардад. Аз ин рӯ, нақши рӯзномаю рӯзноманигорон пайваста боло меравад. Новобаста ба он ки ӯ (рӯзноманигор) корманди рӯзномахои ҳизбист, давлатист, шахсист ва ё ғайрирасмӣ аст, бояд роҳҳои ҳамфикрӣ, демократияи ҳақики на бардурӯғ, ба мувофиқа омадани ҷомеаро тарғиб намояд. Ҳоло матбуот озод аст, вале ин озодиро ҳанӯз дуруст истифода бурданашро наомӯхтем. Бояд дар навбати аввал озодона амал карданро омӯхт, яъне барои инъикоси ҳаққонӣ, дурусту беғаразона, объективӣ ва дақиқии воқеият бикушид. То ин ки расонаҳои ахбори омма на ба манофеи кадом як ҳизб, балки ба манофеи ҷомеа хизмат намоянд. То ин ки онҳо ва нишондодҳои кадомеро ба ичро расонанд, балки дар доираи қонун фаъолият дошта бошанд.

Масалан, дар моддаи дуюми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» (моддаи 30) навишта шудааст: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Сензураи давлатӣ за таъқиб барои танқид манъ аст». Моҳияти ин моддаи мазкурро чӣ тавр бояд фаҳмид? Чун «сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ» бошад, пас оё метавон пиндошт, ки барои рӯзнома ва рӯзноманигор харчӣ ки хоҳад нависад, гӯяд, равост? Дар асл ҳар қонун ҳадду ҳудуд дорад. Агар андешаи рӯзноманигор ба нафъи Ватан ва халқ, бой гардонидани гановати маънавии аҳли кишвар равон гардад, сензура ва таъқиб барои танқид ҳеҷ зарурат надорад. Танқид шаҳд нест, ки ком ширин бикунӣ. Ва ҳаргуна танқид бояд одоб ва маданият дошта бошад. Бо риояи ик ақида ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ хуқуқ дорад, фикру андешаашро озодона баён бикунад, онхоро дар хар шакл дар матбуот2за дигар воситаҳои ахбори омма интишор намояд.

Истифодаи воситаҳои ахбори омма барои дахолат кардан ба ҳаёти шаҳрвандон, дидаву дониста чоп кардани хабару мақолаҳои дурӯгин, маълумотҳои тӯҳмату иғвоангез, ки шаъну шарафи шаҳрвандон, макомоти давлатӣ, иттиходияҳои ҷамъиятӣ ва дигар гашкилотҳоро паст мезананд, манъ аст. Оё ин модда ҳамеша риоя мегардад?

Оё нашрияҳо, бахусус рузномаҳои ғайридавлатӣ ба вайрон кардани моддаи 6 роҳ намедиҳанд? Дар кашрияҳои давлатию ғайридавлатӣ дидаву дониста чоп кардани хабару мақолаҳои дурӯғини тӯҳмату иғвоангез, ки шаъни шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва ғайраро паст мезананд, дида мешавад? Оё ҳуқуқи муаллиф (муаллифон)-и мақолаҳо аз тарафи идораи рӯзномаҳо зери по намегардад? Оё дар рӯзномаҳо меъёрҳои байналхалқӣ оиди ҳуқуқи муаллиф вайрон карда намешавад? Оё аз дигар воситаҳои ахбори омма гирифта чоп кардани маълумотҳо (материалҳо), мазмун ва мундаричаи онҳоро таҳриф намегардонад? Оё дар идораи воситаҳои ахбори омма рӯзномахо моддаи 29 «Мавриди махсуси фош накардани ахбор»-ро вайрон намекунанд? Муносибати рӯзноманигорро ба он мақолахое, ки дар матбуоти хориҷи кишвар ва гаразнок чоп мешаванд, чӣ хел арзёбӣ мешавад? Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ба ворид кардани тағйиру иловахо зарурат дорад? Ин саволхо ҷавоб мехоҳад. зеро то якуми марти соли 2007 дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ бештар аз 420 нашрия сабти ном гаштааст. Озодии матбуот дар ҳар кишвари мутамаддии бояд ифодагари меъёри давлатдорӣ бошад. Зеро матбуотро вобаста ба мағзи қаламкаш метавон оинаи мамлакат бо бурду бохт. хубу бадаш номид. Мутолиаи рӯзномаҳои кишвар имрӯз аз он дарак медиҳанд, ки акслри рӯзноманигорон рахи созандагӣ, ба дили инсон умед ба оянда, ба худшиносӣ, ватандорӣ андохтанро касб кардаанд. Матбуоти ҳақикӣ ифодагари имону вичдони пок буда, хосияти фарогирии оммаро дорад. Барои вазъи Тоҷикистони кунунӣ олитарин вазифа таргибу ташвиқи ваҳдат, дӯстии халқҳо, омурзиш, ободонии Тоҷикистон, покию худшиносӣ, ватандорӣ, зхёи суннатҳои пешин. ситоиши давлатдории Сомониён ва гайра мебошад. Ҳамин амрро дар рӯзномаҳои давлатӣ ва мақолаҳои ба чоп мерасонидаи баъзе рузномаҳои ғайридавлатӣ метавон мушоҳида кард.

Замона тақозо дорад, ки бояд воситаҳои ахбори омма муайянкунандаи низоми давлату давлатдорӣ, давои дардҳои айём гардаид. Ҳамин вазифаро то ҳадде рӯзномаҳои давлатӣ, маколаҳои ҷудоғонаи рӯзномаҳои ғайридавлатӣ ифодагарнд.

Маврид ба ёдоварӣ аст, ки дар замони бесоҳибӣ, беҳукуматӣ журналистҳо ба элигаи соҳибимтиёз табдил меёбанд. ё ҳадци ақал кӯшиш мекунанд, чуник бошанд. Масалан, ҳамин гурури худхоҳӣ ва танқиддурӣ, бологир буд, ки роҳбарияги «Чароғи рӯз», «Адолат», «Ҷавонони Тоҷикистон»,Симо ва садои мардумӣ, дар гузашта ба ҳар танқид сарфи назар аз дуруст ё галат буданаш, сарфи назар аз он ки аз кӣ равона шудааст, гиранда, ҳамкасб, ҳукумат бо қаҳру газаб чавоб дода, ба гӯянда дармеафтиданд ва гарде аз гунохро ба либоси худ нишастанӣ наменонданд. Элитаи соҳибимтиёзи журналистӣ аз садхо, ҳазорҳо нома перомуни фаъолияташ танҳо онро эълон медошт. ки ба пуштибонии ӯст ва дар вақти қаҳтию зарурӣ чунин номаро месозад.

Чуиин вазъияти дохилиредаксионии матбуот андактарин имконияти демократия, баёни демократиро низ хунсо мекунад.

Дзъвогарони тозагии журналистика «аниқият, амиқият ва садоқат»- ро ҳамчун омили аслии кор шарҳ дода., ба он фикранд, ки кафили аслии раванди

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

демократӣ, озодии амал мебошад. Аммо онро набояд фаромӯш кард, ки техникаи имрӯза ба журналистон имконияти номаҳдуди инҳисори воқеиятро фароҳам месозад. Идора карда тавонистани худ дар шароити мавчуд будани чунин имконияти озодии амал аз шартҳои зарурии боқӣ мондани эътибори воситаҳои ахбор аст.

Бояд дар назар дошт, ки дар шароити мавҷуд набудани сензураи расмӣ афкори омма сензура мешавад, яъне бокӣ мондан ё намондани ин е он нашрия ба ҳавсалаи мардум нисбат ба моли он меравад. Аммо ин ақида дар шароите дуруст аст. ки дастгоҳи журналистӣ моли шахсӣ бошад ва соҳиби он ба фурӯши мол ҳавасмандии моддӣ дошта бошад. Агар моли журналистӣ соҳибе дошта бошад, ки мақсади ғоявии он на оидоти моддӣ, балки бурди маънӣ аст, он гох афкори омма ҳеҷ нақше дар баробари матбуот нахоҳад дошт ва аксуламали хонандагону бинандагону шунавандагон ҳеҷ асаре ба дастгоҳи журналистӣ намекунад. Баръакс таблиги ҳамарӯзаи ин дасггоҳ ва қабули маҷбурии маводи номақбули он гирандагонро ба ҳолати доимии асабоният рӯ ба рӯ мекунад. Чунки барои чунин дастгоҳи журналистӣ ахбори манфи мӯҳтаво, танқидӣ аҳамияти асосӣ касб мекунад.

Хулоса, агар танқиду масъалагузории матбуот, радио ва телевизион хислати машваратӣ медошт, шояд камзарар буд, зеро органҳои босалоҳияттибқи қонун дуруст будан ё ғалаг будани онро қазават карда, худ ба хулосае меомаданд. Чунки журналист ҳам инсон аст, вай ҳам ба ҳаяҷону шӯр меояд ва он чи дар чунин ҳолат х'уфгаю навишта мешавад, наметавонад хакиқатро ифода кунад. Махз аз ҳамин сабаб ҳар кадом ннститути ичтимоӣ вазифаи худро дорад, журналистика аз ҷумла бо иброз доштани ақидаи азҳоб ва ҷараён. шахсиятҳои гуногун перомуни нн ё он масъала ба органҳои дахлдор барои ёфтани ҳақиқат мадад расонда метавонад, на зӯрӣ кунад.

Яке аз проблемаҳои умда дар журналистика он аст, ки оё ВАОТ метавонад муассисаи мухтор ва бетарафи инъикос ва танқид бошад. Танқиди (нақгхи) воқеаҳои иҷтимой кори муҳиме буда, аз мунаққид ҳадди якал чор хислатро тақозо мекунад: интеллект будан, босалоҳиятӣ, жобилияти фикр карда тавонистан, покдилӣ (боақлӣ).

Аксарияти кормандони дастгохи журналистиро ҳамчун интеллект кзбул кардан дуруст нест. Зеро талаботе, ки дар навбаги аввал аз онҳо жавҷуд аст, хуб навишта тавонистан ва хуб гуфтан аст, то ки чунин !*грзи баён барои аудигория хавасмандкунанда бошад. Онҳое, ки ҳар чизро ба ҳадди соддагӣ бояд гӯянд, душвор аст, ки проблемаҳои асураккабро аник таҳлил намоянд. Дар паҳлӯи ин журналистика метавонад ва бояд бо ин мақсад аз шахсиятҳои варзида истифода намояд.

Дигар масъалаи тахассус (салоҳият). Маълум аст, ки дар шароити Всрсоҳағии кунунӣ иддао дар бораи дониши хамасоха, дастзанӣ ба ҳама гарафҳои ҳаёт худ нодонист ва он журналистоне, ки ба ин минвол кор жкунанд, аз паси худ бо роҳи ғалат бурдан мехоҳанд. Ҳатто онҳо р>хахоеро танкид мекунанд, ки дар он ҷо онҳоро дар ночизтарин вазифа са кор намегиранд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Масъалаи фикр карданро ба он маъно бояд фаҳмид, ки он вақту фурсат мехоҳад. Ам.мо суръати нашарот, сарсият дар аксар вақт аз ин имкон журналистро маҳрум месозад. Талаби покдилӣ ба бетарафии куллӣ дар иньикоси вокеа ишора мекунад, ки бидуни шак журналист аз ин чиз орӣ аст.

Равияи танкидӣ яке аз нишондиҳандаҳои аслии фаъолияти журналистӣ аст. Аммо ии бояд яктарафа набошад. Равияи матбуот он вақт фаҳмида ва қабул шуда метавонад, ки дар саҳифаҳои он танқид ва таҳлили танқидӣ хусусияти бетарафона дошта бошад. Аммо муносибати тиҷоратие, ки ба матбуот роҳ ёфгааст, ҷонибгирии сиёсии матбуот равияи танқидии матолиби онро хусусияти ҷонибгирона медиҳад ва ин зарбаи шадиде оа демократия мебошад.

Бетарафии комили журналист дар ҳолати вобастаи к.асе ё чизе набудан сурат гирифта метавонад. Аммо таърихи садсолаи журналистикаи тоҷик ба он аст, ки алҳол замоне, шароите набудааст, ки журналистикаи точик аккалан як рӯз аз ин омилхои давла гӣ. ҷамьиятӣ, сиёсӣ, модди ё шахси озод бошад. Дар айни ҳол ҳамон як дастгоҳи журналистӣ бо таъсири андак дар хайати эчодии худ метавонад мудцате дар хизмати як гурӯхи иҷтимой бошад, муддаги дигар ба дигар гурӯҳ хизмат иамояд.

Аммо шиори бетарафӣ метавонад барои журналист ниқобе шавад ва и мкон диҳад то ӯ гавонад дар вақти дозимӣ мавқеи танқидашро сад дар сад барьакс куиад, барои айни як чиз касеро пуштибонӣ намояд, дигарро танкид кунад. низоеро барангезад, аммо чун шуморандаи воқеахо худро дур аз масъулияти он кашад,

«Адолат». Моҳномаи Ҳизби Демократии Тоҷикистон ва ҷонибдорони он 10 августи соли 1990 пешкаши хонандагон гардид. Дар ин шумора газета ба хонандагон мурочиат намуда, навишта буд: «Мароми мо: ииидоринек, гуфтори нек, кирдори нек!» аст. Валс моҳнома (баъдтар ҳафтавор) ва кормандоии он дар давоми фаъолияти хсш то охир ба шиори худ содиқ намондапд. Ҳафтавор ҳамагӣ 48 шумора чоп шуд Зери рубрикаҳои «Нӯшбод», «Сиёсатнома», «Саҳифаи хунини таърихи Ватан». «Шумо медонед, ки», «Паёми рангин», «Ҳачв», «Акси садо» дар мавзӯъҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимой маводи зиёдеро пешкаши хонандагони худ гардонидааст.

Имомназар Ходназар сармуҳаррир, А.Очидов, Бозор Собир, В.Терлетский, Искандари Хатлонӣ, Мухаммадалии, Саидзода, Рустами Ваҳҳобиён, Раҳими Мусулмониён, Шодмони Юсуф, Абдунабии Саттор дар ҳайатн таҳририяи ҳафтавор шомил буданд. Аҳли қалами нашрия Зулфикор Исмоилиён, Рофеь Рабеь, Сабзалӣ Мурод. Саидқосим Қиёмпур, Шафқати Рачабиён ва дигарон барои рӯзномаи мазкур дар мавзӯъҳои гуногун материал менавиштанд.

Баъдтар фаъолияти ин нашрия барои вайрон кардани талаботи конуни матбуот аз тарафи Додгохи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

боздошта шуд.

«Варзиш». Рӯзномаи кумитаи варзиши Тоҷикистон соли 1990 ба майдони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳастӣ омад. Сиёсати давлату ҳукуматро дар инкишофи физкултураю спорт таргиб менамояд, таҷрибаи кори варзишгарони номии ҷумҳурӣ ва ҷаҳонро дастраси умум гардонида, фаъолияти ташкилотҳои варзиширо таргиб мена.мояд. Ҳафтавор азсабаби касодии молиявӣ на ҳамеша сари вақт чоп мегардид ва ниҳоят охири соли 1993 нашри худро муваққатан боздошт. Солҳои охир боз ба фаъолият пардохт.

«Илм ва ҳаёт». Маҷаллаи илмӣ-оммавӣ ва ҷамъиятиву сиёсӣ, ки онро аз соли 1989 ҷамъияти «Дониш» нашр мекунад. Моҳвор, дар 64 саҳифа то 6 ҳазор нуска баромадааст. Муҳаррир М.Ҳоҷиматов ба ҳамкорӣ олимону сиёсатмадоронро ҷалб мекард ва ба тарҷумаи «Қуръон» низ шурӯъ кард. Дар ин вақт маҷалла ба масъалаи сиёсати миллӣ таваҷҷӯҳ намуд. Дар солхои 1990-1991 ин маҷала аз обрумандтарин ва серхонандатарин нашрияхои Тоҷикистон буд. Вай ба хонандагони босавод ва зиёӣ такя мекард. Ҳоло дар шакли кварталӣ он ҳам номунтазам нашр мешавад..

«Минбари ислом». Нашрияи афкори динӣ буда, онро қозиёти Тоҷикистон таъсис додааст. Муҳаррир С.Нурӣ. Ин нашрия 13 августи соли 1991 ба кайд гирифта шуда бошадҳам, аз 10 январи соли 1992 чоп мешавад. Дар давраи майдоншинӣ ба ҳайси нашири афкори майдони -<шаҳидон» хизмат кард.

«Наврӯзи ваган». Ҳафтаномаи Вазорати ҳифзи габиати Ҷумхурии Точикистон буда, ибгидоисоли 1991 таъсисёфт. Нашрия бо забонҳои тоҷикию русӣ дар боби ҳифзи табиат мақолаю хабар, лавҳаю очерк чоп карда, марду мро ба ҳифзи табиати кишвар даъват менамояд. Ба адабиёт таваҷҷӯҳи хоса дошт.

«На чот». Нашрияи ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон 4 шумора лар соли 1991 чоп ва дар Тоҷикистон паҳн шудааст. Сипас 14 январи соли 1992 ба қайд гирифта шуд ва 12 майи соли 1992 бори нахуст чоп :луд. Таҳти рубрикаи «Симои рӯз», «Таьрих гувоҳ аст», «Ғизои рӯҳ», Чун парда дарафтод», «Ҳақва Ботил» барои муштариён материалҳо пешниход намудааст.

«Оинаи зиндагӣ». Нашрияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон солҳои 1990-1992 чоп мешуд. Дар он аз фаъолияти иттифоқҳои касаба, ҳиссаи коргарону мутахассисон дар баланд бардоштани самаранокии истехсолот, шароити кору зиндагонии онҳо ташкили мусобикаҳо, катиҷахои он материалҳо ба табъ мерасонд. Вобаста ба шароити нашр ба масъалаҳои сиёсӣ ва миллӣ низ таваҷҷӯҳ мекард. То шумораи 25 бо номи «Меҳнат» баромадааст. Муҳаррири аввалини рӯзнома Искандар Мирзоев буд.

«Паёми Душанбе». Ҳамчун нашрияи ҷамъиятию сиёсии пойтахт аз 1 январи соли 1990 нашр мешавад. Муассисони рӯзнома - Шӯрои намояндагони халқи шаҳри Душанбе ва ҳайати эҷодии рӯзнома мебошад.

Ин рӯзнома ҳамчун иашрияи шаҳрии Ҳизби Коммунист таъсис ёфта буд ва соли 1990 дар ҳашг саҳифа 20 ҳазор нусха мебаромад. Муҳаррираш Додохон Эгамов буд. Рӯзнома майли равшангарой дошт ва ҳайати эҷодӣ моҳи декабри ҳамон сол онро ҳамчун рӯзномаи мустақил аз қайдгузаронд ва изҳор намуд, ки аз роҳбарии ҳизб даст мекашанд ва ҳизб мамониат кунад, гуруснанишинӣ эълон мекунанд. Дар рӯзнома муроҷиатҳои мустақим ба хонандагон, матолиби танқиду танз зиёд чоп шудааст. Дар ҳолатҳои душвораш ба хонандагонаш бо ифодаҳои «

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бародарон», «дӯстон», «ёрон» муроҷиат карда, масалан мегуфт,ки

Ёрон, ба «Паём»-и мо ёр шавед

Ин кӯдаки покро мадагор шавед.

Баъдтар ба ин нашрия Ибод Файзуллоев муҳаррир таъин шуд.

«Баҳористон», «Сафина», «Розхо ва ниёзҳо» аз саҳифаҳои пурмазмуну шавқовари ин нашрия ба ҳисоб мераванд.

«Паёми ҳақ». Ин рӯзномаро мохи январи соли *1991* Давлат Исмон ба роҳ андохтааст. Ии аввалин нашрияи динӣ ва гайрилегалии Тоҷикистон аст. Вай мохи декабри соли 1990 чун рӯзномаи шахсӣ да вазорати адлияи СССР ба кайд гирифта шудааст. Дар он андешаҳог аҳли дин ва пешравони ҳаракати исломии 'Тоҷикистон ифода меёфт Чанд шумора нашр шуданаш маълум нест. Вале дар митингнишиниҳо солҳои 1991 маъмул буд.

«Растохез». Рӯзномаи раёсати ҳаракати мардумии растохез буд шумораи аввалини он мохи майи соли 1990 нашр гардид. Баъдтар рӯзнома чун рӯзномаи шахсии Т.Абдуҷаббор ва А.Комилов бо унво! «Дунё» дар кумитаи табъу нашри Т оҷикистои таҳти рақами 90 номнав шуда, то моҳи майи соли 1992 14 шумора аз чоп баромадааст. Д шумораи якуми «Дунё», ки 1 майи соли 1991 бо нишон ва шио анъанавии «Растохез» -«Аз гахвора то гӯр дониш биҷӯй» чоп шуда М атолиби зерин нашр шудаанд: «Паёми мо», шеъри Иқбол « ҷавонон», «Растохез» куҷост» «Дунё», «Чаро?», «Моро маъри мебояд», «Шоҳ агар одил набошад...», «Ту к-аз меҳнати дига беғамй», «Олимон тарсиданд ё» ва дигарҳо. «Дунё» худро «нашр

озо д», ҷои чопашро ИҶШС гуфтааст. Дар шумораи чоруми ин рӯзг барномаю оинномаи созмони Растохез чоп шудааст. Тиражи он 850 нусха буд.

«Садои мардум». Рӯзномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда. шумораи аввалинаш мохи январи соли 1991 ба табъ расид. Муҳаррири нахустини он намояндаи мардумӣ Муродулло Шерализода интихоб гардид. «Садои мардум» на рӯзномаи соҳавй, балки рӯзномаесг дар сатҳи миллату давлат. Аз ин рӯ, мавзӯъҳои мавриди баҳсу таҳқиқи он низ аз ҳамин маншаъ мегиранд. Дар як муддати кӯтоҳ газета таҳти сарварии олим ва журналисти варзида, шодравон М.Шерализода ба сифати нашрияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минбари ҳақикии халқ табдил ёфт. Рӯзнома нахлӯҳои гуногуни масоили мубрами ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии сокинони Тоҷикистонро тарафи таваҷҷӯҳ ва инъикос карор дода меояд. Вай дар роҳи эҷоди давлати ҳуқуқбунёд, дунявй ва демократй, иртиқои сатҳи маърифату огоҳии мардум аз дастовардҳои аҳли башар мусоидат менамояд.

Рӯзнома ҳоло ҳафтае 3 маротиба нашр мешавад. Дар саҳифаҳои ин рӯзнома қонуну қарор ва фармонҳои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ ба табъ мерасад. Зери рубрикаҳои «Аз ҳаёти Шӯроҳо», «Сухани рӯз», «Масоили доги рӯз», «Рози дил», «Резаборон», «Ҷаҳони имрӯза», «Фарҳангу хунар», «Истиқлоли мо -- истиқболи мо», «Суннатҳои ниёгон», «Муаммо, таҳлил ва пешниҳодҳо», «Бонги изтироб» ва гайраю дигарҳо хабару мақола, лавҳаю репортаж, мусоҳибаю очерк, фелетону памфлет чоп намуда, пешкаши хонандагон менамояд.

«Садои мардум» дар воқеаҳои солҳои 1991 -1992 дар ҷумҳурӣ ягона рӯзномае

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

буд, ки ба давлату ҳукумати қонунӣ содиқ монд ва ба туфайли ин рӯзнома хонандагон аз ҳақиқаги вокеаҳо бохабар гаштанд. Ҳамин хақиқатнигории рӯзнома буд, ки баромадҳояш на ба ҳама писанд меомад. Аз ин рӯ, душманони сухани росту ҳақиқат сармуҳаррири рӯзнома Муродулло Шералиэодаро ҳадафи тири худ қарор доданд. 5 майи соли 1992 ин рӯзноманигори ҳақиқатпараст ба қатл расонида шуд. Вале рӯзномаю коллективи эҷодии он аз роҳи ҳақиқатнигорӣ рӯ натофт.

«Сомон». Нашрияи Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ

19 феврали соли 1991 таҳти рақами 31 дар Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Рӯзнома бахшида ба ичрои қонуни забон, таърихи забон инкишофи он, равобити илмию фархангии мардуми форсизабон гузоришҳо ба дасти чоп медод. Рӯзнома бо ҳуруфоти кириллӣ ва арабӣ чоп мегардид. Муҳаррир Доро Нағот.

«Сомон» 18 октябрисоли 1991 лоиҳаи Барномаи «Созмони Куруши Кабир»-ро чоп карда, дар поёнаш намунаи аризаи узви онро овардааст: «Ман Пулоди Сангин ба шомилияти хеш ба сафи мубораки созмони миллии Куруши Кабир савганд ёд мекунам, ки дар рохи офариниши Ирони Ягона, Бузург ва Ҷовид аз хеҷ захмату риёзат сар намепечам, хатто ҷони худро дарег намедорам. Хар гох, ки ба ин ормони волою мукаддас хиёнат кунам, то ба ҷовидон бар ману авлоди ман лаънат бод.»

«Сухан». Нашрияи иттифоки журналистони Тоҷикистон. Шумораи аввалинаш нуҳуми марти соли 1991 ба табъ расид. Ин рӯзнома бо ташаббус ва ишгироки бевоситаи рӯзноманигор Отахон Латифӣ таъсис ёфтаасту дар Вазорати матбуот ва ахбори ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 69 аз 19 марти соли 1991 ба қайд гирифта шудааст. Шумораи охирини он 20 июни соли 1992 чоп шуда буд. Муҳаррирони рӯзнома Насибҷон Амонӣ ва Ғуломҳайдар Муродалиев будаанд. Ҳафтавор то 10 ҳазор нусха чоп шудааст. «Сухан» гарчи нашрияи ҷамъиятӣ буд, аммо хислати рӯзномаи сиёсиро касб карда. ба муқобили ҷамьият ва давлати шӯравӣ, ба муқобили роҳбарияти ҷумҳурӣ, дар масъалаи миллӣ матолиби ҷиддӣ чоп мекард.

«Фарҳанг». Маҷаллаи адабӣ ва фарҳангӣ буда, онро фонди фарҳаиги Ҷумҳурии Тоҷикистон якуми январи соли 1991 таъсис додааст. Дар саҳифаҳои ин маҷалла мероси адабӣ, ҳамчунин матолиби таҳқиқ нашр мешаванд. «Фарҳанг» аз ҷумла «Маснавии Маънавӣ»-ро чоп кардааст. Дар таблиғи адабиёти классикии точик нақши умда дорад.

«Чароғи рӯз». Рӯзномаи шахсии Додоҷон Атоуллоев буда, шумораи нахустинаш 12июнисоли 1991 чопшуд. Дар Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 1991 таҳти рақами 71 ба кайд гирифта шудааст. Дар ҷумҳурӣ то моҳи декабри соли 1992 чоп мешуд. Рӯзнома худро «Минбари озоди ҷавонон» меномид. Вай худро «дар осмони сукутварзидаи матбуот ва зиндагии мардуми Тоҷикистон барқе» номида буд. Дар шумораи 24 (45) соли 1992 ба муносибати яксолагии аз чоп баромадани нахустшумораш мактуби яке аз хонандагони худро бо мазмуни зайл чоп кардааст: «Бори дигар ба хулосае омадам, ки рӯзномаи «Чароги рӯз» дар ҳақиқат ба як навъ дастгоҳи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гурӯҳи гаразпешаи авбоштабиатону дашномборони саҳнаи ба ном «матбуоти демократӣ» мубаддал гаштаасту аз рагу пайванди он танҳо бӯи ҷонгудози нақосат ба машом мерасад».

«Чароғи рӯз» зери рубрикаҳои «Тоҷикистон таймс», «Оламу одам», «Соярӯшан», «Таҳҳона», «Миш-мишпресс», «Охируламр», «Бонги рӯз». «Чаро?»-и рӯз», «Рӯзи сиёх» ва гайраю дигарҳо барои хонандагони худ мавод чоп мекард. Муаллифони асосии рӯзнома бунёдгузор ва мудири масъул Додоҷони Атоулло, сардабир Салим Аюбзод, гурӯ.ҳи эҷодӣ: Қаюми Қаюмзод, Мирзои Салимпур. Соҷидаи Мирзо. Қодири Рустам. Зӯҳрои Мирзохӯҷа, Искандари Майрамхӯча буданд.

Рӯзнома ҳайати мушовирони хешро дошт, ки онҳо ҳарчанд барои рӯзнома маводе барои чоп тайёр намекарданд, вале номи баланде доштанд. АкбарТурсун, Аслиддин Соҳибназаров, Ато Муҳаммадҷонов, Баҳманёр, Бӯрӣ Каримов, Давлат Худоназаров, Зафар Нозим, Комил Бекзода, Муҳаммадалии Саид, Отахон Латифӣ, Пӯлод Пӯлодов, Усмонхӯҷаи Нӯъмон, Фарзона, Ҳоҷимуҳаммад Умаров ва дигарон ҳайати мушовирони рӯзномаро ташкил медоданд.

Матбуоти туркизабони Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи миллӣ дар тамоми таърихаш ҳамчун кишвари демократӣ ва инсондӯст баромад мекард ва ҳукуки хамаи миллиятҳои сокинаш, аз ҷумла халкҳои туркзабонро риоя намудааст. Дар Тоҷикистон халқу қабилаҳои гуногуни турк, зиндагӣ мекунанд, баъзеи онҳо сернуфуз ва дигарҳо камшумор мебошанд, бинобар ин ВАО-и ҷумхурӣ бо забонҳои узбекӣ, лакай ва қиргизӣ нашр шуд. Нашриётҳои Тоҷикистон солона ба забони ӯзбекӣ даҳҳо номгуй китобу рисола чоп мекунанд ва онҳо мавзӯъҳои сиёсӣ, иҷтимой, фарҳангӣ ва истеҳсолиро дарбар мегиранд, адабиёти бадеии нависандагони тоҷик ва хориҷӣ низ чоп мешавад. Радиои Тоҷикистон бо ин забон барномаҳои ахбор ва гуфтор барои деҳқонон дошт. Дар телевизиони Тоҷикистон нахмоишҳои хоси ӯзбекӣ мавҷуд буданд. Агентии Иттилооти Тоҷик ТА матолиби расмиро бо забони ӯзбекӣ низ паҳп мекард.

Матбуоти туркӣ аз рӯзномаи «Кизил Тожикистон» огоз мегирад, ки дар он дар солҳои сиюм Бобоҷон Ғафуров низ кор кардаанд. Дар солҳои 60-90 ум ин рӯзнома ҳафтае шаш бор чун нашрияи КМ ХК Тоҷикистон, Президиуми Шурои Олй ва Хукумати Тоҷикистон мебаромад ва мухаррираш аз ҷумла Хоҷӣ Содиқ буд. Нашриёти дигари туркизабои инхо буданд; «Халк овози», «Ҳак сӯз, «Тожикистон овози», «Лакай овози». Дар ноҳияҳои Ҷиргатол ва Мурғоб ҷаридахои қиргизӣ, дар нохияҳои Нов ва Турсунзода ҷаридаҳои ӯзбекӣ ва дар бисёр рӯзномаҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ саҳифа ё гӯшахои ӯзбекӣ мавҷуд буданд.

V. ВАО-и ІОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

2

9 сентябрисоли 1991 Тоҷикисгон истиқлолияти давлатиашро эълон намуд ва соҳибистиқлол шуд. Аз ҳамин давра ба баъд дар системаи сиёсӣ ва иқтисодиву мадании Тоҷикистон дигаргуниҳои бузурге ба амал омаданд, ки моҳияташон мустақилиятро ифода мекрад. Дар соҳаи журналистика ин масъала ба пурра барҳам хӯрдани системаи мутлақи иатбуоти ҳизбию шӯравии тоҷик мутобиқ аст. Хислати нави журналистика дар силсилаи конунҳо пурра таҷассуми худро ёфт. Аз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷумла модцаи 30-и Сарқонуни 'Тоҷикистон зикр мекунад, ки «ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Таблиғот ва ташвиқоге, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Номгуи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад».

Қонунҳои Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма, қонунхо дар соҳаи матбуот, телевизион ва радио, информация ва воситахои пахши информатсия, табъу нашр ва ҳуқуқи муаллиф ҳама ба асосҳои конститутсионӣ мувофиқ гардонида шуда, ба меъёрҳои демократӣ ва талаботи озодии сухан мувофиқанд. Яъне дар масъалаи қонунгузорӣ асосҳои демократӣ риоя шудаанд. Аз ҷуула меъёрҳои зерини дар «Қонун дар бораи матбуо г ва дигар воситаҳои ахбори омма» зикршуда ба хамаи конунҳои дигар низ хосанд.

Моддаи 2. Матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон озоданд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқук дорад фикру ақидаашро озодона баён кунад, онҳоро дар ҳар шакл дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор намояд. Сензураи давлатӣва таъқиб барои танқид манъ аст.

Молдаи 8. Ҳокимияти маҳаллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиходияҳои кооперативӣ, динӣ ва дигар игтиходияҳои гражданинҳо, ки мувофиқи қонун барпо шудаанд, коллективҳои меҳнатӣ, ҳамчунин шахсони алоҳидае, ки синнашон ба 18 расидааст, ба таъсиси воситахои ахбори омма ҳуқуқ доранд».

Ин меъёрҳо, дар сурати татбиқ шуданашон фаъолияти шпоралистии матбуотро таъмин мекунанд. Экспертҳо дар қонунҳои марбут ба ВАО ду чизро ҳамчун дурравӣ аз системаи ҷаҳонии озодии сухан медонанд.

1. Литсензиядиҳӣ ба фаъолияти телевизион ва радио. Дар шароити Тоҷикистон ин вазифаи муассисаи давлатии телевизион ва радио аст. Дар ин ҳолат ин муассиса дар симои идораҳои навтаъсис рақибони эҷодии худро дида, ба онҳо мухолифат карда метавонанд. Бинобар ин бехтар аст. ки ба ин кор сохторе машғул шавад, ки манфиатдор набошад.

2. Дар ҳамаи қонунҳои марбут ба ВДО меъёри зерин мавҷуд аст: «Интишори маълумоти дорои сирри давлатӣ ё асрори дигари қонунан маҳфуз, ки ба зӯран сарнагунсохтан ё тағйир додани сохти конститутсиошт даъват мекунад, шаъну эътибори давлат ва Президентро халалдор месозад, ҷанг, зулму зӯроварӣ, терроризм ба ҳама зухуроташ. хусусияти нажодию миллӣ ва ё динӣ, инчунин эҳтиром накардани миллату дини дигар, фаҳшу фуҷур (парнография)-ро таблиг мекунад, ба содир намудани кирдори ҷиноятии дигар даъват менамояд, дар воситаҳои ахбори омма манъ аст». Гарчи асоси мавзӯъҳо ин меъёр ба озодии сухан ва протоколу конвенсияҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, аммо баъзе масъалаҳои онро мутахассисон нобарҷой ва барои инкишофи демократия дар воситаҳои ахбори омма халалрасон меҳисобанд.

Соли 1991 дар шароити нооромиҳои сиёсӣ Шӯрои Олӣ ба моддаи 139 Кодекси ҷиноягии Тоҷикистон пешниҳоде кард, ки барои «Касеро шифоҳӣ, хаттӣ, бо ҳаракат таҳқир кардан», «барои таҳқире, ки дар асарҳои чопӣ дар рӯзномаю

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маҷаллаҳо ва дигар воситаҳои ахбори омма» чазоҳои қатъй муайян карда шаванд.

Сарфи назар, ҳуҷҷатҳое, ки давлат дар давраи истиқлолият қабул кардааст, барои таъсиси системаи нави ахбор мусоидат менамоянд. Ҳоло дар Тоҷикистон навъҳои зерини воситаҳои ахбор ва муассисаву идораҳои мусоидаткунандаи фаъолияти онҳо мавҷуданд: рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион, интернет, агенгиҳои хабарй, иттиҳодияҳои журналистон.

Системаи ахбори оммавии Т оҷикистонро аз нигоҳи тааллуқоти молй ва сиёсй ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: расмй, ҷамъиятӣ. хизбй, шахсй. Ҳар кадоми он хислати ба худ хос дорад ва ҳеҷ кадоме аз онҳо ба хамдигар тобеъ нест. Танҳо воситахои ахбори ҷамъиятй дар ҳамкории мақомоти давлатй ва шахсй таъсис ёфта метавонанд.

Яке аз хусусияти фарқкунандаи журналисгикаи имрӯзаи Тоҷикистон дар он аст, ки рӯзнома бо маънои томи ин калима мавҷуд нест. Дар замони истиқлолият бо сабабҳои бархурдҳои сиёсй ва ҷанг, бо сабаби душвориҳои моддй нашрияҳои ҳаррӯза аз миён рафтанд. Ҷиҳа ги Д1паре. ки низ ба матбуот дахл дорад, ин аст, ки тиражи воситаҳои ахбор ниҳоят кам аз 500 нусха го 4-5 хазор аст. Танҳо чанд нашрия - •Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Садои мардум», «Азия плюс» бештар аз 20-30 ҳазор тираж доранд.

Дар соҳаи телевизион тагйироти сифатй 6а амал омадааст: телевизиони давлатй ба техникаи рақамй гузашта, сифати техникаи намоишхояш хеле беҳтар шудааст, инчунин давлат дар минтақаҳои дурдасти вилоятхои Бадахшон ва Суғд, инчунин минтақаи Рашт дастгоҳҳои мавҷқабулкунак шинонда. ба фарогирии бештарн аҳолй муваффақ шудааст.

Тағйирот дар соҳаи радио, махсусан радиои шахсй дар он зоҳир мешавад, ки барномаҳои шахсие, ки хислати мингақавӣ доранд, зиёдтар шуданд.

Дар кишвар агентиҳои хусусии хабаррасонӣ ва асотсиатсияҳои гуногуни журналистӣ таъсис ёфтанд.

Инкишофи ВАО-ро дар Тоҷикистони мустакил ба даврахои зерин таксим кардан мумкин аст.

1.Сентябри соли 1991 -декабри соли 1992. Дар ин давра озодии сухан хеле доманадор буда, ҳатто ба ҳадци анархия мерасид. Сабаби аслии он адами ҳукумат, шурӯи муқовимати сиёсй ва ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар ин давра ҳатто матбуоти давлатӣ зидди давлат баромад мекард. Дар соли 1991 муайян кардани он ки чӣ давлатй, чӣ муқобили давлат аст, душвортар аст. Ба ҳар ҳол меъёри зеринро дар назар доштан лозим меояд. То 5 майи соли 1992 матбуоти давлатӣ он буд, ки ҳукумат Р.Набиевро ҳимоя мекард ва дар масъалаи оппозитсия ҳадди ақал бетараф буд. Зеро дар он вақт матбуот, ки қатъан ба мукобили оппозитсия сухан гӯяд, мавҷуд набуд. Аммо аз 5 май сар карда, як идда аз воситаи ахбор, махсусан радио ва телевизион, ки хислати давлатӣ доштанд, танҳо ақидаи оппозитсияро, ки ба ҳайати ҳукуматӣ дохил шуда буд, ифода мекард, мақоми Президентро эҳтиром надошт. Дар моҳҳои октябр-ноябр бошад, ин воситаҳои ахбор умуман мустақил шуда, ба касе гӯш намекард. Бинобар ин Шӯрои Олй маҷбур шуд, ки моҳи октябри соли

1991 комиссияи ҳукуматӣ оид ба радио ва телевизионро ташкил диҳад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар Қарори номбурдаи 1 Мӯрои Олӣ «Мурочиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаҳои ахбори оммавӣ» тасдик карда шудааст, ки дар сн аз ҷумла омадааст:

«Воситаҳои ахбори омма метавонанд саҳми калонашонро дар кори мӯътадил сохтани вазъият дар ҷумҳурӣ гузоранд, агар онҳо ба мардум ахбори объективӣ, аз ҷумла аз сарчашмаҳои расмӣ, ки дар навбати аввал чунин ахбор қарорҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, пешкаш намоянд. Фақат ба он ҳуқуқ дода шудааст, ки аз номи халқ баромад намуда, на иродаи гурӯҳҳои алоҳида ва ҳаракатҳои сиёсиро, балки ҳамаи аҳолии ҷумҳуриро ифода намояд. Ахбори яктарафа ва аксаран номукаммал дар бораи ҳодисаҳои Тоҷикистон, ки дар рӯзҳои охир ба воситаи ВАО паҳн карда мешаванд, ба ноил шудан ба ризоияти ҷамъиятӣ мусоидат намекунанд, мардумро бо мақомоти конунӣ интихобшуда муқобил мегузоранд, ки ба минбаъд тезутунд шудани вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ оварда мерасонад.

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи ВАО бо пешниҳод, мурочиат менамояд, ки вазъиятро дар Тоҷикистон ба таври объективӣ баҳо диҳанд, пеш аз ҳама «Қонун дар бораи матбуот ва дигар восигаҳои ахбори омма»-ро дастури амал қарор дода, ба манфиатҳи муттаҳидшавии қувваҳои вокеан демократӣ муҳофизати ҳуқуқи инсон амал намоянд».

Дар ин давра воснтаҳои ахбори омма дар гуфтор ва тахрири худ хислати бадзабонӣ пайдо карда буданд. Дар давраи митингҳо ва ҷанг аз телевизион ва радио маслиҳату насиҳате, ки мардумро ба роҳи рост барад, камтар садо медоданд. Аз 5 майи соли 1992 радио ва телевизиони давлатиро нерӯҳои оппозитсион идора мекардагӣ шуданд ва дар он асосан ҷанги музаффаронаи наҳзатиён, шаҳидон нишон дода мешуд. Телевизиони мардумӣ ҳаррӯза барномаи ахбори ТВ Эронро нишон медод, радиои тоҷик кори худро бо азон оғоз мекард. Дар рӯзномаи озоди ҷавонон -«Чароғи рӯз» таҳдиду таҳқир шакли таблиғ шуда буд. Барои аксарияти ВАО дар соли 1992 танҳо як ҳақиқат мавҷуд буд - танқид ва истеҳзои ҳукумат ва мақомоти қонунӣ.

Дар ин давпа бо номи «Курьер Таджикистана», «Навигариҳои зкран», «Саховат», «Навиди бозоргон», «Коммерческий вестник», «Дом» рӯзномаю ҳафтаворҳо табъу нашр мегардиданд. Инчунин управленияи ангишти тоҷик бо номи «За уголь», управленияи сохтмони ГЭС-и Рогун «Огни Вахша», иттиҳодияи қолинбофии Қайроққум «Қолинбоф», фабрикаитрикотажбофииЎротеппа «Минбари коргар», иттиҳодияи республикавии «Тоҷиквнешторг» бо номи «Экспресс», Тоҷикматлубот «Матлуботи Тоҷикистон», Иттиҳодияи ҳунармандопи театри ҷумҳурӣ «Ноҳид», шаҳрванди Тоҷикистон А.Гадоев «Пари Ҳумо», шаҳрванд Т.Кличев «Таджик-пресс», маркази ӯзбекони Тоҷикистон «Ҳақ сузи» барин нашрияҳои чопии хешро доштанд. Аммо на ҳамаи ин рӯзномаҳо, на ҳамеша ба дарди мардум чавобгӯ буданд. Аз ин рӯ, яке хонанда пайдо карда натавонист, дигаре ба қоидаву қонунҳои муносибатҳои бозоргонӣ гоб наовард, сеюмӣ бо сабабҳои сиёсӣ аз байн рафт. Дигаре худро ба арсаи сиёсат зада, натавонист сухани рост бигӯяд, ба рӯзгори мардум иафъе оварад.

2. Дар нимаҳои соли 1993 озодии ВАО маҳдуд карда шуд. Моҳи июни соли

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

1993 Суди Олии Тоҷикистон фаъолияти «Растохез», «Адолат», -Чароғи рӯз», «Наҷот» ва дигар нашрияҳои оппозитсиониро манъ кард. Асоси иҷтимоӣ-сиёсии ин амал давом доштани ҷанги шахрвандӣ ва хичрати оммавии қуввахои оппозитсионӣ буд.

Дар даврае, ки Суди Олӣ фаъолияти магбуоти оппозитсиониро манъ кард, алайҳи ҳукумат се шакли воситаҳи ахбор пайдо шуд:

1.Шабномаҳо, ки онҳо дар дохил ё хориҷи ватан дар як-ду саҳифа поп ва паҳн карда мешуданд ва онҳо шадидан дар муқобили хукумат навишта мешуданд. Дар байни онҳо «Мурочиатномаи гирдихамомадагони майдони Шахидон, ки аз рузи 26 март ин ҷониб цлома дорад, ва хамаи мардуми шарифу нақиби Тоҷикистон» (1992). [Катъномаи гирдихамоии Майдони Шахидони Душанбешахр (1992) иМурочиатномаи наҳзати исломи Тоҷикистон» аз 19 июни соли 1994, иМурочпатномаи кумитаи ташкилоту нерӯхои сиёсии Тоҷикистон» аз 2 I рони соли 1994, Мурочиатномаи қумондони умумии НИТ Ризвоншоҳи

Али.мардон дар соли 1994 бо номи «Сухане аз муҷоҳиди роҳи ҳак», варакаҳои танзимшудаи Ҳизби Тахрир (солҳои 2001-2003) буданд. Масалан, соли 1992 варакае бо шеър аз ҷумла байтхои зерин мардумро ба митинг даъват мекард:

Бархезу биё, зуд ба майдони Шахидон
Эй тоҷики озодаву *п* \ ҳамватани ҷон.
То кай ту чунин бетарафу гофили аз хеш
То кай ту чунин ранҷ барӣ ҳамчу гуломон.

Дар варақаи дпгаре хабар дода мешуд, ки як марди осетин касди чони рузноманигорон Додварз ва Соҷидаи Мирзо кард. Сафар Абдулло аз чангм ментҳо базӯр халос шуд. Ба ту Гитлери точик Кенҷаев ҷанг эълон мекунам. Ин ҳа.ммаш кориту».

Дар хитобаи Ризвон, аз ҷумла омадааст: «Таи ду сол аст, ки коммунистони бедин ба хотири бақои салтанати 70-солаи хсш кишвари азизи моро ба хоку хун кашида. сарзамини ободу шукуфонро ба мазористон табдил додаанд. Дар ин ду сол дар Точикистон танҳо хуни мусулмон мерезад, хонаи мусулмон горат гардида, ба номуси хоҳари мусулмон таҷовуз карда мешавад. Шояд имрӯз аз мардуми Точикистон дида кашшоку бенавотар мардуме дар олам набошад», бинобар ин ...Ҳамчунонеустод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ фармудаанд: «То даме, ки як муҷоҳид боқист, чиҳоди мо идома дорад».

2.Матбуоти оппозитсионии дохилӣ, ки пинҳонӣ дар ноҳияҳои дурдасти зери тасарруфи муҷохидон аз чоп баромадааст. Чунин нашрияҳо аз 1-2 шумора зиёдтар чоп нашудаанд. Якеаз онҳо «Суруш» ном дошт ва як шумора соли 1993 чоп шуд. Матолибаш бар хилофи карорҳои иҷлосияи XVI Шӯрои Оли Т оҷикистон буд.

3.Оппозитсия аз радиохои хориҷн, пеш аз ҳама радиои «Озодӣ» барои таблиги андешаҳон худ ба таври доимӣ ва ҷиддй истифода мебурд. Қариб ҳар рӯз дар гуфтор.ҳои ин радио Мурочиатнома ва мусоҳибаҳои роҳбарияти мухолифин шунавонида мешуданд. Масалан, яке аз рохбарони мухолифат дар мусоҳибаи худ рӯзи 24 апрели соли 1994 мегӯяд: «Мо ҳамеша бар он ақидаем, ки дар Тоҷикистон умуман бояд садои тир баланд нашавад. Аммо ҳукумати Душанбе танҳо ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

сархад- менигарад. Дар кӯчахову шаҳру деҳоти ҷанубу шарқии Тоҷикистон имруз одамон даҳҳо баробар бештар кушта мешаванд. Ҳукумати расмии Душанбе натанхо нерӯҳои силоҳдорро назорат карда на.мегавонад. балки амали онҳоро ҳатто дастгирӣ мекунад. Ман ба масъулият бояд иқрор намоям, ки оппозитсия нерӯхои худро тахти назорати қатъӣ дорад ва ин кори чандон содда нест... Онҳо хешу наздикони худро талаф додаанд. Онҳо умеди бозгашт ба Ватанро тум кардаанд».

Соли1993 дар Тоҷикистон 174 нашрия, аз ҷумла 24 ҷумҳуриявӣ ва 9-то шахсӣ чоп мешуд. Тиражи яквақтаи онҳо 459 ҳазор ва солона 24 млн нусха буд.

3.Аз тирамоҳи соли 1997, замоне, ки Комиссияи оштии миллӣ дар Душанбе ба фаъолияти худ огоз намуд, давраи нави ВАО огоз шуд, ки он демократияи бештар дошт. Ба ин санади ҳамдигарбахшӣ ва Протоколи сиёсӣ барин ҳуҷҷатҳои сулҳ мусоидат намуданд.

Соли 1999 барои воситаҳои ахбори омма шароити мусоиди фаъолият ба амал омад. Моҳи августи ҳамон сол Суди Олӣ ҳукми худро дар бораи боздоштани фаъолияти матбуоти оппозитсионӣ (1993) бекор кард. Дар ин давра рӯзномаҳои «Адолат», «Наҷот», «Ҷунбиш» хеле фаъол шуданд. Махсусан, дар давраи интихоботи президентӣ матбуот фаъол буд. Сарфи назар аз он ки дар соли 1999 рӯзномаи «Ҷунбиш» баста шуд, аммо ҳолати демократии матбуот бокӣ буд. Дар ин давра нашрияҳои наве, мисли «Рӯзи нав», «Нсрӯи сухан», «Миллат», «Нигоҳ» ба арсаи вуҷуд омаданд.

Дар аввали асри XXI дар телевизиони давлатӣ чанд равия мисоли ба ҳам зид ба мушоҳида мерасад. Аввалан филми «Тоҷикони ҷаҳон» Х.Сангинов ва С.Неъматова баёнкунандаи идеологияи миллӣ, зуҳуроти мусбати зиндагӣ буд. Аммо сериали У.Рачабов дар гақлид ба филмҳои аврупой гоҷиконро ба нашъаҷаллобӣ таблиғ ва машҳур мекард, дигар консерт фавкулодда зиёд шуд ва таблиғи расмӣ хусусияти фаъол касб кард.

Дар нимаи дуюми даҳсолаи аввали асри XXI дар системаи ахбори электронии шахсӣ баъзе пеиаравихо ба амал омада, радио ва телевизионҳои мустақил ба вуҷуд омаданд. Равияи асосии воситаҳои электронии мустақил реклама-коисерт мебошад.

4.Давраи нави иттилоотии кишвар аз тирамоҳи соли 2004 огоз меёбад. Дар ин замон ҳукумати Тоҷикистон мустақил ва қатъӣ шуд. Нерӯҳои мусаллаҳи оппозитсионӣ боқӣ намонданд. Дар қонунхо ва қарорҳои перомуни воситаҳои ахбор дигаргуниҳои ҷиддие ба амал наомада бошаид ҳам, аммо аҳзоби мухолифи сиёсие. ки талоши қудрат доранд, аз танг шудани имконоти сухани озоддаъво мекарданд ва тибқи иттилои созмонҳои байналмилалй дар соли 2005 вазъи озодии сухан поёнтар раф г. Асоси ҷунин баёнот баста шудани рӯзномаҳои «Рӯзи нав», г«Нерӯи сухан», «Оламу одам» танг шудани фаъолияти интернет буд. Аммо дар солҳои 2006-2007 як силсила нашрияҳое ба миён омаданд. Ки |6а мақолаҳои характери интиқодй доштаашон шӯхрат ёфтанд.

Ба як мавзӯи дигар диққатро чалб кардан лозим аст. Дар давраи истиклолият публитсистикаи сиёсии китобӣ низ инкишоф ёфт. Асоси чунин публитсистика воқеаҳои сиёсии вақт ва шарҳи онҳо аз тарафи иштирокчиёни воқеаҳо буд. Дар ин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

равиш асарҳои А.Достиев, А.Тӯраҷонзода, Ш.Юсуф. С.Ҳакимова, А.Соҳибназаров, Б.Каримов, И.Усмонов, С.Кенҷаев, Н.Дӯстов ва дигарон ба табъ расиданд.

Аслан хусусияти воситаҳои ахбори асри XXI Тоҷикистонро фароғатӣ-тиҷоратӣ (75%), иттилоотӣ (5%), сиёсӣ (20%) ҳИсоб кардан мумкин аст.

1. **Матбуот**

«Азия плюс». Рӯзномаи иттилоотӣ тиҷоратиест, ки аз **21** январи соли 2000 ҳафтае як бор бо забони русӣ чоп мешавад. Муассис Умед Бобохонов аст. Ин аз нашрияҳои бопристижи Тоҷикистон буда, дар мавзӯи иҷтимоию сиёсӣ мақола ва шарҳҳои ҷиддӣ нашр мекунад, таҳлилҳои амиқ ва мусохибаҳои ҷиддӣ дорад. Дар ҳаҷми 24 саҳифа мебарояд ва масъалаҳои сиёсатро натанҳо дар иртибот ба Тоҷикистон, балки дар муносибат ба Русия низ арзёбӣ мекунад. «Азия плюс» ба мавзӯъҳои рӯзмарра матолиби сареъ тайёр карда метавонад.

«Азия плюс» (номашро бо ҳарфҳои лотинӣ менависад) ба се ҳисса А. В,С тақсим шуда, он ҳиссаҳои мавзӯҳои умумисиёсӣ, иқтисод, спортро дар бар мегиранд ва замимаи таркибии реклама низ дорад. Рубрикаҳои асосиаш инҳоянд: «Зеркало недели», «Мнение», «Тема номера», «Политика», «События», «История», «Обратная связь».

Ширкати иттилоотии «Азия плюс», ки ин рӯзнома ҷузъи он аст, аз 03.09.2002 радиои «Азия плюс»-ро низ таъсис додааст. Ин радио хислати тиҷоратӣ-фарҳангӣдошта, барои ҷавонон пешбинӣ шудааства бештар оҳангҳои аврупоиро истифода менамояд.

«Бахори **аҷам».** Нашрияи вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Т оҷикистон аст, ки 14 апрели соли 1998 таъсис ёфтааст, муҳаррири аввалинаш Саттор Турсун аст. Нашрия дар мавзӯъҳои фарҳанг мақолаву хабарҳо ва матолиби адабӣ нашр мекунад. Ин ҷарида моҳе як-ду шумора, аксаран вобаста ба сана ё воқеаи таърихӣ мебарояд.

«Зиндагӣ». 8 сентябри соли 2004 таъсис ёфтааст. Муассиси ин рӯзномаи ҳафтагӣ Қ.Хӯҷамов буда, дар айни замон худаш муҳаррир аст. Аввалин муҳаррир Х.Атовулло мебошад. Соли аввал ҳафтавор ба масъалаҳои чиддии иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон дахолат мекард. Ҳоло бештар ба мавзӯъҳои умумисиёсии ҷахон, мавзӯи Афғонистон таваҷҷӯҳ дорад. дар рӯзнома ёддоштҳои афгонистонии Қ.Хучамов мунтазам ба нашр мерасанд.

«М иллат». Ҳамчун рузнома дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 001-2089 аз 5 июли соли 2005 сабти ном **шудааст. Шумораи аввалинаш моҳи сентябр чоп шуд. Муассис ва сардабир Адолаги Мирзо мебошад. Рӯзнома бештар дар мавзӯъҳои сиёсату иқтисодиёт, илму фарҳанг маводҳо чоп менамояд. Таҳти рубрикаи «Пажӯҳиш», «Геополитика», «Устура», «Дин ва давлат», «Равзана ба чаҳон», «Суруши зан» ва гайрахо маводҳоро пешкаши муштариён менамояд. Дар сахифаи охирини рӯзнома зери сарлавҳаи «Чсҳраҳо» соҳибҷашнҳо-намояндагони шинохташудаи илму адаб ва фарҳанги Тоҷикистон ва берун аз он муаррифӣ мешаванд.**

«Миллат» нашрияи ҷиддии сиёсӣ аст, ба маводи тиҷоратӣ кам диққат медиҳад. Дар сиёсат бештар ба масъалаҳои миллӣ ва динӣ таваҷҷӯҳ дорад. Забонаш тақлид ба маъёри форсии гуфтор аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Минбари халк». Нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, аз 7 сентябри соли 1996 чоп мешавад. Рӯзнома фарогирии масъалаҳои ҳаёт буда, хонандагонашро на танҳо аз рӯзгори мардуми Тоҷикистон, балки бо кулли рӯйдодҳои ҷаҳон шинос менамояд. Рӯзнома таҳти рубрикаҳои «Хабар доред?», «Акси садо», «Мушкилоти рӯзгор», «Шамъи хотира», «Шинохти ҷаҳон» ва гайраҳо маводҳои басс ҷолиб ва хонданибобро пешкаши муштариён менамояд. Адади нашри он соли 2007 бештар аз 21 хазор нусхаро ташкил медод. Аввалин: муҳаррири он Бахтиёр Муртазоев мебошад.

«Нерӯи сухан». Нашрияи фонди ҳимояи журкалистон, нашрияи шахсии М.Боқиев аст. Аз 20 янва ри соли 2003 чоп шудааст ва соли 2005 баста шуд. Дар масъалаҳои миллӣ ва иҷтимой, инчунин баъзан сиёсӣ мақолаҳои пурмоҷарои ҳақиқатҷӯёна нашр мекард. Ба масьалаи густариши забонитоникӣ хамчун забоии давлатӣ таваҷҷӯҳи зиёд дошт. Ноширн рӯзнома аз он изҳори қаноатмандй мекард, ки «аз рӯи таҷрибаи «Нерӯи сухан» метавонем бигӯем, ки робитаи ҳукумат бо матбуоти озод ҳоло хуб аст, қариб ягон мақолае нест, ки аз ҷониби хукумат ба назар нагирифта шуда бошад.

Хушбахтона, генералҳо, размандорони собиқниз муқобили қалам бо пулемёт намебароянд» (22.04.04).

«Нигох». Ҳафтаномаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва тахлилӣ аст, ки онро Бунёди ҷумҳуриявии «Индем» (Информатика барои демократия ва рушди миллӣ) моҳи декабри соли 2006 таъсис додааст. Муҳаррири масъул Нуралӣ Давдатов аст. Ҳафтанома дар 16 саҳифаи А-3 чоп мешавад ва дар мавзӯъҳои дохилӣ ва байналмилалӣ шарҳу мақолаҳои ҷиддӣ чоп мекунад. Дар рубрикахояли калимаи Нигоҳ такрор меёбад: «Нигоҳе «ба кишвар». «ба иҷтимоъ», «ба чаҳон». «ба иқтисод», «Нигохи шумо» ва гайра.

Рӯзнома воқеахои дохплӣ ва хориҷиро бо тахлил мегирад, баҳо медихад. Дар гӯшаи ҳаҷвй-танқидиаш ба гуфтаҳои шахсиятхо ё матолиби матбуот луқма меандозад.

«Нидои ранҷбар». Нашрияи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон аз мохи феврали соли 1992 чоп мешавад. Зери рубрикаи «Андешаҳо», «Ахбори ҳизбӣ», «Акси садо», «Доғи рӯз» ва ғайраю дигарҳо мавод ба дасти чоп медиҳад. Рӯзнома ҳафтае як маротиба аз чоп мебарояд. Сардабирии рӯзномаро Ҳабибулло Ёров ба ӯҳда дошта, М.Мирзоев, Ҷ.Наботов, У .Шерхонов ва дигарон дар табъу нашри газета ҳисса доштанд. Ҳайати таҳририяи «Нидои ранҷбар» дар шумораи аввалаш 28 феврали соли

1992 ба хонандагонаш муроҷиат карда, аз ҷумла менависад: «Нидои ранҷбар» дар даврае ба гӯш мерасад, ки ҳизби коммунистро барои ҳар чӣ гунаҳгор кардан анъана шудааст. Албатта ҳизби мо гуноҳҳо ва камбудиҳои ашхосеро, ки аз номи ҳизби коммунист «киштии моро ба рег нишонданд», натанҳо рӯпӯш немекунад, балки фошу маҳкум менамояд ва яке аз умдатарин вазифаи мо низ ин аст. Аммо бисёр хоҳиш дорем, як ба оханги ҷорӣ онхое, ки имрӯз ҳизби коммунистро наҳ мезананд, бадгӯй мекунанд, дақик таваҷҷӯх кунед.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

()ё навад дар сади онҳо коммунистони собиқ ё худ онҳое, ки коммунист шуданӣ буданд, нестанд! Оре, онҳоеанд, ки имрӯз худро ба даргоҳи дигаре задаву вазифа гирифтанианд. Боварӣ ҳаст, вақт симои онҳоро равшантар мекунад.

Аммо на инкор, на хусумату бадгӯй ҳадафи ин нашрия нахоҳад буд. Балки мо ба умед қалам меронем, ки дар Тоҷикистони азиз сулҳу салоҳ бошад, ободӣ бошад, имон бошад, нону хона бошад, ба умед қалам меронем, ки хуни ноҳақ дигар дар замини тоҷик нарезад».

Дар баробари «Нидои ранҷбар» Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон рӯзномаҳои «Голос Таджикистана» (ба забони русӣ), «Тожикистон овози» (ба забони ӯзбекӣ) органи чопии хешро соҳиб аст. Аммо пас аз соли 1998- миллӣ шудани моликияти ҲК вазьи матбуоти он хеле бад шуд ва дар асри XXI онҳо аз рӯзнома дида ба моҳнома бештар монанд шуданд, зеро даврияти маълумро риоя карда наметавонанд ва солона то 10-15 номгуй мебароянд.

«Рӯзи нав». Ҳафтаномаи сиёсиву иҷтимоӣ, ки 25 июли соли 2003 дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуд ва шумораи аввалаш 7 августи соли 2003 ба табъ расид. Муассис ва муҳаррир Мараимов Раҷабалӣ (Раҷаби Мирзо) мебошад. Дар назди худ вазифа гузошт, ки дар бо сифат пур кардани фазаи иттилооти кишвар, инкишофи плюрализми сиёсӣ ва демократикунонии ҳаёти иҷтимой ҳисса гузорад. Рӯзнома асосан мақолахои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, шарҳҳои сиёсӣ ва памфлетҳо нашр мекард.

Дар сутуии муҳаррир дар ҳар шумора муҳимтарин ва асоситарин мавзӯи рӯз шарҳ дода мешуд. Мавқеи мухаррир ва рӯзнома дар масьалаҳои иҷтимой, сиёсӣ ва проблемаҳои муҳими иқгисодӣ ба мавқеи ҳукумат мувофиқат намекард. Моҳи ноябри соли 2003 нашриёти «Шарки озод» аз чопи минбаъдаи он даст кашид ва тӯли як сол он дар

матбааҳои гуногун нашр шуд. Шумораи охирини ҷарида, ки 4 ноябри соли 2004 дар Қирғизисгон чоп шудааст, ба дасти хонандагон нарасид.

«События». Ҳафтаномаи иҷтимоиву сиёсӣ буда, онро С.Сидидков моҳи сентябри соли 2006 ба роҳ андохтааст. Дар 8 саҳифаи қати хурд чоп мсшавад. Бештар ба жанрҳои хабар, мусоҳиба ва шарҳ таваччӯҳ дорад. дар иньикоси ҳаводиси иҷтимоиву сиёсии кишвар тундрав нест. Знёдтар дар масъалаҳои марбут ба проблемаҳои иқтисодӣ, қувваи корӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ менависад, ҳодисаҳои нави дохилӣ ва хориҷиро сарҳ медиҳад, матолиби тафреҳӣ ва саргармкунанда низ дорад.

«Тоҷикистон». Ҳафтаномаи ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва гчтимоию иқтисодӣ аз 21 марти соли 1992 нашр мешавад. Бунёдгузори *н хафтанома нависанда Насрулло Асадуллоев мебошад. «Тоҷикистон»-и Насрулло Асадуллоев ба масъалаи сулҳ ва ҷанг таваҷҷӯҳи хос дошт ва дар он асарҳои С.Кенҷаев «Овоза ва ҳақиқат» ■а И.Усмонов «Соли Набиев» чоп шудаанд. Ҳафтанома дар баробари забони тоҷикӣ, дар саҳифаҳои худ инчунин ба забонҳои русӣ ва англисӣ латериалҳо чоп мекунад. Ҳафтавор бахшида ба масъалаҳои муҳими ■аёти ҷомеа. мақолаю гузоришҳои пуразриш ба табъ мерасонад. Ин тприя аз ибтидои соли 1994 ҳамчун ҳафтавори Вазорати саноати умҳурип Тоҷикистон чоп мешуд. Аз 01 ноябри соли 1996 макоми "трияи мақомоти қудратиро дорад, вале дар асл

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯзномаи шахсӣ ва рмуҳаррираш Ш.Ҳамдампур мебошад. «Тоҷикистон» ба масъалаҳои -:оп. ба мавзӯъхои ҳангомадор таваҷҷӯҳи хосе дорад. Ин аввалин 'чрияи рангаи ҷумҳурӣ мебошад.

«Факты и коментарий». Ҳафтаномаи «Факты и коментарий» аз Ьшрияҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ маҳсуб мешавад. Вай аз 27 апрели соли Р[06] нашр мешавад. Худро рузномаи амал (деловая) ё тиҷорати меномад. ■уассиси рӯзнома ҷамъияти масъулияташ махдуди «А.Медиа» буда, ■рмуҳаррираш Зафар Абдуллоев аст. 11ашрия мақолаҳои рӯзмарра ва ■2ДЙ дорад, воқеаҳои муҳимтаринро шарҳ медиҳад, бо ҳукумат бахс *Ъм* мекунад. Вай рубрикахои «Мавқеи худ», «Асоси», («Главное»), гтуалӣ», «Шореҳ» («Эксперт), «Ҷамъият» («Общество»), «Аз наздик» 'рупный план»), «Ҷои сухан» («Рейтинг слов») дорад.

Дар ибтидо бо қати хурд мебаромад ва ҳоло дар ҳаҷми А-2 8 саҳифа . мешавад. Чор саҳифаи охир унвони «Экономика» дорад.

Рубрикаи «Рейтинг слов» бо он таваҷҷӯҳро ҷалб мекунад, ки дар ду- чумла багуфтаҳои нашршудаи дигарон луқма мегардонад. Масалан, августи сояи 2007 зери ин рубрика 5 луқма аст, ки якеаш ин аст: «Таджикисган к сожолению, не располагает достаточным тичеством запасов углеводорозною сырья, но наше развитие мсходит за счет других факторов».

Г.Бобозода, министр экономики и торговли. («Вечерний Душанбе»).

Заче.м нам нефть и газ? У нас есгь коррумпированные чиновники с помощью которых подпитытается вся экономика.

Главное-побольше инвесторов замазать, до эту тайку получше скрыть».

«Фараж». Ҳафтавори ҷамъиятию сиёсӣ буда, аз моҳи декабри соли 2006 чоп мешавад. Муассиси он ҶДММ «А.Медиа» буда, аз моҳи сентябри соли 2007 онро Маркази тадқиқоти журналистӣ чоп мекунад.

Рубрикаҳои асосиаш инҳоянд: «7 рӯзи як сол», «Мавзӯи ҳафга», «Дидгоҳ», «Нигоҳи кач», «Таҳкиқот», «Чаро»-и рӯз», «Чаро»-и таърих», «Вокуниш» ҳадафи асосии ин ҳафтанома аз диди нав, бо истилоҳи бо таҳқиқи журнадистӣ нигох кардан ба вокеахо мебошад. Дар ин равиш перомуни Аҳмад Зоҳир, Қосим Қосимов, Нурулло Ҳувайдуллоев, Ризвон, Қадриддин Аслонов мақолаҳо чоп кардааст. Аксаран таҳқикоти «Фараж» ба фикри шахсони алоҳида такя мекунад ва чиҳати субъективӣ дорад. Аммо дар онҳо воқеа ва сухани нав ҳаст.

Рубрикаи ҳаҷвии вай «Шумо гуфтед?» Мо ҳам мегӯем!» аст ба танқиду дастгирии навиштаҳои матбуот. Шояд ба. он маъно пародояи ВАО низ бошад. Аммо онҳо ҳазли ҷиддӣ, ҳазли сиёсию иҷтимоианд. Масалан:

«Ҳиҷоб» ва ё «Мини» -интихоб аз шумост, а.ммо беҳтар аст миёнаи гиллой» («События»).

Кашфиёт: Вау! Беҳтарин пешниҳод! Тасаввур мекунем: Ҳисоб бо мини-юбка!».

Дигар: «Донишҷӯён ихтиёрӣ» пахта ҷамъоварӣ мекунанд» («Азия плюс»).

«Идомаи ҷумла: ...аммо агар пахта нараванд, ғайриихтиёрӣ аз донишгоҳ хориҷ мешаванд».

Муҳаррири ҳафтавор Хуршеди Атовулло, мухбиронм асосӣ Фарангис Набиева ва Маърифат Исмоилова мебошанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Қафтанҷ». Муассиси ин рӯзнома ширкати «Хизмат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ҳафтавор 21 январи соли 1991 таҳти рақами 21 дар Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кайд гирифта шуда, ҳамагӣ 48 шумора нашр гардид. Ин нашрия масъалахои хизматрасонии маишӣ ба аҳолии ҷумҳуриро мавриди тарғиб қарор дода_ оиди ин масъала мавод ба дасти чоп медод.

«Чархи гардун». 18 ноябрисоли 1996 таъсисдода шудааст. Муасси ва муҳаррири аввалинаш Акбар Саттор аст. Ба7>дтар ба он Хабибулл Еров мухаррир таъин шуд. Ҳафтаномаи мазкур хислати фарҳангӣ тиҷоратӣ дорад. Вай дар 16 саҳифаи А-3 чоп мешавад. Ҳафтанома да мавзӯъҳои нчтимоӣ, рӯзгор, санъат ва адабиёт матолиб нашр менамояд

Се масъала бештар таваҷҷӯҳи онро ҷалб мекунад: портретҳои шахсиятҳои маъруфи соҳаи саньат ва адабиёт, очерку мусоҳиба бо онхо, яъне чанг задан ба вуҷуди аҳли ҳунар. Ҳунарвар натанҳо исгеъдод, балки пеш азҳама инсон ба ҳаматарафҳои мусбату манфии ӯ, киссаҳои бофтаи зиндагӣ, оҳу афгони ошиқон ва ҷавонони хонавайрон, як нав идомаи филмҳои ҳиндӣ, насиҳати аҳли дин ё ашхоси умрдида. Дар Тоҷикистон ашхосе, ки ба ин навъ мавзӯъ ва баён эҳтиёҷ доранд, зиёд аст ва ҳамин тиражи ҳафтаномаро муайян мекунад.

Ноширн «Чархи гардун» барои хонандагони гуногунзавку гл ногунсол бо забонҳои русӣ «Дайджест пресс» (21 ноябри соли 1994), «Авиценна» (16 ноябри соли 1998), «Вечерний Душанбе» (сентябри 1999) ва«Аладин» (11 апрелисоли 2000)-ро чоп мекунад.

«Ҷоми ҷамь». Ҳафтаномаи ҷамъиятӣ-сиёсии хислаги демократӣ дошта аст, аз 4 январи соли 1992 дар Кӯлоб нашр мешавад. Рӯзномаро Бурҳон Сафарӣ нзшр мекард. Дар он мақолаҳои рӯхи миллй, динн ва | зидди коммунистӣ чоп мешуданд, шиорҳо дошт.

«Ҷумҳурият». Ин номи нави «Иди тоҷик» (1925), «Тоҷикистони |кӯравӣ» (01.01.91) аст ва бо ин ном аз аввалин рӯзи баъди истиқлолият ашр мешавад. Дар ибтидо нашрияи ҳукумат буд, аз соли 2000 нашрияи Шрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нашрияи марказии Гоҷикистон ба хисоб рафта, ҳафгае се бор бо тиражи қариб 25 ҳазор рсха чоп мешавад. «Ҷумҳурият» ба масъалаҳои муҳими рӯз даст 1над ва аз жанрҳои анъанавии матбуоти тоҷик васеъ истифода марад. Қонунхои Тоҷикистон танҳо нас аз нашр шуданашон дар ин ӯзнома ба ҳукми амал медароянд. Дар замони истиқлолият масьулияти схбарии ин рӯзнома, аз ҷумла ба зиммаи Шоҳмузаффар Ёдгорӣ. 5ҳон Кошонов ва Камол Абдураҳимов буд.

Дар соли аввали истиқлоли Тоҷикистон рӯзномаи мазкур нияти сиси рӯзномаи «Ому»-ро кард. 21 ноябри соли 1991 «Ҷумҳурият» »ишта буд, ки «Рӯзномаи «Ҷумҳурият»- рӯзномаи ваҳдати миллй ва змандиҳои заҳматкашони Тоҷикистон нашрияеро ба хати форсӣ ба и «Ому» ба чоп мерасонад.. Вай то соли 1992 моҳвора ва баъд ^тавор мебарояд». Ҳадафи ин замима таҳкими муносибатҳои дӯстии схои Тоҷикистон, Афгонистон ва Эрон буд. Чаҳор шумораи он змад ва ба иллати воқеаҳои сиёсӣ нашри он қатъ шуд **•ч> нбиш».** Рузномаи ҳафтагии Ҳоким Муҳаббатов, ки

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз 24 июни : 1998 то октябри соли 1999 чоп шудааст. Ин нашрияи сиёсӣ буд ва ыаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии вақтро далерона тарҳ мекард ва дар храш мубохиса менамуд. Масъалаҳои ҷиддӣ дар шароите, ки ин •_1а чоп мешуд, ба гагйироту иловаҳо ба Консти гутсия. интпхоботи сзидент марбут буданд. Дар ин масъалаҳо вай мавқеи шӯрои машваратии аҳзоби сиёсӣ ва номзадҳои оппозитсиониро ба мансаби президент ҳимоя мекард. Аз ҳамин сабаб ҳам пас аз баста шуданаш I- октябри соли 1999 Шӯрои машваратии аҳзоби сиёси изҳорот пахш кард ва Хюман Райт Ватч басгашавии онро бо таассуф кабул кард ва гуфт, ки дигар воситаи оппозитсионии ахбор нест ва нерӯҳои мухолиф ба ахбори расмӣ дастрасӣ надоранд.

Солҳои охир дар баробари рӯзномаю маҷаллаҳои ҳукумати. ҳизби. боз чандин рӯзномаю ҳафтаномаҳои тиҷоратӣ, шахсӣ ва ба ном озод аз қабили «Оила», «Рекламная газета», «Нури зиндагӣ», «Овоза», «Мард ва зан» ва ғайраҳо чоп шуданд.

МИТ- **«Ховар».** Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар сохтори агентин хабаррасонии кишвар тағйирот ба амал омад ва он ба исгиқлолияти комилаш марбут буд. Аввал як марказе таъсис ёфт ва сони Ҳукумати мамлакат бо қарори худ аз 30 апрели соли 2004 №184 номи Маркази иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»-ро ба Агенгии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» табдил дод ва макомп онро баланд бардошт.

Ҳоло дар сохтори Агентии миллии иттилоотии Тбҷикистон «Ховар» дар наздп Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаҳои соҳавии иттилоотии зерин амал мекунанд:

оид ба фаъолияти Президен'! ва Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон: оид ба фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

оид ба қонунияти конститутсионӣ, мақомоти ҳифзи ҳукуқ ва сохторҳои қудратӣ;

оидба фарҳанг, илм, маориф, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоотӣ; оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсати байни ҷавонону занон, спорт ва туризм;

оид ба корҳои байналмилалӣ;

оид ба саноат, сохтмои, энергетика, нақлиёту коммуникатсия; оидба ислоҳоти иқтисодӣ, молия, рушдисоҳибкорӣ ва инвеститсия; оидба кишоварзӣ, истифодаи замин, шуглиахолӣ ва экология; тарҷума аз забони давлатӣ ба забони русӣ ва аз забони русӣ ба забони давлатӣ;

тарҷума аз забони давлатӣ ба забони англисӣ ва аз забони англисӣ ба забони давлатӣ;

тарҷума аз забони давлатӣ ба забони ӯзбекӣ ва аз забони ӯзбекӣ ба забони давлатӣ.

Бори аввал дар таърихи агентӣ бахши ҳуқуқ, тиҷорат ва кадрҳо низ ба фаъолият пардохт.

Ҳамкориҳоп амалии байналмилалӣ хам ба маҷрои муайян даромаданд. **АМИТ «Ховар» дар** доираи Ассотсиатсияи' агентиҳои миллии иттилоотии Иттиҳоди давлатҳои мустакил шартномаи бисёрҷонибаи ҳамкорӣ ба имзо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

расонидааст. АМИТ «Ховар» бо агентиҳои иттилоотии «Новости» (Федератсияи Русия), «Синхуа» (Ҷумҳурии Халқии Чин), «Кабар» (Ҷумҳурии Қиргизистон), «Ассошиэйтед пресс» (Покистон) шартномаи табодули иттилоот дорад. Ин ҳамкориҳо идома меёбанд.

АМИТ «Ховар» ҳар рӯз (ба ғайр аз рӯзҳои истироҳат) оид ба масъалаҳои муҳимтарини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯйдодҳои муҳим дар ҷаҳони муосир варақаи иттилоотӣ интишор менамояд, ки аз тариқи обуна паҳн карда мешавад. Варақа аз аввали соли 2004 ба забони русӣ ва аз 14 апрели соли 2005 ҳамчунин ба забони тоҷикӣ чоп мешавад.

2, Телевизион

Телевизиони давлати дар солҳои истиқлол ба воситаи асосии ахбор табдил ёфт, борҳо се бор -1991,1992, 1993 сиёсати худро тағйир дод, ки ин ба ҳолати сиёсии кишвар вобаста буд. Дар ин давра ба он А.Сайфуллоев, Б.Икромов, И.Усмонов, Б.Маҳмадов, С.Раҳимов, У.Рачабов, А.Раҳмонов ва А.Раҳмонов роҳбарӣ карданд. Дар давраи истиқлол дар телевизиони давлатӣ тағйирот ба амал омад ва 3 сентябри соли 2005 телевизиони «Сафина» (Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина») ба кор даромад. «Сафина» дар як шабонарӯз то 16 соат намоиш дорад. Намоишҳои асосиаш «Нигоҳи дигар», «Чашми рӯз», «Мино», «Самт» ва дигарҳо мебошанд. «Сафина» бештар ба намоишҳои саргар.мкунанда майл дорад ва дар худуди 10 фоизи намоишхояш хислати тиҷоратӣ доранд. Соли 2006 телевизиони «Баҳористон» барои атфол намоишҳо пахш кард. Телевизиони «Сафина» аксарияти камоишҳояшро ба таври шоу тайёр мекунад. Дар системаи кумитаи телевизион ва радиои ҳукуматӣ се идора муттаҳид шуд. Хислати телевизион ва радиои хукуматӣ бештар иттилоотӣ-фарогатӣ шуда, ба барномаҳои консертӣ вақти зиёд аҳз мекунад. Чунин шакли кор тамошобинро ба нодурустфаҳмӣ мебарад. Масалан, рӯзномаи «Миллат» менависад: (11 январ, 2007);

Майдони фарохро барои беҳунарон дар телевизиони миллӣ собиқ раиси кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ акаи ширинкорамон... гушод. чун чеҳракушой дар ин воситаи мухими тарбияю таблиготро пулакӣ гардонд. Замони салтанати эшон чандин ток-шоу ва барномаҳои эгусиқии номаш калону мӯҳтавояш вайрон аз қабили «Гули маҳтоб» сарҳои мардумро тич карданд. Ҳоло шогирди бовафо... «эстафета»-ро бо сари баланд идома мебахшад ва бо истифода аз «захираҳои молиявии дохилӣ» ва нирӯи кории ходимони зҷодию техникии Кумитаи телевизион ва радиои мамлакат кинотеатри Ҷомиро таъмиру тармим намуд ва Кохи Ҷомӣ ном гузошт. Саҳнаи ин даргоҳ ба ихтиёри «ситора»-ҳо афтод, дигар ҳар қилиқу қитики онҳо аз саҳнаи ин Кох ба пардаи (экран) телевизиок мекӯчад. Кори «телевизионшик»-ҳо осон шуд, бинанда ҳамарӯза баъди тамошои барномаҳо оид ба «музаффариятхои бузурги истехсолӣ», «боз як ҳодисаи муҳими таърихӣ дар ҳаёти «халқ», «отклик»-ҳои рӯҳу илҳомбахш», «додани суиоришҳои мушаххас» ва дигар мавзӯъҳои мона.нд аз саҳнаи Кохи Ҷомӣ баромади «ситора»-и навбаромадро мебинаду бояд тоқат кунад, зеро бо тоб додани гӯшаки телевизион сӯи «Сафина» бо ҳарзагӯиҳои акаи Талабшоҳ ё чеҳраи «ситора»-ҳои дигар рӯ ба рӯ хоҳад гашт. Тирингу диринг ба осмон мепечад, аз шаклу шамоили

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сароянда ва либоспӯшиаш намедонӣ аз кадом чинс аст. Бовар намекунӣ. ки телевизиони миллии Тоҷикистон боигад, на ин ҷо ё Лос-Анҷелеси Амрикост ёСералосияи Испания ё Форталезияи Бразилия. Якеаш зинхор айнаки сиёҳ аз чашм намегираду дигаре аз кулоҳи кавбоӣ ҷудо намешавад. Фақат аз даруни як мавзӯъ «сӯхтану пухтан» берун намебароянд. Якеаш аз гиребони «хумори бача» меқападу дигаре аз болои бом асло фаромаданӣ нест, саввумӣ «гиждилаё гиждила» гуён бонг мезанаду чорумӣ «аз гамакхот мемирам» гуфта, нолиш мекунад.

Албатта, дар ин порча эхсос зиёд аст ва сахтгӯй низ мушоҳида мешавад, аммо такрор ба такрор дидану шунидани як чиз, касро хаста мекунад.

Телевизион дорои имконияти беҳтари техникӣ шудааст, шароити молиаш низ аз пештара беҳтар шудааст. Дар телевизион Ш.Садриддинов. Н. Мӯъминова, А. Камолов барин журналистони боидея кам нестанд. Аммо дар шароити технологияи имрӯза, ки моҳвораҳо ба бисёр хонаҳо расидаанд, шакли барномасозии телевизиони Тоҷикистон фазои иттилоотиро барои онҳо ходӣ нигох медорад, яъне бинандагонаш камтар аз онҳост, чун шакл, қолаб ва ҳатто мӯҳтаво бинандагони фикркунандаро қонеъ карда наметавонад.

Телевизионҳои расмии Тоҷикистон унвонҳои зебои бисёре дорах аммо шакли барномасозӣ такрори ҳамдигар аст.

«Симои мустакили Тоҷикистон». Аввалии телевизиони хусусӣ, ки аз моҳи майи соли 2007 дар Душанбе ба пахши барнома огоз кард. Телевизиони шахсӣ буда. директораш З.Исмоилов мебошад. Равияк фарҳангн-иттилоотӣ дорад, барои Душанбе ва шаҳру навохии атрофи он пахш мешавад. Дар як шабонарӯз то 8 соат намоиш дорад.

«Сомониён» нахустин телевизиони ҷамъиятии Тоҷикистон аст, ки соли 1992 та ьсис ёфтааст. Аммо вай дар ин муддат бештар аз 10 бор баста шуда ва бо роҳи суд фаъолияти худро барқарор мекунад.Муассиси он И.Мирзоев мебошад. Дар таърихи 15 солаи худ боре ҳам як моҳи мусалсал намоишхоро надошт.

Телевизиони СМ-1. Дар Хуҷанд ташкил шуда. дар солҳои 1998- 2000 фаъолият кард. Ин телевизион минбари озод буд, дар паҳлӯи ахбори тоза ва барномаи фароғатӣ таҳлилу нигоришҳо низ тайёр мекард. Ин аввалин тачрибаи телевизиони шахсии хислати ҷамъиятидошта мебошад. Дар як шабонарӯз то 12 соаг намоишҳо дошт.

Телевизиони вилоятӣ. Дар Хуҷанд, Хоруғ ва Қӯрғонтеипа телевизионҳои вилоятӣ фаьолият мекунанд ва онҳо ба системаи телевизиони хукумагӣ дохил мешаванд. Намоишҳои хосаи онҳо то 2 соатро ташкил медиҳанд ва асосан аз як намоиши «Ахбор» ва чанд камоишҳои хурд, аз ҳасти хоҷагии халқ иборатанд.

Телевизиони ҷамъиятӣ. Чунин телевизионҳо дар катиҷаи ҳамкории гшхоси ҷудогона бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ё муассисаҳои калони ■стеҳсолӣ таъсис ёфта, бештар хислати фарогатӣ доранд. Дар шаҳру вэҳияҳо 8-то чунин тслевизион фаъолнят дорад.Яке аз асоситарин мисоли н.ин телевизион телевизиони «Пойтахт» аст.

3. Радио дар давраи истиқлолият

Таҳаввулоте, ки дар системаи радиодорӣ ба амал омад, якранг юуд. Шояд ин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба вокеахои муҳими сиёсии замон вобастагӣ доп!т, зеро •давраи гузариш талабот ба он дастгоҳҳои штилоотӣ, ки имконияти -реи инъикоси воқеаро доранд, зиёдтар мешавад. Дар Тоҷикистони ни муқовимати сиёсӣ ва ҷанги граждани радио васклаи асоситарини лиғ буд ва аз ҳар ВАО-и дигар сареътар ва дастрастар буд. Радио системаи радо ва телевизион воқеъ монд, яъне аз телевизион ҷудо туд. Дар солҳои истиқлол ин система аввал Кумитаи давлатии шкистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ буд, сонӣ Ширкати ва симои Тоҷикистон шуд, баъд боз кумитаи давлатӣ, баъди он ба *'~тн* Вазорати фарханг пайваст ва ниҳоят Кумитаи телевизион ва ои назди ҳукумати Тоҷикистон таъсисёфт. Дар ҳама ҳолат радио ду бахш-дирексия барномаҳо ва сарредаксияи гуфторҳо барои ҷа боқӣ монд. Радиои Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибй радиои оятӣ низ дорад. Дар замони ҷанг барои радио галошҳои хунин ба а омадааст. Масалан, 7 майи соли 1992 митингчиёни майдони 1дон барои ишголи радио омаданд ва дар ҷанг чанд кас кушта . 24 октябри ҳамон сол гурӯҳи С. Кенҷаев радиоро ишғол кард. Мавкеи радио дар замони муковимат нисбат ба телевизион фарқ телевизион мавқеи ҳукумати Набиевро бештар инъикос мекард, аандони радио бо оппозитсия зиёдтар иртибот доштанд.

Дар солҳои охир бошад, радиои Тоҷикистон дар вақт ва структураи худ дигаргунӣ ба амал овард. Аввадан, барномаи якуми он гуфтори пурраи шабонарузӣ ташкил кард ва барномаҳои ҷиддии таблиготиро пеш гирифт. Сониян, ба хотири таблиги таъриху фарҳангу маънавиёти мардуми тоҷик ва густариши забономӯзй дар кишвар студияи «Фурӯги орисно» ва Идораи барномаҳои бурунмарзӣ муттаҳид карда шуда, аз аввали моҳи июни соли 2007 радиои «Овози тоҷик» таъсис ёфт.

Дар бораи симои радиои имрӯза рӯзномаи «Миллат» (7 июни соли 2007) менависад:

Дар ин росто, ки расонахои гурӯҳй робитаи ногусастание ба амнияти миллӣ пайдо намудааст, барои муқобила бо таблиги фарҳанги бегона Радиои Т оҷикистон метавоиад накши муҳимтарин бибозад. Тӯли понздах соли даврони Истиқлол ин ниҳоди муҳими таблигу ташвиқи давлатӣ (дурусттараш мардумӣ зеро аз буҷаи давлат, яъне аз кисаи халк маблаггузорӣ мешавад) корҳое ба манфиати халқу миллат анҷом додааст, валекин бояд эътироф кард, ки он чун дигар васоити ахбори умум аз дойираи қавониии ҷо.меа берун баромада наметавонист, тариқи гуфтору барномаҳояш сурати ин ҷомеаро пешкаш менамуд. Бешак. садорати Радиои Тоҷикнстон бо нишон додани иродаи мустақил ва шуҷоату андак ба раф ьи маҳдудиятҳои сиёсӣ муваффақ мегардид, лекин шиори «ҳамранги ҷамоат шав»-ро афзал медонист, одати малакаю тавони муқобила бо карахтӣ ва эҳсоси даступобастагӣ то дараҷае нуфузи ин ниҳоди таблиготиро миёни мардум косг. Чун дар роҳи раҳонидани андешаи одамон аз гуломӣ кӯшиш ба харҷ дода нашуд Ин ба он маъно нест, ки давоми понздаҳ соли истиқлол Радиои Тоҷикистои ҷиҳати боло бурдани арзишҳои фарҳангӣ, ҳифз ва гиромидошти анъанаҳои миллӣ, бузургдошти забон ватамаддуни миллат саъй накарда бошад. Кифоят аст аз ҳамон барномаи машҳури «Хоки Ватан» ёд кунем. ки дар бозгьшти ҳамдиёрон аз гурбат нақши муҳим бозид. Вале дар барномаҳо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ихтилофу гуногунии назарҳо кам эҳсос гардида, падидаҳои камзавқӣ ва нузули маънавӣ меафзуданд. Чун чомеа аксар анвои наву дигарандеширо усулан намеписандид, кормандони Радиои Тоҷикистон ҳам аз чунин хавои маънавӣ нафас мекашиданд. Кӯчактарин талош барои шикасти чаҳорчӯби муқарраршуда аз ҷониби сарварони мухофизакор хунсо мегардид. Ба унвони мисол сармуҳаррири шабакаи «Садои Душанбе» Сафаргул Олимӣ барои як «густохӣ»-танқиди мақомоти ҳокимият ҳангоми бебарқию бегазии сокинони саросари пойтахтдар ду рӯзи аввали моҳи декабри соли 2002 аз ин даргоҳ ронда шуд. Он замон ба қавли зарифон Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурии назди театри «Ойина» амалан соҳиб надошт.

Сахтгириҳо ва маҳдудиятҳои сиёсӣ дар Радиои Тоҷикистон бисёр журналистони хубро водор ба тарки кор менамуданд. Қисмате аз онҳо ба радиохои хусусии «Азия Плюс» ва «Ватан» рафтанд, гурӯҳеро ба ТВТ кӯчонданд. Ин ниҳоди ташвикотӣ чун ҷомеаи точик ба ислоҳот зарурат дошт, ислоҳот ба маънои гобиши тоза додан ба фаъолияти он имконпазир мегардид. Вазифаи асосӣ раҳоии аҳли ҷомеа аз бандубастҳои равонӣ аст, ки монеъаи аслӣ дар бурузи нируҳои эҷодкор талаққӣ мешавад. Ба ин васила ниҳоди муҳими таблиғоту ташвиқотӣ ғайрати мардумро бедор месозад, бетафовутӣ ва беэътимодӣ тадриҷан аз миён бардошта шуда, ҳунари фикр кардан за вокуниш нишон додан дар одамон ба вуҷуд меояд. Радиои Тоҷикистон беш аз дигар васоити ахбори уму.ми ватанӣ дар набардҳои расонаӣ метавонад пештоз бошад, чун сомеъонаш на танҳо дар дохили кишвар, балки хориҷи он ҳам бисёранд, барномаҳои шабакаи аввал барои мардуми давлатҳои ҳамҷавор ва фарохтар аз онҳо дастрасанд. Дар ҳоле, ки давлатҳои дигар бо мақсади тасаллутёбӣ дар ҷомеаи дигар маблағ сарф кардаю шабакаҳои радиоӣ месозанд. Радиои Тоҷикистон бе сарфи зиёдатӣ ба рақобати расонай хамроҳ мегардад ва ҳатто таъсиргузор бошад ва дар ин рӯзгори муборизоти шадиди ақидавӣ аз манофеъи миллиамон дифоъ кунад, ба тақвияти ҷомеаимаданӣ мусоидат намояд.

Мутаассифона, ислоҳоти ҳафт-ҳашт моҳи охир дар Радиои Тоҷикистон тавре сурат мегирад, ки ҷойи пешрафт қадамҳо ба ақиб гузошта шуданд. Дар назари аввал гӯё гуфтору барномаҳои нав арзи зуҷуд карданд, валс жарфтар ба мӯҳтавои аксари онҳо гӯш андозед, аз лиҳози кайфият, тафсиру таҳқиқ ва иршод сусту хоманд. Ҷойи баҳсҳои шадиду бунёдӣ перомуни масоили доғи рӯз ва нишон додани роҳи рафъи онҳо аксар барномаҳои тафреҳии саргармкунандаанд ва ба дарди ҷомеа намехӯранд, дар қалби шунавандаи солимфикр боварию ангеза ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ эҷод карда наметавонанд. Боиси таассуф аст, ки имрӯз ин ниҳоди муҳими таблиғогӣ вазифаи гзвалиндараҷаи худ расондани иттилои тоза аз ҳаёти дохилу хориҷро са маърази иҷро намерасонад. Таври маълум аз соли 1999 Радиои Тоҷикистон шабонарӯзӣ барномаҳо пахш менамояд, вале беш аз ним соли охир аз соати 22-и шаб то соати 8-и пагоҳӣ, яъне даҳ соат (!) ахбор пахш намекунад.

Сарфи назар аз ин андеша системаи кор ва таъсиррасонии радио дар Точикистон мукаммал ва муассиртар аст. Ин аз он ҷиҳат аст, ки кормандони он барномаҳои ҷиддӣ доранд ва аудиторияи худро кешиносанд. Натанхо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

барномаҳои «Ахбор» ва «Афкор», «Шабҳангом», •Тафсир», балки хар барномаи дигар микдори муайяни мухлисон дорад. Яке аз сабабҳои ин ҳамоно дар он аст, ки дар замони истиқлол ҳадаф ва мӯҳтавои барномаҳо тағйир хӯрд, масъулияти кормандонаш афзуд.

радио бештар симои миллӣ пайдо кард. Дар солҳои аввали истиқлолият. дар замони муқовимати сиёсӣ дар барномаҳои иттилоотӣ, сиёсӣ, адабӣ-фарҳангии радио мазмуну мундариҷаи нав, диди тоза, ба мӯҳтавои он давр мувофик буд, ба вуҷуд омад, аз боби озодӣ, истиқлол, ҳуввияти миллӣ ва динӣ, хештаншиносӣ бештар сухан мегуфтанд. Дар ин давр равшанфикрони тоҷик рисолати таърихии худро таваосуги радио бештар адо мекарданд. Аз радио дар мавриди масъалаҳои миллӣ, динӣ. инчунин дар бобати сохгмонҳои бузург суханҳое садо медоданд, ки ба инқилоби фикрӣ монанд буданд. Дар он солҳо аксари кулли гуфторҳои адабӣ - фарҳангӣ, ҷавонӣ, ҳатто сиёсӣ бо эпиграфи амсоли:

Даври гардун он қадар хушточро бетоҷ кард,
Он кадар шаҳро ба качкӯли гадо мӯҳтоҷ кард.
Тоҷики ман дар ҳама айём соҳибтоҷ монд,
Ҳар кадар тороҷ дида, боз ҳам бетороҷ монд.
гаурӯъ мегардид.

Бо истифода аз вазъияти беҳокимиятӣ иддае аз кормандони радио ба танқиди бепоя низ майл мекарданд. Масалан, дар барномаи «Чашмандоз» аз 2-юми сентябри соли 1992, вакте дастаҳои низомии ба истиллох ҷавонон зӯр буданд, адибони тоҷдк ба бетарафии умумӣ дар масъалаи воқеҳои сиёсии фоҷиабори мамлакат таъна шуниданд. Муаллифи барнома гуфтааст: «Гумон мерафт адибони тоҷик баъди соҳибисгиклолии ҷумҳурӣ кулфи ҳафтоду чандсолаи даҳонашонро мекушоянд, ба мардуми оддӣ, заҳматкаш, ҷафодида, ки тӯли ин даҳсолахо барои қасидаю ситоишнома ва васфияю «планнома»-ҳои' эшон мавод медод, мепайванданд, сухан аз дарди аслияш мегӯянд, боре ба ҳолпурсияш мераванд. Аммо аз адибонамон на сареву на садое. Ё мурги илхомашон аз садои тиру туфанг метарсад? Ку он сухани таскинбахш, меҳрофарин, газабшикан ва оштибахши адибон, ки ба қалби хораи хамагон кора кунад».

Чунин гарзи сухан таънаи талху сахте буд, аммо дар муқоиса ба дигар гуфтаву шунавонидаҳо хело нарм менамуд. Расм шудани тундгӯӣ. танқиди якҷониба, таҳдид сабаби аз ҳам дур шудан, дар ВАО аз як ҷониб натиҷаи авзои сиёсии вақт бошад, аз ҷониби дигар мардумро дар газаб ва аз ҳамдигар бегона мекард. Бинобар ин роҳбарони вилоятҳои Ленинобод ва Кӯлоб аз пахши барномаҳои радио ва телевизиони марказӣ даст кашиданд: Онҳо муҳити иттилоотиро аз таҳдиду дурӯг ва носазо. ки пеш аз ҳама ба муқобили мардуми онҳо нигаронида шуда буд, ҳифз мекарданд, аммо инро боз ҳам радио ба таври худ шарҳ медод:

«...Барои аз байн нарафтани Тоҷикистони азизамон хама боял бикӯшем ва аз якпорчагии он дифоъ кунем, вале мутаассифона, иддае !з сарварон гӯё баркасд алорагми он амал мекунанд. Мекӯшанд, ки харчӣ зудтар Тоҷикистонро пора

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кунанд. Ва хар кадом чун ҳокими мутлақ ҳукмрон бошанд. Агар чунин нест, пас чаро муддатест, кн рохбарони вилояти Ленинобод аз садою симои ҷумҳурӣ рӯй тофгаанд...» Радиои Тоҷикистон муассисаи муҳимтарини таблиготӣ аст.

Студияи «Фурӯғи Ориёно». Дар ин давра дар сохтори радио тағйирот ба амал омад. Дар заминаи шабакаи дуюми радио студияи алоҳидаи ахборӣ-мусиқӣ таъсис дода шуд. Фаъолияти студия 1 июни соли 1992 шурӯъ шуда, аввал бо номи «Пайки Аҷам» садо медод. Аз 1 **июли** соли 1993 ба «Фурӯги Ориёно» табдили ном кард. Барномаҳои ю.ми радиои ҷумҳурӣ қариб сй сол садо доданд, аммо ҳамагӣ такрори г.фторхои адабию бадеӣ, мусиқӣ ва қисман иҷтимой аз шабакаи аввал буданд. Вай барномаи худӣ надошг.

Бо ташкили студияи нав мазмуну мӯҳтавои гуфторҳо аз тариқи иавҷҳои шабакаи дуюм куллап дигар шуд. Аввалан дар ин ҷо кормандони эҷодӣ (сармуҳаррир, ду муҳаррирн варзида ва ду мухаррир) бевосита ба фаъолият пардохтанд. Баъдан кормандони эҷодии студия имкон доштанд навигариҳои муҳими дохилу хориҷи чумҳуриро оҷилан сг шунавандагон расонанд, чун дар ҳар ним соат ахбор садо медод, шабакаи аввали радио аз чунин имкон бархӯрдор набуд, ахбор дар ду- сг соат як маротиба пахш мешуд.

Барномаи «Хоки Ватан». Фоҷиаи соли 1992 боиси фирорӣ шудани с1лхо ҳазор мардум гашт. Вазъият тарзе сурат мегирифт, ки бисёр одамон ба ҳар ҷониб пароканда шуданд. Писар падар ва модар духтарро мечусТ. Мақсади асосии ба вуҷуд омадани барномаи «Хоки Ватан» ба Ватан баргардонидани гурезагон буд. Зеро бар асари воқеаҳои маьлуми май- кеябри соли 1992 ва шиддат пайдо намудани ҷанги ҳамватанӣ як қисми Ьиммиллатони мо ба хориҷ, ба давлатҳои исломии Афғонистон, Покистон. Эрон, давлагхои ИДМ фирорй шуданду ташкилн чунин як рарнома метавонист бобати ба Ватан баргаштани онҳо мусоидат намояд. Маҷмӯи умумии муҳоҷирони иҷбории тоҷик 620 ҳазору 113 нафарро шкил медод». Масъалаи ба Ватан баргардонидани гурезаҳо самти асосии фаъолияти ҳукумати навташкил буд.

Аз ҷумла ба Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Точикистон супурда шуд, ки дар ҳалли ин масъала мусоидат ва бобати **Ка** ватан баргардондани фирориён намоиш ва барномаҳо дар телевизион ■а радио таҳия намояд. Муовини аввали Раиси Кумита Иброҳим Усмонов дар ҷаласаи роҳбарияти Кумита ба масъулини радио супориш ■ол. ки идеяи таҳияи чунин як барномаро пешниходсозанд. Барномаи ■•валро журналист Бобо Бекмуродов тайёр кард ва дар он суханронии

Вазири меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Ш.Зуҳуров ва мусоҳиба бо се гуреза аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷой дода шуд. ГТешгуфтори барномаи нахуст бо унвони «Руҷӯи муҳаррир» оғоз гардида, аз муроҷиат ба ҳамватанон ва фирориён иборат буд.

«Номи «Хоки Ватан» як пешниҳоди дастҷамъонаи кормандони радио буд. Барномаи аввал бо номи «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» субхи 29 марти соли 1993 пахш гардид. Вале дар шумораи дуюм номи барнома тағйир ёфт ва шакли дурусташ «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» гузошта шуд. Ин ду барнома аз ҷониби Бобо Бекмуродов таҳия шудаанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз барномаи сеюм шурӯъ шуда он «Хоки Ватан» ном гирифт. Барномаи сеюмро Солеҳ Юсуф таҳия кард. Барномаи нахуст бо садои наттоқ Абдурашид Хӯҷамкулов қироат гардидааст. Коргардонҳон барномаи нахуст Хайруллоҳ Иброҳимов. Ҳалима Насибулина. садобардорон Маърифат Холиқова ва Мукаррама Мансурова буданд. Сароҳанги барнома аз омезиши оҳангхои Муборакшо Ҷумъаев ва Саидқул Билолов ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тавр, як барномае, кк баъдан бобати ба ҳам овардани тоҷикон ва баргардонидани гурезагон хизмати бедареғ кардааст, рӯи кор омад. Ин барнома минбари воқеан ҳам оштӣ бароитамоми мардуми Тоҷикистон буд.

Таҳиягарони барномаҳои нахустиғт меғӯянд, ки ҳар вақте сухан аз «Хоки Ватан» равад, аз устод Иброҳим Усмонов ёд мекунем, зеро саҳмн эшон дар офариниши барномаи мазкур хеле калон аст. (Солеҳ Юсуф). Барномаи «Хоки Ватан» бо рубоии:

«Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Бӯи Ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош гадо будӣ ба Канъон беҳтар».
огоз мегардид.

Сипас, суруди машҳури Боймуҳаммад Ниёзов бар ғазали Камоли Хуҷандӣ «Во ғариб» садо медод. Барномаҳои нахуст ҳафтае як маротиба, аз охири моҳи апрел дар як ҳафта ду маротиба: рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа соати 615 ба муддати 45 дақика пахш гардида. такроран соати 1315 дақиқа садо медоданд. Баъдтар тасмим гирифта шуд, ки гурӯҳи эҷодй таъсис дода шавад ва роҳбарии онро сармуҳаррири идораи барномахои сиёсй ва байналхалқӣ Амонқул Одилов ба ӯхда гирифт. Коршиносон ва рӯзноманигорони касбй эътироф намудаанл. ки барномаи «Хоки Ватан» вокеан ҳам барномаи миллӣ ва мардумӣ шуд ва тавонмст боиси таваҷҷӯхи тамоми фирориёни хориҷу дохил гардад. Сипас, шумораи пахши барномахо афзуд. Аз охири моҳи май барномаи «Хоки Ватан» ҳафтае се ва аз мохи сентябр ҳафтае чахор маротиба садо медод.

«Хоки Ватан» амсоли пуле буд байни ҳамватанони дохил ва фирории мо. Шаҳрвапдон аз тариқи барнома озодона ҳарфашонро мегуфтанд. Зеро бовар доштанд, ки оиҳоро касе тахқир намекунад. Худи мардум меомаданд, мардум иштиёқи сӯҳбат кардан доштанд, гурӯҳ-гурӯҳ меомаданд ва онҳое, ки имкони омадан надоштанд, мактуб менавиштанд. «Дар тӯли фаъолиятам дар радио ин қадар робитаи қавй бо шунавандаро бори нахуст дидам ва эҳсос намудам, ки воқсан ҳам радио қисми ногусастании рӯзгори мардум аст. Агар ин расона ҳақиқати холи мардумро ифода кунад, дарди ҷомеаро гӯяд, меҳри мардум ва шунавандаҳо аз он ҳаргиз канда нахоҳанд шуд, -навиштааст муҳаррири радио Солеҳ Юсуф».

Дар таърихи Радиои Тоҷикистон барномае ба монанди «Хоки Ватан» сершунаванда набудааст. «Тайи як соли фаъолияти барнома аз тариқи он 30 ҳазор номаи фирориён хонда шуд, 20 ҳазор сокинони Тоҷикистон ба хешу табори дар Афғонистон фирорӣ будаи худ муроҷиат намуданд. Дар муддати фаъолияти дусолаи барномаи «Хоки Ватан» (то соли 1995) беш аз се ҳазор нафар шахсони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дурафтодаи худро пайдо намуданд, беш аз 10 хазор нафар ба макони зисти доимии худ баргаштанд».

Шабакаи мустақим ва сартосарии радиои Тоҷикистон «Садои Душанбе». Бори нахуст 18 январи соли 1999 сароҳанги барномаҳои шабакаимазкурдарсаросари кишвар танинандоз гардид, ки навидитоза барои мардуми кишвар буд. Дар заминаи гуфторҳо барои сокинони шаҳри Душанбе, ки хафтае шаш маротиба аз соати 1200 то 1300 ба воситаи сети шаҳрӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ пахш мегардиданд, шабакаи нав бо номи «Садои Душанбе» таъсис дода шуд, ки шабакан нав бояд хаёти еиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, илмию фарҳангии пойтахт ва тамоми бошандагони онро инъикос намояд. Зеро гуфторҳои яксоатаи шабакаи шаҳрӣ наметавонистанд тамоми паҳлӯхои ҳаёти гюйтахти мамлакатро фаро гиранд. Шабакаи навтаъсис хислати сар то сарӣ пайдо кард.

Барномаҳои «Садои Душанбе» ҳамарӯза аз соати 8-и субҳ то 16-и аср бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва такроран аз соати 1600 то 2400 садо медиҳанд. Шабакаи мустақими «Садои Душанбе» фазои иттилоотии мамлакатро ба муддати 16 соат комилтар сохт. То ин му ддат дар миқёси нумҳурӣ шабакаи мустаким вучуд надошт ва «Садои Душанбе» яке аз нахустинҳо буд, ки барои бунёди шабакаҳои мустақими дигар замина гузошт. Солҳои аввал гуфторҳои шабака бо чунин мисраъҳо огоз мешуданд:

275

Эй ҳамватани азиз, салом, субх ба хайр,
Эй ҷону тани азиз, салом субҳ ба хайр.
Бархез, барот паёми нав овардем,
Бинав сухани лазиз, салом, субҳ ба хайр.

Ин шабака дар як рӯз 8 маротиба барномаҳои иттилоотиро бо номи «Паём»(баъдтар «Навид») пахш мекунад.

Радиохои хусусӣ. Таъсис ва фаъолияти радиои хусусӣ дар Тоҷикитон ба замони Истиқлол рост меояд. Машҳуртарин радиоҳои хусусӣ «Тироз» (Хуҷанд, 1996), «Азия плюс» (2002), «Радиои 0риёно»(2004), «Ватан»(2003) мебошанд. Ҳамаи онҳо хислати фарогатн- тичоратӣ, ахбори доранд. Иттилоот кисми хело ками мӯҳтавои онҳоро ташкил ме;д!ҳад. Хислатҳои дигари муштараки онҳо ин аст, ки ба забони русӣ бештар вақт ҷудо мекунанд ва шунавандагонашон асосан ҷавонҳо мебогчанд. Таваҷҷӯхи радиоҳоеро, ки аз Душанбе пахш мешаванд. бештар мусиқии муосир банд мекунад.

Радиои силкӣ. Ин навъи радиохо бо ташаббуси созмонҳои байналмилалӣ дар ноҳияхо таъсис ёфта истодааст. Ин лоиҳа аз соли 2002 оғоз гардидааст. Ин радио, ки бо номи аврупоии радиои ҷамъиятӣ татбиқ мешавад, шакли навшудаи радиоҳои колхозӣ мебошад.

2

4. Ташкилотҳои журналистӣ

Дар Тоҷикистон иттиҳодияҳои касбии гуногуне мавҷуданд, ки ё бо пули узвият ё бо пули грантҳо фаъолият мекунанд. Асоситаринашон инҳоянд:

1. **Иттиҳоди Журналистони Тоҷикистон,** ки соли 1958 таъсис ёфтааст ва раиси аввалинаш А.Шукӯҳӣ (Ҳочибоев) буд. Соли 1988-1990 дартайёр кардан ва

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қабул шудани «Қонун дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» фаъолона иштирок кард. Дар 12 соли аввали истиқлолият Иттифок анҷуман баргузор накард ва бисёре аз аъзои он пароканда шуданд. Соли 2002 дар Анҷуман М.Давлатов аз нав раис интихоб шуд. Аммо фаъолияти Иттифоқ пеш нарафт. Соли 2006 Вазорати адтия ба сабаби ба конститутсия мувофиқ иабудани «Ойиннома» фаъолияти Иттифокро барои шаш моҳ боздошт. Дар ин вақт ҳамаи аснод тайёр шуд ва дар анҷумани ғайринавбатй А.Сатторов раис интихоб шуд.

2. **Ассотсиатсияи миллии ВАО-и мустақили 'Гоҷикистон** нимаи солҳои навадум таъсис ёфтааст, Вай мақсад дорад, ба ташаккули институтҳои демократии журналистон мадад расонад, журналистонро дар фаъолияташон дастгирй кунад. Ассотсиатсия ҳар сол дар мавриди фазои иттилоотӣ, равандҳои демократии ВАО маърӯза тайср мекунад. Рохбари ассотсиатсия Н.Қаршибоев мебошад.н

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сарчашмахои истифодашуда

Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе: Адиб, 1987. Асрорӣ В. Шеъри публитсистӣ чӣ гуна бошад? //Садои мардум, 1992.

Абдусаломова Р. Телевизион оинаи зиндагист. Душанбе, 2002. Азимов А. Таърихи гашаккули радиои тоҷик. Душанбе: Матбуот, 2005.

Вали Самад. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. Душанбе, 1992. Гафаров Н По страницам газеты «Бухорои шариф». Ходжент, 1999.

Гулмуродзода П. Маорифиарварӣ ва низоми нави ҷаҳон. Душанбе: Ирфон, 2006.

Набавй А. 11ахустин рӯзномаи тоҷикй ва фарханги рӯзноманигорй. Душанбе: Эҷод, 2007.

}1асриддинов 3. Набзи «Ховар». Душанбе, 2006.

Нуралиев А. ва дигарон. Журналистикаи советии тоҷи:.с. Душаибе, 1989.

О партийной и советской печати. радиовешании и тслевидении, М.: 1972. С. 112.

Оҳанг К. Сайри журнализм дар Афғонистон. Кобул, 1974. Печать Таджикской ССР, 1928-1958. Статические материалы. Сталинабад, 1959.

Раджвбов З.Ш. К характеристике первого советского журнала на таджткском языке «Пламя революции». Сталинабад,1959. Усмонов И. Ердамчии содиқи партия. Душанбе,1975.

Усмонов И. Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконй. Душанбе: Маориф, 1989.

Усмонов И. Соли Набиев. Душанбе, 1995.

Усмонов И. Печать и международная пропаганда. Душанбе, 1990. Усмонов И. Журналистика. Ҷ. 1. Душанбе, 2004.

Усмонов И. Журналистика. Ҷ. 2. Душанбе, 2004.

Усмонов И., Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик. Душанбе: Маориф, 1997.

Усмонов Ҷ. ва Ғаффоров У. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон. Душанбе: Ирфон. 1975.

Шарифов В.,Волков В. Парвози сухан. Душанбе: Ирфон, 1967. Шукуров М.Р. История культурной жизни советского Таджикистана. Ҷ. 1. Душанбе: Ирфон, 1970.

Хочазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон. Душанбе. 2006.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ТАЪРИХИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК

ИБРОҲИМ УСМОНОВ ДАВЛАТ ДАВРОНОВ

Муҳаррири масъул: А. Азимов
Мухаррири техникӣ: А. Мираҳмадов
Тарроҳ - мусаҳҳеҳ: М. Муҳиддинова
Хуруфчин: З. Мухиддинова

Асари мазкур таълифи муштараки ду олими тоҷик аст. Яьне онҳо тамоми матнро якчоя дида мувофиқа карда, ба матнҳои навиштаи дигар иловахо дохил намудаанд. Аммо ба таври мушаххас дотсент Лавроков бахшхои 3-6,8-13 фасли чорум ва профессор И.К. Усмонов гар бахшҳои китобро навиштаанд

Ба матбаа «Азия-Принт» 2008 супорида пауд. Ба чопаш 2008 нмзо ух
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х84 1/16. Ьзъи чопй 21,0.
Адади нашр 1000 нусха. Супориши №_____ /08.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед